Таҳлили вазъ ва натиҷаҳои рушди устувори низоми иқтисодию иҷтимоӣ асосноксозии индикатор (нишондиҳандаҳо) ва усулҳои ченкунии онро талаб менамояд. Аз рӯи хусусияти ташкилӣ, ҳамаи индикаторҳои рушди устувор ба умумӣ, натуралӣ (ҳаҷми ҷамъшуда ва афзоишёбанда) ва нисбӣ ба ҳар як воҳиди натиҷаҳои ниҳоӣ (нишондиҳандаҳои энергоғунҷоиш, фондғунҷоиш, табиатғунҷоиш, ифлосшавии нисбӣ ва ғайра) ҷудо карда мешавад. Чи тавре ки маълум аст, танҳо яке аз индикаторҳои алоҳидаи рушди устувор имкон намедиҳад, ки бо устувор будан ё набудани тараққиёти иқтисодиёт баҳогузорӣ карда тавонем. Аз ин ҷост, ки истифодабарии индикаторҳои дар боло овардашуда, дар ҳолати истифодабарии комплексии онҳо дар вақт ва муқоисаи фазою макон мумкин аст.

**Ҷадвали 1. Индикаторҳои баҳодиҳии вазъи хоҷагии ҷаҳонӣ ва муҳити зист аз тарафи Бонки умумиҷаҳонӣ пешниҳодгардида**

**Table 1. Indicators of the assessment of the state of the world economy and environment proposed by the World Bank**

| Индикаторҳо | Дар ҷаҳон дар маҷмуъ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
|---|---|---|
| Аҳолӣ, млн нафар | 7850,8 | 8,6 |
| Масоҳат, ҳаз. км кв. | 130,331 | 143,1 |
| **ММД** | **77,8 трлн длл. ИМА** | **5,7 млрд. Долл. ИМА** |
| **Кишоварзӣ** | | |
| Заминҳои кишоварзӣ, % масоҳат | 38 | 28,6 |
| Заминҳои обӣ, млн. га | 8700 | 0,742 |
| Масоҳати ҷангал | 36611 ҳаз. км кв | 421,2 ҳаз. га |
| Масоҳати ҷангал бо % масоҳат умумии замин | 29,7 | 3,0 |
| **Энергия** | | |
| ММД ба ҳар як воҳиди энергияи истифодашаванда, доллари ИМА бо назардошти қобилияти харидорӣ, 2000/кг ҳамарзиш (эквивалент)-и нафтӣ | 4,6 | 1,2 |
| Истифодаи қувваи барқ ба ҳар сари аҳолӣ (ҳамарзиши нафтӣ), кг | 1699 | 4288 |
| Истифодаи қувваи барқ, ки аз ангишт истеҳсол карда мешавад, бо % аз ҳаҷми умумӣ | 2225 | 4291 |
| Саҳми қувваи барқ, ки аз ангишт истеҳсол карда мешавад, бо % аз ҳаҷми умумӣ | 39,1 | 16,4 |
| **Партовҳо ва ифлосиҳо** | | |
| Партовҳои дуоксид ба ҳар сари аҳолӣ, тоннаи метрӣ | 3,8 | 9,9 |
| Автомобилҳои сабукрав, ба 1000 одам | 105 | 132 |

**Сарчашма:** Ҳ.Р. Исайнов Иқтисодиёти миллӣ. Китоби дарсӣ. –Душанбе, 2018. –С.262-263.

Умуман, Комиссияи СММ оид ба рушди устувори иқтисодӣ истифодаи 134 номгӯи индикаторҳоро пешниҳод менамояд. Аммо, тавре маълум аст, муайян намудани чунин миқдори нишондиҳандаҳо ва бахусус ташкили мушоҳидаи онҳо хеле вазифаи мушкил ва ҳатто ғайриимкон аст. Аз ин хотир, пешниҳоди СММ ва Бонки умумиҷаҳонӣ нишондиҳандаҳои самараноки муайяншуда, яъне, шохис (индекс)-ҳоро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

**АДАБИЁТ**

1. Аброров Х. Самтҳои истифодаи оқилонаи ангиштсанги кони Фон-Яғноб / Х. Аброров // Энергетика в саноат. – 2010. -№ 6-7. –С.14-16.
2. Баротов Р.Б. Геология и полезные ископаемые Таджикистана / Р.Б. Баротов. -Душанбе: Дониш, 1999.
3. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Хиради роҳбарӣ. Қисми 4 / Т.Б. Ғаниев. –Душанбе, 2003. -486 с.
4. Ғаниев Т.Б. Рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолорӣ. Китоби 13-ум / Т.Б. Ғаниев. –Душанбе: Ирфон, 2019. –С.397-408.
5. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисодиёти миллӣ. Китоби дарсӣ / Ҳ.Р. Исайнов. –Душанбе, 2018. –С.262-263.
6. Исайнов Х.Р. Приоритетные направления привлечения прямых инвестиций в освоение природно-ресурсного потенциала региона / Х.Р. Исайнов, Д.А. Ходиев // Аудит и финансовый анализ. - 2018. -№2. –С.270-274.
7. Обидов Ф.С. Нақши иқтидори захиравӣ-табиӣ дар рушди равобити хоҷагии ҷаҳонӣ / Ф.С. Обидов. - Душанбе: Ирфон, 2010.
8. Одинаев Х.А. Оценка инвестиционной привлекательности водно-энергетической интеграции стран Центральной Азии / Х.А. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2009. -№7(55). -С.3-8.
9. Сафаров А.К. Развития механизма управления региональными инвестиционными проектами (на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан): дис.кан.экон. наук / А.К. Сафаров. -Душанбе, 2014. -173 с.
10. Сафиуллин А.Р. Соцеально-экономическая устойчивость региона:состояние и проблемы развития / А.Р. Сафиуллин // Региональная экономика: теория и практика. - 2019. -№8. –С.29-33.
11. Хачатуров Т.С. Экономика природопользования / Т.С. Хачатуров. - 1982. -256 с.
12. Ярошевич В.И. Институтсиональные доверие в современном российском обществе (региональный аспект) / В.И. Ярошевич // Вестник Тамбовского государственного университета. –Тамбов, 2011.

**РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИСТИФДАИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**

Дар шароити муосир дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми идоракунии рушди босуботи истифодабарии сарватҳои табиӣ ҳамчун инъикоси имкониятҳои молиявии рушди давлат, ширкатҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, васеъ истифода бурда мешаванд. Таваҷҷуҳи илмӣ ба омӯзиш ва мазмуни иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ ба хусусиятҳои хосси механизми идоракунии сиёсати муосир вобаста мебошад. Имрӯзҳо фаҳмишҳои пешинаи рушди устувор, ки гӯё давлатҳои рушдкардаи дунё аз сарватҳои табиӣ бисёр истафода мебаранду табиатро бисёр ифлос мекунанд, комилан дигар шуда, донишмандони бахши менеҷмент исбот намудаанд, ки дар баробари болоравии рушдёбандагиии саноату рушди техникиву технологӣ имрӯз давлатҳои пешқадами ҷаҳонӣ бо истифода аз равишҳои олии идоравӣ, бо истифода аз моҳвораҳои кайҳонӣ ва нанотехникиву нанотехнологӣ имконоти баланди сарфакориву сариштакориро дошта, қариб пурра ба истеҳсолоти кампартову бепартов ва роботикунонии истеҳсолоту хизматрасониҳои навин гузаштаанд. Ҳолати таъсиррасонии худро ба табиат ва муҳити атрофу самаранокии истифодабарии сарватҳо хеле хуб карда, бо сарфи каме хароҷот даромаднокии баланд ба даст меоранд.

**Калимавожаҳо**: иқтисодиёт, тиҷорат, экология, иқлим, захираҳо, пул, минтақаҳо, демография, технология, истеҳолот, коркарди партов.

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ИСПОЛЬЗОВАНИЮ ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

В современных условиях в экономической литературе понятие управления устойчивым развитием использования природных ресурсов используется как отражение финансовых возможностей развития государства, компаний, домохозяйств, юридических лиц и более широкой действительности. Научное внимание к изучению и экономическому содержанию потенциала природных ресурсов связано с особенностями механизма управления современной политикой. Сегодня прежнее понимание того, что развитые страны мира используют много природных ресурсов и сильно загрязняют природу, полностью изменилось, ученые-управленцы доказали, что наряду с подъемом промышленного развития и технико-технологического развития, сегодняшние страны-лидеры мира, используя офисы передовых подходов, используя космические спутники и нанотехнологии, имеют высокие показатели экономичности и эффективности, практически полностью перешли на малоотходное и безотходное производство и роботизацию новых производств и услуг. Они улучшают свое воздействие на природу и окружающую среду и эффективность использования ресурсов, а также достигают высокой рентабельности при небольших затратах.

**Ключевые слова:** экономика, торговля, экология, климат, ресурсы, деньги, климат, регионы, демография, технологии, потребление, обращение с отходами.

**THEORETICAL APPROACHES AND USE OF NATURAL RESOURCES IN MODERN CONDITIONS**

In modern conditions, in economic literature, the concept of managing sustainable development of the use of natural resources is used as a reflection of the financial capabilities of the development of the state, companies, households, legal entities and wider reality. Scientific attention to the study and economic content of the potential of natural resources is associated with the peculiarities of the mechanism for managing modern politics. Today, the previous understanding of sustainable development, as if the developed countries of the world use a lot of natural resources and greatly pollute nature, completely changed, management scientists proved that along with the rise of industrial development and technical and technological development, today's world-leading countries, using offices of advanced approaches, using space satellites and nanotechnology, have high indicators of economy and efficiency, almost completely switched to low-waste and waste-free production and robotization of new industries and services.

**Keywords:** economy, trade, ecology, climate, resources, money, climate, regions, demography, technologies, consumption, waste management.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Ғаниев Таваралӣ Бобоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

***Абдулов Дилшод Назарович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. E-mail: **dilshod.041986 @mail.ru.** Телефон**: 988-50-45-85**

**Сведения об авторах: *Ганиев Таварали Бобоевич* –** Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

***Абдулов Дилшод Назарович* -** Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, старший преподаватель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. E-mail: **dilshod.041986@mail.ru**. Телефон: **988-50-45-85**

**Information about the authors: *Ganiev Tavarali Boboevich* -** Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Head of the Department of Human Resource Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

***Abdulov Dilshod Nazarovich*** - Kulyab State University. A. Rudaki, Senior Lecturer, Department of Management and Marketing. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. E-mail: **dilshod.041986@mail.ru.** Phone**: 988-50-45-85**

**УДК339.5(575.3)**

# ГУРӮҲБАНДИИ ШАКЛҲОИ СОДИРОТ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Давлатов А.А., Қодирзода Ф.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони ҳозира бухронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ҷунбишҳои навро барои хоҷагиҳои миллӣ ва байналмилалӣ эҳё менамояд. Дар заминаи ин ҷунбишҳои бавуҷудомада давлатҳои алоҳида наметавонанд ҳалли мушкилоти мавҷударо бе дастгирии якдигар ва кумаки созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, ки фаъолияти онҳо асосан барои таъмини рушди босуботи низоми иқтисодии мамлакатҳои ҷаҳон, таҳияи равишҳои нави танзим ва ҳамгироии тамоми кишварҳои ҷаҳон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ равона гардидаанд, таъмин намоянд. Ҳоло созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар таъмини сулҳу суботи иқтисодии ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозанд, ки таъсири муассир ба муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ мерасонанд ва ба ин васила паҳн шудани тамоюлҳои манфии рушди иқтисодиёти ҷаҳониро пешгирӣ мекунанд.

Дар он давра тавсияҳо оид ба танзими Муносибатҳои иқтисодии Байналмилалӣ ба манфиатҳои миллӣ асос меёфтанд. Муносибатҳои байни кишварҳо дар муддати дуру дароз дар асоси муносибати дуҷониба танзим меёфтанд. Ҳарчанд соли 1883 як қатор давлатҳо Конвенсияи Париж оид ба ҳифзи моликияти саноатиро имзо карданд ва дар соли 1919 Созмони байналхалқии меҳнат (СБМ) ва Палатаи байналмилалии тиҷорат (ПБТ) таъсис дода шуд. Аммо давлатҳо зарурати танзими гуногунҷанбаи муносибатҳои иқтисодиро хуб дарк карда наметавонистанд [9].

Ҳатто дар Оинномаи Лигаи Миллатҳо, ки як вазифааш пешниҳоди маълумот дар бораи ҳолати иқтисодии давлатҳои аъзо ва таҳияи шароит барои муҳокимаи муаммоҳои муҳимми иқтисодӣ буд, имконоти танзим дар соҳаи иқтисод мушаххас карда нашуда буд. Вақте объекти таваҷҷуҳи махсус Муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ гардид, ки дар алоқамандӣ бо бозандешии назарияи неоклассикӣ дар бораи имкониятҳои иқтисоди бозаргонӣ дар худтанзимнамоӣ, зарурат пеш омад.

Раванди истеҳсол ва фурӯш вайрон карда шуд. Дар натиҷа, аз соли 1932 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ИМА дар маҷмуъ 46% коҳиш ёфт [12,с.178]. Депрессияи бузурги солҳои 1930 дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ таҳаввулоти амиқе гузошт, назарияи иқтисодиёти худтанзимкуниро хароб карда, барои ба миён омадани доктринаи кейнсиании танзими давлатии иқтисод замина фароҳам овард. Ғояи аслии он зарурати дахолати давлат дар раванди истеҳсоли такрорӣ ё таҷдид буд. Ҷ.М. Кейнс ва баъдтар неокейнсианҳо ғояи дахолати давлат дар иқтисодиётро инкишоф дода, чунин меҳисобиданд, ки давлат бояд тадбирҳоро барои баланд бардоштани талабот аз маҳсулоти пешниҳоднамудаи бозор, амалӣ намояд.

Афзоиши талабот дар навбати худ ба рушди иқтисод мусоидат мекунад, аз бuҳрони иқтисодӣ ва оқибатҳои он - таваррум ва бекориро раҳо месозад. Ин назария дахолати давлат дар раванди истеҳсоли такрорӣ ё таҷдидро қонунӣ карда, вазифаи давлатро дар самти иқтисоди хориҷӣ бо мазмуну муҳтавои нав муаррифӣ намуд. Солҳои зиёд ҳамчун субъектҳои асосӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ, тибқи қоида, ин ё он монополияҳои хусусии капиталистӣ, ширкатҳои бузург ва консернҳои хусусӣ баромад мекарданд, акнун якҷо бо онҳо ин вазифаро бевосита худи давлатҳо ба зимма мегиранд. Бухрони молиявии ҷаҳонӣ кишварҳоро барои пайдо кардани роҳҳои нави танзими муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ (МИБ), таҳияи стратегияи ҳамаҷониба ва мутобиқшудаи иқтисодӣ такон дод. Мутобиқати анъанавии сиёсати иқтисодӣ дар асоси муносибати дуҷониба ҳамчун воситаи муассир барои танзими МИБ камтаъсир гардид.

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ барои ҳалли ин масъала имкон надод. Бо вуҷуди ин, тобистони соли 1944 - 28 давлат дар Бреттон-Вудс (ИМА) созишномаеро имзо карданд, ки он асосҳои нави низоми пулию-молиявии байналхалқиро ташкил намуд. Қоидаҳо барои

ҳавасмандгардонии рушди савдои байналмилалӣ ҷорӣ гардид, ки зиёни савдои хориҷӣ рӯйпуш карда шавад ва устувории мубодилаи қурби асъори миллӣ таъмин гардад [6,с.452].

Имзои созишномаи Бреттон-Вудс маънои татбиқи талаботи кишварҳо ба танзими байналмилалии муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва пулии бисёрҷонибаро дошт. Дар доираи ин созишномаҳо ду созмони байналмилалӣ таъсис дода шуданд: Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд (ББТР).

Созмонҳои байналмилалӣ асосан дар доираи масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ғайра аз ҷониби давлатҳои муттаҳидшаванда ташкил карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба масъалаи интихоб шуда, созмонҳо фаъолият ва принсипҳои кории худро ба роҳ мемонанд. Яке аз чунин созмонҳо, созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) ба шумор меравад, ки фаъолияти он асосан барои беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодии давлатҳои аъзо ба роҳ монда шудааст.

Таҳлилҳои мураккаби солҳои охир аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Бонки ҷаҳонӣ ва созмонҳои дигари иқтисодии ҷаҳонӣ, ба монанди Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС), Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) ва Конференсияи СММ оид ба савдо ва Тараққиёт (ЮНКТАД) доир намуда, дар ҳақиқат нишон доданд, ки бо вуҷуди пешрафти бузурги илмию техникӣ дар солҳои аввали асри XXI, аксарияти давлатҳои дунё дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ (яъне бозори ҷаҳонӣ) бо номгӯи хеле маҳдуди мол, ашёи хом ва ё таҷҳизоти техникии истеҳсоли худ иштирок менамоянду халос, ки ин дар асл тасдиқи назарияи фишурда будани иқтисодиёти ҷаҳонро баръало нишон медиҳад. Аммо, бо пешрафти илмию техникии ҷаҳон ҳаҷм ва номгӯи молҳои истеҳсоли давлатҳои алоҳида зиёд шуда, аз як тараф , боиси сол аз сол ба бозори ҷаҳонӣ ворид шудани онҳо ва аз тарафи дигар, авҷгирии махсусгардонии истеҳсолот, вобастагии истеҳсолоти давлатҳои алоҳида ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ мегардад [11].

Аз гуфтаҳои боло аён мегардад, ки иқтисодиёти ҷаҳон сохтори мураккабе буда, бо ҳаракати сол аз сол вусъатгирандаи мол, хизматрасонӣ ва захираҳои иқтисодӣ давлатҳои алоҳидаи ҷаҳонро бо ҳам пайваст намуда, муносибатҳои нави иқтисодии байналмилалиро дар шакли зерин пешкаш менамояд:

- тиҷорати байналмилалии мол ва хизматрасонӣ;
- ҳаракати байналмилалии сармоя;
- ҳаракати байналмилалии қувваи корӣ;
- таҳвили байналмилалии технология;
- муносибатҳои ҳисобию асъорӣ.

Дар баробари пешрафти илму техника, авҷгирии босуръати махсусгардонии истеҳсолот ва дар ин асос торафт афзоиш ёфтани тиҷорати байналмилалӣ барои нақши махсус пайдо намудани муносибатҳои ҳисобию асъори байналмилалӣ, пайдоиши корпоратсияҳои азими трансмиллӣ низ мусоидати калон менамояд [10,с.8-9].

Дар ин давра рушди робитаҳои иқтисодии кишварҳо тақвият меёбад, тақсимоти байналмилалии меҳнат таҳким меёбад ва дар натиҷа, солҳои 1950-ум дар Аврупои ғарбӣ раванди ҳамгироӣ инкишоф меёбад. Натиҷаи ин ҳамгироиро дар ташкили шабакаи иттиҳодияҳои байналхалқии давлатӣ инҳисорӣ, аз қабили бозори умумӣ, Ассотсиатсияи аврупоии ангишту пӯлод мушоҳида кардан мумкин аст. Иштирокчиёни ин иттиҳодияҳо дар самти пешбурди фаъолият дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла табодули мутақобилаи иқтисодӣ, муҳоҷирати сармоя ва қувваи корӣ, сиёсати умумии иқтисодӣ мувофиқа ҳосил намуданд. Маълумоти зерин ба ин далолат мекунанд. Агар дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, соли 1938 ҳаҷми умумии савдои ҷаҳонӣ қариб 49 миллиард доллари амрикоиро ташкил намуда бошад, пас соли 1967 он ба 440 миллиард доллар расид [8,с.32-33]. Танҳо дар давоми солҳои 1959-1966 андозаи пардохтҳои байналмилалӣ тибқи шартномаҳои иҷозатномавӣ тақрибан се маротиба афзоиш ёфтаанд [17,с.132].

Миёнаи солҳои 60-ум муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ ба 4 миллион нафар баробар шуд. Ҳаҷми интиқоли байналмилалии маҳсулот тариқи баҳрҳо барои солҳои 1938-1966 - 3,7 маротиба, тариқи роҳи оҳан – 3,4 маротиба, интиқоли ҳавоӣ (танҳо дар даҳаи охир) - 3 маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ дар кишварҳои мутараққӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Дар муқоиса бо соли 1938, ки дар он давра

сармоягузориҳо тақрибан 50 миллиард долларро ташкил медоданд, ҳаҷми умумии онҳо дар соли 1968 тақрибан ба 225-230 миллиард доллари амрикоӣ баробар гардид [4,с.77].

Дар нимаи дуюми асри XX бо роҳи авҷгирии ҳарчи зиёди муносибатҳои нави истеҳсолӣ, ҷараёни ҳамгироии давлатҳои алоҳидаи дунё масъалаи танзими муносибатҳои иқтисодии байналмилалии кулли давлатҳои ҷаҳонро ба миён овард. Масъалаҳое пайдо мешуданд, ки дигар давлатҳои алоҳидаи дунё дар алоҳидагӣ аз уҳдаи ҳалли онҳо баромада наметавонистанд. Бинобар ин, бо иштироки фаъоли давлатҳои ҷаҳон вобаста ба ҳалли ин масъалаҳо оҳиста-оҳиста созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ, ба монанди ташкилотҳои назди Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС), ЮНКТАД, Ташкилоти байналмилалии гумрук, Палатаи Савдои Байналмилалӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки Ҳисоббаробаркунии Байналмилалӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва ҳоказо бунёд карда шуданд, ки фаъолияти ҳар кадоме аз ин созмонҳо дар алоҳидагӣ барои ҳалли проблемаҳои глобалии асри XX равона гардида буданд. Фаъолияти онҳо ҳар сол бо иштироки намояндагони тамоми давлатҳои аъзо ҷамъбаст карда шуда, вобаста бо дараҷаи таъмини пешрафти иқтисодиёт, давлатҳо ба ин ва ё он гурӯҳҳои алоҳида дохил карда, ба онҳо ҷиҳати истифода аз имтиёзҳои барои ин гурӯҳ давлатҳо пешбинишуда, шароит фароҳам оварда мешавад [16,с.9-11].

Якҷо бо мубодилаи байналмилалии молҳо, тиҷорати патентҳо ва иҷозатномаҳо, ҳамкории байналмилалӣ дар тарҳрезӣ ва сохтмони объектҳо, мубодилаи мутахассисон, муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ ва фурӯши намудҳои гуногуни хизматрасонӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамкориҳои давлатҳои капиталистӣ дар соҳаи пулию қарзӣ, ҳам дар заминаи дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба ба миқёси бесобиқа расиданд. Ҳамин тариқ, далелҳо ба рушди босуръати муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба иқтисодиёти давлатҳо ва рушди неруи истеҳсолкунанда таъсир мерасонанд, шаҳодат медиҳанд.

Ҳамгироии хоҷагии миллӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳарчи бештар мегардад, аз ин сабаб, ба ҳар гуна таъсири беруна ва ғайримунтазира осебпазир мегардад.

Дар чунин шароит давлатҳои миллӣ бо вазъияти пешгӯинашаванда ва нав рӯ ба рӯ мешаванд, қобилияти истифодаи самараноки танзими анъанавии макроиқтисодӣ, чун маҳдудиятҳои воридотӣ ва субсидияи содиротӣ, тағйироти қурби асъори миллӣ ва меъёри бозтамвили бонки марказиро аз даст медиҳанд. Баъзе равандҳо, хусусан дар соҳаи пулӣ ва молиявӣ, хусусияти васеъ касб кардаанд. Онҳо ба фаъолият ё амалҳои танзимкунандаи давлатҳои алоҳида мутобиқ намешаванд. Раванди байналхалқии иқтисодӣ ва сиёсӣ аз сатҳи байналхалқӣ ба ғайри байналхалқӣ, ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Самаранокии танзими иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ коҳиш меёфт ва зарурати пайдоиши шаклҳои бузургтари танзими фаромиллӣ пеш меомад. Натиҷабардорӣ ва ифодаи ҳамаи ин равандҳо аз ташаккули тамоюли муътадил ба афзоиши алоқамандии ҷаҳонӣ аст [13]. Андешаи пайванди ҳарчи бештар доштани ҷомеаи ҷаҳонӣ собит гардида истодааст. Ғояи вобастагии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби намояндагони неомарксизм (Пол Баран, Пол Сузи, Самир Амин, Иммануил Волтерстейн ва ғайра) дастгирӣ карда мешавад. Ҷараёни мазкур решаҳои гуногун дошта, фаромиллӣ аст.

Кишварҳои "периферия", истеъмолкунандагони намудҳои гуногуни маҳсулоти дар хориҷ истеҳсолшавандаанд, ки бештар аз "марказ" вобастаанд, қурбонии мубодилаи нобаробари иқтисодӣ (нархи ашёи хом нисбат ба маҳсулоти коркардшуда арзонтар аст) ва эҳтиёҷманди кумаки иқтисодӣ аз кишварҳои рӯ ба инкишоф мегарданд. Муқаррароти консептуалии назарияи неомарксизм, ки аз ҷониби ҳукуматҳои кишварҳои рӯ ба тараққӣ қабул гардидаанд, ба онҳо имконият доданд, ки дар Созмони Милали Муттаҳид масъалаи роҳандозии тартиботи нави ҷаҳонро ба миён гузоранд. Мушкилии мазкур таҳияи стратегияи ягонаи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишварҳои рӯ ба инкишофро пеш гузошт.

Ҳамин тавр, дар заминаи ҳалли мушкилоти пешомада дар арсаи ҷаҳонӣ ва назарияҳои мухталифи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, махсусан, назарияҳои байналмилалии савдо ва ҷойивазкунии сармоя созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ ташаккул ёфта ва тағйирот дар самти фаъолияти онҳо мушодиха гардиданд. Дар натиҷаи ин, дар илми сиёсатшиносӣ,

иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналхалқӣ боз истилоҳи нав Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ворид шуд.

Асоси ин назарияҳоро ақидаи мавҷуд будани фарқият дар шароити истеҳсолоти кишварҳои мухталиф ташкил мекунад. Шароити табиию иқлим, хароҷот барои истеҳсоли ин ё он номгӯи молу маҳсулот дар кишварҳои мухталиф ва муқоисаи онҳо дар ниҳояти кор боиси он мегардад, ки кишвар молҳои бозоргирро истеҳсол накарда, ба истеҳсоли он молҳое машғул мешавад, ки хароҷоти камтарро талаб мекунад. Тибқи назарияи мазкур, ҳар кишвар бояд ба истеҳсоли ҳамон моле тахассус пайдо кунад, ки ин кишвар афзалияти том ё нисбӣ дорад. Маҳз ҳамин молро кишвари мазкур бояд содирот намояд [7,с.13].

Истилоҳи "созмони иқтисодии байналмилалӣ" дар тули чанд даҳсолаи охир, дар доираи васеи зуҳурот истифода шудааст. Дар солҳои аввали пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ истилоҳи мазкур ҳамчун институти байналмилалӣ дар зери сохтори низоми СММ истифода мешуд. Омӯзиши ин зуҳурот дар давраи пас аз ҷанг актуалӣ буд [5,с.729-757].

Иқтисодиёти ҷаҳон бевосита аз иқтисодиёти давлатҳои алоҳидаи дунё, ба захираю имкониятҳои иқтисодии тамоми давлатҳои ҷаҳон вобастагӣ дорад. Захираҳои иқтисодии тамоми дунёро иқтисодшиносон вобаста ба маврид ва дараҷаи истифодаашон ба се гурӯҳи зерин тақсим кардаанд:

1. захираҳои табиӣ;
2. захираҳои меҳнатӣ;
3. захираҳои сармоявӣ ё молиявӣ.

Бо мурури замон, дар тули миллионҳо сол, дар курраи замин, дар натиҷаи ҷараёнҳои табиӣ сарватҳои зеризаминӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар ибтидо аҳолии кураи замин бештар тилло, нукра, оҳан, мис, ангиштсанг, сангҳои қиматбаҳоро истифода мебурданду халос. Истеҳсолоти ҳамон давра бештар ба коркарди сарватҳои табиии дар боло зикргардида ва истеҳсоли силоҳи ҷангӣ равона гардида буд.

Ҳамин тариқ инсон аз сирру асрори табиат огоҳ шуда, оҳиста-оҳиста дар натиҷаи омӯзишҳои зиёд захираҳои табиии навро ошкор намуд. Дар асри XX комёбиҳои бузурги илмию техникӣ кашф намудани захираҳои табии оламро чунон тезонид, ки мислашро таърихи гузаштаи бистасраи инсоният надидааст. Дар натиҷаи таҳқиқоту таҳлили бисёрсолаи охири асри XX, ҳаҷми захираҳои табиии дар ҷаҳон мавҷудбуда, муайян карда шуд.

Захираҳои табиӣ вобаста ба мавқеи ҷойгиршавиашон, таркиби биологӣ ва дараҷаи фоиданокиашон ба якчанд гурӯҳҳо тақсим карда шуданд:

1. захираҳои энергетикӣ;
2. сарватҳои зеризаминӣ
3. захираҳои обӣ;
4. захираҳои ҷангал (чӯбу тахта);
5. захираҳои биологӣ;
6. захираҳои минералӣ;
7. захираҳои иқлимӣ;
8. захираҳои рекреатсионӣ.

Бояд зикр кард, ки захираҳои зиёди табиии давлатҳои алоҳида то соли 1950 сабабгори муносибати халқҳои он кишварҳо мегардид. Бисёр давлатҳои аз ҷиҳати ҳарбӣ пуриқтидори Аврупо, ба мисли Англия, Фаронса, Олмон, Португалия, Итолиё, Нидерландия бинобар захираҳои зиёди табиии давлатҳои қитъаи Африқо, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон ва ғайраҳо дар натиҷаи экспансияи ҳарбӣ аҳолии ин кишварҳоро чандин асрҳо истисмор намуда, тамоми боигарии ин кишварҳоро ба ватани худ кашида бурданд. Дар асоси захираҳои табии давлатҳои номбурда дар Аврупо тамоми соҳаҳои истеҳсолоти коркарди ашёи хомро ба роҳ монда, барои ҳарҷи бештар дароз намудани давраи истисмори онҳо дараҷаи пасти иқтисодиёт ва зиндагии мардуми давлатҳои мустамликаро ба таври сунъӣ нигоҳ медоштанд.

Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон дар натиҷаи мубориза҇ҳои озодихоҳонаи мардуми давлатҳои мустамлика, шароити ба нафъи миллати худ истифода бурдани захираҳои табиии давлатҳои аз мустамлика озодшуда, муҳайё гардид. Аммо, бояд қайд намоем, ки

ин давра он қадар дер давом накард. Бисёр давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон бо мақсади арзон намудани арзиши аслии мол роҳи истифодаи захираҳои табиии мамлакати худро пеш гирифтаанд. Дар баробари ин, пешрафти илмию техникӣ соҳаҳои нави истеҳсолоти сарф кунандаи ашёи хомро ба вуҷуд овард. Чунин пешрафт боиси он гардид, ки дар даҳсолаҳои охири асри XX якчанд давлатҳои Осиё ба монанди Ҷопон, Сингапур, Тайланд, Малайзия бо вуҷуди дар худуди мамлакаташон маҳдуд будани захираҳои ашёи хоми табиӣ, ба комёбиҳои бузурги иқтисодӣ ноил гардиданд.

Аммо ин маънои онро надорад, ки бе захираҳои табиӣ аз солҳои аввали асри XXI сар карда, пешрафти иқтисодиёт ва дараҷаи миёна ё баланди зиндагии мардумро таъмин кардан имконпазир аст. Баръакс, захираҳои табиии зиёд ва ба осонӣ истихроҷшаванда боиси дар бозорҳои ҷаҳонӣ бештар шинохта шудани ин давлат, пайдо намудани обуру ва эътибори зиёд мегардад. Таҷрибаи солҳои охири асри XX нишон дод, ки баъзе давлатҳои араб танҳо бо истифодаи нафти хоми сарзаминашон тамоми бозорҳои ҷаҳонро аз худ карда, дар миқёси ҷаҳон сатҳи баландтарини зиндагиро барои мамлакати хеш муҳайё намуданд.

Дар кураи замин нобаробар ҷойгир будани захираҳои минералӣ боиси махсусгардонии маҳсулот ва ба бозори ҷаҳонӣ аз тарафи давлатҳои алоҳида ба фурӯш баровардани номгӯи начандон зиёди молҳои истеъмолӣ гардид. Масалан, маҳсулоти асосии содиротии Гана - какао, Гвинея-маъдан ва консентрати оҳан, Миср - пахта, нахи пахта ва собун, Камерун - чубу тахта, маҳсулоти чӯбӣ, Мадагаскар - қаҳва, мехчагул, Куба - шакар, сигор ва меваҳои субтропикӣ, Марокаш - собун, пӯки шиша, давлатҳои араб - нафти хом мебошанд.

Албатта номгӯи молҳои содиротии давлатҳои аз ҷиҳати саноати тараққикардаи ҷаҳон дар асоси истифодаи захираҳои табиии мамлакати худ ва маводи хоми давлатҳои рӯ ба инкишоф нисбат ба давлатҳои дар боло зикрёфта хеле зиёд буда, ин давлатҳо бо маҳсулоти нимтайёр ва номгӯи зиёда аз даҳ ҳазор молҳои саноатӣ ва кишоварзӣ бозорҳои тамоми дунёро забт намудаанд.

Ҳамин тариқ, як гурӯҳ давлатҳо бо ашёи хом, гурӯҳи дигар бо маҳсулоти кишоварзӣ, гурӯҳи сеюм бо молҳои саноатии худ бо ҳам тиҷорат намуда, ба пешрафти иқтисодиёти якдигар мусоидат менамоянд.

Ташаккули шаклҳои бозори фаъолияти хоҷагӣ, мустақилияти иқтисодии худро эълон кардани кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ҳамроҳ шудани онҳо имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Дар кишвари мо, иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷиро Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта, ба онҳо шаҳодатномаи дахлдор ва варақаи бақайдгирии намунаи муқарраршуда медиҳад. Пас аз бақайдгирӣ, субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, барои анҷоми фаъолияти иқтисоди хориҷӣ (содирот, воридот, реэкспорти ашёи хом, молу маҳсулот, кору хизматрасонӣ ва намудҳои дигари фаъолияти иқтисодии хориҷӣ) ҳуқуқ пайдо мекунанд.

Аз моҳияти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ чунин бар меояд, ки он дар асоси тақсимоти байналхалқии меҳнат ва амал бароварда шуда, ба сарфакории меҳнати ҷомеа дар ҷараёни истеҳсол ва мубодилаи маҳсулоти он дар байни кишварҳои мухталиф равона гардидааст.

Воқеан, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба таври умум ва аз он ҷумла, мубодилаи байналмилалии мол аз ҷиҳати иқтисодӣ дар ҳолате мувофиқи мақсад аст, ки агар кишвари алоҳида барои истеҳсоли моли худ, ки ба бозори ҷаҳонӣ пешниҳод мешавад, нисбат ба кишварҳои дигар меҳнати камтар сарф мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки фаъолияти иқтисоди хориҷӣ танҳо дар сурати ташкили дурусти содироту воридот фоидаовар аст.

Ташаккул ва инкшофи иқтидори содиротӣ траекторияи рушди миқдорӣ ва сифати тиҷорати беруна, миқёс ва самаранокии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, дар шароити муосир муайян мекунад. Барои ҳамин дақиқсозии моҳияти иқтидори содиротӣ, нақш ва мақеи он дар инкишофи иқтисодиёти мамлакат аҳмияти муҳим дорад.

Ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии ташаккул, инкишоф ва арзёбии иқтидори содиротӣ (корхона, соҳа, минтақа, мамлакат) дар корҳои истеҳсоли ватанӣ ва хориҷӣ дида баромада шудааст.

Бо ҷалби зиёди мутахассисон ба ин масъала, иқтидори содиротии мамалакат, категорияи мураккаб, бисёртарафа мебошад ва аз нуқтаи назари баъзе самтҳо ба таври зарурӣ таҳлил карда нашудааст. Дар адабиёти иқтисодӣ ва маводҳои меъёрӣ муайянкунии умумиқабулшудаи моҳият ва таркиби категорияи додашуда ва инчунин, методҳои арзёбии он ҷой надорад.

Барои муайян намудани мафҳуми «иқтидори содиротӣ» бояд ба мафҳумҳои зерин ба монанди «иқтидор» ва «содирот» диққат дод.

Энсиклопедияи иқтисодӣ иқтидорро (аз калимаи лотинии "potentia" – қувва, иқтидор) ҳамчун захираҳо, сохтори оптималии онҳо, қобилияти истифобарии самараноки онҳо барои расидан ба мақсад муайян мекунад.

Нисбатан серистеъмолтаринашон инҳо ба шумор меравcovered: «иқтидор - ин захираҳо, воситаҳо, сарчашмаҳои мавҷуда, ки онҳоро метавон истифода намуд, мобилизатсия ё барои амалисозии нақша, иҷрои вазифаҳо, ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, имкониятҳои шахси алоҳида, давлат ва ҷамъият дар соҳаи конкретӣ истифода намуд».

Мафҳуми содирот дар санадҳои меъёрӣ оиди фаъолияти беруниқтисодии мамлакат муайн карда мешавад. Мисол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти беруниқтисодӣ» содирот ҳамчун содироти молҳо, корҳо, хизматрасониҳо, натиҷаҳои фаъолияти ақлонӣ аз қаламрави гумрукии ҷумҳурӣ бе уҳдадории баргардонии онҳо ба ин қаламрав муайян карда шудааст. Мувофиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, содирот режими гумрукие мебошад, ки мувофиқи он молҳои ватанӣ аз қаламравӣ гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифода ва истеъмол берун аз ин қаламрав бе маҳдудият содирот карда мешаванд.

Хулосаи асосӣ нисбати категорияи «иқтидори содиротӣ» дар он аст, ки иқтидори содиротӣ, элементи сохтории он мебошад, яъне зерсохтори он мебошад ва инкишофи истеъмолотро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти истеҳсолкардашуда дар бозори байналмилалӣ таъмин намояд.

Дар луғати калони энсиклопедӣ иқтидори содиротӣ ҳамчун қобилияти ҳамаи истеҳсолоти ҷамъиятии давлат барои истеҳсоли миқдори зарурии молҳо ва рақобатпазирии онҳо дар бозори беруна оварда шудааст. Дар таърифи овардашуда, диққат ба яке аз ҷанбаҳои мафҳуми иқтидори содиротӣ, бахусус қобилияти иҷро намудани вазифаи истеҳсолӣ аз тарафи механизми хоҷагидорӣ барои қонеъ гардонидани талаботҳои бозори беруна таваҷҷуҳи бештар дода шудааст.

Инчунин, дар раванди тадқиқоти гузаронидашуда, дигар роҳҳои муайян намудани мафҳуми иқтидори содиротӣ дар шакли ҷадвал оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Муайянсозии мафҳуми «иқтидори содиротӣ»**
**Table 1. Definition of the concept of "export capacity"**

| Муаллифҳо | Муайянкунии муаллифӣ |
|---|---|
| Кирсанов В.В., Магомедбеков Г.У. | Иқтидори содиротӣ - ин қобилияти иқтисодиёт бо назардошти дараҷаи инкишофи ҷойдоштаи омилҳои истеҳсолот ва низоми ташкилию-иқтисодии дастгирии содирот истеҳсол намудани молу хизматрасониҳои рақобатпазир дар доираи қаламрави додашуда ва фурӯхтани онҳо дар бозорҳои хориҷӣ дар замони муосир ва дурнамо мебошад. |
| Савельев И.И. | Иқтидори содиротӣ - ин қобилияти маҷмуи низоми инноватсионӣ ба содирот нигаронидашуда дар ташкил ва истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир барои содирот ва фурӯши онҳо дар бозорҳои беруна ва таъмини дараҷаи зарурии хизматрасонӣ мебошад. |
| Невская Н.А. | Иқтидори содиротӣ - ин ҳаҷми маҳсулоти дар бозори берунии рақобатпазир талаботдошта мебошад, ки субъектон дар шароитҳои мувофиқи бозорӣ имконият доранд истеҳсол намуда фурӯшанд. |
| Ивановский Д.Ю. | Дар зери мафҳуми иқтидори содиротии минтақа бояд, қобилияти низоми хоҷагидории минтақа фаҳмида шавад, ки метавонад истеҳсол ва фурӯши |

| | |
|---|---|
| | маҳсулоти рақобатпазирро дар бозорҳои беруна дар асоси истифодабарии захираҳои ҷойдошта бо мақсади таъмини рушди иқтисоди устувор ва мувозӣ таъмин созад. |
| Сарсембекова С.Е. | Иқтидори содиротӣ - ин қобилияти иқтисодиёти миллӣ истеҳсол ва таҳвили маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои беруна, ивазкунии динамикии соҳаҳои махсусгардонии содиротӣ ва афзоиши содироти маҳсулоти гуногун бо назардошти вазифаҳои инкишофи бозори дохилӣ ва мақсади мустаҳкам намудани мавқеи худ дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. |

Фаъолити содиротӣ ва иқтидорӣ содиротӣ дар инкишофи иқтисодиёти миллӣ нақши муҳимро иҷро мекунанд. Бештари таҳқиқотчиён корҳои худро ба омӯзиши робитаи тарафайн байни содирот ва рушди иқтисодӣ бахшидаанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нақши калони тамоюли берунии иқтисодиётро нишон медиҳад, ки рушди некуаҳволӣ ва ҳамгироии фаъоли низоми иқтисодии мамлакат ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Ба таври фаъолона таҷрибаи чунин мамлакатҳо ба монанди Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Тайван ва дигар мамлкатҳое, ки иқтидори қаламрави худро истифода бурда буданд, омӯхта шуда истодааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи ҳамгироии мамлакатҳои пасошуравӣ ва рӯ батараққӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ хеле аҳмиятнок мебошад.

Инкишофи иқтисодиёти бозорӣ дар ҷумҳурӣ васеъкунӣ ва инкишофи робитаҳои берунииқтисодиро талаб мекунад. Ҳамгироии мамлакат ба робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар шароитҳои мураккаб рафта ҷараён гирифта истодааст, чунки вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар мамлакат на он қадар мусоид мебошад.

Дар даврони Шуравӣ иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи комплекси ягонаи хоҷагии халқи ИҶШС тараққӣ мекард. Дар ҳамон давра дар ҷумҳурӣ ба таври мақсаднок соҳаҳои саноати сабук, вазнин ва хӯрока ташкил гардида, инкишоф меёфтанд. Аз соли 1971 то соли 1990 дар Тоҷикистони Шуравӣ объектҳои бузургтарини электроэнергетикӣ, металлургияи ранга, саноати кимиё, мошинсозӣ ва коркарди металҳо ба истифода дода шуда буданд. Дар сохтори ММД аз рӯи секторҳои иқтисодиёт дар давоми солҳои 1970-1988 саноат нақши пешбарро иҷро мекард.

Хоҷагии қишлоқ дар истеҳсоли пахта, донагиҳо, мева, сабзавот, ангур, шелк, матоъҳои адрасу атлас ва ғайра махсус гардонида шуда буд. Маҳсулоти ин соҳаҳо ба таъмин намудани талаботҳои дохилии ҷумҳурӣ равона карда мешуд. Қисми бештари он ба дигар ҷумҳуриҳои мамлакати ягона равона карда мешуд ва аз онҳо ҶШС Тоҷикистон дар навбати худ воситаҳои зарурӣ барои истеҳсолот ва молҳои истеъмолӣ ворид мешуданд.

Вазъия иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон Шуравӣ дар бештари мавридҳо аз кумаки молиявӣ ва техникии ҷумҳуриҳои шуравӣ вобастагӣ дошт. Қисми дотатсионии буҷети Тоҷикистон дар давраи солҳои 1989-1990 18,7%-и ММД ҷумҳуриро ташкил мекард. Дар ин солҳо кумак аз буҷети шуравӣ аз 1,5%-и ММД дар соли 1980 то 23,3% дар соли 1991 афзуд.

Дар ин давра шакли нисбатан муҳимми робитаи байни ҷумҳуриҳои шуравӣ амалиётҳо оиди мубодилаи молу маҳсулотҳо сурат мегирифт. Ҳаҷм ва сохтори муносибатҳои тиҷоратӣ дар ҳар як ҷумҳурӣ мавқеъ ва нақши онро дар тақсимоти меҳнати умумишуравӣ нишон медоданд. Ҳар як ҷумҳурӣ ҳиссаи маҳсулоти худро ба фонди умумишуравӣ содирот намуда, молҳое, ки ба онҳо ниёз дошт, ворид мекард. Комплекси хоҷагии халқи ИҶШС тавре ташкил шуда буд, ки низомҳои миллӣ ҳамдигарро пурра намуда, қисми андоми ягонаи иқтисодӣ буданд. Сохтори соҳавии саноати Тоҷикистони Шуравӣ дар бештари мавридҳо бо назардошти талаботҳои комплекси ягонаи хоҷагии халқи ИҶШС муайян карда мешуд. Махсусгардонии Тоҷикистон бартариятан бо таҳвили ашё ва нимфабрикатҳо алоқамандӣ дошт. Дар ин маврид, ба ташаккулёбӣ ва инкишофӣ соҳаҳои илмталаб, мошинсозии мурракаб ва электроника диққати нисбатан камтар дода мешуд.

Ҳамин тариқ Иттиҳоди Шуравӣ барҳам хӯрда ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ба сифати давлати мустақил дар зери таъсири тамоюлҳои умумӣ ворид гадид, ва ҳаёти сиёсию иқтисодии фазои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кулли тағйир ёфт. Дар тамоми ҳудуди собиқ ИҶШС вайроншавии робитаҳои хоҷагии халқ сар

заданд, суръати рушди иҷтимоию иқтисодӣ паст гардид, бозорҳои нав пайдо шуданд. Буҳрони умумимиллӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро фаро гирифта, бо пастшавии мутлақи ҳаҷми истеҳсолот ва шиддат гирифтани равандҳои инфлятсионӣ оварда расонд.

Пастшавии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, сабабҳои нисбатан чуқуртар дошт: номувозинатии сохторӣ ва тамоюли ашёгии иқтисодиёт, норасоиҳо дар сиёсати молиявию-қарзӣ ва инвеститсионӣ, норасоиҳо дар низоми идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот ва ғайраҳо. Ҳамаи гуфтаҳои боло наметасонистанд ба суръати рушди иқтисодӣ таъсир нарасонанд.

Ҳангоми таҳлили динамикаи иқтисодиёти ватанӣ дар марҳилаи амалисозии ислоҳотҳои бозорӣ, мо метавонем ду марҳилаи онро ҷудо кунем:

1) Пастшавӣ (камшавии истеҳсолот) солҳои 1991-1996;

2) Барқароршавии баъдибуҳронӣ (барқарорсозии рушди ҳаҷми истеҳсолот) аз соли 1997 то ин давра, ки онро аз рӯйи тамоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ назорат намудан мумкин аст.

Нишондиҳандаҳои пасттарини ҳаҷми ММД ба солҳои ҷанги шаҳрвадӣ ва шиддат гирифтани зуҳуроти буҳронӣ дар иқтисодиёт рост меоянд. Дар давраи пастшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пастшвии аз ҳама вазнини ММД дар байни собиқ мамлакатҳои ИҶШС ба қайд гирифта шуда буд. Ҳаҷми ММД дар давраи соли 1991-1996 ба андозаи 67,5% паст гардид, дар мавриде, ки дар тамоми ҳудуди собиқ Шурвӣ ин нишондиҳанда ҳамагӣ 40,0% ташкил дода буд.

Пастшавии баландтарини ҳаҷми истеҳсолот дар сектори ҳақиқӣ ба қайд гирифта шуда буд. Дар давраи барқароршавӣ суръати рушди ММД-и ҷумҳурӣ дар фазои собиқшуравӣ нисбатан баланд буданд, аммо ин бо самараи базаи паст асоснок карда мешуд, асосан дар давраи аввали рушд. Дар соли 2012 ҳаҷми ММД танҳо ба 98,6%-и сатҳи 1991 баробар шуд. Бо назардошти афзоиши аҳолӣ ин давра ба андозаи 36,0% маънои онро дорад, ки ММД ҳақиқӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2012 танҳо 72,5%-и сатҳи соли 1991-ро ташкил дод.

Баъди ба имзо расидани созишномаи ваҳдати миллӣ ва сулҳ дар моҳи июни соли 1997 барқароршавии ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ба қайд гирифта шуд. Чи хеле ки маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медиҳанд, танҳо дар соли 2013 ноил шудан ба сатҳи соли 1991 аз рӯи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 98,2% имконпазир шуд [15,с.16-22].

**Ҷадвали 2. Динамикаи истеҳсоли маҳсулот аз рӯи соҳаҳо (1991=100)**
**Table 2. Dynamics of production by sectors (1991=100)**

| | 1991 | 1997 | 2000 | 2005 | 2010 | 2012 | 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти саноатӣ | 100 | 32,3 | 40,6 | 70,2 | 80,8 | 94,6 | 98,2 |
| Маҳсулоти хоҷагии қишлоқ | 100 | 52,3 | 62,3 | 94,8 | 106,3 | 107,9 | 110,2 |
| Гардиши наклиётии молҳо | 100 | 26,9 | 11,9 | 22,4 | 36,6 | 40,7 | 46,8 |
| Хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ | 100 | 10,6 | 26,6 | 51,4 | 82,5 | 97,8 | 109,0 |

Сарчашма: Таджикистан: 20 лет государственной независимости. Статистический сборник. -Душанбе, 2011. -С. 514-515, 576-577, 662-663, 893-894; Таджикистан в цифрах. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. -Душанбе, 2014. -С.19-22.

Ҳамин тариқ вазъияти иқтисодиёти миллӣ дар солҳои 1997-2013-ро ҳамчун давраи барқароркунӣ, на ин ки худи инкишоф арзёбӣ намудан мумкин аст. Ҳангоми таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои беруниқтисодӣ дидан мумкин аст, ки дар шароити пастшавӣ ва давраи баъдинаи барқароршудаи рушд, ҳаҷми тиҷорати беруна ба таври динамикӣ дар пасманзари пастшавии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ афзоиш ёфтааст.

Барои мисол дар соли 2013 ҳаҷми содирот ва воридот нисбат ба соли 1991 17,1 ва 65,5 маротиба зиёд гардид. Ба рушди босуръат нигоҳ накарда, дар нишондиҳандаҳои мутлақ содирот ва воридот нисбатан кам мебошанд [1].

Эҳтимол меравад, ки сабабҳои асосии афзоиши содирот инҳо буданд:

- якум, дар давраи солҳои 1991-2000 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаҳои молиявӣ барои маблағгузории қарзҳои хориҷӣ эҳтиёҷ дошт. Асъори хориҷӣ дар шароити равандҳои инфлятсионӣ арзиши хеле калон дошт;

- дуюм, норасоии доимии пул дар бозори дохилӣ барои таъмин намудани талаботҳои воридот ва пур намудани воситаҳои гардиши он, ки моҳиятан молҳоро ба бозори беруна равона мекарданд. Дар 20 соли охири инкишофи мамлакат, хисласти аёшгии сохтори содирот афзуд. Мисол, агар дар соли 1991 ҳиссаи металлургияи ранга, электроэнергетика ва саноати сӯзишворӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ 12,4%-ро ташкил медод, нишондиҳандаҳои мувофиқи соли 2013 ба 37,8% баробар шуд. Дар баробари ин, ҳиссаи соҳаҳое, ки маҳсулоти тайёр истеҳсол мекарданд, кам гардид. Асосан камшавии истеҳсолот дар саноати сабук, саноати кимиё ва коркарди металлҳо ба амал омад.

Таносуби номгӯйи маҳдуд ва тамоюли ашёгии содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки элементҳои асосии он арзизи аввалиндараҷа ва нахи пахта (дар солҳои алоҳида зиёда 50%-и содироти мамлакат ба онҳо рост меояд) мебошанд, иқтисодиёти мамлакатро аз конюктураи беруна, тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ ба маҳсулоти ашёгӣ вобаста мегардонад.

Сохтори воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шароитҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки мамлакат дар он қарор дорад, вобастагии зиёд дорад. Дар соли 2017 70%-и ҳаҷми воридоти мамлакат ба маҳсулоти минералӣ, воситаҳои нақлиётӣ, маҳсулоти растанипарварӣ, маҳсулоти саноати кимиёвӣ, металлҳои нимқиматбаҳо ва маҳсулот аз онҳо рост меомад.

Дар ин маврид ҳиссаи воридоти молҳои таъиноти истеҳсолӣ ва таҷҳизоти технологӣ ба мамлакат хеле кам мебошад.

Яке аз самтҳои муҳим дар стратегияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд мукаммалгардонии сохтори содироти ватанӣ дар асоси васеъкунии номгӯй ва беҳтаргардонии сифати маҳсулоти содиротӣ бошад, чунки зиёдкунии ҳаҷми тиҷорати беруна ҳангоми нигоҳ доштани тамоюлҳои ҷойдошта метавонад тамоюли ашёгӣ ва номувозинатҳоро дар иқтисодиёт зиёд кунад. Воридшавии иқтисодиёти миллӣ ба хоҷагии ҷаҳонӣ бо роҳи афзоиши содирот, бо нигоҳ доштани сохтори ҳозираи содирот дурнамо надорад. Барои иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ноил гардидан ба инкишофи иқтисодии мукаммал, сиёсати мақсадноки давлатӣ оиди инкишоф ва диверсификатсияи иқтидори содиротии мамлакат зарур мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Ҳусайнов М.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2014. –С.19-22.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2016. –С.10-15.
3. Алиев А.Д. ООН и вопросы проведения операции по поддержанию мира и стабильности в Таджикистане / А.Д. Алиев // Паём. – 2019. -т. 17. -С.252.
4. БИКИ. 1998. Приложение №2. (Электронный ресурс. Дата обращения 13.01. 2021с). -С. 132.
5. Виноградова Т.В. 2013. 01. 014. Тарговский А. Поль (Павел) Бэран (1926–2011)– изобретатель Интернета, который объединил человечество. Targowski A. Paul (Pawel) Baran (1926–2011)–Inventor of the Internet, who has communicated humanity // dialoque a universalism.– Warsaw, 2011.–Vol. 21. -№1. -P.47–60 // Социальные и гуманитарные науки. Отечественная и зарубежная литература. Сер. 8, Науковедение: Реферативный журнал. – М., 2013. -№1.
6. Катасонов В. Бреттон-Вудс: ключевое событие новейшей финансовой истории. (манбаи электронї) – Litres, 2017. -452 с.
7. Най, Дж.С. (мл.) Взаимосвязь и изменяющаяся международная политика / Дж.С. Най // Мировая экономика и международные отношения. –М., 1999. -№12.
8. Оймаҳмадов М. Иқтисодиёти ҷаҳон / М. Оймаҳмадов, М. Муртазоев. –Душанбе, 2001. –С.8-9.
9. Протопопов А.С. История международных отношений и внешней политики России / А.С. Протопопов, В.М. Козьменко, Н.С. Елманова. – Аспект-пресс, 2008. -186 с.
10. Созмони Милали Муттаҳид (сомонаи интернетӣ санаи муроҷиат 2.04.2021с).
11. Солехзода А.А. Некоторые аспекты регулирования внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан в рамках макроэкономической политики [Текст] / Солехзода А.А., П.О. Шарифов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2020. -№6. –С.5-9.
12. Таърихи ҷаҳонӣ. -М.: Социздат, 1999. Т. IX. ш. Душанбе саҳ. 178.

13. Хикматов С.Х. Состояние экономики и деятельность кредитных организаций Таджикистана: ситуации, проблемы и развитие [Текст] / С.Х. Хикматов, Чахоншох С. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. -№6. –С.16-20.
14. Шевчук Д. Мировая экономика / Д. Шевчук. -Litres, 2017.
15. Martin L.L. Theories and empirical studies of international institutions / L.L. Martin, B.A. Simmons // International organization. – 1998. -T. 52. -№4. -С.729-757.
16. Statistical Yearbook 1997. -N.-Y., 1998. -P. 77.
17. Yearbook of International Trade Statistics 1996. -N.-Y., 1998. -P.12-13; International Financial Statistics. - 1999. -№4. -P.32-33.

## ГУРӮҲБАНДИИ ШАКЛҲОИ СОДИРОТ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Афзоиши талабот дар навбати худ ба рушди иқтисод мусоидат мекунад, аз бӯҳрони иқтисодӣ ва оқибатҳои он - таваррум ва бекориро раҳо месозад. Ин назария дахолати давлат дар раванди истеҳсоли такрорӣ ё таҷдидро қонунӣ карда, вазифаи давлатро дар самти иқтисоди хориҷӣ бо мазмуну муҳтавои нав муаррифӣ намуд. Солҳои зиёд ҳамчун субъектҳои асосӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ, тибқи қоида, ин ё он монополияҳои хусусии капиталистӣ, ширкатҳои бузург ва консернҳои хусусӣ баромад мекарданд, акнун якҷо бо онҳо ин вазифаро бевосита худи давлатҳо ба зимма мегиранд. Бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ кишварҳоро барои пайдо кардани роҳҳои нави танзими муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ (МИБ), таҳияи стратегияи ҳамаҷониба ва мутобиқшудаи иқтисодӣ такон дод. Мутобиқати анъанавии сиёсати иқтисодӣ дар асоси муносибати дуҷониба ҳамчун воситаи муассир барои танзими МИБ камтаъсир гардид. Масъалаи марказии иштироки самаранок ва фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, ин интихоб ва инкишофи босуръати соҳаҳои саноати дорои имкониятҳои содиротӣ мебошад. Стратегияҳои илман асосноккардашуда, барномаҳо, тактикаи инкишофи соҳаҳое, ки дорои иқтидори калони содиротӣ мебошанд, зарур аст. Ба фикри мо ташкилкунии мақсаднок махсусгардонии содиротии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба катализатори муҳимтарини рушди иқтисодӣ муббадал гардад.

**Калидвожаҳо:** католизатор, рушди иқтисодӣ, стратегияҳои илман асосноккардашуда, тақсимоти байналхалқии меҳнат, соҳаҳои саноат, бӯҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ, сиёсати иқтисодӣ, консернҳои хусусӣ, истеҳсоли такрорӣ, субъектҳои асосӣ, имкониятҳои содиротӣ, тактикаи инкишофи соҳаҳо.

## КЛАССИФИКАЦИЯ ФОРМ ЭКСПОРТА В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ЭТАПЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Растущий спрос, в свою очередь, способствует экономическому росту, снимает экономический кризис и его последствия - инфляцию и безработицу. Эта теория узаконила вмешательство государства в процесс воспроизводства или обновления и представила роль государства в сфере зарубежной экономики с новым содержанием. На протяжении многих лет главными субъектами экономических отношений, как правило, выступали те или иные частнокапиталистические монополии, крупные компании и частные корпорации, а теперь вместе с ними эту задачу берут на себя непосредственно сами государства. Мировой финансовый кризис побудил страны искать новые способы регулирования международных экономических отношений (МЭС), разрабатывать комплексную и адаптивную экономическую стратегию. Традиционная согласованность экономической политики, основанная на двустороннем подходе как действенном инструменте регулирования ВВП, ослабла. Центральным вопросом эффективного и активного участия Республики Таджикистан в международном разделении труда является выбор и быстрое развитие отраслей, обладающих экспортным потенциалом. Нужны научно обоснованные стратегии, программы и тактики развития отраслей с большим экспортным потенциалом. На наш взгляд, важнейшим катализатором экономического развития может стать адресная организация экспортной специализации экономики Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** катализатор, экономическое развитие, научно обоснованные стратегии, международное разделение труда, отрасли, глобальные финансовые кризисы, экономическая политика, частные предприятия, воспроизводство, ключевые игроки, экспортные возможности, тактика развития отрасли.

## CLASSIFICATION OF EXPORT FORMS UNDER THE CONDITIONS OF GLOBALIZATION AND THE STAGES OF ITS DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Growing demand, in turn, contributes to economic growth, removes the economic crisis and its consequences - inflation and unemployment. This theory legitimized state intervention in the process of reproduction or renewal and presented the role of the state in the foreign economy with new content. For many years, the main subjects of economic relations, as a rule, were one or another private capitalist monopoly, large companies and private corporations, and now, together with them, this task is taken on directly by the states themselves. The global financial crisis prompted countries to look for new ways to regulate international economic relations (IERs), to develop a comprehensive and adaptive economic strategy. The traditional coherence of economic policy, based on a bilateral approach as an effective tool for regulating GDP, has weakened. The central issue of effective and active participation of the Republic of Tajikistan in the international division of labor is the selection and rapid development of industries with export potential. Science-based strategies, programs and tactics for the development of industries with great export potential are needed. In our opinion, the targeted

organization of the export specialization of the economy of the Republic of Tajikistan can become the most important catalyst for economic development.

**Keywords:** economic development, evidence-based strategies, international division of labor, industries, global financial crises, economic policy, private enterprises, reproduction, key players, export opportunities, industry development tactics.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Давлатов Анушервон Аъзамбекович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктoранти Ph.D-и кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **anushervon2030@mail.ru.** Телефон: **(+992) 904-46-00-34**
***Қодирзода Фарҳоди Анвар* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-65-66-99**. E-mail: **f123085@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Давлатов Анушервон Аъзамбекович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **anushervon2030@mail.ru.** Телефон: **(+992) 904-46-00-34**
***Кодирзода Фарход Анвар*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-65-66-99.** E-mail: **f123085@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Davlatov Anushervon Azambekovich*** - Tajik National University, doctoral candidate Ph.D of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail**: anushervon2030@mail.ru.** Phone: **(+992) 904-46-00-34**
***Kodirzoda Farhod Anvar*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **907-65-66-99**. E-mail**: f123085@mail.ru**

УДК 336.14

# АСОСҲОИ НАЗАРЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

*Иноятова М.З., Маҷидзода Д.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ таваҷҷуҳи давлат ба масъалаи бо кор таъмин намудани аҳолӣ нигаронида шуда ва ба ин масъала аз нуқтаи назари иҷтимоӣ диққати махсус дода шудааст. Афзоиши шуғли аҳолӣ, бахусус шуғли пурсамар дар бозори номукаммали меҳнат вазифаи аввалиндараҷаи стратегияи иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад. Ҳамзамон, “зарурати афзоиши миқдори шуғли устувори истеҳсолӣ ва ҳосилнокии меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш, ҳадафи асосии рушди соҳаи меҳнат дар Тоҷикистон дар дарозмуддат хоҳад буд” [9,с.82].

Мақсади ҳамаи системаҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ин таъмини афзоиши иқтисодӣ, ки асоси баландравии некуаҳволӣ ва дараҷаи зиндагии аҳолиро дар бар мегардад, мебошад. Дараҷаи шуғл ин яке аз нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Чуноне, ки Н.А. Волгин дар моногрвфияи худ «бозори меҳнат ва даромади аҳолӣ» ақидаи як қатор олимҳоро ба назар гирифта, менависад, ки ибораи шуғл танҳо падидаи иқтисодӣ нест. Ҳамчун нишондиҳанда равандҳои демографиро дар бар мегирад ва ҳамчун қисми сиёсати иҷтимоӣ баромад мекунад, яъне мазмуни демографӣ ва иҷтимоӣ низ дорад. Ҳамин тариқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки шуғл ҳамчун нишондиҳандаи макроиқтисодӣ мазмуни демографӣ ва иҷтимоиро доро мебошад [10,с.15]. Шуғл ҳамчун объекти омӯзиши иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, фаҳмиши васеи ҳодисаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба монанди бозори меҳнат, корфармоён ва коргарони кироя, бозори молҳо, бозори тахассусҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳамаи ин ҳодисаҳо бо якдигар зич алоқаманданд ва гирифтори таъсири зидиятҳои иҷтимоӣ, ки намояндаи онҳо дар доираи шуғл корфармоён (соҳибони воситаҳои итеҳсолот) ва коргарони кироя (дорандагони қувваи корӣ) мебошанд. Дар натиҷаи якҷоя амал кардани онҳо системаи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ пайдо мешавад. Аз нуқтаи назари муносибат ба бозори меҳнат онҳо метавонанд, дар яке аз се ҳолатҳо бошанд. Шахс шуғлманд ҳисобида мешавад, дар ҳолате, ки кор дошта бошад, бекор ҳисобида мешавад, агар кор надошта бошад ва фаъолона дар ҷустуҷӯи кор бошад. Дар маҷмуъ, шуғлмандон ва бекорон, аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро ташкил мекунанд. Агар шахс (дар синну соли мувофиқ) ҷои кор надошта бошад ва дар ҷустуҷӯи кор набошад, дар ин ҳолат вай ҳамчун аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол ҳисобида мешавад ва аз бозори меҳнат берун мемонад. Чунин тақсимоти аҳоли ба се статус пайдо шудааст, мувофиқи нишондодҳои умумии қабулшуда. Мувофиқи нишондоди Ташкилоти Байналхалқии меҳнат (ТБМ) ба шуғлмандон дохил мешаванд шахсони ҳарду ҷинс дар синну соли муайян боло (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сола), ки дар давраи дида шуда корӣ кирояи муайянеро бо подоши муайян дар шароити пурра ё нопурраи вақти корӣ ва ғайра, ки даромад меорад новобаста аз муддатҳои гирифтани музд ё даромад барои фаъолият ибораи «кори муайян» гуфта киреро мегӯянд, ки дар муҳлати на кам аз як соат иҷро шавад. Ҳамин тариқ, ибораи шуғл дар бар мегирад ҳамаи ҷанбаҳои зиндагии инсонро, на танҳо ҷанбаҳои иқтисодии онро. Шуғл асосан ин муносибати фаъол ва эҷодкоронаи субъектҳо ба фаъолияти зиндагӣ мебошад. Ин на танҳо таъмини аҳолӣ ба корҳои пардохтшаванда, инчунин, маҷмуи нишондиҳандаҳои иқтидори меҳнатии ҷамъият, ки фаъолиятҳои моддӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маданӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Шуғл метавон аз рӯи статус дар як чанд шакл баромад кунад:

- аз нуқтаи назари истеҳсолот (меҳнат), чунки шароити он барои ташкили ҷараёни истеҳсолот зарур аст, пайвастани кормандон бо воситаҳои истеҳсолот;
- аз нуқтаи назарӣ истеъмолот - ҳавасманд гардонии моддии корманд барои фаъолияти меҳнатӣ;

- ➢ аз нуқтаи назарӣ тақсимоти меҳнат - мутасаддӣ намудани корманд ба ягон доираи фаъолият [13,с.220].

Таҳлили равишҳои мавҷудаи омӯзиши назарияи шуғл нишон дод, ки сар карда аз назарияи классикӣ то назарияи неоклассикӣ, бо итминон метавон гуфт, ки мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ноил шудан ба шуғли пурраи ашхоси аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро таъмин менамоянд.

Дар шароити муосир таъмини шуғли аҳолӣ аз рушди иқтисодиёт, ба хусус соҳаи саноатӣ бо истеҳсолоти агросаноатӣ алоқаманд ва соҳаи иҷтимоӣ иборат буда, вобастагии мустақим дорад. Дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодаанд, вазъи шуғли аҳолиро куллан тағйир додаанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд намуд, ки аҳолии мамлакат дар давраҳои оянда боз ҳам афзоиш меёбад, инчунин, бо баробари ҷорӣ намудани техникаву технологияҳои нав ва истифодаи усулҳои нави ташкили истеҳсолот шумораи мутлақи машғулбудагон коҳиш меёбад. Ҳамзамон, мураккабии ҳаллу фасли масъалаи шуғл дар деҳот бо чунин ҳолат шарҳ дода мешавад, ки минтақаҳои деҳот асосан минтақаи моноистеҳсолӣ маҳсуб ёфта, доираи истифодабарии меҳнат дар ин самт маҳдуд дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, шуғл дар ҷамъият амал мекунад, ҳодисаи доимии бавуҷуд оваранда, ки характери танафусӣ барои кормандони аллоҳида дорад. Субъекти шуғл шаҳрвандони қобили меҳнат ва объекташ - ҷойҳои корӣ мебошад. Мувофиқи нишондодҳои оморӣ ба қувваи корӣ дар мамлакатҳои гуногун, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мекунанд ҳамаи шуғлмандон ва бекоронро. Шуғлро ҳамчун категорияи иқтисодӣ чунин тавсиф додан мумкин аст, яъне шуғл - ин маҷмуи муносибатҳои кормандони кироя оиди иштироки онҳо дар фаъолияти меҳнатӣ ва корфармо, ки алоқаманд аст, ба қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, ки бо қонунҳои амалкунанда муқобил нест ва натиҷааш гирифтани даромад мебошад, меноманд [13,с.222]. Ҳамчун категорияи иҷтимоӣ шуғл - ин иҷрои ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба меҳнат мебошад, ки ҳар як аъзои ҷаъмият худаш ва оилаашро ба воситаҳои зарурии зиндагӣ ва тараққиёт таъмин менамояд (даромад, саломатӣ, малумот ва ғайра).

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон, шуғл ҳамин хел тавсиф дода шудааст. Дар статистикаи мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон, шуғл ин тавр таъриф дода мешавад. «Ин миқдори аҳолие мебошад, ки барои музди кор бо мақсади гирифтани даромад фаъолиятеро иҷро менамояд» [11,с.13].

Шаҳрвандон барои ихтиёрдорӣ намудани қобилияти меҳнатӣ - истеҳсолӣ ва эҷодияшон ҳуқуқи комил доранд. Ба тариқи маъмурӣ, дар кадом шакле, ки бошад, ба меҳнат маҷбур кардани шаҳрвандон манъ аст, ба истисноии мавридҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷиткистон пешбинӣ намудааст.

Давлат барои амалӣ гардонидани сиёсати мусоидати пурраю сермаҳсул ва озодона интихоб намудани шуғл, ки он ба фароҳам овардани шароит бахри амалӣ гардонидани ҳуқуқи меҳнатии шаҳрвандон нигаронида шудааст, маъсул мебошад.

Масъалаи шуғли аҳолӣ яке аз масъалаҳои зарурии иқтисодӣ – иҷтимоӣ дар шароити имрӯза ба ҳисоб меравад. Инкишоф ва тараққиёти иқтисодиёти дилхоҳ давлат ва худи ҷамъият дар маҷмуъ, бо сатҳи муаяйни сохтор ва шумораи аҳолӣ, инчунин, бо захираҳои меҳнатии кишвари мазкур вобаста аст. Аҳолӣ дар навбати аввал, ин сарчашмаи мустақими захираҳо барои бозори меҳнат, ки пешбарандаи муносибатҳои муқарраргардидаи иқтисодӣ, дар ҳолати дуюум бошад, қисми аҳолии қобилияти меҳнатӣ доштаи он ба сифати омили субъективӣ ва шахсии истеҳсолот баромад мекунад.

Меҳнат раванди дарки фаъолияти оқилонаи одамон аст, ки бо кумаки он шакливазкунии объектҳо ва захираҳои табиӣ, инчунин, мутобиқшавии он барои қаноатмандгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ сурат мегирад.

Шуғли аҳолӣ- ҳамчун падидаи муносибатҳои иқтисодӣ на танҳо моҳияти иқтисодии дар низоми муносибатҳои муосири иқтисодӣ дошта, балки вобаста аз характер ва сатҳи таъмини кормандон бо ҷойҳои корӣ, он ҳамчун категорияест, ки низоми комплексӣ дошта, фарогирандаи маҷмуи рафтори инсониро дар ҷанбаи иҷтимоӣ, ки ба талаботҳои ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бударо дар назар доранд [12,с.20]. Бинобар ин, шуғли аҳолӣ сатҳи

ҷалби аҳолиро ба меҳнат тавсиф ва вазъияти онро дар давраи таҳлилшаванда муаяйн мекунад.

Шуғл категорияи махсус буда, таносубан дар ҳамаи форматсияҳои иҷтимоӣ- иқтисоӣ дар шаклҳои гуногун арзи вуҷуд мекард. Дар обшинаи ибтидоӣ, ҳамаи аъзоёни он пурра ба меҳнат шуғл баста буданд, ки дар он замон қувваҳои истеҳсолкунанда дар сатҳи пасттарин буданд. Баъдан дар форматсияҳои ғуломдорӣ ва феодалӣ шуғл дар ҳадди пасти ғуломон ва ғуломдорон буд, дар форматсияи капиталистӣ, ки бозори иқтисодӣ тараққӣ мекунад, одам озод аст ва ҳамчун коргари кироя (зархарид) мебошад, одамони ба кор банд нашуда дар шакли бекори табии ва маҷбурӣ ҳастанд. Ин шакли махсуси форматсияро нишон медиҳад, ки асосашро моликияти шахсӣ ташкил медиҳад. Дар системаи сотсиалистӣ, ки асосашро моликияти ҷамъиятӣ ба воситаҳои истеҳсолот ташкил медиҳад, қувваи корӣ дар шакли озод ба воситаҳои истеҳсолот, ки ҷамъиятӣ мебошад, озод якҷоя шуда, шуғли пурраи аъзоёни ҷамъиятро ба амал меоранд [5,с.120]. Агар шуғл дар системаи капиталистӣ дар натиҷаи таррақиёти қувваҳои истеҳсолкунанда бекориро зиёд кунад, шуғли давраи сотсиалистӣ фақат барои хубтар кардани шароити корӣ, кам кардани вақти корӣ, зиёд намудани вақти истироҳат, зиёд намудани боигарии ҷамъиятӣ равона карда шуда буд. Ба аҳолии шуғлнок инҳо мансубанд:

- шаҳрвандоне, ки ҳамчун коргари кироя кор мекунанд, аз ҷумла, шаҳрвандоне, ки дар давоми рӯзи (ҳафтаи) пурра ё нопурраи кор бо подош кор мекунанд, инчунин, шаҳрвандони машғули кори музднок, ки он аз рӯи шартномаи дахлдор, қарордод, созишнома тасдиқ гардидааст, вале онҳо ба сабаби беморӣ, рухсатӣ корпартоии таваққуфи истеҳсолот муваққатан кор намекунанд;
- шаҳрвандоне, ки мустақилона худро ба кор таъмин менамоянд, аз ҷумла соҳибкорон ва шахсоне, ки бо фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд, аъзоёни кооперативҳои истеҳсолӣ, фермерҳо, аъзоёни оилаҳое, ки дар истеҳсолот, иштирок мекунанд.
- шаҳрвандоне, ки ба вазифаи маошдор интихоб, таъин ва тасдиқ шудаанд;
- хизматчиёни ҳарбие, ки дар сафҳои қувваҳои Муссалаҳ, қушунҳои сарҳадӣ, дохилӣ ва роҳи оҳан, органҳои бехатарии давлатӣ ва корҳои дохилӣ хизмат мекунанд;
- шаҳрвандони корманди дигар мамлакатҳо, ки муваққатан ба ҷумҳурӣ омадаанду вазифаҳои новобаста бо таъмини фаъолияти сафоратхонаҳо ва намояндагиро иҷро менамоянд;
- хонандагони мактабҳои маълумоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, мактабҳои миёнаи махсус, донишкадаҳои олӣ ва дигар намудҳои таълимӣ рӯзона;
- шахсоне, ки бо дигар намудҳои фаъолият, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, машғул мебошанд [4,с.2].

Бо тарзи машғулият ҳамаи шуғлмандонро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1. Шуғлмандони соҳаи иқтисодиёт, ки фаъолияти пардохтшаванда доранд.
2. Хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар фаолияти меҳнатии бемузд (даромад) ҳастанд. Дар ҳолати гузаштан ба хизмати шартномавӣ – ба статуси шуғлмандони саҳаи иқтисодиёт мегузаранд.
3. Хонандагони ҷудо аз истеҳсолот.

Бо шакли ҷалбкунӣ ба фаъолияти меҳнатӣ, шуғлмандони соҳаҳои иқтисодиёт ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

- Коргарони кироя. Ба онҳо дохил мешаванд шуғлмандоне, ки қувваи кориашонро мефурӯшанд.
- Корфармоён. Ба онҳо дохил мешаванд соҳибкороне, ки қобилияти соҳибкориашонро мефурӯшанд.
- Худшуғулмандон. Ба онҳо дохил мешаванд шуғлмандоне, ки аз ҳисоби худашон фаъолият мекунанд; аъзоёни кооперативҳои истеҳсолӣ, ки қувваи кориро доимо истифода намебаранд.

Мувофиқи тақсимоти байналхалқии статуси шуғл ҷудо мекунанд шаш гурруҳи шуғлмандонро:

- кормандони кироя;

- корфармоён;
- шахсони аз ҳисоби худ фаълият мекардагӣ;
- аъзоёни кооперативҳои истеҳсолӣ;
- аъзоёни оилаи ёрдамдиҳанда;
- кормандоне, ки бо статус тақсим намешаванд [13,с.224].

Давлатҳои ҷаҳон баҳри самаранок идора намудани захираҳои меҳнатии худ, роҳу равиш ва стратегияҳои махсуси худро бо назардошти хусусиятҳои хосси табиӣ-ҷуғрофӣ ва миллӣ-иҷтимоии кишварашон интихоб мекунанд. Баҳри таҳлилу баҳогузории дақиқу аниқи равандҳои демографӣ ва коркарди стратегияи идоракунии захираҳои меҳнатӣ, ифодаҳои сифатӣ ва шуморавии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ истифода бурда мешавад. Ба таври дигар гӯем, барои аз ҷиҳати шуморавӣ ва сифатӣ ифода кардани аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ нишондиҳандаҳои таваллудшавӣ, фавтшавӣ ва афзоиши табиӣ истифода бурда мешаванд.

Яке аз самтҳое, ки бевосита ба шуғли аҳолӣ алоқаманд ва кулли муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии онро фаро мегирад, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба шуғли аҳолӣ танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷумла кафолатҳои давлатро дар амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муқаррар менамояд.

Дар қонуни мазкур принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ чунин муайян карда шудаанд:

- меҳнати ихтиёрӣ, ки мувофиқи он шуғл ба изҳори озодонаи иродаи шаҳрвандон асос меёбад;
- таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи шаҳрвандон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк дар интихоби озодонаи машғулият;
- фароҳам овардани шароите, ки ҳаёти сазовор ва инкишофи озодонаи инсонро таъмин менамояд;
- дастгирӣ намудани ташаббуси меҳнатӣ ва соҳибкории шаҳрвандон, мусоидат намудан ба инкишофи қобилияти онҳо нисбат ба меҳнати самаранок ва эҷодӣ, ки дар доираи қонуният амалӣ мегардад;
- тамоюли низоми маориф ба тайёр намудани кадрҳо мувофиқи талаботи бозори меҳнат;
- таъмини ҳифзи иҷтимоӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ, гузаронидани чорабиниҳои махсус, ки барои ба машғулият фаро гирифтани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолии ба ҳифзи иҷтимоӣ махсусан муҳтоҷ ва дар ҷустуҷӯи кор мусоидат менамоянд.
- ҳатмӣ будани пардохтҳои иҷтимоӣ ба Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади амалӣ намудани суғуртаи иҷтимоии кормандони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ;
- пешгирии бекории оммавӣ ва кам намудани бекории тулонӣ;
- ба бекорон додани кафолатҳо ва ҷубронҳои иҷтимоӣ;
- ҳамбастагии мустақилияти мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар масъалаҳои шуғли аҳолӣ бо мувофиқати фаъолияти онҳо ҳангоми татбиқи барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- муқаррар намудани имтиёзҳо бо корфармоёне, ки ҷойҳои кории амалкунадаро нигоҳ дошта, ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, аз он ҷумла барои шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ махсусан эҳтиёҷманданд ва дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд;
- ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи шуғли аҳолии бо дигар самтҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- ташкили ҳамкории байналмилалии дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, бо назардошти фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва

фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, риоя намудани меъёрҳои байналмилалии меҳнат.

- иштироки иттифоқҳои касаба, дигар мақомоти намояндагии кормандон, иттиҳодияҳои корфармоён, аз он ҷумла ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти идораи давлатӣ дар таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳои таъмини шуғли аҳолӣ [4,с.14].

Чуноне, ки мебинем, принсипҳои асосии сиёсати пешгирифтаи давлат дар соҳаи шуғл мантиқан дуруст ва хеле оқилона мебошанд ва куллӣ мушкилоти соҳаи шуғлро чи дар ҷанбаҳои иктисодӣ ва чи дар ҷанбаҳои иҷтимоӣ дар бар мегирад. Вале бо вуҷуди ин, масоили шуғли аҳолӣ имрӯзҳо натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар куллӣ мамолики Осиёи Миёна, яке аз масоили муҳимтарине ба ҳисоб мераванд, ки ҳаллу фасли онҳо андешидани чораҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд. Аз тарафи давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳои марбут ба қонуну қонунгузорӣ дар самти мусоидат ба шуғли ахолӣ андешида шудаанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», ки қаблан ҳам зикр карда шуд, фарогири кулли масоили вабоста ба шуғли аҳолӣ мебошад. Акнун танҳо то чи дараҷа оқилонаву самаранок истифода бурда тавонистани кафолату имтиёзҳои пешниҳод намудаи давлат, аз тарафи шаҳрвандон, метавонад вазъи шуғли аҳолиро дар оянда муайян намояд.

Такмилдиҳии тавсифи тахассусӣ-касбии қувваи корӣ барои рафъи сабабҳои асосии бекорӣ- мувофиқат накардани тавсифоти сифатии ҷойҳои холӣ ва бекорон мусоидат кунад. Барои ин, фаъолияти сохторҳои хадамоти шуғл дар бахши омодакунии касбӣ ва бозомӯзиши кадрӣ аз шумораи шаҳрвандони деҳоти ҷумҳурӣ, бояд ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва такмилдиҳии ҳайати тахассусӣ-касбии иқтидори меҳнатии кишвар сафарбар карда шавад. Дар ин ҷо бояд тазаккур дод, ки камбизоатӣ дар шароити муосир, метавонад ба таври манфӣ ба раванди истифодаи оқилонаи иқтидори иқтисодии ҳудудҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонад.

Вазъияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст, ки дар солҳои наздик таъсиси ҷойҳои нави кориро то 300 ҳаз. нафар дар миқёси ҷумҳурӣ ва субъектони бахши аграрӣ пешбинӣ менамоянд. Раванди бунёди сохторҳои бозорӣ характери пешравиро касб намудааст, ки шумораи зиёди кормандони сифатан ба талаботи имрӯза ҷавобгӯйро талаб мекунад. Ҳолати мазкур имкон намедиҳад, ки ба таври реалӣ дурнамои талаботро ба қувваи корӣ, аз ҷумла дар сатҳи касбӣ-тахассусӣ пешгӯӣ намуд. Аз ин рӯ, дар хоҷагии қишлоқ айни замон зарур аст, ки кумакро ба нафарони мушаххас, ки дар ҷараёни ивази тахассус ва ҷойи кор ё ҳолатҳои аз даст додани саломатӣ бекор мондаанд, равона сохт.

Дар чунин шароит фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксар маврид муайянкунандаи амалисозии сиёсати шуғл ва истифодаи имкониятҳои низоми омодакунӣ, бозомӯзӣ ва самтгирии касбӣ ба шумор меравад, ки ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки ба таври воқеӣ ба миқёси захиракунии қувваи корӣ ва коҳиши бекорӣ мусоидат намояд. Давлат бозори меҳнатро тавассути фишангҳои давлатии сиёсати иқтисодӣ (сатҳи андозбандии даромадҳои меҳнатӣ, музди маоши минималӣ, сиёсати шуғл, таъсиси марказҳои давлатии шуғли аҳолӣ ва ғ.) ба танзим медарорад.

Унсури муҳимми татбиқи бозсозиҳо дар мамлакат, ин ислоҳоти муносибатҳои иҷтимоиву меҳнатӣ, ки ба талаботҳои вазъи бозорӣ, ҷавобгӯ бошанд, арзёбӣ мегарданд.

Дар маҷмуъ, татбиқи самтҳои асосии асоснокгардида ва таҳиягардидаи консепсияи шуғли маҳсулноки аҳолии маҳаллии деҳот, ки такмили механизми танзими давлатии бозори меҳнат ва шуғли аҳолиро пешбинӣ менамояд, ба таъмини рушди иқтисодӣ ва баландбардории сатҳи ҳаёти аҳолӣ дар давраҳои пешбинишаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Искандаров Ҳ.Ҳ.**

**АДАБИЁТ**

1. Искандаров Х.Х. Методологические основы обеспечения конкурентоспособности работников на рынке труда / Х.Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2016. -№2/4(204). -С.16-21.

2. Искандаров Х.Х. Эффективность системы подготовки кадров и развития потенциала трудовых ресурсов / Х.Х. Искандаров, Р.Ф. Неъматов // Вестник Таджикского государственного национального университета. Серия: Экономика. -Душанбе: Сино, 2007. -№1(33). -С.219-225.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ». – С. 4. [Манбаи электронӣ]. URL: medt.tj/documents/main/normativno.../02525-tj.pdf.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ». – С. 8. [Манбаи электронӣ]. URL: medt.tj/documents/main/normativno.../02525-tj.pdf.
5. Костаков В.Г. Прогноз занятости населения. Методологическое основы / В.Г. Костаков. -М: Экономика, 1979. – 184 с.
6. Медведев А.В. Современные подходы к формированию кадрового потенциала для устойчивого развития сельских территорий / А.В. Медведев // Вестник Российской Академии естественных наук. Серия экономическая. – 2010. -№2. -С.52-54.
7. Набиева Д.М. Моделирование факторов, влияющих на занятость населения сельской местности / Д.М. Набиева, С.С. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/4. –часть1. –С.33-40.
8. Набиева Д.М. Особенности и перспективы развития рынка труда в Республике Таджикистан / Д.М. Набиева, Н.С. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе, 2015. -№2/1(157). –С.169-174.
9. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г. - С.82.
10. Савченко П. Человек в экономике / П. Савченко, М. Федорова // Общество и экономика. – 2008. -№7.-С.5-19. Савченко П. Человек в экономике / П. Савченко, М. Федорова // Общество и экономика. – 2017. -№7. -С.5-19.
11. Саламова Г.Г. Институциональные основы формирования и развития рынка труда в Республике Таджикистан: автореф. дисс. на. соиск. уч.ст. к.э.н. / Г.Г. Саламова. -Душанбе, 2006. -29 с.
12. Ходиев Д.А. Анализ системы подготовки кадров аграрного профиля в Республике Таджикистан / Д.А. Ходиев, Х.Х. Искандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/4. -Ч.2. -С.13-20.
13. Яҳёев О.З. Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат / О.З. Яҳёев, Д.А. Ҳодиев. -Душанбе: Ирфон, 2007. -275 с.

## АСОСҲОИ НАЗАРЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Дар мақола роҳҳои назариявии шуғли аҳолӣ дида баромада шудаанд. Муаллифони мақола муайян кардаанд, ки шуғли аҳолиро аз тарафи муносибатҳои меҳнатӣ дар сатҳи микро ва макро дида баромадан лозим аст. Самтҳои шуғли инфиродӣ дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ кор карда баромада шудаанд. Ҳамчунин, дар мақола аз тарафи муаллифон роҳҳои рушди шуғли инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд. Феълан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди инкишофёбии иқтисодиёт ба мушоҳида мерасад, ки чунин тамоюл ба раванди ташаккулёбии синфҳои нави иҷтимоӣ, аз ҷумла аҳолии табақаи камбизоат, синфи миёна ва сарватманд, ки яке аз омилҳои асосии устувори иқтисодиёт маҳсуб меёбанд, арзёбӣ карда мешавад. Аз ин хотир, тадқиқотбарии комплекси муносибатҳои меҳнатӣ на танҳо аҳамияти иҷтимоиву иқтисодӣ, балки сиёсиро низ касб намуда, он ба инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳову бахшҳои иқтисоди миллӣ, бахуссус, дар комплекси аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият пайдо мекунад. Муаллифон пешниҳод менамоянд, ки воқеан сиёсати бозори меҳнат инъикоскунандаи рушди иқтисодии давлат буда, барои таъмини он ба мақсад мувофиқ аст, ки шароитҳои зарурие омода карда шаванд, ки вазифаҳои асосии фаъолияти иқтисодии давлатро ташаккул медиҳанд.

**Калимавожаҳо:** шуғли аҳолӣ, бозори меҳнат, шуғли инфиродӣ, фаъолияти меҳнатии инфиродӣ, қувваи корӣ, соҳибкории хурд ва миёна, рақобатпазирии шуғли аҳолӣ.

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматриваются теоретические направления исследования занятости населения. Авторами статьи определяется, что занятость правомерно рассматривать со стороны трудовых отношений, возникающих на микроуровне между предпринимателем и наемным работником, на макроуровне–как отношения между членом общества, гражданином и государством, которое должно гарантировать ему приемлемый уровень и качество жизни, социальную защищенность. Разработаны направления самозанятости в условиях рыночной экономики. В том числе, в данной статье автором обосновываются направления развития самозанятости в Республике Таджикистан. В настоящее время в Республике Таджикистан идет процесс экономического развития, который характеризуется формированием новых социальных классов, в том числе бедных, средних и богатых, что является одним из основных факторов экономической стабильности. Поэтому комплексное изучение трудовых отношений приобретает не только социально-экономическое, но и политическое значение, и ставит во главу угла развитие экономических отношений во всех секторах национальной экономики, особенно в аграрном секторе Республики Таджикистан. Авторы предполагают, что политика на рынке труда фактически является отражением экономического развития государства и служит обеспечению целесообразности создания необходимых условий, формирующих основные задачи экономической деятельности государства.

**Ключевые слова:** занятость населения, рынок труда, самозанятость, индивидуальная трудовая деятельность, рабочая сила, малое и среднее предпринимательство, конкурентоспособность занятости.

**THEORETICAL AND METHODOLOGICAL BASES OF POPULATION EMPLOYMENT IN THE CONDITIONS OF A MARKET ECONOMY**

The article discusses the theoretical directions of the study of employment of the population. The authors of the article determine that it is legitimate to consider employment from the side of labor relations that arise at the micro level between an entrepreneur and an employee, at the macro level - as a relationship between a member of society, a citizen and the state, which should guarantee him an acceptable level and quality of life, social security. Developed areas of self-employment in a market economy. In particular, in this article, the author substantiates the directions for the development of self-employment in the Republic of Tajikistan. Currently, the Republic of Tajikistan is undergoing a process of economic development, which is characterized by the formation of new social classes, including the poor, middle and rich, which is one of the main factors of economic stability. Therefore, a comprehensive study of labor relations acquires not only socio-economic, but also political significance, and puts the development of economic relations in all sectors of the national economy, especially in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan, at the forefront. The authors suggest that labor market policy is actually a reflection of the state's economic development and serves to ensure the expediency of creating the necessary conditions that form the main tasks of the state's economic activity.

**Keywords:** employment of the population, labor market, self-employment, individual labor activity, labor force, small and medium-sized businesses, competitiveness of employment.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Иноятова Моҳира Зариповна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти миллӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-42-17-57.** E-mail: **inoyatova_m1988@mail.ru**

***Маҷидзода Давлатбахт Маҷид*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти миллӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987-17-06-55**

**Сведения об авторах:** ***Иноятова Мохира Зариповна*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры национальной экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-42-17-57.** E-mail: **inoyatova_m1988@mail.ru**

***Мађидзода Давлатбахт Мађид*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **987-17-06-55**

**Information about the authors:** ***Inoyatova Mohira Zaripovna*** - Tajik National University, applicant for the Department of National Economics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **907-42-17-57.** E-mail: **inoyatova_m1988@mail.ru**

***Maidzoda Davlatbakht Majid*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of National Economics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **987-17-06-55**

**УДК: 336.648 (575.3)**

# ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

*Одинаев М.А., Ҳайдарзода М.И., Давлатов Н.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат**

Бояд тазаккур дод, ки дар таҳияи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020, низоми мониторинг ва баҳодиҳии барнома, ки мусоидаткунандаи назорати иҷрои корҳо, таҳлили натиҷаҳо ва муайян намудани мушкилоти мавҷуда дар иҷрои лоиҳаҳои барнома мебошад, пешбинӣ гардида, маблағгузории барнома аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ, хусусан сармояи давлатию хориҷӣ ва дигар манбаъҳои дохилӣ ба инобат гирифта шудааст. Инчунин, дар назар аст, ки дар ҳолати пурқувват намудани махсусгардонии минтақавӣ дар ҳамкории тарафайн, дар оянда рушди қувваҳои истеҳсолии вилоят пеш рафта, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд.

Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, ҳадафҳои стратегии рушди давлат, аз ҷумла Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бо тартиби муайянгардида ба инобат гирифта шуда, барои таъмин намудани онҳо, бо назардошти хусусиятҳои ҷойгиршавии минтақа амалӣ мегардад. Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 рушди афзалиятҳои зерин муайян гардидааст:

- афзудани дастрасӣ ба захираҳо ва истифодаи оқилонаи онҳо;
- рушди соҳибкорӣ ва истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда ба содирот нигаронидашуда;
- такмили самаранок идоракунии комплекси сӯзишворию энергетикӣ;
- таҳкими истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- раванди гузариш ба низоми ғизои комил;
- рушди инфрасохтори нақлиёт;
- баланд бардоштани дастрасӣ ба хизматрасонии телекоммуникатсионӣ;
- баланд бардоштани ислоҳоти самаранокӣ бахши иҷтимоӣ;
- таҳкими нақши институтҳои ҷамъиятӣ дар рушди миллӣ;
- эҳтироми ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун;
- кам кардани нобаробарии гендерӣ;
- васеъ намудани фарогирии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазир;

Самтҳои афзалиятноки сиёсати рушди миллӣ мутаносибан дар тамоми бахшҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон ҳамгиро шудаанд. Аз таҳлили барномаи мазкур бар меояд, ки сиёсати фискалӣ низ (манбаъҳои асосии даромад, сарчашмаҳои маблағгузории Барномаи рушди вилоят) хуб ба роҳ монда шудааст.

Буҷети вилоят воситаи муҳим барои амалӣ намудани мақсадҳои афзалиятноки рушди вилоят ба ҳисоб меравад. Дар давоми панҷ соли охир, қисми даромадию хароҷоти буҷети вилоят 2,5 баробар афзоиш ёфт. Бо ҳисоби миёна дар ин давра суръати афзоиши даромади 24,6% ва хароҷоти 26,1%-ро ташкил дод. Вале, сарфи назар аз тамоюли мусбии иҷроиши буҷет дар солҳои охир, вилояти Хатлон барои ба эътидол овардани буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ, маблағҳои мақсаднок мегирад. Зеро қисми даромади буҷет аз ҳисоби андозу пардохтҳои маҳаллӣ дар як сол ба ҳисоби миёна танҳо 58% қисми хароҷотии онро ташкил медиҳад. Дар соли 2018 аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ба буҷети вилоят 485,6 миллион сомонӣ маблағҳои мақсаднок ҷудо гардид, ки 42%-и қисми даромадии буҷети вилоятро ташкил медиҳад.

**Диаграммаи 1. Даромад ва хароҷотҳои вилояти Хатлон**
**Diagram 1. Income and expenses of Khatlon region**




Дар давраи аз соли 2012 то соли 2019 аксар намуди андозҳои даромад афзоиш ёфт, ба истиснои андоз аз аксиз, ки даромади он 6,9% коҳиш ёфт, ки вобаста ба кам истеҳсол гардидани маҳсулоти зераксизӣ мебошад. Ҳаҷми воридоти маблағи андоз тибқи низоми содакардашуда дар соли 2019 нисбат ба соли 2012-ум 4.1 маротиба зиёд гардида, вобаста ба афзоиши соҳибкороне, ки ба коркард ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд мебошад. Воридот аз андози арзиши иловашуда инъикосгари гардиши дохилии ширкатҳо ва аз фаъолияти воридоткунии онҳо вобаста буда, соли 2018 дар муқоиса бо соли 2012-ум 2,5 баробар зиёд гардид. Инчунин, бояд қайд намуд, ки воридоти андоз аз фоида зиёда аз 3 маротиба баланд гардид. Зиёд гардидани воридоти ин намуди андоз, пеш аз ҳама, ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзию саноатӣ вобаста буда, дар солҳои охир суръати баланди афзоиш ба истифодаи пурраи имкониятҳо ва бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ алоқамандӣ дорад.

**Ҷадвали 1. Иҷрои буҷети маҳаллии вилоят Хатлон (ҳазор сомонӣ)**
**Table 1. Execution of local budget of Khatlon region (thousand somoni)**

| | 2017 | 2018 | 2019 | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | буҷети тасдиқ шуда | иҷроиши асл | иҷроиши асл бо ҳисоби фоиз нисбат ба буҷети тасдиқшуда |
| Даромад, ҳамагӣ | 709492,2 | 928379,5 | 1122333,8 | 1149680,8 | 102,4 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| Андози даромад | 119841,0 | 163695,1 | 194633,5 | 196959,1 | 101,2 |
| Андози фоида | 19967,0 | 44033,0 | 67361,1 | 67435,4 | 100,1 |
| Андоз аз объектҳои ғайри манқул | 17268,2 | 36785,0 | 45442,6 | 46259,4 | 101,8 |
| Андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ | 2185,1 | - | - | - | - |
| Андози замин аз шахсони воқеӣ | 8874,7 | - | - | - | - |
| Андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо | 22246,2 | - | - | - | - |
| Андоз аз фурӯши чакана | 23658,1 | - | - | - | - |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 68944,4 | 82471,1 | 149354,8 | 170093,4 | 113,9 |
| Андози аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 22949,0 | 26558,1 | 30107,3 | 32331,9 | 107,4 |
| Андози ягона | 32514,3 | - | - | - | - |
| Андоз аз низоми содакардашуда | 18702,3 | 71439,6 | 72044,4 | 75819,7 | 105,2 |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 17310,2 | 25869,2 | 26487,1 | 27405,3 | 103,5 |
| Пардохти дигари маҳаллӣ | 7518,6 | 11542,7 | 6865,7 | 8152,5 | 118,7 |
| Андоз барои захираҳои табиӣ | 4272,5 | 5594,9 | 5593,5 | 6688,7 | 119,6 |
| Боҷи давлатӣ | 12861,8 | 17682,2 | 17563,1 | 19136,2 | 109,0 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Аксиз | 412,9 | 395,3 | 307,7 | 384,3 | 124,9 |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ (аз чумла маблағҳои мақсаднок) | 309965,9 | 442313,3 | 506573,0 | 499014,9 | 98,5 |
| Харочот, ҳамагӣ | 696084,7 | 914366,1 | 1122333,8 | 1107251,6 | 98,7 |
| Маориф | 384729,0 | 531539,9 | 642120,1 | 635113,9 | 98,9 |
| Тандурустӣ | 172475,8 | 229935,3 | 269565,5 | 264273,2 | 98,0 |
| Ҳифзи ичтимоӣ | 9088,0 | 9306,4 | 9756,6 | 9056,4 | 92,8 |
| Хочагии коммуналӣ | 27459,8 | 26222,5 | 41754,3 | 43685,8 | 104,6 |
| Фарҳанг | 18768,3 | 25836,2 | 29099,1 | 28967,5 | 99,5 |
| Соҳаи варзиш | 1743,7 | 1375,4 | 1467,7 | 1453,1 | 99,0 |
| Хочагии қишлоқ | 8320,3 | 11039,0 | 13661,0 | 12540,2 | 91,8 |
| Идораҳои роҳбарикунанда | 48820,3 | 53342,3 | 73975,3 | 73238,5 | 99,0 |
| Мудофиа | 7907,1 | 8631,3 | 10578,3 | 10387,9 | 98,2 |
| Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ | 6899,2 | 7536,7 | 9539,2 | 9404,2 | 98,6 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 1080,7 | 2932,9 | 8126,6 | 9652,3 | 118,8 |
| Дигар харочотҳо | 8792,5 | 6668,2 | 12690,1 | 9478,6 | 74,7 |

Сарчашма: Омори Вилояти Хатлон.

Бучети вилоят самти ичтимоиро нигоҳ дошта, дар қисмати харочоти соҳаҳои ичтимоӣ бартарӣ дошта, дар соли 2019 аз ҳачми умумии маблағҳои чудо гардида ба бахши ичтимоӣ ба андозаи 84,8%, аз чумла ба соҳаи маориф ва тандурустӣ равона карда шуда, мутаносибан аз ҳачми умумии қисми харочотӣ 57,4 ва 23,9%-ро ташкил медиҳад. Барномаи рушди ичтимоию иқтисодии вилояти Хатлон 278 лоиҳаро бо маблағи умумии 10951,8 миллион сомонӣ дар бар мегирад, ки аз ин 148 лоиҳа ба маблағи 9506,5 миллион сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 87 лоиҳа бо маблағи 626,6 миллион сомонӣ ба бахши ичтимоӣ, 43 лоиҳа бо маблағи 818,7 миллион сомонӣ ба бахши таъмини бехатарии ҳаёт пешбинӣ гардидаанд.

**Чадвали 2. Тақсимоти маблағҳои “Барномаи рушди ичтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)**

**Table 2. Distribution of funds of the "Program of social and economic development of the Khatlon region for 2016-2020" by sectors according to all funding sources (thousand somoni)**

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 850538,6 | 38500 | 223269,9 | 195772,9 | 196872,9 | 196122,9 |
| Саноат | 2687416 | 744290 | 777940 | 574785 | 340001 | 250400 |
| Барқтаъминкунӣ | 2362051 | 216545 | 180774 | 531386 | 630646 | 802700 |
| Хизматрасонӣ ва туризм | 15400 | 1600 | 5270 | 5570 | 2480 | 480 |
| Нақлиёт ва хочагии роҳҳо | 3587817 | 587538 | 519 767 | 719 142 | 785992 | 975378 |
| Алоқа | 3299 | 619,8 | 719,8 | 719,8 | 619,8 | 619,8 |
| Ҳамагӣ, бахши таъмини рушди устувори иқтисодиёт | 9506522 | 1589093 | 1707741 | 2027376 | 1956612 | 2225701 |
| Маориф ва илм | 92660 | 0 | 5400 | 34490 | 30170 | 22600 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолӣ | 221592 | 13378 | 34178 | 63578 | 63830 | 46628 |
| Фарҳанг | 198675 | 1743 | 43032 | 59250 | 56265 | 38385 |
| Варзиш | 97670 | 0 | 4530 | 28380 | 32380 | 32380 |
| Татбиқи сиёсати давлатии чавонон | 16000 | 2000 | 5000 | 5000 | 3000 | 1000 |
| Ҳамагӣ, бахши рушди ичтимоиёт | 626597 | 17121 | 92140 | 190698 | 185645 | 140993 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 388054 | 97583 | 109439 | 70749 | 52716 | 57567 |
| Беҳдошт ва хадамоти манзилию рифоҳӣ | 181399 | 43433 | 42433 | 32633 | 28800 | 34100 |
| Ҳифзи муҳити зист | 72560 | 0 | 13700 | 16800 | 19400 | 22660 |
| Таъмини бехатарии аҳолӣ ва ҳудудҳо аз офатҳои табиӣ ва садамаҳо | 176672 | 450 | 41470 | 44232 | 47780 | 42740 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, бахши таъмини бехатарии ҳаёт | 818685 | 141466 | 207042 | 164414 | 148696 | 157067 |
| Ҳамагӣ, арзиши умумии Барнома | 10951804 | 1747680 | 2006923 | 2382488 | 2290953 | 2523761 |
| Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ | 718233,2 | 16853 | 117486,8 | 200396,8 | 206918,8 | 176577,8 |
| Буҷети маҳаллӣ | 578140 | 10518 | 102732 | 172140 | 151795 | 140955 |
| Маблағҳои худӣ | 375472 | 99730 | 103158 | 61520 | 64220 | 46845 |
| Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | 9245558 | 1618479 | 1678846 | 1931331 | 1863019 | 2153883 |
| Қарзи бонкӣ | 34400 | 2100 | 4700 | 17100 | 5000 | 5500 |

Сарчашма: Омори вилояти Хатлон

Ҳамин тариқ Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 (минбаъд-Барнома) дар заминаи "Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо маъқул дониста шудааст (№1/3 аз 12.01.2009), бо назардошти афзалиятҳои миллию маҳаллӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон" ва барномаҳои соҳавии дорои дараҷаи аҳамияти минтақавӣ ва маҳаллӣ дошта, ба назар гирифта шудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" муқарар намудааст, ки ҳар як минтақа (вилоят, шаҳр, ноҳия) дорои моликияти худӣ мебошад, ки дар балансии он ба қайд гирифта шудааст. Дар ин замина мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, ба муносибатҳои мутақобили дохилӣ ва берунӣ баромад менамояд. Чи тавре, ки таҷриба нишон медиҳад, даромад аз субъектҳои иқтисодии дар тобеияти худ доштаи ҳокимияти минтақаҳо ба ҳисоби миёна камтар аз ¼ хароҷоти мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи онҳо гузошташударо таъмин менамояд. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини мувозинати қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети худ ва баробарсозии сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандони минтақаҳои ҷумҳурӣ, зарурати муносибати мутақобили байни марказ ва минтақаҳо ба миён меояд. Дар ин маврид мақоми асосиро муносибатҳои байнибуҷетӣ ташкил менамоянд. Таъсири мутақобили буҷетҳо, аз як тараф ҳамчун муносибати тарафайн бошад, аз тарафи дигар, ин раванди ба вуҷудоии ҷараёни пулӣ, манбаъҳои молиявӣ, батанзимдарорӣ ва истифодаи онҳо мувофиқи таъиноти суроғаноки хотимавӣ мебошад, ки ба гурӯҳбандии буҷетӣ ва навиштаҷоти хароҷотҳои буҷетӣ мувофиқи қонуни ҳар сол қабулшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ" мебошад. Чуноне ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28-уми июни соли 2011 №723 (бо тағийроту иловаҳо) оварда шудааст, мазмуни паҳлуҳои алоҳидаи ҳаракати мутақобили буҷетҳо дар система бо шартҳои зерин инъикос мегардад:

- мустақилияти буҷетҳо дар барпокунӣ ва тақсими даромад мутобиқи қонунҳои амалкунанда;
- мусолиҳаи зарурӣ байни буҷетҳо дар вақти барпокунӣ, тақсимкунӣ ва истифодабарии онҳо;
- ҷавобгарии якҷояи буҷетҳо дар иҷрои вазифаҳои буҷетӣ ва таъмини мақсадҳои маблағгузории буҷетӣ;
- бартарии буҷети ҷумҳуриявӣ дар барпокунии заминаи буҷетӣ ва сиёсати андозиву буҷетӣ;
- ба даст овардани мувозинат ва устувории низоми буҷетӣ ҳамчун натиҷаи таъсири мутақобили буҷетҳо;
- дар зери назорат ва ҷавобгарӣ будани буҷетҳои зинаҳои поёнӣ дар назди буҷетҳои зинаи боло, дар масъалаи мувофиқи мақсад ва суроға истифода бурдани кумаки молиявӣ;
- назарнамо будани ҷараёни буҷетӣ байни зинаҳои низоми буҷетӣ. Воситаҳои сохторҳои идоракунии давлатии минтақаҳо, ки аз ҳисоби амалиётҳои воридотӣ ба вуҷуд меоянд, аз даромади умумӣ ва трансфертҳои махсус гирифташуда иборатанд. Дар объекти таҳқиқотии мо, вилояти Хатлон даромади умумӣ аз даромади ҷорӣ ва даромад аз ҳисоби

амалиётҳо бо сармоя ба вуҷуд меояд. Қисми асосии даромади буҷети минтақаро андозҳо ташкил менамоянд, ки пардохти ҳатмии бебозгашт ва беподоши субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ мебошанд. Воридотҳои ғайриандозӣ аз даромади моликияти давлатӣ (минтақавӣ), даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, фурӯши моликияте, ки ба минтақа тааллуқ дорад, иборатанд. Маълум аст, ки мустақилияти ҳар як буҷет танҳо дар ҳамон ҳолат таъмин карда мешавад, агар сохтори дахлдори ҳокимияти давлатӣ дорандаи маблағҳои зарурии худии манбаъҳои молиявӣ буда, вобаста ба вазифаҳои иҷро мекардааш ҳуқуқи озодона истифодабарии онҳоро дошта бошад, ҷавобгарии пурраро оиди мувофиқи қонун сарфакорона ва самаранок истифодабарии воситаҳои буҷетиро ҳис намояд. Ҳаминро қайд кардан зарур мешуморам, ки тартиботи амалкунандаи расонидани кумаки молиявӣ ба минтақаҳо зоҳиран танҳо як мақсад аст, таъмини мувозинати байни даромад ва хароҷоти буҷети минтақа, яъне ба мувозинати вертикалӣ овардани он. Дар натиҷа аз ҳамдигар дурии даромаду хароҷоти буҷетӣ баробарсозии дараҷаи иқтисодӣ-иҷтимоии байни минтақаҳо ҳамон қадар аз ҳам дур ва ҳискунанда гардидаанд, ки кӯшишҳо ба воситаи трансфертҳои буҷетӣ ҳал намудани он натиҷаи дилхоҳ надода истодааст. Масъалаи баланд бардоштани ҳавасмандии сохторҳои давлатии минтақавӣ ва маҳаллӣ барои афзунгардонии потенсиали андозӣ ва зиёдкунии даромади худии буҷетҳо, кам кардани дотатсиядиҳӣ ба буҷетҳои поёнӣ, камкунии ҳаҷми ҷараёни молиявии мутақобил, қобилияти худ ба худ ҳалшавии муамморо надорад. Ҳамаи инҳо сабаби он мегарданд, ки минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳавасманданд на барои баланд бардоштани андозғундорӣ, балки барои пинҳон намудани базаи андозӣ ва ҳар чи зиёдтар аз марказ "кандани" кумаки молиявӣ. Ба ибораи дигар гӯем, механизми буҷетии амалкунанда имкон намедиҳад, ки самаранокии баробарсозии буҷетӣ баҳо дода шавад, сиёсати буҷетии ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бо ҳам мутобиқ карда шаванд, ба ҷои он, ки маблағи хароҷот ва касри буҷети зиёд ё дар як ҳолат нигоҳ дошта шавад. Чуноне ки дар боло қайд карда шуд, механизми дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлон чун минтақаҳои дигар аз ҳисоби воситаҳои худӣ (вобасткардашуда), ҳиссаҷудокунӣ аз ҳисоби андозҳои давлатӣ ва трансфертҳои буҷетӣ ташкил карда мешавад.

**Ҷадвали 3. Динамикаи ҳаҷм ва таркиби даромади миёнаи буҷети минтақаҳо ва вилояти Хатлон солҳои 2010-2019**

**Table 3. Dynamics of the volume and composition of the average budget income of regions and Khatlon region in 2010-2019**

| Минтақаҳо | 2010 | | 2015 | | 2016 | | 2019 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | маблағ | в/х | маблағ | в/х | маблағ | в/х | маблағ | в/х |
| Даромади буҷети минтақаҳо-ҳамагӣ | | | | | | | | |
| I | 1640,1 | 100 | 4204,1 | 100 | 5077,8 | 100 | 5323,5 | 100 |
| II | 416,3 | 31,0 | 1100,4 | 26,1 | 1337,8 | 26,3 | 1432,2 | 26,6 |
| Даромади худӣ (вобастакардашуда) | | | | | | | | |
| I | 321,9 | 19,6 | 714,8 | 17,1 | 793,5 | 17,0 | 889,5 | 16,7 |
| II | 48,2 | 11,5 | 116,9 | 10,6 | 129,5 | 9,7 | 141,5 | 10,0 |
| Ҳиссаҷудокуни аз андозҳои давлатӣ | | | | | | | | |
| I | 1025,7 | 62,6 | 2680,6 | 63,4 | 3408,0 | 65,8 | 3545,0 | 66,5 |
| II | 7217, | 52,1 | 510,8 | 46,4 | 679,1 | 50,7 | 747,0 | 52,8 |
| Трансфертҳои буҷетӣ | | | | | | | | |
| I | 292,5 | 17,8 | 808,7 | 19,2 | 876,3 | 17,2 | 889,0 | 16,7 |
| II | 150,4 | 36,4 | 472,7 | 43,0 | 529,2 | 39,5 | 532,8 | 37,2 |

Сарчашма: Дар асоси коркарди буҷети тасдиқгардида ва ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.

Эзоҳ: I - Ҷумҳурии Тоҷикистон-ҳамагӣ; II - вилояти Хатлон

Тавре аз рақамҳои ҳисоботи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвал дида мешавад, маблағи умумии даромади буҷети минтақаҳо дар соли 2019-5323,5 млн. сомониро ташкил намудааст, ки он нисбат ба нишондиҳандаи мазкур соли 2010-3,25 маротиба, соли 2015-1,26 маротиба ва соли 2016-1,05 маротиба зиёд мебошад. Дар ин давра даромади умумии буҷети вилояти Хатлон аз 261,7 млн сомонии соли 2010 то ба

1432,2 млн. сомонӣ дар охири соли 2019 расидааст, ки он нисбат ба соли 2008-5,62 маротиба; соли 2010-3,4 маротиба; соли 2015-1,28 маротиба; соли 2016-1,06 маротиба зиёд мебошад. Рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки суръати афзоиши даромади буҷети вилоят ба ғайр аз соли 2010, дар солҳои дигар, дар сатҳи нишондиҳандаи миёнаи минтақавии ҷумҳурӣ афзудааст. Лекин дар даҳ соли охир вазни хосси даромади буҷети вилоят дар миқёси ҷумҳурӣ 31% соли 2010, дар соли 2015-26,1%, соли 2016-26,3%, соли 2019-26,6%-ро ташкил намудааст, ки ин нисбат ба минтақаҳои дигар бо суръати суст афзудани даромади буҷети вилояти Хатлонро нишон медиҳад.

**Диаграмма 2. Даромади буҷети минтақаҳо-ҳамагӣ, млн. сомонӣ**
**Diagram 2. Regions' budget income - total, mln. somoni**




**Сарчашма:** Дар асоси буҷети тасдиқгардида ва ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумуурии Тоҷикистон тахлил карда шудааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки фаъолият дар шароити иқтисоди бозорӣ талаб менамояд, ки ҳокимияти минтақа ва шаҳру ноҳияҳои тобеи он бояд дар ихтиёри худ чунин маблағи худӣ дошта бошад, ки он барои камаш дар сатҳи ҳадди ақал таъмин намудани рушди иқтисодиву иҷтимоии онҳо кифоя бошад. Дар акси ҳол, сохторҳои минтақавии ҳокимияти давлатӣ мустақилона сиёсати худидоракунии давлатиро гузаронида натавониста, мунтазири маблағ аз марказ меистанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар бисёрии давлатҳои дунё дараҷаи сарчашмаҳои худии буҷетҳои маҳаллӣ на зиёда аз ¼ даромади умумии буҷети онҳоро ташкил менамояд. Чунин тарзи тақсими даромад байни буҷети марказӣ ва минтақаҳо ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ намебошад, ки онро мо дар мисоли таҳқиқоти вилояти Хатлон мушоҳида менамоем. Дар баробари афзоиши даромади умумии буҷети минтақаҳо дар даҳ соли охир ба миқдори 5,73 маротиба, маблағи воситаҳои худӣ ба ҳисоби миёна 3,26 маротиба афзудааст, ки ин-2,47 маротиба кам мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки чи дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чи дар вилояти Хатлон, дар масъалаи пурзур намудани базаи андозбандии аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ, буҷетҳои минтақавӣ ягон хел кор бурда намешавад ва ин нишондиҳанда ба ҷое ки афзояд, коҳиш ёфта истодааст.

Исботи гуфтаҳои болоӣ вазни хосси даромад аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ дар миқёси минтақаҳои ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон шуда метавонад. Агар дар соли 2008 вазни хосси воситаҳои худии буҷетҳои минтақавӣ ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ 29,4% ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2010-19,6%; соли 2015-17,1%; соли 2016-17,0%; соли 2019-16,7% ташкил намудааст.

Дар вилояти Хатлон вазни хосси воситаҳои худӣ дар соли 2008-16,9%; соли 2010-11,7%; соли 2015-10,6%; соли 2016-9,7%; соли 2019-10%-ро ташкил намудааст. Агар ба ибораи дигар гӯем, дараҷаи воситаҳои худии буҷетҳои минтақавӣ дар даҳ соли охир дар ҳаҷми умумии даромади буҷети минтақаҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ ба 1,8 маротиба ва дар вилояти Хатлон 1,7 маротиба коҳиш ёфтаанд, ки ин ягон роҳи ҳимоя надорад. Ҳолати ҷойдошта боз як бори дигар исбот менамояд, ки асоси молиявии худидоракунӣ ва худмаблағгузорӣ барои таъмини вазифаҳои ба уҳдаи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти

давлатӣ гузошта ниҳоят нокифояанд ва аксарияти онҳо бо умеди кумаки молиявӣ аз марказ фаъолият менамоянд. Аз таҳлилҳои оморӣ бар меояд, ки соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии вилоят давра ба давра хуб шуда, сатҳи некуаҳволии мардум баланд гардидааст. Дар 30-соли истиқлолияти давлатӣ ҳамаи соҳаҳои вилоят ба маротиб рушд намуда, барои дар сатҳи зарурӣ фаъолият кардани онҳо аз ҷониби ҳукумати мамлакат дастгирӣ ва маблағгузориҳо шуда истодааст.

**Диаграммаи 3. Даромади буҷети худии минтақаҳои Тоҷикистон ва вилояти Хатлон дар дар солҳои 2008-2019 (млн. сомонӣ)**

**Diagram 3. Own budget revenue of Tajikistan regions and Khatlon region in 2008-2019 (million somoni)**




| | 2008 | 2010 | 2015 | 2016 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | 273,4 | 321,9 | 714,8 | 793,5 | 889,5 |
| в. Хатлон | 42,7 | 48,2 | 116,9 | 129,5 | 141,5 |

Тоҷикистон  в. Хатлон

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Табарзода О.С.**

**АДАБИЁТ**

1. Вазорати рушди иктисодиёт ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон // Стратегияи миллии рушди иқтисодиётӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015. –С.45-48, 67,68,69, 101-110.
2. Давлатов Н.А. Таҳлили вазъи молиявию қарзии таъмини талаботҳои субъектҳои кишоварзии Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2021. -№4. -С.104-111.
3. Давлатов Н.А. Таҳлили хароҷотҳои буҷети давлатӣ барои соҳаҳои иҷтимоию- иқтисодии кишвар [Матн] / Н.А. Давлатов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи: «Механизмҳои молиявию қарзии татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18-уми феврали соли 2022). -Душанбе, 2022. -С.81-90.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ». –Душанбе, 19.03.2013. -№944.
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ». –Душанбе, 15.03. 2016. -№1299.
6. Мирзоев С.С. Тенденция изменения инфляционных процессов в условиях Республики Таджикистан / С.С. Мирзоев, М.А. Одинаев // Материалы Республиканской научно-практической конференции «Некоторые проблемы моделирования экономических и естественных наук» (25 мая 2018 года). – 2018. –С.77-85.
7. Маҷаллаи «Молия ва ҳисобдорӣ» дар 5- соли охир.
8. Одинаев М.А. Ҷалби инвеститсия ҳамчун омили беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ / М.А. Одинаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Баъзе муаммоҳои моделсозӣ дар илмҳои иқтисодӣ ва табиӣ» (25-уми майи соли 2018). -С.45-4-52.
9. Одинаев М.А. Омӯзиши омори сармоягузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Одинаев, А.Ҷ. Ҳайдаров // Конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назарявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байнанмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». –Душанбе, 2018. -С.88-94.
10. Одинаев М.А. Изатуллоев М.Н. Таҳқиқоти иқтисодии устувории рушди сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ / М.А. Одинаев, М.Н. Изатуллоев // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба «30 –

солагии истиқлолияти давлатии ҷумҳурии тоҷикистон» дар мавзӯи «рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар даврони истиқлолият: дастовард ва дурнамо» (10.12.2021). –Ваҳдат, 2021. -С.67-76.
11. Солиев А.А. Макроиқтисоди кушод ва инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ / А.А. Солиев, Л.Х. Саидмуродов, М.М. Сузуки. –Душанбе: Деваштич, 2007.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
13. Сайти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
14. Сайти расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
15. Федорко, А.Н. Формирование условий повышения инвестиционной активности на рынке недвижимости / А.Н. Федорко. –М., 2007. -23 с.
16. Хасанов М.М. Внешний долг, мировые тенденции и их приложение к экономике Таджикистана / М.М. Хасанов, Х.Д. Саидходжаев. –Душанбе, 2004.
17. Царихин Л. Инвестиции в акции / Л. Царихин. –М.: Эксмо, 2017.

## ТАҲЛИЛИ ОМОРИИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

Бояд тазаккур дод, ки дар таҳияи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020, низоми мониторинг ва баҳодиҳии барнома, ки мусоидаткунандаи назорати иҷрои корҳо, таҳлили натиҷаҳо ва муайян намудани мушкилоти мавҷуда дар иҷрои лоиҳаҳои барнома мебошад, пешбинӣ гардида, маблағгузории барнома аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ, хусусан сармояи давлатию хориҷӣ ва дигар манбаъҳои дохилӣ ба инобат гирифта шудааст. Таъсири давлат ба иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ дар ҳолати буҳронҳои шаддиди иқтисодиёт меафзояд, аммо дар мавриди тараққиёти муътадили иқтисодиёт ин таъсиррасонӣ кам мегардад, вале ин амал ҳеҷ гоҳ набояд, ки қатъ гардад. Мавриди истифода аз усулҳои иқтисодии таъсиррасонӣ давлат фишангҳои зеринро истифода менамояд: андозҳо; нархгузорӣ; тақсими даромадҳо ва захираҳо; бунёди шароитҳои мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ; механизми молиявӣ-қарзии давлат; созмони зонаҳои озоди иқтисодӣ; иштироки бевоситаи давлат дар фаъолияти сармоягузории мамлакат. Инчунин дар назар аст, ки дар ҳолати пурқувват намудани махсусгардонии минтақавӣ дар ҳамкории тарафайн, дар оянда рушди қувваҳои истеҳсолии вилоят пеш рафта, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ, дотатсия, субсидия, сармоягузории ғайримустақим субвенсия, грантҳо, қарзҳои имтиёзнок, қарзҳои лизингӣ, қарзҳои тиҷоратӣ.

## СТАТИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТРАСЛЕЙ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ ЗА 2016-2020 ГОДЫ

Следует отметить, что при разработке Программы социально-экономического развития Хатлонской области на 2016-2020 годы предусмотрена программная система мониторинга и оценки, которая способствует контролю выполнения работ, анализу результатов и выявлению существующих проблем в реализации программных проектов, а программа финансируется за счет всех источников инвестиций, прежде всего государственного и иностранного капитала, а также других внутренних источников. Влияние государства на экономику, предпринимательскую и инвестиционную деятельность возрастает в случае острых экономических кризисов, но в случае стабильного экономического развития это влияние снижается, но это воздействие ни в коем случае нельзя прекращать. Государство использует следующие экономические методы и рычаги воздействия: налоги; ценообразование; распределение доходов и ресурсов; создание благоприятных условий для иностранных инвесторов; финансово-кредитный механизм государства; организация свободных экономических зон; прямое участие государств в инвестиционной деятельности страны и т.д. Также ожидается, что в случае усиления региональной специализации во взаимной кооперации в дальнейшем развитие производительных сил региона приведет к созданию новых рабочих мест, повышению уровня жизни населения и снижению уровня бедности.

**Ключевые слова:** инвестиции, государственный бюджет, государственный долг, дотация, субсидия, косвенные инвестиции, субвенция, гранты, льготный кредит, лизинговый кредит, коммерческий кредит.

## STATISTICAL ANALYSIS OF SOCIO-ECONOMIC INDUSTRY OF KHATLON REGION FOR 2016-2020

It should be noted that when developing the Program for the socio-economic development of the Khatlon region for 2016-2020, a program monitoring and evaluation system is provided, which helps to control the implementation of work, analyze the results and identify existing problems in the implementation of program projects, and the program is funded from all sources of investment , primarily state and foreign capital, as well as other domestic sources. The influence of the state on the economy, entrepreneurial and investment activity increases in the event of acute economic crises, but in the case of stable economic development, this influence decreases, but this influence should by no means be stopped. The state uses the following economic methods and leverage: taxes; pricing; distribution of income and resources; creation of favorable conditions for foreign investors; financial and credit mechanism of the state; organization of free economic zones; direct participation of states in the investment activities of the country, etc. It is also expected that in the case of strengthening regional specialization in mutual cooperation, in the future, the development of the productive forces of the region will lead to the creation of new jobs, an increase in the standard of living of the population and a reduction in poverty.

**Keywords:** investments, state budget, public debt, grant, subsidy, indirect investment, subvention, grants, concessional loan, leasing loan, commercial loan.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Одинаев Меҳрубон Абдураҳмонович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**
***Ҳайдарзода Меҳроби Ислом*** **–** Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат, номзади илмҳои иқтисодӣ, директор. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ваҳдат. E-mail: **Haydarzoda-m@mail.ru.** Телефон**: (+992) 902-66-66-84**
***Давлатов Навруз Амиршоевич*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **navruz.davlatov.1995@mail.ru.** Телефон: (**+992) 987-54-52-53**

**Сведения об авторах:** ***Одинаев Мехрубон Абдурахмонович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры статистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Телефон: **(+992) 900-17-17-59**
***Хайдарзода Мехроби Ислам*** - Статистический колледж город Вахдат, кандидат экономических наук, директор. **Адрес**: Республика Таджикистан, г. Вахдат. E-mail: **Haydarzoda-m@mail.ru**. Телефон: **(+992) 902-66-66-84**
***Давлатов Навруз Амиршоевич*** **-** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail **navruz.davlatov.1995@mail.ru.** Телефон: **(+992) 987-54-52-53**

**Information about the authors:** ***Odinaev Mekhrubon Abdurakhmonovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Statistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Mehrubon.01@mail.ru.** Phone: **(+992) 900-17-17-59**
***Haidarzoda Mehrobi Islam*** - Statistical College of Vahdat city, candidate of economic sciences, director. **Address:** Republic of Tajikistan, Vahdat. E-mail: **Haydarzoda-m@mail.ru.** Phone: **(+992) 902-66-66-84**
***Davlatov Navruz Amirshoevich*** **-** Tajik National University, assistant of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail **navruz.davlatov.1995@mail.ru.** Phone: **(+992) 987-54-52-53**

УДК 657.1

# БУҶЕТИКУНОНӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГӢ

*Розиев Д.А., Розиев Д.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити бозор раванди банақшагирии фаъолияти корхонаҳо ба дигаргуниҳои муҳим дучор омад. Ба ақидаи муҳаққиқон, усулҳои банақшагирӣ, ки дар шароити иқтисодиёти марказонидашуда ба кор бурда мешуданд, сабаби асосии ба миён омадани вазъи иқтисодии номатлуби корхонаҳо гардида буданд. Ҳатто дар солҳои аввали гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва роҳандозии ислоҳоти иқтисодӣ чӣ дар зинаи болоии идоракунии иқтисодиёти миллӣ ва чӣ дар зинаи идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ аз банақшагирӣ дасткашӣ карда, мафҳуми «банақшагирӣ» аз байн бардошта шуда буд. Дар адабиёти илмӣ, матбуоти даврӣ ва ҳам дар гуфтори кормандони роҳбарикунандаи субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҷойи он мафҳуми «дурнамо» ба кор бурда мешуд. Дар оқибат маълум гардид, ки бе банақшагирӣ ягон корхона дар шароити муосири иқтисодӣ фаъолияти хуб карда наметавонад. Ҳамин тавр, зарурати таҳияи низоми нави банақшагирӣ ба миён омад, ки он бояд ба ҳадафҳо ва вазифаҳои корхонаҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ буда, ба фаъолияти идоракунии босамараи онҳо мусоидат намояд.

Пас аз дасткашӣ намудан аз низоми пешини банақшагирӣ аксари корхонаҳои ватанӣ, аз ҷумла, корхонаҳои соҳаи саноати бофандагӣ кӯшиш намуданд, ки мустақилона низоми нави босамараи банақшагириро таҳия намоянд, вале нарасидани мутахассисони соҳибмаълумот дар ин самт иҷрошавии ин масъаларо ғайриимкон гардонид. Ҳолатҳое буданд, ки баъзан роҳбарони корхонаҳои ватанӣ дар фаъолияти худ таҷрибаи корхонаҳои хориҷиро татбиқ кардани мешуданд, вале ин ҳам вазъро беҳбуд набахшид. Барои он ки ҳадафҳо аз истифодаи банақшагирӣ ба даст оянд ва он дар низоми идоракунии корхонаҳо самари иқтисодии хуб диҳад, банақшагирии муосир бояд таҷрибаи мусбати низоми пешини банақшагирӣ ва он чиро, ки шароити бозор тақозо менамояд, бо таҷрибаи мусбати хориҷӣ якҷоя ба кор барад. Маҳз бинобар ҳамин, ба менеҷменти корхонаи муосир зарур аст, ки дар фаъолияти идоракунии худ, усулҳои муосири низоми банақшагирии молиявӣ ва назоратро, ки таҳти мафҳуми «буҷетикунонӣ» ё «банақшагирии буҷетӣ» ифода карда мешаванд, татбиқ намояд.

Масъалаҳои бо таҳия намудани назарияи буҷетикунонӣ ва ҷиҳатҳои амалии истифодабарии низомҳои иттилоотӣ-таҳлилии буҷетикунонӣ алоқаманд, имрӯз мавзуи муҳокимаи олимон ва мутахассисони хориҷии соҳаи идоракунии молиявӣ мебошанд [2; 6; 7; 11; 12; 16]. Дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ Н.А. Абдулмуминзода [1], Б.Ҳ. Каримов [8], С.Ф. Низомов [9], Қ.Х. Хушвахтзода [14] баъзе паҳлуҳои буҷетикунонӣ дар соҳаҳои алоҳида ва масъалаҳои такмили баҳисобгирии муҳосибӣ баррасӣ шудаанд.

Дар адабиёт доир ба моҳияти буҷетикунонӣ ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Дар ин маврид қисме аз муаллифон ба тавсифи мафҳуми буҷет маҳдуд шуда, ба раванди буҷетикунонӣ дахл намекунанд. Тавре Ю. Бригхем ва Л. Гапенски шарҳ додаанд, «буҷет – ин нақшае мебошад, ки воридшавӣ ва хориҷшавии воситаҳоро дар муддати муайяни вақти банақшагирифташуда ба таври муфассал шарҳ медиҳад» [3,с.208]. Муаллифон Д. Шим ва Д. Сигел чунин меҳисобанд: «буҷет нақшаи солонаи корхона мебошад. Буҷети умумӣ (асосӣ) изҳори расмии нақшаҳои роҳбарият ҷиҳати фурӯш, хароҷот, ҳаҷмҳои фаъолият ва дигар амалҳои молиявӣ барои давраи оянда мебошад» [15,с.87].

М.А. Вахрушина буҷетро чун смета (харҷнома) ё нақша, буҷетикуниро чун раванди банақшагирӣ шарҳ медиҳад [5,с.327]. Ба ақидаи ӯ, буҷет ифодаи миқдори нақшаҳои фаъолият ва рушд буда, лоиҳаҳои роҳбаронро ҳамоҳангсозӣ ва бо рақамҳо мушаххас менамояд. Дар натиҷаи тартибдиҳии он равшан мешавад, ки корхона ҳангоми тасвиби ин ё он нақшаи рушд чӣ гуна фоида ба даст меорад.

Ба ақидаи Н.А. Абдулмуминзода, «буҷетикунонӣ – ин банақшагирии фаъолияти корхона бо ёрии буҷетҳо, ба истилоҳ ҳуҷҷати дохилӣ мебошад, ки фаъолияти истеҳсолии

корхона, бахшҳои фаъолият ва воҳидҳои сохтории онро ба таври бонизом тавсиф мекунанд. Ба маънои маҳдуд, он ҳамчун як намуди банақшагирии молиявӣ ҳисобида мешавад» [1,с.13].

О.Е. Николаева ва Т.В. Шишкова буҷетро чун ҳуҷҷати молиявии муайянкунандаи чӣ гуна иҷрошавии амалҳои пешбинишуда мушаххас менамоянд: «калид барои фаҳмиши мафҳуми «буҷет» дарк кардани он мебошад, ки вай як чизе зиёдтар аз вараҷи қоғаз аст, ки дар он маълумоти молиявӣ ва дигар намудҳо ифода ёфтаанд. Ин маълумот силсилаи рӯйдодҳои ояндаро ба нақша мегиранд. Ин аст дурнамои амалиёти молиявии оянда» [10,с.142].

Муаллиф В.Е. Хрутский дар мавриди тавсифи буҷет ва буҷетикунонӣ чунин қайд менамояд: «буҷетикунонии дохиликорхонавӣ – ин на восита, балки технологияи идоракунӣ мебошад, ... буҷетикунонӣ – нишондиҳандаи сифати идоракунӣ дар корхона аст» [13,с.25].

Шарҳи нисбатан пурраи мафҳуми буҷетикунониро профессор В.В. Буртсев додааст: «буҷетикунонӣ усули нисбатан босамараи идоракунии молиявӣ буда, технологияи тартибдиҳии нақшаи кории барои тамоми воҳидҳои сохторӣ ё вазифаҳои корхона ҳамоҳангсозишударо дар назар дорад, ба таҳлили маҷмуи дурнамоҳои дигаршавии аломатҳои берунӣ, дохилӣ ва бо роҳи ҳисобкунӣ гирифтани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти корхона, инчунин, механизмҳои идоракунии фаврӣ-тактикӣ, ки ҳалли проблемаҳои пайдошуда ва ноилгардии ҳадафҳои додашуда (ҳаҷмҳои истеҳсол, фоида, сармоягузориҳо)-ро таъмин менамоянд, такя мекунад» [4,с.32].

Ҳадафи асосии буҷетикунонӣ – ин бунёд намудани низоми баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷоти корхона дар доираи воҳидҳои сохторӣ ва умуман корхона мебошад. Он чун воситаи идоракунии фаъолияти корхона имкон медиҳад, ки [16,с.44]:

- нақшаҳои стратегии корхона амалӣ карда шаванд;
- ҳолатҳои имкони корхона дар оянда ва банақшагирии амалҳо оид ба ноилгардии ҳадафҳои гузошташуда амсиласозӣ карда шаванд;
- мувофиқати амалҳои хоҷагидории иҷрошуда бо ҳадафҳои корхона назорат карда шавад;
- иҷрои қарорҳои стратегӣ ва фаврии қабулгардида назорат карда шавад;
- фаъолияти воҳидҳои сохтории гуногуни корхона ҳамоҳангсозӣ карда шавад.

Ҳамин тавр, буҷетикунонӣ бо таҳияи буҷетҳо дар корхона алоқаманд буда, барои ҳалли чунин масъалаҳои асосӣ нигаронида шудааст:

- муайян кардани ҳаҷм ва таркиби хароҷоти бо фаъолияти воҳидҳои сохтории корхона алоқаманд;
- таъмин намудани пушонидани хароҷот бо захираҳои молиявӣ аз манбаъҳои гуногун.

Буҷет танҳо нишондиҳандаҳои ба таври марказонидашуда, муқарраршударо барои воҳидҳои сохтории алоҳида – марказҳои масъулият фаро мегирад. Методологияи буҷетикунонӣ дар корхонаҳои алоҳида фарқ мекунад. Барои дар фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ татбиқ намудани низоми буҷетикунонӣ якчанд шартҳои ҳатмӣ зарур мебошанд.

Якум, корхонаҳои саноати бофандагӣ бояд дорои пойгоҳҳои мувофиқи методологӣ ва методии таҳиясозӣ, назорат ва таҳлили иҷрои буҷети умумӣ бошанд. Кормандони хадамоти идоракунӣ бояд ба қадри кифоя соҳибтахассус бошанд, то ки ин методологияро дар амал татбиқ карда тавонанд. Пойгоҳҳои методологӣ ва методии таҳиясозӣ, назорат ва таҳлили иҷрои буҷети умумӣ бахши таҳлилии раванди буҷетикунониро ташкил медиҳанд.

Дуюм, барои он ки буҷет таҳия ва иҷрои он назорат ва таҳлил карда шавад, иттилооти босифат оид ба фаъолияти корхона, вазъи молиявӣ, ҳаракати равандҳои молӣ-моддӣ ва молиявӣ, амалиёти хоҷагидории асосии он зарур аст. Инчунин, дар корхона бояд низоми баҳисобгирии идоракуние мавҷуд бошад, ки далелҳои фаъолияти хоҷагидории барои таъмини раванди тартибдиҳӣ, назорат ва таҳлили буҷети умумии корхона зарурро ба қайд гирад. Ҳамин тавр, низоми баҳисобгирии идоракунӣ асоси бахши баҳисобгирии раванди буҷетикунониро ташкил медиҳад.

Сеюм, раванди буҷетикунонӣ тавассути сохтори ташкилӣ ва низоми идоракунии дахлдори дар корхона мавҷудбуда татбиқ карда мешавад. Сохтори ташкилӣ инҳоро дар бар мегирад:

- хадамоти идоракунӣ, ки уҳдадориҳо ва ваколатҳои вазифавии он таҳиясозӣ, назорат ва таҳлили иҷрои буҷети корхона мебошанд;

- воҳидҳои сохторӣ (зерсохторҳо), ки объектҳои буҷетикунонӣ мебошанд, маҳз марказҳои масъулият, ки нақшаи буҷет ба уҳдаи онҳо вогузор карда мешавад ва онҳо барои иҷрои буҷет масъул мебошанд.

Супоришҳои буҷетӣ ва таҳриркуниҳои дар давоми раванди буҷетикунонӣ ба онҳо даровардашуда, бояд сари вақт ба марказҳои масъулият ворид шаванд. Бинобар ин, унсури таркибии муҳимми муқарраот (тартибот)-и раванди буҷетикунонӣ ин ҳуҷҷатгардиш мебошад.

Чорум, дар корхонаҳои бузург ва миёнаи бофандагӣ раванди таҳиясозӣ, назорат ва таҳлили иҷрои буҷет бақайдгирӣ ва коркарди ҳаҷмҳои калони иттилоотро дар назар дорад, ки ба таври дастӣ иҷро кардани он ниҳоят мушикл мебошад. Дар раванди буҷетикунонӣ ҳангоми истифодаи воситаҳои техникаи компютерӣ ва таъминоти барномавии муосир дараҷаи фаврият ва сифати корҳои баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ба андозаи назаррас баланд шуда, микдори хатоҳо кам мешавад.

Барои корхонаҳои саноати бофандагӣ асоси низоми буҷетикунонӣ ин буҷети умумӣ мебошад, ки нақшаи корӣ аз рӯи ҳамаи зерсохторҳо ё вазифаҳо ҳамоҳангсозишударо барои тамоми корхона ифода менамояд. Вай аз буҷетҳои амалиётӣ ва молиявӣ иборат мебошад, ки таркиби онҳоро корхона худ муайян мекунад. Дар ин маврид, буҷети амалиётӣ гуфта, он буҷете фаҳмида мешавад, ки барои ҳисобкунии хароҷоти маҳсулоти истеҳсолшуда ё хизматрасониҳо истифода мешавад; буҷети молиявӣ бошад, барои таҳлили таносуби дороиҳо ва уҳдадориҳо, ҷараёнҳои пулӣ, сармояи гардон, фоиданокӣ таъин гардидааст.

Дастаи буҷетҳои амалиётӣ вобаста аз афзалиятҳои роҳбарият ва талабот ба ташкил ва дараҷаи амиқи банақшагирии буҷетӣ, андоза ва хусусиятҳои корхона метавонад дигар шавад. Буҷетҳои молиявӣ (буҷети даромадҳо ва хароҷот, буҷети ҳаракати воситаҳои пулӣ, тавозуни дурнамо) натиҷагиранда буда, дар асоси буҷетҳои амалиётӣ тартиб дода мешаванд. Барои корхонаҳои саноати бофандагӣ таркиби дастаи муқаррарии буҷетҳо бо намуди дар расми 1 овардашуда тавсия дода мешавад.

**Расми 1. Таркиби дастаи муқаррарии буҷетҳо барои корхонаҳои саноати бофандагӣ**
**Figure 1. Composition of a typical team of budgets for enterprises of the textile industry**




Сарчашма: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия кардааст

Пас аз тартиб додани буҷети фурӯш имкони таҳиясозии буҷети истеҳсол ба миён меояд, ки дар он иқтидори истеҳсолии корхона ба ҳисоб гирифта мешавад. Буҷети фурӯш асос барои тартиб додании буҷети истеҳсол – нақшаи корхона оид ба истеҳсоли маҳсулоти худ мебошад. Таъиноти асосии буҷети истеҳсол – муайян кардани барномаи истеҳсолии корхона барои давраи буҷетии оянда (моҳ, семоҳа, сол) мебошад.

Сипас буҷети истеҳсол ба буҷетҳои истеҳсол барои воҳиҳои сохтории истеҳсолоти асосӣ ва ёрирасон тақсим карда мешавад. Буҷети мазкур ба буҷетҳои хароҷоти мустақими моддӣ ва меҳнатӣ, умуман барои корхона ва ҳам барои воҳидҳои сохтории истеҳсолӣ тақсим карда шуда, нақшаи хароҷоти мустақими моддӣ, хизматрасониҳои хосияти истеҳсолӣ дошта, пардохти меҳнатро дар таркиби арзиши аслии маҳсулоти тайёр вобаста аз барномаи истеҳсоли маҳсулот дар давра ифода мекунад.

Дар таркиби буҷети умумӣ, буҷети хароҷоти умумиистеҳсолӣ ва умумихоҷагӣ (хароҷоти ғайримустақим) дохил мешавад, ки раванди ташаккули буҷети арзиши аслии истеҳсолиро ба анҷом мерасонад. Ташаккули буҷети хароҷоти тиҷоратӣ вобаста аз буҷети фурӯш барои давраи оянда ба ҷо оварда мешавад.

МаҷмУи буҷетҳои амалиётӣ намои ҳамгирошудаи фаъолияти корхонаро ифода намуда, ҷиҳатҳои нисбатан муҳиМми онро инъикос мекунад. Дастаи буҷетҳои амалиётӣ вобаста аз талабот ба тасвири муфассалтари ин ё он ҷиҳати фаъолияти корхона метавонад дигар шавад.

Марҳилаи ниҳоии банақшагирӣ дар раванди буҷетикунонӣ ин тартиб додани буҷетҳои молиявӣ (асосӣ) мебошад. Ба сифати буҷетҳои асосӣ дар амалияи байналмилалии буҷетикунонӣ чунин буҷетҳо ҷудо карда мешаванд: буҷети даромадҳо ва хароҷот (ҳисоботи нақшавӣ оид ба фоида ё зарар), буҷети ҳаракати воситаҳои пулӣ (ҳисоботи нақшавӣ оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ) ва тавозуни нақшавӣ (дурнамо).

Таъиноти буҷети даромадҳо ва хароҷот – нишон додани таносуби ҳамаи даромадҳо (маблағи фурӯш) дар давраи буҷетӣ бо тамоми намудҳои хароҷоти дар давоми давра банақшагирифташуда, ки бо гирифтани даромадҳо алоқаманд мебошанд ва ҷудо кардани моддаҳои нисбатан муҳиМми хароҷот, ба қавли дигар, ба роҳбарият намоиш додани самаранокии фаъолияти иқтисодии корхона дар давраи оянда мебошад.

Марҳилаи ниҳоии тартиб додани буҷети умумӣ ин таҳияи буҷети ҳаракати воситаҳои пулӣ чун нақшаи воридшавӣ ва харҷкунии воситаҳои пулӣ дар давра ва буҷети пардохтҳои андозӣ, ки вобаста аз ҳаҷми фурӯши банақшагирифташуда таҳия карда мешавад, инчунин нақшаи дигар воридшавиҳо ва пардохтҳо мебошад. Ҳуҷҷати мазкур воридшавӣ ва хориҷшавии воситаҳои пулии корхонаро инъикос намуда, эҳтиёҷоти корхонаро ба маблағгузории беруна нишон медиҳад, ҳамчунин, ба муайянкунии боз ҳам аниқтари ҳаҷмҳои воситаҳои пулӣ мусоидат менамояд.

Амали баанҷомрасонандаи буҷетикунонӣ, ки худи буҷетикуниро барои таҳлили молиявии минбаъда пурра ва омода менамояд, - ин тартиб додани буҷети тавозуни муҳосибӣ (тавозуни дурнамо) мебошад. Тавозуни дурнамо сохтори дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи корхонаро барои давраи оянда бо баҳисобгирии дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти молиявӣ ифода намуда, тарзи баҳодиҳии тиҷорат дар асоси ҳамаи буҷетҳои корхона мебошад.

Дар таркиби буҷетҳои амалиётӣ метавонанд буҷетҳои ёрирасон бошанд, ки ҳадафи онҳо боз ҳам муфассалтар ифода намудани ҷиҳатҳои алоҳидаи вазъи молиявии корхона мебошад. Масалан, буҷети сармоягузориҳо, нақшаи қарзӣ – таҳлили ҷалб намудани қарзҳо бо шарҳи шароити гирифтан, фоизҳо, муҳлатҳо ва маблағи баргардонидашавандаи қарз.

Таҳлили низомҳои идоракунӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки он ҷо буҷетикунонӣ акнун дар марҳилаи ташаккули худ қарор дорад. Ҳангоми ташкили низоми буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мақбул аст, ки чунин масъалаҳо баррасӣ карда шаванд:

1) кадом хадамот дар корхона ба буҷетикунонӣ машғул мешавад;

2) буҷетикунонӣ бо кадоме аз усулҳо ба ҷо оварда мешавад;

3) назорати иҷрои буҷет чӣ гуна ба ҷо оварда мешавад;

4) таҳлили тамоилот аз бузургии банақшагирифташуда бо кадом усулҳо ва тарзҳо ба ҷо оварда мешавад.

Тавре таҷрибаи корхонаҳои хориҷӣ нишон медиҳад, буҷетикунонӣ асосан аз ҷониби хадамоти махсус, ки аксаран онҳо муҳосиботи буҷетикунонӣ ва кормандони онҳо - назоратчиён ном доранд, ба ҷо оварда мешавад. Рисолати муҳосиботи буҷетикунонӣ, пешниҳод намудани хароҷот ва натиҷаҳои буҷети воқеӣ ва меъёрӣ, таҳия намудани тавсияҳо барои муносибгардонии онҳо мебошад.

Барои корхонаҳои муосири саноати бофандагӣ тавсия медиҳем, ки муҳосиботи буҷетикунонӣ бо яке аз ин самтҳо ташкил ва рушд дода шавад:

- дар намуди баҳисобгирии ҳамгирои иҷрои буҷет дар таркиби муҳосиботи молиявӣ ё идоракунӣ;

- дар намуди муҳосиботи буҷетикунонии мустақили дар асоси иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ бунёдгардида (баҳисобгирии худмухтор).

Вобаста ба ин, се тарзи робитаи муҳосиботи молиявӣ, идоракунӣ ва буҷетикунонӣ имкон дорад:

1) таъсис додани низоми худмухтор бо ҷудо намудани муҳосиботи буҷетикунонӣ чун зернизоми мустақиле, ки маълумоти баҳисобгирии идоракуниро истифода мебарад;

2) ташкил намудани баҳисобгирии алоҳидаи иҷрои буҷет, вале муҳосиботи буҷетикунонӣ дар алоҳидагӣ ҷудо нашуда, дар таркиби муҳосиботи идоракунӣ амал мекунад;

3) ташкил намудани низоми ҳамгиро, ки дар он муҳосиботи молиявӣ, идоракунӣ ва буҷетикунонӣ муттаҳид карда мешаванд. Дар ин маврид низоми ягонаи ҳисобҳои муҳосибӣ истифода бурда мешавад.

Барои он ки натиҷаи татбиқи низоми буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ ба даст ояд, зарур аст, ки буҷетҳои алоҳида бо марказҳои масъулият ҳамбаста карда шаванд. Агар ин амал роҳандозӣ карда нашавад, пас ҳолати корҳо дар сатҳи корхона арзёбӣ карда мешавад. Дар ин маврид кори ғайрисамараноки корхона наметавонад фаҳмонад, ки ин аз сабаби чӣ ба амал омадааст. Яъне, даромад ва хароҷот бояд бо марказҳои масъулият мутавозӣ карда шаванд.

Таъмини устувории фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ ва рушди босуботи онҳо татбиқи низоми чандир ва ба шароити фаъолияти онҳо муносиби буҷетикунониро талаб менамояд. Танҳо механизми ба таври муносиб ташкилшудаи буҷетикунонӣ имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои банақшагирифташудаи фаъолияти корхона ба даст оянд ва корхона дар самти муқарраргардида рушд кунад.

Механизми идоракунии буҷетикунонӣ дар корхона чунин унсурҳои алоҳидаи буҷетикунониро дар бар мегирад: ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ҳавасмандӣ, ки муҳтаво ва вазифаҳои онҳо дар расми 2 нишон дода шудааст.

Дар раванди ташаккул ва дар ҳолати мубрамӣ нигоҳ доштани низоми буҷетикунонӣ дар назди корхонаҳои саноати бофандагӣ дастаи проблемаҳое меистанд, ки дар таҳия ва ҳалли онҳо ҷиҳатҳои ташкилӣ, равишӣ ва иттилоотӣ бо ҳам ангезиш меёбанд.

Ба сифати проблемаҳои асосии буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи унсурҳои алоҳидаи механизми буҷетикунонӣ инҳоро метавон ҷудо кард:

- ташкилӣ (амсилаи молиявии номуносиби корхона, муқаррар намудани буҷетҳо «аз боло ба поён», нокифоя ҷалб намудани роҳбарони марказҳои масъулият ба равандҳои банақшагирӣ, риоя накардани расмиёт ва низомномаҳои буҷетикунонӣ);

- иқтисодӣ (усулҳо ва воситаҳои номуносиби дар раванди таҳиясозӣ, назорат ва таҳлили буҷетҳо истифодашаванда; мавҷуд набудани робитаи низоми буҷетикунонӣ бо низомҳои баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ ва молиявӣ, набудани робитаи байни банақшагирии стратегӣ ва буҷетӣ);

- ҳуқуқӣ (амсилаи буҷетии номуносиб, набудани низомномаи дақиқи буҷетикунонӣ, нодуруст муайянкунӣ ва маҳдудкунии салоҳиятҳо ва масъулияти зерсохторҳои алоҳидаи корхона, муҳлатҳои нодуруст дар муқаррароти буҷетикунонӣ, набудани расмиёти иҷрои буҷетҳо);

**Расми 2. Унсурҳои асосии механизми идоракунии буҷетикунонӣ**
**Figure 2. The main elements of the budgeting management mechanism**




Сарчашма: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия кардааст

- ҳавасмандӣ (барои ҳавасмандии менеҷерҳо муқаррар намудани қиматҳои ниҳоят баландкардашуда ё пасткардашудаи нишондиҳандаҳои ҳадафӣ ва назоратӣ).

Аз натиҷаи таҳлили ташкили равандҳои буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор камбудиҳои дар низоми буҷетикунонӣ ҷойдошта ошкор карда шуданд, чун:

- дараҷаи пасти саҳеҳии натиҷаҳо;
- мувофиқат накардани маълумоти дар ҳисоботҳои гуногун истифодашаванда;
- номукаммалии равандҳои ҷамъоварӣ, интиқол, коркард, нигоҳдорӣ ва ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ додани натиҷаҳои ҳисобкуниҳо;
- шаффоф набудани банақшагирӣ (яъне ғайриимкон будани назораи хатсайри ҳар як рақами ҳуҷҷати ҷамъбастӣ аз маълумоти аввалӣ оғоз карда то маълумоти ҷамъбастӣ);
- набудани низоми пурра амалкунандаи автоматонии раванди буҷетикунонӣ;
- таҳлилпазирии нокифояи маълумот, ки ҳангоми ба ҷо овардани таҳлили нақшавӣ-омилӣ маҳдудиятҳо пеш мегузорад;
- фаврияти нокифояи гирифтани маълумоти зарурӣ;
- меҳнатғунҷоиши баланди раванди қиёспазиркунӣ ва муттаҳидкунии маълумоти хадамоти гуногуни дар банақшагирии буҷетӣ иштироккунанда;
- мутобиқшавии душвори амсилаи то имрӯз мавҷудбудаи буҷетикунонӣ ба муҳити берунии зуддигаршаванда;
- меҳнатғунҷоиши баланди банақшагирӣ ва гирифтани маълумоти воқеӣ аз рӯи аломатҳои таҳлилии талабшаванда;
- мушкилоти додугирифти маълумот дар байни хадамот ва маҳсулоти барномавии гуногун.

Вобаста баислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар раванди буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, чунин самтҳои такмили механизми буҷетикунонӣ тавсия дода мешаванд:

- баланд бардоштани сифати маълумоти таҳлилӣ;
- аниқ намудани нақш ва вазифаҳои иштирокчиёни раванди буҷетикунонӣ;
- ихтисор намудани давомнокии давраи буҷетикунонӣ;

- татбиқ намудани низоми бутуни автоматонидашудаи ташаккул, идоракунӣ, таҳлили иҷро ва назорати буҷетҳо;

- ҳамгирокунии амалҳои хавф-менеҷмент (баҳисобгирии хавфҳо) дар низоми буҷетикунонӣ.

**Муқарриз: н.и.и., м/ калони ДМТ – Шарипов У.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулмуминзода Н.А. Методология и организация бюджетирования на предприятиях сельского хозяйства Республики Таджикистан / Н.А. Абдулмуминзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. -№3. -С.13-20.
2. Андреева А.А. Формирование эффективного механизма бюджетирования на промышленном предприятии / А.А. Андреева // Вестник Волжского университета имени В.Н. Татищева. – 2012. -№1(25). -С.74-80.
3. Бригхем Ю. Финансовый менеджмент. Полный курс в 2-х томах / Ю. Бригхем, Л. Гапенски; пер. с англ. -СПб.: Экономическая школа, 1997. -Т.2. -669 с.
4. Бурцев В.В. Бюджетирование в управлении коммерческой организации [Текст] / В.В. Бурцев // Аудитор. -2006. -№3. -С.32-37.
5. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: Учебник для студентов вузов, обучающихся по экон. специальностям / М.А. Вахрушина. -М.: Омега-Л, 2010. -570 с.
6. Ветрова Л.Н. Бюджетирование – фундамент стратегии развития организации / Л.Н. Ветрова // Все для бухгалтера. – 2008. -№5(221). -С.46-61.
7. Егорушков А.Н. Бюджетирование как технология управления: теоретические основы и концепции / А.Н. Егорушков // Прикладная информатика. – 2007. -№2(8). -С.37-52.
8. Каримов Б.Х. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. -№3(52). -С.38-49.
9. Низомов С.Ф. Развитие системы стратегического управленческого учета в сельскохозяйственном производстве / С.Ф. Низомов, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. -№7. -С.5-13.
10. Николаева О.Е. Управленческий учет / О.Е. Николаева, Т.В. Шишкова. -4-е, изд. доп. -М.: Едиториал УРСС, 2003. -320 с.
11. Сиротина Л.К. Совершенствование бизнес-процесса бюджетирования деятельности текстильного предприятия / Л.К. Сиротина // Технология текстильной промышленности. – 2007. -№1(300). –С.12-15.
12. Тен А.В. Бюджетирование как инструмент управления устойчивостью функционирования коммерческой организации / А.В. Тен // Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. – 2010. -№1(81). -С.89-92.
13. Хруцкий В.Е. Внутрифирменное бюджетирование. Настольная книга по постановке финансового планирования / В.Е. Хруцкий, В.В. Гамаюнов. -М.: Финансы и статистика, 2006. -464 с.
14. Хушвахтзода Қ.Х. Ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ташкилотҳои доруворӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Р.К. Болтуева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№5. -С.80-87.
15. Шим Д.К. Финансовый менеджмент / Д.К. Шим, Д.Г. Сигел; пер. с англ. -М.: Филинь, 1996. -400 с.
16. Чухрова О.В. Актуальность постановки бюджетирования в системе управленческого учета / О.В. Чухрова, М.А. Шмалько // Учет и статистика. – 2008. -№12. -С.43-49.


**БУҶЕТИКУНОНӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИ БОФАНДАГӢ**


Дар шароити иқтисодии муосир, дар амалияи ватании идоракунии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ аҳамияти технологияҳои буҷетикунонии дохилии корхонаҳо зиёд шудааст. Технологияҳои мазкур барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва устувории молиявии корхонаҳо тавассути ҳамоҳангсозии саъю кӯшиши тамоми воҳидҳои сохторӣ, барои ноил шудан ба ҳадафҳои ниҳоии фаъолият хизмат мекунанд. Имрӯз, бидуни буҷет корхонаи муваффақ ва рушдёбандаро тасаввур кардан душвор аст, зеро, маҳз дар асоси низоми буҷетҳо рушди молиявии устувор ва ҳадафноки корхона дар оянда ба даст оварда мешавад, ташкили корҳои ба нақша гирифташуда, назорати натиҷаҳои молиявӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои банқшагирифташуда ба ҷо оварда мешавад. Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ ва ҷиҳатҳои амалии буҷетикунонӣ таҳқиқ карда шуда, дар ин асос заминаҳои амалисозии низоми буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Дар асоси омӯзиши адабиёт, мафҳумҳои «буҷет», «буҷетикунонӣ» ва равандҳои буҷетикунонӣ дар корхонаҳои муосир шарҳ дода шудаанд. Раванди буҷетикунонӣ дар корхонаҳои муосири саноати бофандагӣ таҳқиқ карда шуда, мушкилоти он муайян карда шудаанд. Ҷиҳатҳои муҳимми методологияи татбиқи низоми буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ муайян ва арзёбӣ карда шудаанд. Аз натиҷаи таҳлили ташкили равандҳои буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор камбудиҳои дар низоми буҷетикунонӣ ҷойдошта ошкор карда шуданд. Вобаста ба ислоҳи камбудиҳои мазкур дар раванди буҷетикунонӣ, дар корхонаҳои саноати бофандагӣ самтҳои такмили механизми буҷетикунонӣ муайян карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** банақшагирӣ, банақшагирии буҷетӣ, буҷетикунонӣ, раванди буҷетикунонӣ, бахшҳои фаъолият, воҳидҳои сохторӣ, буҷетҳои амалиётӣ, буҷетҳои молиявӣ.

## БЮДЖЕТИРОВАНИЕ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ТЕКСТИЛЬНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

В современных экономических условиях в отечественной практике финансового менеджмента и управленческого учета возросло значение технологий внутреннего бюджетирования предприятий. Эти технологии служат повышению эффективности деятельности и финансовой устойчивости предприятий за счет координации усилий всех структурных подразделений для достижения конечных целей деятельности. Сегодня сложно представить успешное и развивающееся предприятие без бюджета, ведь именно на основе системы бюджетов достигается устойчивое и целенаправленное финансовое развитие предприятия в будущем, организация запланированных действий по управлению финансами, контроль финансовых результатов и проводится анализ плановых показателей. В данной статье исследуются теоретические основы и практические аспекты бюджетирования, и на этой основе определяются предпосылки внедрения системы бюджетирования на предприятиях текстильной промышленности Республики Таджикистан. На основе изучения литературы разъясняются понятия «бюджет», «бюджетирование» и процессы бюджетирования на современных предприятиях. Исследован процесс бюджетирования на современных предприятиях текстильной промышленности и выявлены его проблемы. Определены и оценены важные аспекты методологии внедрения системы бюджетирования на предприятиях текстильной промышленности. В результате анализа организации процессов бюджетирования на предприятиях текстильной промышленности Республики Таджикистан выявлен ряд недостатков в системе бюджетирования. В целях устранения указанных недостатков в процессе бюджетирования на предприятиях текстильной промышленности определены направления совершенствования механизма бюджетирования.

**Ключевые слова:** планирование, бюджетное планирование, бюджетирование, процесс бюджетирования, сегменты деятельности, структурные подразделения, операционные бюджеты, финансовые бюджеты.

## BUDGETING AT THE ENTERPRISES OF THE TEXTILE INDUSTRY

In modern economic conditions, in the domestic practice of financial management and management accounting, the importance of technologies for internal budgeting of enterprises has increased. These technologies serve to increase the efficiency and financial stability of enterprises by coordinating the efforts of all structural divisions to achieve the ultimate goals of the activity. Today it is difficult to imagine a successful and developing enterprise without a budget, because it is on the basis of the budget system that the sustainable and targeted financial development of the enterprise in the future is achieved, the organization of planned financial management activities, the control of financial results and the analysis of planned indicators. This article examines the theoretical foundations and practical aspects of budgeting, and on this basis, the prerequisites for the introduction of a budgeting system at the enterprises of the textile industry of the Republic of Tajikistan are determined. Based on the study of literature, the concepts of "budget", "budgeting" and budgeting processes in modern enterprises are explained. The process of budgeting at modern enterprises of the textile industry has been studied and its problems have been identified. Important aspects of the methodology for introducing a budgeting system at textile enterprises have been identified and evaluated. As a result of the analysis of the organization of budgeting processes at the enterprises of the textile industry of the Republic of Tajikistan, a number of shortcomings in the budgeting system were identified. In order to eliminate these shortcomings in the budgeting process at textile industry enterprises, directions for improving the budgeting mechanism have been identified.

**Keywords:** planning, budget planning, budgeting, budgeting process, activity segments, structural divisions, operating budgets, financial budgets.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Розиев Диловар Астанақулович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **985-01-67-17**

***Розиев Дилшод Астанақулович*** – ЧДММ «Шаҳриёр сохтмон», сармуҳосиб. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Балъамӣ, 13/2. E-mail: **dilshod_01.06@mail.ru**. Телефон: **(+992) 988-86-17-18**

**Сведения об авторах:** ***Ризоев Диловар Астанакулович*** **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 Телефон: **985-01-67-17**

***Розиев Дилшод Астанакулович*** - ООО «Шахриёр сохтмон», главный бухгалтер. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Балами, 13/2. E-mail: **dilshod_01.06@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-86-17-18**

**Information about the authors:** ***Rizoev Dilovar Astanakulovich*** **-** Tajik National University, assistant of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 Phone: **985-01-67-17**

***Roziev Dilshod Astanakulovich*** **-** Shakhriyor Sokhtmon LLC, Chief Accountant. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Balami street, 13/2. E-mail: **dilshod_01.06@mail.ru.** Phone**: (+992) 988-86-17-18**

УДК 338.431(575.3)

# КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МОҲИЯТ, ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛ

*Алиев О.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ба рушди комплекси агросаноатии кишвар алоқамандии зиёд дорад. Асоси таъмини бехатарии озуқаворӣ ташкили фаъолияти самараноки комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла растанипарварӣ, чорвопарварӣ ва боғдорӣ, инчунин, бо воситаҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ таъмин намудани корхонаҳои агросаноатӣ мебошад.

Бахши кишоварзӣ то имрӯз дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо вазифаҳои хеле муҳимро ба уҳда дорад ва маълум аст, ки ин вазифаҳоро дар оянда низ идома хоҳад дод.

Яке аз ҷузъҳои асосии сиёсати иқтисодии ҳар як мамакат ин сиёсати кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ, ташаккул ва рушди бозори самараноки фаъолияти кишоварзиро бо мақсади ба даст овардани бехатарии озуқаворunion мамлакат ва ҳар як шахсро дар алоҳидагӣ дар бар мегирад.

Комплекси агросаноатӣ (КАС) – бузургтарин маҷмааи байнисоҳавӣ буда, якчанд соҳаҳои иқтисодиётро муттаҳид менамояд, ки ба истеҳсол ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, аз он ба даст овардани маҳсулоти хӯрокворӣ ва расонидани он то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ равона карда шудааст [1].

Ба ибораи дигар, КАС – ин низоми ягонаи корхонаю соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ мебошад, ки дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ инкишоф ёфта, бо принсипҳои ҳамгироӣ алоқаманданд ва ба муносибатҳои моликиятӣ асос ёфта, тамоми занҷираи агросаноатиро аз тавлиди ашёи хоми кишоварзӣ, истеҳсоли воситаҳои муҳим барои кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ ва нигоҳдории маҳсулоти озуқавориро фаро мегирад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мафҳум чунин шарҳ дода шудааст: комплекси агросаноатӣ – маҷмуи соҳаҳои иқтисодиёт буда, ба он истеҳсол, тайёр кардан, захира намудан, кашондан, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, хоҷагии моҳипарварӣ, саноати хӯроковорӣ, дигар соҳаҳо ва фаъолиятҳо, аз ҷумла саривақт таъмин намудан бо техникаи муосир, таҷҳизоти технологӣ, маблағ, иттилоот ва дигар захираҳо, таъмини бехатарии байторӣ-санитарӣ, фитосанитарӣ, таъминоти илмӣ ва тайёр намудани мутахассисон дохил мешаванд [10].

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ маҷмуи соҳаҳои иқтисодиёти кишвар буда, хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои саноатро дар бар мегирад, ки бо истеҳсолот, интиқол, нигоҳдорӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таъминоти онҳо (маҳсулоти кишоварзӣ) ба истеъмолкунандагон, таъмин намудани соҳаи кишоварзӣ бо техника, мошинҳо, моддаҳои кимиёвӣ, нуриҳои минералӣ ва хизматрасонии истеҳсолоти кишоварзӣ зич алоқаманд мебошад.

Комплекси агросаноатиро ба чор самти фаъолияти асосӣ ҷудо кардан мумкин аст, ки дар расми 1 оварда шудааст.

1. Хоҷагии қишлоқ – ҳамчун асоси комплекси агросаноатӣ мебошад, ки ба он растанипарварӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, ташкилотҳо, соҳибкорони инфиродӣ, шаҳрвандоне, ки хоҷагии ёрирасони шахсӣ доранд, кооператсияи матлубот, хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), ки бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ё коркарди аввалия ва минбаъдаи (саноатии) он ва ба муомилоти бозор ворид намудани ин маҳсулотҳо машғуланд [10], дохил мешавад.

2. Соҳаҳо ва хадамотҳое, ки хоҷагии қишлоқро бо воситаҳои истеҳсолот ва захираҳои моддӣ таъмин мекунанд: истеҳсоли трактор ва техникаҳои кишоварзӣ, истеҳсоли нуриҳои минералӣ, моддаҳои кимиёвӣ ва ғайра.

**Расми 1. Соҳаҳои комплекси агросаноатӣ**
**Figure 1. Sectors of the agro-industrial complex**




3. Соҳаҳое, ки ба коркарди ашёи хоми кишоварзӣ машғуланд: саноати хӯрокворӣ, соҳаҳои коркарди аввалияи ашёи хом барои саноати сабук, коркарди ашёи хом барои истеҳсоли хӯроки чорво ва ғ...

4. Инфрасохторӣ - соҳаҳое, ки бо хариди ашёи хоми кишоварзӣ, интиқол, нигоҳдорӣ, савдои молҳои истеъмолӣ, тайёр кардани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, илм ва инноватсия, марказҳои зотпарварӣ ва тухмипарварӣ, сохтмон дар маҷмааи агросаноатӣ (гармхонаҳо, ангарҳо, яхдонҳо ва ба монанди ҳаминҳо) машғуланд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ як қатор хоҷагиҳои сохти ташкилию ҳуқуқияшон гуногун машғул мебошанд. Дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузариш аз иқтисодиёти нақшавӣ ба иқтисодиёти бозорӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ бозсозии ҷиддӣ дида мешавад. Солҳои 1995 то 2010 бо суръати баланд хоҷагии қишлоқ бо роҳи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ аз нав ташкил мешавад, ки ба ташаккули фаъолияти кишоварзии гуногунсоҳа, мутобиқ кардани он ба шароити бозор ва ба ин васила баланд бардоштани самаранокии заминдорӣ ва дар маҷмуъ, имконияти хоҷагиҳо барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Ин иқдом махсусан пас аз интишори фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни 1996, №522 ва аз 9 июни 1999, №1232 "Дар бораи азнавташкилдиҳии корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ" тақвият ёфт.

Самти асосии ин иқдоми пешгирифтаи Президенти кишвар азнавташкилдиҳии колхозҳо ва совхозҳои зиёновар ва дар асоси онҳо ташкил кардани хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд ва хоҷагиҳои ёрирасон мебошад.

Айни замон дар ҷумҳурӣ як қатор ассотсиатсияҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои дигар ташаккул ёфтаанд, ки дар солҳои аввали истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ аз он ҷумла: 206-то колхоз, 362-то совхоз ва 19-то муассисаҳои байнихоҷагии кишоварзӣ мавҷуд буданд, ки аз соли 2010 ин ҷониб дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ба хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳконӣ табдил дода шуданд. Айни замон, дар соли 2020 ба тавлиди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ 176975 хоҷагиҳои сохти ташкилию ҳуқуқияшон гуногун фаъолият мекунанд [7,с.9].

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳисоби ҳама ҷанбаҳои географӣ, демографӣ, экологию кадастрии он арзёбии бехатарии озуқаворӣ аз дигар кишварҳо фарқ мекунад. Шароити иқлими Тоҷикистон бо он хос аст, ки зиёда 90% ҳудуди кишварро кӯҳҳо ишғол мекунанд [2] ва ба низоми баландкӯҳҳои Осиёи Марказӣ тааллуқ дорад. Кӯҳҳои баланди Тоҷикистон минтақаи асосии пиряххои муосир мебошанд, ки он ҳамчун манбаҳои асосии обии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамагӣ заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 14137,9 ҳазор гектарро ташкил медиҳад [6,с.22].

Барои фаъолияти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон майдонҳое, ки баҳри кишти зироатҳо истифода бурдан мумкин аст, арзиши калони иқтисодӣ дорад.

Қисми зиёди заминҳои истифодаи кишоварзиро заминҳои чарогоҳ ташкил мекунанд, ки аз 2820,2 ҳазор гектар иборат мебошад. Заминҳои истифодаи кишоварзӣ, 3674,1 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки заминҳои корам, ҳамчун заминҳои пурқиматтарини кишти кишоварзӣ ба ҳисоб меравaнд. Заминҳои кишти кишоварзӣ 856 ҳазор гектар, ки 6%-и тамоми заминҳои ҷумҳуриро ташкил медиҳад [7,с.27]. Аз ин рӯ, дар рушди истеҳсолоти кишоварзӣ заминҳои корами обӣ, ки масоҳаташон 740 ҳазор гектарро ташкил медиҳад (бе ҳисоби зироатҳои хӯроки чорво), аҳамияти калон доранд [7,с.28].

Маҳз дар заминҳои обёришаванда зироатҳои пурқимати кишоварзӣ, ки асоси маҳсулоти озуқавориро ташкил медиҳанд, аз қабили ғалладона, сабзавот, картошка, зироатҳои полизӣ, ҷуворимакка ва ғайра, ки барои таъмини бехатарии озуқаворӣ мусоидат мекунад, кишт карда мешаванд. Барои зироати хӯроки чорво бошад, боқимонда 106,9 ҳазор гектар истифода бурда мешавад.

Дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1507,3 ҳаз. нафар, ки 16,2% аҳолӣ ё худ 27,3% аҳолии қобили меҳнат фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 254,4 ҳаз. нафарашон занҳо буда, 4,6% аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳанд [13,с.81-90].

Ба ҳар як нафари машғули кишоварзӣ 0,58 гектар замини кишт рост меояд, ё ин ки дар як гектар замини кишти кишоварзӣ қариб ду нафар кор мекунанд, ки онҳо 22,6% ММД-ро дар соли 2020 тавлид кардаанд. Дар натиҷаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз истиқлолият сол то сол ба соҳаи саноат аҳамияти бештар дода мешавад, новобаста аз он бахши кишоварзӣ дар иқтисоди кишвар аҳамияти калон дорад.

Аз рӯи маълумотҳои дар расми 2 оварда шуда мебинем, ки дар соли 2020 нисбати соли 2012 соҳаи кишоварзӣ саҳми худро нисбати ММД 1,3% аз даст дода, бахши саноат баракс 7,5%-и мавқеи худро зиёд намудааст, ки ҷавобгӯй ба СМР 2030 мебошад.

Мувофиқи СМР 2030-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд вазни қиёсии бахши кишоварзӣ дар сохтори ММД тадриҷан коҳиш ёбад ва то соли 2030 ҳиссаи он ба 17-18% баробар шавад ва соҳаи саноат бошад, то 20-21%-и ММД расонида шавад.

**Расми 2. Вазни қиёсии бахши кишоварзӣ ва саноат дар сохтори ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Figure 2. Comparative weight of the agriculture and forestry sector in the GDP structure of the Republic of Tajikistan**




Ин тамоюли бахши кишоварзӣ дар сохтори ММД маънои онро надорад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ коҳиш наёфта истодааст, балки дар Тоҷикистон саноатикунонии босуръат ҷоннок карда шуда, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ афзоиш ёфата истодааст.

Барои муайян намудани ҳолати муосири кишоварзии кишвар, динамикаи Маҷмуи маҳсулоти кишоварзиро дар буриши як чанд солҳо таҳлил кардан лозим аст (расми 3).

Ҳангоми баррасии ин маълумотҳо дида мешавад, ки дар соли аввали истиқлолият вазни қиёсии растанипарварӣ 70% ва чорводорӣ 30% дар МУК ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаҳо дар тули 30 сол тағйир ёфта, соҳаи чорводорӣ мавқеи худро тадриҷан ба растанипарварӣ дода аст ва солҳои охир 73% растанипарварӣ ва 27% чорводорӣ вазни қиёсии МУК-ро ташкил медиҳанд [7,с.16; 16,с.310].

**Расми 3. Сохтори маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ**
**Figure 3. The structure of the aggregate of agricultural products**




Дар ҷадвали зерин пахта ба гурӯҳи зироатҳои равғандор шомил карда шудааст, зеро дар кишвари мо аслан аксари эҳтиёҷоти аҳолиро бо равғани растанӣ аз ҳисоби равғани пахта қонеъ карда мешавад. Аз як сентнер пахтаи хом 52-65 кг пумбадона ва аз 1 кг пумбадонаи пахта 200-270 грамм равған (20-27%), ки дорои сифати баланди ғизоӣ мебошад ва 700-740 грамм кунҷора гирифта мешавад [12]. Дар ҷумҳурӣ сехҳои равғанбарории зиёд аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ насб карда шудааст, ки бозори равғанро бо истеҳсоли равғани ватанӣ, ки аз пумбадонаи пахта ба даст меоянд, таъмин менамоянд.

**Ҷадвали 1. Сохтори маҳсулоти растанипарварӣ ва истеҳсоли он дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1991-2020 (ҳазор тонна)**
**Table 1. The structure of plant breeding products and their production during the period of independence of the Republic of Tajikistan 1991-2020 (thousand tons)**

| Номгӯи зироатҳо | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2019 | 2020 | 2020/1991, фоиз | 2020/1919, фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона | 304,3 | 249,1 | 550,1 | 934,9 | 1261,1 | 1392,7 | 1414,6 | 1561,6 | 513,2 | 110,4 |
| аз он ҷумла | | | | | | | | | | |
| гандум | 153,1 | 174,3 | 406,2 | 618,5 | 857,5 | 896,3 | 836,9 | 864,2 | 564,5 | 103,3 |
| шолӣ | 25,8 | 24,1 | 82 | 62,4 | 76,8 | 85,8 | 106,4 | 133,4 | 518,0 | 125,4 |
| Зироатҳои равғандор | 828,3 | 413,1 | 338,9 | 460,4 | 327,1 | 298,7 | 425,6 | 418,9 | 50,6 | 98,4 |
| аз он ҷумла | | | | | | | | | | |
| пахта | 826 | 411 | 335,4 | 447,9 | 310,6 | 276,1 | 403 | 396,0 | 47,9 | 98,3 |
| зағир | 1,6 | 1,5 | 3,1 | 10,3 | 9,6 | 9,03 | 11,1 | 11,3 | 707,3 | 101,4 |
| офтобпараст | 0,7 | 0,6 | 0,4 | 2,1 | 6,9 | 13,6 | 11,5 | 11,6 | 1567,2 | 101,6 |
| Картошка | 180,9 | 112,0 | 303,2 | 551,1 | 760,1 | 887,4 | 994,4 | 1022,5 | 565,3 | 102,8 |
| Сабзавот | 627,8 | 491,4 | 354,4 | 718,5 | 1142,6 | 1667,8 | 2182,6 | 2479,4 | 394,9 | 113,6 |
| Зироатҳои полезӣ | 175,0 | 116,0 | 95,3 | 170,2 | 482,4 | 529,4 | 701,2 | 757,0 | 432,5 | 108,0 |
| Мева, буттамева | 176,8 | 148,7 | 169,9 | 148,3 | 225,4 | 299,2 | 473,8 | 467,8 | 264,6 | 98,7 |
| Ангур | 120,9 | 96,4 | 110,3 | 90,6 | 124,3 | 203,8 | 247,2 | 239,1 | 197,8 | 96,7 |
| Зироатҳои хӯроки чорво | 5958,8 | 2759,1 | 1095,7 | 1249,9 | 1888,3 | 2500,7 | 2921,7 | 2793,7 | 46,9 | 95,6 |

Сарчашма: Аз ҷониби муалиф омода карда шудааст, Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. - 2021. -С.27-51; 2011. -С.27-50 ва 2001. -С.25-68.

Аз ҷадвали 1 дидан мумкин аст, ки аксари зироатҳо дар даврони истиқлолият ба маротиб афзоиш ёфтаанд: гандум 5,6 маротиба, шолӣ 5,1 маротиба, зағир 7 маротиба,

офтобпараст беш аз 15,6 маротиба, картошка 5,6 маротиба, сабзавот қариб 4 маротиба, зироатҳои полезӣ беш аз 4 маротиба, мева ва буттамева қариб 3 маротиба, ангур қариб 2 маротиба, ғайр аз пахта ва зироатҳои хӯроки чорво, ки онҳо беш аз 50% коҳиш ёфтаанд.

Аз ин маълум мегардад, ки кишоварзон дар баробари зиёд кардани масоҳати заминҳои кишти зироатҳо нисбати зиёд кардани ҳосилнокии зироатҳо низ корҳои назаррас анҷом додаанд.

Дар ин бора Азизов Ф.Х ва Умаров Х.У. дар монография худ "Рушди устувори сектори кишоварзии иқтисодиёт" чунин қайд кардаанд, ки "Ин номутаносибӣ миёни маҳсулотҳои озуқаворӣ ва хӯроки чорво дидан мумкин аст, ҳар чанд дар навбати худ дар дохили маҳсулотҳои озуқавори чунин номутаносибӣ мушоҳида мешавад, дар натиҷа ба таъмини бехатарии озуқавории кишвар таъсири манфӣ мерасонанд. Бо номутаносибии зикр гардида, бархе аз мушкилотҳо миёни ду соҳаи пешбари соҳаи кишоварзӣ, растанипарварӣ ва чорводорӣ низ алоқаманд мебошад [1,с.165].

Барои зиёд кардани ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама, андохтани нуриҳои минералӣ ва пору ба заминҳои киш мусоидат мекунад. Вобаста аз ҷойгиршавии кадастрии заминҳои кишт андохтани нуриҳои менералӣ ва пору аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

**Расми 4. Ба замин андохтани нуриҳои минералӣ ва пору [4,5,7]**
**Figure 4. Applying mineral fertilizers and manure to the ground**




Ба замин андохтани нуриҳои минералӣ ва пору дар соли 2020 нисбати соли 1993 нуриҳои минералӣ 18,5% коҳиш ёфта ва пору бошад, беш аз 2 маротиба зиёд шудааст, картошка ва сабзавот ҳам ҳоло меъёри соли 1993-ро дарёф накардаанд (расми 4).

Ғайр аз соҳаи растанипарварӣ дар сохтори КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон чорводорӣ мавқеи мустаҳкам дорад, ки дар ҷадвали 2 ҳаҷми истеҳсоли ин соҳаро дида мебароем.

Тавре аз ҷадвали 2 бар меояд, истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар даврони истиқлолият ба маротиб афзудааст, ғайр аз моҳӣ, ки қариб ба 80% соли аввали истиқлолият баробар шудааст. Дигар намуди маҳсулоти чорводорӣ дар муддати 30 соли истиқлолият ба маротиб афзудаанд: гӯшти гов ва гӯсола қариб 2 маротиб, гӯсфанд ва буз беш аз 2 маротиба, шир 73,9%, тухм беш аз 2 маротиб ва асал 7 маротиба.

**Ҷадвали 2. Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1991-2019**

**Table 2. Production of livestock products during the period of independence of the Republic of Tajikistan 1991-2019**

| | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2019 | 2020 | Тамоюл солҳо нисбати соли 1991, %(+;-) | | | 2020/2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | 2000 | 2010 | 2020 | |
| Гӯшт (бо вазни кушта), ҳаз. тонна | 75,3 | 51,5 | 29,6 | 53,8 | 71,6 | 108,8 | 136,3 | 150,9 | -60,7 | -4,9 | 100,4 | 10,7 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | | | | | |
| гӯшти гов ва гӯсола | 40,9 | 32 | 15 | 26,7 | 28 | 45,9 | 84,9 | 81 | -63,3 | -31,5 | 98,0 | -4,6 |
| гӯшти гӯсфанд ва буз | 20 | 17,1 | 13,2 | 26,9 | 40 | 51,4 | 43,3 | 47,7 | -34 | 100 | 138,5 | 10,2 |
| гӯшти мурғ | 10,9 | 0,6 | 0,1 | 0,2 | 2 | 6,8 | 8,1 | 21,4 | -99,1 | -81,7 | 96,3 | 164,2 |
| шир | 587,2 | 382 | 309,8 | 533 | 660,8 | 888,9 | 1000,6 | 1020,9 | -47,2 | 12,5 | 73,9 | 2,0 |
| тухм, млн. дона | 454,3 | 49,6 | 23,4 | 98,7 | 231,9 | 357,2 | 725,7 | 983,1 | -94,9 | -48,9 | 116,4 | 35,5 |
| Моҳӣ, тонна | 3900 | | 200 | | 677,5 | | 2302,9 | 3123,3 | -94,9 | -82,6 | -19,9 | 35,6 |
| Асал, тонна | 593 | | | 1520 | 2968,6 | 3853 | 4215 | 4221 | - | 400,6 | 611,8 | 0,1 |

Сарчашма: Аз ҷониби муалиф омода карда шудааст, Омори солонаи Ҷумухрии Тоҷикистон. - 2021. -С.308, Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. - 2021. -С. 318.

Гӯшти мурғ, тухм ва моҳӣ пас аз ворид кардани тағйиру иловаҳо дар кодекси андоз оиди ҳавасмандгардонии андозӣ дар намуди имтиёзҳои андоз барои истеҳсол ва фурӯши молҳои ҳаётан муҳим ба тадриҷ рӯ ба афзоиш ниҳод [8].

Чи тавре дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд гардид «Воридоти гӯшти паранда аз 65 ҳазор тонна ба маблағи 50 миллион доллар дар соли 2014 то 3 ҳазор тонна ба маблағи 9 миллион доллар дар соли 2021 кам гардид, яъне аз рӯи ҳаҷм беш аз 21 баробар коҳиш ёфт.

Инчунин, дастгириҳои давлатӣ ва имтиёзҳои пешниҳодшуда боиси рушди соҳаҳои боғу токпарварӣ, чорводориву парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ гардиданд» [14].

Бо қабул гардидани «Барномаи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи занбӯрпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи занбӯриасалпарварӣ соли 2012 [11] ва дастгирии пайвастаи Ҳукумати ҷумҳурӣ истеҳсоли асал ба 4221 тонна расонида шуд.

Оқилона истифодабарии заминҳои кишт ва чарогоҳҳо дар хоҷагии қишлоқ бо парки мошину тракторҳо, ки ҳиссаи арзиши бештари воситаҳо асосии корхонаҳои кишоварзиро ишғол мекунад, алоқамандии зич дорад.

Тахлили ҳолати КАС, нопурра мешавад, агар базаи моддию техникии онро ба назар нагирем. Аз соли 1991 то соли 2015 шумораи мошинолотҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ ба тадриҷ кам шуда рафтаанд.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ, айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тракторҳо, комбайнҳо ва мошинаҳои кишоварзӣ вуҷуд дорад, ки онҳо дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Коэффитсиенти навкунии воситаи асосӣ ($К_{нав}$) дар корхонаҳои кишоварзӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда шудааст:

**Ҷадвали 3**. **Миқдори мошинолотҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. дона**
**Table 3. The number of agricultural machines in the Republic of Tajikistan, thousand. piece**

| № | Номгӯи техникаҳо | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2019 | 2020 | Коэффитсиенти навкунии ВА | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | 2020/1991 | 2015/2010 | 2020/2015 | 2020/2019 |
| 1 | Тракторҳо | 37,1 | 36,6 | 24,0 | 19,9 | 13,7 | 9,2 | 27,8 | 27,4 | -0,3 | -0,5 | 66,4 | -1,5 |
| 2 | Ядакҳои тракторӣ | 18,3 | 12,5 | 11,4 | 10,4 | 7,0 | 4,8 | 9,4 | 9,0 | -1,0 | -0,5 | 47,0 | -4,9 |
| 3 | Автомобилҳои боркаш | 18,3 | 18,3 | 10,9 | 7,7 | 4,3 | 2,6 | 1,8 | 1,7 | -9,3 | -0,7 | -52,9 | -6,4 |
| 4 | Комбайнҳои ғалладаравӣ | 1,6 | 1,2 | 1,0 | 0,6 | 0,6 | 0,4 | 1,10 | 1,07 | -0,5 | -0,5 | 64,9 | -2,9 |
| 5 | Комбайнҳои ҷуворимаккадаравӣ | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,1 | 0,1 | 0,03 | 0,03 | 0,02 | -11,4 | -1,5 | -47,1 | -58,8 |
| 6 | Комбайнҳои алафдаравӣ | 1,2 | 1,1 | 0,7 | 0,5 | 0,3 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | -6,9 | -0,7 | -14,6 | -23,8 |
| 7 | Тойбанду такрезчинҳо | 1,5 | 1,3 | 0,8 | 0,5 | 0,2 | 0,1 | 0,6 | 0,7 | -1,3 | -0,6 | 79,4 | 14,4 |

Сарчашма: Аз ҷониби муалиф омода карда шуда аст. Кишоварзии Ҷумухрии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. - 2020. -С.60; 2011. -С.59 ва 2001. -С.79,

$$К_{нав} \frac{\text{миқдори ВА нав воридшуда}}{\text{миқдори ВА дар охири соли ҳисоботӣ}}$$

Дар методикаҳои дигар қайд шудааст, ки самаранокии иқтисодии истифодаи мошинҳо, агрегатҳо ё комплекси онҳоро бо ёрии нишондиҳандаҳои арзишӣ метавон муайян намуд [15].

Чи тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали 3 дидан мумкин аст, аз соли 1991 то соли 2015 ҳама намуди мошинолотҳои кишоварзӣ тамоюли манфӣ доранд. Танҳо пас аз 25 соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли аксари мошинолотҳои кишоварзӣ ва хсусан дар панҷсолаи охир (2020/2015) рӯ ба афзоиш ниҳода: тракторҳо 66,4%, ядакҳои тракторӣ 49%, комбайнҳои ғалладаравӣ 66%, комбайнҳои ҷуворимаккадаравӣ ва алафдаравӣ 7%, тойбанду такрезчинҳо 79%-ро ташкил дод.

Камшавии захираҳо ва таъминоти техникаи кишоварзӣ натиҷаи афзоиши чандкаратаи арзиши техникаи кишоварзӣ ва даромади пасти соҳаи кишоварзӣ дар давраи гузариш аст. Мошину тракторҳои хоҷагиҳо куҳна шудааст. Қариб ҳамаи он аз муҳлатҳои муқарраршудаи истеҳлок, ки дар ҳолати фарсудашуда мебошанд, истифода мешаванд.

Барои муайян кардани нақши техника, нуриҳои минералӣ ва дигар моддаҳои хароҷот дар истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзиро аз маълумотҳои хоҷагии деҳқонии “Эҳё-2008” дида мебароем.

**Ҷадвали 4. Арзишдиҳии истеҳсоли гандум аз як гектар замин дар ХД “Эҳё-2008”**
**Table 4. Evaluation of wheat production from one hectare of land in "Ehyo-2008"**

| Намуди хароҷот | Маблағ, сомонӣ | Вазни қиёсӣ, % | Намуди хароҷот | Маблағ, сомонӣ | Вазни қиёсӣ, % |
|---|---|---|---|---|---|
| Андози ягона | 355 | 2,3 | ҷӯяккашӣ | 600 | |
| Хароҷоти об | 276 | 1,8 | комбайн | 1200 | |
| Музди меҳнат | 3000 | 19,7 | Тухми гандум 220 кг | 1320 | 8,7 |
| ММ кироя | 1000 | | Нуриҳои менералӣ ва химикатҳо | 6100 | 40,0 |
| ММ коридан | 200 | | Суперфосфат 200кг | 600 | |
| ММ саҳмдорон 8 моҳ | 2000 | | Карбомид 250кг | 2750 | |
| Андози иҷтимоӣ | 600 | 3,9 | Селитра 250кг | 2750 | |
| Хароҷоти техникӣ | 3600 | 23,6 | Химикатҳо | 200 | |
| Шудгор | 1000 | | Ҳамагӣ | 15251 | 100 |
| чизил | 800 | | | | |

Сарчашма: маълумотҳои ХД “Эҳё-2008” бо нархҳои бозорӣ. - 2021-2022.

Агар мо арзишдиҳии кишти гандумро сафдиҳӣ кунем, он гоҳ мебинем, ки дар ҷойи аввал хароҷотро нуриҳои минералӣ 40%, дуюм хароҷот техникӣ 23,6%, пас аз он музди меҳнат 19,7% ва ғайра ишғол намудааст.

Ҳамин тариқ, пас аз таҳлили вазъи муосири КАС-и дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавон хулосаҳои зерин баровард. Рушди иқтисоди самарабахши соҳаи кишоварзӣ, бояд дар асоси барномаҳои мақсаднок, лоиҳаи афзалиятноки миллӣ ба монанди "Рушди КАС", СМР-2030 ва барномаҳои минтақавӣ бо дарназардошти оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, иқлимӣ, заминӣ, меҳнатӣ, илмӣ, моддӣ ва молиявӣ дар истеҳсолоти хурду миёна ва калон, ки якдигарро дар минтақаҳо ва марказҳои саноати хӯрокворӣ пурра мекунанд (ҳамгиройӣ мешаванд), таъмин карда шавад.

Мушкилоти афзалиятноки КАС масъалаҳои муносибатҳои ҳамгироии истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқро дар шароити рақобат дар бар мегиранд. Ин ба корхонаҳои хурду калони кишоварзӣ, ки ноустувории бозор, гаронии андоз, фарсудашавии таҷҳизот ва технологияҳоро эҳсос мекунанд, дахл дорад [3].

Пас аз омӯзиши мухтасари комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушд ин соҳа амалигардонии чунин чорабиниҳоро зарур мешуморем:

- рушди тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ ва зотпарварӣ;
- таъмин кардани хоҷагиҳои кишоварзӣ бо навъҳои сермаҳсули растаниҳо ва зоти чорво;
- ҳарчи зудтар фаъол гардонидани саноати истеҳсоли нуриҳои менералӣ;
- субсидияи давлатӣ, лизингҳои дастрас барои хариди техникаҳои кишоварзӣ.

Дар ин ҷо ислоҳоте, ки бо рушди бахши хусусӣ суръат мебахшад, азнавсозии шабакаҳои хариду фурӯш, бастубандкунии маҳсулотҳои кишоварзӣ (барои содирот ва бозори дохилӣ, ки бо маҳсулотҳои воридотӣ рақобатпазир бошад) ва ба кор даровардани иқтидорҳои саноати коркарди маҳсулоти авалияи кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳо ва минтақаҳои аҳолинишин зарур аст.

Хулоса, фаъолият ва рушди комплекси агросаноатӣ бештар ба танзим ва дастгирии давлат ниёз дорад, зеро ҳадафи асосии комплекси агросаноатӣ таъмини амнияти озуқавории давлат мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., м/к-и ДМТ – Сафаров Н.У.**

**АДАБИЁТ**


1. Азизов Ф.Х. Устойчивое развитие аграрного сектора экономики: Монография / Ф.Х. Азизов, Х.У. Умаров. –М.: Экономическое образование, 2018. -212 с.
2. Алиев О.М. Методы и методология определения уровня продовольственной безопасности в Республике Таджикистан / О.М. Алиев // Таджикистан: экономика и управление. - 2021. -№1. -С.50-57.
3. Зарубежный опыт кластерного развития агропромышленного комплекса / Д.С. Пириев, М.Р. Курбонов, Н.И. Амиров, Ф.Б. Махмадиев // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. - 2013. -№4(38). -С.59-63.
4. Кишоварзии Ҷумуҳрии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2001.
5. Кишоварзии Ҷумуҳрии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011.
6. Кишоварзии Ҷумуҳрии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020.
7. Кишоварзии Ҷумуҳрии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.
8. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021.
9. Комплекси агросаноатӣ // Мавод аз Википедиа - донишномаи озод. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Агропромышленный_комплекс (санаи мурочиат 17.07.2021).
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.03.2007с №241.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи занбӯриасалпарварӣ - ш.Душанбе, 16-апрели соли 2012, №820.
12. Народнохозяйственное значение хлопчатника // the-farmer.ru - информационный сайт о сельском хозяйстве. [Электронный ресурс]. URL: https://the-farmer.ru/vyraschivanie-hlopchatnika (дата обращения 29.07.2021).
13. Омори солонаи Ҷумуҳрии Тоҷикистон. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020.

14. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 13:10, шаҳри Душанбе.
15. Тағоев У.А. Усулҳои арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар КАС / У.А. Тағоев, А.М. Холов // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. - 2021. -№1. -С.27-38.
16. Тоҷикистон: 25 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016.
17. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.

## КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МОҲИЯТ, ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛ

Дар мақолаи мазкур мафҳум, моҳият ва ҳолати консептуалии комплекси агросаноатӣ баррасӣ шуда, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қайд шудааст, ки комплекси агросаноатӣ ин низоми ягонаи соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ мебошад, ки дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ инкишоф ёфта, тамоми занҷираи агросаноатиро аз тавлиди ашёи хоми кишоварзӣ то коркард ва нигаҳдории маҳсулоти озуқаворӣ дар бар мегирад. Инчунин, дар мақола комплекси агросаноатӣ ба чор самти фаъолияти асосӣ: хоҷагии қишлоқ, соҳаи хизматрасонии хоҷагии қишлоқ, соҳаи коркарди ашёи хоми кишоварзӣ ва инфрасохтори хоҷагии қишлоқ ҷудо карда шудааст. Комплекси агросаноатии кишвар аз давраҳои таҳаввулоти хоҷагии қишлоқ бо роҳи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, азнавташкилдиҳии колхозҳо ва совхозҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ то истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар рафти таҳқиқот таносуби истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ дар ММД мавриди таҳлил қарор дода шуда, қайд шудааст, ки дар Тоҷикистон саноатикунонии босуръат идома ёфта, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбати кишоварзӣ афзоиш ёфата, соли 2019 қариб баробар шудааст. Инчунин, маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ, ки аз ду бахши асосӣ иборат мебошад, растанипарварӣ ва чорводорӣ ҳолати муосир ва тамоюли онҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Пешниҳод карда шудааст, ки рушди иқтисодии самарабахши соҳаи кишоварзӣ бояд дар асоси барномаҳои мақсаднок, лоиҳаи афзалиятноки миллӣ ва барномаҳои минтақавӣ бо дарназардошти оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, иқлимӣ, заминӣ, меҳнатӣ, илмӣ, моддӣ ва молиявӣ дар истеҳсолоти хурду миёна ва калон, ки якдигарро дар минтақаҳо ва марказҳои саноати хӯрокворӣ пурра мекунанд, таъмин карда шавад.

**Калидвожаҳо:** комплекси агросаноатӣ (КАС), бехатарии озуқаворӣ, маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ, ММД, растанипарварӣ, чорводорӣ, кишоварзӣ, субсидия, саноати хурокворӣ, арзишдиҳӣ.

## АГРОПРОМЫШЛЕННЫЙ КОМПЛЕКС РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: СУЩНОСТЬ, СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ТЕНДЕНЦИИ

В данной статье рассматриваются понятие, сущность и концептуальное состояние агропромышленного комплекса. Отмечено, что агропромышленный комплекс представляет собой единую систему сельскохозяйственных и промышленных отраслей, которая развивается в системе общественного производства и охватывает всю агропромышленную цепочку от производства сельскохозяйственного сырья до переработки и хранения продуктов питания. Также в статье агропромышленный комплекс разделен на четыре основных направления деятельности: сельское хозяйство, сельскохозяйственные услуги, переработка сельскохозяйственного сырья и сельскохозяйственная инфраструктура. Изучен и проанализирован агропромышленный комплекс страны от этапов развития сельского хозяйства через реформу аграрного сектора, от реорганизации колхозов и совхозов в дехканские хозяйства до производства сельскохозяйственной продукции. В исследовании анализируется соотношение сельскохозяйственного и промышленного производства в ВВП, отмечается, что в Таджикистане продолжается стремительная индустриализация, а объем промышленного производства в 2019 году увеличивается, большими темпами, чем сельское хозяйство. Также анализируется комплекс продукции сельского хозяйства, который состоит из двух основных отраслей: растениеводства и животноводства, их современное состояние и тенденции. Предлагается, чтобы эффективное экономическое развитие аграрного сектора основывалось на целевых программах, приоритетных национальных проектах и региональных программах с учётом рационального использования природных, климатических, земельных, трудовых, научных, материальных и финансовых ресурсов в малых, средние и крупные предприятия, которые дополняют (интегрируются) друг друга в регионах и центрах пищевой промышленности.

**Ключевые слова:** агропромышленный комплекс (АПК), продовольственная безопасность, Валовая продукция сельского хозяйства, ВВП, растениеводство, животноводство, сельское хозяйство, субсидия, пищевая промышленность, калькуляция.

## AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: ESSENCE, CURRENT STATUS AND TRENDS

This article discusses the concept, essence and conceptual state of the agro-industrial complex. It is noted that the agro-industrial complex is a single system of agricultural and industrial sectors, which develops in the system of social production and covers the entire agro-industrial chain from the production of agricultural raw materials to the processing and storage of food. Also in the article, the agro-industrial complex is divided into four main areas of activity: agriculture, agricultural services, processing of agricultural raw materials and agricultural infrastructure. The country's agro-industrial

complex has been studied and analyzed from the stages of agricultural development through the reform of the agrarian sector, from the reorganization of collective farms and state farms into dekhkan farms to the production of agricultural products. The study analyzes the ratio of agricultural and industrial production in GDP, it is noted that rapid industrialization continues in Tajikistan, and the volume of industrial production relative to 2019 is increasing compared to agriculture. It also analyzes the complex of agricultural products, which consists of two main sectors, crop production and animal husbandry, their current state and trends. It is proposed that the effective economic development of the agricultural sector be based on targeted programs, priority national projects and regional programs, taking into account the rational use of natural, climatic, land, labor, scientific, material and financial resources in small, medium and large enterprises that complement (integrate) each other in the regions and centers of the food industry.

**Keywords:** agro-industrial complex (AIC), food security, Gross agricultural output, GDP, crop production, animal husbandry, agriculture, subsidy, food industry, calculation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алиев Олимҷон Маҳмудович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 7340025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904-43-02-03**. E-mail: **olim.23@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Алиев Олимжон Махмудович* –** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 904-43-03-02.** E-mail: **olim.23@mail.ru**

**Information about the author:** ***Aliev Olimjon Mahmudovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 904-43-03-02.** E-mail: **olim.23@mail.ru**

УДК. 331

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Файзуллоев К.Ҷ., Асоева Ф.У.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳамкории рушдкунандаи иқтисодиёти миллӣ тамоюли равшани тараққиёти ҷаҳон мебошад. Дар баробари ин, андозҳо ба яке аз воситаҳои ташкили фазои ягонаи иқтисодии давлатҳое табдил ёфтанд, ки бо манфиатҳои умумии иқтисодию сиёсӣ алоқаманданд.

Омӯзиши хусусиятҳои андозбандии муассисаҳои таълимӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва муайян намудани тамоюлҳои рушди он зарур аст, ки механизми танзими андоз ва ҳавасмандгардонии рушди ин соҳаро таҳия намоянд.

Диққати махсус андозбандиро дар соҳаи маориф дар Британияи Кабир талаб мекунад. Ба андозсупорандагон имтиёзҳои зерини андоз, ҳам барои муассисаҳои таълимӣ ва ҳам барои иштирокчиёни муассисаҳои таълимӣ дода мешаванд:

– кам кардани фоизи андоз аз амволи ғайриманқули муассисаҳои таълимӣ;

- озод намудани хизматрасониҳои таълимӣ аз андоз аз арзиши иловашуда. (Ин озодкунӣ барои муассисаи ваколатдоре пешбинӣ шудааст, ки мафҳуми онро қонун муқаррар кардааст. Мафҳуми мазкур танҳо бо мақсади сабук кардани андоз аз арзиши иловашуда истифода мешавад);

– фондҳо ва дигар шахсони ҳуқуқии марбут ба соҳаи маориф (дар шакли озодкунӣ ва тарҳҳо аз андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз амвол ва баъзе дигар андозҳо);

– донишҷӯён (дар шакли қарзҳои андоз ба маблағи меъёрҳои фоизи қарзҳои донишҷӯӣ, тарҳҳои андоз аз даромад, озодкунӣ аз андоз аз даромад барои стипендия ва пардохтҳо барои грантҳои тадқиқотӣ) [5].

Дар баъзе ҳолатҳои хеле кам, хусусияти андозбандӣ бо истифодаи меъёрҳои камшудаи фоизҳо аз рӯи андоз, масалан, амволи ғайриманқули муассисаҳои таълимии хусусӣ (дар баъзе системаҳои андозбандии маҳаллӣ) вобаста аст.

Муассисаи марказӣ, ки дар байни низоми андозбандӣ, системаи маориф ва системаи дастгирии давлатии таҳсилот хизмат мекунад, ин муассисаи кредити андоз (taxcredit) мебошад, ки дар Британияи Кабир аксар вақт аз доираи имтиёзҳои андоз берун баромада, бевосита кумаки молиявии давлат ҳамчун субсидия табдил меёбад.

Қонуни андози Британияи Кабир масъулиятро барои эъломияҳои бардурӯғ ва қаллобӣ бо мақсади ба даст овардани кредитҳои андоз муқаррар мекунад. Ҷарима метавонад на танҳо ба андозсупоранда, балки ба ташкилоте низ ситонида шавад, ки ба сифати агенти андоз баромад кардааст, ки бояд баргардонидани андозро ҳисоб кунад.

Ташкилотҳои корфармо супорандагони ҳаққи суғуртаи давлатии кормандони худ мебошанд [6]. Инчунин, аз корфармо талаб карда мешавад, ки аз корманд маблағи қарзи имтиёзноки таҳсилро, ки муассисаҳои молиявию қарзие, ки давлат ба донишҷуён махсус ваколатдор кардааст, нигоҳ дорад.

Ҷадвалҳои махсус тасдиқшуда мавҷуданд, ки номгӯи пурраи уҳдадориҳоро оид ба тарҳҳо оид ба пардохти қарзи таҳсилот инъикос мекунанд. Корфармо ситонишро аз лаҳзаи аз хадамоти андоз ё гумрук гирифтани огоҳинома дар бораи баргардонидани қарзи таълимӣ қатъ менамояд.

Ин уҳдадории корфармоён, уҳдадории андоз нест, аммо маъмурияти чунин пардохтҳо аз ҷониби хадамоти андоз ва гумрук амалӣ карда мешавад. Барои сари вақт иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба нигоҳ доштан ва гузаронидани маблағҳои нишондодашуда, ба корфармо ҷарима андохта мешавад.

Проблемаҳои андозбандии як давлати алоҳида, бояд дар баробари тамоюлҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ баррасӣ шаванд. Ҳангоми таҳияи сиёсати миллии андоз таҷриба ва дурнамои ислоҳоти андозро дар кишварҳои хориҷӣ ба назар гирифтан зарур аст.

Яке аз системаҳои андозбандии имтиёзнок дар соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ, ин системаи андозбандии дузинагӣ дар Британияи Кабир мебошад.

Хусусияти андоз дар соҳаи маориф дар Британияи Кабир, пеш аз ҳама, бо пешниҳоди имтиёзҳои гуногуни андоз, озодкунӣ, қатъкунӣ ба андозсупорандагон – иштирокчиёни сохторҳо – волидон (дар шакли тарҳҳои дақиқи андоз), ташкилотҳои таълимӣ, фондҳо ва дигар шахсони ҳуқуқӣ, ҳадафҳои оинномавии таъсис, ки чӣ тавр ё ба тариқи фишангҳои таълимӣ алоқаманд, ба донишҷӯён (дар шакли кредитҳои андоз барои фоизҳои қарз, тарҳҳо аз андоз аз даромад, озодкунии андоз аз стипендия ва пардохтҳо барои грантҳое, ки барои дастовардҳои илмӣ пешбинӣ шудаанд). Инчунин, Шумо метавонед имтиёзҳои андозро барои корфармоёне дохил кунед, ки тахассуси кормандонро аз ҳисоби худ такмил медиҳанд. Мақомоти асосие, ки хамчун институти пайвасткунандаи системаи андоз ва системаи маориф, инчунин, системаи дастгирии давлатии маориф хизмат мекунад, институти кредити андоз мебошад, ки дар Британияи Кабир аксар вақт на танҳо ҳамчун имтиёзи одии андоз табдил меёбад, ва кумаки бевоситаи молиявии давлатӣ субсидия мегардад. Хусусияти Британияи Кабир дар ин самт дар робитаи зиччи мафҳумҳо ба монанди «имтиёзи андоз» ва «манфиат» ташаккул меёбад [5].

Дар Британияи Кабир, муассисаҳои таълимӣ аксар вақт мақоми хайрия доранд ва аз андозҳо барои аксари фаъолияташон озоданд. Мақоми хайрия ба муассисаи таълимӣ дар сатҳи минтақавӣ дода мешавад (танзимгарони хайрия), аз ин рӯ, дар баъзе ҳолатҳо муассисаи таълимии хусусии ғайридавлатӣ метавонад аз ҳуқуқи гирифтани имтиёзҳо аз андоз маҳрум карда шавад (масалан, собиқа дар Шотландия). Масалан, дар Британияи Кабир ба ташкилотҳои таълимӣ имтиёзҳои зерини андоз дода мешаванд:

Озодкунии андоз аз андози корпоративӣ (давлатӣ) ба истисноии амалиёти ғайрихайриявӣ, яъне амалиётҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ инъикос нашудаанд, татбиқ мешавад.

Боҷи давлатӣ (боҷи тамғавӣ) (давлатӣ). Ҳангоми ба даст овардани амволи ғайриманқул ва дигар молу мулк боҷ ситонида намешавад.

Андоз аз арзиши иловашуда (давлат). Дар робита ба хариди молҳо ва хидматҳо, аксари муомилот аз андоз озод мебошанд (бояд дар фаъолияти ғайритиҷоратӣ нисбат ба амволи ғайриманқул истифода шавад). Ҳамин тариқ, намудҳои зерини амалиёти муассисаҳои таълимӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд:

- хизматрасониҳои таълимӣ;
- фаъолияти тадқиқотӣ;
- гузаронидани хадамоти имтиҳонӣ;
- харид ва фурӯши молҳо хизматрасониҳое, ки ба фаъолияти дар боло зикргардида алоқамандии зич доранд, агар молу хизматрасонӣ барои истифодаи мустақим аз ҷониби донишҷӯён таъин шуда бошад ва контрагенти амалиёт муассисаи таълимӣ бошад;
- хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ, инчунин, хариди молҳо ва хизматрасониҳои барои пешниҳоди онҳо зарурӣ [2].

Таснифи имтиёзҳо вобаста ба муқаррароти он барои тағйир додани ин ё он намуд дар сохтори андоз анҷом дода мешавад.

Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандии амволи ташкилотҳо тавассути озодкунии андоз сурат мегирад. Қариб дар ҳама минтақаҳо андоз аз молу мулк, аз ташкилотҳои буҷетии умумӣ ё муассисаҳои таълимӣ, ки фаъолияти онҳо аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуривяӣ ё маҳаллӣ сармоягузорӣ мешавад, ситонида намешавад. Дар баъзе мавридҳо як қатор имтиёзҳои андоз барои муассисаҳои худмухтор нисбат ба молу мулке, ки муассис дар паси онҳо гузоштааст ё амволе, ки муассисони худмухтор аз ҳисоби маблағе, ки муассис барои гирифтани амвол ба ӯ додааст, алоҳида баррасӣ мешавад. Паст кардани меъёри андоз (тахфиф) дар сатҳи минтақавӣ бо нишондиҳандаи пасттари предмети имтиёзи андоз фарқ мекунад. Дар бисёр минтақаҳо меъёри имтиёзнокии андоз бевосита аз ҷониби ташкилоти таълимӣ муқаррар карда мешавад, агар фаъолияти онҳо қисман ё пурра аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ сармоягузорӣ карда шавад.

Даромадҳое, ки ташкилотҳои таълимӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ ба даст овардаанд, ки аз фаъолияти таълимӣ маблағгузорӣ мешаванд, аз ҷумла аз замин андозбандӣ

намешаванд. Қоидаи ҳатмии истифодаи имтиёзҳои иҷозатдодашуда аз он иборат аст, ки андозсупоранда дорои иҷозатномаи амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ мебошад. Стандартҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҷорӣ кардааст, ба стандартҳои амали бевосита дахл доранд.

Маблағи андоз = объекти андозбандӣ (бо назардошти ҳавасмандии №1) меъёри андоз (бо назардошти ҳавасмандии №2) - дигар имтиёзҳои ҳуқуқӣ (бо назардошти ҳавасмандии №3).

Фоидаи №1 ҳамчун ҳадди ақали ситониданашавандаи объекти андозбандӣ, инчунин, озодкунии имконпазир аз андозбандии ин унсурҳои объекти андоз муайян карда мешавад.

Фоидаи №2 ҳамчун коҳиши эҳтимолии андоз барои объекти воқеии андозбандишаванда ё субъекти соҳибкорӣ муайян карда мешавад.

Имтиёзи №3 як қатор тарҳҳо ва озодкунии қонунӣ аз андоз дар марҳилаи ҳисобшудаи вақт, аз ҷумла онҳое, ки ба имтиёзҳо алоқаманд нестанд (масалан, маблағи андоз аз арзиши иловашуда аз ҷониби истеҳсолкунанда) муайян карда мешавад.

Таъсири мустақим ба фаъолияти муассисаҳо дорои чунин нишондиҳандаест, ки ба монанди сатҳи хавфҳои андоз, ки боиси сар задани талафоти молиявӣ мегардад [1]. Сатҳи хавфҳои андоз аз таъсири як қатор омилҳои дар расми 1 овардашуда ба фаъолияти он вобаста аст.

**Расми 1. Омилҳое, ки ба сатҳи хавфҳои андозии муассисаҳои давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ таъсир мерасонанд**

**Figure 1. Factors affecting the level of tax risks of public institutions in the field of higher education**

| **Омилҳое, ки ба дараҷаи хатарҳои андоз таъсир мерасонанд муассисаҳои давлатии соҳаи маълумоти олӣ** |
|---|
| **Омилҳои молиявӣ** |
| Онҳо дар истифодаи бесамар ва ғайриоқилонаи захираҳои молиявие, ки ҳам барои фаъолияти он аз буҷетҳои системаи буҷети Федератсияи Русия ҷудо карда мешаванд ва ҳам аз ҷониби онҳо вобаста ба пешбурди фаъолияти даромад ба даст оварда мешаванд. Тамоюли аз ҷониби давлат коҳиш додани дастгирии молиявии фаъолияти муассисаҳо низ боиси афзоиши хавфҳои андозии онҳо мегардад. |
| **Қувваҳои иқтисодӣ** |
| Методологияи нодурусти баҳисобгирии бухгалтерӣ, андози муассисаҳо ва ноустувории вазъи молиявии онҳо. |
| **Омили идоракунӣ** |
| Онҳо дар қарорҳои беасос қабулкардаи роҳбарияти муассисаҳо, дар сурати мавҷуд набудани сатҳи банақшагирии андоз ифода мешаванд. |
| **Омилҳои ҳуқуқӣ** |
| Ноустувории қонунгузорӣ, ки дар зуд-зуд тағйир додани қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз зоҳир мешавад |
| **Омилҳои иҷтимоӣ** |
| Татбиқи беасоси имтиёзҳои андоз аз сабаби тафсири норавшании қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва пардохтҳо |

Ҳангоми муқаррар намудани имтиёзҳои андоз дар сатҳи субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрҳо танҳо чунин субъектҳои андозбандӣ, ба монанди меъёрҳои андоз, тартиб ва муҳлати пардохти андозҳо метавонанд тағйир дода шаванд. Дар баробари ин, субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонва шахракҳо ҳуқуқи муайян кардани асосҳо ва тартиби татбиқи имтиёзҳои муқарраршудаи андозро нигоҳ медоранд.

Азбаски ташкилотҳои таълимӣ бештар дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти ғайритиҷоратӣ – муассисаҳо ташкил ёфтаанд, диққати асосӣ дар муайян намудани андозбандии имтиёзнок ба ташкилотҳои таълимии давлатӣ ва маҳалӣ гузошта мешавад. Ин равиш ба манфиатҳои дигар категорияҳои ташкилот зарар намерасонад, зеро Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани имтиёзҳои андозро вобаста ба шакли моликияти андозсупорандагон манъ мекунад. Ҳамин тариқ, имтиёзҳое, ки барои муассисаҳои таълимӣ муқаррар шудаанд, ба ҳамаи ташкилотҳои таълимӣ дахл хоҳанд кард.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бозори хизматрасониҳои таълимӣ, чун дар аксари кишварҳои муосир, аз суръати афзоиши даромади пулии аҳолӣ, инчунин, аз қобилияти давлат барои маблағгузории маблағҳо, барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ вобаста аст [3].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз субъектҳои тиҷоратӣ ва ҳам аз ғайритиҷоратӣ андоз ситонида мешаванд: - андоз аз даромад, андоз аз арзиши иловашуда (бо Кодекси андоз муайян карда мешавад ва бояд дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад); минтақавӣ - нақлиёт, андози амвол (мувофиқи Кодекси андоз муайян карда мешавад тасҳеҳ кардан мумкин аст); андозҳо ва пардохтҳои маҳаллӣ - замин (бо Кодекси андоз муқаррар карда мешавад, аммо тағйироти дахлдори андозҳо ва пардохтҳои маҳаллиро муайян мекунанд).

Умуман, хусусияти андози субъектҳоро шартҳои ҳисоб кардан ва пардохти ҳар як намуди мушаххаси андоз муайян мекунанд. Дар баробари ин, омилҳои муҳиме, ки ба тартиби андозбандӣ таъсир мерасонанд, инҳоянд:

- мансубияти муассиса ба шакли моликияти давлатӣ ё хусусӣ;
- маҳалли (шаҳр) ҷойгиршавии муассиса;
- самтҳои истифодабарии натиҷаи аз фаъолияти хоҷагӣ ба даст овардашуда.

Барои муассисаҳои таълимӣ имтиёзҳои андоз аз арзиши иловашударо муқаррар кардааст. Ҳамин тариқ, андоз аз арзиши иловашуда аз таҳсилоти касбӣ, миёна, ибтидоӣ, олӣ ситонида намешавад. Дар Моддаи 251-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳоеро муайян мекунад, ки андоз аз арзиши иловашуда намебошанд ва асосҳоеро муайян мекунанд, ки тибқи он ташкилотҳои таълимӣ наметавонанд ин ё он андозро пардохт кунанд [7]. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз аз фурӯш ситонида намешавад:

- хизматрасонӣ оид ба таъмини кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ бо кӯдакони ноболиғ дар сексияҳо (аз ҷумла варзиш), кружокҳо ва студияҳо;
- фурӯши маҳсулоти хӯроки бевосита дар ошхонаҳо (донишҷӯён ва мактаб), инчунин, дар ошхонаҳои дигар муассисаҳои таълимӣ, ошхонаҳои муассисаҳои тиббӣ, тарбияи томактабӣ ва маҳсулоти хӯрокворӣ, ки танҳо аз ҷониби муассисаҳои хӯроки умумӣ тайёр карда мешаванд ва аз ҷониби он муассисаҳо ин ошхонаҳо ба амал бароварда мешавад.
- хизматрасонӣ дар соҳаи маориф барои аз ҷониби сохторҳои давлатии таълимию истеҳсолӣ ҷорӣ намудани таҳсилоти ибтидоӣ ва иловагӣ (дар литсензия зикр шудааст) ё раванди миёна, ба истисноӣ хизматрасонӣ оид ба иҷораи биноҳо ва хизматрасониҳои машваратӣ.

Чунин ба назар мерасад, ки қонунгузории андоз меъёрҳое дорад, ки умуман сохтори танзими ҳуқуқии андозбандиро дар соҳаи маориф ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, имконпазир ба назар мерасад, ки имтиёзҳо барои контрагентҳои бозори хизматрасониҳои таълимӣ зиёд карда шаванд: расонидани кумаки молиявӣ аз ҷониби давлат, субсидияҳо, фоизи пасти андоз, кредитҳои андоз, имтиёзҳо ва имтиёзҳо барои андозсупорандагон – иштирокчиёни соҳаи маориф. Инчунин, пешниҳоди имтиёзҳои андоз, аз қабили андози корпоративӣ, андоз аз даромад, боҷи тамға, андоз аз арзиши иловашуда, андози франшиза, андоз аз амвол, андоз аз фурӯш (андоз аз фурӯш ва истифода).

Дар нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи андозбандӣ комилан мутараққӣ ва муассир монанд ба системаҳои кишварҳои пешрафта мавҷуд аст. Аммо як қатор омилҳои мавҷуда ин тахминро комилан рад мекунанд. То ҳол дараҷаи дурусти устувории даромадҳои системаи буҷет таъмин карда нашудааст. Зарур аст, ки ба таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи татбиқи имтиёзҳои андоз бо ҷалби ҷанбаҳои махсусан мусбат дар системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намоем.

Дар низоми тадбирҳо ташаккули заминаи молиявии беҳбудии ташкилотҳои маорифро ҳам дар сатҳи шаҳрҳо ва ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ таъмин хоҳад кард. Пешниҳоди тарҳҳои гуногуни андоз ва имтиёзҳо ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои худро оид ба гирифтани таҳсилот истифода баранд ва мақомоти маориф барои иҷрои боэътимод ва самараноки фаъолияти таълимӣ кафолатҳои молиявӣ ва иқтисодӣ фароҳам меоранд.

Хусусияти хосси иқтисоди бозорӣ, гуногуншаклии моликият ва хоҷагидорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт мебошад, ки барои бавуҷудоии рақобати солим зарур мебошад. Аз ин лиҳоз, ташкил ва таъмини рушди бахши хусусӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи маориф тақозои замон аст.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз, ҳамчунин, муассисаҳои таълимии хусусӣ амал мекунанд, ки ба тариқи шартномавӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба масъалаҳои ташкил ва таъмини рушди бахши хусусӣ дар соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса медиҳад. Бо мақсади фароҳам овардани асосҳои институтсионалии давлат ва бахши хусусӣ дар маориф қонуну санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба рушди мактабҳои хусусӣ қабул гардид.

Фаъолияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва базхши хусусӣ», ки 28 декабри соли 2012 қабул карда шудааст ба роҳ монда мешавад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ муайян карда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии давлат ва бахши хусусиро таъмин менамояд.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ - ҳамкории шарикони давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад, ки дар он ҳамчун шарики давлатӣ мақомоти марказӣ ё маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ - соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқие, ки муассиси он шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқии ғайридавлатӣ баромад мекунад. Шарики хусусӣ - сохибкори инфиродӣ ва ё шахси ҳуқуқии бахши хусусӣ, ки лоиҳаи инфрасохтор ё лоиҳаи хизматрасониро дар соҳаи иҷтимоӣ мутобиқи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ менамояд.

**Муқарриз: н.и.и., достенти ДДМИТ – Давлатов Х.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Артоболевский, С.С. Региональная политика, направленная на снижение территориальных экономических и социальных диспропорций в Российской Федерации. [Электронный ресурс]. URL: www.gordon.ru. (дата обращения: 20.11.2021).
2. Архипцева Л.М. Налоги и налогообложение / Л.М. Архипцева. – 2008. -№7. -С.39-46.
3. Богачева О.В. Налоговый потенциал и региональные счета / О.В. Богачева // Финансы. – 2008. -№2-3. –С.15-18.
4. Боровикова Е.В. Финансовый потенциал как комплексный показатель эффективности финансово-бюджетной политики. [Электронный ресурс]. URL: http://www.lawmix.ru/bux/40909 (дата обращения: 15.01.2022).
5. Истомина Н.А. Оценка налогового потенциала по бюджетообразующим налогам / Н.А. Истомина, Т.Д. Одинокова // Налоговая политика и практика. – 2008. -№1. -С.27-30.
6. Кириллова О.С. Экономический потенциал как база оценки налогового потенциала региона / О.С. Кириллова // Финансы и Кредит. - 2009. -№6. -С.34-40.
7. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 251.
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф»
9. Леонова Ж.К. Прогнозирование развития сферы образовательных услуг / Ж.К. Леонова, Е.А. Осипова // Ресурс, информация, снабжение, конкуренция. -М., 2012. -№4.
10. Леонова Ж.К. Финансовые условия партнёрства государства и бизнес-сообщества / Ж.К. Леонова // Ресурс, информация, снабжение, конкуренция. -М., 2013. -№1.
11. Сомонаи расмии Кумитаи андоз. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.andoz.tj. (санаи муроҷиат: 27.12.2021).
12. Улугходжаева Х.Р. Налоговый потенциал региона, резервы его роста / Х.Р. Улугходжаева // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. –Душанбе, 2012. -№2/2(83). -С.23-28.
13. Хантаева Н.Л. Теоретические основы налогообложения: учебное пособие / Н.Л. Хантаева. -Улан-Удэ: Издательство ВСГТУ, 2008. -С.175-180.
14. Ҷумъабоев Х.Қ. Ҷамъоварии андоз ҳамчун нишондиҳандаи назоратии андоз дар сатҳи минтақа / Х.Қ. Ҷумъабоев, А.М. Маъмуров // Паёми молия ва иқтисод. - 2021. -№4(28). -С.91-101.
15. [Манбаи электронӣ]. URL: http://nalogooblozhenie-obrazovatelnyh-uchrezhdenij-2 (санаи муроҷиат: 15.06.2021).
16. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.mirkin.ru/_docs/_budgetfin/_obrprog/4_2.pdf (санаи муроҷиат: 16.06.2021).

**БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақолаи мазкур муаллифон хусусиятҳои андозбанди муассисаҳои таълимӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва тамоюлҳои рушди онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Нуқтаи назари олимони хориҷӣ дар бораи имконоти андоз дар ҷадвали алоҳида оварда шудааст. Муаллифон таҷрибаи хориҷиро дар соҳаи татбиқи имтиёзҳои андоз бо ҷалби ҷанбаҳои махсусан мусбат дар системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро қайд кардаанд. Дар мақола зерсистемаҳои сиёсати андоз ва ҳамкории онҳо бо давлат ва ҷомеа, имтиёзҳо барои муассисаҳои таълимӣ дар ҳама минтақаҳо андоз аз молу мулк, аз ташкилотҳои буҷетии умумӣ ё муассисаҳои таълимӣ ва фаъолияти онҳо баррасӣ шудаанд. Инчунин, муаллифон хизматрасонӣ оид ба таъмини кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ, фурӯши маҳсулоти хӯроки бевосита дар ошхонаҳо, хизматрасонӣ дар соҳаи маориф, аз ҷониби сохторҳои давлатии таълимию истеҳсолӣ ҷорӣ намудани таҳсилоти ибтидоӣ ва иловагӣ (дар литсензия зикр шудааст) ё раванди миёна оварда шудааст. Хулосабарорӣ шудааст, ки андозбандии хизматрасониҳои таълимӣ, яке аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қайд карда мешавад, ки андозбандии хизматрасониҳои таълимӣ даромади буҷети давлатиро таъмин намуда, барои рушди мустақилияти молиявӣ ва рушди устувори системаи андоз шароити зарурӣ фароҳам меорад.

**Калидвожаҳо:** андозбандии хизматрасониҳои таълимӣ, андозҳо, низоми андоз, буҷаи давлатӣ, уҳдадории андоз, амволи ғайриманқули муассисаҳои таълимии хусусӣ, унсурҳои андозбандӣ, даромадҳои андоз, хизматрасониҳои таълимӣ, вазифаҳои андозбандии хизматрасониҳои таълимӣ, муносибатҳои байни буҷетӣ, минтақаҳо, сиёсати андоз, қарзи имтиёзноки таҳсил ва хусусияти андоз дар соҳаи маориф.

**НЕКОТОРЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье авторы анализируют особенности налогообложения образовательных учреждений в зарубежных странах и выявляют тенденции его развития в Республике Таджикистан. Взгляды зарубежных ученых на налоговые возможности представлены в отдельной таблице. Автор также отметил зарубежный опыт в сфере налоговых льгот с привлечением особо положительных моментов в налоговой системе Республики Таджикистан. В статье рассматриваются подсистемы налоговой политики и их взаимодействие с государством и обществом, а также льготы для образовательных учреждений всех регионов по налогу на имущество общих бюджетных организаций или образовательных учреждений и их деятельности. Также авторы приводит примеры услуг по обеспечению детей в дошкольных учреждениях, реализации продуктов питания непосредственно в столовых, услуг в сфере образования по введению начального и дополнительного образования (указывается в лицензии) или среднего образовательного процесса за счет государственных образовательно-производственны агентств. Авторы отмечают, что налогообложение образовательных услуг является одним из показателей социально-экономического развития регионов Республики Таджикистан. Отмечается, что налогообложение образовательных услуг обеспечивает поступление доходов в государственный бюджет и создает необходимые условия для развития финансовой самостоятельности и устойчивого развития налоговой системы Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** налогообложение образовательных услуг, налоги, налоговая система, государственный бюджет, налоговая ответственность, недвижимость негосударственных образовательных учреждений, элементы налогообложения, налоговые поступления, образовательные услуги, функции налогообложения образовательных услуг, межбюджетные отношения, налоговые льготы, налоговая политика, сущность налога в образовании.

**SOME CHARACTERISTICS OF EDUCATIONAL SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In this article, the author analyzes the features of taxation of educational institutions abroad and identifies trends in its development in the Republic of Tajikistan. The views of foreign scientists on tax opportunities are presented in a separate table. The author also noted foreign experience in the field of tax incentives with the involvement of particularly positive aspects in the tax system of the Republic of Tajikistan. The article discusses the tax policy subsystems and their interaction with the state and society, as well as property tax benefits for educational institutions of all regions from general budgetary organizations or educational institutions and their activities. The author also provides services for providing children in preschool institutions, selling food products directly in canteens, educational services for the introduction of primary and additional education (indicated in the license) or secondary educational process at the expense of state educational and production agencies. In conclusion, the author notes that the taxation of educational services is one of the indicators of the socio-economic development of the regions of the Republic of Tajikistan. It is noted that the taxation of educational services provides revenue to the state budget and creates the necessary conditions for the development of financial independence and sustainable development of the tax system of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** taxation of educational services, taxes, tax system, state budget, tax liability, real estate of non-state educational institutions, elements of taxation, tax revenues, educational services, functions of taxation of educational services, intergovernmental relations, tax incentives, tax policy, essence tax in education.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Файзуллоев Комилҷон Ҷумаевич*** **–** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷменти молиявӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **985-31-31-91**

***Асоева Фарангис Убайдуллоевна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳалӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторах:** ***Файзуллоев Комилджон Джумаевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры финансового менеджмента. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **985-31-31-91**
***Асоева Фарангис Убайдуллоевна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры государственного и местного управления. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the authors:** ***Fayzulloev Komildzhon Dzhumaevich*** **-** Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of Financial Management. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **985-31-31-91**
***Asoeva Farangis Ubaydulloevna*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of State and Local Government. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК 657.1

# ТАРТИБИ БАҲОДИҲӢ ВА АЗНАВБАҲОДИҲИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Каримиён М.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт нақши воситаҳои асосӣ дар фаъолияти корхонаҳои тиҷоратӣ беназир аст. Вазъ ва истифодаи босамараи воситаҳои асосӣ ба натиҷаҳои ниҳоии корхонаҳо таъсир расонида, худи онҳо дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ унсури муҳимтарин ҳисобида мешаванд. Ҳамзамон, ба истифодаи босамараи воситаҳои асосӣ ташкили баҳисобгирии муҳосибии онҳо таъсири муҳим мерасонад, чунки иттилооти барои қабули қарорҳои идоракунии зарурӣ маҳз дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккул меёбад ва тавассути ҳисоботи молиявӣ ба истифодабарандагон пешниҳод карда мешавад.

Равандҳои ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ ба низоми байналмилалии хоҷагидорӣ, ба сифати унсури таркибии худ, бунёди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии ба амалияи ҷаҳонии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ва талаботи имрӯзаи иқтисодиёти бозорӣ ҷавобгӯро зарур мешуморанд. Ин равандҳо водор менамоянд, ки маҳакҳои ташаккули иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ бозбинӣ карда шаванд, масъалаҳои дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардан ва дар ҳисоботи молиявӣ эътироф намудани унсурҳои ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла воситаҳои асосӣ бо нигоҳи нав баррасӣ карда шаванд.

Барои дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дуруст инъикос кардани объектҳои воситаҳои асосӣ ва пешниҳод намудани иттилооти боэътимод оид ба онҳо дар ҳисоботи молиявӣ дуруст муайян кардани арзиши воситаҳои асосӣ бо ёрии усулҳои гуногуни баҳодиҳӣ аҳамияти муҳим дорад. Интихоби усули баҳодиҳӣ аз муҳтавои иқтисодии объектҳои воситаҳои асосӣ вобаста мебошад. Ташаккули арзиши асосноки воситаҳои асосӣ ва дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани он ба баланд бардоштани саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ дар шароити мутобиқсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба низоми байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Масъалаи баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ ҳамеша мавриди баҳсҳо дар доираҳои муҳосибони аҳли амал, муҳаққиқон ва олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ қарор дорад. Рушди методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, чун Н.А. Абдулмуминзода [1], Б.Ҳ. Каримов [7], А.А. Мирзоалиев, С.Ф. Низомов [12], Қ.Х. Хушвахтзода [26; 27], Н.Н. Агошкова [2], Т.Ю. Дружиловская [3], Э.С. Дружиловская [4; 5], Д.А. Карагодин [6], Л.И. Куликова [9], В.Ф. Палий [17], Л.И. Проняева [19], Ю.И. Сигидов [20], И.Р. Сухарев [22], З.С. Туякова [23] ва дигарон таҳқиқ шудаанд. Бо вуҷуди ин, паҳлуҳои зиёди корбурди усулҳои муосири баҳодиҳии арзиши воситаҳои асосӣ аз таҳқиқот дур мондаанд. Бинобар ин, зарурати таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар низоми стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мусаллам аст.

Дар адабиёти соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ мафҳуми «баҳодиҳӣ» бо тарзҳои гуногун шарҳ дода шудааст. Масалан, олими рус Я.В. Соколов қайд намудааст, ки «баҳодиҳӣ тарзи аз ченаки аслӣ ба ченаки пулӣ гузаронидани объектҳои баҳисобгирӣ мебошад» [21,с.197]. В.Ф. Палий баҳодиҳиро чун усули ба низоми ягонаи нишондиҳандаҳои мутавозӣ овардани унсурҳои мухталифи сармоя, тарзи саҳеҳ муайян кардани сармояи нақд ва афзуншавӣ (камшавӣ)-и он дар давраи ҳисоботӣ дар шакли фоида ё зарар маънидод кардааст [17,с.56]. Ба ақидаи олимони америкоӣ Э.С. Хендриксен ва М.Ф. Ван Бреда «баҳодиҳӣ ба нишондиҳанда ё хосияти объект, масалан чун ба дороӣ, фаъолият, корхона, маҳсулот додани қимати ададӣ мебошад» [24,с.306]. Л.И. Хоружий баҳодиҳиро чун раванди муайян намудани арзиши объект, ки ба вазъи дар бозор

муқарраргардида ҷавобгӯ аст ва барои хулоса баровардан оид ба муҳиммии дороии алоҳида барои субъекти хоҷагидорӣ имкон медиҳад, маънидод намудааст [25,с.13].

Ҳамин тавр, баҳодиҳӣ – усули баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки бо ёрии он арзиши воқеии объектҳои баҳисобгирӣ муқаррар карда мешавад. Арзиш – мафҳуми иқтисодие аст, ки муносибатҳои байниҳамдигарии молҳо ва хизматрасониҳои ба харидорон дастрасро муқаррар менамояд. Он далели таърихиро ифода накарда, баҳои қиматнокии мол ё хизматрасонии мушаххас дар лаҳзаи вақти мушаххас мебошад [20,с.305]. Баҳои воқеъбинонаи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳад, ки саҳеҳии баҳисобгирии муҳосибӣ баланд бардошта шавад, иттилооти ташаккулдиҳандаи ҳисоботи молиявӣ аниқ бошад ва вазъи молиявии корхона нисбатан воқеъбинона арзёбӣ карда шавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» чунин таърифи баҳодиҳӣ оварда шудааст: **баҳодиҳӣ -** раванди муайян намудани арзиши воқеии объекти баҳодиҳӣ дар санаи мушаххас, ки аз ҷониби баҳодиҳанда тибқи талаботи қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи тарзҳо, усулҳо ва расмиёти асосноки интихобшудаи баҳодиҳӣ амалӣ мешавад [11].

Талаботи умумӣ ба баҳисобгирии ҳамагуна амволи корхона чун унсурҳои ҳисоботи молиявӣ бо моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» [10], тартиби баҳодиҳии воситаҳои асосӣ бо низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ) 4/2002 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ» [18] ва СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» [14] муқаррар карда шудааст.

Дар адабиёт оид ба масъалаи таснифи намудҳои арзиш ва усулҳои баҳодиҳии объектҳои баҳисобгирӣ ақидаҳо мухталиф мебошанд. Муаллифон аксаран ба сифати асосии таснифи намудҳои арзиши воситаҳои асосӣ, равишҳои баҳодиҳии таърихӣ ва баҳодиҳии бозориро мақбул мешуморанд (расми 1).

**Расми 1. Равишҳои таснифи намудҳои арзиши воситаҳои асосӣ**
**Figure 1. Approaches to the classification of cost types of fixed assets**




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт

Мувофиқи банди 7 НБМ 4/2002 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ», воситаҳои асосӣ ба баҳисобгирии муҳосибӣ бо арзиши аввалии худ қабул карда мешаванд [18]. Дар ин маврид, арзиши аввалии воситаҳои асосии бо роҳи пардохт бадастовардашуда, маблағи масрафҳои воқеии корхона барои харидан, сохтмон ва истеҳсол намудани онҳо, ба истисноии андоз аз арзиши иловашуда ва дигар андозҳои ҷуброншаванда (ғайр аз ҳолатҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда) эътироф карда мешавад.

Тибқи муқаррароти сархати 6 қисми 6 моддаи 266 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [8], андоз аз арзиши иловашудаи дар мавриди хароҷоти харид, истеҳсол, сохтмон, васлкунӣ ва насбкунӣ, инчунин, барқароркунӣ (таъмир)-и дороиҳои истеҳлокшаванда (воситаҳои асосӣ) пардохтшуда ҷуброн карда (ба ҳисоб гирифта) намешавад. Мутобиқи муқаррароти қисми 6 моддаи 190 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, андоз аз арзиши иловашудае, ки ба ҳисоб гирифтан (ҷуброн кардан)-и он мумкин нест, дар арзиши дороиҳо (молҳо, корҳо, хизматрасониҳо)-и харидашуда ба ҳисоб

гирифта мешавад. Аз ин бар меояд, ки андоз аз арзиши иловашудаи ҳангоми бадастории воситаҳои асосӣ пардохтшуда, ба арзиши аввалии онҳо зам карда шуда, тавассути истеҳлок ҷуброн карда мешавад.

Ҳамин тавр, мувофиқи муқаррароти НБМ 4/2002 «Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ» [18] ва СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» [14], арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ, ки дар тавозуни муҳосибӣ эътироф карда мешавад, чунин унсурҳоро дар бар мегирад:

- нархи хариди объекти воситаҳои асосӣ, аз ҷумла боҷҳои воридотӣ ва андозҳои ҷуброннашаванда барои харид, бо тарҳи тахфифҳо;
- ҳама хароҷоти бевосита ба расонидани дорой ба макони пешбинишуда ва расонидани он ба ҳолати барои истифодабарӣ муносиб тааллуқдошта;
- баҳои ҳисобшавандаи аввалии хароҷоти кандан ва бартараф кардани объекти воситаҳои асосӣ ва барқарор кардани қитъаи замини ишғолкардаи объект, ки нисбат ба онҳо корхона ё ҳангоми хариди объекти мазкур, ё дар паёмади истифодаи он дар давоми давраи муайян барои мақсадҳои аз истеҳсоли маҳсулот фарққунанда дар ин давра уҳдадорӣ қабул мекунад.

Мисоли хароҷоти бевосита ба расонидани дорой ба ҳолати муносиб тааллуқдошта инҳо мебошанд:

- хароҷоти подоши меҳнати кормандон, ки бевосита дар паёмади сохтмон ё харидкунии объекти воситаҳои асосӣ пайдо мешаванд;
- хароҷоти омодасозии макони насбкунии объекти воситаҳои асосӣ;
- хароҷоти аввалии расонидан ба макони насбкунӣ ва гузаронидани корҳои боркунӣ-фаровардан;
- хароҷоти насбкунӣ ва васлкунӣ;
- хароҷоти санҷиши амалкунии муносиби дорой, ки пас аз тарҳ кардани воридшавиҳои соф аз фурӯши маҳсулоти дар раванди расонидани дорой ба макони таъиншуда ва овардани вай ба ҳолати зарурӣ истеҳсолшуда (масалан, маҳсулоти ҳангоми аз санҷиш гузаронидани таҷҳизот гирифташуда) боқӣ мондаанд;
- маблағҳои подоши хизматрасониҳои касбӣ.

Корхонаҳо СБҲМ (IAS) 2 «Ашё» [13]-ро нисбат ба масрафҳои бо иҷрои уҳдадориҳо оид ба кандан, бартараф кардани объект ва барқароркунии қитъаи замини ишғолкардаи он, ки дар давоми давраи муайян дар паёмади барои истеҳсоли маҳсулот истифода бурдани объекти мазкур дар давоми ҳамин давра пайдо мешаванд, ба кор мебаранд. Уҳдадориҳо нисбат ба масрафҳои мутобиқи СБҲМ (IAS) 2 «Ашё» [13] ё СБҲМ (IAS) 16 «Воситаҳои асосӣ» [14] баҳисобгирифташуда мутобиқи СБҲМ (IAS) 37 «Уҳдадориҳои баҳододашаванда, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ» [16] эътироф карда ва баҳо дода мешаванд.

Мисолҳои хароҷоти ба арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ замнашаванда инҳо мебошанд:

- хароҷоти кушодани маҷмааи истеҳсоли нав;
- хароҷоти бо ба бозор ҳавола додани намудҳои нави маҳсулот ва хизматрасониҳо алоқаманд (аз ҷумла хароҷоти таблиғ);
- хароҷоти бо пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ дар макони нав ё бо гурӯҳи нави мизоҷон алоқаманд (аз ҷумла хароҷоти омӯзиши кормандон);
- хароҷоти маъмурӣ ва дигар хароҷоти бологузошташудаи умумӣ.

Эътироф намудани хароҷот дар арзиши аввалии (тавозунии) объекти воситаҳои асосӣ дар лаҳзае қатъ мегардад, ки дорой ба макон ва ҳолати барои истифодаи вай мутобиқи ниятҳои роҳбарияти корхона муносиб расонида шавад. Ҳамин тавр, хароҷоти дар раванди истифода ё ҷойивазкунонии объект баҷоовардашуда, ба арзиши тавозунии объекти мазкур зам карда намешаванд. Масалан, чунин хароҷот ба арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосӣ зам карда намешаванд:

- хароҷоти дар он вақте баҷоовардашуда, ки объекти барои истифода мутобиқи ниятҳои роҳбарият муносиббуда ҳоло ба истифода дода нашудааст ё бо сарбории нопурра кор мекунад;

- зарарҳои амалиётии аввалӣ, чун зарарҳои амалиётии дар раванди ташаккул ёфтани талабот ба маҳсулоти бо ёрии ҳамин объект истеҳсолшаванда пайдошуда;

- хароҷоти ҷойивазкунии қисман ё пурраи корхона, ё азнавташкилдиҳии фаъолияти корхона.

Баъзе амалиёт вобаста ба сохтмон ё рушди объекти воситаҳои асосӣ ба ҷо оварда мешаванд, вале барои расонидани ин объект ба макони гузоштан ва ҳолати муносиби истифода мутобиқи ниятҳои роҳбарият зарур нестанд. Ин амалиёти ҳамрадиф метавонанд то оғоз ё дар вақти иҷрои корҳои сохтмонӣ ба ҷо оварда шаванд. Масалан, то оғози корҳои сохтмонӣ майдони сохтмон метавонад чун таваққуфгоҳи автомобилҳо истифода шавад ва аз ин ҳисоб корхона даромад гирад. Азбаски амалиёти ҳамрадифи мазкур барои расонидани объект ба макони ҷойгиршавӣ ва ҳолати муносиби истифода мутобиқи ниятҳои роҳбарият зарур нестанд, даромадҳо ва хароҷоти ба онҳо дахлдошта аз чунин амалиёт дар таркиби фоида ё зарар эътироф ва бо моддаҳои дахлдори даромадҳо ва хароҷот тавсиф карда мешаванд.

Арзиши аввалии воситаҳои асосии мустақилона истеҳсолнамудаи корхона дар асоси ҳамон қоидаҳое муайян карда мешавад, ки арзиши аввалии воситаҳои асосии харидкардашуда муайян карда мешавад. Агар корхона ҳамин гуна объекти воситаҳои асосиро барои фурӯш дар рафти фаъолияти муқаррарии худ истеҳсол кунад, пас арзиши аввалии чунин объект одатан ба арзиши истеҳсоли объект барои фурӯш мувофиқ меояд. Ҳамин тавр, ҳангоми муайян кардани хароҷоти дахлдор фоидаи дохилӣ ихтисор карда мешавад. Ҳамчунин, ба арзиши аввалии воситаҳои асосӣ талафоти зиёдаазмеъёрии мавод, масрафҳои пардохти меҳнат ва дигар сарватҳои ҳангоми мустақилона сохтани объекти воситаҳои асосӣ баҷоовардашуда, зам карда намешаванд. СБҲМ (IAS) 23 «Масрафҳои қарз» [15] маҳакҳои эътирофкунии фоизҳоро чун унсури арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосии мустақилона истеҳсолшуда муқаррар менамояд.

Корбурди арзиши аввалӣ барои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ як қатор бартариҳо дорад, аз ҷумла:

- барои ҳисоб кардани арзиши аввалӣ ҷалб намудани мутахассисони берунӣ зарур нест, онро кормандони муҳосибот мустақилона дар асоси алгоритми муайян ҳисоб мекунанд;

- мавҷудияти пойгоҳи меъёрии рушдёфта оид ба танзимкунии амалҳои баҳодиҳии дороиҳо бо арзиши аввалӣ;

- дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос намудани харидкунӣ ва қабули объектҳои воситаҳои асосӣ бо арзиши аввалӣ бо тартиби муайяне ба ҷо оварда мешавад, ки аз тинати навишти дутарафа бармеояд.

Вобаста ба масъалаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ бо арзиши аввалӣ дар адабиёт баҳсҳои зиёд ба назар мерасанд. Сабаби асосии ба миён омадани чунин баҳсҳо дар он ифода меёбад, ки бузургии дороиҳо (аз ҷумла воситаҳои асосӣ) бо мурури замон дигар мешавад. Қабули қарорҳои идоракунии саривақтӣ ва асоснок бевосита аз фаврият ва аниқии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аст. Бинобар ин, бар асари ба талаботи муосири истифодабарандагони иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ набудани арзиши аввалӣ имкони корбурди он барои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ шубҳанок менамояд. Ҳоло аксари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки корбурди арзиши аввалӣ барои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар шароити таваррум мақбул нест.

Арзиши бақиявӣ – фарқи байни арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ ва маблағи истеҳлоки барои он ҳисобузамкардашуда мебошад. Вале дар байни мафҳуми арзиши бақиявӣ, ки дар амалияи ватанӣ ва байналмилалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ истифода мешавад, тафовут ҷой дорад. Дар амалияи ватании пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, арзиши бақиявӣ пас аз хориҷшавӣ (аз тавозуни муҳосибӣ соқит кардан)-и объекти воситаҳои асосӣ муайян карда мешавад. Дар амалияи байналмилалӣ бошад, арзиши бақиявӣ вобаста аз арзиши барҳамдиҳии пешбинишавандаи объекти воситаҳои асосӣ – маблағе, ки корхона гирифтани онро бар ивази объекти воситаҳои асосӣ дар

анҷоми мӯҳлати истифодабарии нафъовари он, бо тарҳи масрафҳои барои хориҷкунии объекти мазкур харҷшаванда дар назар дорад, ҳисоб карда мешавад:

$$АБақ = АА - АИ,$$

дар ин ҷо: АБақ – арзиши бақиявии объекти воситаҳои асосӣ; АА – арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ; АИ – арзиши истеҳлокшавандаи объекти воситаҳои асосӣ (арзиши аввалӣ бо тарҳи арзиши барҳамдиҳӣ ё маблағи дигари ифодакунандаи он, масалан, арзиши азнавбаҳододашуда). Дар ин маврид арзиши истеҳлокшавандаи объекти воситаҳои асосӣ ин тавр муайян карда мешавад:

$$АИ = АА - АБарх,$$

дар ин ҷо: АБарх – арзиши барҳамдиҳии объекти воситаҳои асосӣ.

Ҳамин тавр, бузургии арзиши истеҳлокшаванда (фарқи байни арзиши аввалӣ ва арзиши барҳамдиҳии объекти воситаҳои асосӣ) дар шароити корбурди СБҲМ аз бузургии арзиши истеҳлокшавандаи дар амалияи ватанӣ истифодашаванда камтар буда, дар натиҷа – бузургии маблағи истеҳлоки ҳамасола нисбат ба объекти воситаҳои асосӣ ҳисобузамшаванда низ камтар аст. Дар амалия арзиши барҳамдиҳӣ бузургии начандон назаррасро ташкил медиҳад, аз ин хотир, ҳангоми ҳисобкунии бузургии истеҳлокшавандаи объекти воситаҳои асосӣ ба эътибор гирифта намешавад.

Мӯҳлатҳои гуногуни ба корхона воридшавии воситаҳои асосӣ ва давраҳои гуногуни дар истифодабарӣ дар корхона қарор доштани онҳо зарурати ба сатҳи қиёсшаванда овардани баҳои арзишии онҳоро ба миён меорад. Ба ин хотир, усули баҳодиҳии объектҳои воситаҳои асосӣ бо арзиши барқароркунӣ ба кор бурда мешавад. Арзиши барқароркунии воситаҳои асосӣ – ин арзиши аввалии объекти воситаҳои асосӣ бо дарназардошти азнавбаҳодиҳии гузаронидашуда, яъне арзиши аввалии азнавбаҳододашуда мебошад. Он метавонад дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ кам ё зиёд шавад. Арзиши барқароркунӣ нишон медиҳад, ки барои иваз намудани объекти воситаҳои асосӣ чӣ қадар маблағ лозим аст. Дар баҳисобгирии муҳосибӣ арзиши барқароркунӣ дар ду ҳолат ба миён меояд: гузаронидани азнавбаҳодиҳӣ ё азнавсозӣ (муҷаҳҳазсозӣ).

Арзиши одилона – нархе мебошад, ки дар рафти аҳди додугирифти байни иштирокчиёни бозор дар санаи баҳодиҳӣ ҳангоми фурӯхтани дорoӣ гирифта мешавад ё ҳангоми супоридани уҳдадорӣ пардохт карда мешавад.

Объекти воситаҳои асосӣ дар тавозуни муҳосибӣ пас аз тарҳ кардани маблағҳои ғуншудаи истеҳлок ва зарар аз коҳишёбии арзиш (нарх)-и худ нишон дода мешавад. Вале ба хотири нигоҳ доштани иттилоот оид ба арзиши аввалие, ки бо он воситаҳои асосӣ ба баҳисобгирӣ қабул шудаанд, дар тавозуни муҳосибӣ сатри алоҳидае барои инъикос кардани арзиши аввалии воситаҳои асосӣ пешбинӣ шудааст.

Зарар аз коҳишёбии арзиш – маблағе мебошад, ки бо он арзиши тавозунии объекти воситаҳои асосӣ аз бузургии арзиши подошшавандаи худ зиёд аст. Арзиши подошшаванда – қимати калонтарин аз ин ду бузургӣ мебошад: арзиши одилонаи объекти воситаҳои асосӣ бо тарҳи хароҷоти фурӯш ё арзиши истифодаи он. Арзиши истифодаи объекти воситаҳои асосӣ – арзиши овардашудаи ҷараёнҳои пулии оянда мебошад, ки гирифтани он аз истифодабарии объекти мазкур дар назар аст.

Агар арзиши подошшавандаи объекти воситаҳои асосӣ кам шудан гирад ва аз арзиши тавозунии он паст шавад, ҳисобида мешавад, ки арзиши (нархи) объекти воситаҳои асосӣ коҳиш ёфтааст ва корхона бояд зарар аз коҳишёбии нархро инъикос кунад. Фарқи пайдошуда дар таркиби хароҷоти давраи ҷорӣ эътироф карда мешавад.

Арзиши воситаҳои асосӣ, ки бо он воситаҳои асосӣ дар аввал баҳо дода шуда буданд, набояд тағйир дода шавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Тағйир додани арзиши аввалии воситаҳои асосӣ дар ҳолатҳои илова сохтан, муҷаҳҳазсозӣ, азнавсозӣ, қисман барҳамдиҳӣ ё азнавбаҳодиҳии объектҳои воситаҳои асосӣ иҷозат дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки моддаи 214 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат намедиҳад, ки маблағи зиёдшавии арзиши дороиҳо, ки дар натиҷаи азнавбаҳодиҳии ин дороиҳо ба миён омадааст, ба арзиши дороиҳо зам карда шавад. Мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 199 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми муайян кардани

арзиши дороиҳои истеҳлокшаванда бо мақсади аз манбаи андозбандии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ тарҳ кардани маблағи истеҳлок, зиёдшавии арзиши дороиҳои истеҳлокшаванда дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ аз бузургии истеҳлокшавандаи дороӣ ихтисор карда мешавад [8].

Ба хотири баҳодиҳии воситаҳои асосӣ пас аз эътирофкунӣ ба сифати сиёсати баҳисобгирӣ корхона бояд амсилаи баҳисобгирӣ бо арзиши аввалӣ ё амсилаи баҳисобгирӣ бо арзиши азнавбаҳододашударо интихоб кунад ва сиёсати қабулшударо нисбат ба ҳама объектҳои синфи воситаҳои асосӣ истифода барад. Синфи воситаҳои асосӣ – гурӯҳи воситаҳои асосие мебошанд, ки аз диди моҳият ва хосияти истифода дар фаъолияти корхона ҳамсонанд. Мисолҳои синфҳои воситаҳои асосӣ инҳоянд: биноҳо, мошинаҳо ва таҷҳизот, воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ, воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, мебел ва лавозимоти он, таҷҳизоти идоравӣ, дороиҳои биологӣ.

Ҳангоми истифодаи амсилаи баҳисобгирӣ бо арзиши аввалӣ пас аз чун дороӣ эътироф кардани объекти воситаҳои асосӣ, он бояд бо арзиши аввалии худ бо тарҳи маблағҳои ғуншудаи истеҳлок ва зарарҳо аз коҳишёбии нарх ба ҳисоб гирифта шавад.

Ҳангоми истифодаи амсилаи баҳисобгирӣ бо арзиши азнавбаҳододашуда, пас аз чун дороӣ эътироф кардани объекти воситаҳои асосӣ, ки арзиши одилонаи он метавонад боэътимодона баҳо дода шавад, бо арзиши азнавбаҳододашуда ба ҳисоб гирифта мешавад, ки арзиши одилонаи онро дар санаи азнавбаҳодиҳӣ бо тарҳи маблағҳои минбаъд ғуншудаи истеҳлок ва зарарҳо аз коҳишёбии нарх ифода мекунад. Азнавбаҳодиҳӣ бояд бо мунтазамии басанда гузаронида шавад, то ки ба пайдо шудани фарқи муҳимми арзиши тавозунӣ аз он арзише, ки бо истифодаи арзиши одилона дар вазъи санаи анҷоми давраи ҳисоботӣ муайян карда шуда буд, роҳ дода нашавад.

Зудии гузаронидани азнавбаҳодиҳӣ аз тағйирёбии арзиши одилонаи объектҳои воситаҳои асосии азнавбаҳододашаванда вобаста аст. Агар арзиши одилонаи дороии азнавбаҳододашуда аз арзиши тавозунии он ба қадри муҳим фарқ кунад, гузаронидани азнавбаҳодиҳии иловагӣ зарур аст. Арзиши одилонаи баъзе объектҳои воситаҳои асосӣ тез-тез ва ба қадри муҳим тағйир меёбад, ки ин зарурати ҳамасола гузаронидани азнавбаҳодиҳиро ба миён меорад. Гузаронидани ин гуна азнавбаҳодиҳиҳои зуд-зуд барои объектҳои воситаҳои асосие, ки арзиши одилонаи онҳо танҳо ба қадри номуҳим тағйир меёбад, зарур нест. Дар ин гуна мавридҳо зарурати азнавбаҳодиҳӣ танҳо дар ҳар як 3-5 сол ба миён омада метавонад. Баъди азнавбаҳодиҳии объекти воситаҳои асосӣ арзиши тавозуни он то арзиши азнавбаҳододашуда таҳрир карда мешавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулмуминзода Н.А. Масъалаҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии таркиби дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ / Абдулмуминзода Н.А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. -№5. -С.14-19.
2. Агошкова Н.Н. Формирование и отражение в бухгалтерском учете стоимости основных средств в соответствии с требованиями международных стандартов финансовой отчетности / Н.Н. Агошкова // Международный бухгалтерский учет. – 2012. -№21(219). -С.35-43.
3. Дружиловская Т.Ю. Современные проблемы последующей оценки основных средств в бухгалтерском учете российских организаций / Т.Ю. Дружиловская, В.А. Дрыгинкина // Международный бухгалтерский учет. – 2015. -№35. -С.2-14.
4. Дружиловская Э.С. Методика оценки основных средств в бухгалтерском учете / Э.С. Дружиловская // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2012. -№2(1). -С.262-269.
5. Дружиловская Э.С. Современные проблемы первоначальной и последующей оценки основных средств в российском и международном бухгалтерском учете / Э.С. Дружиловская // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2017. -№2(46). -С.7-14.
6. Карагодин Д.А. Сравнительная характеристика методик учета и оценки основных средств и их влияние на величину производственных затрат / Д.А. Карагодин // Интернет журнал «Науковедение». – 2015. -Т.7. -№3(28). [Электронный ресурс]. URL: http://naukovedenie.ru/PDF/31EVN315.pdf
7. Каримов Б.Х. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан. Монография / Б.Х. Каримов, Каримиён М.Б. -Душанбе: ИПС, 2018. -350 с.
8. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.andoz.tj/docs/kodex/Tax-Code__18-03-2022-RT_tj.pdf

9. Куликова Л.И. Основные средства: признание и оценка в соответствии с МСФО / Л.И. Куликова // Бухгалтерский учет. – 2012. -№6. -С.63-66.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ». [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ». [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/
12. Мирзоалиев А.А., Низомов С.Ф. Переоценка имущества: отдельные аспекты отражения в учете и отчетности / А.А. Мирзоалиев, С.Ф. Низомов / Бухгалтерский учет: достижения и научные перспективы XXI века. Материалы научно-практической конференции кафедры бухгалтерского учета Российского университета кооперации (Москва, 28 ноября 2017 года). –М.: Издательство «Канцлер», 2017. -С.220-228.
13. МСФО IAS 2 «Запасы». [Электронный ресурс]. URL: http: //finotchet.ru/articles/133/
14. МСФО IAS 16 «Основные средства». [Электронный ресурс]. URL: http: //finotchet.ru/articles/138/
15. МСФО IAS 23 «Затраты по займам». [Электронный ресурс]. URL: http: //finotchet.ru/articles/25/
16. МСФО IAS 37 «Оценочные обязательства, условные обязательства и условные активы». [Электронный ресурс]. URL: http: //finotchet.ru/articles/974/
17. Палий В.Ф. Оценка в бухгалтерском учете / В.Ф. Палий // Бухгалтерский учет. – 2007. -№3. -С.56-59.
18. Положение по бухгалтерскому учету основных средств ПБУ 4/2002. Приказ Министерства финансов Республики Таджикистан от 11 января 2002 года, №6. [Электронный ресурс]. URL: http: //minfin.tj/downloads/prikaz17.pdf
19. Проняева Л.И. Модели оценки основных средств в российской и международной учетной практике / Л.И. Проняева, Н.Н. Агошкова // Все для бухгалтера. – 2008. -№6(222). -С.10-18.
20. Сигидов Ю.И. Проблемы оценки и переоценки основных средств / Ю.И. Сигидов, А.С. Ткаченко, В.М. Гусева // Естественно-гуманитарные исследования. – 2019. -№26(4). -С.304-307.
21. Соколов Я.В. Основы теории бухгалтерского учета / Я.В. Соколов. -М.: Финансы и статистика, 2003. -496 с.
22. Сухарев И.Р. Практическое применение требований МСФО в российских условиях: учет основных средств / И.Р. Сухарев, О.А. Сухарева // Международный бухгалтерский учет. – 2010. -№3(135). -С.2-8.
23. Туякова З.С. Особенности учета и оценки основных средств на различных этапах их жизненного цикла в соответствии с требованиями МСФО / З.С. Туякова, Т.В. Черемушникова // Международный бухгалтерский учет. – 2015. -№38. -С.2-23.
24. Хендриксен Э.С. Теория бухгалтерского учета / Э.С. Хендриксен, М.Ф. Ван Бреда; пер. с англ.; под ред. проф. Я.В. Соколова. -М.: Финансы и статистика, 2000. -576 с.
25. Хоружий Л.И. Оценка готовой продукции сельского хозяйства по справедливой стоимости / Л.И. Хоружий, И.А. Сергеева // Бухгалтерский учет в сельском хозяйстве. – 2007. -№2. -С.13-15.
26. Хушвахтзода Қ.Х. Пояҳои ғоявии бунёдкунии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Д.А. Розиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. -№4(72). -С.108-118.
27. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хушвахтзода Қ.Х., Д.А. Розиев, Бобохонзода М.Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. -№5. -С.5-11.

## ТАРТИБИ БАҲОДИҲӢ ВА АЗНАВБАҲОДИҲИИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Имрӯз барои ташкили дурусти баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ, баҳодиҳии воқеъбинонаи арзиши онҳо аҳамияти махсус дорад. Ташаккули иттилооти саҳеҳ оид ба арзиши воситаҳои асосӣ имкон медиҳад, ки самаранокии қарорҳои идоракунии қабулшаванда дар шароити ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва корбурди стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ баланд бардошта шавад. Масъалаҳои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ ҳамеша дар меҳвари баҳсҳои илмӣ дар доираҳои муҳосибони аҳли амал, муҳаққиқон ва олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ қарор доранд. Дар адабиёт ақидаи ягона дар бораи баҳодиҳии объектҳои алоҳидаи воситаҳои асосӣ вуҷуд надорад, бисёр масъалаҳои корбурди усулҳои муосири баҳодиҳии воситаҳои асосӣ аз таҳқиқ берун мондаанд. Мақолаи мазкур ба омӯзиши тартиби баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии объектҳои воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити корбурди қоидаҳои байналмилалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ бахшида шудааст. Маънидодкуниҳои гуногуни мафҳуми «баҳодиҳӣ» дар адабиёти илмӣ баррасӣ шудаанд, муҳтавои санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба хотири аниқ намудани мафҳуми баҳодиҳии воситаҳои асосӣ таҳлил карда шудааст. Равишҳои асосии таснифи намудҳои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ муайян ва таҳқиқ карда шудаанд. Диққати асосӣ дар ин маврид ба масъалаҳои баҳодиҳии объектҳои воситаҳои асосӣ бо арзиши аввалӣ равона карда шудааст. Мисолҳои хароҷоти ба арзиши аввалии объектҳои воситаҳои асосӣ замшаванда ва замнашаванда оварда шудаанд. Инчунин, лаҳзаҳои асосии баҳодиҳии объектҳои воситаҳои асосӣ бо арзиши бақиявӣ (тавозунӣ), истеҳлокшаванда, барҳамдиҳӣ, барқароркунӣ, одилона ва подошшаванда зикр гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** воситаҳои асосӣ, баҳодиҳӣ, усули баҳодиҳӣ, баҳодиҳии воситаҳои асосӣ, намудҳои арзиш, баҳодиҳии таърихӣ, баҳодиҳии бозорӣ, арзиши аввалии воситаҳои асосӣ, арзиши одилона.

**ПОРЯДОК ОЦЕНКИ И ПЕРЕОЦЕНКИ ОСНОВНЫХ СРЕДСТВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

Сегодня особое значение для правильной организации бухгалтерского учета основных средств имеет объективная оценка их стоимости. Формирование достоверной информации о стоимости основных средств позволяет повысить эффективность принимаемых управленческих решений в условиях интеграции национальной экономики в мировую экономику и применения международных стандартов финансовой отчетности в системе бухгалтерского учета экономических субъектов. Вопросы оценки основных средств всегда находятся в центре научных дискуссий в кругах практикующих бухгалтеров, исследователей и ученых сферы бухгалтерского учета. В литературе нет единого мнения по поводу оценки отдельных объектов основных средств, нерассмотренными остаются многие вопросы применения современных методов оценки основных средств. Настоящая статья посвящена изучению порядка оценки и переоценки объектов основных средств в бухгалтерском учете в условиях применения международных правил ведения бухгалтерского учета и составления финансовой отчетности. Рассматриваются различные толкования понятия «оценки» в научной литературе, анализируется содержание законодательных и нормативных правовых актов с целью уточнения понятия оценки основных средств. Определены и изучены основные подходы к классификации видов оценки основных средств. Особое внимание при этом уделено вопросам оценки объектов основных средств по первоначальной стоимости. Приведены примеры затрат, включаемых и не включаемых в первоначальную стоимость объектов основных средств. Излагаются также основные моменты оценки объектов основных средств по остаточной (балансовой), амортизируемой, ликвидационной, восстановительной, справедливой и возмещаемой стоимости.

**Ключевые слова:** основные средства, оценка, метод оценки, оценка основных средств, виды оценки, историческая оценка, рыночная оценка, первоначальная стоимость основных средств, справедливая стоимость.

**PROCEDURE FOR EVALUATION AND REVALUATION OF FIXED ASSETS UNDER MODERN CONDITIONS**

Today, an objective assessment of their value is of particular importance for the correct organization of accounting for fixed assets. Formation of reliable information on the cost of fixed assets makes it possible to increase the efficiency of managerial decisions in the context of the integration of the national economy into the world economy and the application of international financial reporting standards in the accounting system of economic entities. Issues of valuation of fixed assets are always at the center of scientific discussions among practicing accountants, researchers and scientists in the field of accounting. There is no consensus in the literature on the valuation of individual fixed assets, and many issues of applying modern methods of valuing fixed assets remain unexamined. This article is devoted to the study of the procedure for valuation and revaluation of fixed assets in accounting in the context of the application of international accounting rules and financial reporting. Various interpretations of the concept of "valuation" in the scientific literature are considered, the content of legislative and regulatory legal acts is analyzed in order to clarify the concept of valuation of fixed assets. The main approaches to the classification of types of valuation of fixed assets have been identified and studied. Particular attention is paid to the issues of valuation of fixed assets at their original cost. Examples of costs included and not included in the initial cost of fixed assets are given. It also outlines the main points of valuation of fixed assets at residual (book), depreciable, salvage, replacement, fair and recoverable value.

**Keywords:** fixed assets, valuation, valuation method, valuation of fixed assets, types of valuation, historical valuation, market valuation, initial cost of fixed assets, fair value.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримиён Мадинаи Баҳодур*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедари баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **medessa_@mail.ru**. Телефон: **(+992) 554-28-02-00**

**Сведения об авторе:** ***Каримиён Мадинаи Баходур*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **medessa_@mail.ru**. Телефон: **(+992) 554-28-02-00**

**Information about the author:** ***Karimiyon Madinai Bahodur*** - Tajik National University, Ph.D candidate at the Department of Accounting. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **medessa_@mail.ru**. Phone: **(+992) 554-28-02-00**

УДК 338.24+338.43(575.3)

# РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ ЭНЕРГИЯИ БАРҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Раҳимов З.С., Паимони Ҷ., Раҳимов Х.А, Ризоев С.Н.***
**Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

Солҳои охир истеъмоли неруи барқ аз ҷониби аҳолӣ афзоиш ёфта истодааст. Пеш аз ҳама, истеъмоли неруи барқ аз ҳисоби асбобҳои гуногуни барқӣ ва технологияҳои муосири энергетикӣ, ки ин ба истифодабарии дастгоҳҳои энергияталаб ба монанди - яхдонҳо, обгармкунаки барқӣ, микроволновка, мошинҳои ҷомашӯии автоматӣ, ва ғайра ба миён меояд. Барои қонеъ гардонидани талаботи замон бояд стратегияи энергетикие таҳия карда шавад, ки тавонад бозори аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок ва молиявӣ устувори хизматрасонии барқро таъмин намояд.

Бояд гуфт, ки системаи энергетикӣ як қисми системаи умумии ҷумҳурӣ мебошад, бинобар ин, дар бораи бо қувваи барқ таъмин намудани аҳолӣ бе назардошти дигар минтақаҳо қарор қабул кардан мумкин нест. Стратегияи рушди бозори хизматрасонӣ оид ба таъмини аҳолии қисми ҷудонашавандаи “Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” буда, ба фароҳам овардани шароит барои сиёсати самараноки энергетикӣ нигаронида шудааст.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди устувор ва таъмини боэътимоди энергияи барқӣ барномаи диверсификатсияи манбаъҳои тавлидкунанда дар заминаи рушди гидроэнергетикаи хурд ва сохтмони неругоҳи барқии ҳароратӣ татбиқ карда мешавад. Саноати ангишт бо суръати муваффақиятнок тараққӣ мекунад. Сохтмони нав ва азнавсозии неругоҳҳо барқи аловӣ, хатти электрикӣ ва неругоҳҳои мавҷуда имкон дод, ки кори муътадили инфраструктураи энергетикӣ таъмин гардида, таъминоти аҳоли бо қувваи барқ беҳтар гардад.

Маълум аст, ки сохтмони неругохи барқӣ-обӣ (НБО)-и Роғун барои тараққиёти иқтисодиёти мамлакати мо чи гуна аҳамияти калон дорад. Баъди ба охир расидани сохтмон ва ба истифода додани НБО-и Роғун истеҳсоли қувваи барқ ҳар сол 1100 миллион киловат зиёд мешавад. Таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои стратегӣ буда, барои расидан ба он, ҳама имкониятҳо ва захираҳо мақсади асосии сиёсати давлат дар соҳаи энергетика мебошад, ки ҳалли масъалаҳои вобаста ба паст будани самаранокии энергетикии иқтисодиёти ҷумҳурӣ, зарурати таъмини устувори аҳолӣ ва саноат бо неруи барқ, кам кардани таъсири зараровар ба муҳити зист, ҳифз ва рушди амнияти энергетикӣ ва иқтисодии Тоҷикистон мебошад.

Афзоиши босуръати иқтидорҳои гидроэнергетикӣ бо назардошти самаранокии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ вобаста аст. Дар мамлакат айни замон ва дарояндаи наздик 99%-и энергияи умумии истеҳсолшуда аз ҳисоби захираҳои обӣ гирифта мешавад.

Хусусиятҳои гидроэнергетика на бо технологияи он, ки стандартӣ аст, балки бо нақши он дар давлат ҳамчун яке аз соҳаҳои иқтисодиёт алоқаманд аст. Аз ин нуқтаи назар, гидроэнергетика дар Тоҷикистон аз гидроэнергетикии дигар кишварҳо фарк мекунад. Пеш аз ҳама, ҳиссаи гидроэнергетикаи Тоҷикистон дар энергияи умумии ҷумҳурӣ 95%-ро ташкил медиҳад. Дар кишварҳои дигар ин нишондод одатан аз 10÷20% зиёд нест. Ба ҳамин тариқ, гидроэнергетика саноатест, ки ба тамоми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ хизмат мекунад ва ҳамчун фаъолияти сохторбунёдкунандаи иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад.

Саноати миллии гидроэнергетика, ки манбаи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барқароршавандаи энергия мебошад, ба манфиатҳои худи Тоҷикистон ва ҳамчунин, ба Ҳадафҳои ҷаҳонии Рушди Ҳазорсола мувофиқат мекунад. Азхудкунии захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон метавонад рушди устувори кишварро кафолат диҳад. Хусусияти дигари саноати гидроэнергетикии Тоҷикистон мақсади комплексии он аст. Сабаб дар он аст, ки об дар ин минтақаи Осиёи Миёна на танҳо барои тавлиди неруи барқ, балки бо мақсади обтаъминкунии заминҳо низ истифода мешавад. Ин манфиатҳоро танҳо бо роҳи ба тартиб андохтани обанборҳои ба қадри кофӣ, ки дар тартиботи

ҷубронкуниҳо кор мекунанд, якҷоя кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, гидроэнергетика метавонад танҳо дар заминаи неругоҳҳои бузурги дорои обанборҳои калон (НБО Норак: иқтидори 3060 МВт, ҳаҷми обанбор -10,5 км$^3$, НБО Роғун - 3600 МВт, он обанбор ҳаҷми 13 км$^3$ ва ғайра). Ҳама малумотҳои дар боло зикршуда хосиятҳои гидроэнергетикии кишвар мебошад [3,с.3-4]. Ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои рушди дарозмуддати бозори хизматҳои энергетикӣ дар Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуҳлат аз механизми танзими давлатӣ ва қобилияти вокуниши фаврии иқтисодиёт ба тағйироти ҷаҳони беруна вобаста аст. Вобастагии зиёди бозори неруи барқ аз технологияҳо, таҷҳизот ва ҳалли системаҳои хориҷӣ бевосита ба рушди сусти инфрасохтори инноватсионии соҳаи энергетика дар Тоҷикистон иртибот дорад. Барои ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда, бо мақсади таъмини рақобатпазирии дарозмуддати бозори хидматрасонии неруи барқ, таҷдиди сохтори инноватсионӣ дар ин самт зарур аст. Навоварӣ моҳияти рушди захиравӣ инноватсионист, ки бояд рушди ояндаи бозори хизматрасонӣ оид ба таъмини неруи барқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намояд. Бояд қайд кард, ки қисми зиёди иқтидори илмию техникии ватанӣ дар ин бозор аз даст рафтааст, вобастагии зиёд аз технологияҳои воридотӣ, таҷҳизот ва ҳалли системавӣ вуҷуд дорад. Алоқаи мутақобилаи илм ва бизнес, таъмини дараҷаи зарурии талабот ба дастовардҳои илму техникаи соҳаи энергетика ва ташаккули сигналҳои возеҳи бозор барои таҳия ва татбиқи онҳост.

Инфрасохтори инноватсионии бозори хизматҳои неруи барқ дар Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити рушди бозори озоди технологияҳо ва таҷҳизоти энергетикӣ ва ҳавасмандкунии ҳамкории зичи инноватсионӣ бо дигар бахшҳои иқтисодиёт пешбинӣ шудааст.

Дар бораи навовариҳо дар чунин бозор, ба мисли бозори хизматрасонии барқ сухан гуфтан душвор аст. Таҷҳизоти техникӣ, ки муҳлати хизмати онҳо чандин даҳсола аст, азнавсозӣ ва нав карданро талаб мекунад. Ҳамаи ин бо сармоягузории бузург ва сабри зиёд имконпазир аст. Дараҷаи тадқиқоти илмӣ дар муассисаҳои коммуналӣ хеле паст аст, зеро кисми зиёди корҳои тадқиқоти илмӣ аз тарафи таъминкунандагони таҷҳизот ва ё ба ташкилотҳои илмӣ дода мешавад. Принсипи асосии рушди самараноки инноватсионӣ ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳадафҳои стратегии ширкат мебошад. Бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ширкат дар тамоми самтҳои фаъолият барномаҳои инноватсионии рушдро амалӣ менамояд, аз ҷумла: баланд бардоштани сифат ва эътимоднокии таъминоти барқ, таъмини ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ мебошад. Илова бар ин, дар ширкат рушди инноватсионӣ, бидуни ҷорӣ намудани ягон навоварӣ, ё ин, ки танҳо тавассути мушкилоти асосӣ, ки ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ халал мерасонанд. Аммо ҷорӣ намудани равандҳо ва усулҳои муосири идоракунӣ низ омили муҳимми рушди ширкатҳо дар бозори таъмини неруи барқ мебошад.

Аз нуқтаи назари рушди инноватсионии бозори хизматрасонии неруи барқ умедбахштарин энергияи алтернативӣ: энергияи офтоб ва шамол мебошад.

Ҳангоми арзёбии самаранокии иқтисодии манбаъҳои алтернативии энергия ва анъанавӣ, бартарии равшанӣ аст: нишондиҳандаҳои хароҷот дар вақтҳои охир нисбат ба нишондиҳандаҳои анъанавӣ, ки ба афзоиши доимӣ дучор мешаванд, пасттар буданд. Тибқи пешгӯиҳои Конгресси Умумиҷаҳонии энергетикӣ дар соли 2020, энергияи барқароршаванда тақрибан 6% ҳаҷми умумии истеъмоли энергияро ташкил медиҳад, дар кишварҳои пешрафта ин рақам аллакай ба 20% расидааст [2,с.354].

Дар Ҷумҳури Тоҷикистон иқтидори энергияи офтоб хеле калон аст. Дар ҷумҳурӣ ҳодисаҳои алоҳидаи истифода бурдани коллекторҳои офтобӣ дар муассисаҳои тиббӣ, таълимӣ ва буҷетӣ, комплексҳои варзишӣ ҷой доранд. Омӯзиши маводҳои илмӣ нишон дод, ки барои бо қувваи барқ таъмин намудани аҳолӣ дар биноҳои истиқоматӣ аз энергияи офтоб истифода бурдан имкониятҳои реалӣ мавҷуданд. Истифодаи неругоҳҳои барқии офтобӣ дар болои боми биноҳои серошёна барои аҳолӣ фоиданок аст. Ғайр аз ин, мувофиқи ҳисобу китоб дар натиҷаи истифодаи системаҳои энергияи офтобӣ дар бино хароҷоти сохтмони онро 10% зиёд мекунад, вале ҳангоми истифодабарии хароҷоти гармидиҳӣ 60% кам мешавад. Бинобар ин, фоидаи умумии иқтисодии истифодаи энергияи офтоб дар бино 18%-ро ташкил медиҳад. Дар энергияи шамол технологияҳои

самарабахше вуҷуд дорад, ки имконияти истифода бурдани энергияи шамолро дар қаламрави ҷумҳурӣ имкон медиҳад. Манбаҳои анъанавӣ аз рӯи баҳодиҳии коршиносон на он қадар бехатар арзёбӣ карда шудааст, ки ба муҳити атроф таъсири манфӣ мерасонад. Дар табиат як қатор манбаъҳое мавҷуд аст, ки онҳоро барқароршаванда меноманд. Ин манбаъҳо манбаъҳое ба ҳисоб меравканд, ки миқдори зарурии боигариҳои энергетикиро дар бар гирифтаанд. Яке аз чунин боигариҳо дар табиат шамол ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боигарии шамолӣ на он қадар васеъ вуҷуд дорад. Аммо истифодабарии он ҳамчун дуюм дараҷа нисбат ба гидроэнергетика дар як қатор минтақаҳо қонеъкунанда арзёбӣ шудааст. Дар шароитҳои кӯҳии Тоҷикистон шамоли сахттарин дар қаторкӯҳҳои Федченко ва водиҳои Анзоб дида мешавад, ки сели массаҳои ҳавои наздикшаванда буда, мисол дар Хуҷанд ва Файзобод. Суръати миёнаи солонаи шамол дар ин минтақаҳо ба 5-6 м/с баробар аст. Аммо суръати миёнаи шамол бошад, дар минтақаҳои ҳамвор ва кушода ба 3-4м/с баробар мешавад. Бояд гуфт, ки дар бисёр мамлакатҳо аз ҳоло масъалаи структура захираҳои энергетикиро аз нав дида баромада истодаанд. Ин сиёсати фаъоли давлатҳо дар робита ба манбаъҳои алтернативии энергия ва инноватсияро мусоидат мекунад. Ин асосан ба муҳити зист тоза будани манбаъҳои алтернативии энергия ва ба таври қобили мулоҳиза паст будани арзиши онҳо вобаста аст. Дар “Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” низ ба истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ҷорӣ кардани инноватсия дар бахшҳои мухталифи иқтисод таваҷҷуҳи хосса дода шудааст. Тибқи стратегия, дар Тоҷикистон се навъи сенарияи рушд барои давраи то соли 2030 баррасӣ мешавад: инерсиалӣ, саноатӣ ва индустриалӣ-инноватсионӣ. Сенарияҳо ба шартҳои зерин асос ёфтаанд:

Мақсадҳои асосӣ ва амалӣ гардондани афзалиятҳо;

- Демографӣ, вазъият;
- самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷуда ва имкониятҳо;
- сармоягузории қобилиятҳо;
- ҳамгироӣ ба ҷаҳониву минтақавӣ иктисодиёт.

Дар стратегия дар баробари ба амал баровардани тадбирҳои зарурӣ имкони аз як модели тараққиёт ба модели дигар гузаштан пай дар пай иҷозат дода мешавад. Динамикаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки барои татбиқи сенарияи дуюм заминаҳои зарурӣ мавҷуданд.

Аммо бо иштироки фаъолонаи ниҳодҳои молиявӣ ва шаҳрвандӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳкими нақши соҳибкорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи Стратегия, ки гузариш на дар саноат ва дар модел имкон дорад [9,с.22]. Дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Мо бо ҳадафҳои стратегии худ таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки барқ ва дар ин роҳ нақшаи аз агросаноатӣ гузарондани иқтисодиёти мамлакатро иҷро карда истодаем» [8].

Дар маҷмуъ, рушди бозори хизматрасонӣ оид ба таъмини неруи барқ дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба таври зерин ифода карда шавад, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Мақсади асосии стратегияи рушди бозори хизматрасонӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо қувваи барқ бояд муайян намудани роҳҳои ноил шудан ба ҳолати сифатан нави бозори қувваи барқ, рақобатпазирии хизматрасониҳои он бо истифодаи аксар иқтидор ва муайян намудани афзалиятҳои рушди бозор, таҳияи механизмҳои сиёсати давлатии энергетикӣ бо назардошти дастовардҳои пешбинишуда.

Воситаи асосии ҳалли ин масъала ташаккули бозори мутамаддини энергия мебошад.

Стратегияи рушди бозори хизматрасонӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо мақсади таъмини амнияти энергетикӣ ва ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ пешбинӣ шудааст. Барои таъмини рушди устувор ва амнияти иқтисодии Тоҷикистон дастрасиро ба манбаъҳои боэътимоди баландсифати неруи барқ васеъ кардан зарур аст; ба васеъ шудани доираи таҷрибаи пешқадам дар соҳаи хизматрасонӣ мусоидат мекунанд; барои тараққиёти ҳамаи

соҳаҳои хоҷагии халқ шароити зарурӣ фароҳам оваранд. Ҳамаи ин ба табдили бозори хизматрасонии неруи барқ мусоидат мекунад.

**Ҷадвали 1. Рушди бозори хизматрасонии неруи барқ дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 1. Development of the electricity service market in the energy sector of the Republic of Tajikistan**

| № | Нуқтаи истинод | Амалҳо |
|---|---|---|
| 1. | Ҳадафҳо: | – муайян кардани проблемаҳои асосӣ, аниқ кардани маҳдудиятҳои берунӣ ва дохилии системаҳои таъминоти электрикӣ;<br>– ташаккули сиёсати энергетикӣ ва муайян намудани афзалиятҳои мақомоти давлатӣ дар самти дастгирии таъмини аҳолӣ бо неруи барқ бо дарназардошти шароити ба амал омадаистодаи дохилию берунии энергетикию иқтисодӣ ва манфиатҳои аксаран мухолифи субъектҳои хоҷагидорӣ;<br>– интихоб ва асосноккунии самтҳои асосии рушди бозори хизматрасонӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо неруи барқ ва азнавсозии техникии системаҳои таъмини барқ, ки эътимоднок, камхарҷ, мутобиқшавӣ ба тағйироти эҳтимолии вазъи иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва аз ҷиҳати экологӣ қобили қабул бо неруи барқ бо нархҳои дастрас барои аҳолӣ. |
| 2. | Вазифаҳо: | – ташаккули сенарияҳои эҳтимолии рушди бозори хидматрасонии неруи барқ ба аҳолӣ;<br>– тараққиёти ҳамдигарии тамоми соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ (СЭ), таъмини самарабахши иҷтимоию иқтисодии он;<br>– ташаккул додани шароит ва механизмҳое, ки модернизатсияи объектҳои мавҷуда ва сохтмони объектҳои нави комплекси сӯзишворию энергетикиро дар асоси технологияҳои пешрафта ва таҷҳизот;<br>– омода намудани механизм, баланд бардоштани самаранокии идоракунии рушди бозори хизматрасонӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо қувваи барқ бо истифода аз маҷмуи механизмҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ (стандартҳо, меъёрҳо, регламентҳои техникӣ, сиёсати андоз ва буҷет);<br>– таҳияи механизмҳои ҷалби сармояи хусусӣ ба энергия. |
| 3. | Афзалиятҳо: | – боэътимод ва хушсифат бо қувваи барқ таъмин намудани аҳолӣ дар асоси технологияи ҳозиразамон ва таҷҳизот;<br>– самаранок истифода бурдани қувваи барқ, кам кардани талафи қувваи барқ ҳангоми ҳосил кардан, интиқол ва истеъмол;<br>– талаботи оқилона ба неруи барқ, ки бо суръати рушди иқтисодӣ мутаносиб аст;<br>– кам кардани таъсири манфии энергия ба муҳити зист;<br>– манфиати молиявии бахши хусусӣ барои сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика ва додани кафолатҳои давлатӣ ба сармоягузор барои устувории сармоягузориҳо. |
| 4. | Самтҳои асосии татбиқи стратегия | 1. Ба кор андохтани иктидорҳои нави энергетикӣ, ки ба дараҷаи ба дастомадаи ҷаҳонӣ мувофиқанд ва ба роҳи инноватсионии тараққиёт гузарондани энергетика.<br>2. Минбаъда нав кардани фондҳои асосӣ, иваз кардани таҷҳизоти куҳна ва реконструксияи таҷҳизоти энергетикӣ, беҳтар намудани сифати таъмир ва истифодабарии он. Раванди таҷдид ва модернизатсияи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва иншооти шабакавӣ бояд мунтазам сурат гирад.<br>3. Тараққиёти истеҳсоли якҷояи энергияи электрикӣ ва гармӣ дар асоси технологияи ҳозиразамон.<br>4. Эҷоди сатҳҳои зарурии зиёдатӣ дар системаҳои таъминоти барқ, аз ҷумла иқтидори интизории намудҳои статсионарӣ ва мобилӣ ва захираҳои интизорӣ сӯзишворӣ.<br>5. Татбиқи таҷҳизот ва технологияҳои насли нав пурра автоматӣ, кабелҳои суперноқилӣ барои интиқол ва тақсими неруи барқ.<br>6. Барқарор ва рушди инфрасохтори тадқиқотӣ, лоиҳакашӣ ва муҳандиси энергия.<br>– усулҳои баҳисобгирии ҳалли схемаҳо дар асоси технологияҳои инноватсионӣ ва каммасрафи энергия, манбаъҳои барқароршавандаи энергия ҳангоми банақшагирии таҳия ва тарҳрезӣ;<br>– ворид намудани курсҳои иловагӣ оид ба омӯзиши технологияҳои навтарини |

| | | |
|---|---|---|
| | | энергетикӣ ва таҷҳизот, технологияҳои сарфакунандаи захираҳо, манбаъҳои ғайрианъанавӣ ва барқароршаванда ба нақша ва барномаҳои донишгоҳҳо.<br>7. Таҳияи тартиби назорати давлатии истифодаи мақсадноки маблағҳои барномаҳои сармоягузорӣ, ташаккул ва истифодаи фондҳои мақсадноки сарфаи энергия, инчунин, ташкили фондҳои мусоидат ба рушди соҳаи хурд ва ғайрианъанавии энергия. Истифодаи қарзҳои имтиёзнок ва имтиёзҳои андоз барои истеҳсол ва истифодаи таҷҳизот ва технологияҳои каммасраф, аз ҷумла энергияи ғайрианъанавӣ бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузории иқлим. |

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Аҳмадов Р.Р.**

## АДАБИЁТ


1. Азимов Х. Идоракунии молиявии неруи энергетикии Тоҷикистон / Х. Азимов. -Душанбе: Ирфон, 2007. -267 с.
2. Бушуев В.В. Глобальная энергия и устойчивое развитие. мировая энергетика. «Энергетика» / В.В. Бушуев. -2011. -354 с.
3. Қурбонов А.Р. Инфраструктурное обеспечение энергетической безопасности в Республики Таджикистан / А.Р. Қурбонов, Д.Х. Хоҷаев // Вестник ТГУК. -Душанбе: Сумани Кудрат, 2019. -№3(28). -С.36-40.
4. Норматов И.Ш. Экономические вопросы развития гидроэнергетики Таджикистана: Научное издание. Академии наук Таджикской ССР. Институт водных проблем, гидроэнергетики и экологии / И.Ш. Норматов, Г.Н. Петров. -Душанбе, 2007. -С.3-4.
5. Норов Х.Г. Государственное регулирование водопользования в сельском хозяйстве / Х.Г. Норов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2007. -№6(38). -Ч II. -С.111-116.
6. Одинаев Х.А. Водные ресурсы и перспективы устойчивого развития экономики Таджикистана / Х.А. Одинаев, Х.Г. Норов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2007. -№1(33). -С.146-152.
7. Одинаев Х.А. Развития механизмов управления водопользованием в сельском хозяйстве / Х.А. Одинаев, Х.Г. Норов // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2010. -№6(62). -С.3-11.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018).
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ш. Душанбе 2016. – С.22.
10. Ходжаев Д.Х. Зарубежный опыт формирования и развития энергетических услуг в условиях рыночной экономики / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. –№3. –С.166-173.
11. Ходжаев Д.Х. Исследование факторов, угрожающие энергетической и экономической безопасности Республики Таджикистан / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2019. -№3. -Часть 1. -С 31-35.


## РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ ЭНЕРГИЯИ БАРҚӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масоили вобаста ба Рушди бозори хизматрасонӣ оид ба хизматрасонии неруи барқ дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди барасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки дар Ҷумҳури Тоҷикистон иқтидори энергияи офтоб хеле калон аст. Дар ҷумҳурӣ ҳодисаҳои алоҳидаи истифода бурдани коллекторҳои офтобӣ дар муассисаҳои тиббӣ, таълимӣ ва буҷетӣ, комплексҳои спортӣ ҷой доранд. Омӯзиши маводҳои илмӣ нишон дод, ки барои бо қувваи барқ таъмин намудани аҳолӣ дар биноҳои истиқоматӣ аз энергияи офтоб истифода бурдан имкониятҳои реалӣ мавҷуданд. Ин таҷриба аллакай дар Олмон паҳн шудааст. Ғайр аз ин, мувофиқи ҳисобу китоб дар натиҷаи истифодаи системаҳои энергияи офтобӣ дар бино, хароҷоти сохтмони онро 10% зиёд мекунад, вале ҳангоми истифодабарии хароҷоти гармидиҳӣ 60% кам мешавад. Бинобар ин, фоидаи умумии иқтисодии истифодаи энергияи офтоб дар бино 18%-ро ташкил медиҳад. Дар “Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” низ истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ҷорӣ кардани инноватсия дар бахшҳои мухталифи иқтисод таваҷҷуҳи хосса дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** иқтидор, энергия, офтоб, коллекторҳо, муассисаҳои тиббӣ, барқароршаванда, истифодабарӣ, хароҷот, гармидиҳӣ, имкониятҳо, инноватсия, бахшҳо, таҷриба.


## РАЗВИТИЕ РЫНКА УСЛУГ ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ ЭЛЕКТРОЭНЕРГИЕЙ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с развитием рынка услуг по поставке электроэнергии в энергетическом секторе Республики Таджикистан. Авторы отмечают, что потенциал солнечной энергетики в Республике Таджикистан очень велик. В республике есть отдельные случаи использования солнечных коллекторов в медицинских, образовательных и бюджетных учреждениях, спортивных комплексах. Изучение научных материалов показало, что существуют реальные возможности использования солнечной энергии для обеспечения электроэнергией населения жилых домов. Эта практика уже распространилась в Германии. Кроме того, согласно расчетам, в результате использования в здании систем солнечной энергии затраты на его строительство

увеличиваются на 10%, а при использовании отопления затраты снижаются на 60%, поэтому общий экономический эффект от использования солнечной энергии в здании составляет 18%. В Национальной стратегии развития Таджикистана на период до 2030 года особое внимание уделяется использованию возобновляемых источников энергии и внедрению инноваций в различные отрасли экономики.

**Ключевые слова:** мощность, энергия, солнечная энергия, коллекторы, медицинские учреждения, возобновляемые источники энергии, использование, затраты, отопление, возможности, инновации, секторы, опыт,

**DEVELOPMENT OF THE MARKET OF ELECTRICITY SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article discusses issues related to the development of the market for services for the supply of electricity in the energy sector of the Republic of Tajikistan. The authors note that the potential of solar energy in the Republic of Tajikistan is very high. In the republic there are separate cases of using solar collectors in medical, educational and budgetary institutions, sports complexes. The study of scientific materials has shown that there are real opportunities for using solar energy to provide electricity to the population of residential buildings. This practice has already spread in Germany. In addition, according to calculations, as a result of using solar energy systems in a building, construction costs increase by 10%, and if heating is used, costs are reduced by 60%, so the total economic effect of using solar energy in a building is 18%. In the National Development Strategy of Tajikistan for the period up to 2030, special attention is paid to the use of renewable energy sources and the introduction of innovations in various sectors of the economy.

**Keywords:** power, energy, solar energy, collectors, medical institutions, renewable energy sources, use, costs, heating, opportunities, innovations, sectors, experienc

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раҳимов Зафар Сайдалиевич*** **-** Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия ва энергетикаи ҳароратӣ. **Суроға:** 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, ноҳия. Кушониён, кӯчаи Н. Хусрав, 73. Телефон: **(+992) 935-81-60-60.** E-mail: **Zafar.430105@mail.ru**

***Паймони Ҷуразода*** **-** Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи сохтмони гидротехникӣ ва фанҳои умумитехникӣ. **Суроға:** 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, ноҳия. Кушониён, кӯчаи Н. Хусрав, 73. Телефон: (**+992) 985-36-95-97**

***Раҳимов Хуршед Абдулоевич*** **-** Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, декани факултети муҳандисӣ ва иқтисодиёти соҳавӣ. **Суроға:** 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, ноҳия. Кушониён, кӯчаи Н. Хусрав, 73. Телефон: **+992918635945**. E-mail: **khurshed.r69@gmail.ru.com**

***Ризоев Суҳаили Нодирович*** **-** Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия ва энергетикаи ҳароратӣ. **Суроға:** 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, ноҳия. Кушониён, кӯчаи Н. Хусрав, 73. Телефон: **+992907109191**

**Сведения об авторах:** ***Рахимов Зафар Сайдалиевич*** **-** Институт энергетики Таджикистана, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры возобновляемых нетрадиионных источников энергии и теплоэнергетики. **Адрес:** 735162, Республика Таджикистан, Хатлонская область, р.Кушониён, улица Н. Хусрава, 73. Телефон: **(+992) 935-81-60-60.** E-mail: **Zafar.430105@mail.ru**

***Паймони Джуразода*** - Институт энергетики Таджикистана, старший преподаватель кафедры гидротехнического строительства и общетехнических дисциплин. **Адрес:** 735162, Республика Таджикистан, Хатлонская область, р.Кушониён, улица Н. Хусрава, 73. Телефон: **+992985369597**

***Рахимов Хуршед Абдулоевич*** - Институт энергетики Таджикистана, кандидат технических наук, декан факультета инженерии и отраслевой экономики. **Адрес:** 735162, Республика Таджикистан, Хатлонская область, р.Кушониён, улица Н. Хусрава, 73. Телефон: **+992918635945**. E-mail: **khurshed.r69@gmail.ru.com**

***Ризоев Сухаили Нодирович*** **-** Институт энергетики Таджикистана, ассистент кафедры возобновляемых нетрадиционных источников энергии и тепловой энергии. **Адрес:** 735162, Республика Таджикистан, Хатлонская область, р.Кушониён, улица Н. Хусрава, 73. Телефон: **+992907109191**

**Information about the authors:** ***Rakhimov Zafar Saydalievich*** - Institute of Energy of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Non-traditional Renewable Energy Sources and Thermal Power Engineering. **Address**: 735162, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kushoniyon river, N. Khusrava street 73. Phone: **(+992) 935-81-60-60**. E-mail: **Zafar.430105@mail.ru**

***Paimoni Jurazoda*** **-** Institute of Energy of Tajikistan, Senior Lecturer of the Department of Hydraulic Engineering and General Technical Disciplines. **Address:** 735162, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kushoniyon river, N. Khusrava street, 73. Phone**: +992985369597**

***Rakhimov Khurshed Abduloevich*** **-** Institute of Energy of Tajikistan, Candidate of Technical Sciences, Dean of the Faculty of Engineering and Sectoral Economics. **Address:** 735162, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kushoniyon river, N. Khusrava street, 73. Phone: **+992918635945.** E-mail: **khurshed.r69@gmail.ru.com**

***Rizoev Sukhaili Nodirovich*** **-** Institute of Energy of Tajikistan, assistant of the department of renewable non-traditional energy sources and thermal energy. **Address:** 735162, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kushoniyon river, N. Khusrava street, 73. Phone: **+992907109191**

УДК: 336,3

# ТАҲЛИЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МЕҲНАТИ КОРГАРОН (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)

*Мирзозода А.Д.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Барҳамхӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ сабаби мустақил гардидани давлатҳое, ки дар иттиҳоди мазкур буданд, гардид. Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мустақилияти худро қабул намуда, барои рушди минбаъдаи худ низоми иқтисоди бозориро пеша гирифт. Низоми мазкур авлавиятро бештар ба бахши хусусӣ дода, заминаи рушди бахши мазкур ба ҳисоб меравад. Инчунин, яке аз омилҳои асосии рушди бахши хусусӣ ва давлатӣ ин мутахассисони соҳа ба ҳисоб мераванд, яъне коргарон. Ба фаъолияти кории онҳо омилҳои гуногуншакл таъсир мерасонанд, ки яке аз муҳимтарини он музди меҳнат ва шарту шароити корӣ мебошад. Дар сурати музди меҳнати корманд кифоя ва шарту шароити кор дар сатҳи заруриташкил шуда бошад, ин маънои онро дорад, ки ҳавасмандии музди меҳнат низ дуруст ба роҳ монда шудааст. Лозим ба қайд мебошад, ки маҳз ҳавасмандгардонии меҳнат, яке аз абзорҳои асосии менеҷменти кадрӣ ба ҳисоб рафта, ба воситаи он дар ҳама корхонаҳои шакли молиякияташон гуногун сиёсати кадри ба роҳ монда мешавад. Агар, бо истифода аз абзори номбурдашуда дар корхона рӯи кор оварда нашавад, сифати фаъолияти корхона мунтазам паст гардида, ба ҳолати душвори молиявӣ дучор хоҳад шуд, ки имрӯз мо шоҳиди аз байн рафтани чанд корхона ҳастем, ки маҳз омили инсонӣ сабаби аз фаъолият боз мондани онҳо мебошад.

Омилҳо ва хавфҳои ҳавасмандии меҳнати коргарон дар мақолаи илмии Чуланова О.Л. мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки таъсири омилҳои зерин, ба монанди: қабули қарорҳои нодуруст дар самти идоракунии коргарон, ғайрисалоҳиятнок, дар сатҳи зарурӣ ташкил нашудани фаъолияти корӣ дар корхона ва дуруст дарк накардани хусусияти фаъолияти корхона ба баланд гардидани хавфи идоракунии кадрӣ оварда мерасонад [11,с.20-34]. Вобаста ба масъалаи мазкур, қайд шудааст, ки ҳавасмандии касбӣ яке аз омилҳои асосие, мебошад, ки ба самаранокии меҳнати эҷодии коргарон таъсир мерасонад, ки шакли доимии ҳавасмандии касбӣ ба самаранокии меҳнат оварда мерасонад. Ҳолатҳое, ки дар сатҳи нокифоягӣ қарор доранд, метавонанд сади роҳи самаранок татбиқ намудани фаъолияти эҷодии коргарон мегарданд [14,с.216]. Шароитҳои муосири иҷтимоию иқтисодии корхонаҳо, ки ба паст будани сатҳи музди меҳнат ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани принсипҳои гуманизм, сабабгори пайдоиш ва густариши буҳрони ҳавасмандии касбӣ ба ҳисоб мераванд.

Аз тарафи Субботина Т.Н. [13,с.104-108], хусусиятҳои ҳавасмандии меҳнати коргарони корхона дар шароити пандемия мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ки дар асоси омӯзиши шароити муосири корхона ӯ панҷ падидаро таҳия ва пешниҳод намудааст, ки дар асоси онҳо ҳавасмандии меҳнатро метавон дар корхона ба роҳ монд. Қарор оид ба чигуна бунёд намудани низоми ҳавасмандии меҳнат дар корхона бояд дар асоси шароит, мақсадҳои гузошташуда ва принсипҳои ташкили идоракунии коргарон ба роҳ монда мешавад. Шароити нав, яъне вазъияти пандемия равиши навро оид ба ташаккули захираҳои кадрӣ талаб мекунад, ки сармояи инсонӣ ҳамеша захираи арзишманд боқӣ мемонад, яъне бе иштироки он татбиқи раванди технологӣ ғайримкон мебошад. Ҳавасмандӣ ин омили асосӣ ба ҳисоб меравад, ки дар инсонҳо қобилияти меҳнатро инкишоф намуда, барои расидан ба дастовардҳо мусоидат мекунад, ки ин ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат таъсир расонида, натиҷаҳои интиҳоии корхонаро баланд мебардоранд [5,с.93-97].

Омили дигаре, ки ба сатҳи ҳавасмандии меҳнати коргарон таъсиргузор мебошад, ин сатҳи баланди масъулиятнокӣ ба ҳисоб меравад [3,с.44-47]. Яъне, бояд ба коргар дар баробари вазифа додан, инчунин, масъулият ва ҷавобгариро низ ба ӯ вогузор намуд, ки ин яке аз усулҳои ғайрипулӣ ба ҳисоб меравад, ки коргар, вазифаи худро дар сатҳи зарурӣ иҷро мекунад. Ин ба коргар, имкон медиҳад, ки саҳм ва нақши худро дар рушди корхона

эҳсос намояд. Инчунин, функсияи мазкур имкон медиҳад, ки фаъолияти коргарон назорат ва баҳогузорӣ карда шавад, ки дар расидан ба ҳадафҳои стратегии корхона онҳо саҳмгузор мебошанд. Раванди таҳияи низоми ҳавасмандӣ дар корхона ва механизми татбиқи он аз якчанд марҳила иборат мебошад [1,с.955-970]:

– муайян сохтани самтҳои асосии сиёсати ҳавасмандии корхона вобаста бо ҳадафҳои стратегии он;

– муайян намудани омилҳои дохила ва беруна, ки ба сохтори ҳавасмандии меҳнат дар корхона таъсир мерасонад;

– ошкорнамоии шароитҳои таҳвили омилҳо, ки ба низоми ҳавасмандии фаъолияти меҳнатӣ вобаста бо сиёсати ҳавасмандии меҳнат дар корхона, таъсирнок мебошанд;

– интихоби усул, ривиш ва таъсир расонидан ба раванди ташаккули ҳавасмандии меҳнат ва омӯзиши сохтори он;

– ошкор намудани омилҳое, ки ба интизоми меҳнат ва фаъолнокии он таъсигузор мебошанд;

– қабули қарорҳо оиди дар амалия татбиқ намудани усул, равиш ва омилҳои ҳавасмандии меҳнати коргарон дар корхона ва идоракунии онҳо;

– ошкор намудани захираҳои идоракунӣ ба мақсади дар амалия татбиқ намудани сиёсати ҳавасмандии корхона;

– баҳогузории самараноки сиёсати ҳавасмандии корхона;

– ташаккули маблағҳои ҳавасмандкунӣ.

Барои ташаккули низоми ҳавасмандӣ дар корхонаҳо ва ширкатҳо бояд марҳилаҳои зерин ба инобат гирифта шаванд, ки ҳар яки онҳо ба худ хусусияти хос доранд ва аз якдигар куллан фарқ мекунанд. Барои мисол, агар дар корхона ташаккули маблағҳои ҳавасмандӣ ба роҳ монда нашуда бошад, он гоҳ корхона марҳилаҳои самаранокиро аз даст медиҳад. Барои ташаккули маблағҳои ҳавасмандгардонӣ дар адабиёти илми иқтисодӣ якчанд роҳҳои маъмулию инноватсионӣ пешниҳод гардидаанд. Профессор Мухаммедов М.М. дар яке аз таҳлилҳои худ низоми ташаккули маблағҳои ҳавасмандсозиро бо истифода аз ташкили усули махсус дар низоми таҳсилоти олӣ пешниҳод дорад, ки бо ифодаи формулаи зерин маънидод карда мешавад [9]:

**ММ=Д*К (формулаи 1)**

дар ин ҷо: **ММ**-музди меҳнати моҳона;

**Д**-даромади миллӣ ба ҳар як сари аҳолӣ;

**К**-коэффитсиенти ҳавасмандӣ.

Бояд қайд кард, ки коэффитсиент ин ҳаҷми музди меҳнати интиҳоиро тибқи унвони профессор ва сатҳи таҷрибанокӣ аз 2 то 0,5 ҳисоб мекунад. Барои ҳисоби коэффитсиенти мазкур бояд категорияҳои ҳафтзинагӣ ворид карда шавад: доктори илмҳо, профессор (К-2); доктори илмҳо, дотсент (К-1,75); номзади илмҳо, дотсент (К-1,5); номзади илмҳо, омӯзгори калон (К-1,24); омӯзгори калони бе унвон (К-1,0); омӯзгор (К-0,75); омӯзгор-коромӯз (К-0,5).

Инчунин, таҳлили адабиётҳои дигар нишон медиҳанд, ки дар корхонаҳои давлатҳои пешрафтаи дунё, низомҳои гуногуни ҳавасмандӣ ҷорӣ гардида, имрӯз самараи худро дода истодааст. Мисол, дар корхонаҳои ИМА барои ҳавасмандсозии коргарони худ низоми пардохти ҳаққи музди шартномавӣ, соатбайъ, мукофртпулӣ ва иловапулиро вобаста ба сатҳи малака ва таҷриба истифода мебаранд. Қариб 61% корхонаҳои ИМА низоми пардохтҳои пулии Pay for-Performance (PFP)-ро истифода мебаранд, ки подошпулии коргарон аз натиҷаҳои заҳматҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ иборат мебошанд. Таҷрибаи хориҷӣ нишон дод, ки корхонаҳое, ки низоми мазкурро истифода мебаранд, ҳосилнокии меҳнат аз 5% то 40%, даромади иловагии коргарон аз 3% то 29% зиёд гардидааст, яъне коргарон майл бар он доранд, ки агар музди меҳнати баланд хоҳанд, ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнати худро бояд дар корхона баланд бардоранд [6,с.4].

Хусусияти модели ҳавасмандгардонии фаронсавӣ аз он иборат мебошад, ки зимни таҳияи низоми ҳавасмандсозӣ банақшагирии стратегӣ ҳамчун механизми бозорӣ амалӣ мегардад. Ба сатҳи даромаднокӣ ва ҳавасмандии коргарон дар корхонаҳои Фаронса

омилҳои зерин таъсир мекунанд: сатҳи таҷрибанокӣ, сифатнок иҷро намудани кор, шумораи таклифҳои самараноки истифодаи захираҳои корхона (ташаббусҳои коргарон) ва сатҳи наздик будани коргар ба корхона.

Низоми ҳавасмандии коргарон дар асоси холҳо ба роҳ монда шудааст, ки аз 0 то 120 хол ба шаш категорияи коргарон: дониши касбӣ, маҳсулнокии меҳнат, сифати иҷрои кор, риоя намудани қоидаҳои бехатарӣ, этикаи истеҳсолот ва ташаббускорӣ дохил мешаванд [2,с.605-607].

Зимнан, модели ҳавасмандгардонии меҳнат дар Ҷумҳурии федеративии Олмон хосси иқтисодиёти бозорӣ буда, дар асоси принсипҳои адолатнокии иҷтимоӣ бунёд гардидааст. Аксари корхонаҳои Олмон барои коргарони кироя барномаҳои иҷтимоиро татбиқ менамоянд, ки барномаҳои иҷтимоии давлатро онҳо пурра мегардонанд. Корхонаҳои азими давлатии мазкур, ба ғайр аз полиси ройгон барои беҳдошти саломатӣ, ичунин, ба коргарон шароити рафтан ба китобхона, иштирок дар барномаҳои фарҳангӣ, конкурсҳо ва машғул шудан бо варзишро маҳайё намудаанд [4,с.34-41]. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба таҳияи низомҳои ҳавасмандӣ дар корхонаҳо нишон медиҳанд, ки усул ва равишҳои гуногунро дорост. Онҳоро аз ҳамдигар бо хусусиятҳои хосси худ фарқ намуда, барои рушд ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар корхона равона менамоянд. Таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҳавасмандии меҳнат дар ҳама давру замон муаммои мубрам ба ҳисоб рафта, дар замони муосир низ мубрам мебошад. Таҳлили корҳои илмии дар боло оварда шуда, нишон доданд, ки агар дар корхона низоми ҳавасмандӣ дар сатҳи паст ташкил шуда бошад, он гоҳ фирори коргарон ба назар мерасад, ки ин метавонад ҳамчун катализатори муҳоҷирати меҳнатии аҳолии минтақа гардад.

Тибқи маълумотҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 374 ҳазор нафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанд. Яке аз сабабҳои асосии ба муҳоҷират рӯй овардани аҳолии кишвар, маҳз набудани низоми ҳавасмандӣ дар корхонаҳои кишвар ба ҳисоб меравад. Дар кишвар ҷойҳои кории холӣ хело ҳам зиёд ҳастанд. Аммо, низоми ҳавасмандӣ бо воситаи музди меҳнат, кумакпулиҳо ва суғуртаи ройгони тиббӣ дуруст ба роҳ намонда шудааст. Ба мақсади ин муаммоҳоро ҳал намудан, аз тарафи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд амалҳо ва тадбирҳо андешида шуда истодаанд, ки яке аз онҳо қабули "Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040" ба ҳисоб меравад [7,с.25].

Дар асоси барномаи консепсияи мазкур, то соли 2030 аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикисон ба 11,5 миллион нафар мерасад. Консепсияи мазкур дар доири панҷ самт: 1) густариши заминаҳои шуғли пурмаҳсул; 2) дониш ва малака, технология ва имкониятҳои шуғли судманд; 3) рушди соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои кории судманд; 4) институт ва барномаҳои бозори меҳнат; 5) шарикии иҷтимоӣ [7, с. 18]. Дар асоси консепсияи мазкур, ҳамасола 100 ҳазор ҷойи кори нав ташкил карда мешавад, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти он мебошад. Ба фикри мо, пеш аз оне, ки ин миқдор ҷойи корҳои нав ташкил кард, ҷойҳои корие, ки алҳол дар кишвар ҳастанду холӣ мебошанд, бояд такмил бахшид.

Чуноне, ки дар боло қайд кардем, дар замони муосир ба ғайр аз музди меҳнат, ҳавасмандии моддию пулӣ дар рушди корхонаҳо ва расидан ба мақсадҳои стратегии онҳо нақши муҳим мебозад, ки сари ин масъла вазоратҳои дахлдор ва корхонаҳо бояд фаъолиятро ҷоннок намоянд.

Дар давоми 30 соли Истиқлоли давлатӣ, кишвари азизамон ба натиҷаҳои баланди макроиқтисодӣ ноил гашт, ки дарстовардӣ муҳимми даврони Истиқлолият ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, чунин қайд намуданд: "Маҳз татбиқи ҳадафҳои зикршуда ва амалӣ гардонидани афзалиятҳои пешбинигардида имкон дод, ки дар 20 соли охир суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодии кишвар дар сатҳи 7,5% таъмин гардида, даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонии соли 2000-ум то 27,6 миллиард сомонӣ дар соли 2021 афзоиш дода шуд. Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ин давра аз 289 сомонӣ то 9 ҳазор сомонӣ расида, беш аз 30 баробар зиёд гардид" [12]. Дар давоми 30-соли истиқлол, Ҳукумати кишвар тамоми тадбирҳои

сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, истеҳсолоти ҷамъиятӣ, илм ва маориф, тандурустӣ, маданият ва сармояи инсонӣ андешида, ки имрӯз дар қатори дигар давлатҳои посошуравӣ мақоми намоёнро ишғол менамояд. Барои дар амал исбот намудани суханҳои дар боло гуфташуда, ба таҳлили якчанд нишондиҳандаҳои муҳимми иқтисодӣ мегузарем, ки онҳо сатҳи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони соҳибистиқлолӣ муаррифӣ мекунанд.

**Диаграмма 1. Динамикаи афзоиши ММД дар солҳои 2011-2020**
**Diagram 1. Dynamics of GDP growth in 2011-2020**




Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои: Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. –С.700.

Яке аз чунин нишондиҳандаҳо, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоб рафта, таҳлили динамикаи он, афзоиши солонаи иқтисодиётро инъикос мекунад. Дар диаграммаи 1, афзоиши солонаи нишондиҳандаи мазкур дар даҳсоли охир нишон дода шудааст.

Соли 2011 сатҳи афзоиши ММД, нисбат ба соли 2010 - 21,7%-ро ташкил кардааст. Соли 2012, нисбати соли 2011 нишондиҳандаҳои мазкур 1,5% коҳиш ёфтааст, ки ба суст гардидани иқтисодиёт ба ҳамон фоиз оварда мерасонад. Соли 2013, сатҳи афзоиши солонаи ММД ба 12% баробар шуд, ки дар соли 2014, ба 12,5% расид. Дар соли 2020, нисбат ба соли 2019, ММД- 4,3% афзоиш дошт. Дар ин даҳсола, ММД ба 3,3 маротиба афзоиш ёфт, ки ба 82,5 млрд сомонӣ расид, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 1. Сабабҳои асосии норозигӣ аз кор дар корхонаҳои минтақа, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда дар соли 2020**
**Table 1. The main reasons for dissatisfaction with work in enterprises of the region, based on the research conducted in 2020**

**(% аз шумораи пурсидашудагон)**

| Сабабҳои норозигӣ аз кор дар корхона | Пурсишшудагон | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хизматчиён | | | Коргарон | | | |
| | аз ҷумла | | Ҳамагӣ | аз ҷумла | | Ҳамагӣ | |
| | Зан | Мард | | Зан | Мард | | |
| Музди меҳнати паст | 79,6 | 63,3 | 71,4 | 77,5 | 72,3 | 71,8 | 71,6 |
| Мавҷуд набудани имкониятҳои гирифтани молу хизматрасонӣ | 48,6 | 34,5 | 41,5 | 46,3 | 41,8 | 41,6 | 41,6 |
| Ташкили сусти меҳнат | 19,1 | 40,2 | 29,6 | 27 | 37,9 | 33,7 | 31,7 |
| Шароити бади санитарӣ ва гигенаи меҳнат | 34,3 | 5,5 | 19,9 | 29,8 | 27,1 | 23,5 | 21,7 |
| Аз ҷониби корхона нокифоя будани кафолатҳо ва имтиёзҳои иҷтимоӣ | 28,9 | 22,9 | 25,9 | 19,7 | 34,8 | 30,3 | 28,1 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси пурсиши гузаронидашуда

Дар ин раванд, саҳми минтақаҳои кишвар хело ҳам назаррас мебошанд, ки яке аз онҳо минтақаи саноатии вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад, ки дар солҳои охир рушди иқтисодиёти он мунтазам буда, нишондиҳандаҳои хуби макроиқтисодиро дар сатҳи минтақа соҳиб гаштааст.

Бо мақсади муайян намудани ангезаҳои рафтори меҳнатии коргарон, қаноатмандии онҳо аз кор ва низоми ҳавасмандкунии меҳнат дар корхонаҳои калонтарини соҳаи саноатии минтақаи Хатлон, ҶДММ «Хима- текстил», ҶДММ «ШБИ Ҷунгтсай моҳир семент», ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, Ҷамъияти саҳомии «Трансформатор»-и шаҳри Бохтар ва ҶСП «Ҷунгтсай Данғара Текстил»-и ноҳияи Данғара тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида шудааст, ки дар он таҳқиқоти категорияҳои гуногуни коргарон иштирок намудаанд.

**Диаграммаи 2. Сабабҳои асосии норозигӣ аз кор дар корхонаҳои минтақа, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда**
**Diagram 2. The main reasons for dissatisfaction with work in enterprises of the region, based on the conducted research**




Тавре аз маълумотҳои дар ҷадвали 1 ва диаграммаи 2 овардашуда бар меоянд, сабаби асосии ғайриқаноатмандӣ аз кор дар корхона музди меҳнати кам мебошад. Инро 72,3% то 79,6% коргарони пурсидашуда нишон медиҳанд. Блоки дувуми масъалаҳои муаммо ба ҳавасмандкунии моддии ғайримолиявӣ дахл дорад. Норозигии коргарони категорияҳо ва синну соли гуногун аз имконнопазирии гирифтани манзил, ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ ва роҳхатҳои табобатию санаторӣ бо кумаки корхона хеле возеҳ аст. На кам аз сеяки пурсидашудагон ин сабабҳоро қайд мекунанд. Гурӯҳи сеюми сабабҳо ба ҳавасмандкунии меҳнат, яъне масъалаҳои мустақими раванди меҳнат марбутанд. Камбудиҳои асосӣ дар ин ҷо, сатҳи пасти ташкилию шароити бади санитарӣ ва гигиенаи корӣ мебошанд.

Аз 72,3% то 79,6% коргарони корхонаҳои дар боло овардашуда нишон додаанд, ки сатҳи меҳнат ва ҳавасмандии меҳнат паст мебошад. Барои васеътар таҳлил намудани ҳолати мазкур якчанд индексҳои амалии низоми ҳавасмандиро истифода мебарем.

Низоми ҳавасмандии коргарон аз се қувваи асосӣ вобаста мебошад, ки ба шахс таъсиргузор мебошанд:

- худҳавасмандӣ;
- завқмандӣ;
- фаолнокӣ.

Индекси ҳавасмандии гурӯҳӣ ҳосили ҷамъи индексҳои худҳавасмандӣ, ҳавасмандӣ ва фаъолнокӣ мебошанд. Барои ҳисоби **индекси худҳавасмандӣ** се нишондиҳанда ва ду коэффитсиенти махсус истифода мешаванд. **Нишондиҳандаҳо инҳо мебошанд:**

1. **Арзишмандии кор**. Зимни ҳисоби индекси мазкур, роҳбари корхона бояд аз шкалаи даҳбалӣ истифода намуда, мубрамияти мақсади тиҷоратии корхонаро муайян

намояд (10 хол нишондиҳандаи максималӣ, 0 хол нишондиҳандаи минималӣ). Натиҷаи ҳосилшудаи дар асоси методикаи ҳисоби индекси мазкур бо ҳарфи А ифода мекунем.

2. Дигаргунӣ. Дар мадди аввал бояд ақидаҳои гуногуншакл барои амалӣ намудани мақсадҳои тиҷоратии корхона баён карда шаванд. Барои лоиҳаҳои нави таҳиягардида нишондиҳандаи мазкур 10 холро ташкил мекунад, ки натиҷаашро бо ҳарфи В ишора мекунем.

3. Ба интиҳо расонидани кор бо натиҷааш. Мисол, коргар мехоҳад, саҳми худро дар рушди фаъолияти корхона гузорад, ки баъди аз кор рафтанаш саҳми ӯ намоён бошад. Вазифаи тиҷоратие, ки ин коргар иҷро намудааст таҳлил намуда, натиҷаашро бо ҳарфи С ишора менамоем.

**Коэффитсиентҳо:**

–**Худмухтории кор (К1).** Барои баҳогузорӣ намудани кори мустақили иҷрошуда 5 хол кифоягӣ мекунад, аммо ҳисоботҳои доимиро талаб мекунад. Барои иҷрои коре, ки зери назорат иҷро мегардад 1 хол баҳогузорӣ карда мешавад.

–**Тамоси ҷавобӣ (К2).** На танҳо муносибати ҷавоби (ҳавасмандӣ ва дастгирӣ), махсусан: мустақиман чанд маротиба коргар дар корхона муносибати ҷавобӣ мегирад. Барои муносибати ҷавобии доимӣ 10 хол баҳогузорӣ карда мешавад. Агар дар як сол ду маротиба бо ҳамкорон вохӯрӣ анҷом додашуда, натиҷаҳо ба даст оварда шаванд, бо 5 хол баҳогузорӣ карда мешаванд.

Барои ҳисоби индекси худҳавасмандӣ ифодаи формулаи зерин истифода карда мешавад:

**формулаи (2)**

**Индекси худҳавасмандӣ=((A+B+C)/3)*K1*K2;**

Одатан индекси худҳавасмандии роҳбарони корхона бояд аз 250 то 300 хол ва мутахассисон аз 150 то 200 хол баҳогузорӣ карда шавад.

Дар асоси формулаи мазкур, яке аз корхонаи истеҳсолии вилояти Хатлонро таҳлил менамоем. Мисол, корхонаи ҶДММ «ШБИ Ҷунгтсай моҳир семент»-ро таҳлил мекунем.

Методикаи таҳли индекси худҳавасмандӣ дар асоси нишондиҳандаҳои боло, бояд ба коргарони корхонаи мазкур холҳо гузошта шаванд. Зимни холгузорӣ, холи баланд гузошта наметавонем, чунки нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 гувоҳи онанд, ки 79% коргарон аз музди меҳнат ва низоми ҳавасмандӣ норозианд. Барои нишондиҳандаи аввал, яъне А=8 хол, В=6 хол, С=6 хол. Дар ин ҳолат нишондиҳандаи **худҳавасмандӣ тибқи формулаи (2) ба 166,67** хол баробар мебошад, ки дар корхонаи мазкур низоми ҳавасмандӣ ба такмил ниёз дорад.

**Индекси завқмандӣ.** Ифодаи формулаи мазкур аз нишондиҳандаҳои сатҳи музди меҳнат, мукофотпулӣ ва шароитҳои меҳнатӣ иборат мебошад, ки чунин дарҷ мегарданд:

**формулаи (3)**

**Индекси завқмандӣ = (арзишмандии музди меҳнат* эҳтимолияти пардохти музди меҳнат-арзишмандии хароҷотҳо барои кор)*100**

дар ин ҷо:

**Арзишмандии музди меҳнат мутаносиби** сатҳи даромаднокии бозориро барои вазифаи мазкур ифода мекунад. Мисол, музди меҳнат дар бозори меҳнат (агар коргар 4000 сомонӣ музди меҳнат гирад, инчунин, корнамоии дигар низ ба ҳамин миқдор музди меҳнат пардохт кунад, пас чунин мутаносиб ба 5 хол арзёбӣ карда мешавад. Агар ба коргар 6000 сомонӣ пардохт кунанд, дар бозори меҳнат ба ҳамин вазифа 4000 сомонӣ пардохт кунанд, ва ин мутаносиб ба 6 хол баҳогузорӣ карда мешавад. Агар коргар 6000 сомонӣ музди меҳнат гирад ва дигар номзадҳо ба ҳамин вазифа розӣ бошанд, ки ба 3000 сомонӣ фаъолият кунанд, пас ин ба 8 хол баробар мебошад. Агар ҳамин раванд баръакс бошад, пас ин нишондиҳанда ба 4 хол арзёбӣ мегардад.

**Коэффитсиенти эҳтимолияти пардохти музди** меҳнат аз 0 то 1 хол арзёбӣ мегардад. Агар эҳтимолият бошад, ки музди меҳнат 100% пардохт мегардад, ин муносибан ба 1 хол баҳогузорӣ мешавад. Агар, музди меҳнат қисман пардохт шавад, то 0,5 хол арзёбӣ мегардад. Ҳолатҳое мешавад, ки ба коргар мукофотпулӣ, кумакпулӣ ва ҳатто музди меҳнат пардохт намешавад ин ба 0 хол баробар мебошад.

**Арзишмандии хароҷотҳо** аз нишондиҳандаҳои зерин мавҷуд мебошад: хароҷотҳои ҷисмонӣ (хаста шудан зимни фаъолияти корӣ, хастагии роҳ ба сӯи кор ва ҷои зист); хароҷотҳои рӯҳию равонӣ (муҳити корхона ва коргарон); шарту шароит дар корхона. Корхонаҳое, ки аз коргарон, бинои стандартӣ ва коргар барои рафтан ба ин корхона як соат сарф мекунад бо 5 хол арзёбӣ мегардад. Фаъолияти ҷисмонии аз ҳад зиёд, муҳити ноором ва бинои номусоиди корхона ба 10 хол баробар мебошад. Коэфитсиенти завқмандӣ метавонад ба 1000 хол баробар шавад, ки ин максималӣ мебошад, холҳои миёнаи ин нишондиҳанда ба 200, 300 баробар ҳастанд.

Барои вилояти Хатлон дар асоси нишондодҳои дар боло овардашуда, индекси завқмандиро ҳисоб мекунем. Тибқи маълумотҳои оморӣ арзишмандии музди меҳнат ё пардохти номиналии он дар вилояти Хатлон дар соли 2020 -1053,78 сомониро ташкил додааст [14]. Яъне, **Арзишмандии музди меҳнат ба** 1053,78 сомонӣ баробар мебошад. Нишондиҳандаи дуюмро коэффитсиенти эҳтимолияти пардохти меҳнатро ба 1 хол баробар мегирем. Яъне, ин маънои онро дорад, ки кормандони вилояти Хатлон бе ягон муаммо ҳар моҳ музди меҳнатро сари вақти мегиранд. Арзишмандии хароҷотҳоро низ ба 5 хол баробар мегирем, ки яъне тахмин мекунем, ки дар ҳамаи корхонаҳои вилояти Хатлон шароити кор аъло мебошад. Нишондиҳандаҳоро дар ифодаи формулаи (3) гузошта, ҳисоб намоем, индекси завқмандӣ дар вилояти Хатлон ба 104,87 хол баробар мешавад, ки ҳатто дар сатҳи миёна низ қарор надорад.

Яъне, индекси зақмандӣ ё хоҳиши кор кардани аҳолии вилояти Хатлон дар сатҳи поёнӣ мебошад. Яке аз нишондишандаҳои асосие, ки ба сатҳи индекси завқмандӣ бевосита таъсирнок мебошад, ин музди меҳнат ба ҳисоб меравад. Ба хотири баланд бардошти сатҳи индекси мазкур лозим мебошад, ки дар вилоят зина ба зина сатҳи музди меҳнати кормандон ва даромадҳои аҳолӣ зиёд карда шаванд.

Индекси фаъолнокӣ - нишондиҳандаи дигаре мебошад, ки ба воситаи он сатҳи иқтидорнокии корманд омӯхта мешавад. Индекси мазкур бо ифодаи формулаи зерин навишта мешавад:

**формулаи (4)**

**Индекси фаъолнокӣ=сатҳи иқтидорӣ*50**

Сатҳи иқтидори корманд, зимни иҷро намудани вазифаҳои он пайдо мешавад, ки аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

–кормандон зимни фаъолият якдигарро дастгирӣ мекунанд, яъне "хаста мабош, мо ба ту ёрдам мекунем, ту ба ҳадаф мерасӣ" дар ин ҳолат сатҳи иқтидорнокии корманд баланд мегардад, ки ин **ба 10 хол баҳогузорӣ** мешавад;

–"гӯш кун, ҳамааш нағз, барои ту рӯзи хушро тамоно дорем" ингуна рафтори кормандон ба якдигар ба **5 хол баҳогузорӣ** карда мешавад;

–зимни фаъолият агар корманд аз тарафи ҳамкорони худ ягон дастгирӣ набинад, пас сатҳи иқтидорнокии ӯ ба 1 ё 0 хол баҳогузорӣ карда мешавад.

Сатҳи максималии индекси мазкур ба 500, ва минималии он ба сифр баробар мебошад. Индекси мазкурро дар корхонаҳои вилояти Хатлон 500 хол баробар ҳисоб мекунем. Яъне, тахмин мекунем, ки дар тамоми корхонаҳои вилояти Хатлон, кормандон доимо якдигарро дастгирӣ менамоянд.

Ҳамин тавр, мо ба индекси ҳавасмандӣ расидем. Барои индекси ҳавасмандиро ҳисоб намудан, ифодаи зеринро, тибқи методикаи он менависем:

**формулаи (5)**

**Индекси ҳавасмандӣ=индекси худҳавасмандӣ+индекси завқмандӣ+индекси фаъолнокӣ**

Нишондиҳандаи максималии индекси мазкур ба 2500 хол мерасад. Агар дар корхона ин нишондиҳанда ба 1000 хол баробар шавад, пас корхона иқтидори худро пурра истифода намебарад.

Дар асоси таҳлилҳои дар боло овардашуда барои корхонаҳои вилояти Хатлон индекси ҳавасмандиро ҳисоб мекунем.

Дар асоси формуали (5), ҳосили ҳамаи индексҳои болоро ҷамъ намуда, холҳои индекси ҳавасмандиро ҳисоб мекунем. Яъне, дар корхонаҳои вилояти Хатлон, ки дар боло

оварда шудаанд, индекси **ҳавасмандӣ ба 771,54 хол** баробар мебошад, ки тибқи методика ин ними иқтидори корхона ба ҳисоб намеравад.

Ҳисоби индексу коэффитсиентҳо нишон дод, ки сатҳи ҳавасмандӣ дар корхонаҳои вилояти Хатлон паст буда, такмил талаб мебошад. Дар таҷриба усулҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки барои такмили низоми ҳавасмандӣ равона гардидаанд, ки яке аз онҳо ҷорӣ намудани коэффисиентҳои ҳавасмандӣ дар асоси дараҷанокии корманд татбиқ мегарданд. Дар ҷадвали зертартибдодашуда, маълумоти бештар оид ба татбиқи ҳавасмандии коэффитсиент оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Тартиби татбиқ намудани коэффитсиенти ҳавасмандӣ**
**Table 2. The procedure for applying the incentive coefficient**

| Дараҷаи коргар (разряд) | Коэффитсиенти ҳавасмандӣ | Музди меҳнати моҳонаи пардохтшаванда (бо назардошти андозҳо, ҳазор сомонӣ) | Музди меҳнати моҳонаи пардохтшаванда (бо назардошти коэффитсенти ҳавасмандӣ, ҳазор сомонӣ) | Маблағи ҳавасмандӣ (ҳазор сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи дуюм | 1,0 | 1076,76 | 1076,76 | - |
| Дараҷаи сеюм | 1,25 | 1289,25 | 1611,56 | 322,31 |
| Дараҷаи чаҳорум | 1,5 | 1826,90 | 2740,35 | 913,45 |
| Дараҷаи панҷум | 1,75 | 2276,88 | 3984,54 | 1707,66 |
| Дараҷаи шашум | 2,0 | 2500,23 | 5000,46 | 2500,23 |

Сарчашма: таҳия ва ҳисоби муаллиф

Дар ҷадвали 2, яке аз роҳҳои ҳавасмандгардонии коргарон оварда шудааст, ки корхонаҳои вилояти Хатлон дар асоси иқтидори молиявии худашон метавонанд, ин усулҳоро татбиқ намоянд, ки аҳолии ин минтақа бештар бо кор ҷалб шаванд. Нишондодҳои коэффитсиенти ҳавасмандӣ дар асоси таҳлили корҳо илмии дар самти мазкур анҷомшуда, гирифта шудаанд, ки ин коэффисиентҳо аллакай дар истеҳсолот татбиқ шудаанд, ки натиҷаи маҳсулӣ доранд.

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки агар коргар дар корхонаи истеҳсолию саноатӣ дар дараҷаи сеюм фаъолият намояд, ки музди меҳнати моҳонаи он 1289,25 сомониро ташкил медиҳад. Ба ин коргар коэффитсиенти ҳавасмандии 1,25 татбиқ гарданд, меҳнати моҳонаи он 1611,56 сомониро ташкил медиҳад, ки маблағи ҳавасмандӣ ба 322,31 баробар мешавад, ки ин ба завқмандии коргар таъсир мерасонад. Коргарони дараҷаи шашум нишон медиҳанд, ки музди меҳнати онҳо бо назардошти коэффитсиенти ҳавасмандӣ як баробар зиёд мегардад, ки бевосита коргар дар ин шароит кӯшиш мекунад, ки фаъолият ва вазифаҳое, ки дар назди ӯ гузошта шудааст, сифатнок иҷро намояд.

Инчунин, усули мазкур метавонад яке аз самтҳои асосии фаъолити корхонаҳои соноатӣ дар вилояти Хатлон бошанд. Барои ҷорӣ намудани коэффисиентҳои ҳавасмандӣ иқтидори молиявӣ ва захиравии корхонаҳои саноатӣ басанда мебошанд, ки онҳо аз корхонаҳои истеҳсолии хурду миёна, шароити бештари молиявӣ ва иқтисодӣ доранд.

Ҳамин тавр, таҳлили нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии меҳнати каргарон дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, хулосаҳои зерин кардан мумкин аст:

1. Дар даврони 30 соли истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон рушд намуда соҳиби нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ гардид, ки саҳми арзанда дар афзоиш ва динамикаи ММД дорад.
2. Таҳлил нишон медиҳад, ки 71,6% пурсидашудаҳо аз меҳнати кам шикоят намудаанд, ки ин яке аз омилҳои асосие, мебошад, ки ба сатҳи ҳавасмандӣ таъсир гузошта, индексҳои таҳлилшуда натиҷаи пастро нишон доданд.
3. Таҳлили нишондиҳандаҳои индексҳо ва коэффитсиентҳо нишон доданд, ки онҳо дар вилояти Хатлон дар сатҳи паст қарор доранд. Мисол, индекси завқмандӣ дар

вилояти Хатлон ба 104,87 хол баробар мешавад, ки ҳатто дар сатҳи миёна низ қарор надорад. Дар умум коэффитсиенти ҳавасмандӣ дар вилояти Хатлон ба 771,54 **хол** баробар мебошад, ки он дар сатҳи паст қарор дорад ва ниёз ба такмил мебошад.

4. Барои такмили низоми ҳавасмандӣ дар вилояти Хатлон коэффитсиенти ҳавасандӣ пешниҳод гардидааст, ки он аз дараҷанокии коргар вобаста буда, дар асоси дараҷаи коргар, корхона ба коргарон зимни пардохти музди меҳнати моҳона, боз коэффитсиенти ҳавасмандиро бояд татбиқ намоянд, ки ин бевоситиа барои баланд бардоштани завқмандӣ, фаъолнокӣ, иқтидорнокӣ ва ҳавасмандии коргарон оварда мерасонад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДМИТ – Урунбоев А.**

**АДАБИЁТ**


1. Богатырева И.В. Система мотивации и материального стимулирования как источник трудовой активности персонала компании / И.В. Богатырева, Л.А. Илюхина // Экономика труда. – 2022. -Том 9. -№5. -С.955–970.
2. Валова О.С. Международный опыт мотивации персонала / О.С. Валова, В.Н. Софьина, С. Галченко // Современное образование: содержание, технологии, качество. - 2019. -Т. 1. -С.605-607.
3. Гагарина С.Н. Трудовая мотивация персонала в современной организации / С.Н. Гагарина // Журнал экономики и бизнеса. – 2022. -№1-1(83). –С.44-47.
4. Димчевска К. Сравнительный анализ особенностей кадрового менеджмента в Германии и Швейцарии / К. Димчевска, В.В. Шумбор // Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем. Сборник статей по материалам XLII международной научно-практической конференции. -М.: ООО «Интернаука», 2020. -С.34-41.
5. Ильясова К.Х. Мотивация трудовой деятельности / К.Х. Ильясова // Индустриальная экономика. – 2022. -№5. -том 1. -С.93-97.
6. Ильченко С.В. Исследование зарубежного опыта мотивации трудовой деятельности персонала / С.В. Ильченко // Бизнес и дизайн-ревю. - 2021. -№1(21). -С.4.
7. Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040 // Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL https://www.mehnat.tj/tg/legalacts (санаи истифодабарӣ: 28.10.2022).
8. Мухаммедов М.М., Исхакова С.А. Усиление влияния материального стимулирования на конечные результаты труда научных работников / М.М. Мухаммедов, С.А. Исхакова // Экономика труда. – 2022. -Том 9. -№3. -С.639–654.
9. Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2017. -С.150, Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -С.133.
10. Мирзозода А.Д. Пардохт ва ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар низоми маъмурӣ / Мирзозода А.Д. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2019. -№10. –қисми 2. -С.124-128.
11. Рынгач О.Л. Факторы и риски мотивации трудовой деятельности персонала организаций / О.Л. Рынгач, О.Л. Чуланова // Вестник Евразийской науки. – 2020. -№2. -С.20-34.
12. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи ботантана ба муносибати 30-солагии истиқлолияти давлатӣ. 08.09.2021, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL http://president.tj/node/26483 (санаи истифодабарӣ: 28.10.2022)
13. Субботина Т.Н. Особенности мотивации труда персонала на предприятии в условиях пандемии // Журнал экономики и бизнеса. – 2021. -№5-3(75). –С.104-108.
14. Токарева Ю.А. Мотивация трудовой деятельности персонала: комплексный подход: монография / Ю.А. Токарева, Н.М. Глухенькая, А.Г. Токарев; Урал. федер. ун-т им.Б.Н. Ельцина, Шадр. гос. пед. ун-т. – Шадринск: ШГПУ, 2021. -216 с. ISBN 978-5-87818-602-5.
15. Томсон М. Стратегический менеджмент: концепции и ситуации для анализа / М. Томсон, А. Артур, А. Стрикленд. -12-е издание; пер с анг. -М.: Издательский дом «Вильямс», 2002. -928 с.
16. Хушвахтзода, К. Х. Сущность рынка труда и особенности его классификации / К. Х. Хушвахтзода, С. М. Гоибназарзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 1. – С. 5-16. – EDN UFANUK.


**ТАҲЛИЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МЕҲНАТИ КОРГАРОН (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)**


Дар мақолаи мазкур таҳлили нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии меҳнати коргарон дар мисоли маълумотҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст, ки аз корҳои илмии дар самти мазкур анҷомгардида куллан фарқ дорад. Яъне, ҳамчун нишондиҳандаҳои ҳавасмандӣ, индексҳои зерин, ба монандӣ: индекси худҳавасмандӣ, завқмандӣ, фаъолнокӣ ва индекси ҳавасмандӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Таҳлили индексҳои мазкур, имконият доданд, ки вазъи муосири ҳавасмандии меҳнати коргарон ва сатҳи кунунии он дар корхонаҳои вилояти Хатлон арзёбӣ гардиданд. Дар мақола муҳим ва зарур будани

ҳавасмандгардонии меҳнатро дар корхонаҳо асоснок намуда, чунин меҳисобад, ки пардохти ҳавасмангардонӣ омили маҳсулнокии меҳнат ва рушди корхона мебошад. Инчунин, бо истифода аз усулҳои такмилбахши ҷорӣ намудани коэффитсиентҳои ҳавасмандӣ пешниҳод гардидааст, ки татбиқи амалии он дар корхонаҳои истеҳсолию санаотии вилояти Хатлон метавонад сатҳи ҳавасандии меҳнатро боло барад.

**Калидвожаҳо:** корхона, меҳнат, индекси худҳавасмандӣ, индекси завқмандӣ, индекси фаъолнокӣ, индекси ҳавасмандӣ, усули коэффитсиенти ҳавасмандӣ, музди меҳнат, омилҳои ҳавасмандӣ, такмили низоми ҳавасмандӣ ва имтиёзҳои инфиродӣ.

## АНАЛИЗ ПОКАЗАТЕЛЕЙ СТИМУЛИРОВАНИЯ ТРУДА РАБОТНИКОВ (НА ПРИМЕРЕ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ)

В данной статье сделан анализ показателей стимулирования труда работников на примере Хатлонской области Республики Таджикистан, что полностью отличается от научных работ, выполненных ранее в этом направлении. В качестве стимулирования труда были проанализированы следующие показатели: индекс самостимулирования, индекс трудоспособности, индекс активности и индекс стимулирования. Анализ данных показателей позволил оценить современное состояние стимулирования работников и его текущий уровень на предприятиях Хатлонской области. В статье обосновывается важность и необходимость стимулирования труда на предприятиях, а также полагается, что использование поощрений и стимулов является фактором роста производительности труда и развития предприятия. Также предложен усовершенствоватный метод введения коэффициентов стимулирования, практическое внедрение которого на промышленных предприятиях Хатлонской области позволяет повысить уровень стимулирования труда.

**Ключевые слова:** предприятия, труд, индекс самостимулирования, индекс привлекательности, индекс активности, индекс стимулирования, метод поощрительного коэффициента, оплата труда, стимулирующие факторы, индивидуальные льготы и совершенствование системы стимулирования.

## ANALYSIS OF INDICATORS OF LABOR STIMULATION OF WORKERS (ON THE EXAMPLE OF THE KHATLON REGION)

In this article, an analysis of the indicators of labor incentives for employees is made on the example of the data of Khatlon region of the Republic of Tajikistan, which is completely different from the scientific works performed earlier in this direction. That is, the following indices, the self -stimulation index, the disability index, the activity index and the stimulation index were analyzed as indicators. The analysis of these indicators made it possible to evaluate the current state of stimulation of employees and its current level at the enterprises of Khatlon region. Thus, the article substantiates the importance and necessity of stimulating labor in enterprises, and also assumes that the use of incentives and stimulations is a key factor in labor productivity and enterprise development. Also, with the use of improvement methods, the method of introducing stimulation coefficients was proposed, the practical implementation of which at the production and industrial enterprises of Khatlon region can increase the level of labor stimulation.

**Keywords**: company, work, index of self -stimulation, the attractive index, activity index, promising index, the method of incentive coefficient, the salary, stimulating factors, individual benefits and improving the stimulation system.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзозода Аҳлиддин Довудхоҷа*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон**: (+992) 92-776-16-80.** E-mail: **ahliddin.tabarov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Мирзозода Ахлиддин Довудходжа*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **92-776-16-80.** E-mail: **ahliddin.tabarov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mirzozoda Ahliddin Dovudkhoja*** – Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of Accounting. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **92-776-16-80.** E-mail: **ahliddin.tabarov@mail.ru**

УДК 338.011

# СИЁСАТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ОН

*Раҷабова З.С., Шарипова А.Б.*
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи ак. М.С. Осимӣ**

Дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон давлат дар пешрафти иқтисодиёт нақши калон мебозад. Маҳз давлат вазифадор аст, ки самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти миллиро муқаррар намуда, онҳоро бо захираҳои сармоягузорӣ таъмин намояд.

Дар марҳалаи кунунӣ рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати соҳибистиқлол, ба муносибатҳои бозорӣ нигаронида шудааст. Яке аз самтҳои асосииислоҳоти иқтисодӣ таҳия ва татбиқи сиёсати сармоягузории давлат мебошад, ки он суръати баланди рушди иқтисодӣ ва самаранокии фаъолияти иқтисодии давлатро таъмин менамояд.

Инчунин, барои ҳалли ин масъалаҳо, барои таъмини дигаргунсозиҳои сохторӣ дар иқтисодиёти кишвар, ҷалб намудани сармояҳо чи аз манбаъҳои дохилӣ ва чи берунӣ аҳамияти калон дорад.

Маҳз бо шарофати сармоягузории фаъол метавон аз бухронҳои тулонӣ канорагирӣ кард ва иқтисодиётро пурқувваттар намуда, сабаби рушди иқтисодӣ шуд. Ин, пеш аз ҳама, ба ҳамаи намудҳо ва самтҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла, сармоягузории характери истеҳсолидошта дахл дорад.

Сармоягузориҳои истеҳсолӣ – маблағгузорӣ ба фондҳои асосии корхонаро дар назар дошта, сатҳи тараққиёти истеҳсолот ва аз ин рӯ, сатҳи истеъмолотро муайян мекунанд. Ба ҳамин тариқ, дар сурати нокифоя будани ҳаҷми истеҳоли маҳсулот, истеъмоли кофиро таъмин кардан мумкин нест. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ метавонад ба таври рамзӣ як локомотив ҳисобида шавад, ки тамоми қатораро меронад.

Барои Тоҷикистон, ки роҳи ҳамгирои ба иқтисоди ҷаҳониро пеш гирифтааст ва талош дорад, ки низоми озоди иқтисодӣ эҷод кунад, иштирок дар равандҳои ҳаракати сармоя як масъалаи муҳимми стратегӣ мебошад.

Тибқи ҳадафҳои асосии стратегияи миллии рушди иқтисоди Тоҷикистон, яке аз унсурҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти кишвар, таъмини воридоти назарраси захираҳои моддӣ ва молиявӣ аз хориҷи кишвар мебошад.

Бо мақсади амалисозии ин вазифа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир, ҷиҳати такмили сиёсат дар соҳаи танзими фаъолияти сармоягузорӣ, бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ тадбирҳои муассир андешида шудааст.

Ҷалби сармояи хориҷӣ, технологияҳои нав, дониш, ғояҳои инноватсионӣ - атрибути сиёсати ҳар як давлат ҳисобида мешавад.

Яке аз омилҳои муҳимми ба фазои сармоягузории кишвар таъсиркунанда, системаи мавҷудаи қонунгузорӣ мебошад, ки низоми миллии ҳуқуқии фаъолияти сармоягузориро муайян намуда, принсипҳо ва механизми муносибатҳои байни сармоягузорон ва мақомоти давлатӣ ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ ва субъектҳои хоҷагидориро танзим менамояд.

Санадҳои қонунгузорӣ ва зерқонунии амалкунандаро, ки асоси умумии ҳуқуқии танзими фаъолияти сармоягузориро ташкил медиҳанд, ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи якум санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки характери универсалӣ доранд: принсипҳои асосӣ ва муқаррароти умумии танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорони дохилию хориҷиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунанд ё муносибатҳои ҳуқуқиро дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт ҳамаҷониба танзим мекунанд, дохил мешаванд, ки бахшҳо ё зерсоҳаҳои алоҳидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Ба чунин санадҳо дохил мешаванд: Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ.

Гурӯҳи дуюми санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ, махсусан ба танзими низоми ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» аз қабили онҳоянд.

Санади асосии қонунгузорие, ки фаъолияти сармоягузориро дар Тоҷикистон танзим мекунад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» мебошад, ки муносибатҳои марбут ба фаъолияти сармоягузорӣ, тавассути таъмини низоми баробарҳуқуқӣ ва кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба тартиб меоварад. Дар қонуни мазкур истилоҳи «сармоягузор» на танҳо сармоягузори хориҷӣ, балки сармоягузори дохилиро низ ифода намуда, ба ин васила ба рушди сармоягузории дохилӣ такон медиҳад [5].

Аз январи соли 2022 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи нав амал мекунад, ки тибқи он ба сармоягузорон, аз ҷумла сармоягузорони хориҷӣ, як қатор имтиёзҳо пешниҳод гардидааст.

Дар баробари ин, таъкид кардан лозим аст, ки ҳанӯз ҳам проблемаи дастрасӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, баъзеи муқаррарот ва моддаҳои қонунҳо возеҳ тартиб дода нашудаанд ва имкон медиҳанд, ки онҳо вобаста ба вазъият тафсир карда шаванд.

Бешубҳа, барои азнавсозии сохтори иқтисодиёти кишвар маблағҳои калон лозиманд, аз ин рӯ, проблемаи аввалиндараҷа - ташкили системаи ҷамъоварӣ ва тақсимоти ин маблағҳо мебошад. Ҳолати муаммоҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар айни замон, дар асоси омилҳои зерин муайян карда мешаванд: нарасидани захираҳои сармоягузорӣ, фазои номусоиди сармоягузорӣ; сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулот; рушди сусти бозори коғазҳои қиматнок; дастнорас будани манбаъҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулот; муҳити заифи тиҷоратӣ ва ғ.

Ҳамин тариқ, дар шароити маҳдуд будани манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ ва ҳалли мушкилоти ҷамъшуда дар сохтори иқтисодиёти кишвар, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва таъмини воруди сармояи хориҷӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт ниҳоят муҳим аст.

Истифодаи сармояҳо дар иқтисодиёти кишвар ба беҳтар шудани сохтори деформатсияшудаи истеҳсолии кишвар, ташаккули соҳаҳои истеҳсолот бо технологияҳои навин, нав кардани фондҳои асосии истеҳсолӣ, аз нав муҷаҳҳаз гардонидани корхонаҳо, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани дастовардҳои пешқадами илму техника, таъмини бозори дохилӣ бо молҳои истеҳсоли худӣ ва имконпазирии афзоиши ҳаҷми содироти кишвар меоварад.

Арзёбии фазои сармоягузорӣ, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ дар доираи тадқиқоти «Пешбурди бизнес» барои кишварҳои ҷаҳон пешкаш карда шудааст, муайян намуд, ки дар Тоҷикистон монеаҳои муҳимтарини ҷалби сармоя инҳоянд:

- муаммоҳо дар сиёсати қонунгузорӣ;
- дастрасии маҳдуд ба маълумоти расмӣ (аз ҷумла қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ);
- рафтори ношоистаи баъзе хизматчиёни давлатӣ;
- ҳимояи нокифояи ҳуқуқи сармоягузорон тавассути низоми судӣ ва ғ.

Гузориши ин пажуҳиш дар баробари дигар нишондодҳо, рейтинги умумии 190 кишвари ҷаҳонро оид ба ҳифзи сармоягузорон пешниҳод намудааст, ки Тоҷикистон дар он дар ҷойи 126-ум қарор дорад [11].

Бояд гуфт, ки ба вазъи фазои сармоягузории кишвар омилҳое, ки онҳоро шартан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст, бевосита таъсир мерасонанд:

1. объективӣ ва субъективӣ;
2. берунӣ ва дохилӣ.

Масалан, вижагиҳои ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон, ки бо дастрасии мустақим надоштани кишвар ба бандарҳои баҳрӣ алоқаманд аст, омилҳои объективӣ ва берунӣ

мебошанд. Ҳоло сиёсати нақлиётӣ ва транзитии ҷумҳурӣ аз шароити давлатҳои наздисарҳадӣ дар соҳаи транзити молу воситаҳои нақлиёт тавассути ҳудуди онҳо вобастагии калон дорад.

Ба омилҳои субъективӣ ва дохилӣ инфрасохтори заиф дар соҳаи нақлиёт, энергетика, саноат ва коммуникатсия, масъалаҳои кадрӣ, масъалаҳои мубориза бо коррупсия, инчунин, масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи истифодаи замин, ҳифзи моликият ва ғайра дохил мешаванд.

Бо дарназардошти ин мушкилот Ҳукумати Тоҷикистон вазифаҳои асосии зеринро муайян кардааст:

1. Иҷрои ислоҳоти институтсионалӣ.

2. Паст намудани хатарҳои умумии сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ.

3. Коҳиши монеаҳо барои сармоягузорон ва соҳибкорон ҳангоми ворид шудан ба бозори ватанӣ.

4. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ.

Татбиқи ин вазифаҳо дар раванди беҳбуди фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон заминаи бунёдӣ фароҳам меоварад. Беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон бештар ба сиёсати ҳукумат дар самти ҷалби сармоя вобаста аст.

Ҳамзамон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти вусъат додани ислоҳоти иқтисодӣ, азнавсозии иқтисоди миллӣ, мустаҳкам намудан ва инкишоф додани муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамгироии амиқ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ қадами бузург гузошта истодааст.

Талабот ба дигаргунсозии сохтори иқтисодиёт, баланд бардоштани самаранокии он, зиёд шудани ҳаҷми маблағгузориро ба иқтисодиёти миллӣ талаб мекунад. Аз сабаби маҳдуд будани маблағҳои буҷаи давлатӣ ва зарурати истифода бурдани он, пеш аз ҳама, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ, ин масъаларо бо роҳи зиёд кардани маблағгузории давлатӣ имконияти ҳал кардан нест. Дар асоси ин нақши давлат дар ташаккул ва инкишофи ҷараёни инвеститсионӣ меафзояд.

Бояд гуфт, ки фишангҳои гуногуни идоракунии иқтисодиёт дар дасти давлат ҷамъ шудаанд, аз ҷумла шохаҳои қонунгузорӣ, роҳҳои идоракунии фискалӣ ва сиёсати гумрукӣ. Аммо ҷанбаи муҳимми таъсиррасонӣ ва рушди иқтисод - сиёсати сармоягузории давлат аст ва тараққиёти бомуваффақияти иқтисодиёт ба он вобаста мебошад, ки давлат аз тамоми воситаҳо то чӣ андоза моҳирона ва дуруст истифода бурда метавонад.

Қобили зикр аст, ки самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ – ин тадбирҳои ташкили низоми мусоиди фаъолияти сармоягузорони дохилию хориҷӣ, баланд бардоштани даромаднокӣ ва кам кардани хатарҳо ба манфиати рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошанд.

Асоси сиёсати сармоягузории давлатиро механизми сармоягузорӣ ташкил медиҳад, ки ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: усулҳо ва фишангҳои маблағгузорӣ, пояи қонунгузорӣ, таъминоти меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, амнияти иттилоотӣ [6].

Инчунин, барои ба объекти ҷолиби сармоягузории хориҷӣ табдил ёфтани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки заминаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла, дар доираи қонунгузории сармоягузорӣ мунтазам такмил дода шавад.

Дар ин ҷода қайд кардан бамаврид аст, ки дар моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» фаъолияти лизингӣ ҳамчун як намуди фаъолияти сармоягузорӣ оид ба даст овардани амвол ва ба лизинг додани он муайян карда шудааст [7]. Ба намуди фаъолияти инвеститсионӣ мансуб донистани фаъолияти лизингӣ комилан қонунист, зеро он бо сармоягузории амвол ба муддати дароз ба объектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ хос аст, яъне ҳамаи аломатҳои фаъолияти сармоягузорӣ мавҷуд аст. Аммо ин шакли фаъолияти сармоягузорӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» пешбинӣ нашудааст ва дар натиҷа дар амал низоми ҳуқуқии сармоягузории пешбининамудаи қонуни мазкур нисбат ба фаъолияти лизинг татбиқ намегардад. Ба андешаи мо, ворид намудани фаъолияти лизингӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», шавқу ҳаваси сармоягузоронро ба сармоягузорӣ дар шакли лизинг зиёд мекунад.

Тибқи натиҷаҳои тадқиқоти муаллифон барои баҳодиҳии холисона ба фаъолияти сармоягузорӣ, дар динамикаи воридоти сармоягузории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2013-2019 маълум мешавад, ки маблағгузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ дар солҳои овардашуда нобаробар (номунтазам) ва аз рӯи ҳаҷм кофӣ нест (расми 1).

**Расми 1. Динамикаи воридшавии сармоягузории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019, млн. долл. [7]**
**Figure 1. Dynamics of foreign investment inflow to the Republic of Tajikistan in 2013-2019, mln. dollar**




Аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2019 - 607,1 миллион долларро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2013 - 40% кам аст. Воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2020-ум бошад, 428,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 162,5 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим ва 265,9 млн. доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд. Яъне, ба тадбирҳои андешидашуда нигоҳ накарда, кам шудани ҳаҷми маблағгузории хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ баръало мушоҳида карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар соли 2020 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи мустақими хориҷӣ бештар аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой – 120,3 млн. долл. ИМА – 74% (хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноати сохтмонӣ, истихроҷ ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ ва газӣ), Федератсияи Россия – 14,0 млн. долл. ИМА – 8,6% (хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон), Кипр – 8,2 млн. долл. ИМА – 5,1% (хизматрасонии молиявӣ), Туркиё – 7,8 млн. долл. ИМА – 4,8% (саноати коркард, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ), Швейтсария – 5,9 млн. доллари ИМА – 3,7% (хизматрасонии молиявӣ), Фаронса – 3,2 млн. доллари ИМА – 2,0% (хизматрасонии молиявӣ), Шоҳигарии Британияи Кабир – 0,9 млн. долл. ИМА – 0,5% (хизматрасонии молиявӣ, саноат, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ) ва аз ҷониби дигар давлатҳо бошад – 2,2 млн. долл. ИМА – 1,3% ворид гардидааст. Дар ҳамин давра воридоти сармояи мустақими хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 39,9% (64,9 млн. долл. ИМА), Вилояти Суғд – 49% (79,6 млн. долл. ИМА), Вилояти Хатлон –9% (14,7 млн. долл. ИМА), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 1% (1,6 млн. долл. ИМА) ва ба ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад – 1,1% (1,8 млн. долл. ИМА) равона гардидааст [2].

Қобили зикр аст, ки дар марҳалаи кунунӣ рушди иқтисодиёти миллӣ аз тарафи Ҳукумат роҳи аз ҷиҳати техникӣ мусаллаҳгардонӣ ва модернизатсияи корхонаҳо пеш гирифта шудааст, аз ин рӯ дар импорт бояд маҳсулоти илмталаб ва капиталталаб бартарӣ

дошта бошад. Аз ҷумла, таҷҳизоти муосири пешқадам, технологияҳои истеҳсолӣ ва идоракунии ба талаботи замон ҷавобгӯ. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сохтори воридот асосан маҳсулоти меҳнатталаб ва маводталаб ба кишвар дохил мешавад. Ногуфта намонад, ки ҳиссаи таҷҳизоту мошинҳо дар воридот имрӯз ҳамагӣ 27,2%-ро ташкил медиҳад, ки ин барои таъмини бунёд ва рушди соҳаҳои воридотивазкунанда ниҳоят нокифоя аст.

Хулоса. Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки самаранокии сиёсати сармоягузории давлатӣ ва мутаносибан сатҳи рушди кишвар аз тағйирёбии фазои сармоягузорӣ вобаста аст. Сиёсати сармоягузорӣ бояд ба дастгирии давлатии раванди сармоягузорӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рафъи маҳдудиятҳои қонунгузорӣ ва институтсионалӣ, афзоиши сармоягузорӣ ба истеҳсолот, таҳкими тамоюли иҷтимоии онҳо, дастгирии ташаббуси бахши хусусии иқтисод ва амалигардонии барномаҳои давлатӣ бо ҷалби шарикии давлат ва бахши хусусӣ нигаронида шавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДТТ ба номи М.С. Осимӣ – Муқимова Н.Р.**

## АДАБИЁТ


1. Бочаров В.В. Инвестиции: Учебник для вузов. (Серия: Учебник для вузов) / В.В. Бочаров. -2-е изд. -СПб.: Питер, 2009. -384 с.
2. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан. –Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2021.
3. Ковалева В.В. Инвестиции: Учебник / В.В. Ковалева, В.В. Иванова, В.А. Лялина. -М.: ООО «ТК Велби», 2003. -440 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. -№12.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. -№1299.
6. Литвиненко В.А. Государственная инвестиционная политика стабилизации и социально-экономического роста России // Аудит и финансовый анализ. - 2010. -№3. [Электронный ресурс]. URL: http://auditfin.com
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводҳои оморӣ. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020.
8. Рахимов А.М. Внешнеэкономические и монополистические аспекты повышения конкурентоспособности национальной экономvики (на примере Республики Таджикистан) / А.М. Рахимов. -Худжанд, 2005. -С.98-99.
9. Рахимов Р.К. Теоретико-методологические вопросы инновационного развития экономики Республики Таджикистан. Книга 3; под общей ред. член-корреспондента АН РТ Саидмуродова Л.Х. / Р.К. Рахимов, Я.П. Довгялло. -Душанбе, 2019. -262 с.
10. Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана / Л.Х. Саидмуродов. -Душанбе: Ирфон, 2005. -207 с.
11. Таҳлили фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019. – Бонки умумиҷаҳонӣ бо Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ. Сайти Бонки умумиҷаҳонӣ. [Манбаи электронӣ]. URL: www.worldbank.org/v2/datacatalog.
12. Уроков Д.У. Финансово-кредитные рычаги оздоровления экономики Таджикистана / Д.У. Уроков, Х. Шарипов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2001. -№4. -С.48-59.
13. Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития / Н. Хоналиев. -Душанбе: Ирфон, 2007.


## СИЁСАТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ОН


Мақола ба омӯзиши нақши давлат дар ташаккул ва рушди сарчашмаҳои сармоягузорӣ бахшида шудааст. Проблемаҳои сиёсати давлатии сармоягузорӣ, ки яке аз масъалаҳои асосӣ дар ҳалли муаммоҳои иқтисодӣ мебошанд, дида баромада шудаанд. Бо мақсади амалисозии стратегияи рушди иқтисодии Тоҷикистон, солҳои охир ҷиҳати такмили сиёсат дар соҳаи танзими фаъолияти сармоягузорӣ бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ тадбирҳои муассир андешида мешаванд. Қайд карда мешавад, ки барои таъмини дигаргунсозиҳои сохторӣ дар иқтисодиёти миллӣ, ҷалб намудани сармояҳои дохилӣ ва берунӣ аҳамияти калон дорад. Тибқи ҳадафҳои асосии стратегияи миллии рушди иқтисоди Тоҷикистон, яке аз унсурҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти кишвар, таъмини воридоти назарраси захираҳои моддӣ ва молиявӣ аз хориҷи кишвар мебошад. Дар мақола омилҳое, ки ба вазъи фазои сармоягузории кишвар бевосита таъсир мерасонанд, таҳлил карда шудаанд. Ҳамзамон таъкид карда мешавад, ки барои ба объекти ҷолиби сармоягузории хориҷӣ табдил ёфтани иқтисодиёти кишвар зарур аст, ки заминаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла, дар доираи қонунгузории сармоягузорӣ мунтазам такмил дода шавад.



**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, нақши давлат, ташаккул, системаи қонунгузорӣ, фаъолияти иқтисодӣ, сармояҳои хориҷӣ, фишангҳои идоракунии иқтисодиёт, иҷораи молиявӣ.

**ИНВЕСТИЦИОННАЯ ПОЛИТИКА И РОЛЬ ГОСУДАРСТВА В ЕГО ФОРМИРОВАНИИ**

Статья посвящена изучению роли государства в формировании и развитии источников инвестиций. Затрагиваются вопросы государственной инвестиционной политики, одной из ключевых задач государства в решении экономических проблем. Согласно основным целям национальной стратегии экономического развития Таджикистана, одним из основных элементов экономического подъема страны является обеспечение значительного импорта материальных и финансовых ресурсов из-за рубежа. Отмечается, что привлечение отечественного и иностранного капитала имеет большое значение для обеспечения структурных изменений в национальной экономике. В последние годы в целях реализации стратегии экономического развития страны, были предприняты действенные меры по совершенствованию политики в области регулирования инвестиционной деятельности с упором на повышение уровня инвестиционной привлекательности. В статье проанализированы факторы, непосредственно влияющие на состояние инвестиционного климата страны. Подчеркивается, что для того, чтобы экономика Республики Таджикистан стала привлекательным объектом для иностранных инвестиций, необходимо регулярно совершенствовать правовую базу, в том числе инвестиционное законодательство.

**Ключевые слова:** инвестиции, роль государства, система законодательства, экономическая деятельность, иностранные инвестиции, рычаги управления экономикой, финансовая аренда.

**INVESTMENT POLICY AND THE ROLE OF THE STATE IN ITS FORMATION**

The article is devoted to the study of the role of the government in the formation and development of investment sources. The problems of government investment policy were discussed which is one of the key issues in solving economic problems. According to the main goals of the national strategy for the economic development of Tajikistan, one of the main elements of the country's economic recovery is to ensure significant imports of material and financial resources from abroad. It is noted that the attraction of domestic and foreign capital is of great importance for ensuring structural changes in the national economy. In order to implement the economic development strategy of Tajikistan, in recent years, effective measures have been taken to improve the policy in the field of regulation of investment activity with an emphasis on increasing the level of investment attractiveness. The factors that directly affect the state of the country's investment climate are analyzed. It is emphasized that in order for the economy of the Republic of Tajikistan to become an attractive target for foreign investment, it is necessary to regularly improve the legal framework, including investment legislation.

**Keywords:** investments, the role of the state, the system of legislation, economic activity, foreign investment, economic management levers, financial lease.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раҷабова Зарина Солеҳҷоновна*** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти истеҳсолӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: **918674780.** E-mail: **z_radjabova@mail.ru**

***Шарипова Адолат Бурҳоновна*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С. Осимӣ, муаллими калони кафедраи менеҷменти истеҳсолӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони акад. Раҷабовҳо, 10. Телефон: **918940926.** E-mail: **adolat.sharipova2016@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Раджабова Зарина Салиджановна*** - Таджикский технический университет им. акад. М.С. Осими, кандидат экономических наук, доцент кафедры производственный менеджмента. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: **918674780**. E-mail: **z_radjabova@mail.ru**

***Шарипова Адолат Бурхановна*** - Таджикский технический университет им. акад. М.С. Осими, старший преподаватель кафедры производственный менеджмент. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект акад. Раджабовых, 10. Телефон: **918940926.** E-mail: **adolat.sharipova2016@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Radjabova Zarina Salijanovna*** - Tajik Technical University acad. M.S. Osimi, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Industrial Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. Phone: **918674780.** E-mail: **z_radjabova@mail.ru**

***Sharipova Adolat Burkhanovna*** - Avicenna Tajik Technical University acad. M.S. Osimi, Senior Lecturer, Department of Production Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Acad. Radjabov, 10. Phone: **918940926.** E-mail: **adolat.sharipova2016@gmail.com**

**УДК 336.2(575.3)**

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ АНДОЗБАНДИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ДАСТГРИИ ИҶТИМОИЁТ

***Муминзода Неъматуллоҳ Маҳмадамин***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Чи тавре ки маълум аст, дар мамлакатҳои мутараққӣ андоз аз даромад аз рӯйи ҷадвали батадриҷ афзоянда рӯёнида мешавад ва чунин принсипи андозбандӣ ба баробарии ҳуқуқи иҷтимоӣ оварда мерасонад. Чи тавре ки таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ҷадвали батадриҷ афзояндаи андозбандии даромади шахсони воқеӣ ба рӯёнидани даромадҳои зиёдатии шаҳрвандон имкон медиҳад [1,с.130]. Табиист, ки чунин муносибат ва андозбандӣ боиси он мегардад, ки дар соҳаи хусусӣ шахсони воқеӣ даромади худро пинҳо мекунанд. Нисбати субъектҳои иқтисодии аҳамияти давлатӣ дошта гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҷо ҷорисозии ҷадвали батаҷрид афзояндаи андозбандии шахсони воқеӣ имкон дорад [6,с.240].

Дар давоми сӣ соли охир олимон - иқтисодшиносони тамоми мамлакатҳои собиқ ИҶШС баъд аз пошхӯрдани ин империя дар тадқиқотҳои худ дар ин ё он ҷой ва чун намуна ба таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ рӯ меоранд. Сабабгори он, албатта, тамсилаи хоҷагидории бозоргонӣ мебошад. Дар шароити тамсилаи бозоргонии хоҷагидорӣ механизмҳои иқтисодӣ каме дигаргунтар амал мекунанд. Азбаски дар шароити кунунӣ омӯзиши низоми андоз бе муқоиса бо таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа имкон надорад, мо низ ба ин сифати мисол таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро дар доираи андозбандии даромадҳои шахсони воқеӣ дида мебароем.

Дар мамлакатҳои мутараққӣ якчанд тарзи пардохти андоз аз даромад вобаста аз якчанд нишондиҳанда мавҷуд аст (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Тарзҳои пардохти андоз аз даромад дар мамлакатҳои пешрафта**
**Table 1. Income tax payment methods in developed countries**

| | |
|---|---|
| Мақоми оилавӣ | - андозбандии оилавӣ;<br>- ҳолати инфиродӣ; |
| Резидентҳои доимӣ ва муваққатӣ | - аз резидентҳои доимӣ андоз аздаромад новобаста аз гирифтани даромад нигоҳ дошта мешавад;<br>- аз резидентҳои муваққатӣ, ки берун аз ҳудуди мамлакат андоз нигоҳдошта шуадааст, андоз аз даромад рӯёнида намешавад. |
| Маблағи андоз | - андозбандии мутаносиб ё маблағи аз рӯи андоз аз даромади қайдшуда;<br>- маблағи батадриҷ афзояндаи даромад, зимни афзоиш ёфтани даромад маблағи фоиз зиёд мегардад. |

Манбаъ: муаллиф ҷадвалро аз маълумотҳои аввалияи Кумитаи андоз ва интернет захираҳо истифода намудааст.

Ба низоми андози ҳар як мамлакат вижагиҳое хосанд, ки дар давоми даҳсолаҳо ва ҳатто асрҳо новобаста аз омилҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва ғайра ташаккул ёфтаанд. Аммо дар як қатор мамлакатҳо дар низоми андозбандӣ баъзе аломатҳои умумӣ низ мавҷуданд. Масалан, андозбандии даромади шахсони воқеӣ дар як қатор мамлакатҳои мутараққӣ аз рӯи ҷадвали батадриҷ афзоянда сурат мегирад ва ҳар як пардохткунандаи андоз, ки даромади барзиёд дорад, назар ба шахсе, ки даромади камтар дорад, бештар пардохт мекунад. Чунин сиёсати андозбандӣ ҳам хусусияти иқтисодӣ ва ҳам хусусияти иҷтимоӣ дорад. Аммо мамлактҳое низ мавҷуданд, ки аз рӯёнидани андоз аз даромад даст кашидаанд. Барои тамоми мамлактҳои ИДМ, аз ҷумла Тоҷикистон андози мутаносиб аз даромад хос мебошад ва барои ҳар як пардохткунандаи андоз, андози дувоздаҳфоиза новобаста аз даромад муайян карда шудааст. Ба ақидаи олимон, намуди мазкури андозбандӣ ба мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёбанда хос мебошад [1,с.125].

Дар навбати аввал низоми андози ИМА-ро дар доираи даромад аз андоз дида мебароем. Низоми андози ИМА бештар аз дусад сол инҷониб ташаккул ёфта истодааст. Ҳоло низоми андози ИМА на танҳо ба вазифаи хазинаи давлатӣ таъмини буҷети давлат ҷавобгӯаст, балки чун асбоби асосии рушди иқтисодиёт хизмат мерасонад.

Дар охири солҳои 90-уми асри гузашта, бештар аз 400 мири шаҳрҳо мавриди пурсиш қарор гирифтанд. Ошкор гардид, ки яке аз мушкилот рушди иқтисодиёт ва таъмини шаҳрвандон буд. Бештар аз нисфи пурсидашудагон ба сифати проблемаи асосӣ бекориро ном бурданд. Ҳамин тариқ, баъд аз пурсиши гузаронидашуда як қатор афзалиятҳои асосии зерин ошкор карда шуд.

**Расми 1. Афзоиши асосии ИМА**
**Figure 1. U.S. core growth**




Ҳамин тариқ, дар ИМА аз нуқтаи назари иқтисодӣ бартарафсозии бекорӣ ва рушди базаи андоз нақши асосӣ мебозад.

Дар ИМА буҷети давлатӣ ба се сатҳ тақсим мешавад: сатҳи федералӣ, сатҳи иёлот, ва маҳаллӣ. Буҷети федералӣ асосан аз андозҳои мустақим ва маҳз тавассути андоз аз даромади шахсони воқеӣ пурра мегардад. Ин андоз ба ҳисоби миёна 45%-ро ташкил медиҳад ва дар буҷет мавқеи хосса дорад. Андоз аз даромад дар ин мамлакат аз тарафи тамоми резидентҳо ва ҳатто шахсоне, ки дар хориҷа даромад доранд, пардохт мегардад. Барои муайянсозии маблағи андоз аз даромад тамоми даромади пардохткунандаи андоз, новобаста аз намуди сарчашма ҷамъ карда мешавад [2,с.6].

**Расми 2. Намудҳои даромадҳое, ки аз онҳо андоз баста мешаванд**
**Figure 2. Types of taxable income**




Ҳамин тариқ, новобаста аз манбаи даромад, агенти андоз тамоми даромадҳоро ҷамбаст мекунад ва фоизи муайяне, ки бо ҷадвали батадриҷ афзояндаи андозбандӣ пешбинӣ гардидааст, пардохт карда мешавад.

Ҳисобкунии андоз дар ИМА хоссагиҳо ва нозукиҳои худро дорад. Масалан, андозҳои федералӣ, андоз аз даромад ба ном «ҳудудӣ» на нисбати даромади андозбасташавандаи андозпардохткунанда, балки нисбати он доирае, ки дар он қарор дорад, истифода мегардад. Яъне, агар пардохткунандаи андоз то 9875 доллари ИМА дошта бошад, пас он 10% андозбандӣ мегардад, агар 10000 доллари ИМА даромад дошта

бошад, пас 9875-и онҳо аз рӯи андозаи 10% ва боқимондаҳо аз рӯи андозаи 12% андозбандӣ мегардад. Бо ададӣ калонтари даромади солонаи пардохткунанда мисоле меорем (нигаред ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**

| № | Номгӯи фарқияти суммаҳо | сумма | фоизи андозбандӣ | суммаи андоз |
|---|---|---|---|---|
| 1 | суммаи пардохтшаванда | 9875 | 10% | 987,5 |
| 2 | фарқ байни 9875$ ва 40125$ | 30250 | 12% | 3630 |
| 3 | фарқ байни 40125$ ва 85525$ | 45400 | 22% | 9988 |
| 4 | фарқ байни 85525$ ва 100000$ | 14475 | 24% | 3474 |
| 5 | ***ҳамагӣ, андози даромад:*** | | | **18079,5** |

Сарчашма: Ҳисоббарориҳои муаллиф

Ҳамин тариқ, агар низоми андозбандии шахсони воқеии ИМА-ро бо низоми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса кунем, пас яқин мегардад, ки фарқ байни андозаи андоз хеле калон аст. Яъне, аз 100000 буҷети давлати 5079,5 гум мекунанд. Зимни пардохти андозҳо нозукиҳои дигаре низ ҷой дорад. Масалан, пардохткунандаҳои андоз ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд ва вобаста ба мақом андозаи андоз аз даромад тағйир меёбад. Чунончи ҳадди ақали андоз болои шаҳрванди беҳамсар (файлери ягона), новобаста аз ҷинс, аз як мабалғ барои ҷуфти оилавӣ аз маблағи дигар оғоз мегардад (ниг. ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Ҷадвали батадриҷ афзояндаи андоз аз дорамад дар ИМА**
**Table 3. Table of gradually increasing income taxes in the USA**

| Диапазони даромад аз андози пардохтшаванда (дар $) | Андозаи андози истифодашаванда |
|---|---|
| ***Пардохткунандаи андоз (файлерҳои ягона)*** | |
| $0 - $9,875 | 10% |
| $9,875 - $40,125 | 12% |
| $40,125 - $85,525 | 22% |
| $85,525 - $163,300 | 24% |
| $163,300 - $207,350 | 32% |
| $207,350 - $518,400 | 35% |
| Бештар аз $518,400 | 37% |
| ***Оила, андозпардохкунандаҳои якҷоя*** | |
| $0 - $19,750 | 10% |
| $19,750 - $80,250 | 12% |
| $80,250 - $171,050 | 22% |
| $171,050 - $326,600 | 24% |
| $326,600 - $414,700 | 32% |
| $414,700 - $622,050 | 35% |
| Бештар аз $622,050 | 37% |
| ***Оила, андозҳоро алоҳида-алоҳида месупоранд*** | |
| $0 - $9,875 | 10% |
| $9,875 - $40,125 | 12% |
| $40,125 - $85,525 | 22% |
| $85,525 - $163,300 | 24% |
| $163,300 - $207,350 | 32% |
| $207,350 - $311,025 | 35% |
| Бештар аз $311,025 | 37% |
| ***Оила, андозпардохткунанда-сардори оила (1н)*** | |
| $0 - $14,100 | 10% |
| $14,100 - $53,700 | 12% |
| $53,700 - $85,500 | 22% |
| $85,500 - $163,300 | 24% |
| $163,300 - $207,350 | 32% |
| $207,350 - $518,400 | 35% |
| Бештар аз $518,400 | 37% |

Манбаъ: захираи электронӣ

Ҳамин тариқ, партохткунандаи андозе, ки 9875 даромади солона дорад, 10% аз даромади худро пардохт мекунад, даромад аз 9875 то 40125 12% андозбандӣ мешавад, аз 40125 то 85125 22% андоз, бештар аз 518000 дар як сол 37% андоз аз даромад. Қобили қайд аст, ки вобаста ба мақоми пардохткунандаи андоз, на андозаи андоз, балки ҳадди ақали маблағе, ки андоз баста мешавад, тағйир меёбад.

Яке аз хусусиятҳои низоми андоз, ки ҳар як пардохткунандаи андоз, ғайр аз андоз аз даромад, зимни гирифтани маоши ҳар моҳа пардохт мегардад, ҳар сол бояд эъломияро дар бораи тамоми намуди даромадҳо пешиниҳод намояд [3,с.12].

Аммо, агар дар маҷмуи андозаи ҳисоббарорбариҳои стандартӣ аз ҳисоббарори муфассал зиёдтар бошад, пас ба андозпардохткунанда бастаи стандартии ҳисоббарориҳо пешниҳод мегардад ва баъд аз он даромади андозбандишаванда муайян карда мешавад.

Маълум аст, ки дар давраи мураккаби «коронавирус», пеш аз ҳама, буҷети давлат зарар мебинаду мувофиқаи тамоми кормандони соҳаи буҷетӣ низ, ки дастгирии иҷтимоиро аз тарафи давлат интизоранд, таъсири манфии ин бемориро аз сар мегузаронанд. Муҳиммияти вижагиҳои ҳисоббарории андоз аз даромад ва маъмурисозии он дар ИМА зарурати таҳияи сиёсати муносиби иқтисодӣ ба вуҷуд меорад.

**Ҷадвали 4. Ҷадвали батадриҷ афзоянда дар мамлакатҳои хориҷа**
**Table 4. Gradually increasing table in foreign countries**

| № | Мамлакат | Меъёрҳои андозҳо | Ҳадди ақали солонаи андозбасташаванда |
|---|---|---|---|
| 1. | Австралия | 19: 32,5; 37; 45% | 18.200AUD |
| 2. | Австрия | 25; 35: 42; 48; 50 % | 11.000 € |
| 3. | Белгия | 25; 30: 40: 45; 50 % | 8.680 € |
| 4. | Британияи Кабир | 20; 40, 45 % | 10.600 £ |
| 5. | Олмон | 14+24; 24+42; 42 45 % + 5.5 % | 8.354 £ |
| 6. | Юнон | 18; 24; 26; 32; 36: 38; 40; 45% | 12.000 € |
| 7. | Исроил | 10: 14; 21 31:34; 48; 52% | 0 NIS |
| 8. | Испания | Федералӣ + минтақавӣ *24; 29: 39 47: 49: 51 52% | 0 € |
| 9. | Италия | 23; 27: 38; 41 43 % | 0 € |
| 10. | Канада | Федерал. 15: 22; 26; 29%+ минтақавӣ аз 5 то 21 % | 0 $ |
| 11. | Чин | 3: 10: 20; 25: 30: 35 45% | 0¥ |
| 12. | Люксембург | 8 % + 40 % | 11 265 € |
| 13. | Нидерландия | 5.1 10.85; 42 52 % | 0 € |
| 14. | Зеландияи Нав | 10.5: 17,5: 30: 33; 45 % | 0 $ |
| 15. | Полша | 17; 32 % | 0 € |
| 16. | Словакия | 19; 25% | 0 € |
| 17. | Кипр | 20: 25; 30; 35 % | 19.500 € |
| 18. | Финландия | 25.6- 49,1 % | 13.099 € |
| 19. | Фаронса | 5.5: 14; 30 41:45; 48; 49 % | 6.011 € |

Манбаъ: интернет захираҳо

Таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки модели (вариант)-и самараноктари нигоҳдории даромад аз андоз ин андозбандӣ аз рӯйи ҷадвали батадриҷ афзоишёбанда мебошад. Дар боло (*ниг. ҷадвали 4*) феҳристи мамлакатҳои мутараққиро мисол меорем, ки дар онҳо андоз аз даромад аз рӯи ҷадвали тадриҷан афзоянда нигоҳ дошта мешавад. Чи тавре ки мебинем дар ҷадвал аксари мамлакатҳои мутараққӣ, маҳз аз андозбандии тадриҷан афзояндаи даромади шахсони воқеӣ истифода мебаранд. Ба низоми андоз воридсозии ҷадвали батадриҷ афзоишёбанда ба гирифтани фоидаи ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ имкон медиҳад. Таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки барои чунин сиёсати андоз аз даромад тақсимоти муносибати даромади аҳолӣ афзалиятнок мебошад ва он яке аз сабабҳои сатҳи хеле баланд аз рӯйи стандартҳои байналмилалии иқтисодӣ, тақсимоти маблағҳои пулӣ барои низоми иҷтимоии шаҳрвандон гаштааст.

Амнияти озуқаворӣ яке аз ҷузъҳои асосии амнияти кишвар мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аксарияти дигар кишварҳо ин ҷанбаи амният барои самти сиёсати давлатӣ муҳим аст. Айни ҳол дар кишвари мо сатҳи камбизоатӣ 26,3% ташкил медиҳад, тибқи чораҳои қабулшуда, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушд то соли 2030» сатҳи камбизоатӣ пайдарпай ихтисор мегардад [7,с.45]. Аммо аз рӯи маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ дар давоми даҳсолаҳои охир, афзоиши рушди иқтисодӣ хеле паст шуд ва ин боиси сустшавии ихтисори сатҳи камбизоатӣ гашт. Ба ақидаи мо, маҳз дар чунин ҳолатҳо ҳавасмандсозии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо истифода аз тамоми фишангҳои таъсиррасонӣ мувофиқи мақсад мебошад. Яке аз чунин фишангҳо, ба андешаи мо, низоми андоз ва маҳз андозбандии даромади шахсони воқеӣ баҳисоб меравад. «Мафҳуми андоз ҳамчун категорияи иқтисодӣ муносибатҳои андозро фаро гирифта, барои рушди иқтисодии низоми иҷтимоӣ аҳамияти бевосита дорад» [6,с.146]. Чун ки дар Тоҷикистон ва дар тамоми ҷаҳон аз сабабӣ авҷи пандемия шиддатноки иҷтимоӣ мушоҳида мегардад. Андозбандии батадриҷ афзояндаи даромади зиёдатии шаҳрвандони сарватманд, ба бартарафсозии шиддатнокӣ ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ фосилаи байни қабатҳои сарватманд ва камбизоат ҳамеша муҳим боқӣ мемонад [6,с.8]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фосилаи байни қабатҳои иҷтимои хеле калон аст.

Қобили қайд аст, ки мамлакатҳои хориҷӣ дар бартарафсозии камхарҷии буҳрон бе оқибатҳои манфӣ барои аҳолӣ бо фишанги иқтисодӣ, аз ҷумла, аз ҳисоби низоми дурусти андозбандии даромадҳои шахсони воқеӣ бештар хусусияти иҷтимоӣ дорад, дар тафриқасозии фишори андоз ба қабатҳои гуногуни ҷомеа нақши тақсимкунандагиро низ мебозад. Дар низоми андозбандии шахсони воқеӣ хусусиятҳое низ ҷой доранд, ки ба этиёҷоти иҷтимоӣ (вазъи оилавӣ, синну сол, таҳсил ва масъалаҳои дигари иҷтимоӣ) равонанд. Ғайр аз ин, хароҷоту даромади ҳамсарони коркунанда, сардори оила бо дарназардошти хароҷоти иҷтимоӣ, инчунин, нафақаи аъзоёни корношоями оила ва як қатор вижагиҳои дигари низоми андозбандии шахсони воқеӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд:

-хароҷот барои таълими кӯдакон;

-хароҷот барои такмилдиҳии ихтисоси худи андозсупорандагон;

-дасгирии аъзоёни куҳансоли оила;

-суғуртаи тиббӣ;

-суғуртаи нафақа;

-пардохт аз рӯи қарзи ипотекӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ низоми андозбандии шахсони воқеӣ натанҳо нақши вазифаи воситаи муътадилсозандаи хазинавӣ, балки иҷтимоиро низ мебозад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Султонбии Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Бабанин, В.А. Налоговое планирование как необходимый элемент финансовой деятельности / В.А. Бабанин // Финансы. – 2016. -№3. -С.36.
2. Бард, В.С. Налоги в условиях экономической интеграции / В.С. Бард, Л.П. Павлова. -М.: Кнорус, 2016. -311 с.
3. Бармин, Д.А. Совершенствование механизма бюджетно-налогового регулирования экономики России: автореф. дис. к.э.н. 08.00.05 / Д.А. Бармин. –М., 2009. -25 с.
4. Белостоцкая, В.А. Системный подход к измерению налоговой нагрузки / В.А. Белостоцкая // Финансы. - 2003. -№3. -С.88.
5. Барышников, Н.П. В помощь бухгалтеру и аудитору. Том 1, 2 / Н.П. Барышников, авт. сост. -3-е. издание. -М.: Инфориационно-издательский дом «Филин», 2015. -125 с.
6. Султонбии Рахматзода. Трактовка налога и налогообложения в системе рыночной экономики / Султонби Рахматзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2017. -№2/4. –часть 2. -С.144-146.
7. Султонби Рахматзода. Совершенствование налоговых отношений в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. к.э.н. 08.00.01 / Султонби Рахматзода. -Душанбе, 2020. -23 с.
8. Турсунов Р.Р. Роль подоходного налога с физических лиц и значимость введения прогрессивной шкалы налогооблажения / Р.Р. Турсунов, Н.М. Муъминзода // Вестник Бохтарского национального университета имени Носири Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. - 2020. -№S1-4-2(80). -С.171-173.
9. Турсунов Р.Р. Роль промышленной инфраструктуры в урегулировании конъюнктуры рынка труда в Республике Таджикистан / Р.Р. Турсунов // Экономика и управление: проблемы и решения. Том 2. -М.: Дом печати, 2019.
10. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/

11. [Электронный ресурс]. URL: https://zarplata-es.com/podohodnyj-nalog-v-ssha/

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ АНДОЗБАНДИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ДАСТГИРИИ ИҶТИМОИЁТ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар ҳамаи давлатҳои ИДМ меъёри мутаносиби даромад истифода мешавад, ки гузаштан ба баробарии иҷтимоиро душвор мегардонад ва бо ҳамин ба иҷрои фаъолонаи нақши иҷтимоию иқтисодии андозҳо монеъ мешавад. Муаллиф таъкид кардааст, ки андоз аз даромад натанҳо ҳамчун воситаи таъминкунандаи қисми муайяни даромади буҷети давлатӣ, балки ҳамчун як навъ танзимгари иқтисодиёти сатҳи макроиқтисодӣ баррасӣ намуда, ба ин васила бо баланд бардоштани самаранокии қисми фискалӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Муайян кардани далелҳои саркашӣ аз андоз ногузир аст, бинобар ин, ҷазо дар шакли ҷарима мусоидат мекунад. Муътадил гардонидани сотсиал аммо онҳое, ки даромади калон доранд ва имкони саркашӣ аз андоз ва ҳадди ақали уҳдадориҳои андозро доран. Инчунин, муаллиф чунин далелро баён мекунад, ки имрӯзҳо дар бозори сиёҳи амалкунанда, музди кори пинҳонӣ ва дигарҳо он далелеро муқаррар менамояд, ки механизми назорати андоз дараҷаи вазифаи фискалии онро таъмин карда наметавонад. Маҳз далелҳои дар боло зикршуда аҳамияти мақолаи илмӣ, инчунин набудани сатҳи назариявӣ ва амалии коркард ва таҳия нашудани механизми андозбандиро оид ба вазифаи танзимкунандаи андозҳо муайян мекунанд.

**Калидвожаҳо:** андоз аз даромад, ҷадвали батаҷрид афзоянда, ҳуқуқи иҷтимоӣ, шахсони воқеӣ, иқтисодиёт, сиёсати андозбандӣ, низоми андозбандӣ, имтиёзҳои андозӣ, буҷет, даромад.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ КАК ФАКТОР СОЦИАЛЬНОЙ ПОДДЕРЖКИ

В Республике Таджикистан, как и во всех странах СНГ, используется пропорциональная подоходная ставка, которая усложняет переход к социальному равенству, тем самым препятствует осуществлению более активной реализации социально- экономической роли налогов. Автором подчеркивается необходимость рассматривания подоходного налога не только как инструмента, который обеспечивает определенную доходную часть государственного бюджета, но и как своего рода регулятора экономики макроуровня, тем самым акцентируя внимание на повышении эффективности фискальной части. Также автор констатирует тот факт, что на сегодняшний день имеющийся теневой рынок, скрытая оплата труда и т.п. констатируют тот факт, что механизм налогового контроля не может обеспечить в должной степени её фискальной функции. Выявление фактов уклонения от уплаты налогов неизбежно, в связи с этим наказание в виде штрафов способствует общественной стабилизации. Однако имеющие большие доходы имеют возможность уклоняться от уплаты налогов и минимизировать налоговые обязательства. Именно вышеизложенные факты обуславливают актуальность научной статьи, а также недостаточность теоретического и практического уровня обработанности и проработанности налогового механизма, касающегося регулирующей функции налогов.

**Ключевые Слова**: налог, прогрессивная шкала налогообложения, экономика, налоговая политика, налоговая система, частные привилегии, бюджет, доход, социальная справедливость.

## FOREIGN EXPERIENCE IN TAXATION OF INDIVIDUALS AS A FACTOR OF SOCIAL SUPPORT POPULATION

In the Republic of Tajikistan, as in all CIS countries, a proportional income rate is used, which complicates the transition to social equality, thereby hindering the implementation of a more active implementation of the socio-economic role of taxes. The author emphasizes the need to consider the income tax not only as a tool that provides a certain revenue part of the state budget, but also as a kind of regulator of the macro-level economy, thereby focusing on increasing the efficiency of the fiscal part. The author also states the fact that today there is a shadow market, hidden wages, etc. state the fact that the tax control mechanism cannot adequately ensure its fiscal function. Revealing the facts of tax evasion is inevitable, in this regard, punishment in the form of fines contributes to social stabilization. However, those with large incomes have the opportunity to evade taxes and minimize tax liabilities. It is the above facts that determine the relevance of the scientific article, as well as the inadequacy of the theoretical and practical level of processing and the insufficient elaboration of the tax mechanism with regard to the regulatory function of taxes.

**Keywords:** income tax, incremental chart, equal social rights, individuals, economy, tax policy, tax system, budget, concessions, income.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муминзода Неъматуллоҳ Маҳмадамин*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, докторанти Ph.D-и кафедраи молия. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 000-706-703.** E-mail: **muminzoda96@list.ru**

**Сведения об авторе:** ***Муминзода Неъматуллох Махмадамин*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, докторант Ph.D кафедры финансов и кредита. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **(+992) 000-706-703.** E-mail: **muminzoda96@list.ru**

**Information about the author:** ***Muminzoda Nematulloh Mahmadamin*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Ph.D student of the Department of Finance and Credit. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67. Phone**: (+992) 000-706-703**. E-mail: **muminzoda96@list.ru**

УДК 332(575.3)

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ КОНСЕПСИЯҲОИ ДАВЛАТИИ РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚА

*Сафаров А.А.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Бо сабаби он ки масъалаҳои рушди устувор хусусияти умумиҷаҳонӣ доранд, дар доираи тадқиқоти мо таҷрибаи хориҷии консепсияҳои давлатии рушди устувори минтақа ва имконияти истифодаи онҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест.

Дар шароити имрӯза масъалаи рушди устувор, ки барои ҳамоҳангсозии муносибатҳои се зерсистемаи сохторӣ - инсон, иқтисодиёт ва муҳити атроф алоқаманд мебошад, муҳим аст. Рушди устувор мафҳуми мураккаб, гуногунпаҳлӯ ва мустақил мебошад, ки дар маркази диққати таҳқиқотҳои умуминазариявӣ, методологӣ ва амалии олимону коршиносон қарор дорад. Рушди устувор доираи васеи омӯзишро дар бар гирифта, хусусияти баррасиро дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ касб кардааст. Азбаски таҳқиқоти мо доираи минтақаи махсусро фаро мегирад, мо дар доираи ҷанбаҳои методологии рушди устувори минтақа ва дурнамои он таваҷҷуҳ менамоем.

Истилоҳи минтақа аз забони лотинӣ **«regio»** гирифта шуда, маънои - мамлакат, вилоятро дорад, ки аз рӯйи мантиқ ба воҳиди маъмурии як давлат ва ё ҳавзаи кишварҳо мансуб мебошад. Маънидоди мафҳуми минтақа дар сарчашмаҳои илмии хориҷӣ ва ватанӣ бо тарзҳои гуногун нишон дода шудааст. Маҳз бо ин сабаб дар таҳқиқоти олимон роҷеъ ба минтақаҳо дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунрангии самтҳо ва консепсияҳои методологӣ мушоҳида мешавад.

Ба андешаи Некрасов Н.Н.: «минтақа гуфта, ҳудуди калони мамлакат бо шароити якхелаи табиӣ ва самти хосси рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар асоси маҷмуи захираҳои табиӣ бо базаи мутобиқи мавҷудаи моддию техникӣ, инфросохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ фаҳмида мешавад» [8,с.342].

Аз нигоҳи муҳаққиқон В.С.Бильчак ва В.Ф. Захаров: «минтақа - ин ягонагии иҷтимоию иқтисодиест, ки сохтори истеҳсолоти ҳамаи шаклҳои моликият, ҷамъшавии аҳолӣ, ҷойи корӣ, ҳаёти маънавӣ ба ҳисоби воҳиди фазо ва вақтро мефаҳмонад ва дорои мақомоти маҳаллии идораи ҳудуди худ (вилоят, шаҳру ноҳия) мебошад» [4,с.316].

Олимони ватанӣ Ҳакимов А.Х., Шодиева Т.Г., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. таърифи мафҳуми минтақаро бо чунин тарз пешниҳод намудаанд:

- вилоят (ноҳия қисмате аз кишвар), ки аз дигар қисматҳо бо маҷмуи хусусиятҳои табиӣ ё таърихан ташаккулёфтаи иқтисодию ҷуғрофӣ тафовут дошта, бо хусусиятҳои ҳолати миллии аҳолӣ ҳамбастагӣ дорад;
- шакли фазоию ташкилии фаъолияти ҳаёти аҳолӣ;
- воҳиди калони мураккаби ташкили тақсимоти истеҳсолию минтақавии кишвар;
- минтақа – масоҳат дар ҳудуди маъмурии кишвар, ки дорои хусусиятҳои зерин: тамомият, маҷмуият, махсусгардонидашуда ва идорашавандагӣ мебошад [12,с.9].

Ба андешаи олимон Буреш О.В. ва Масюто И.А. «минтақакунонӣ ва ё ғайримарказикунонӣ самтҳои пешбарандаи сиёсати ҷаҳонӣ дар марҳилаи кунунии рушд гардиданд. Равандҳои ғайримарказикунонӣ, ки дар аксари кишварҳо тавассути татбиқи принсипҳои идоракунии самаранок дар зери таъсири сиёсати минтақавии Аврупо сурат мегиранд» [5,с.53].

Аз ин нуқтаи назар бар меояд, ки дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо механизми танзими давлатии сиёсати минтақавии ҳалли падидаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ рушди устувор дар сатҳи ҳудудҳои худ барвақтар оғоз шудааст. Бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои муайян дар қаламрави мушаххас барномаҳои минтақавӣ таҳия карда шуданд. Барои онҳо хос буд, ки барномаҳо дар ҳар як кишвар дар замонҳои гуногун ва бо хусусиятҳои хосси худ татбиқ шудан гирифтанд.

Масалан, аввалин маротиба дар Британияи Кабир Қонун дар бораи «минтақаҳои

махсус» соли 1934 қабул карда шуд, ки бомуваффақият имкон дод, ки ҳудудҳо барои ноил шудан ба рушди устувори онҳо идора карда шаванд.

Британия Кабир аввалин кишваре мебошад, ки соли 1994 стратегияи давлатии рушди устуворро таҳия намудааст ва баъдтар дар соли 1999 ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Моҳи марти соли 2005 Ҳукумати Британияи Кабир стратегияи нави рушди устувор - «Амнияти оянда»-ро пешкаш намуданд [20,с.188]. Қабули ин ҳуҷҷат як марҳилаи муҳим барои татбиқи рушди устувор дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ буд.

Ба андешаи Подшивала Мария Викторевна стратегияи рушди устувори Британияи Кабир зарурати навро аз ҷиҳати экологӣ асоснок ба рушд, хусусан дар соҳаи нақлиёт, истеҳсоли энергия ва идоракунии партовҳо эътироф мекунад. Инчунин, Ҳукумат ба хотири коҳиш додани таназзули муҳити зист ва нобаробарии иҷтимоӣ, рушди устувори иқтисодиро пешбинӣ мекунад. Ин тағйиротҳо як қисми муҳимми стратегияи Британияи Кабир мебошанд. Ҳамин тавр, даҳ принсипи идоракунӣ дар зер мухтасар оварда мешавад:

- таваҷҷуҳ бояд ба халқ равона карда шавад;
- қабули дурнамои дарозмуддат;
- баҳисобгирии хароҷот ва фоида;
- ташкили системаи кушода ва мусоиди иқтисодӣ;
- мубориза бар зидди камбизоатӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ;
- риояи маҳдудиятҳои экологӣ;
- принсипи андешидани чораҳои эҳтиётӣ;
- истифодаи донишҳои илмӣ;
- шаффофият, иттилоот, иштирок ва дастрасӣ ба адолати судӣ;
- принсипи «Ифлоскунанда пардохт мекунад» [10,с.104-105].

Баҳри таъмини рушди устувор чор самти асосии фаъолияти Ҳукумати Британияи Кабир дар доираи стратегия ба роҳ монда шудааст, ки инҳо: истеъмолот ва истеҳсолоти устувор; самаранокии энергия ва тағйирёбии иқлим; ҳифзи муҳити зист ва захираҳо; ҷомеаи устувор мебошанд [13,с.73].

Бояд тазаккур дод, ки консепсияи далатии рушди устувори Британияи Кабир ва сатҳи минтақаҳои он дар шароити имрӯза бо дараназардошти принсипҳо ва самтҳои фаъолият дар стратегияи умумидавлатӣ, тавассути Кумитаи рушди устувор таҳти роҳбарии сарвазир идора ва амалӣ карда мешавад.

Олмони Федеративӣ яке аз давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дар тули 20 соли охир, системаи миллии банақшагирии рушдро таҳия намуд, ки сатҳи федеративӣ, минтақавӣ ва шаҳрии идоракуниро фаро мегирад. Бояд қайд намуд, ки Олмон Стратегияи миллии рушди устуворро дар соли 2002 таҳия карда, то имрӯз ҷанбаҳои асосии ғояи онро риоя мекунад. То ҳол дар маҷмуъ се ҳисоботи муфассали пешрафт дар бораи татбиқи Стратегияи мазкур таҳия карда шудааст. Стратегия доимо такмил дода мешавад, аммо он сохт ва афзалиятҳои асосии худро нигоҳ медорад, сарфи назар аз он, ки дар ин муддат ҳайати ҳукумат борҳо тағйир ёфт. Тағйироти охирин ба Стратегия мазкур моҳи феврали соли 2012 ворид карда шуд. Барои ҳамоҳангсозии таҳияи Стратегия дар Олмон, Кумитаи давлатии рушди устувор таъсис дода шудааст.

Модели рушди устувор, ки дар Стратегияи Олмон оварда шудааст, аз чор қисмати асосӣ иборат мебошад [2,с.21-25]:

1. Адолат дар байни наслҳо.
2. Сифати зиндагӣ.
3. Муттаҳидии иҷтимоӣ.
4. Масъулияти байналмилалӣ.

Қисмати 1. «Адолат дар байни наслҳо» зербахшҳоро дар бар мегирад: шартномаи нави байни наслҳо ва амалияи ҳамкориҳои наслҳо, ки моҳияти қоидаҳои идоракуниро ошкор месозанд, ҳар як насл бояд мустақилона мушкилоти худро ҳал кунад (ба монанди ҳифзи асосҳои табиии ҳаёт, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, оғоз ва нигоҳ доштани иқтисодиёти устувор) ва наслҳоиояндаро бо онҳо бор накунед.

Қисмати 2. «Сифати зиндагӣ» мушкилоти ҳифзи муҳити зист ва зиндагии бароҳатро дар ҳамоҳангӣ бо табиат, ҳифзи ҷаззобии муҳити шаҳр ва рушди деҳотро дида баромада,

масъалаҳои «фарҳанги рушди устувор», тарзи ҳаёти солим ва дарозумрии фаъол, мубориза бо ҷинояткорӣ ва амнияти ҷамъиятиро баррасӣ мекунад.

Қисмати 3. «Муттаҳидии иҷтимоӣ» роҳҳои муайяни рушди давлатии нигаронидашудаи иҷтимоӣ, ҳамбастагии иҷтимоии аъзои ҷомеа, таъсири таҷдиди сохтори иқтисодиёт ба сатҳи бекорӣ ва мубориза бо он, инчунин, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ислоҳоти нафақа, аҳамият ба масъулияти иҷтимоӣ ва фаъолнокии аҳолӣ дода мешавад. Мулоҳизаҳо «Рӯҳи ҳамбастагӣ, ваҳдат ва ҷасорати шаҳрвандӣ ҷомеаи моро мустаҳкам мекунад, фарҳанги эҳтироми тарафайнро ташаккул медиҳад» ба миён гузошта шудааст.

Ин бахш ба мубориза бо бекорӣ ва камбизоатӣ, рушди соҳибкорӣ, ташкили ҷойҳои кории муассир ва мутобиқсозии муҳоҷирон тавсиф мешавад. Дар он мавҷудияти камбудиҳо дар вазъи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ ва зарурати «сохтани пулҳо» пеш аз ҳалли ин камбудиҳо таъкид карда мешавад. Зербанди махсус ба масоили мутобиқшавии аҳолӣ ба тағйироти босуръати тарзи ҳаёт, навигариҳои технологӣ, зарурати омӯхтани тамоми ҳаёти бошуурона, тақсимоти ҷомеа ба ғолибон ва зиёнкорони ҳаёти муосир бахшида шудааст. Инчунин, Стратегия роҳҳои асосии ҳалли ин мушкилотро нишон медиҳад.

Қисмати 4. «Масъулияти байналмилалӣ» масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: Аввалан, масъалаҳои нақши Олмон дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонии мубориза бо камбизоатӣ, ҳифзи муҳити инсон ва шумораи зиёди аҳолии Замин. Дуюм, имкониятҳо ва хавфҳои ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла сиёсати дарозмуддати ислоҳоти сохторӣ дар иқтисодиёт, сиёсати фаъоли экологӣ, иштирок дар барномаҳои дастгирии кишварҳои камбизоат. Саввум, Стратегия ақидаеро таблиғ мекунад, ки стратегияҳои миллии рушди Аврупо бояд якдигарро мукаммал ва тақвият диҳанд. Чаҳорум, стратегия зарурати иштироки фаъоли Олмонро дар талошҳои байналмилалӣ дар самти байналмилалигардонии корҳо барои таъмини озодӣ, истиқлолият, демократия ва фароҳам овардани шароит барои татбиқи ҳуқуқҳои инсон ба ғизо, манзил, таҳсилот ва тандурустӣ таъкид мекунад. Панҷум, Стратегия қоидаҳои умумии идоракунии раванди рушди устуворро таҳия намуда, таъкид менамояд, ки «шаҳрвандон, истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, савдо ва саноат, иттифоқҳои касаба, илм, масҷидҳо ва дигар иттиҳодияҳои одамон», бояд дар якҷоягӣ бо давлат дар идоракунӣ ширкат варзанд.

Ҳамаи нақшаҳои минтақавиро дар Олмон, дар ВАО интишор карда метавонанд ва аз расмиёти кушоди шарҳдиҳӣ мегузаранд. Нақшаҳои соҳавӣ дар асоси нақшаҳои рушди минтақавӣ қабул карда мешаванд. Сатҳи шаҳрҳо, ноҳияҳои маъмурӣ ва шаҳрдориҳо. Дар сатҳи маҳаллӣ шумораи зиёди тадбирҳои муҳим барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва ҳифзи муҳити атроф, ки ҷузъи ҷудонашавандаи рушди устувор мебошанд, ба нақша гирифта ва амалӣ карда мешаванд. Мушкилоти иқлимӣ ва энергетикӣ, рушди нақлиёт, истифодаи замин, сохтмон масъалаҳои калидӣ мебошанд, ки ба салоҳияти ҳукумати шаҳр мансубанд [2,с.28].

Дар Олмон устувории иқтисодиёт бо ҳамкории сохторҳои муайяннамудаи Ҳукумат ва фаъолияти соҳибкорӣ бо иштироки истеъмолкунандагон арзи ҳастӣ дорад. Аҳамияти махсус он аст, ки шумораи бештари одамон ҳангоми хариди маҳсулот на танҳо нарх, бренд ва сифат, балки риояи масъулияти экологӣ ва иҷтимоиро ҳангоми истеҳсол ва коркарди маҳсулот ба назар мегиранд. Ҳамин тариқ, онҳо дар рушди чунин усулҳои истеҳсолӣ на танҳо дар ватани худ, балки дар тамоми ҷаҳон саҳм мегиранд.

Масъалаи таҳрезии нақшаҳо ва татбиқ рушди устувор дар Федератсияи Россия аз соли 1996 оғоз гаштааст. Дар таърихи 01.04.1996 «Консепсияи гузариши Федератсияи Россия ба рушди устувор» қабул гардидааст, ки дар он самтҳои асосии зерини гузариши Федератсияи Россия ба стратегияи рушди устувор муайян карда шудааст:

- ташкили асосҳои ҳуқуқии гузариш ба рушди устувор, аз он ҷумла бо назардошти такмили қонунгузориҳои ҷорие, ки механизмҳои иқтисодии истифодаи табиат ва ҳифзи муҳити зистро муайян мекунанд;
- таҳияи низоми ҳавасмандкунонии фаъолияти хоҷагӣ ва муайянкунии ҳудудҳои ҷавобгариҳо барои натиҷаҳои экологӣ;

- ➢ арзёбии зарфияти хоҷагидории экосистемаҳои локалӣ ва минтақавии мамлакат, муайянкунии таъсири имконпазири антропогенӣ ба он;
- ➢ ташаккули низоми босамари тарғиби ғояҳои рушди устувор ва ташкили низоми мутобиқи тарбия ва таълим [14,с.44].

Консепсия татбиқи маҷмуи чорабиниҳоро, ки ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии аҳолии Россия, ҳалли мушкилоти демографӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, камбизоатӣ, такмил додани сохтори истеъмол ва коҳиш додани фарқияти даромади аҳолӣ нигаронида шудаанд, пешбинӣ кардааст.

Яке аз шартҳои муҳимми татбиқи бомуваффақияти ин тадбирҳо, ташкили системаи хуби ҳамкории «марказ-минтақаҳо» буд. Рушди устувори қаламравҳо шарти зарурии гузариши Россия ба рушди устувор эълон карда шуд.

Самтҳои асосии таъмини рушди устувор дар сатҳи минтақавӣ, мутобиқи Консепсияи гузариши Федератсияи Россия ба рушди устувор аз инҳо иборат аст:

- ➢ Ташаккули механизми минтақавии иқтисодии танзимкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла идоракунии табиат ва таъсири антропогенӣ ба муҳити зист.
- ➢ Татбиқи чорабиниҳои экологӣ дар минтақаҳои истиқоматӣ ва ободнашудаи шаҳрҳо, дигар нуқтаҳои аҳолинишин ва ноҳияҳои наздишаҳрӣ, аз ҷумла тоза кардани санитарию мелиоративӣ, кабудизоркунии онҳо.
- ➢ Амалӣ кардани тадбирҳо оид ба беҳтар намудани саломатии аҳолӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, таъмини некуаҳволии санитарию эпидемиологӣ.
- ➢ Рушди кишоварзӣ дар заминаи технологияҳои пешрафтаи кишоварзии ба шароити маҳаллӣ мутобиқгашта, татбиқи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани ҳосилхезии замин ва муҳофизати онҳо аз эрозия ва ифлосшавӣ, инчунин, ташкили системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии деҳот.
- ➢ Таҷдиди системаи минтақавии саноатӣ бо назардошти иқтидори иқтисодии экосистемаҳои маҳаллӣ.

Омӯзиши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегии Федератсияи Россия нишон медиҳанд, ки механизми танзими давлатии рушду устувори минтақавӣ дар доираи сиёсати минтақавӣ амалӣ карда мешавад, ки он системаи қонунан ба расмият даровардашудаи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, институтсионалӣ ва молиявию иқтисодӣ мебошад, ки фаъолияти мақомоти федералии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳудудии онҳо, мақомоти ҳокимияти субъектҳои Федератсияи Россия, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, худидоракунӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорон ва дигар институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро муайян мекунад.

Мувофиқи Консепсияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Федератсияи Россия, сиёсати давлатии рушди минтақавии дарозмуддат дар асоси вазифаҳои зерин ташаккул дода мешавад [11,с.62]:

- ❖ қабули ҳамоҳангшуда дар сатҳҳои федералӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ оид ба фароҳам овардани шароит барои рушди бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва ташаккули марказҳои рушди пешрафтаи иқтисодӣ бо назардошти афзалиятҳои рақобатии ҳар як минтақа;
- ❖ расонидани дастгирии молиявӣ ба минтақаҳо бо мақсади таъмини меъёри ҳадди ақали қонунии муқарраршудаи марбут ба таъмини аҳолӣ бо имкониятҳои гирифтани таҳсилоти босифат, хизматрасонии тиббӣ ва фарҳангию фароғатӣ;
- ❖ расонидани дастгирии молиявӣ ба минтақаҳо бо мақсади коҳиш додани фарқият дар асоси тағйиротҳои пешбининамудаи сиёсати давлатӣ;
- ❖ рушди инфрасохтори ҳудудҳо ва фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа, инчунин, ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоӣ, аз ҷумла баланд бардоштани дастрасии нақлиётии минтақаҳо;
- ❖ такмили механизмҳои ҳавасмандгардонии мақомоти ҳокимияти давлатии сохторҳои Федератсияи Россия ва ҳукуматҳои маҳаллӣ бо мақсади истифодаи самараноки ваколатҳои худ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳамгирошудаи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо.

Аз мулоҳизаҳои муҳаққиқи рус Кузнецов А.П. бар меояд, ки «баҳодиҳии омили экологӣ ва маҳдудиятҳои экологӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои рушди ҳудудӣ на танҳо ба оқибатҳои манфии зиёд дар истифодаи захираҳои табиӣ, балки ба номутаносибии амиқи дарозмуддат байни рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии системаҳои сатҳҳои гуногун оварда мерасонад, ба сифат ва самаранокии механизмҳои танзими идоракунии муҳити зист таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти омили экологӣ дар амалияи минтақавии идоракунии рушди устувори қаламрав аҳамияти махсус пайдо мекунад» [15,с.4].

Механизми танзими давлатии рушди устувор тавассути таҳияи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ дар Британияи Кабир, Олмон, Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои Аврупо васеъ истифода мешаванд. Татбиқи минтақавии рушди устувор дар кишварҳои мазкур хеле хуб аст, зеро, маҳз дар ин кишварҳо ҳадафҳои асосии рушди қаламрав дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ сабт шудаанд, ки бори дигар аҳамияти татбиқи сиёсати минтақавиро таъкид мекунад.

Консепсияи рушди устувор, ки дар ИМА таҳия ва татбиқ карда мешавад, аз дидгоҳи назария ва методология хусусияти хос дорад. Консепсияи мазкур аз ҷониби намояндагони Ҳукумат ва ҷомеаи илмӣ дар ҳамкории зич бо ҳаракатҳои соҳибкорӣ ва экологӣ таҳия шудааст. Консепсияи рушди устувори ИМА бар он ақида асос ёфтааст, ки манбаъҳои барқарорнашавандаи ИМА асоси тамоми системаи иқтисодии Амрико мебошанд, рушди минбаъдаи он мустақиман аз қобилияти кишвар дар ҳифзи ин захираҳо вобаста аст ва чи гуна истифода бурдани онҳоро омӯхтан лозим, то онҳо коҳиш наёбанд [19,с.13].

Инчунин, соли 1993 ҷиҳати самаранокии механизми танзими давлатӣ ва татбиқи консепсияи рушди устувор дар назди Президенти ИМА Шуро оид ба масъалаи рушди устувор таъсис дода шудааст. Натиҷаи кори Шуро соли 1996 бо номи маърузаи «Амрико ва рушди устувор» дар матбуоти даврӣ нашр шуд. Хусусияти фарққунандаи консепсияи рушди устувор дар ИМА, афзалияти ҳамкории манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Ҳамин тариқ, ҷойгоҳи меҳварӣ дар ин консепсия ба истифодаи принсипи ҳамкорӣ дар идоракунии захираҳои барқарорнашаванда, новобаста аз ҳуқуқи моликият: давлатӣ ё хусусӣ дода мешавад.

Татбиқи консепсияи рушди устувор ИМА-ро маҷбур мекунад, ки системаи анъанавии фаъолияти бисёр муассисаҳои давлатӣ, соҳибкорон ва ташкилотҳои ҷамъиятиро тағйир диҳад. Моҳияти ин тағйиротҳо ба чунин таҷдиди низоми муносибатҳо дар ҷомеа вобаста аст, ки имкониятҳои мувозинати динамикии равандҳои рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зистро дар Амрико осон мекунад [9,с.12].

Маъмурияти ИМА ҳар сол самтҳои асосии фаъолияташро дар соҳаи экология ва иқтисодиёт тасвият, аниқ, илова ва тағйир медиҳад ва бо ин стратегияи рушди устувори худро, ки ба ҳамкории мақомоти миллӣ ва минтақавӣ, саноат ва ҳаракатҳои экологӣ равона шудааст, таҳия мекунад [3,с.3]. Дар консепсияи ИМА, рушди устувор бо «рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва адолати иҷтимоӣ бо ҳам алоқаманданд».

Дар сатҳи минтақавӣ Иёлоти Муттаҳидаи Амрико метавонад ба татбиқи лоиҳаҳо, ки ба ҳифзи табиат ва афзоиши сарвати худ нигаронида шудааст, шуруъ кунад, аммо, ба шарте, ки мавқеи ҳуқуқии экологиро, аз ҷумла меъёрҳо, стандартҳо ва талаботро танҳо дар самти таҳкими онҳо тағйир диҳад.

Дар шароити имрӯза, татбиқи ғояи рушди устуворро метавон дар стратегияҳои шаҳрҳои устувори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пайгирӣ кард [16,с.7]. Коҳиш додани истеъмоли захираҳо, ташкили боғҳо ва рушди нақлиёти дучарха як ҷузъи муҳимми стратегияи устувори шаҳрҳо дар ИМА мебошад. Баргузории чорабиниҳо, масалан: Рӯзи замин, ки дар ин рӯз ихтиёриён соҳилҳо, майдонҳо ва боғҳоро тоза мекунанд. Инчунин, конфронсҳо, намоишгоҳҳо, бастани ҳаракати нақлиёт дар кӯчаҳои серодами шаҳрҳои калон, тоза кардани қаламравҳо ва шинонидани дарахтҳо бо ҷалби аҳолии ИМА дар кишвар гузаронида мешаванд.

Ҳамин тавр, агар бо вазъи илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии солҳои 90 ум назар афканед, маълум хоҳад шуд, ки дар ин давра бо муайян кардани афзалиятҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати минтақавӣ, яъне, дар кишварҳои Ғарб (Авруппо ва Амрико) таваҷҷуҳ на танҳо ба

принсипҳои адолат ва самаранокӣ, ки ба ноил шудан ба ҳадафи таъмини устуворӣ равона карда шудааст, балки рушди ҳудудҳо, инчунин, ҷустуҷӯи тавозуни самаранок, ки ба тақсимоти оқилонаи салоҳиятҳо дар байни марказ ва минтақаҳо равона карда шудааст, буданд.

Биёед консепсияҳои давлатии сиёсати кишварҳои Ҷопон ва Чинро барои идоракунии рушди устувори қаламравҳо таҳлил кунем.

Ҷопон яке аз кишварҳои тараққикарда дар ҷаҳон аст, ҳамчун сармоягузорӣ бузурги рушди байналмилалӣ мебошад ва дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор ва нишондиҳандаҳои марбут ба он дар стратегияҳои дарозмуддати миллии рушд, таҷрибаи ғанӣ дорад. Дастовардҳои муайяни Ҷопонро метавонанд дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон татбиқ намуд.

Ҷанбаҳои асосии сиёсати Ҷопонро дар соҳаи ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор дар сатҳи байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавӣ Принсипҳои роҳбарикунанда оид ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор, Конститутсияи Ҷопон (муқаррароти муайяне, ки ба сиёсати хориҷии кишвар таъсир мерасонанд), Стратегияи амнияти миллӣ (кумаки рушди байналмилалиро аз нуқтаи назари таҳкими амнияти кишвар), инчунин, якчанд ҳуҷҷатҳо дар соҳаи сиёсати миллӣ оид ба кумак ба рушд (Оинномаи ҳамкории рушд ва барномаҳои мақсаднок оид ба масъалаҳои асосии рушд) ташкил медиҳанд.

Ҳуҷҷати асосӣ оид ба сиёсати Ҷопон дар пешбурди ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор дар сатҳи байналмилалӣ Оинномa оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи рушд мебошад, ки соли 2015 қабул шуда, Эъломияи кумак бо мақсади рушдро, ки соли 1993 қабул гардида буд, иваз мекунад. Иваз ва қабул шудани стратегияи нав зарурати такмили минбаъдаи механизми миллии дастгирии рушдро ба амал овард, ки ҳоло на танҳо ба маблағҳои буҷаи давлатӣ, балки ба пулҳои сармоягузорони хусусӣ низ такя мекунанд, ки тавассути Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) ба кишварҳои мавриди ҳадаф фиристода мешаванд [6,с.197].

Системаи таъмини рушди устувор дар сатҳи қаламрави Ҷопон сохташуда аз дигар давлатҳо бо хусусияти хосаш фарқ мекунад. Он ба нақшаҳои давлатии рушди минтақаҳо асос ёфтааст. Вазифаи чунин нақшаҳо аз инҳо иборат аст: тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда; коҳиш додани номутаносибии иқтисодии байни ноҳияҳои гуногуни иқтисодӣ; баробарсозии шароит барои сокинон дар саросари кишвар; ҳифз ва такмили экология.

Чин яке аз кишварҳоест, ки шумораи аҳолии зиёд ва дар муқоиса дорои захираҳои маҳдуд мебошад. Таваҷҷуҳ ба рушди устувор дар Чин аз соли 1994 оғоз шудааст. Дар Шурои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин «Рӯзнома барои асри XXI дар Чин»-ро моҳи марти соли 1994 қабул намуд, ки дар рӯзнома татбиқи Стратегияи рушди устувор тасдиқ карда шуд. Дар Стратегияи мазкур ҳифзи захираҳои табиӣ ва муҳити зист муҳим дониста шуда, шарти асосии он ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва беҳтарсозию баландбардории сифати зиндагии мардум ба ҳисоб меравад [7,с.1].

Консепсияи давлатии рушди устувор дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумла: Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон хеле бо ҳам шабоҳат дошта, вале бо ҷузъиётҳои асосии қабули ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва марҳилаҳои асосии татбиқи он фарқ мекунанд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои мусбии кишварҳои номбаршуда метавонанд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун таҷриба истифода карда шавад.

Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Қазоқистон ба рушди устувор барои солҳои 2007-2024 принсипҳо қабул гардида, аз ҳадафҳо, вазифаҳо ва механизмҳои асосии ноил шудан иборат буда, устувориро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар муайян мекунад. Инчунин, 12 нишондиҳандаи муқарраршуда муайян карда шуданд, ки унсурҳои модели рушди устувори Ҷумҳурии Қазоқистон мебошанд. Дар сатҳи давлатӣ 34 ҳадафи байнисоҳавӣ барои гузариш ба рушди устувор тасдиқ карда шуданд, ки ба иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ҷудо карда мешаванд. Дар баробари ин, омилҳои иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва дигар омилҳои рушд метавонанд дар принсипҳои ягонагӣ ва якпорчагӣ дар баланд бардоштани сифати зиндагӣ дар кишвар ҳамоҳанг карда шаванд. Ҳамоҳангии

маҷмуи рушди иҷтимоию иқтисодӣ аз мавқеи мувофиқашудаи ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ баҳогузорӣ мешавад [1,с.75-76].

Дар доираи самтҳои асосии рушди устувори Ҷумҳурии Қазоқистон, минтақаҳо метавонанд чор намуди тадбирҳои сиёсиро қабул кунанд: [17,с.104]:

- Рушди навоварӣ: минтақаҳое, ки аз рӯйи индекси иқтисодӣ ва индекси ҳадафҳои рушди устувор нишондиҳандаҳои баланд доранд, бояд ба дастгирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва канструктивӣ-таҷрибавӣ, таҳкими робитаҳо байни корхонаҳои хусусӣ ва донишгоҳҳо, ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои наздисарҳадӣ оид ба масъалаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва конструктивӣ-таҷрибавӣ, ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки ба навоварӣ ва интиқоли малака равона шудааст, мусоидат намоянд;
- Ислоҳоти сохторӣ: минтақаҳое, ки нишондиҳандаҳои баланди ҳадафҳои рушди устувор доранд, вале индекси мураккаби иқтисодӣ хеле пасттар аст, бояд барои беҳтар намудани иқтидори истеҳсолии худ тавассути рақобати ошкоро, пайвастани сармоягузориҳои мустақим бо корхонаҳои хурду миёна, пешбурди содирот ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои рушди малакаҳо чораҳо андешанд;
- Ислоҳоти иҷтимоӣ: минтақаҳое, ки индекси мураккаби иқтисодии баланд доранд, аммо индекси пасти ҳадафҳои рушди устувор дошта, барои рушд ва устувории инсон маблағгузории кофӣ надоранд. Ин минтақаҳо бояд ба сармоягузории иловагӣ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, некуаҳволӣ, баробарии гендерӣ ва шакли истеҳсолот ва истеъмоли устувор диққат диҳанд.
- Наҷот: минтақаҳое, ки дорои сатҳи пасти нишондиҳандаҳои ҳадафҳои рушди устувор ва индекси мураккаби иқтисодӣ мебошанд, бояд ҳам сиёсати амудӣ ва ҳам уфуқиро амалӣ кунанд, то занҷираи арзишро тадриҷан боло бардоранд ва мабалағгузориро барои рушди устувор дастрас намоянд.

Даъват аз мусоидат ба минтақаҳо баҳри ба даст овардани тавозуни беҳтар байни имкониятҳои истеҳсолӣ ва рушди устувор дар дохили минтақаҳо ва ҳамзамон, пур кардани фосилаи байни минтақаҳо иборат аст.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон дорои иқтидори бузурги истеҳсолӣ ва маъданӣ, ашёи хоми беназири кишоварзӣ, миқдори зиёди маҳсулоти тайёри дар раванди коркард бадастомада, захираҳои бойи табиӣ ва инфрасохтори рушдёфта мебошад.

Механизми арзёбӣ ва ба маънои васеъ таҳлили ҳамаҷонибаи ҳолат, таъсир ва ҳифзи муҳити зист, инчунин, истифодаи захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бист соли охир дар роҳи рушди худ, роҳи дарозеро тай кардааст.

Сиёсати таъмини рушди устувори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар асоси Конститутсия, қонунгузорӣ, Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, принсипҳои Эъломияҳои Рио-де-Жанейро ва Йоханнесбург оид ба муҳити зист ва рушди устувор бо назардошти уҳдадориҳои ҷумҳурӣ, ки аз конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ бармеоянд, инчунин, таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пешбар амалӣ карда мешаванд.

Ба андешаи муҳаққиқ Шарофиддин Назаров самтҳои мақсадноки рушди устувори минтақаҳо дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ин [18]:

- Таъмини рушди устувор ва мутавозини минтақаҳо дар ояндаи наздик бо назардошти зарурати рушди босуръати саноатии ҳудудҳо, таъмини рақобатпазирии маҳсулот, афзоиши ҳиссаи маҳсулоти бештар технологӣ ва диверсификатсияи истеҳсолот дар асоси истифодаи самараноки афзалиятҳои муқоисавӣ.
- Вазифаи афзалиятнок дар ин самт ташаккули «нуқтаҳои рушди истеҳсолот» дар минтақаҳо мебошад. Иҷрои ин вазифа, пеш аз ҳама, ба ташкили кластерҳо асос меёбад, ки ба ихтисоси умедбахш асос ёфтаанд, иқтидори баланди минтақа дар соҳаи ҷорӣ намудани техника ва технология, ки воридоти минбаъдаи маҳсулоти минтақаро ба бозори ҷаҳонӣ таъмин менамояд. Эҷоди форматсияҳои кластерӣ дар асоси нуқтаҳои рушди муайяншуда, дар шакли ташкили истеҳсолот, дар доираи занҷири арзиши иловашуда, на танҳо ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот, балки ба таъмин намудани таъсири синергетикӣ барои васеъ намудани миқёси индустрикунонӣ равона карда шавад.
- Барои ноил шудан ба ин афзоиши иқтидори истеҳсолии саноати энергетикӣ, татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии азнавсозии технологии корхонаҳои мавҷуда, инчунин,

ташкили иқтидорҳои нави истеҳсолӣ бо дарназардошти истифодаи максималии захираву имкониятҳои эҳтимолӣ талаб карда мешавад. Афзоиши неруи саноатии минтақаҳо, инчунин, пешрафти бештари соҳаҳои нақлиёт, логистика ва инфрасохторро тақозо мекунад, ки ин барои рушди иқтисодии минтақаҳо хеле муҳим аст. Долонҳои нақлиётӣ, аз ҷумла роҳи оҳан, аз Чин ба Ғарб ҳангоми транзит тавассути Ӯзбекистон, алалхусус тавассути водии Фарғона, низ аҳамияти махсус хоҳанд дошт.

- Ҳангоми муайян кардани ҳадафҳои стратегии қаламравҳои қафомонда ва суст рушдёфта, бояд ба лоиҳаҳои нисбатан ҳамгирошуда, ба монанди рушди меҳнат ва неруи инсонӣ, истифодаи самаранокии инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, таъсири агломератсия (иқтидори марказҳои калони саноатӣ) байни минтақаҳо ва минтақаҳои наздисарҳадӣ, рушди муҳити соҳибкорӣ ва ғайра афзалият дода шавад. Зарурати ин равиш бо он шарҳ дода мешавад, ки лоиҳаҳои маҷмуи захираҳо, бештар ташкилию институтсионалиро талаб мекунад, ки дар минтақаҳо нокофӣ мебошанд.
- Сиёсати минтақавӣ нисбати минтақаҳои қафомонда, суст рушдёфта ва мушкилот бояд бо механизмҳои мушаххаси ҷалб ва тақсимоти самарабахши захираҳо муқаррар карда шавад. Ба ибораи дигар, бояд механизми муассири ҷалби маблағҳо (аз қабили сармоягузорӣ, грантҳо, қарзҳо ва ғ), ки дар ҳуҷҷати дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ ва мақомоти идоракунӣ оид ба мутамарказ кардани тамоми манбаъҳо ва захираҳо, аз ҷумла маблағҳои мутамарказ ва қарзгирии беруна ташаккул ёбад.
- Нақши мақомоти маҳаллӣ дар фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ тавассути муайян кардани механизми истифодаи ваколатҳои мақомоти маҳаллӣ дар самти фароҳам овардани имкониятҳо ва афзалиятҳои иловагӣ бо назардошти шароити хосси минтақа ва стратегияи рушди он зарур аст. Аз ҷумла, Стратегияи таҳияшудаи сиёсати сармоягузорӣ бояд алоҳида салоҳият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти иҷроияро барои ҷалби сармоягузорӣ, сармоягузоронро ба минтақа (шаҳр, ноҳия) пешбинӣ намуда, ба онҳо вазифаи иловагии ҷустуҷӯи сармоягузорони хориҷӣ ва мустақилона гузаронидани гуфтушунидҳоро бо сармоягузорони эҳтимолӣ, аз ҷумла сафар ба хориҷаро пешбинӣ намояд.
- Бояд имтиёзҳо ва афзалиятҳои ба сармоягузорон додашударо дар асоси дараҷаи рушди инфрасохтори саноатӣ ва иҷтимоии минтақа, аз ҷумла минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва саноатии хурд диверсификатсия кард. Айни замон, сарфи назар аз инфрасохтори мавҷудаи минтақа, ба сармоягузорон имтиёзҳои баробари гумрукӣ ва андозӣ фароҳам оварда шудаанд. Вобаста ба ин, зарур аст, ки пешниҳоди имтиёзҳо ва афзалиятҳо тавассути ҷорӣ намудани меъёрҳои иловагӣ оптимизатсия карда шавад.
- Инчунин, бояд дар қонунгузорӣ меъёрҳои ягонаи додани имтиёзҳо ба сармоягузорон дар қаламрави дорои мақоми махсус, минтақаҳои махсус (минтақаҳои хурди саноатӣ дар соҳаи логистика, туризм, савдо, саноат, паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо), инчунин, сармоягузороне, ки дар ташаккул ва рушди кластерҳои минтақавӣ саҳм мегиранд.
- Татбиқи пайгиронаи тадбирҳо дар ин соҳаҳо ба рушди иқтисодии минтақаҳо мусоидат хоҳад кард, ки ин шарти асосии рушди динамикии иқтисодии кишвар мебошад.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон механизми танзими давлатии рушди устувори минтақаҳо дар асоси Консепсияи сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Қирғизистон барои давраи солҳои 2018-2022 муайян карда шудааст. Тибқи Консепсияи мазкур барои таъмини рушди устувори минтақаҳо, системаи идоракуниро дар робита ба таҳия ва татбиқи самарабахши стратегия ва барномаҳои рушд бояд тағйир дод. Ҳамзамон, банақшагирии буҷет унсури асосии низоми таҷдидшудаи идоракунӣ ба шумор меравад, ба шарте, ки самаранокӣ бо истифодаи ҳадди ақали имконпазир ба даст овардани натиҷаҳои муайянро пешбинӣ кунад.

Тадбирҳои сиёсати иқтисодии минтақавӣ, бояд вазъияти воқеии минтақаҳоро ба назар гиранд, ба махсусгардонии бозор, тиҷорати байниминтақавӣ бо назардошти хусусиятҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар як минтақа асос ёбанд.

Ба хусус барои Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии Консепсияи гузариши Федератсияи Россия ба рушди устувор, ки аз ташаккули механизми минтақавии иқтисодии

танзимкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла идоракунии табиат ва таъсири антропогенӣ ба муҳити зист ва татбиқи чорабиниҳои экологӣ дар минтақаҳои истиқоматӣ ва ободнашудаи шаҳрҳо, дигар нуқтаҳои аҳолинишин ва ноҳияҳои наздишаҳрӣ, аз ҷумла тоза кардани санитарию мелиоративӣ, кабудизоркунии онҳо ва таҷдиди системаи минтақавии саноатӣ бо назардошти иқтидори иқтисодии экосистемаҳои маҳаллӣ тавсия мегардад.

Инчунин, истифодаи таҷрибаи ИМА, ки ба коҳиш додани истеъмоли захираҳо, ташкили боғҳо ва рушди нақлиёти дучарха як ҷузъи муҳимми стратегияи устувори шаҳрҳо дар ИМА мебошад. Баргузории чорабиниҳо, масалан: Рӯзи замин, ки дар ин рӯз ихтиёриён соҳилҳо, майдонҳо ва боғҳоро тоза мекунанд. Инчунин, конфронсҳо, намоишгоҳҳо, бастани ҳаракати нақлиёт дар кӯчаҳои серодами шаҳрҳои калон, тоза кардани қаламравҳо ва шинонидани дарахтҳо бо ҷалби аҳолии ИМА дар кишвар гузаронида мешаванд. Консепсияи давлатии Ҷопон, ки он ба нақшаҳои давлатии рушди минтақаҳо асос ёфтааст. Вазифаи чунин нақшаҳо аз инҳо иборат аст: тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда; коҳиш додани номутаносибии иқтисодии байни ноҳияҳои гуногуни иқтисодӣ; баробарсозии шароит барои сокинон дар саросари кишвар; ҳифз ва такмили экология муҳим мебошад.

Доираи самтҳои асосии рушди устувори Ҷумҳурии Қазоқистон, ки минтақаҳо метавонанд чор намуди тадбирҳои сиёсии рушди навоварӣ, ислоҳоти сохторӣ, ислоҳоти иҷтимоӣ, наҷот, яъне мусоидат ба минтақаҳо баҳри ба даст овардани тавозуни беҳтар байни имкониятҳои истеҳсолӣ ва рушди устувор дар дохили минтақаҳо ва ҳамзамон, пур кардани фосилаи байни минтақаҳоро қабул кунанд: Самтҳои мақсадноки рушди устувори минтақаҳо дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба таъмини рушди устувор ва мутавозини минтақаҳо дар ояндаи наздик бо назардошти зарурати рушди босуръати саноатии ҳудудҳо, таъмини рақобатпазирии маҳсулот, афзоиши ҳиссаи маҳсулоти бештар технологӣ ва диверсификатсияи истеҳсолот дар асоси истифодаи самараноки афзалиятҳои муқоисавӣ, афзоиши иқтидори истеҳсолии саноати энергетикӣ, татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии азнавсозии технологии корхонаҳои мавҷуда, инчунин, ташкили иқтидорҳои нави истеҳсолӣ бо дарназардошти истифодаи максималии захираву имкониятҳои эҳтимолӣ талаб карда мешавад. Афзоиши неруи саноатии минтақаҳо пешрафти бештари соҳаҳои нақлиёт, логистика ва инфрасохторро тақозо мекунад, ки ин барои рушди иқтисодии минтақаҳо хеле муҳим аст. Долонҳои нақлиётӣ ва ғайраҳо тавсия карда мешаванд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои мусбии кишварҳои номбаршуда метавонанд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун таҷрибаи муфид истифода карда шавад.

Тавсифи таҷрибаи хориҷии рушди устувори минтақавӣ дар маҷмуъ бо барасмиятдарории таҳлили миқдории он метавонад ҳамчун асоси таҳияи стратегияи умумии рушди устувори минтақавӣ хизмат намояд. Дар ин маврид мақсади асосии баҳогузории анҷомдодаи муаллиф, муайян кардани ҷанбаҳои методологии сохтори таркибии рушди устувори минтақавӣ мебошад, ки мумкин аст тавассути механизми танзими давлатии рушди устувори минтақа ба даст оварда шавад.

**Муқарриз: н.и.и, дотсенти ДМТ – Маҳмадизхода Ф.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Айтжанова Д.А. Механизмы перехода к устойчивому развитию экономики Казахстана в условиях глобализации / Д.А. Айтжанова, А.К. Омаров // Статистика, учет и аудит. – 2016. -№4(63). -С.75-76.
2. Актуальный опыт зарубежных стран по развитию государственных систем стратегического планирования [Текст]: препринт WP/2016/04 (ч.1) А. -С.20-21, 28.
3. Алимов А.А. США: политика, право, экономика и окружающая среда Общество / А.А. Алимов, М.А. Ермолина, И.А. Меренков // Среда. Развитие. – 2015. -№3. -С.3.
4. Бильчак B.C. Региональная экономика: монография / B.C. Бильчак, В.Ф. Захаров; под ред. B.C. Бильчака. - Калининград: Янтарная сказка, 1998. -316 с.
5. Буреш О.В. Управление устойчивым развитием региона: зарубежный опыт и российская практика / О.В. Буреш, И.А. Масюто // Вестник ОГУ. – 2014. -№4(165). –С.53.
6. Игнатов А.А. Япония: опыт имплементации Целей Устойчивого Развития ООН / А.А. Игнатов // Экономика. - 2018. -С.197-204.

7. Китай: Сайт Знакомство с китаем с помощью ключевых слов. [Электронный ресурс]. URL: http://russian.china.org.cn/china/China_Key_Words/2018-10/24/content_67875185. htm (дата обращения: 06.09.2019).
8. Некрасов Н.Н. Регионалная экономика: теория, проблемы, методы / Н.Н. Некрасов. -2-е изд. -М., 1978. -342 с.
9. Переход к устойчивому развитию: глобальный, региональный и локальный уровни. Зарубежный опыт и проблемы России. КМК. -М., 2002.
10. Подшивала М.В. Стратегия устойчивого развития в Великобритании: возможности и перспективы (На примере экологической программы Лондона) / М.В. Подшивала // Европейские научные исследования. - 2018. -С.104-105.
11. Распоряжение Правительства РФ «О Концепции долгосрочного социально-экономического развития Российской Федерации на период до 2020 года» от 17.11.2008 N 1662-р (ред. от 28.09.2018)
12. Региональная экономика и управления. Учебник / А.Х. Хакимов, Т.Г. Шодиева, Д.Б. Кодиров, Ф.М. Муминова. -Душанбе: Деваштич, 2002. -С.9.
13. Синякова А.Ф. Опыт ряда европейских стран в разработке национальной стратегии устойчивого развития Бюллетень / А.Ф. Синякова // На пути к устойчивому развитию России. - 2013. -№63. -С.73.
14. Указ Президента РФ «О концепции перехода Российской Федерации к устойчивому развитию». от 01.04.1996 №440.
15. Устойчивое развитие региона: эколого-экономические аспекты [Текст]: монография / А.П. Кузнецов, Р.Ю. Селименков; под науч. рук. д.э.н., проф. Т.В. Усковой. -Вологда: ИСЭРТ РАН, 2015. -С.4.
16. Устойчивое развитие современного города: международно-правовые аспекты и политика Проблемы развития экономики и общества. Книга 2. Saint-Louis, MO: Publishing House «Science & Innovation Center» / М.А. Ермолина, И.В. Кирьянов, Е.Д. Кочегарова [и др.]. - 2013. -С.7-27.
17. Цели устойчивого развития и развитие регионов Казахстана, основанное на их производственных возможностях Опубликовано Программой развития ООН // Национальный доклад о человеческом развитии. - 2016. -С.104.
18. Шарофиддин Н. О тенденциях экономического развития регионов Узбекистана [Электронный ресурс]. URL: https:review.uz.rupostregiony-v-razvitii (дата обращения: 26.09.2020).
19. Шевченко И.В. Устойчивое развитие: мировой опыт и проблемы России Региональная экономика: теория и практика / И.В. Шевченко, К.О. Литвинский. - 2007. -С.13.
20. Securing the future: delivering UK sustainable development strategy. -London: Department for Environment, Food & Rural Affairs, 2011. -С.188.

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ КОНСЕПСИЯҲОИ ДАВЛАТИИ РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚА

Дар мақолаи мазкур таҳқиқот оид ба ҷанбаҳои методологии рушди устувори минтақа ва тавсифи давлатии он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки назарияҳои гуногуни илмӣ ва андешаҳои олимони соҳаро гирдоварӣ намуда, моҳияти рушди устуворро шарҳ дода, методологияҳои илмии дар ин самт эҷодшударо пешниҳод намояд. Инчунин, дар мақола самтҳои нисбатан иттиллоотдиҳандаи баҳогузории рушди устувори минтақа, яъне, самтҳои иҷтимоию иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, рушди устувори иҷтимоиро дар солҳои минбада нишон дода шудааст. Ҳангоми таҳияи системаҳои меъёрҳои арзёбии устувории рушди минтақавӣ, талаботи асосӣ, пайвандии маҷмуӣ ва махсусияти байниҳамдигарии онҳо баинобат гирифта мешавад. Меъёрҳои рушди устувори системаҳои минтақавӣ нишондиҳандаҳое мебошанд, ки бо ёрии онҳо ба сатҳи рушди минтақа баҳогузорӣ мешавад ва тараққиёти минбаъдаи он пешгӯӣ мегардад. Муаллиф қайд мекунад, ки оид ба муайянкунии маҷмуи индикаторҳои рушди системаҳои минтақавӣ дастурамалҳои зиёди методӣ мавҷуданд. Қисме аз онҳо ба таври қонунгузорӣ дар сатҳи байналмилалӣ қабул карда шудаанд ва баъзан дастурамалҳои дигар хусусияти тавсиявӣ доранд ва вобаста ба базаи оморӣ тағйир ёфта меистанд. Бинобар ин, дар мақола оварда шудааст, ки тавсифи таҷрибаи хориҷии рушди устувори минтақавӣ, дар маҷмуъ, бо барасмиятдарории таҳлили миқдории он метавонад ҳамчун асоси таҳияи стратегияи умумии рушди устувори минтақавӣ хизмат намояд.

**Калидвожаҳо:** таҷрибаи хориҷӣ, минтақа, рушди устувори минтақа, устувории иқтисодӣ, устувории иҷтимоӣ, методология, ҳифзи муҳити зист, ҳисоби сатҳи бекорӣ, маблағгузорӣ, пешгӯии рушд.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ГОСУДАРСТВЕННЫХ КОНЦЕПЦИЙ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

В статье рассматриваются методологические аспекты устойчивого развития региона и описание его состояния. Автор попытался собрать различные научные теории и мнения ученых в данной области, объяснить сущность устойчивого развития, представить научные методологии, созданные в этом направлении. Также в статье рассматриваются относительно информативные направления оценки устойчивого развития региона, т.е. социально-экономические направления, и показано устойчивое социальное развитие в последние годы. При разработке систем критериев оценки устойчивости регионального развития учитываются основные требования их коллективной связи и взаимной специфичности. Критериями устойчивого развития региональных систем являются показатели, которые используются для оценки уровня развития региона и прогнозирования его дальнейшего развития. Автор отмечает, что существует множество методических указаний по определению комплекса показателей развития региональных систем. Некоторые из них приняты законодательством на международном уровне, а иногда другие руководства носят рекомендательный характер и изменяются в зависимости от статистической базы. Поэтому в статье утверждается, что описание зарубежного опыта устойчивого регионального

развития вместе с формализацией его количественного анализа может служить основой для разработки общей стратегии устойчивого регионального развития.

**Ключевые слова:** зарубежный опыт, регион, устойчивое развитие региона, экономическая стабильность, социальная стабильность, методология, охрана окружающей среды, расчет уровня безработицы, финансирование, прогноз развития.

**FOREIGN EXPERIENCE OF STATE CONCEPTS OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REGION**

The article deals with the methodological aspects of sustainable development of the region and the description of its state. The author tried to collect various scientific theories and opinions of scientists in this field, explain the essence of sustainable development, present scientific methodologies created in this direction. The article also discusses relatively informative areas for assessing the sustainable development of the region, i.e. socio-economic areas, and shows sustainable social development in recent years. When developing systems of criteria for assessing the sustainability of regional development, the basic requirements of their collective connection and mutual specificity are taken into account. The criteria for sustainable development of regional systems are indicators that are used to assess the level of development of the region and predict its further development. The author notes that there are many guidelines for determining a set of indicators for the development of regional systems. Some of them are accepted by law at the international level, and sometimes other guidelines are advisory in nature and change depending on the statistical base. Therefore, the article states that the description of foreign experience of sustainable regional development, together with the formalization of its quantitative analysis, can serve as the basis for developing a general strategy for sustainable regional development.

**Keywords:** foreign experience, region, sustainable development of the region, economic stability, social stability, methodology, environmental protection, unemployment rate calculation, financing, development forecast.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Аъзамҷон Аҳмадхонович*** **–** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Азамджон Ахмадхонович*** **–** Кулябский госмударственный университет имени Абуабдуллах Рудаки, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой экономической теории. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафаров, 16

**Information about the author:** ***Safarov Azamjon Ahmadkhonovich*** - Kulyab State University named after Abuabdullah Rudaki, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Economic Theory. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16

УДК: 336.748

# НАҚШИ КАЛИДИИ БОНКИ МАРКАЗӢ ДАР ТАНЗИМИ МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН ДАР РАВАНДҲОИ ТАВАРРУМӢ

*Рахматова Н.М.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Нигоҳ доштани сатҳи пасти таваррум вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати пулию қарзии давлат мебошад, ки дар зарурати ноил шудан ба устувории нарх ифода ёфтааст. Воситаи асосии таъсири институтҳои танзимкунанда ба чунин тағйирёбии бозор истифодаи меъёри калидӣ мебошад. Қарор дар бораи танзими меъёри фоизие, ки аз рӯи он бонкҳои марказӣ ба муассисаҳои қарзии тиҷоратӣ қарз медиҳанд, ба талаботи умумӣ ва сатҳи умумии таваррум таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Таҷрибаи бухрони молиявӣ ва қарзӣ дар солҳои 2008 ва 2012 дар бисёр мамлакатҳои тараққикарда дар муддати дароз дараҷаи пасти таваррумро таъмин намуд. Мисоли равшантарин Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва кишварҳои минтақаи Аврупо мебошад, ки дар онҳо пас аз муътадил шудани вазъи молиявӣ меъёри таваррум аз 2,5% зиёд набуданд. Чунин вазъият дар мамлакатҳои аъзои Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ ба амал омада, суръати таваррумро нишон медиҳад, ки аз сатҳи таварруми Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба даҳяки фоиз фарқ мекунад.

Сабаби асосии паст будани сатҳи таваррум дар кишварҳои пешрафта дар солҳои 2012-2020 идомаи заъфи низомҳои иқтисодӣ ва паст шудани нархи молу маҳсулот мебошад. Тамоюли хосси давраи номбурда, ин коҳиши интизориҳои таваррумӣ дар як қатор кишварҳо дар заминаи мушкилии бонкҳои марказӣ барои ноил шудан ба арзишҳои ҳадафноки устувории нархҳо бо истифода аз воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ мебошад. Тибқи ҳисобҳои Хазинаи байналмилалии асъор, «*дар соли 2015 зиёда аз 85% аз 120 кишвари таҳлилшуда арзиши таваррумро нишон доданд*» [2], ки аз пешгӯиҳои дарозмуддати иштирокчиёни касбии бозор пасттар буданд.

Таназзули иқтисодии ҷаҳонӣ, ки дар натиҷаи бад шудани вазъи эпидемиологӣ ба вуҷуд омадааст, ба нақшаҳои дарозмуддати бонкҳои марказӣ ҷиҳати таъмини устувории нарх ислоҳоти ҷиддӣ ворид кард. Ноустувории бозорҳои молиявӣ дар пасманзари афзоиши зарбаҳои макроиқтисодӣ ва ҷорӣ намудани чораҳои маҳдудкунанда аз ҷониби ҳукуматҳои як қатор кишварҳо ба тағйирёбии суръати афзоиши таваррум таъсир расониданд.

Дар Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» қайд гардид, ки дар самти сиёсати пулию қарзӣ нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохти низоми бонкӣ, дар сатҳи пешбинишуда нигоҳ доштани таваррум, инчунин, таъмин намудани фаъолияти самараноки низоми пардохтҳо, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим боқӣ мемонанд. Дар соли 2022 қурби пули миллӣ муътадил нигоҳ дошта шуда, сатҳи таваррум 4,2%-ро ташкил намуд. Вале хавфҳои эҳтимолӣ водор месозанд, ки дар ин ҷода тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд [4].

Дар танзими давлатии муомилоти пулӣ Бонки марказӣ бинобар нақши калидии худ дар низоми миллии муносибатҳои пулӣ-қарзӣ мавқеи калон дорад. Қобилияти он барои назорат кардани афзоиши ҳаҷми пул муҳим аст.

Бонкҳои марказӣ метавонанд вобаста ба давраи фаъолияти бонк, ҳаҷми дороиҳои он, минтақае, ки бонк қисми асосии амалиёти худро анҷом медиҳад ва шабакаи филиалҳои рушдёфта дорад, меъёрҳои гуногуни захиравӣ муқаррар карда метавонанд. Дар баъзе кишварҳо, бонкҳое, ки талаботи ҳатмиро вайрон мекунанд, меъёри захираҳои ҷаримаи баландтар доранд. Қисмҳои гуногуни ҳаҷми пул бояд захира карда шаванд, ки ин ба Бонки марказӣ имкон медиҳад, ки на танҳо ба ҳаҷми он таъсир расонад, балки сохтори онро низ муайян кунад.

Таърих нишон медиҳад, ки аз асри XIX олами илм дар бораи нақш ва аҳамияти бозтамвили Бонки марказӣ ҳамчун қарздиҳандаи охирин фикр карданро оғоз кард. Азбаски бонки марказӣ аз ҷиҳати таъмини пардохтпазирии зарурӣ ба дигар ташкилотҳои қарзӣ дар шароити бухрон амалан номаҳдуд аст, маҳз ба ӯ нақши қарздиҳандаи пешбари марҳилаи охирин гузошта мешавад.

Меъёри бозтамвил - меъёри Бонки миллии Тоҷикистон, ки воситаи асосии танзими сатҳи фоизҳо дар бозори пул буда, барои муқаррар намудани меъёри фоизӣ барои амалиёти таъмини пардохтпазирии бонкҳо ҳамчун асос хизмат мекунад.

Меъёри калидӣ (меъёри бозтамвил) фоизест, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба муддати як ҳафта ба бонкҳои тиҷоратӣ қарз медиҳад ва ҳамзамон меъёре, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои қабули маблағ аз бонкҳо барои пасандозҳо омода аст. Он дар муқаррар намудани фоизи қарзҳои бонкӣ нақш мебозад ва ба сатҳи таваррум таъсир мерасонад.

Бонки миллии Тоҷикистон меъёри асосиро барои таъсир ба таваррум истифода мебарад. Тавассути занҷири муносибатҳои иқтисодӣ суръати асосӣ ба доираи васеи равандҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад, ки дар ниҳоят ба суръати афзоиши нархҳои истеъмолӣ таъсир мерасонанд. Дар поён ҷадвали тағйирёбии меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи панҷ соли охир оварда шудааст (ниг. ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Тағйирёбии меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон**
**Table 1. Changes in refinancing rates of the National Bank of Tajikistan**

| % солона | Мухлати эътибор | |
|---|---|---|
| | аз | то |
| 12,50 | 31.01.2017 | 19.03.2017 |
| 16,00 | 20.03.2017 | 22.01.2018 |
| 14,75 | 23.01.2018 | 19.03.2018 |
| 14,00 | 20.03.2018 | 31.01.2019 |
| 14,75 | 01.02.2019 | 02.06.2019 |
| 13,25 | 03.06.2019 | 01.12.2019 |
| 12,25 | 02.12.2019 | 02.02.2020 |
| 12,75 | 03.02.2020 | 30.04.2020 |
| 11,75 | 01.05.2020 | 02.08.2020 |
| 10,75 | 03.08.2020 | 04.02.2021 |
| 11,00 | 05.02.2021 | 27.04.2021 |
| 12,00 | 28.04.2021 | 01.08.2021 |
| 13,00 | 02.08.2021 | 24.10.2021 |
| 13,25 | 25.10.2021 | 21.08.2022 |
| 13,50 | 22.08.2022 | 01.11.2022 |
| 13,00 | 01.11.2022 | то ҳоло |

**Манбаъ:** Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: nbt.tj

Аз ҷадвали овардашуда ба ақидае омадан мумкин аст, ки тайи солҳои охир меъёри бозтамвил чанд маротиба тағйир ёфтааст. Ин нишондиҳанда баландтарин дар соли 2017 буд. Арзиши пасттарини меъёри бозтамвил 10,75% дар соли 2020 муқаррар шудааст. Бонки миллии Тоҷикистон дар робита ба пандемияи COVID-19, коҳиши талабот, суст шудани фаъолияти иқтисодӣ ва дигар омилҳо, инчунин, бо мақсади дастгирии иқтисоди кишвар дар вазъияти душвор меъёри бозтамвилро аз 3 августи соли 2020 паст карда, 10,75% солона муқаррар намуд [5].

Тағйирёбии қурби калидӣ қариб дарҳол боиси тағйирёбии қурби «овернайт»-и бозори байнибонкии қарзӣ мегардад. Ташаккули қурби бозори байнибонкии пулӣ наздик ба қурби асосӣ ҳадафи амалиётии сиёсати пулию қарзӣ мебошад. Мақсади амалиёт тавассути татбиқи воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ аз ҷониби Бонки миллӣ амалӣ мегардад, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо ёрии онҳо пардохтпазирии бахши бонкиро идора мекунад. Низоми воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ ва раванди муттасили идоракунии пардохтпазирии бонкҳо унсурҳои тартиби амалиётии сиёсати пулию қарзӣ мебошанд.

Тағйирёбии қурби байнибонкии «овернайт» дар навбати худ боиси тағйир ёфтани қурби бозори пул дар муддати тулонӣ мегардад, ки он каме вақти зиёдтарро талаб мекунад ва на танҳо бо коҳиш ё афзоиши воқеии қурби «овернайт», балки аз рӯи интизориҳои иштирокчиёни бозор дар бораи динамикаи онҳо дар оянда муайян карда мешавад. Бонкҳо метавонанд дар баробари дигар воситаҳои молиявӣ - вомбаргҳо, қарзҳо ва пасандозҳо, қарзҳои байнибонкиро низ истифода баранд. Аз ин рӯ, пас аз тағйири меъёри қарзҳои байнибонкӣ, меъёрҳо дар бахшҳои дигари бозори молиявӣ низ тағйир меёбанд. Тағйирот дар меъёрҳои қарздиҳии байнибонкӣ зуд ба ҳосилнокии вомбаргҳо табдил меёбанд. Меъёрҳои фоизи қарзҳои байнибонкӣ ва даромади вомбаргҳо, дар навбати худ, ба меъёрҳои қарзҳои бонкӣ ва пасандозҳо таъсир мерасонанд. Ҳамин тавр, дар натиҷаи тағйир додани меъёри асосӣ дар иқтисод тадриҷан танзими ҷавобии тамоми меъёрҳои фоизӣ сурат мегирад.

Бонки марказӣ метавонад вазифаи назорати муомилоти пулро, ки ба он вогузор шудааст, дар якчанд шакл амалӣ намояд.

Якум, танҳо барориши пул ба ӯ тобеъ аст. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки барои иҷрои самараноки вазифаҳои Бонки марказӣ зарур аст, ки имкони ҳар гуна фишори Ҳукумат ё дигар сохторҳои давлатӣ барои татбиқи сиёсати худ ё анҷом додани амалиётҳои дигарро истисно кард, зеро чунин дахолат метавонад боиси халалдор шудани фаъолияти бонкӣ ва афзоиши беназорати пардохтпазирии низоми бонкӣ гардад. Дар аксарияти мутлақи кишварҳо қонуни махсус дар бораи бонки марказӣ (миллӣ, захираи федералӣ ва ғайра - моҳияташ аз ном тағйир намеёбад) амал мекунад, ки мустақилияти онро аз Ҳукумат, сарвари давлат ва парлумон муқаррар менамояд. Аммо, албатта, фаъолияти Бонки марказӣ дар мувофиқа бо Ҳукумат ва дар доираи сиёсати умумии миллӣ сурат мегирад [10].

Дуюм, Бонки марказӣ назорати ғайримустақимро аз болои ҳаҷми пул тавассути таъсир ба меъёри фоизӣ - меъёри ҳадди ақали захираҳои ҳатмӣ дар суратҳисобҳои Бонки марказӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ, ки тибқи қонун амалӣ карда мешавад, бо фарқият аз рӯи намуди пасандозҳо ва ташкилотҳои қарзӣ назорат кунад.

Барои фаҳмидани ин амалиёт, зарур аст, ки дар бораи чунин истилоҳ, ба монанди пардохтпазирии бонк, яъне, қобилияти табдил шудан ба пули нақд муфассалтар тавaққуф кард. Пардохти умумии низоми бонкиро Бонки марказӣ бо роҳи иваз кардани талабҳои пардохти зидди худ ба дороиҳои дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ (дар амалия ҳамчун гарав) таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, Бонки марказӣ ҳамчун «*охирин қарздиҳанда дар вазъияти буҳронӣ*» [2] баромад мекунад. Ин амалиёт ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки дороиҳои ғайриқобили пардохтпазирро барои қонеъ кардани ниёзҳои амонатгузорон ба маблағ ҷалб кунанд.

Сатҳи баланди пардохтпазирӣ бо меъёри пасти фоизӣ, пеш аз ҳама, талаботро ба қарзҳо ва коғазҳои қиматноки давлатиро аз бахши хусусӣ васеъ мекунад, инчунин, афзоиши хароҷоти хусусиро ба молу хизматрасонӣ ҳавасманд мекунад, боиси баланд шудани сатҳи иқтисоди фаъолият, яъне ба болоравии нарх, сатҳи таваррум фишор меорад. Аз ин рӯ, афзоиши ҳадди ақали захираҳои ҳатмӣ роҳи паст кардани пардохтпазирии низоми бонкӣ, маҳдуд кардани амалиёти қарзӣ буда, дар натиҷа боиси паст шудани суръати афзоиши ҳаҷми пул мегардад.

Бо мақсади танзими пардохтпазирии маҷмуи мутобиқи мақсадҳои сиёсати миллӣ, дар баробари тағйир додани меъёри фоиз, Бонки марказӣ бо роҳи маблағгузории бевоситаи хароҷоти давлат, хариди коғазҳои қиматнок ва гузаронидани амалиётҳо дар бозори озод ба як қатор усулҳои дигар истифода мебарад.

Сеюм, ин камшавии қарз мебошад, ки дар шароити зиёд шудани сармоя аз хориҷа ногузир аст. Бояд гуфт, ки дороиҳои пасандозҳои дарозмуддати сохторҳои ғайрибонкӣ низ метавонанд тағйир ёбанд. Бинобар ин, васеъшавии қарз миқдори муомилоти пулро танҳо қисман зиёд мекунад ва кам шудани ҳаҷми қарзҳои додашуда онро танҳо қисман кам мекунад.

Умуман, метавон гуфт, ки таъсири Бонки марказӣ назаррас аст, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти ҳалкунанда надорад. Ҳангоми пеш бурдани сиёсати дар миқёси миллӣ маҳдуд

кардани таваррум бояд дар хотир дошт, ки муносибатҳои пулӣ аз дигар соҳаҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат ҷудо нестанд. Маҳдуд кардани эмиссия, баланд бардоштани ҳадди ақали захираҳои ҳатмӣ ва кам кардани талабот ба қарзҳо, махсусан дар сохтори бозории олигополистӣ, метавонад боиси кам шудани ҳаҷми сармоягузорӣ ва истеҳсолот гардад.

Бо вуҷуди ин, баланд бардоштани нақши танзимкунандаи Бонки марказӣ шарти муҳимми муваффақият мебошад. Ба Бонки марказӣ дар пешбурди сиёсати пулию қарзӣ, қобилияти қонунан муқарраршуда барои назорати шабакаҳое, ки тавассути онҳо пул ба кишвар ворид мешавад, мустақилият дода мешавад ва дар айни замон мувофиқати фаъолияти вай ба сиёсати умумӣ аз тарафи давлат назорат карда мешавад. Дар шароити буҳрони иқтисодӣ, суст инкишоф ёфтани муносибатҳои бозорӣ, сустии низоми пулию молия Бонки марказӣ ҳатман усулҳои қатъии маъмурии танзимро ба кор мебарад. Яке аз усулҳои зиддитаваррумӣ, ҳадафгирии таваррум (таргетиронӣ) – аз ҷониби Бонки марказӣ муқаррар намудани ҳадафҳои афзоиши ҳаҷми пул мебошад [6].

Дар баъзе мавридҳо ҳадафгирии таваррум танҳо ба пешгӯии расмии рушди эҳтимолии вазъ меояд. Дар ҳолатҳои дигар, ё ҳадафи устувори афзоиши қобили қабул барои як ё якчанд агрегатҳои пулӣ барои як давраи муайян муқаррар карда мешавад, ё ба истилоҳ «фишанг» истифода мешавад - маҳдудияти боло ва поёнии қобили қабул муқаррар карда мешавад.

Истифодаи «фишанг» бо як қатор сабабҳои объективӣ, аз ҷумла тағйироти кӯтоҳмуддати вазъияти бозор, таъсири иқтисодии берунӣ ва душвориҳои вобаста ба ченкунии омории муомилоти пул вобаста аст. «Фишанг»-и васеъи 3% аз афзоиши дараҷаи номуайянӣ ва коҳиши самаранокии танзими муомилоти пул шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин, Бонки марказӣ бо муқаррар намудани фарқияти назаррас байни ҳудуди болоӣ ва поёнии суръати афзоиши ҳаҷми пул, барои вокуниш ба пайдоиши номутаносибӣ бидуни коҳиш додани эътимод ба сиёсати идоракунии пулии худ дидаву дониста имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Дар посух ба ду далели асосии мухолифони ҳадафгирӣ бояд қайд кард, ки равандҳои таваррумӣ инерсияи бузург доранд. Аз ин рӯ, маълум аст, ки бонкҳои марказӣ бо доштани суръати назарраси беқурбшавии пул дар мавқеи ибтидоии худ, ҳангоми муайян кардани ҳадафҳо суръати «ногузир»-и таваррумро нодида гирифта наметавонанд. Бо вуҷуди ин, ин маънои онро надорад, ки ҳадаф бесамар аст.

Вазъияти ноустувори умумии иқтисодӣ, омилҳои иқтисодии берунӣ, пайвастшавии вазъи тамоюли зичии низоми хоҷагии халқ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дигар омилҳо — ҳамин аст, ки ҳукуматҳои мамлакатҳои тараққикарда сиёсати комилан автономии пулию қарзиро пеш гирифта наметавонанд. Хуруҷи сармояи байналмилалӣ, тафовути меъёрҳои фоизӣ дар байни кишварҳо ва тағйирёбии асъор баъзан боиси дур шудани бонкҳои марказӣ аз ҳадафҳои пешбинишуда мегардад.

Аҳамияти ҳадафгирии таваррум дар байни ҳамаи усулҳои танзими муомилоти пул аз ҷониби Бонки марказӣ баҳо додан душвор аст. Муайян намудани нишондодҳо ва мониторинги динамикаи нархҳо имкон медиҳад, ки сари вақт дар бораи чораҳои зарурии танзим қарор қабул карда шаванд. Ҳадафгирии таваррум ҳамчун нишондиҳандае амал мекунад, ки зарурати тағйироти муайянро нишон медиҳад.

Илова бар ин, муайян намудани ҳадафҳо ба интизориҳои таваррумӣ дар субъектҳои соҳибкорӣ таъсир мерасонад, ки ин худ як омили муҳимми мустақили дараҷаи беқурбшавии пул буда, ба паст шудани сатҳи таваррум мусоидат мекунад.

Фишори беруниро ба нархҳо бо ду роҳ маҳдуд кардан мумкин аст. Якум, аз ҳисоби чораҳои маъмурӣ, ҳавасманд накардани хароҷоти буҷет, ки хусусияти ҷубронӣ нахоҳанд дошт, мисли пардохти нафақа ба нафақахӯрон. Дуюм, ин идоракунии мустақими қурби асъор аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон - он метавонад бо роҳи идоракунии меъёрҳои фоизӣ бозори асъорро боздорад.

Усулҳои мубориза бо таваррум метавонанд мустақим ва ғайримустақим бошанд. Бештар чунин шакл зоҳир мешавад - ҳар қадаре, ки вазъият ба буҳрон наздик бошад, ҳамон қадар усулҳои бевоситаи таъсиррасонии Бонки марказӣ ба иқтисодиёт ва ҳаҷми пул

ҳамчун ҷузъи таркибии он зудтар мебошанд. Усулҳои мустақим муқаррар намудани маҳдудиятҳои (лимити) гуногун, интишори санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо дар бораи ислоҳоти пулиро дар бар мегиранд.

Усулҳои бавосита аз сабаби мавҷуд набудани як қисми унсурҳои бозорӣ дар иқтисодиёт, ки баъзе онҳоро мо дар шароити иқтисодии Тоҷикистон мушоҳида карда метавонем, ба миён меояд. Масалан, дар ҷумҳурии мо айни ҳол бозори фондӣ, аз ҷумла майдони махсусгардонидашудаи (биржаи фондӣ) фурӯши бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ надорем. Аз ин рӯ, Бонки марказӣ наметавонад тавассути хариду фурӯши коғазҳои қиматнок ба ҳаҷми пул таъсир расонад.

Танзими бевоситаи қобилияти харидории воҳиди пулӣ чунин усулҳоро дар бар мегирад:

- танзими бевоситаи қарзҳо ва тақсимоти онҳо аз тарафи давлат;
- танзими давлатии нарх, яъне давлат тавассути тадбирҳои маъмурию қонунгузорӣ ва буҷетию молиявӣ метавонад ба нархҳо тавре таъсир расонад, ки ба рушди устувори тамоми низомҳои иқтисодиёт мусоидат намояд;
- танзими давлатии лимити музди кор. Он фарқияти сатҳи музди меҳнатро вобаста ба сифат, ҳаҷм ва самаранокии саҳми меҳнат, шароити меҳнат, шароити табиию иқлимӣ ва дигар хусусиятҳои минтақаҳо дар бар мегирад; афзоиши музди кор бо афзоиши самараи истеҳсолот, индексатсияи он бо афзоиши нархҳои таваррум; таъмин намудани таносуби оптималии такрористеҳсолкунӣ дар тақсимоти даромади хоҷагӣ ба мақсадҳои истеъмол ва ҷамъкунӣ; якҷоя кардани мустақилияти корхонаҳо бо танзими давлатии музди меҳнат дар доираи ҷуброни давлат, ки қонун муқаррар кардааст;
- танзими давлатии савдои берунӣ ва амалиёт бо сармояи хориҷӣ. Ин тадбирҳое мебошанд, ки ба кам кардани воридот ва вусъат додани содирот бо мақсади бартараф намудани касри (дефитсити) балански пардохт нигаронида шудаанд. Танзими савдои беруна дар шакли боҷҳо, субсидияҳои содирот, квотаҳои воридот ва ғайра ифода меёбад;
- танзими давлатии қурби асъор. Қурби пасти пули миллӣ ба воридоти гаронбаҳо ва коҳиши арзиши содирот ба хориҷ мусоидат мекунад. Ин боиси баланд шудани нархи молҳои воридотӣ мегардад.

Умуман, бояд гуфт, ки дар шароити имрӯза танҳо усулҳои бевоситаи муборизаи зидди таваррум — танзими қарз, нарх ва музди кор, танзими курби асъор ва савдои берунӣ самарабахш ба ҳисоб меравванд.

Ҳамин тариқ, таваррум пур шудани шабакаҳои гардиши пул бо ҳаҷми зиёдатии пул, массаи таъминнашудаи мол ва хизматрасонӣ мебошад, ки дар беқурбшавии пул ва болоравии нархҳо зоҳир мешавад. Ба соҳаҳои иқтисодию сиёсӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъият таъсири манфӣ мерасонад.

Вобаста ба омилҳои гуногун чунин навъҳои таваррум, ба монанди таваррум аз рӯи талабот ва таваррум бо хароҷот, хазанда, чархзананда, гипертаваррум, мутавозин ва номутаносиб, интизорӣ ва ғайричашмдошт, ошкоро ва рафъшаванда мавҷуданд.

Таварруми муосир як қатор хусусиятҳои фарққунанда дорад: агар дар давраҳои пеш таваррум хислати маҳаллӣ дошта бошад, ҳоло вай дар ҳама ҷо паҳн шуда, ҳамаро фаро гирифтааст; агар пештар давраи калонтару хурдтарро фаро гирифта бошад, яъне характери даврагӣ дошта бошад, ҳоло мунтазам аст.

Таваррум як раванди бисёромилист. Он метавонад дар зери таъсири ҳарду омилҳои пулӣ (ҳаҷми пешниҳоди пул, таварруми воридотӣ, ки дар натиҷаи беқурбшавии қурби воҳиди пул, ки боиси болоравии нархи бозории молҳои истеъмолии воридотӣ ва аз ҳад зиёд васеъшавии он мегардад) ва ғайрипулӣ (пастшавии афзоиши ҳосилнокии меҳнат, кам шудани ҳаҷми истеҳсолот, монополия ва ғ.) ба вуҷуд ояд [1].

Ҳоло дар муқоиса бо соли гузашта коҳиши мизони таваррум мушоҳида мешавад. Аммо нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, сӯзишворӣ, хидматрасонии нақлиёти мусофиркашонӣ ва бисёр дигар молу хидматҳо баланд шуда, то ин ҷониб низ идома дорад; даромади пулии ҳақиқии аҳолӣ афзуд, вале суръати афзоиши хароҷоти истеъмолии аҳолӣ аз суръати афзоиши даромад зиёд аст; ҳаҷми маблағгузорӣ афзуд, қурби номиналии асъор мустаҳкам мешавад.

Вобаста ба суръати фаъолият, таваррум ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфӣ дорад. Сатҳи пасти таваррум барои муваққатан эҳёи ҳолати ҷорӣ тавассути афзоиши нархҳо ва маржаи фоида кумак мекунад.

Нақши Бонки марказӣ дар танзими равандҳои таваррум бузург аст. Он метавонад ба онҳо бо истифода аз усулҳои мустақим ва ғайримустақим, инчунин, сиёсати мақсаднок, яъне муайян кардани ҳадафҳое, ки афзоиши ҳаҷми пулро маҳдуд мекунанд, таъсир расонад, ки ин имкон медиҳад, ки дар бораи тадбирҳои зарурии танзим қарор қабул карда шавад.

Дар айни замон таваррум яке аз равандҳои дардноктарин ва хатарноктарин ба ҳисоб меравад, ки дар маҷмуъ ба низоми молия, пулию қарзӣ ва иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсент Икромов Ф.Н.**


**АДАБИЁТ**

1. Жуков Е.Ф. Деньги. Кредит. Банки / Е.Ф. Жуков. -М.: ЮНИТИ, 2001. -622 с.
2. Икромов Ф.Н. Механизм регулирования антикризисных мер банков в Республике Таджикистан / Ф.Н. Икромов, Н.К. Икромов // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. -Симферополь, 2022. -С.227-231.
3. Икромов Ф.Н. Таҳлили вазъи қарзҳои бонкӣ ва чараёни идоракунии хавфҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Н. Икромов // Маҷалаи илмии Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -№4/1(43). -С.85-95.
4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12. 2022. шаҳри Душанбе. www.president.tj.
5. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: nbt.tj
6. Фунг Тхе Донг. Роль и место центрального банка в системе денежно-кредитного регулирования при общественном привлечении / Фунг Тхе Донг // «Мир науки. Педагогика и психология». - 2014.
7. Хушвахтзода К.Х. Роль банковского кредитования в развитии малого сельскохозяйственного бизнеса // Хушвахтзода К.Х., Имомназарова Т.А. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№7. -С.35-41.
8. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳлили рушди молиявию қарзии субъектҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№3. -С.162-174.
9. Хушвахтзода Қ.Х. Хусусиятҳои истифодаи захираҳои молиявию қарзии субъектҳои бахши кишоварзӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. -№5. -С.5-11.
10. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз / Шариф Раҳимзода. -Душанбе: ЭР-граф, 2018. -516 с.


## НАҚШИ КАЛИДИИ БОНКИ МАРКАЗӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ПУЛӢ ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН ДАР РАВАНДҲОИ ТАВАРРУМӢ


Дар мақола принсипҳои асосие, ки бонкҳои марказии муосир ҳангоми татбиқи стратегия ва тактикаи сиёсати пулию қарзӣ бояд онҳоро роҳнамоӣ кунанд, баррасӣ мешавад. Ба инҳо иттилооти саривақтӣ ва фаҳмонидани мазмуну ҳадафҳои сиёсат ба ҷонибҳои манфиатдор, шаффофияти сиёсати пулию қарзӣ ва мустақилияти Бонки марказӣ дар қабули қарорҳо дохил мешаванд. Муаллиф иддао кардааст, ки фаъолияти Бонки марказӣ бар асоси ин принсипҳо номуайянӣ ва асимметрияи иттилоотиро коҳиш медиҳад, пешгӯии сиёсати пулию қарзиро афзоиш медиҳад, инерсияи таваррумро коҳиш медиҳад, чандирии вокуниши иқтисодро ба зарбаҳо афзоиш медиҳад, масъулияти Бонки марказиро назди ҷамъият афзоиш медиҳад, нуфузи онро мустаҳкам намуда, обрӯи сиёсати худро афзун мегардонад.



**Калидвожаҳо:** Бонки марказӣ, меъёри калидӣ, танзими пулӣ, сиёсати пулию қарзӣ, таваррум, ҳадафгирии таваррум (таргетиронӣ), равандҳои таваррумӣ, беқурбшавии пул.


## КЛЮЧЕВАЯ РОЛЬ ЦЕНТРАЛЬНОГО БАНКА В РЕГУЛИРОВАНИИ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ЕГО СВЯЗИ В ИНФЛЯЦИОННЫХ ПРОЦЕССАХ


В данной статье рассматриваются основные принципы, которыми должны руководствоваться современные центральные банки при реализации стратегии и тактики денежно-кредитной политики. К ним относятся своевременное информирование и разъяснение целей политики заинтересованным сторонам, прозрачность денежно-кредитной политики и независимость центральных банков в принятии решений. Автор утверждает, что деятельность центрального банка на основе этих принципов снижает неопределенность и информационную асимметрию, повышает предсказуемость денежно-кредитной политики, снижает инфляционную инерцию, повышает гибкость реакции экономики на шоки, повышает ответственность центрального банка в обществе, укрепляет его влияние и повышает авторитет его политики.

**Ключевые слова:** центральный банк, ключевая ставка, денежно-кредитное регулирование, денежно-кредитная политика, инфляция, таргетирование, инфляционные процессы, девальвация валюты.

## THE KEY ROLE OF THE CENTRAL BANK IN THE REGULATION OF MONETARY RELATIONS AND ITS CONNECTION IN INFLATIONARY PROCESSES

This article discusses the basic principles that modern central banks should be guided by when implementing the strategy and tactics of monetary policy. These include timely communication and communication of policy objectives to stakeholders, transparency in monetary policy, and independence of central banks in decision-making. The author argues that the activity of the central bank based on these principles reduces uncertainty and information asymmetry, increases the predictability of monetary policy, reduces inflationary inertia, increases the flexibility of the economy's response to shocks, increases the responsibility of the central bank in society, strengthens its influence and increases the authority of its policy.

**Keywords:** central bank, key rate, monetary regulation, monetary policy, inflation, targeting, inflationary processes, currency devaluation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Рахматова Наргиз Мухамадҷоновна*** –Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллими калони кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова, 1. E-mail: **nargiz.rahmatova@mail.ru.** Телефон: **+992 927 88 43 30**

**Сведения об авторе:** ***Рахматова Наргиз Мухамаджоновна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры банковского дела. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Мавлонбекова, 1. E-mail: **nargiz.rahmatova@mail.ru.** Телефон: **+992 927 88 43 30**

**Information about the author:** ***Rakhmatova Nargiz Muhamadzhonovna*** - State Educational Institution "Khujand State University named after academician B. Gafurov". Senior Lecturer of the Department of Banking. **Address:** Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Avenue, 1**.** E-mail: **nargiz.rahmatova@mail.ru.** Phone: **+992 927 88 43 30**

УДК 330 (575.3)

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ ШАРИКИИ СТРАТЕГИИ ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМӢ

*Маҳмадуллоев А.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар айни замон, шарикии стратегӣ яке аз усулҳои муҳим ва самараноки таъмини рушди ҷамъиятҳои саҳомӣ ба шумор рафта, дар муайян намудани ҳадафҳои стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ саҳми босазо мегузорад. Дар натиҷаи ба роҳ мондани шарикии стратегӣ, иқтидори истеҳсолии корхонаҳои шарикӣ бештар мегардад.

Мафҳуми "шарикии стратегӣ ҳамкории як ширкат бо ширкати дигар ва ё ҳамкории якчанд ширкат ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ фаҳмида мешавад" [4]. Дар робита ба ин, иштирокчиёни бозор шаклҳои аз ҳама пурсамари муттаҳидшавиро меҷӯянд, ки ин раванд дар садсолаи охир идома дорад. Ҳамин тавр, дар поёни "қарни XX ва аввали қарни XXI ба шаклҳои маъмулии ҳамкориҳо ба монанди консортсиумҳо, конгломератҳо, картелҳо, синдикатҳо ва трестҳо, инчунин, ба шаклҳои ҳамкори шакли нави шарикии стратегӣ зам гардид, ки теъдоди онҳо дар як давраи нисбатан кӯтоҳ даҳҳо маротиба афзудааст" [4].

Дар заминаи гуфтаҳои боло барои амиқтар шудани аҳдоф гуфтан мумкин аст, ки шарикии стратегӣ шароит фароҳам меоварад, ки тарафҳо аз технологияҳои муосир баҳраманд гарданд, ба бозорҳои нав аз тариқи нуқтаҳои фурӯши муштарак роҳ пайдо кунанд. Он имкон медиҳад, ки мубодилаи молу хадамот дар асоси ба роҳ мондани муносибатҳои барои тарафайн судманд ва бо ба кор гирифтани фановариҳои муосир ташкил карда шаванд. Илова бар ин, "шарикии стратегӣ имкон медиҳад, ки ширкатҳои ватанӣ аз таҷрибаи бою ғании ширкатҳои хориҷӣ ҷиҳати истеҳсоли молу хизматҳои рақобатпазир истифодаи босамар ба амал биёваранд" [3]. Аммо, сарфи назар аз тадқиқотҳои зиёд, муаммоҳои ташаккули системаи идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст.

Ҷамъияти саҳомӣ як шакли муттаҳидсозии сармоя тавассути барориши саҳмияҳо дар ҳаҷми сармояи муттаҳидшуда мебошад. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, ба саҳмдорон имкон медиҳад, ки дар фоидаи он ширкат варзида, дар шакли дивиденд ҳиссаи худро гиранд.

Яке аз афзалиятҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ қобилияти ҷалб ва истифода бурдани на танҳо сармояи калон, балки сармояи хурд низ мебошад. Агар мо ба асосҳои ҳуқуқии ҷамъияти саҳомӣ такя кардан хоҳем, пеш аз ҳама, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" муроҷиат мекунем, ки дар моддаи 3 он тавсифи ҷамъияти саҳомӣ чунин шарҳ дода шудааст: "Ҷамъияти саҳомӣ – ин ташкилоти тиҷоратие, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, иштирокчиёни (саҳмдорон)-и он аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ масъулият надоранд ва таваккали зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд" [1]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъиятҳои саҳомиро метавон аз ҷониби як шахс ва ё якчанд шахсон таъсис дод.

Мутаассифона, дар кишвари мо, айни ҳол, имкониятҳои шарикии стратегӣ дар ҷамъиятҳои саҳомӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои дарозмуддат пурра истифода бурда намешаванд. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: "Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд" [5]. Ба андешаи мо, яке аз чунин чораҳо ин рушди шарикии стратегӣ дар корхонаҳои истеҳсоливу тиҷоратии кишвар ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, ҳар як корхонаи бахши саноатро мебояд, барои таҳия намудани стратегияи асосноки рушди худ ҳавасмандӣ зоҳир намояд. Ба хотири ноил шудан ба рақобатпазирии баланди маҳсулот ва рушди устувори корхонаҳои бахши саноат, дуруст ба роҳ мондани механизми идоракунии шарикии стратегӣ, чун раванди ташаккули стратегияҳо ва асосноккунии таъмин будан бо маълумоти зарурӣ ҳангоми қабули қарорҳои стратегӣ талаб карда мешавад.

Зарур аст, ки муқаррароти назариявӣ ва амалӣ дар соҳаҳои алоҳидаи саноат, таъмин намудани таҳлили стратегӣ, рушд додани он барои ҳавасманд намудани раванди идоракунии ширкат, инчунин, таҳлили шарикии стратегӣ дар ширкат имконият фароҳам оварда шавад. Дар акси ҳол, барои бартараф намудани ин вазъият, зарурати таҳияи такмили механизмҳои идоракунии шарикии стратегии ширкатҳо зарур аст.

Мо, дар ин масъала ба асарҳои зиёди олимони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба омӯзиши механизмҳои идоракунии шарикии стратегӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, ширкатҳо, корхонаҳо ва ғ. бахшида шудаанд, таваҷҷуҳ менамоем, аз ҷумла Қ.Х. Хушвахтзода [6], Д.А. Ҳодиев [2; 7] ва дигарон ба таҳқиқи муаммоҳои шарикии стратегӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Инчунин, дар асарҳои олимони хориҷӣ ба монанди Н. Нижник [14], О. Коротыч [12], И. Ансоф [8;9] ва Котлер Ф [13], Н. Биэлииева [11], С. Вуттон [16] ва Г. Астапов [10] ва дигарон, ки механизмҳои асосии идоракунии шарикии стратегиро тадқиқ намуда, дар интишороти худ ба паҳлуҳои мухталифи масъалаи мазкур дахл намуданд.

Дар робита ба ин, ҳадаф ин равшан кардани моҳият, муайян кардани навъҳо ва хусусиятҳои асосии такмили механизмҳои идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ дар иқтисоди бозорӣ мебошад. Ба маънои васеъ, менеҷмент, менеҷменти стратегӣ, менеҷменти инноватсионӣ ва менеҷменти молиявӣ як системаи идоракунӣ мебошанд, ки ба ҳар як ширкат мавқеи рушди умумиро таъмин мекунанд.

Ин намуди идоракунӣ ба рушди муттасили ширкат мусоидат намуда, фаъолияти ширкатҳоро баҳри ноил гардидан ба ҳадафи асосӣ равона мекунад [10].

Муҳаққиқон моҳияти идоракунии шарикии стратегиро аз нуқтаи назари равишҳои гуногун ва омезиши онҳо баррасӣ мекунанд. Масалан, С. Вуттон [16] равиши мақсаднокро пешниҳод карда буд, ки муқаррар намудани мақсад, вазифаҳои ширкат ва нигоҳ доштани робитаи байни ширкатҳо ва муҳити атрофро дар бар мегирад.

Бояд тазаккур намуд, ки идоракунии шарикии стратегии ширкатҳо ба ноил шудани ҳадафҳои нигаронидашуда, ба имкониятҳои дохилии он мувофиқат мекунад ва ҳатто имкон медиҳад, ки ба талаботи беруна мусоид боқӣ монад. Таърифи моҳияти идоракунии шарикии стратегӣ дар асарҳои И. Ансофф [8] инъикос ёфтааст, ки ин фаъолиятро раванди таҳия ва татбиқи стратегияҳои самараноки рушд арзёбӣ кардааст. Моҳияти шарикии стратегиро дар сатҳи корхонаҳо, ташкилотҳо ва ғ. И.С. Ратинска амиқтар таҳлил намудааст [15].

Айни ҳол, равиши асосӣ ба таснифоти шаклҳои шарикии стратегӣ, ба омили назорати корпоративӣ, яъне ба ҳиссаи иштирок дар сармояи шарикии стратегии бунёдшаванда такя мекунад. Шарикиҳои ба ҳиссагузорӣ асоснаёфта, иттиҳоди созмонҳо дар заминаи шартнома ва ҳамкории ба шартнома асосёфтаи онҳо мебошанд. Дар байни онҳо қарордод оид ба истеҳсолоти шарикӣ, маркетинг, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, технологӣ ва амсоли онҳо буда метавонанд. Ҷамъиятҳои саҳомӣ дар асоси ҳиссагузорӣ намудан бо мақсадҳои дар пешгузоштаи худ мерасанд.

Ба андешаи мо, равиши комили таснифи шаклҳои шарикии стратегӣ, бояд дар баробари назорат, инчунин, меъёри шартнома, яъне ӯҳдадорӣ ва захираҳо низ ба инобат гирифта шаванд. Шаклҳои шарикии стратегиро бо таваҷҷуҳ ба аломати зикр шуда дар расми 1 метавон чунин тасвир намуд.

Ин таснифот имконият медиҳад, ки шакли аз ҳама мақбултари ташкили шарикӣ вобаста ба аҳдофи тақрибии иштирокчиён интихоб карда мешавад, ки ин дар навбати худ, ба зиёд кардани самараи мусбати чунин ҳамкориҳо то ба ҳадди ниҳоӣ мусоидат менамояд.

**Расми 1. Таснифоти шаклҳои шарикии стратегӣ бо таваҷҷуҳ ба тааҳҳуд ба захираҳо (Figure 1. Classification of strategic partnership forms with emphasis on commitment to resources)**




Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои соҳавӣ

Ҳамин тавр, таснифоти шарикии стратегӣ ҳангоми тасмимгирии созмон оид ба такмили механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ аҳамияти амалӣ касб мекунад. Такмили механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ барои мутобиқ шудан ба шароит доимо тағйирёбандаи бозор ва сохтори рақобатӣ бо созмонҳое истифода мешавад, ки пайваста захираҳо, қобилиятҳо ва салоҳиятҳои асосиро инкишоф медиҳанд. Идоракунии шарикии стратегии ҳар як ширкат як қатор механизмҳои дахлдорро дар бар мегиранд. Муҳаққиқон механизми идоракунии стратегиро раванди муайяне мешуморанд, ки ба ноил шудан ба аҳдоф нигаронида шудааст, ки аҳдофи идоракунӣ ва муносибатҳои онҳоро дар бар мегиранд, ин захираҳои идоракунӣ ва потенсиали иҷтимоӣ-иқтисодии он мебошад. Механизмҳои идоракунии шарикии стратегиро дар навбати худ, тадқиқотчиён ҳамчун маҷмуи усулҳои мувофиқ ба идоракунӣ муайян мекунанд, ки тавассути онҳо таъсири давлат ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии одамон бо мақсади таъмини шудан ба шуғл мусоидат мекунад. Механизмҳои идоракунии шарикии стратегӣ ин воситаҳо, фишангҳо ва ҳавасмандкунӣ мебошанд, ки тавассути онҳо мақомоти давлатӣ ба ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ барои ноил шудан ба аҳдоф, таъсир мерасонанд.

Хусусияти муҳимми механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ дар он аст, ки сохти он ба хусусиятҳои субъектҳо ва объектҳои мушаххаси идоракунӣ ва хусусияти таъсири мақсадноки субъекти идоракунӣ вобаста аст. Механизмҳои идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомиро вобаста ба хусусиятҳои субъект ва объектии он гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Масалан, дар расми 2 механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ ишора гардидааст.

Дар робита ба ин, механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ бояд ҳамчун системаи иерархивии таъсири амалии мақомоти давлатӣ ба рушди ҷамъиятҳои саҳомӣ бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои дарозмуддати тарафҳои асосии манфиатдори ҷамъияти саҳомӣ, амалӣ гардад. Онҳо қисми таркибии механизми идоракунии шарикии стратегӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ғайра мебошанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар аксар маврид, идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомиро дар ду сатҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) дар сатҳи давлатӣ ва 2) дар сатҳи корпоративӣ (дар сатҳи ширкат).

Ин сатҳҳо аз ҷиҳати фарогирии гурӯҳҳои манфиатдор ба фаъолияти ҷамъиятҳои саҳомӣ таъсир мерасонанд ва дар натиҷа, ҳадафи асосии онро машаххас менамояд.

Дар сатҳи давлатӣ - рушд ва мусоидат ба самаранокии сектори давлатии иқтисодиёт, татбиқи вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат нигаронида шудааст.

**Расми 2. Механизмҳои идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ**
**Figure 2. Management mechanisms of strategic partnerships of joint-stock companies**




Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои соҳавӣ

Дар сатҳи корпоративӣ бошад, ин баланд бардоштани некуаҳволии саҳмдорон, фоида ва афзоиши сармояи ҷамъиятҳои саҳомӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, дар аксари давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ва ё Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар сатҳи қонунгузории худ пешбинӣ намудаанд, ки директорони ширкатҳо, ҷамъиятҳо, корпоративҳо мустақил бошанд, то ин ки дар муайян намудани самти фаъолияти корхона тобеи ягон ниҳод ва ё сохтори давлатӣ набошанд. Аксар вақт чунин директорони мустақил аз бахши хусусӣ ҷалб карда шуда, дар соҳаи худ коршиносони шинохташуда ҳисобида мешаванд [15].

**Расми 3.**




Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои соҳавӣ

Дар расми 3 бобати механизмҳои идоракунии корпоративии ҷамъиятҳои саҳомӣ ишора гардидааст.

Бо вуҷуди ин, аксар вақт барои муайян намудани механизми идоракунии корпоративии ҷамъиятҳои саҳомӣ, навъҳои онҳо равиши функсионалӣ истифода мешавад, ки дар асоси тафриқаи марҳилаҳои идоракунии шарикии стратегӣ ва мушаххас кардани вазифаҳои асосӣ барои гузаштани пайдарпайи онҳо, асос ёфтааст.

Механизмҳои идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомиро аз рӯи меъёрҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст, аз ҷумла:

- механизми банақшагирии стратегӣ;
- механизми ташкили стратегӣ;
- механизми ҳавасмандкунии стратегӣ;
- механизми назорати стратегӣ;
- механизми идоракунии корпоративӣ.

Дар ин замина бояд қайд кард, ки идоракунии шарикии стратегӣ сохтор ва марҳилаҳои худро дорад, ки пайдарҳамии вазифаҳои онро инъикос мекунанд. И. Ансоф [9] нуҳ марҳилаи раванди идоракунии шарикии стратегиро баррасӣ мекунад, ки дар ҷадвали 1 батаври зайл дарҷ гардиданд.

**Ҷадвали 1.**

| № | **Марҳилаҳои раванди идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ** |
|---|---|
| 1 | Таҳияи вазифаҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| 2 | Таҳияи ҳадафҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| 3 | Таҳлили муҳити дохилаи ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| 4 | Таҳлили муҳити берунаи ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| 5 | Тадқиқоти идоракунии ҷанбаҳои қуввату заъфи ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| 6 | Таҳлили стратегияҳои алтернативии ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| 7 | Татбиқи стратегияи ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| 8 | Банақшагирӣ ва татбиқи нақшаи стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| 9 | Арзёбии стратегияи ҷамъиятҳои саҳомӣ |

Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳавӣ.

Чун қоида, давраи идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ аз банақшагирии стратегӣ оғоз меёбад. Банақшагирии стратегӣ раванди татбиқи маҷмуи корҳои пайгирона ва мутақобила бо муайян намудани мақсадҳои дарозмуддат ва фаъолияти ҷамъиятҳои саҳомӣ мебошад. Аммо, банақшагирии шарикии стратегӣ на танҳо самти асосии рушди ҷамъияҳои саҳомиро ташкил медиҳад, балки имкон медиҳад, ки бо назардошти тағйироти сохторӣ ислоҳ карда шавад [9]. Механизми банақшагирии шарикии стратегӣ ба эҷоди бартариятҳои рақобатпазири дарозмуддати ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ё захираҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ нигаронида шудааст.

Банақшагирии шарикии стратегӣ метавонад таҳлили вазъи кунунӣ, таҳияи дурнамо ва таҳияи нақшаи амалиро дар бар гирад. Мувофиқи назарияи И. Ратинска [15] марҳилаҳои зерини банақшагирии стратегиро дар ҷадвали 2, чунин муайян намудан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.**

| **№** | **Марҳилаҳои банақшагирии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ** |
|---|---|
| **1** | Муайян кардани мушкилот ва имкониятҳое, ки ҷамъиятҳои саҳомӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд |
| **2** | Ҳадафҳои банақшагирии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| **3** | Банақшагирии воситаҳои ноил шудан ба ҳадафҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| **4** | Банақшагирии захираҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ |
| **5** | Татбиқ ва назорати фаъолияти ҷамъиятҳои саҳомӣ |

Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳавӣ

Аз маводҳои дар боло тадқиқотшуда бар меояд, ки идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ дорои хусусияти бисёрзинагӣ буда, ба қобилияти механизми

идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ ҷиҳати татбиқи ҳуқуқҳои давлат ҳамчун соҳибкории дахлдор асос ёфтааст.

Аз ҷониби дигар, хеле муҳим аст, ки рақобатпазирии дарозмуддати ҷамъиятҳои саҳомии боҳамомада боиси инкишофи равандҳои идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ мегарданд.

Дар умум, такмили механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки омили хеле муҳимми рушди босуботи иқтисодӣ мебошад, ҷанбаҳои зиёди иҷтимоӣ низ дошта метавонад. Зеро, аҳдоф аз амалисозии он на танҳо рушди ҷамъиятҳои саҳомӣ, балки таъмини шуғли пурмаҳсули аҳолӣ мебошад. Бо назардошти зарурат фароҳам овардани шароит барои рақобатпазирии дарозмуддати ҷамъиятҳои саҳомӣ, ташаккули шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии стратегӣ аз масоили муҳимми танзими давлатии иқтисодиёт ба шумо меравад. Маҳз ҳаминро ба назар гирифта, такмили механизми идоракунии шарикии стратегиро ҳамчун маҷмуи усулҳои мувофиқ, ки тавассути онҳо таъсири давлат ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии одамон бо мақсади таъмин шудан ба шуғл мусоидат мекунад, таъриф намудан мумкин аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Муҳсинов Д.С.**

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Таҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ". [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат 10.01.2023).
2. Маҳмадуллоев А.С. Ҷанбаҳои назариявии инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / А.С. Маҳмадуллоев, Д.А. Ҳодиев, Ҳ. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020. –№4. –С.87-93.
3. Маҳмадуллоев А.С. Асосҳои назариявии мукаммалгардонии муҳити институтсионалии инкишофи корхонаҳои муштарак / А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2022. –№4. –С.66-71.
4. Маҳмадуллоев А.С. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.С. Маҳмадуллоев, Э. Миршарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020. –№1. –С.152-157.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, аз 23.12.2022. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/29823 (санаи муроҷиат 10.01.2023).
6. Хушвахтзода Қ.Х. Принсип ва методҳои хавфу хатарҳои сармоягузории корхонаҳои саноатӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Г.Х. Зувайдуллоева // Ахбори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. -Бохтар, 2021. -№11(83). -С.174-178.
7. Ҳодиев Д.А. Таҳаввулоти назарияи иқтисодиёти минтақавӣ дар партави рушди назарияи фаъолияти соҳибкорӣ / Д.А. Ҳодиев, Самадзода Ф.Ҳ. // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. –Душанбе, 2020. –№3(71). –С.156-164.
8. Ansoff I. Strategic management / I. Ansoff // New York: Palgrave Macmillan, in English. –New York, 2007. –P.185-189.
9. Ansoff I. Novaya korporativnaya strategiya // The new corporate strategy. Saint Petersburg: Piter Kom, in Russian. –Piter, 1999.
10. Astapova G.V., Astapova E.A., Loyko D.P. Organizatsionno-ekonomicheskiy mekhanizm korporativnogo upravleniya v sovremennykh usloviyakh reformirovaniya ekonomiki Ukrainy. –Donetsk: DonGUET im. M. Tugan-Baranovskogo, in Russian. – Donetsk, 2011.
11. Bieliaieva N.S. The Strategy of the Enterprise as an Element of the Mechanism of Strategic Management // Naukovyi visnyk Khersonskoho derzhavnoho universytetu. Seriia "Ekonomichni nauky"- Scientific Bulletin of the Kherson State University. Series "Economic Sciences". -2015. –№15(5). –P.54–56.
12. Korotych O.B. Derzhavne upravlinnia rehionalnym rozvytkom krainy: vyznachennia osnovnykh poniat // State administration of regional development of the country: the definition of basic concepts. Visnyk ekonomichnoi nauky Ukrainy –Bulletin of Economic Science of Ukraine. –Ukraine. -2010. –№2 (18). –P. 57–61.
13. Kotler P., Keller K.L. Marketing management // New Jersey: Prentice Hall, in English. –New Jersey. -2011. –P. 211-219.
14. Nyzhnyk N.R., Mosov S.P. Teoretychni aspekty derzhavnoho upravlinnia // Theoretical Aspects of Public Administration. Chernivtsi: Tekhnodruk –Ukrainian. -2011.
15. Ratynska I.S. Mechanisms of strategic management by state joint stock companies // the essence and variants/Публічне урядування. -2019.–№4 (19). –С. 235–250.
16. Wootton S., Horne T. Strategic Thinking A Step-by-step Approach to Strategy and Leadership // New Delhi: Kogan Page, (in English). -2010. –196 p.

## ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ ШАРИКИИ СТРАТЕГИИ ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМӢ

Дар мақола масъалаҳои такмили механизмҳои идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои раванди идоракунии механизми шарикии стратегӣ, инчунин, нақши механизми идоракунии шарикии стратегӣ дар фаъолияти ҷамъиятҳои саҳомӣ муайян гардидааст. Бо ин мақсад, равишҳои асосии таърифи мафҳумҳои шарикии стратегӣ, идоракунии стратегӣ, механизми идоракунӣ, инчунин, андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба вазифаҳои такмили механизми идоракунии шарикии стратегӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Инчунин, дар мақола роҳҳои такмили механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ бо назардошти ташаккули стратегияи рушди ширкат дар асоси истифодаи самараноки шаклҳои гуногуни шарикии стратегӣ баррасӣ шудааст. Муҳиммияти ҷорӣ намудани шаклҳои гуногуни шарикии стратегӣ ҳамчун роҳи таъмини рақобатпазирии шарикон, ки ба тавсеаи шуғли пурсамари аҳолӣ ва ноил шудан ба аҳдофи стратегии рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунанд, зикр гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** стратегияи рушд, механизмҳои идоракунӣ, шарикии стратегӣ, идоракунии давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, механизмҳои идоракунии стратегӣ, вазифаҳои стратегии идоракунӣ, идоракунии корпоративӣ.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПАРТНЕРСТВА АКЦИОНЕРНЫМИ ОБЩЕСТВАМИ

В статье рассматриваются проблемы совершенствования механизмов управления стратегическим партнерством акционерных обществ, раскрываются особенности процесса управления механизмом стратегического партнерства, а также роль механизма управления стратегическим партнерством в деятельности акционерных обществ. С этой целью изучены основные подходы к трактовке понятий стратегического партнерства, стратегического управления, механизма управления, а также позиция отечественных и зарубежных исследователей по задачам совершенствования механизма управления стратегическим партнерством. В статье также рассмотрены пути совершенствования механизма управления стратегическим партнерством акционерных обществ с учетом формирования стратегии развития компании на базе эффективного использования различных форм стратегического партнерства. Отмечается о важности внедрения различных форм стратгического партнерства как способа обеспечения конкурентоспособности партнеров, способствующих расширению продуктивной занятости населения и достижению стратегических целей развития национальной экономики.

**Ключевые слова:** стратегия развития, механизмы управления, стратегическое партнерство, государственное управление, акционерные общества, механизмы стратегического управления, функции стратегического управления, корпоративное управление.

## IMPROVING THE MECHANISM OF STRATEGIC PARTNERSHIP MANAGEMENT OF JOINT STOCK COMPANIES

The article deals with the problems of improving the mechanisms for managing the strategic partnership of joint-stock companies, reveals the features of the process of managing the mechanism of strategic partnership, as well as the role of the mechanism for managing strategic partnership in the activities of joint-stock companies. For this purpose, the main approaches to the interpretation of the concepts of strategic partnership, strategic management, management mechanism, as well as the position of domestic and foreign researchers on the tasks of improving the mechanism of strategic partnership management have been studied. The article also discusses ways to improve the mechanism for managing the strategic partnership of joint-stock companies, taking into account the formation of a company's development strategy based on the effective use of various forms of strategic partnership. It is noted the importance of introducing various forms of strategic partnership as a way to ensure the competitiveness of partners that contribute to the expansion of productive employment of the population and the achievement of strategic goals for the development of the national economy.

**Keywords:** development strategy, management mechanisms, strategic partnership, state management, joint-stock companies, strategic management mechanisms, strategic management functions, corporate management.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмадуллоев Ахмадҷон Саидҷонович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Адрес**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Dass_ahmadjon@mail.ru**. Телефон: (**+992) 988-88-83-37**

**Сведения об авторе:** ***Махмадуллоев Ахмадджон Саидджонович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Dass_ahmadjon@mail.ru.** Телефон: **(+992) 988-88-83-37**

**Information about the author:** ***Mahmadulloev Ahmadjon Saidjonovich*** **-** Tajik National University, doctoral Ph.D student of the Department of Management and Marketing. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Dass_ahmadjon@mail.ru**. Phone: **(+992) 988-88-83-37**

УДК 338.1.16

# МАНОБЕИ БАРҚАРОРШАВАНДАИ ЭНЕРГИЯ: ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАМОЮЛИ ИНКИШОФ

*Маҳмудов Б.Н.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Истифодаи самараноки манобеи барқароршавандаи энергия ва афзалиятҳои он аз баҳсҳои муҳим дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Олимон дараҷаи самаранокӣ ва рақобатпазирии онҳоро дар муқоиса бо энергияи истихроҷшуда исбот ва рад мекунанд, масъалаҳои нави тақозои масъулияти экологидоштаро барои наслҳои оянда таҳия мекунанд. Ҳатто баҳсҳо дар шароити душвори имрӯза қатъ намегарданд, ки он ба гузариши босуръат аз иқтисодиёти кампартов ба иқтисодиёти комилан бепартов равона карда шудааст.

Номгузории мухталиф ба соҳаи энергия рабтдошта дар назария вуҷуд дорад, ки дар адабиётҳои иқтисодӣ-техникӣ пешниҳод шудаанд: барқароршаванда, алтернативӣ, ғайримуқаррарӣ, энергияи сабз, энергияи барқи обӣ ва энергияи атомӣ. Энергияи барқароршаванда аз зуҳуроти табиии зерин иборат мебошад, ки асосан бо ҳам алоқаманданд: радиатсияи офтоб, ҳаракати захираҳои ҳаво (шамол), ҳаракати захираҳои энергетикӣ (ҷараёнҳо, мавҷҳо, обхезиҳо), ташаккули биомасса, энергияи кинетикии ҷараёнҳои сунъӣ ва энергияи қаъри замин [2].

Дар маҷмуъ энергияи барқароршаванда ба намудҳои зерин тақсим мешавад: гироэнергетика, партовҳо ва чӯб, дигар намудҳои энергияи бақароршаванда.

Чӯб расман як зернамуди манбаи барқароршаванда аст, ки технологияҳои мураккаби истеҳсолиро талаб накарда, мутобиқати муайяни экологии онҳо бо дастрасии васеъ ҷуброн карда мешавад ва онҳо на танҳо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, балки дар ҳама кишварҳои саноатӣ истифода карда мешаванд.

Истифодаи биомасса роҳи маъмултарини истеҳсоли энергияи барқароршаванда буда, дорои якчанд намуди таснифот мебошад. Дар асоси пайдоиши биомасса, ҳолати агрегати он, ҳассосият ба биодеградатсия ва навъи ниҳоии сӯзишвории биологӣ (ҳамчун натиҷаи коркард, дар ҳоли мавҷудият) ба назар гирифта мешавад.

Партовҳо омили асосӣ, вале ниҳоят муҳимми рушди устувор буда, як манбаи махсусест, ки дар натиҷаи фаъолияти инсон қариб пурра истифода карда мешавад: партовҳои сахти дар фаъолияти хоҷагидории шаҳрҳо истифодашуда, тибқи принсипи кам кардан, дубора истифода кардан, коркард кардан, партовҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал дар саноати сабук истифода карда мешаванд (аз ҷумла корхонаҳои коркарди коғаз).

Дар робита ба ин, тибқи дастури омори энергетикии Агентии байналмилалии энергетикӣ, партовҳо барои баҳисобгирии нишондоди- ҳандаҳои энергетикӣ ба категорияи алоҳида ҷудо карда шуда, дар баробари ҷудокунии биомасса ба се категория (сахт, моеъ ва биогаз), намудҳои зерини сарчашмаҳои барқароршавии энергияро ҷудо мекунад: энергияи офтобӣ, шамолӣ, гидроэнергетикӣ ва ғ. [3,с.89].

Дар маҷмуъ, ҳамаи манбаъҳои асосии энергия, сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия ба бахши сӯзишвории биологӣ ва партовҳо тақсим мешавад, ки дар баробари гидроэнергетикаи «иншоотҳои калон» иншоотҳои хурду миёнаи истеҳсолии неруи баркро дар бар гирифта, маъмулан ҳаҷми наонқадар бузурги истеҳсоли энергияи барқароршавандаро таъмин мекунанд. Гурӯҳи дигари сарчашмаҳои барқароршаванда, бақияи дигари энергияи барқароршавандаро дар бар мегирад.

Бо назардошти таҷрибаи ибтидоии инсоният, ки асосан ба ҳифзи худ, манзили худ аз таъсири муҳити зист ва гузаштан ба марҳилаи бошууронаи рушди он нигаронида шудааст. Дар ин ҷо сухан дар бораи истифодаи оқилонаи имкониятҳои табиӣ, аз ҷумла манбаъҳои барқароршавандаи энергия меравад. Айни ҳол, диққати бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба истифодаи устуворонаи сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия, аз ҷумла захираҳои обӣ-энергетикӣ нигаронида шудааст.

Қадимтарин манбаи энергияе, ки истифода мешавад, гармии офтоб (энергияи офтоб, ба истилоҳоти муосир) ва баъдтар энергияи гармӣ аз сӯхтани ҳезум ҳисобида мешавад. Маҳаки асосии ин марҳила, хоҳиши бошуурона барои сарфаи энергия ва захира кардани манбаи он дар шакли манбаи барқароршаванда – ҳезум (чуб) мебошад. Дар давраи Неолит аз 3 то 5 ҳазорсолаи пеш аз милод, далелҳои аввалини гудозиши бошууронаи металлҳо, пеш аз ҳама, мис ба миён омад.

Дар айни замон, ангишт ба сӯзишвории махсус табдил меёбад, зеро нисбат ба дигар маводҳои маъмултарини сӯзишвории ин замон, он дорои баландтарин интиқоли гармӣ мебошад. Инчунин, дар минтақаи Баҳри Миёназамини Шарқӣ далели истифодаи ангишти қаҳваранг ба сифати сӯзишворӣ тақрибан 2 ҳазор соли пеш аз милод мавҷуд буд, ки ҳамчун рушди табиии истифодаи аввалин манбаъҳои энергияи истихроҷшуда хизмат мекунад.

Истифодаи энергияи офтоб, ҳамчун манбаи энергияи барқароршаванда ҳанӯз дар асри V пеш аз милод, истифода карда шуда буд. Онро барои гарм кардани хона, ҳамомҳои тобистона ва амсоли он истифода мбурданд. Ҳамин тариқ, аллакай дар ҷаҳони қадим энергияи барқароршаванда ба мақсади гармидиҳӣ дар истеҳсолот (саноатӣ) ва соҳаи ҳарбӣ истифода мешуд. Қобили қайд аст, ки ҳамаи мисолҳои дар боло зикршуда, таърифи классикии қарорҳои инноватсионӣ бо навоварии мутлақро нишон медиҳанд [10].

Каме баъдтар, марҳалаи нави рушди энергияи барқароршаванда, истифодаи энергияи ҳаракаткунандаи об ва шамол барои ба кор андохтани осиёбҳо истифода карда шуда буд. Ба гуфтаи муаррихон, энергияе, ки тавассути чархҳои обӣ ба даст меояд, ба асри яки пеш аз милод рост меояд. Аммо истифодаи фаъоли ин манбаъҳои энергия ба асрҳои V-VII-и мелодӣ рост меояд. Дар робита бо ин масъала, метавон мисолҳои хосси таърихиро аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ барои муқоиса пешниҳод намуд.

Бозёфтҳои таърихӣ гувоҳи онанд, ки дар даавраи то мелод дар ҳудуди имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон осиёбҳои обӣ ва бодӣ ба таври васеъ истифода мешудаанд. Минҷумла дар шаҳрҳои қадимаи Саразм, Ҳулбук, Карон, Ҳисор, Кулоб, Хуҷанд, Панҷакент ва Истаравшан нишонаҳои возеҳи истифодаи осиёбҳои обӣ ошкор шудаанд.

Дар Фаронса, дар охири асри яки милодӣ, комплекси осиёби механикии обӣ, ки аз 16 чарх иборат аст, фаъолият мекард. Осиёби обӣ дар наздикии шаҳри Алерт ҷойгир шуда, тавоноии то 4,5 тоннаро (гандум ба орд) дар як шабонарӯз дошт. Дар як катор маъхазхои таърихӣ, самараи иқтисодӣ ва қиёсии энергияи барқароршавандаро нисбат ба дигар неруҳои дар он замон маълумгардида оварда шудааст. Масалан чархи обӣ метавонад қувваи даҳ асп ё то сад нафар коргарро иваз кунад. Бо мурури солҳо, хусусиятҳои техникии осиёбҳо, махсусан бо пайдо шудани меҳварҳои оҳанин зиёд шуданд. Истифодаи пайвандҳои металлӣ, имкон дод, ки андозаҳои чархро зиёд карда шуда, дар баробари ин, иқтидор, эътимоднокии чархҳо, инчунин, муҳлати истифодаи он бидуни таъмири иловагӣ зиёд шаванд [7].

Дар байни мисолҳои овардашуда, муҳимтаринаш тараққиёти саноати металлургия мебошад, ки дар солҳои 1150 то 1350 дар Шветсия коркарди чуян роиҷ шуда, имкон дод, ки сифати маҳсулоти оҳан хеле баланд бардошта шавад, вале дар айни замон миқдори ниҳоят калони энергияи гармии тозаро талаб карда, имконияти истифода бурдани ангишти истихроҷшударо ба миён овард. Аз ин сабаб, эҳтиёҷ ба истеҳсоли ангишт ба таври назаррас меафзояд, ки ин ба кишварҳои дорои захираҳои зиёди чуб (дар ҷои аввал Шветсия) бартарии рақобатӣ медиҳад ва инчунин, боиси буридани босуръати ҷангалҳо гардида, миёни дигар омилҳо яке аз омилҳои манфии истифодаи сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, дар асрҳои миёна, шумораи равандҳои истеҳсолӣ ва технологӣ бо истифода аз энергияи барқароршаванда афзоиш ёфт, дар ҳоле, ки гази табиӣ ва нафт то ҳол камтар самаранок истифода мешуданд, ки ин дар ёддоштҳои сайёҳи машҳури итолиёвӣ Марко Поло дар семоҳаи сеюми асри XIII, гуфта шуда буданд, ки сокинони нимҷазираи Апшерон барои ба даст овардани оташ ва рӯшноӣ моеи муайянеро истифода мебурданд. Пас аз ду аср, тоҷир ва сайёҳи рус Афанасий Никитин ҳангоми дар Форс ва Ҳиндустон буданаш ҳамин гуна ёддоштҳоро навишта буд. Танҳо ангишти истихроҷшуда

ҳамчун сӯзишворӣ барои гармидиҳии бино нисбатан васеъ истифода мешуд. Дар Англия, дар асри XI намуди нави энергияи барқароршаванда - энергияи мавҷро, ки асосан барои кор фармудани осиёб лозим меомад, истифода намуданд. Дар Русия чунин таҷриба дар нимаи дуюми асри XVI васеъ паҳн шуд.

Аввалин маротиба, истгоҳҳои обӣ (ба маънои муосир) тақрибан дар асри XIII дар Англия ба амал омад. Дар ҳоле, ки маълумот оид ба обхезиҳо ҷамъоварӣ, коркард ва ба низом дароварда мешуданд. Мавриди қайд аст, ки таҷрибаи муайяни моделсозии инноватсионии мавҷҳоро, хеле дертар дар тарҳрезии неругоҳи барқи обӣ дар Сент-Мало истифода намуданд.

Истифодаи навъи дигари энергияи барқароршавандаро баррасӣ мекунем. Ин энергияи шамол, ки истифодаи он дар ҷаҳон бештар ба назар мерасад. Истифодаи энергияи шамол ба асри якуми пеш аз милод рост меояд. Аввалин турбинаҳои бодӣ дар шакли чархҳо дар асри яки милодӣ дар Чин ва Миср пайдо шуданд, ки аз ҳамдигар ба таври куллӣ фарқ мекунанд.

Аз асри IX сар карда, таҷҳизотҳои бодӣ ба Аврупо омада, ҳадафи худро тадриҷан аз суфта кардани ғалла то баланд бардоштани об аз чуқурӣ ва механизмҳои коркарди гардиш васеъ намуда, дар асри XII (соли 1143) як нinfoварии тағйирёбанда ба ҳисоб мерафт. Равандҳои инноватсионӣ дар самти мазкур бо маром идома ёфт. Соли 1180 қисман ин раванд такмил дода шуда, соли 1745 аз ҷониби олими соҳа Эдмунд Ли ин низом автоматиконида шуд. Соли 1772 олими шотландӣ Эндрю Мейкл дар раванди мазкур тағйиротҳои ҷузъӣ ворид намуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки К.Маркс, дараҷаи муайяни «навоварии универсалӣ» энергияи шамолро кайд карда, далел меовард, ки набудани шаршараҳои табиӣ дар Голландия онҳоро ба истифодаи шамол водор кардааст: «12 ҳазор таҷҳизотҳои бодӣ бо иқтидори 6 ҳазор қувваи асп истифода бурда мешавад, ки он аз се ду ҳиссаи талаботҳои мамлакатро қонеъ менамуд» [4,с.98]. Маҳз мутахассисони голландӣ аввалин шуда энергияи шамолро дар комбинати равған (1582) ва дар истеҳсоли коғаз (1584) истифода бурданд.

Дар Фаронса дар ибтидои асри XVIII энергияи шамол барои ҳаракати киштӣ, сарфи назар аз самти он истифода мешуд. Истифодаи энергияи шамол дар Русия ба асри XVII ҳамчун гардонандаи осиёб дар Новгород истифода шуд.

Соли 1589 олимони Британия Кабир Т.Проктор ва В.Петерсон патент барои ҷараёни кокскунии ангишт ва ба сифати эҳтиёҷоти саноати металлургӣ истифода намудан, гирифтанд, ки баъдан як қатор такмилҳоро дар ин самт А.Дерби ворид намуд.

Маъруфияти ангишт ҳамчун манбаи асосии энергия, дар охири асри XVII хеле афзоиш ёфт, ки ба омӯзиши истифодаи алтернативии он мусоидат кард. Пайдоиши аввалин мошинҳои буғӣ, мунтазам такмил додани онҳо, дар нимаи дуюми асри XVIII рост меояд, ки масъалаҳои истифодаи дарозмуддати энергияро то андозае ҳал намуд. Соли 1848 дар таърихи саноати нефт воқеаи муҳим ба амал омад: дар нимҷазираи Апшерон аввалин чоҳи нефт дарёфт карда шуда, пас аз як сол Авраам Геснер хусусиятҳои истифодабарии нефтро таҷриба карда, керосин ба даст овард, ки ин дар ҷаҳон ибтидои афзоиши босуръати арзиши нафт ҳамчун мол гардид.

Саноати нафту кимиё ва истихроҷи нафт ба соҳаҳои ояндадор табдил ёфта, ҷалби зиёди сармоягузориро ба вуҷуд оварданд. Дар соли 1865 Ҷон Рокфеллер ширкати нафтии Standard Oil-ро таъсис дод, ки баъдтар аввалин объекти санҷиши мақомоти зиддиинҳисории ИМА гардид. Ҳамзамон, ширкати нақлиётии Маркус Самуэл, ки дар Шарқи Наздик фаъолият мекунад, ба интиқоли керосин шуруъ карда, фаъолияти асосии худро зери бренди Shell муайян кард.

Ҳодисаи алоҳидаи муҳим дар соҳаи энергетика, аввалин неругоҳи гармидиҳӣ буд, ки бо роҳбарии Б. Холли дар Локпорт (ИМА) соли 1878, барои тақсим кардани буғи хориҷшуда ба якчанд бино тарҳрезӣ шудааст, ки ба туфайли афзоиши босуръати шаҳрҳои Амрико ва нокифоягии инкишофи инфрасохтори он замон, имкон дод, ки иқтидори ин навоварӣ пурра ба кор андохта шавад. Барои Аврупо ва Русия, он танҳо дар солҳои 20-уми асри XX ба миқдори назаррас паҳн гардид.

Танҳо бо кашфи тамоми имкониятҳои универсалии қувваи барқ, инсоният ба ҳалли оқилонаи проблемаҳои бо энергия таъмин намудани худ омад. Роҳҳои тавлиди неруи барқ, таваҷҷуҳи сармоягузорон ва ихтироъкоронро ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба вуҷуд овард. Инчунин, бояд қайд кард, ки маъруфияти афзояндаи равшании барқӣ, пеш аз ҳама, ба бозори лампаҳои керосинӣ ва умуман саноати нафт таъсири манфӣ расонд, ки аз нуқтаи назари экологӣ ин раванд мусбат арзёбӣ карда мешавад [9].

Дар баробари истеҳсоли неруи бодӣ, манбаи дигари барқароршавандаи энергия эҳё мешуд ва диққати навоваронро бештар ба худ ҷалб мекард: миқдори зиёди неруи барқи бо истифода аз энергияи обӣ истеҳсол карда шуд. Дар аввал, неругоҳҳои хурди обӣ ва баъдан дар нимаи аввали асри XX неругоҳҳои калонтар ба таври васеъ роҳандозӣ карда шуданд.

Аммо дар ин ҳолат, энергияи барқароршаванда ҳамчун масъалаи дуюминдараҷа боқӣ мемонад, Ҳамин тариқ, қисман аз сабаби пайдошавии соҳаҳои нав, аз панҷ чор ҳиссаи қувваи барқ дар асоси сӯзишвории истихроҷшаванда – ангишт, нафт, мазут ва сӯзишворӣ ва баъдтар газ истеҳсол шуда, набудани талабот ба он то охири асри XIX боқӣ монд. Ин асосан аз ҳисоби нигоҳ доштани истеҳсолот дар асоси ангишт ва истифодаи васеъи он барои эҳтиёҷоти рӯшноӣ вобаста буд [5].

Дар баробари ин, маҳсулоти нафту кимиёвии он давра на танҳо бо ангишт бомуваффақият рақобат кард, балки дар бозорҳои нави тиҷоратӣ ва нақлиётии хусусӣ низ истифодашаванда шуд. Ҳамин тариқ, муҳаррики Рудольф Дизель (1890) тавоноии бештарро дар муқоиса бо автомобилҳои қаблан истеҳсолшуда дошт, мошинҳои бензинии Карл Бенс ва Вилҳелм Даймлер (1886) ва Ҳенри Форд (1896) омили асосии рушди бозори автомобил шуданд. Парвози тайёраҳо (соли 1903) оғози саноати ҳавопайморо нишон дода, дар семоҳаи аввали асри XX талаботи бештарро барои сифати сӯзишворӣ ба миён овард.

Инчунин, дар ибтидои асри XX гардиши бештари газ ба амал омада, он ҳамчун як навъи сӯзишворӣ дар истеҳсолот истифода мешуд, ки дар миёнаҳои солҳои 40-ум аз ҳисоби рушди истеҳсоли оммавии газ, он хусусияти саноатӣ гирифт.

Бо вуҷуди ин, дар соли 1954 бо ба кор даромадани аввалин неругоҳи барқии атомӣ дар ҷаҳон (истгоҳи Обнинский, Иттиҳоди Шуравӣ), истифодаи атом барои тавлиди саноати элекроэнергетика оғоз ёфт, ки дар охир, таснифоти намудҳои асосии манбаъҳои энергияи ҳоло истифодашавандаро ташкил дод. Неруи атомӣ яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи энергетика дар кишварҳои аз ҷиҳати технологӣ пешрафта гардида, дар давоми чоряк аср бо суръати баландтарин рушд карда, аз бисёр ҷиҳат алтернативаи идеалии бахши манбаъҳои анъанавии энергия ба шумор мерафт. То соли 1980 дар 22 кишвари ҷаҳон 253 неругоҳи барқӣ-атомӣ бо иқтидори умумии 135 ГВт ва 230 истгоҳи дигар бо иқтидори умумии 200 ГВт сохта шуда буд.

Тавре маълум аст, сар задани бухрони нафт боиси маҳдуд шудани интиқоли сӯзишвории анъанавӣ дар як қатор кишварҳо гардид.

Масалан, Штатҳои Муттаҳидаи Америка аз ангишт ба нефт гузаштани соҳаҳои саноати миллиро боздоштанд, шумораи парвозҳои навъҳои самолётҳое, ки камманфиат буданд, кам карда, ба мақсади сарфаи қувваи барқ реҷаи рӯзи кориро маҳдуд намуданд.

Бухрони энергетикии соли 1973 ва оқибатҳои иқтисодию сиёсии он, муносибати нави аксарияти ҳукуматҳои кишварҳои пешрафтаро нисбат ба сарфаи системавии энергия ташаккул дода, масъалаи камшавии эҳтимолии захираҳои табиии барқарорнашавандаро дар сатҳи стратегияҳои ҳукуматӣ ба миён гузошт.

Сармоягузориҳои назаррас ва устувори ҳамасола ба энергияи барқароршаванда, бартариҳои рақобатии онро нисбат ба энергияи анъанавӣ нишон медиҳад: мустақилият, тезҷуброншаванда, тозагии экологӣ, кам кардани муҳлати бозпардохт ва ғ. Ҷорӣ намудани навовариҳои пайвастаи тағйирдиҳанда, зуҳури ин тамоюлро, бахусус дар бахши тавлид аз нури офтоб ва шамол, афзоиш дод.

Мавриди қайд аст, ки бо устувории нисбии сармоягузории солонаи молиявии ҷаҳонӣ ба энергияи барқароршаванда, иқтидори умумии муқарраршудаи энергияи барқароршаванда мунтазам меафзояд, ки ин, пеш аз ҳама, аз оптимизатсияи хароҷот дар истеҳсоли дастгоҳҳои тавлидкунандаи онҳо ва мутаносибан кам кардани арзиши аслии

энергияи истеҳсолшуда, инчунин, ба вуҷуд омадани имкониятҳои навоварона, зиёд кардани кувваи хосси ҳар як таҷҳизот оварда мерасонад.

Бояд гуфт, ки истеҳсоли неруи барқ ягона истифодаи мақсадноки баъзе аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба шумор меравад. Онҳо ба неруи обӣ, шамол, панелҳои офтобӣ ва мавҷҳои баҳрӣ тақсим мешаванд. Истифодаи энергияи офтоб имкон медиҳад, ки ҳам неруи барқ ва ҳам гармӣ истеҳсол карда шавад, аммо нисбат ба охирин навъи пешниҳодшудаи энергия, он самаранокии нисбатан пасти иқтисодиро доро мебошад. Аз ин рӯ, маҳз дар соҳаи энергетика равандҳои ивазкунии мутақобилаи манбаъҳои барқароршаванда ва барқарорнашавандаи энергия бештар ба назар мерасанд.

Дар заминаи ин таҳқиқот таъкид ба ҷузъи иҷтимоию иқтисодии лоиҳаҳои энергетикӣ аҳамияти бештар дода мешавад, зеро маҳз самаранокии энергетикӣ барои қабули қарорҳои сармоягузорӣ ва ҳам барои стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи энергетика заминаи бештар мегузорад. Дар амалия яке аз талаботҳои татбиқи захираҳои устуворонаи обӣ-энергетикӣ, риояи дурусти принсипҳои он ба шумор меравад (расми 1).

**Расми 1. Принсипҳои асосии бехатарии энергетикӣ**
**Figure 1. Basic principles of energy security**




Риояи дурусти принсипҳои овардашуда дар бахши истифодаи захираҳои обӣ-энергетикӣ самараи иқтисодӣ-иҷтимоии бештарро ба бор оварда, дар низоми хоҷагидории миллӣ заминаи хуберо фароҳам меорад.

Шумораи давлатҳои муосир, ки энергияи барқароршавандаро ҳамчун як бахши асосии рушди инноватсионии худ, на танҳо дар соҳаи энергетика, балки дар иқтисодиёт муайян кардаанд, мунтазам афзуда, ба аксарияти мутлақ расидааст. Тахмин мешавад, ки то соли 2050 тақрибан 150 давлати дунё ба ин мақсади олии иқтисодӣ хоҳанд расид. Инчунин, мавриди зикр аст, ки бақияи дигар давлатҳои рӯи дунё, сиёсат ва стратегияи пешгирифтаи худро бо такя бо равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи устуворонаи сарчашмаҳои барқароршавандаи эенргия ба роҳ монда истодаанд [6].

Стратегияҳои таҳияшудаи дарозмуддати давлатҳо оид ба ҳавасмандгардонии энергияи барқароршавандаи аз барномаҳои кӯтоҳмуҳлат иборат буда, ки ба бартарафнамоии бухронҳои сиёсиву иқтисодӣ ва зарурати сарфаи барқ алоқаманданд, ба тағйирёбии инкишофи ҷаҳонӣ, иқтисодиёти эко-инноватсионӣ, ҳифзи муҳити зист, бунёди ҷойҳои нави корӣ ва рафъи бухронҳои энергетикӣ ва иқтисодӣ, ки дар навбати худ ба беҳтар намудани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, инчунин, бартарафнамоии мушкилиҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад, оварда расонид.

Дар баробари ин, дар сурати мавҷуд будани пайвастшавӣ ба таъминоти мутамаркази неруи барқ, аҳамияти энергетикии сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия, афзалияти иҷтимоӣ-иқтисодии бештар пайдо мекунанд, зеро сарфаи бештари энергия ба вуҷуд меояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар давлатҳои Ғарб ва ШМА субъектони хусусии истеҳсоли энергия хароҷоти худро кам намуда, ба гирифтани даромади бештар аз тавлид ва фурӯши энергияи барқ ба даст оварда истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар бахши истифодаи хусусии сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда, он функсияҳои системаи худтанзимкуниро доро буда, такрористеҳсоли васеъро таъмин намуда, ба истеҳсоли иловагии неруи барқ гузашта истодаанд. Ин раванд, бо раванди пешниҳоднамудаи ҳамоҳангии истеҳсолоту истеъмолоти Э. Тофлер монанд мебошад.

Механизмҳои институтсионалӣ ва иқтисодии истифодаи энергияҳои барқароршаванда ва алтернативӣ тадриҷан ташаккул ёфта, моҳияти рушди муосири

ҷомеаро муайян мекунад. Ин системаҳо ба истифодаи фаъолона ва бошууронаи энергияи барқароршаванда асос ёфтаанд, ки он ба муносибати масъулиятнок ба ҳаёти наслҳои оянда нигаронида шудааст. Инчунин, бо дарк ва эътиқоди он, ки онҳо бояд мероси аз ҷиҳати экологӣ тозаро гирифта, барои идомаи зиндагии некуаҳволонаи одамон хидмат намоянд.

Албатта, муҳити институтсионалӣ қоидаҳо ва тартиботи муносибатҳои субъектҳои иқтисодиро дар бар мегирад ва аз ин рӯ, механизмҳои иқтисодиро ҳамчун қисми таркибии худ шарҳ медиҳад. Ҳама гуна зуҳуроте, ки таъсири намоёни иҷтимоию иқтисодӣ доранд, бо ниҳодҳои алоҳида рабт доранд ва аз ҳисоби маҷмуи маҳдудиятҳо вазифаи сохтори муносибатҳои ҷамъиятиро адо мекунанд, ки дар навбати худ, метавон ҳамчун маҷмуи қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, ки ба ҷомеаи мушаххас хосанд, маънидод намуд. Ҳамчунин, мазмуни ҳар як модели иқтисодӣ аз институтҳои мушаххас вобаста аст.

Механизми институтсионалию иқтисодӣ, ҷузъҳои асосии раванди ягонаи ҷараёни мазкур мебошанд, ки маҳаки рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро муайян мекунанд. Аз ин ру, муносибатҳои ҷиддӣ ба масъалаи дар миқёси давлатӣ табдил додани яке аз соҳаҳои идоракунӣ (энергетика, дар заминаи ин таҳқиқот) ва афзалияти бештар додан ба он, ки бояд натиҷаи таҳлили таҷрибаи мавҷудаи худӣ ва ҷаҳонӣ бошад, ин ба фаъолияти ниҳодҳои алоҳида вобастагӣ дорад [1].

Ҳамин тариқ, ҷомеаи башарӣ, ки дар марҳилаи аввали рушди худ, таваҷҷуҳи худро ба имкониятҳои беназири энергияи барқароршаванда равона карда, вале тавони зиёд кардани иқтидори онҳо ва захираи самараноки энергияи тавлидшударо надошт, ки ин ба зарари муҳити зист ва ба манфиати талаботи инқилоби саноатӣ буд. Намунаҳои манфии дар боло зикршуда, оид ба истифодаи энергияи барқароршаванда, иловатан принсипҳои нисбатан муассир ва зиракии экологиро дар муносибат ба истифодаи энергия таъкид мекунанд. Равандҳои инноватсионии соҳаи энергияи барқароршаванда дар ҳар давру замон бо маром идома ёфта, татбиқ шуда истодаанд. Бо пайдоиши қарорҳо ва технологияҳои истеҳсолот оид ба истеҳсоли энергияи барқароршаванда, бахши энергияи барқароршаванда, хусусияти саноати мустақили энергетикиро касб карда, ҷомеаи муосир, василаи кам кардани зарари расонидашуда ба сайёра ва табиатро пеш гирифт. Азбаски идеяи асосии баланд бардоштани истифодаи энергияи барқароршаванда бо зарурати андешидани чораҳои таъхирнопазир оид ба коҳиш додани хатарҳои иқтисодӣ ва экологии истифодаи оммавии захираҳои маъданӣ алоқаманд, фарҳанги истифодаи онҳо ба принсипҳои аҳамияти умумиҷаҳонӣ рабт дошта, танҳо дар сурати риояи дурусти онҳо, рушди сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия дар шакли муосири он имконпазир мегарданд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Норов Х.F.**

**АДАБИЁТ**


1. Байрамукова Ф.А. Трансформации институциональной среды в условиях постиндустриального общества / Ф.А. Байрамукова, М.Э. Восканов // Успехи современной науки. - 2017. -Т.3. -№1. -С.37-39.
2. Белобородов С.С. Возобновляемые источники энергии и водород в энергосистеме: проблемы и преимущества / С.С. Белобородов, Е.Г. Гашо, А.В. Ненашев. -СПб., 2022. -154 с.
3. Бучнев А.О. Государственное регулирование и стимулирование развития возобновляемых источников энергии / А.О. Бучнев // Государственная служба. - 2015. -№5. -С.89.
4. Варфоломеев С.Д. Энергоносители из возобновляемого сырья / С.Д. Варфоломеев, И.И. Моисеев, Б.Ф. Мясоедов // Вестник РАН. - 2009. -т.79. -№7. -С.98.
5. Вукович Н.А. Перспективы развития зеленой экономики в России / Н.А. Вукович, Ж.А. Мингалева // BENEFICIUM. - 2020. -№1(34). -С.42.
6. Зубова Н.В. Возобновляемые источники энергии: энергия воды и ветра / Н.В. Зубова, С.В. Митрофанов. -Новосибирск, 2021. -210 с.
7. Кабулов Э.А. Мельницы и их роль в социальной жизни населения // Бюллетень науки и практики. - 2020. -Т.6. -№5. -С.527-530.
8. Норов Х.Г. Основные функции и структура органов управления водохозяйственным комплексом в Таджикистане / Х.Г. Норов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2023. -№2. -С.143-149.
9. Паллаг С.П. Нетрадиционные и возобновляемые источники энергии: общие подходы к применению энергии морских волн / С.П. Паллаг, В.А. Жуков // В сборнике: IV международный балтийский морской форум. Материалы Международного морского форума. - 2016. -С.969-976.

10. Терещенко А.Е. Альтернативные источники энергии: солнечная энергия / А.Е. Терещенко // Сборники конференций НИЦ Социосфера. - 2016. -№35. -С.22-25.
11. Ходжаев Д.Х. Приоритеты управления гидроэнергетической безопасностью Республики Таджикистан / Д.Х. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2022. -№2. -С.106-114.

**МАНОБЕИ БАРҚАРОРШАВАНДАИ ЭНЕРГИЯ: ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАМОЮЛИ ИНКИШОФ**

Дар мақола оид ба манобеи барқароршавандаи энергия, таърихи пайдоиш ва тамоюлҳои рушди он мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Қайд карда мешавад, ки манбаъҳои барқароршавандаи энергия таърихи тулонии истифодабарӣ дошта, ҳамчун омили муҳим ва бартаридоштаи ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии инсоният хизмат мекунанд. Муаллиф нақши муҳим ва рӯзафзуни манбаъҳои барқароршавандаи энергияро дар шароити муосир таъкид мекунад. Азбаски идеяи асосии баланд бардоштани истифодаи энергияи барқароршаванда бо зарурати андешидани чораҳои таъхирнопазир оид ба коҳиш додани хатарҳои иқтисодӣ ва экологии истифодаи оммавии захираҳои маъданӣ алоқаманд, фарҳанги истифодаи онҳо ба принсипҳои аҳамияти умумиҷаҳонӣ рабт дошта, танҳо дар сурати риояи дурусти онҳо, рушди сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия дар шакли муосири он имконпазир мегарданд. Вобаста ба ин марҳалаҳои таърихии рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар заминаи он оид ба ташаккули низоми идоракунии истифодабарии самараноки манбаъҳои барқароршавандаи энергия пешниҳодҳо карда шудаанд.

**Калидвожаҳо**: энергия, рушд, тамоюли рушд, таърихи инкишоф, манобеи барқароршавандаи энергия, энергия барқию обӣ, муҳити иноститутсионалӣ.

**ВОЗОБНОВЛЯЕМЫЕ ИСТОЧНИКИ ЭНЕРГИИ: ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ**

В статье рассматриваются возобновляемые источники энергии, история их возникновения и тенденции развития. Отмечается, что возобновляемые источники энергии имеют давнюю историю использования и служат важным и доминирующим фактором в стимулировании экономической и социальной деятельности человечества. Автор подчеркивает важную и растущую роль возобновляемых источников энергии в современных условиях. Поскольку основная идея увеличения использования возобновляемых источников энергии связана с необходимостью принятия неотложных мер по снижению экономических и экологических рисков массового использования недр, культура их использования связана с принципами общечеловеческого значения, и только при их правильном соблюдении становится возможным развитие возобновляемых источников энергии. В связи с этим исследованы исторические этапы развития возобновляемых источников энергии. В их контекст внесены предложения по формированию системы управления эффективным использованием возобновляемых источников энергии.

**Ключевые слова**: энергетика, развитие, тенденции развития, история развития, возобновляемые источники энергии, электрическая и водная энергия, институциональная среда.

**RENEWABLE ENERGY SOURCES: HISTORY AND DEVELOPMENT TRENDS**

The article discusses renewable energy sources, their history and development trends. It is noted that renewable energy sources have a long history of use and serve as an important and dominant factor in stimulating the economic and social activities of mankind. The author emphasizes the important and growing role of renewable energy sources in modern conditions. Since the main idea of increasing the use of renewable energy sources is associated with the need to take urgent measures to reduce the economic and environmental risks of massive use of subsoil, the culture of their use is associated with principles of universal significance. , and only with their proper observance it becomes possible to develop renewable energy sources in the form of its modernity. In this regard, the historical stages of the development of renewable energy sources have been studied. In its context, proposals were made on the formation of a management system for the efficient use of renewable energy sources.

**Keywords:** energy, development, development trend, development history, renewable energy sources, electricity and water energy, institutional environment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмудов Бахриддин Нуриддинович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: **918-96-43-00**

**Сведения об авторе:** ***Махмудов Бахриддин Нуриддинович*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллаха Рудаки, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры экономической теории. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафаров, 16. Телефон: **918-96-43-00**

**Information about the author:** ***Mahmudov Bahriddin Nuriddinovich*** - Kulyab State University named after Abuabdullah Rudaki, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer at the Department of Economic Theory. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. Phone: **918-96-43-00**

УДК 330.1.18(575.3)

# ПЕШГИРИИ ТАЪСИРИ ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛӢ БА ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ЯК ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ БЕРУНИИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шамсов Ф.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар дар соҳаи иқтисодиёт нақши аввалиндараҷа дорад. Амнияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои муҳимми амнияти миллии кишвар мебошад. Гуногунии самтҳои амнияти иқтисодӣ ва шаклҳои мавҷудияти он раднопазир аст: Самтҳои амният ин албатта ҷудо мешавад ба амнияти энергетикӣ, амнияти захираҳои табиӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҷузъҳои муҳимро дар бар мегирад. Бе таъмини дурусти амнияти иқтисодӣ бомуваффақият ҳалли масъалаҳои дар назди давлат истода имконнопазир мегарданд [1,с.268].

Масъалаи дигар дар таъмини амнияти берунииқтисодӣ, ин идоранамоии хавфҳо ба ҳисоб меравад. Хавфҳо аз нуқтаи назари амнияти берунииқтисодӣ ин маҷмуи шароитҳо ва омилҳое мебошанд, ки имкони мустақим ё ғайримустақими расонидани зарар ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи иқтисодӣ ба вуҷуд меоранд. Мушкилоти амнияти берунииқтисодӣ маҷмуи омилҳоеро дар бар мегиранд, ки дар шароити муайян метавонанд боиси пайдоиши таҳдид ба амнияти иқтисодӣ шаванд.

Хавфҳо ба амнияти берунииқтисодӣ инҳоянд:

1.Хоҳиши кишварҳои пешрафта барои истифода бурдани афзалиятҳои худ дар сатҳи рушди иқтисодӣ, технологияҳои баланд (аз ҷумла иттилоот) ҳамчун воситаи рақобати ҷаҳонӣ. Аз замони пайдоиши тамаддуни башарӣ одамон ва ҷомеаҳои тавонотар кӯшиш мекарданд, ки бартариҳои худро истифода баранд, то ҷомеаҳои сусттараққикарда ҳамчун як навъ василаи мавҷудият ба онҳо хидмат кунанд. Ин то имрӯз идома дорад, танҳо ҳоло сухан дар бораи тамоми давлатҳо меравад. Давлатҳои мутараққӣ кӯшиш мекунанд, ки манфиатҳои худро пеш баранд.

2.Тақвият додани номутавозунии сохторӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва системаи молиявӣ, афзоиши қарзи хусусӣ ва соҳибихтиёрӣ, васеъшудани фарқияти байни арзёбии дороиҳо ва коғазҳои қиматнок. Мисол ин ки ҳиссаи ММД-и ИМА дар ММД-и ҷаҳонӣ дар соли 2017 23,7% буд. Ин қариб чоряки тамоми молу хизматҳои дар ҷаҳон истеҳсолшавандаро ташкил медиҳад. Ва аз ин рӯ чунин хулоса намудани лозим аст, ки агар иқтисодиёти ИМА манфиати стратегии ҳамаи мамлакатҳои ҷомеаи ҷаҳонист. Дар давоми 30 соли охир шумораи мамлакатҳои тараққикарда кам шуд, зеро прогресси илму техника ба пеш қадами калон гузошт [8,с.218].

Чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, таъмини амнияти берунииқтисодӣ гарави истиқлолияти кишвар, шарти суботу ҳаёти пурсамари ҷомеа ва ноил шудан ба комёбӣ мебошад. Ин ба он маъно фаҳмида мешавад, ки иқтисод яке аз ҷанбаҳои ҳаётии фаъолияти ҷомеа, давлат ва шахс аст ва аз ин рӯ, мафҳумҳои амнияти иқтисодии миллӣ ва берунӣ бидуни арзёбии қобилияти иқтисодиёт ҳарфҳои хушку холӣ хоҳанд буд.

Моҳияти амнияти берунииқтисодӣ дар системаи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо, аз ҷумла меъёрҳои макроиқтисодӣ амалӣ мегардад. Системаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи амнияти иқтисодии берунии давлат муайян карда шавад.

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ин нишондиҳандаҳои ҷамъбастии ҳаҷми истеъмол, истеҳсолот, даромад, хароҷот, сатҳи некуаҳволии мардум, воридот ва содирот мебошанд.

Вобаста ба ин бояд қайд кард, ки Тоҷикистон ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, тағйирёбии вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳон, ноустувории низоми молиявӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва ҷорӣ шудани таҳримҳо нисбат ба кишварҳои

шарикони тиҷоратии мо метавонанд ба рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, яъне нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсири манфӣ расонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ қарор дошта, бо иқдоми дурандешона ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати «дарҳои кушод»-ро пеш мебарад ва бо беш аз 110 кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои иқтисодию тиҷоратиро идома дода истодааст [2,с.13-14].

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон таъсири як чанд бӯҳронҳои ҷаҳониро ба иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соли 2008 ва соли 2015 бӯҳронҳои ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ва соли 2020-2021 паҳншавии бемории сироятии COVID-19, соли 2022 бӯҳрони ҷаҳонӣ вобаста ба оғози амалиёти махсуси ҳарбӣ аз ҷониби Россия нисбат ба Украинаро паси сар намудааст.

Таъсири асосии бӯҳронҳои мазкур ба иқтисоди миллӣ тавассути коҳиш ёфтани ҳаҷми сармоягузориҳо, бахусус сармояи мустақими хориҷӣ, кам шудани воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ноустуворӣ ва баландшавии нархи молу маҳсулоти воридотӣ, инчунин, маҳдудияти интиқоли технология ва молу маҳсулот ба миён омад.

Бӯҳрони навбатии иқтисодию иҷтимоии ҷаҳонӣ, ки бо назардошти оғози амалиёти махсуси ҳарбӣ аз ҷониби Россия нисбат ба Украина 24 марти соли 2022 ба миён омад, ҷаҳони имрӯзаро ба номуайянӣ овардааст.

Идомаи чунин раванд ба тағйирёбии муносибатҳои иқтисодии байни кишварҳо, танқисии маҳсулоти озуқа ва афзоиши шумораи гуруснагӣ дар ҷаҳон оварда расонид.

Тибқи арзёбиҳо ва пешгӯиҳои Созмони Милали Муттаҳид дар натиҷаи низоъҳои тиҷоратӣ, таҳримҳои ҷоришуда, норасоии маҳсулоти озуқа ва вазъи баамаломада дар Украина шумораи гуруснагон дар ҷаҳон соли 2022-ум иловатан 13-15 млн. нафар ва соли 2023 17 млн. нафар зиёд мегардад. Дар соли 2021 шумораи аҳолии ба гуруснагӣ дучоршаванда ба 828 млн. нафар расида буд [11].

Ба ақидаи котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гуттериш ҷанг дар Украина бӯҳрони озуқаворӣ, энергетикӣ ва молиявиро дар ҷаҳон шадидтар гардонида, ба қишри осебпазири аҳолӣ дар ҷаҳон ва иқтисодиёти кишварҳо таъсири манфӣ мерасонад [13,с.5].

Тибқи Ҳисоботи глобалӣ оид ба бӯҳронҳои озуқаворӣ-2022 (GRFC) дар саросари ҷаҳон, сатҳи гуруснагӣ хеле баланд боқӣ мемонад. Айни замон дар 53 кишвари ҷаҳон 193 млн. ба гуруснагии шадид дучор гардидаанд [13,с.6]

Аз рӯи маълумоти Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (ФАО) индекси нархҳои озуқаворӣ пас аз баландшавии сатҳи рекордӣ дар моҳи марти соли 2022 тамоюли коҳишёбӣ дорад.

Дар соли 2022 индекси нархи ғалладонагиҳо нисбат ба соли 2021 17,9%, аз ҷумла нархи гандум 24,8% ва ҷуворимакка 15,6% афзоиш ёфтааст.

Дар моҳи декабри соли 2022 нисбат ба соли 2021 нархи равғани растанӣ ва гӯшт мутаносибан 13,9% ва 10,4% зиёд шуданд.

Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид дурнамои истеҳсоли ғалладона дар ҷаҳонро дар давраи солҳои 2022-2023-юм 2,7 млрд. тонна пешбинӣ намуд, ки нисбат ба давраи солҳои 2021-2022 57 млн. тонна ё 2% кам мебошад.

Аз ҷумла истеҳсоли гандум ва биринҷ дар ҷаҳон дар солҳои 2022-2023 мутаносибан 781,1 млн. тонна ва 512,8 млн. тоннаро ташкил медиҳад, ки нисбат ба солҳои 2021-2022 истеҳсоли гандум 2,9% зиёд ва биринҷ 12,8 млн. тонна кам мебошад.

Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид индекси нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ дар моҳи августи соли 2022 ба 138 баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давари соли гузашта 10 банд зиёд мебошад [12].

Бо назардошти тамоюлҳои ҷойдошта, институтҳои бонуфузи байналмилалӣ пешгӯиҳои худро доир ба дурнамои рушди иқтисоди ҷаҳон, аз ҷумла барои ҳар як кишвари алоҳида якчанд маротиба тағйир доданд ва таҷриба нишон медиҳад, ки ин баҳодиҳиҳо барои соли ҷорӣ ва давраи миёнамуҳлат ниҳоӣ нестанд.

Масалан Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) дар соли 2022 баҳодиҳии худро оид ба рушди иқтисоди ҷаҳон се маротиба иваз намуда, мутобиқи тағйироти охирон 3,2% баҳодиҳӣ намуд, ки нисбат ба дурнамои қаблӣ 0,4 банди фоизӣ ва нисбат ба дурнамои аввала 3,3 банди фоизӣ кам мебошад.

Эҳтимол меравад, ки рушди иқтисоди Хитой дар соли 2022 нисбат ба рушди иқтисоди ҷаҳон пасттар шавад, ки ин дар 40 соли охир маротибаи аввал мебошад.

ХБА бо назардошти паст шудани фаъолнокии иқтисодӣ ва болоравии сатҳи таваррум дар ҷаҳон дурнамои рушди иқтисоди ҷаҳонро дар соли 2023 дар сатҳи 2,7% пешбинӣ намуд, ки нисбат ба дурнамои қаблӣ 0,2 банди фоизӣ кам мебошад.

Агентии рейтингии байналмилалии «Standard and Poor's» дурнамои рушди иқтисоди ҷаҳонро дар соли 2023 1,5% пешгӯӣ кардааст.

Инчунин, Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) сустшавии рушди иқтисоди ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Британия Кабир ва Хитойро дар соли 2023 пешгӯӣ менамояд, ки ин ба таназзул дучор шудани аз се як ҳиссаи иқтисоди ҷаҳон оварда мерасонад.

Тибқи дурнамои ХБА рушди иқтисоди Хитой дар соли 2023-юм 4,4%, ИМА 0,7% ва минтақаи евро 0,1% арзёбӣ шудааст.

Бонки Morgan Stanley таназзули минтақаи евро ва Британия Кабирро мувофиқан -0,2% ва -1,5% пешбинӣ кардааст. Мутобиқи гузориши СММ бо назардошти дар соли 2022 баланд шудани арзиши неруи барқ ҳаҷми гардиши савдои ҷаҳонӣ 12% афзоиш ёфта, ба 32 трлн. доллар баробар гардид.

Тибқи дурнамои ин Созмон дар соли 2023 ҳаҷми гардиши савдои ҷаҳонӣ бо назардошти шиддат гирифтани вазъи геосиёсӣ, суст шудани иқтисоди ҷаҳон, кам гардидани талабот ба мол, болоравии нархи молу маҳсулот ва дар сатҳи рекордӣ расидани қарзи давлатии кишварҳо, коҳиш мeёбад.

Хазинаи Байналмилалии Асъор таъсири низоъҳои ҳарбии байни Россия ва Украинаро ба иқтисоди ҷаҳон таҳқиқ карда, таъкид менамояд, ки ҳолати мазкур ба болоравии нархи маҳсулоти озуқа, сӯзишворӣ ва энергетикӣ таъсири манфӣ мерасонад, зеро 30%-и содироти масулоти донагӣ ва нафтӣ ба ин кишварҳо рост меояд.

Аз ҳама бештар иқтисодиёти кишварҳои минтақаи Африка, Америкаи Лотинӣ, Кавказ ва Осиёи Миёна чунин таъсирро эҳсос намуда, сатҳи бехатарии озуқаворechии ин кишварҳо коста мегардад [4].

Вобаста ба ин тамоюлҳо дар кишвар аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Махсусан дар доираи фаъолияти Шурои миллии суботи молиявӣ гурӯҳи кории байниидоравии доимоамалкунанда оид ба ҳамоҳангсозии амалишавии сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ, Гурӯҳи доимоамалкунандаи коршиносон оид ба такмили фишангҳои тарифию ғайритарифии савдои хориҷӣ, гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии чараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ ва Ситоди байниидоравӣ оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва хавфҳои эҳтимолӣ мунтазам баррасӣ гардида, ҷиҳати ҳалли онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд.

Аз ҷумла бо мақсади пешгирии таъсири омилҳои манфии беруна ба иқтисодиёти миллӣ, таъмини амнияти беруниқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар доираи фаъолияти ситоди байниидоравӣ дар соли 2022 Нақшаи навбатии чорабиниҳои зиддибуҳронӣ таҳия гардида, мавриди амал қарор дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тадбирҳои зиддибуҳронии Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба коҳиш додани таъсири омилҳои манфии беруна дар давоми солҳои 2008-2022 маҷмуан барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар тавассути ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, таъсиси коргоҳ ва корхонаҳои нави саноатӣ, барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда, ба шуғли доимӣ фаро гирифтани шаҳрвандони кишвар, кам кардани таъсири манфии омилҳои беруна ба амнияти беруниқтисодӣ ва бунёди иншооти иҷтимоию иқтисодӣ заминаи воқеӣ гузоштанд.

Дар натиҷа дар 15 соли охир рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна ҳамасола 7% таъмин гардида, таваррум дар сатҳи миёна 6,9% нигоҳ дошта шуд [6].

**Диаграммаи 1. Ҳаҷми номиналӣ ва рушди воқеии ММД дар солҳои 2008-2022**
**Diagram 1. Nominal and real GDP growth in 2008-2022**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти расмии оморӣ.

Бахусус нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии коронавируси COVID-19 дар ҷаҳон ба иқтисодиёти миллӣ, ки аз 19 марти соли 2020 тасдиқ ва мавриди амал қарор гирифт, имкон дод, ки иқтисоди Тоҷикистон дар байни кишварҳои минтақа аз таъсири манфии ин бемории сироятӣ камтар зарар бинад [6].

Бояд қайд кард, ки чунин нақшаҳои зиддибуҳронӣ дар кишварҳои ҷаҳон дертар қабул гардиданд. Аз ҷумла дар Гурҷистон 24 апрели соли 2020, Қазоқистон 20 майи соли 2020 ва дар Қирғизистон 22 августи соли 2020.

Тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар кишвар бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 июни соли 2020 боз ҳам тақвият ёфта, тибқи он чорабиниҳои иловагӣ барои дастгирии соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ, соҳибкорон, табақаҳои аҳолии осебпазир ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ равона гардида, сабукиҳои зиёди андозиву қарзӣ ва имтиёзҳову ҷубронпулиҳо ҷорӣ карда шуданд [10].

Вобаста ба дастовардҳо институтҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла Хазинаи Байналмилалии Асъор тадбирҳои зиддибуҳронии андешидашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати пешгирии паҳншавии беморii сироятии COVID-19 дар муқоиса ба дигар кишварҳо самаранок ва натиҷабахш арзёбӣ намудааст.

**Ҷадвали 1. Рушди воқеии ММД-и ҷаҳон ва минтақа дар солҳои 2007-2022**
**Table 1. Real GDP growth of the world and the region in 2007-2022**

| № | | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Кишварҳо | 2007 | 2010 | 2015 | 2020 | 2022 |
| 1. | Иқтисоди ҷаҳон | 5,0 | 5,1 | 3,2 | -3,1 | 4,4 |
| 2. | Россия | 7,0 | 4,3 | -3,7 | -3,0 | -2,3 |
| 3. | Қазоқистон | 8,9 | 7,3 | 1,2 | -2,6 | 3,1 |
| 4. | Қирғизистон | 8,2 | -0,5 | 3,5 | -8,6 | 7 |
| 5. | Ӯзбекистон | 9,5 | 8,5 | 8,0 | 1,7 | 5,5 |
| 6. | Хитой | 11,9 | 10,4 | 6,9 | 2,3 | 3 |
| 7. | Тоҷикистон | 7,8 | 6,5 | 6,0 | 4,5 | 8 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Хазинаи Байналмилалии Асъор.

Амалисозии тадбирҳои нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии коронавируси COVID-19 дар ҷаҳон ба иқтисоди миллӣ имкон доданд, ки дар соли 2020 дар маҷмуъ рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 4,5% таъмин гардад. Ҳоло он ки дар соли 2020 иқтисодиёти бештари давлатҳои ҷаҳон ба таназзул дучор гардид.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 26 январи соли 2021 қайд намуданд, дар натиҷаи паҳн шудани бемории сироятии коронавирус ва вобаста ба он, босуръат паст рафтани фаъолнокии иқтисодӣ ва афзоиши бесобиқаи бекорӣ вазъияти сайёра боз ҳам печида гардида, ба буҳрони бисёр шадиди иқтисодиву молиявӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ омад [7,с.1].

Тавре аз ҷадвали мазкур бар меояд, рушди иқтисодиёти кишвар дар соли 2022 ба 8% баробар гардид, ки нишондиҳандаи баландтарин дар байни шарикони асосии тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад.

Ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ низ рушди иқтисоди Тоҷикистонро дар соли 2022 нишондиҳандаи баландтарин дар минтақа арзёбӣ намуданд.

Суръати рушди иқтисодӣ аз ҳисоби зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 15,4%, кишоварзӣ 8%, боркашонӣ 26,1%, хизматрасонии пулакӣ 16%, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 11,4%, гардиши савдо 11,2% ва мусофиркашонӣ 11,1% таъмин гардид.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар солҳои 2021-2022**
**Table 2. Main macroeconomic indicators in 2021-2022**

| | Соли 2020 | | Соли 2021 | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | млрд. сомонӣ | 2020 нисбат ба соли 2020 | млрд. сомонӣ | 2021 нисбат ба соли 2021 | Фарқият (банди фоизӣ) |
| ММД | 98,9 | 109,2 | 115,7 | 108 | -1,2 |
| Саноат | 38,8 | 122 | 43 | 115,4 | -6,6 |
| Маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ | 14,8 | 123,3 | 16,3 | 111,4 | -11,9 |
| Ҳаҷми умумии гардиши савдо | 40,1 | 113 | 47,6 | 111,2 | -1,8 |
| Хизматрасониҳои пулакӣ | 15,1 | 107,9 | 18,7 | 116 | 8,1 |
| аз он: хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ | 11,7 | 101,4 | 13,9 | 110,9 | 9,5 |
| Гардиши савдои хориҷӣ (млн.долл. ИМА) | 6004,7 | 134,7 | 7512,9 | 125,1 | -9,6 |
| аз он: содирот | 1786,9 | 136,3 | 2330 | 130,4 | -5,9 |
| воридот | 4217,8 | 134 | 5182,9 | 122,9 | -11,1 |
| Таваррум | | 8 | | 4,2 | -3,8 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти расмии оморӣ

Дар соли 2022 бо мақсади пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ дар робита ба вазъи Россия ва Украина баъди 2 рӯзи ҳолати бавуҷудомада, яъне рӯзи 26 феврали соли ҷорӣ дар сатҳи Ҳукумати кишвар ҷаласа баргузор гардида, ҷиҳати андешидани чораҳо ба Ситоди байниидоравӣ оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ дастурҳо дода шуд.

Ситоди байниидоравӣ ҷаласаҳои худро рӯзҳои 26 ва 28 феврал, 1,3 ва 4-уми марти соли 2022 бо иштироки роҳбарияти вазорату идораҳо, истеҳсолкунандагони ватанӣ, ассотсиатсияҳои истеҳсолкунандагон ва воридкунандагони ғалла ва маҳсулоти нафтӣ, воридкунандагони маҳсулоти ниёзи аввал, бахши хусусӣ ва шарикони рушд гузаронида, бо назардошти фикру тавсияҳои онҳо лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ таҳия карда шуд, ки яке аз аввалинҳо дар байни кишварҳои минтақа ва ҷаҳон мебошад.

Бо назардошти он ки бастаи таҳримҳои иқтисодии кишварҳои Ғарб нисбат ба баъзе шарикони асосии тиҷоратӣ марҳила ба марҳила ҷорӣ гардиданд, баҳодиҳии таъсири онҳо

ба соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар вақти иловагиро талаб намуда, бо назардошти ин лоиҳаи Нақшаи мазкур такмил дода шуд ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фавран бо тариқи пурсиш аз 18 марти соли 2022, №116 қабул гардид [5].

Нақшаи чорабиниҳои зиддибуҳронии кишвар масъалаҳои таъмини бозорҳои истеъмолӣ бо маҳсулоти ниёзи аввал, аз ҷумла орд, равған, гӯшт, шакар, тухм, сабзавот, зиёд намудани истеҳсолу захираи онҳо ва пешгирии болоравии беасоси нархҳо, дастгирии қишри осебпазири аҳолӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ ва соҳибкорӣ, таъмини иҷрои саривақтии уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ ба низоми бонкӣ, коҳиш додани фишорҳои қурбӣ, пешбинӣ намудани қарзҳо бо фоизи паст ба соҳибкорони истеҳсолӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, мавқуф гузоштани санҷишҳои ғайриандозӣ, ҷалби кумакҳои молиявии иловагӣ ва дигар тадбирҳоро дар бар мегирад.

Дар Нақшаи чорабиниҳо тадбирҳои алоҳидаи нақшаҳои зиддибуҳронии қаблӣ низ ворид карда шуданд, ки хусусияти доимӣ доранд ва бо мақсади тақвият додани чораҳои иловагӣ барои татбиқи онҳо дар ҳолатҳои зиёд гардидани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Аз ҷумла маҳдуд намудани хароҷоти ғайринақшавии буҷети давлатӣ бо мақсади таъмини қисми даромади буҷет ва таъмини маблағгузории соҳаҳои афзалиятнок, бахусус таъмини уҳдадориҳои иҷтимоии давлат яке аз масъалаҳое мебошад, ки ба таври доимӣ бояд дар ҳолатҳои пешазбуҳронӣ андешида шавад.

Инчунин, доир ба пешбинӣ намудани тадбирҳо вобаста ба ҷалби маблағҳои имтиёзноки институтҳои байналмилалии молиявӣ тадбири дигаре мебошад, ки вазорату идораҳои дахлдор бояд фаъол бошанд. Зеро дар чунин ҳолатҳо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва як қатор давлатҳои рушдкарда ё гурӯҳи чунин давлатҳо аз захираҳои худ барои кишварҳои осебпазир (қабулкунандаи кумаки расмӣ барои рушд) маблағҳои иловагӣ пешбинӣ мекунанд.

Дар соли 2020 вобаста ба ҷалби чунин маблағҳо ҷиҳати пешгирӣ ва кам кардани таъсири иқтисодию иҷтимоии пандемияи коронавирус COVID-19, дар маҷмуъ зиёда аз 384,3 млн. доллар, аз ҷумла аз Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) 189,5 млн. доллар қарзи бефоиз, Фонди Авруосиёгии Стабилизатсионӣ ва Рушд 50 млн. доллар қарз, Бонки Осиёи Рушд 122,5 млн. доллар грант, Бонки Ҷаҳонӣ 11,3 млн. доллар грант, Бонки Исломии Рушд 9,4 млн. доллар ва Ҳукумати Олмон 1 млн. евро ҷалб карда шуда, барои дастгирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ равона карда шуданд.

Фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар доираи чорабиниҳои амалигардида имкон доданд, ки дар соли 2020 ба ҷумҳурӣ 428,4 млн. доллар сармояи хориҷӣ ворид шавад.

Ҳамзамон, ҷиҳати таъмини шароити мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ тавассути васеъ намудани хизматрасониҳои электронӣ ба соҳибкорону сармоягузорон то ин давра як қатор корҳои назаррас ба анҷом расидаанд.

Аз ҷумла ба истифода додани Портали савдои Тоҷикистон, Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, портали электронии хизматрасониҳо барои андозсупорандагон ва тавассути он 36 намуди хизматрасониҳои электронӣ, шумораи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ аз 650 адад то 56 адад коҳиш дода шуда, пешниҳоди 30%-и ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ тариқи низоми электронӣ, низомҳои миллии «Равзанаи ягона» барои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, гирифтани иҷозат барои корҳои сохтмонӣ, пайвастшавӣ ба неруи барқ, бақайдгирии амволи ғайриманқул ва роҳандозии расмиёти мустақим дар реҷаи онлайн ва ташкили Бюрои таърихи қарзӣ як қатор монеаҳои маъмурии самти фаъолияти соҳибкорию сармоягузориро бартараф намуда, дар ин самт тавассути татбиқи нақшаи чорабиниҳои Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва дигар барномаҳои соҳавӣ тадбирҳои амалӣ минбаъд низ роҳандозӣ карда мешаванд. Ворид намудани чорабинии мазкур, ин тақвият бахшидани корҳо дар самти ҷорисозии хизматрасониҳои электронӣ дар ҳама соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад.

Бо амалӣ намудани тадбирҳо дар самти мавқуф гузоштани баландшавии тарифҳои хизматрасонии коммуналӣ, нақлиёти мусофиркашонӣ ва тиббию маориф дар доираи нақшаҳои зиддибуҳронии қаблӣ имкон доданд, ки болоравии назарраси сатҳи таваррум нигоҳ дошта шавад ва навобаста аз таъсири омилҳои манфии пандемияи коронавирус COVID-19 дар соли 2020 сатҳи таваррум 9,4%, соли 2021 8% ва соли 2022 4,2%-ро ташкил доданд [2].

Ин нишондиҳандаҳо асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои вобаста ба паҳншавии беморӣи сироятии коронавирус, афзоиши нархҳо дар давлатҳои шарикони тиҷоратии кишвар ва аз ҳисоби баландшавии нархи маҳсулоти озуқаворӣи воридотӣ ташаккул ёфтааст.

**Диаграммаи 2. Сатҳи таваррум дар солҳои 2007-2022**
**Diagram 2. The level of inflation in 2007-2022**




Бо назардошти он ки дар аксар ҳолатҳои буҳронӣ дар тамоми давлатҳои ҷаҳон қишри осебпазири аҳолӣ бо назардошти таъсири манфии омилҳои буҳронӣ бештар зарар мебинанд, дар ҳамаи нақшаи чорабиниҳои зиддибуҳронӣ вобаста ба расонидани кумакҳои моддию молиявӣ ба ин қишри аҳолӣ тадбирҳо пешбинӣ ва амалӣ карда мешаванд.

Дар ин самт, дар баробари кумакҳои беруна аз ҳисоби буҷети давлатӣ низ маблағҳои мақсаднок ҷудо карда мешаванд.

Аз ҷумла танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2020 барои пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ 83,8 млн. сомонӣ ба шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоат расонида шудааст.

Таъсиси коргоҳу корхонаҳои саноатӣ барои рушди истеҳсол ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ, бо шуғл фаро гирифтани шаҳрвандони бекор ва зиёд шудани манбаъҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз дар доираи тадбирҳои амалигардидаи солҳои қаблӣ вобаста ба таъсиси коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шуданд, аз ҷумла соли 2020 дар кишвар 300 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ, дар соли 2021 309 корхона ва коргоҳи нави саноатӣ, инчунин, дар соли 2022 487 корхонаи нави саноатӣ мавриди истифода қарор дода шуданд, ки ин барои коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ва кам кардани вобастагии бозори дохилӣ аз молу маҳсулоти воридотии саноатӣ дар шароити буҳронӣ замина мегузорад.

Таҳлили ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ дар кишвар ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ нишон медиҳад, ки бо мақсади пешгирӣ ва коҳиш

додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ дар ин давраҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳҳои кории банйниидоравӣ ва ситодҳои ҷумҳуриявӣ таъсис дода шуда, нақшаҳои зиддибуҳронӣ таҳия ва татбиқ гардиданд, ки барои таъмини устувории макроиқтисодӣ дар кишвар ва таъмини амнияти беруниқтисодӣ мусоидат намуданд.

Маҳз дар натиҷаи андешидани тадбирҳои мазкур, рушди иқтисоди миллӣ дар солҳои 2008-2022 новобаста аз коҳишёбии назарраси иқтисодиёти ҷаҳон ва шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон дар сатҳи миёнасолонаи 7% таъмин карда шудааст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Имомёрбеков Ф.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Бархатов, А.П. Бухгалтерский учет внешнеэкономической деятельности / А.П. Бархатов. -М.: Дашков и Ко, 2015. -268 с.
2. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ-декабри соли 2021. -№314.
3. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан, Агентство по статистики при Президенте Республики Таджикистан. – 2020. -530 с.
4. Как война в Украине отражается на разных регионах мира // 17 марта 2022 г. www.imf.org
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, №116 фавран «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ».
6. Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва кам кардани таъсири хавфҳои эҳтимолии коронавируси COVID-19 дар ҷаҳон ба иқтисодиёти миллӣ, ки аз 19 марти соли 2020.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» санаи 26 январи соли 2021.
8. Рогуленко, Т.М. Учёт внешнеэкономической деятельности / Т.М. Рогуленко, С.В. Пономарева. –М.: Юрайт, 2017. –С.218.
9. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуи аморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021.
10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири беморрии сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 июни соли 2020, №1544.
11. Conflict, COVID, the climate crisis and rising costs have combined in 2022 to create jeopardy for up to 828 million hungry people across the world, 06.07.2022 https://www.wfp.org/global-hunger-crisis
12. FOOD and Agriculture Organization of the United Nation (FAO) https://www.fao.org/worldfoodsituation/foodpricesindex/en/ 02/09/2022.
13. Global report on food crises. – 2022. -№277 (GRFC 2022) 4 May 2022. -P.5-6.


**ПЕШГИРИИ ТАЪСИРИ ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛӢ БА ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ЯК ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ БЕРУНИИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Мақолаи мазкур форигири тамоюлҳои иқтисоди ҷаҳон вобаста ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ, сар задани бухронҳои иқтисодию молиявӣ ва таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ, бахусус ба амнияти беруниқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон таъсири якчанд бухронҳои ҷаҳониро ба иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соли 2008 ва соли 2015 буҳронҳои ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, соли 2020-2021 паҳншавии беморрии сироятии COVID-19, соли 2022 буҳрони ҷаҳони вобаста ба оғози амалиёти махсуси ҳарбӣ аз ҷониби Россия нисбат ба Украина-ро паси сар намудааст. Дар мақолаи мазкур таъсири буҳронҳои қайдгардида ба иқтисоди миллӣ ва таъмини амнияти беруниқтисодӣ тавассути коҳиш ёфтани ҳаҷми сармоягузориҳо, бахусус сармояи мустақими хориҷӣ, кам шудани воридоти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ноустуворӣ ва баландшавии нархи молу маҳсулоти воридотӣ, инчунин, коҳиш ёфтани ҳаҷми савдо ва хизматрасониҳои пулакӣ шаҳр дода шудааст. Инчунин, тадбирҳои андешидашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ дар ин давраҳо яъне таъсиси гурӯҳҳои кории банйниидорӣ ва ситодҳои ҷумҳуриявӣ, нақшаҳои зиддибуҳронӣ ва таъсири онҳо барои таъмини устувории макроиқтисодӣ дар кишвар оварда шудааст. Дар мақола хулоса карда шудааст, ки маҳз тадбирҳои мазкур имкон дод, ки новобаста аз коҳишёбии назарраси иқтисодиёти ҷаҳон ва шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон рушди иқтисоди миллӣ дар солҳои 2008-2022 дар сатҳи миёнасолонаи 7% таъмин гардад. Инчунин, дар мақола рақамҳои омории вазорату идораҳои дахлдор оварда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** чорабиниҳои зиддибуҳронӣ, иқтисоди миллӣ, амнияти беруниқтисодӣ, бухрони ҷаҳонӣ, иқтисоди ҷаҳонӣ, сармояи хориҷӣ, шарикони тиҷоратӣ, хавфҳои берунӣ, сатҳи таваррум, саноат, COVID-19.

## ПРЕДОТВРАЩЕНИЕ ВОЗДЕЙСТВИЯ ПОТЕНЦИАЛЬНЫХ РИСКОВ НА НАЦИОНАЛЬНУЮ ЭКОНОМИКУ КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья является продолжением экономических тенденций в мире, связанных с распространением инфекционных заболеваний, вспышками экономических и финансовых кризисов и их влиянием на национальную экономику, особенно на внешнеэкономическую безопасность Республики Таджикистан. В эпоху предпринимательства Таджикистан испытал на себе влияние нескольких глобальных кризисов на национальную экономику, в том числе в 2008 и 2015 годах кризиса глобальных финансовых и экономических бюджетов, в 2020-2021 годах распространения инфекционного заболевания COVID-19, в 2022 году глобального кризиса, связанного с началом специальных военных операций со стороны России по отношению к Украине. В статье "Кризисы" освещается влияние зарегистрированных бюджетов на национальную экономику и обеспечение внешнеэкономической безопасности за счет сокращения объема инвестиций, особенно прямых иностранных инвестиций, сокращения притока средств трудящихся-мигрантов, нестабильности и роста цен на импортируемые товары и полуфабрикаты, а также сокращения объема торговли и платных услуг. Помимо принятых мер, Правительство Республики Таджикистан также приняло меры по предотвращению и смягчению воздействия потенциальных рисков на национальную экономику в эти периоды, а именно: создание социально-экономических рабочих групп и республиканских штабов, антикризисные планы и их влияние на обеспечение макроэкономической стабильности в страны. В статье делается вывод о том, что именно эти меры позволили обеспечить развитие национальной экономики в 2008-2022 годах в среднем на уровне 7 процентов, несмотря на значительное сокращение мировой экономики и основных торговых партнеров Таджикистана. В статье также приводятся статистические данные соответствующих министерств и ведомств.

**Ключевые слова:** антикризисные меры, национальная экономика, внешняя безопасность, мировой бюджет, мировая экономика, внешний капитал, торговые партнеры, внешние риски, уровень инфляции, промышленность, COVID-19.

## PREVENTION OF THE IMPACT OF POTENTIAL RISKS ON THE NATIONAL ECONOMY AS A FACTOR OF ENSURING EXTERNAL ECONOMIC SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is a continuation of economic trends in the world related to the spread of infectious diseases, outbreaks of economic and financial crises and their impact on the national economy, especially on the external economic security of the Republic of Tajikistan. In the era of entrepreneurship, Tajikistan has experienced the impact of several global crises on the national economy, including in 2008 and 2015, global financial and economic budgets, in 2020-2021, the prevalence of the infectious disease COVID-19, in 2022, the global crisis associated with the beginning of special military operations by Russia in relation to Ukraine. Article crises highlights the impact of registered budgets on the national economy and ensuring foreign economic security by reducing the volume of investments, especially foreign direct investment, reducing the inflow of funds of migrant workers, instability and rising prices for imported goods and goods, as well as reducing the volume of trade and paid services. As well as the measures taken The Government of the Republic of Tajikistan also took measures to prevent and mitigate the impact of potential risks on the national economy during these periods, namely, the creation of economic working groups and republican headquarters, anti-crisis plans and their impact on ensuring macroeconomic stability in the country. The article concludes that it was these measures that made it possible to ensure the development of the national economy in 2008-2022 at an average level of 7 percent, despite a significant reduction in the world economy and Tajikistan's main trading partners. The article also provides statistical data of relevant ministries and departments.

**Keywords**: anti-crisis measures, national economy, external security, world budget, world economy, external capital, trading partners, external risks, inflation rate, industry, COVID-19.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шамсов Фирдавс Саидумарович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-29-39-89**. E-mail: **firdavs-shamsov@mail.ru**

**Сведения об автора:** ***Шамсов Фирдавс Саидумарович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-29-39-89.** E-mail: **firdavs-shamsov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shamsov Firdavs Saidumarovich*** - Tajik National University, Ph.D of The Department of world economy. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-29-39-89**. E-mail: **firdavs-shamsov@mail.ru**

УДК 336+.41.9(575.3)

# БАҲОДИҲИИ ТАЪСИРИ ХАВФҲО БА НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Раҳмонов З.А.*

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар шароити рушди босуръати ҷаҳонишавӣ ва воридшавии кишварҳо ба ин раванд сохтори идоракунӣ ва вазъи иқтисодиёт, аз ҷумла бонкдории дилхоҳ мамлакат на танҳо аз самаранокии сиёсати иқтисодии он, инчунин, аз вазъи иқтисодиёти кишварҳои шарики иқтисодию тиҷоратиаш вобаста аст [11,с.194-198]. Вобаста ба ин гуфтаҳо, мавҷудияти хавфҳо дар фаъолияти ҳар як субъекти хоҷагидорӣ, аз ҷумла бонк, воқеияти объективӣ мебошад, аммо ин маънои ҳатман ба вуҷуд омадани вазъияти бухрониро надорад. Барои роҳ надодан ба чунин вазъият ҳар як корманди бонк ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ, бояд чораҳои зарурӣ андешад, ки имконияти зуҳури хавфро ҳаддалимкон паст намояд.

Мушкилоти идоракунии хавфи бонкӣ (риск-менеҷмент), яке аз масъалаҳои марказӣ ва муҳимми ҳам назария ва ҳам амалияи бонкдорӣ мебошад. Дар адабиёти илмии иқтисодӣ роҳҳо, усулҳо, тарзҳо ва воситаҳои кор бо хавфҳои бонкӣ дарҷ шудаанд. Аммо дар аксари ҳолатҳо, чун қоида, танҳо баъзе масъалаҳои паст кардани хавфҳо баррасӣ карда мешаванд.

Дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷуд будани робитаи равшан байни хавфҳо ва нишондиҳандаҳо муайян карда шудааст. Бинобар ин, мо пешбинӣ менамоем, ки ҳангоми баррасии хавфҳои эҳтимолӣ дар бонкдории исломӣ, бояд ба низоми нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи фаъолияти бонк дар давраи муайян таваҷҷуҳ карда шавад. Манбаи асосии нишондиҳандаҳо метавонад мундариҷаи тавозун бошад. Ҳангоми таҳлили тавозун, ки дар он натиҷаҳои аксари амалиётҳои бонкӣ инъикос мешаванд, ҷанбаҳоеро муайян кардан мумкин аст, ки хавфҳо ва тамоюлҳои онҳо мутамарказ шудаанд, зеро аксарияти хавфҳо сабаби тағйирёбии сохтори амалиёт бо дороиҳо ва уҳдадориҳо мегарданд.

Дар асоси таҳлили манбаъҳои асосии даромад, самтҳои хароҷот, сифати дороиҳо ва уҳдадориҳои бонк, кифоягии сармояи он, даромаднокӣ ва фоидаоварии фаъолияти бонкро, ки ба натиҷаи ниҳоии молиявӣ таъсир мерасонанд, баҳо дода ба ин васила дар бораи ҳолати хавфҳо огоҳӣ ёфтан мумкин аст.

Дар амалияи иқтисодӣ собит шудааст, ки баҳодиҳии кофӣ будани сармоя ва тамоюлҳои тағйирёбии сифати дороиҳо имкон медиҳад, барои пешгӯии ҳолат ва тағйирёбии хавфҳо дар оянда замина фароҳам оварда шавад. Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳои бонк имконият медиҳад, ки сатҳи тамаркузи хавфҳо, тағйирот дар меъёрҳои тавсифкунандаи сиёсати қарзии бонк, инчунин, дараҷаи таъсиси фондҳо барои талафоти эҳтимолии қарзҳоро муайян намоем.

Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва фоидаоварӣ барои муайян кардани хавфҳои марбут ба идоракунии ҷузвдони воситаҳои молиявӣ, нарх, бозори фондҳо, талабот ва уҳдадориҳои асъор, устувории захираҳои озод, инчунин, муайян кардани робитаи байни онҳо мусоидат мекунад.

Аз ин мавқеъ баланд бардоштани самаранокии тамоми бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла бонки исломӣ, ки пайдоиши хавфҳоро ҳаддалимкон паст мекунад, ба рушди ҷомеа таъсири мустақим мерасонад. Бинобар ин, тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлат ва мақомоти ваколатдори танзими муносибатҳои пулӣ-қарзӣ дар кишвар қарор доранд. Дар марҳилаи ҷории рушди низоми бонкӣ яке аз вазифаҳои асосӣ хизматрасонии саривақтӣ, дастрас будани онҳо, гуногунии хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва маҳсулотҳои бонкӣ мебошад, ки бояд ба талаботи ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ ҷавобгӯ бошанд. Айни ҳол дар иқтисодиёт ва амалия усулҳои баҳодиҳии самаранокии бонкҳо зиёданд, аммо аксарияти онҳо ба маълумоте такя мекунанд, ки бонкҳо онро махфӣ, пӯшида мешуморанд ва аз ин ҷиҳат дастрасӣ ба иттилоот душвор мешавад. Чунин муносибат метавонад раванди баҳодиҳиро дучанд

душвор гардонад. Ҳамзамон, афзоиши рақобат дар бозори бонкӣ ба интихоби усулҳое водор мекунад, ки имкон медиҳанд сатҳи фаъолияти самарабахши бонкҳоро тавассути муқоиса бо рақибони асосӣ арзёбӣ намоянд.

Фаъолияти бонки исломӣ ба сифати як ниҳоди миёнаравии молиявӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ аз суботи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар дар маҷмуъ, инчунин, муҳити дохилӣ, ки шароити мусоиди фаъолиятро фароҳам меорад, вобастагӣ дорад. Аз ин мавқеъ, ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти бонки исломӣ, мо методологияеро ба кор гирифтем, ки имкон медиҳад, сатҳи истифодаи дороиҳо ва уҳдадориҳо, кифоягии сармоя, даромаднокӣ ва фоидаро, ки дар фаъолияти ҳам бонкҳои анъанавӣ ва ҳам исломӣ маъмул аст, арзёбӣ кунем. Барои таҳлил, мо аз ҳисобкунии нишондиҳандаҳои ба меъёрҳои муайяни баҳодиҳӣ муттаҳидшуда, яъне: мундариҷаи дороиҳо ва уҳдадориҳо, кифоятии сармоя, фоида аз фаъолияти бонк истифода мебарем.

Дар зер нишонаҳои рамзии нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодии бонк, ки одатан дар ҳисобҳо истифода мешаванд, оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкӣ**
**Table 1. Indicators of banking activity**

| **Мундариҷаи ҷузъҳои тағйирёбанда** | Ишораи шартӣ | **Мундариҷаи ҷузъҳои тағйирёбанда** | Ишораи шартӣ |
|---|---|---|---|
| Тавозун (дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармоя) | **В** | Сармояи оинномавӣ | **УК** |
| Дороиҳои пардохтпазир | **Ал** | Захира барои талафоти эҳтимолӣ аз рӯи қарзҳо | **Рс** |
| Дороиҳои фоидаовар | **Араб** | Даромади умумӣ | **Д** |
| Сандуқи қарзӣ | **Сз** | Хароҷоти умумӣ | **Р** |
| Қарзҳои батаъхирафтода | **Сзпр** | Даромади фоизӣ | **Дпр** |
| Қоғазҳои қимматноки сармоягузоришаванда | **Ицб** | Хароҷоти фоизӣ - | **Рпр** |
| Уҳдадориҳо | **Об** | Даромади софи фоизӣ | **Дпр.ч** |
| Уҳдадориҳо бо векселҳо | **Обв** | Фоидаи соф | **Пб** |
| Амонатҳои шахсони воқеӣ (пасандозҳо) | **Скл ф** | Дигар хароҷотҳо | **Рпроч** |
| Амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ | **Скл юр** | Даромади софи комиссионӣ | **Дк.ч.** |
| Сармояи танзимшаванда | **К** | Амонатҳо | **Скл** |
| Захираҳо | **Р** | - Даромади эмиссионӣ | **Дэ** |
| Сармоягузориҳо | **Ки** | - Хароҷоти комиссионӣ | **$Р_{ап}$** |

**Сарчашма.** Таҳияи муаллиф.

Барои дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ намудани фаъолияти ин ё он бонки тиҷоратӣ ё ба ин баробар аз як қатор индикаторҳои баҳодиҳӣ истифода менамоянд, ки тавассути онҳо муҳити рақобатипазирии бонк ва то кадом андоза ба мушкилот тоб овардани онро баҳо медиҳанд. Ғайр аз ин, дар доираи як қатор нишондиҳандаҳое, ки самаранокии фаъолияти бонкро баҳо медиҳанд, стратегияи минбаъдаи бонк барои рушди самаранок таҳия карда мешавад.

Дар навбати худ, барои бартараф кардани норасоиҳое, ки низоми истифодаи меъёрҳои мазкур мавҷуданд, чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Бо ин мақсад тартиби ҳисоби баъзе аз нишондиҳандаҳое, ки самаранокии фаъолияти бонкии “Тавҳидбонк”-и исломиро тавсиф медиҳад, дар ҷадвали 2 пешниҳод шудааст.

Дар ҷадвал нишон дода шудааст, ки арзиши нишондиҳандаҳои воқеии ҳисобшудаи фаъолияти “Тавҳидбонк” дар умум қаноатбахш аст. Аз ҷумла, қимати таносуби умумии бозоргирӣ, ки ҳаҷми дороиҳоеро, ки метавонанд барои иҷрои уҳдадориҳо дар назди амонатгузорон истифода шаванд, тавсиф медиҳад, ба 0,5918 ё ки 59,18% баробар мебошад. Ин маънои онро дорад, ки бонк, ҳангоми зарурат қодир аст аз ҳисоби дороиҳои бозоргир беш аз нисфи уҳдадориҳои худро пардохт кунад. Ин вазъи қаноатбахшии сифати дороиҳои “Тавҳидбонк”-ро барои соли 2020 тавсиф мекунад. Нишондиҳандаи дигар, ҳиссаи қарздории саҳомии бонк дар ҳаҷми умумии дороиҳо, сохтори ҷойгиркунии

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти “Тавҳидбонк” ва тартиби ҳисоби онҳо**

**Table 2. Performance indicators of "Tawhidbank" and their calculation procedure**

| Нишондиҳандаҳо | Тартиби ҳисоб | Қимати коэффитсиент |
|---|---|---|
| **Баҳодиҳии муҳити дохилии бонк** | | |
| ***Сифати дороиҳо ва уҳдадориҳои бонк*** | | |
| Коэффитсиенти бозоргирии умумӣ | Ал / В | 59,18 |
| Ҳиссаи қарздории саҳомӣ дар дороиҳои умумӣ % | Сз / В | 8,55 |
| Коэффитсиенти таносуби дороиҳои бозоргир нисбати уҳдадориҳои умумӣ | Ал / Об | 166 |
| Коэффитсиенти самаранокии истифодаи захираҳои ҷалбшуда | Араб / Об | 24,10 |
| Ҳиссаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар захираҳои ҷалбшуда, % | Скл ф / Об | 19,27 |
| Ҳиссаи воситаҳои шахсони ҳуқуқӣ дар захираҳои ҷалбшуда % | Скл юр /Об | 56,94 |
| Ҳиссаи воситаҳои ҷалбшуда дар маҷмуи уҳдадориҳо % | Об / В | 35,61 |
| ***Кифоягии сармояи бонк*** | | |
| Коэффитсиенти кифоягии сармоя | К / Об | 48,66 |
| Ҳиссаи сармояи саҳомӣ дар маҷмуи уҳдадориҳо % | К / В | 17,33 |
| Коэффитсиенти таносуби сармояи саҳомӣ нисбати сармояи оинномавӣ | К / УК | 36,81 |
| Коэффитсиенти таносуби сармояи оинномавӣ ба уҳдадориҳои бонк | УК / Об | 132,19 |
| Коэффитсиенти захираҳо | Рс / Сз | 11,53 |
| Даромаднокии дороиҳои гардон, % | Пб / Араб | 31,16 |
| Даромаднокии маҷмуи дороиҳо, % | Пб / В | 2,67 |
| Даромаднокии бонк, % | Пб / Д | 4,14 |
| Коэф. таносуби хароҷот ба асъори тавозун | Р / В | 61,11 |
| Коэффитсиенти самараи сармояи саҳомӣ | Пб / К | 15,43 |
| Коэффитсиенти хароҷот | Р / Пб | 22,85 |
| Коэффитсиенти хизматрасонии мизоҷон аз рӯи амалиётҳои қарзӣ | Дпрч / Араб | 7,58 |

**Сарчашма.** Таҳияи муаллиф

маблағҳоро аз ҷиҳати тавсеаи бароришӣ захираҳои қарзӣ тавсиф намуда, дар соли 2020 ҳамагӣ 8,55%-ро ташкил дод. Ин нишондиҳанда дар фаъолияти Тавҳидбонк ҳоло ҳам нисбатан ночиз аст ва ин худ фаҳмо аст, зеро ин бонк танҳо аз охири соли 2019 ба ҳайси бонки исломӣ фаъолият мекунад ва то ҳол бисёр субъектҳо дар бораи ҷанбаҳои мусбии ин намуди фаъолияти бонкӣ дар робита ба ҷалби захираҳои қарзӣ маълумоти кофӣ надоранд.

Нишондиҳандаи дигар - коэффитсиенти истифодаи захираҳои ҷалбшуда ба 0,2410 баробар аст, ки ҳаҷми воситаҳои гардишро ба 1 сомонии маблағҳои ҷалбшуда ифода мекунад. Нишондиҳандаи мазкур ҳар қадар қимати баланд дошта бошад, истифодаи маблағҳои ҷалбшуда ҳамон қадар самаранoктар мегардад. Аз ин нуқтаи назар метавон қимати тағйирёбандаҳои дар боло ҳисобшударо боз ҳам бештар таҳлил кард, аммо нишондиҳандаҳои зикршуда барои баҳо додан ба ҳисоби миёнаи фаъолияти ибтидоии “Тавҳидбонк” ҳамчун як ташкилоти молиявии исломӣ кофӣ мебошанд. Вале инро барои ҳадафҳои пешбинишуда қаноатбахш ҳисобидан мумкин нест, бинобар ин, дар оянда барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои воқеан баландшавандаи афзоиш, корҳои зиёдро бояд анҷом дод.

Маълум аст, ки ҳам дар фаъолияти бонкҳои анъанавӣ ва ҳам дар фаъолияти бонкҳои исломӣ хавфҳои имконпазирро ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардан мумкин аст: хавфҳои молиявӣ ва хавфҳои амалиётӣ. Гурӯҳи якум хавфҳои бозорӣ, қарзӣ, инчунин, хавфи сармоягузории саҳомӣ ва хавфи аз даст додани бозоргириро дар бар мегирад. Гурӯҳи

дуюми хавфҳо - ин хавфҳои амалиётӣ, технологӣ, қаллобӣ, ҳуқуқӣ, меъёрӣ, ва хавфҳоеро, ки бо дуршавӣ аз принсипҳои шариат вобастаанд, дар бар мегирад.

Дар тафовут аз фаъолияти бонкҳои анънавӣ дар кори бонки исломӣ хавфҳои ба истилоҳ фоизӣ вуҷуд надоранд, зеро механизми мазкур дар низоми бонкдории исломӣ қатъиян манъ аст. Бояд қайд кард, ки гарчанде, баъзе категорияҳои хавфҳо барои бонки анъанавӣ ва исломӣ умумӣ мебошанд, аммо мундариҷаи сифати онҳо фарқияти ҷиддӣ дорад ва бо шартҳои шартнома вобаста аст. Аз ин лиҳоз, хавфҳои барои ҳама намудҳои бонкҳо умумӣ дар фаъолияти бонкдории исломӣ вобаста ба қонунҳои шариат ва инчунин, ҳар як намуди шартномаи бонкӣ мушаххас мешаванд. Масалан, дар маҳсулоти молиявии бонкдории исломӣ бо номи “Салам” хавфи бозор аз тағйир ёфтани нархи молҳои пас аз таҳвил ба фурӯшмондашуда ба вуҷуд меоянд.

Дар намуди дигари хизматрасонии бонкӣ бо номи “Иҷора” хавфи бозорӣ аз тағйирёбии нархи объекти иҷора (лизинг) (хавфи арзиши дороиҳо, хавфи арзиши боқимонда) вобаста аст. Дар маҷмуъ, ҳар як намуди хавфи амалиётии молиявӣ, ки вобаста ба мундариҷаи ҷузъҳои шартнома, ки мувофиқи меъёрҳои шариат, стандартҳои муҳосибот ва ғайра таҳия карда мешавад, метавонад гуногун бошад.

Чи хеле, ки маълум аст, методологияи умумии баҳодиҳии хавфҳо дар асоси нишондиҳандаҳои кифоягии сармояи саҳомӣ, ки меъёрҳои назорати бонкии “Базел 2” ва “Базел 3” муқаррар кардаанд, наметавонад дар баҳодиҳии хавфи бонки исломӣ ба таври самаранок татбиқ карда шавад. Якум, бо сабаби он, ки бонки исломӣ бештари захираҳои худро тавассути суратҳисобҳои сармоягузории “музораба” ҷалб мекунад, муайян кардани он, ки кӣ бевосита ба хатар дучор мешавад - мизоҷ ё бонк мушкил аст. Мутаносибан, муайян кардан душвор аст, ки оё бонкҳо дар сурати талафоти эҳтимолӣ бояд захираҳои заруриро ташкил кунанд ё на. Дуюм, бинобар шумораи зиёди хатарҳои махсус, ки танҳо ба низоми исломӣ хосанд, ба яке аз 3 гурӯҳҳои хавфҳое, ки методологияи “Базел 2” дар он сохта шудааст, ҷорӣ кардани хавфҳои бозорӣ, амалиётӣ ва қарзӣ душвор аст [1,с.42].

Дар маҷмуъ, дар илми иқтисодӣ осори зиёде мавҷуд аст, ки ба таҳлил ва муайян кардани хатарҳо дар бонкдории исломӣ бахшида шудаанд. Дар яке аз онҳо ба таври мукаммал, босалоҳият ва мухтасар тавсифи намудҳои асосии хавфҳои ба фаъолияти бонки исломӣ хос дарҷ шудааст (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Намудҳои хавфҳои фаъолияти бонки исломӣ [6,с.127]**
**Table 3. Types of risks of Islamic banking**

| Номи хавф | Тавсифи хавф |
|---|---|
| Хавфи қарзӣ | Эҳтимоли он, ки қарздор уҳдадориҳои худро тибқи шартҳои шартнома иҷро намекунад |
| Хавфи бозорӣ | Таъсири эҳтимолии тағйироти номусоиди нархҳо ба монанди меъёри заминавӣ, қурби асъор, нархи саҳмияҳо |
| Хавфи бозоргирӣ | Зарари эҳтимолӣ, ки бо иҷро накардани уҳдадориҳои бонкӣ ё афзоиши маблағгузории бонк алоқаманд аст, ки боиси ба вуҷуд омадани талафот ё хароҷоти қобили қабул мегардад |
| Хавфи амалиётӣ | Талафоти эҳтимолӣ дар натиҷаи равандҳои дохилии нокифоя ё хато, омили инсонӣ, дар маҷмуъ низом ё таъсири ҳодисаҳои беруна |
| Хавфи риоя накардани қоидаҳои шариат | Ин хатар бо риоя нашудани қоидаҳо ва принсипҳои шариат алоқаманд аст |
| Хавфи даромаднокӣ | Таъсири эҳтимолӣ ба фоидае, ки дар натиҷаи тағйироти ғайричашмдошт дар меъёри даромаднокӣ ба вуҷуд омадааст |
| Хавфи ҷойивазшудаи тиҷоратӣ | Хавфе, ки бонк метавонад бо фишори тиҷоратӣ дар пардохти даромаде рӯ ба рӯ шавад, ки аз меъёри даромади дороиҳои аз ҷониби дорандагони суратҳисоби сармоягузорӣ маблағгузоришаванда зиёдтар аст. Бонк қисман ё аз тамоми ҳиссаи фоидаи худ барои нигоҳ доштани фонди таъминкунандагони худ ва бедор кардани боварии онҳо барои нагирифтани маблағҳояшон даст мекашад |

| | |
|---|---|
| Хавфи ба сармояи саҳомӣ воридкардашуда | Хавфе, ки ҳангоми бастани аҳди шарикӣ бо мақсади пешбурд ё иштирок дар маблағгузории мушаххас ё фаъолияти умумии соҳибкорӣ, ки дар аҳднома тавсиф шудааст ва дар он таъминкунандаи молиявӣ хавфҳои тиҷоратии муштаракро ба зимма мегирад. Ин хавф ба шартномаҳои мудораба ва мушорака тааллуқ дорад |
| Хавфи захираҳо | Хатари вобаста ба нигоҳдории мол ё воситаҳои асосӣ ҳангоми фурӯши дубора дар асоси шартномаи муробаҳа ё ҳангоми интиқоли мол, воситаҳои асосӣ ба иҷора тибқи созишномаи иҷора бавуҷудоянда |

**Сарчашма.** Таҳияи муаллиф.

Дар бораи мундариҷаи хавфҳо дар бонкдории исломӣ таълифоти зиёде мавҷуд аст. Яке аз онҳо дуруст қайд менамояд, ки “бонкҳои исломӣ ҳамзамон дучори хатарҳое мешаванд, ки ҳам барои низоми бонкии анъанавӣ ва ҳам барои низоми бонкҳои исломӣ дар маҷмуъ дорои хусусиятҳои хос ҳастанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон таъкид кард, ки барои бонкҳои исломӣ баҳодиҳии хавфҳо ва идоракунии онҳо масъалаи хеле душвор аст, зеро ин бо фаъолияти дигаргунаи бонкҳо, ки дар он даромади фоизӣ вуҷуд надорад, муайян кардани саҳм дар тақсимоти фоида ва зиён дар воситаҳои бонкӣ, мавҷуд набудани меъёрикунонии маҳсулот ва хизматрасониҳои бонки исломӣ, мавҷуд набудани низоми назорат ва тафтишот барои таъмини иҷрои аҳдномаҳои молиявӣ вобаста аст. Ҳама омилҳои ишорашуда бештар хавфро тавсиф мекунанд. Масалан, ҳангоми бастани шартномаи “музораба” бонки исломӣ дар пешниҳоди маблағ ба соҳибкор одатан танҳо ба дурнамои лоиҳа ва қобилияти соҳибкор такя мекунад, ки аксар вақт ҳатто ягон гаравро талаб намекунад. Дар ин ҷо эҳтимоли пайдошавии ду хавфи нав мавҷуд аст: ҳангоми гирифтани фоида аз лоиҳа мизоҷ метавонад даромади воқеиро аз бонк пинҳон кунад ё ҳангоми бардоштани зиён бонк наметавонад маблағҳои ба қарз додашударо баргардонида гирад.

Дар ин маврид бояд таъкид кард, ки ҳама гуна бонк, хоҳ исломӣ ва хоҳ анъанавӣ, метавонад муваффақиятро барои худ танҳо дар сурате, ки агар хавфҳои бонк оқилона, идорашаванда ва аз ҳудуди имкониятҳои молиявӣ ва салоҳияти бонк берун нестанд, таъмин кунад. Дар айни замон, вазифаи муҳимтарини менеҷменти бонк дарёфт ва таъмин намудани меъёри мутаносиб байни фоида, хавф ва бозоргирӣ мебошад, ки аз идоракунии мутаносиби сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳои тавозуни бонк вобаста аст.

Қисми уҳдадориҳои тавозуни бонки исломӣ амалиётҳо бо амонатҳо, суратҳисобҳои пасандозӣ, суратҳисобҳои сармоягузорӣ ва суратҳисобҳои махсуси инвеститсиониро инъикос мекунад. Аз ҷониби иқтисоддонҳо амсилаи тавозуни бонки исломӣ дар шакли нақшаи зерин муайян карда шудааст [12].

**Ҷадвали 4. Тавозуни бонки исломӣ**
**Table 4. Islamic bank balance sheet**

| **Дороиҳо** | **Уҳдадориҳо** |
|---|---|
| **Маблағгузории бо дороиҳо таъминшуда** | **Пасандозҳои дархостшаванда** |
| - музораба<br>-истисно<br>- иҷора<br>-салам | - Амана |
| **Аҳдномаҳои иштирок дар фоида** | **Суратҳисобҳои пасандаозӣ** |
| - Музораба<br>- Мушорака | - Ал-вадиа |
| **Хизматрасониҳои комиссионӣ** | **Суратҳисобҳои инвеститсионӣ** |
| - Ҷуала,<br>- Қарзҳаи сана | -Музораба |
| | **Суратҳисобҳои махсуси инвеститсионӣ** |
| | - Музораба<br>- Мушорака |
| **Мавқеъҳои берун аз тавозун** | |
| Маблағгузории маҳдудшуда | Маблағгузории мустақим |

**Сарчашма.** Таҳияи муаллиф.

Дар ин маврид мундариҷаи тавозуни бонки исломиро баррасӣ менамоем. Ба монанди бонки анъанавӣ, тавозуни бонки исломӣ низ аз дороиҳо ва уҳдадориҳо иборат аст. Дар амсилаи иборат аз ду қисми тавозуни бонки исломӣ дар қисмати дороиҳои бонк амалиётҳои марбут ба маблағгузорӣ бо дороиҳои таъминшуда, инчунин, намудҳои нисбатан маъмултарини қарзҳо ба мисли "Мудораба", "Мушорака", инчунин, хизматрасониҳои бонкӣ инъикос карда мешавад.

Дар бонки исломӣ аз рӯи дороиҳо вариантҳои гуногуни сармоягузории маблағ мавҷуданд, ки тавассути бастани шартномаҳои гуногун ба монанди "музораба","мушорака", "муробаҳа", "байъ муаҷҷал", "байъ салам", инчунин, шартномаҳои "иҷора", "истисно" амалӣ мешаванд. Дар маҷмуъ, шартномаҳои сершумор ба бонкҳои исломӣ имкон медиҳанд, ки доираи васеи амалиётҳои бонкиро иҷро кунанд. Бо назардошти он, ки аҳдномаҳои бонкҳои шартномавии исломӣ асосан ба дороиҳои воқеӣ нигаронида шудаанд, онҳо бояд хусусияти аз бонкҳои анъанавӣ устувортарро таъмин кунанд.

Яке аз хусусияти дигари бонки исломӣ дар он аст, ки маблағҳои амонатгузорон бо маблағҳои бонкӣ, ки асосан ба сармоягузорӣ равона карда мешаванд, якҷоя карда мешавад ва фоидаи бадастомада байни амонатгузор ва бонк тақсим карда мешавад. Хусусияти хеле муҳимми низоми бонки исломӣ бо набудани стандартизатсияи маҳсулотҳои бонки исломӣ алоқаманд мебошад. Дар ин замина иқтисоддонҳои хориҷӣ қайд мекунанд, ки дар низоми бонкдории исломӣ нисбати баҳисобгирии муҳосибии амалиётҳои гуногун, аудит ва ҳисоботдиҳии бонкҳои исломӣ стандартҳои ягона вуҷуд надоранд [13,с.259-281]. Аз ин рӯ, бонки исломӣ ҳангоми ҳисоботдиҳии молиявӣ ба мушкилот дучор мешавад, аммо бо вуҷуди ин дар ҳар кишвар дар асоси қонунҳои бонкдории исломӣ, дастурҳои махсус ва лоиҳаҳои методологӣ танзими ҳисоботгузории молиявии бонкҳои исломӣ хеле муфассал ба роҳ монда шудааст.

Дар ин ҷо мундариҷаи тавозуни ташкилоти молиявӣ-қарзии "Тавҳидбонк"-ро баррасӣ кардан бамаврид аст, ки дар ҷадвали зерин инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 5. Тавозуни "Тавҳидбонк" барои соли 2021**
**Table 5. Balance sheet of "Tawhidbank" for 2021**

| **Дороиҳо** | **Уҳдадориҳо** |
|---|---|
| **Маблағгузории бо дороиҳо таъминшуда** | **Пасандозҳои дархостшаванда** |
| - муробаҳа 329 390<br>-истисно --<br>- иҷора --<br>-салам | Амана 16 927 585 |
| **Аҳдномаи иштирок дар фоида** | **Суратҳисобҳои амонатӣ** |
| - Музораба<br>- Мушорака | - Қарзи ҳасана 1 452 486с. |
| **Хизматрасонии комиссионӣ** | **Сармоягузориҳо** |
| - Ҷуала,<br>- Қарзи ҳасана 403 896с. | -Музораба 242 962с. |
| | **Суратҳисобҳои махсуси инвеститсионӣ** |
| | - Мудораба<br>- Мушорака |
| **Мавқеъҳои берун аз тавозун** | |
| Маблағгузории маҳдуд | Маблағгузории мустақим |

**Сарчашма.** Таҳияи муаллиф.

Тибқи тавозун мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар "Тавҳидбонк" пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ аз рӯи номгӯй маҳдуд аст. Аз ҷумла, чунин амалиёти фаъоли бонкӣ ба мисли муробаҳа, ки маънои хариду фурӯши молро дорад ва бо дархости мизоҷ анҷом дода мешавад, ҳамагӣ 329390 сомониро ташкил медиҳад. Амалиёти дигари фаъоли бонк барои пешниҳоди хизматрасонии комиссионӣ қарзи ҳасана номида мешавад, ки дар он маблағҳо ба ҷониби дигар бе пардохти иловагӣ бо шартҳои баргардонидан ё истифода ба мақсади хайрия пешниҳод карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки қарзи ҳасана

метавонад ҳамчун амалиёти фаъол амал кунад, вақте ки он дар шакли ҷалби воситаҳои пулӣ истифода шавад.

Дар ҳоле он ҳамчун амалиёти пассивӣ ҳисобида мешавад, ки механизми пешниҳоди қарз бо шартҳои баргардонидан (бе ситонидани ҳама гуна пардохт) истифода шавад. Дар "Тавҳидбонк" қарзи ҳасана ҳамчун амалиёти фаъол ба маблағи 403896 сомонӣ ва ҳамчун амалиёти пассив дар шакли суратҳисобҳои пасандозӣ ба маблағи 1454486 сомонӣ пешниҳод шудааст. Ҳамзамон, "Тавҳидбонк" дар доираи амалиёти пассивӣ пасандози дархостшавандаро ҳамчун маҳсулоти исломии "Амана" қабул кардааст, ки маънои пасандози эътимодноки воситаҳои пулӣ ё арзишҳои дигари мизоҷ ба маблағи 16927585 сомониро дорад. "Тавҳидбонк" инчунин, ҳамчун маҳсулоти бонки исломӣ - мудораба - суратҳисобҳои сармоягузорӣ кушодааст, ки маънои аҳдеро дорад, ки дар он як тараф - сармоягузор сармоя (воситаҳои пулӣ) пешниҳод мекунад ва тарафи дигар - соҳибкор сармояро гирифта, онро барои ба даст овардани фоида ва тақсими он байни тарафҳо, бо истифода аз захираҳои меҳнатии худ қабул ва истифода мебарад. Ҳаҷми ин амалиёт 242962 сомониро ташкил дод.

Дар маҷмуъ, дар фаъолияти "Тавҳидбонк" пешниҳоди маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонки исломӣ дар марҳилаи аввал қарор дорад ва аз ин ҷиҳат аксарияти намудҳои онҳо то ҳол татбиқи худро наёфтаанд. Бо вуҷуди ин, бонк ботадриҷ дар низоми бонкии Тоҷикистон мавқеи худро пайдо мекунад ва метавонад муҳити рақобатро ба вуҷуд орад, ба ин васила муҳити тиҷоратро беҳтар созад, ба болоравии қаноатмандии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ аз маҳсулотҳои бонкӣ мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар сатҳи иқтисодиёти кишвар барои қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон ҳаҷми қарзҳои ҳасана афзош дода шавад.

**Муқарриз: н.и.и., муаллими калони ДМТ – Ғайюров Ғ.**

### АДАБИЁТ


1. Заболотникова В.Д. Управление рисками в исламских банках / В.Д. Заболотникова // Современные тенденции развития науки и технологий. – 2016. -№10(10). -С.41-42.
2. Кромонова В. Методика. [Электронный ресурс]. URL: http://www.profile.ru/forum/forum.php?item=4414#msg
3. Кудашева Ю.С. Совершенствование методики оценки конкурентоспособности коммерческого банка: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Ю.С. Кудашева. –Ставрополь, 2007. -160 с.
4. Методика оценки рейтинга кредитоспособности банка. [Электронный ресурс]. URL: http://www.raexpert.ru/ratings/bankcredit/method
5. Ойген фон Бём-Баверк. Капитал и прибыль; Т. 2: Позитивная теория капитала; Т. 3: Экскурсы / Ойген фон Бём-Баверк; пер. с англ. В. Кошкина под ред. А.В. Куряева. -Челябинск: Социум, 2010. -401 с.
6. Основы этических (исламских) финансов: учебное пособие / под редакцией Е.А. Байдаулет. -Павлодар, 2014. -325 с.
7. Пономарева Т.А. Качество услуг: качественные параметры оценки / Т.А. Пономарева, М.С. Супрягина // Маркетинг в России и за рубежом. – 2005. -№1. –С.49.
8. Рейтинг агентства Banks-rate. [Электронный ресурс]. URL: http://www.banks-rate.ru (дата обращения 20.08.2021).
9. Ставропольский край в сравнении с регионами Российской Федерации за январь-декабрь 2004, 2005 гг. – часть II. – Статистический бюллетень. - Федеральная служба государственной статистики. -Ставрополь, 2006. -С.266
10. Фатхутдинов Р.А. Стратегический маркетинг: Учебник для вузов / Р.А. Фатхутдинов. -СПб.: Питер, 2003.
11. Шариф Р. Иқтисодиёту бонкдорӣ ва рушди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ // Шариф Р., С.Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. -№7. -С.194-198.
12. Grais W., Iqbal, Z. Regulating islamic financial institutions: The nature of the regulated, World Bank Policy Research Working Paper WPS3227, 2004/03/01. 2004.
13. Pervez I.A. "Islamic Banking", Arab Law Quarterly. – 1990. -Vol. 5. -No.4. -P.259-281.


## БАҲОДИҲИИ ТАЪСИРИ ХАВФҲО БА НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт вазъияти сиёсии як қатор кишварҳои ҷаҳон фъолияти иқтисодии тамоми давлатҳои дунёро халалдор кардааст. Чунин тамоюл дар солҳои баъдӣ низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро осебпазир гардонид, ки дар натиҷа як қатор мушкилотҳоро ба миён овард. Аз таҷрибаи давлатҳои хориҷа бар меояд, ки дар сатҳи низоми бонкӣ ягона бонкҳое, ки кам зарар дидаанд ин бонкҳои исломӣ мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз оне, ки бонкдории исломӣ на он қадар рушд кардаанд, фаъолияти ҶСК "Тавҳидбонк" дар сатҳи мусбат арзёбӣ гардидааст, ки натиҷаҳои таҳлили он дар мақолаи мазкур пешниҳод гардаидаанд. Ҳамчунин, қайд кардан зарур аст, ки муаллиф дар мақолаи мазкур

натиҷаҳои асосӣ ва баҳодиҳии фаъолияти бонкдории исломиро мавриди таҳқиқи ҳаматараф қарор додааст. Ҳамзамон, исбот шудааст, ки фаъолияти бонкдории исломӣ дар сурати баланд будани хавфҳо рақобатпазир буда, онҳо метавонанд дар сурати баланд будани сатҳи хавфҳо кам зарар бинанд. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур як қатор индикаторҳои баҳодиҳии сатҳи хавфҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки онҳо ба мақсад мувофиқ мебошанд. Аз ин лиҳоз, нашри мақолаи мазкур барои мушаххасоти масъалаи мазкур мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** идоракунии хавфи бонкӣ, субъекти хоҷагидорӣ, иқтисодиёт, усулҳо, воситаҳои кор, даромад, хароҷот, сифат, уҳдадорӣ, сифат, нишондиҳанда, даромаднокӣ, фоида, сандуқи қарзӣ, дороиҳои фоидаовар.

## ОЦЕНКА ВЛИЯНИЯ РИСКОВ НА КОНЕЧНЫЕ РЕЗУЛЬТАТЫ ИСЛАМСКОЙ БАНКОВСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В современных экономических условиях политическое положение ряда стран мира нарушило экономическую деятельность всех стран мира. Эта тенденция сделала банковскую систему Республики Таджикистан уязвимой в последующие годы, что повлекло за собой ряд проблем. По опыту зарубежных стран, единственными банками, которые понесли небольшой ущерб в банковской системе, являются исламские банки. В Республике Таджикистан, несмотря на то, что исламский банкинг не очень развит, деятельность АОО «Тавњидбанк» оценена на положительном уровне, результаты ее анализа представлены в данной статье. Также важно отметить, что в данной статье автор всесторонне исследовал основные результаты и оценку исламского банкинга. В то же время доказано, что деятельность исламских банков конкурентоспособна при высоких рисках, и они могут понести меньший ущерб при высоком уровне рисков. Также в данной статье рассмотрен ряд показателей оценки уровня рисков, подходящих для этой цели. В связи с этим публикация данной статьи способствует выяснению данного вопроса.

**Ключевые слова:** управление банковскими рисками, хозяйствующий субъект, экономика, методы, инструменты, доход, расходы, качество, обязательство, качество, показатель, рентабельность, прибыль, ссудный портфель, доходные активы.

## ASSESSMENT OF THE IMPACT OF RISKS ON THE FINAL RESULTS OF ISLAMIC BANKING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In modern economic conditions, the political situation in a number of countries of the world has disrupted the economic activity of all countries of the world. This trend made the banking system of the Republic of Tajikistan vulnerable in subsequent years, which led to a number of problems. According to the experience of foreign countries, the only banks that have suffered little damage in the banking system are Islamic banks. In the Republic of Tajikistan, despite the fact that Islamic banking is not very developed, the activities of AEO "Tavhidbank" are assessed at a positive level, the results of its analysis are presented in this article. It is also important to note that in this article the author has comprehensively explored the main results and evaluation of Islamic banking. At the same time, it has been proven that the activities of Islamic banks are competitive with high risks, and they can suffer less damage with a high level of risk. Also in this article, a number of indicators for assessing the level of risks suitable for this purpose are considered. In this regard, the publication of this article contributes to the clarification of this issue.

**Keywords:** banking risk management, business entity, economics, methods, tools, income, expenses, quality, liability, quality, indicator, profitability, profit, loan portfolio, earning assets.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмонов Зафар А.*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микрорайони 17, бинои 1

**Сведения об авторе:** ***Рахмонов Зафар А.*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, г. Худжанд, соискатель. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1

**Information about the author:** ***Rakhmonov Zafar A.*** **-** Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, applicant. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, building 1

УДК 33.17(575.3)

# САМТҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ МЕҲМОНХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Қурбонов Ё.С., Шарипов Ҳ.А.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо сохтори мураккаби ташкилӣ доранд, ки он бо сатҳи тақсимоти ҳадафҳо ва маҷмуъҳо, вазифаҳои идоракунии байни бахшҳо, кормандони алоҳида тавсиф дода мешавад.

Рушди ташкилии сохтори идоракунӣ – кормандоне мебошанд, ки дар сатҳи тобеияти сахтгирона кор мекунанд ва муносибати боэътимоди имконпазирро байни сохтори системаи идоракунанда ва идорашаванда, ки маҷмуи қисмҳои идоракуниро дар маҷмааи меҳмонхона ташкил медиҳанд, таъмин мекунанд.

Сохтори ташкилии идоракунӣ аз муносибатҳои ҷузъҳои алоҳидаи ташкилот иборат аст. Ташкили чунин сохтор барои дар байни системаҳои меҳмонхонаҳо тақсим намудани ваколатҳо ва масъулияти онҳо равона карда шудааст.

Ҳангоми таҳияи сохтори идоракунӣ унсурҳои зеринро фарқ мекунанд: тавассути шуъбаҳои сатҳи идоракунӣ (марҳилаҳо), робитаҳо дар меҳмонхона бошанд, уфуқӣ ва амудӣ мешаванд.

Ба ҷузъҳои идоракунӣ зерсохторҳо, инчунин, мутахассисони алоҳида, ки вазифаҳои алоҳидаи идоракунӣ ё қисмҳои муайянро иҷро мекунанд (масалан, роҳбароне, ки танзим ва ҳамоҳангсозии фаъолияти якчанд воҳидҳои сохториро амалӣ месозанд) дохил мешаванд.

Асоси ташаккули зинаи идоракуниро амалисозии функсияҳои мушаххаси идоракунӣ ташкил медиҳанд. Рушди алоқаи байни шуъбаҳои идоракунӣ уфуқӣ мебошад.

Сатҳи идоракунии маҷмааи силсилаҳои меҳмонхонаҳо дараҷаи муайянро дар системаи идоракунии меҳмонхона ишғол мекунанд. Дараҷаҳои идоракунӣ вобаста ба тарзи алоқамандӣ амудӣ, муносиб ва тобеи якдигар мешаванд: менеҷерони сатҳи олии идоракунӣ қарорҳои корхонаҳоро мебароранд, ки аз ҷониби кормандон нишон дода шудаанд ва қарори мазкурро то сатҳи поён мерасонанд.

Таҳия ва таҳлили меҳмонхонаҳо дар тафсирҳои лоиҳавии тақвимӣ – ин кори мураккаб барои системаи меҳмонхонаҳои Тоҷикистон ҳамчун қарори стратегӣ мебошад, ки сарфи назар аз усулҳои тархрезӣ ва пешгӯиҳо роҳандозӣ мешавад. Бо ин се усул арзёбии қобилияти муайян карданро анҷом додан мумкин аст.

Пеш аз ҳама, фаҳмидани он, ки дар корномаи корӣ кадом фаъолият иҷро мешавад, сатҳи ҳадди ақал дар марҳилаи лоиҳа бояд муқаррар карда шуда, кори муътадил барои самаранокии таъсири онҳо ҳамчун «бухронӣ» дар давомати умумии лоиҳаи тақвимӣ доимӣ бояд муайян карда шавад. Сипас, тибқи ҷадвали бандҳои лоиҳа бо назардошти тамоми иттилоот дар бораи кор тарҳрезии лоиҳаро бояд анҷом дод, то ки нуқтаи назар (банди нақша) бо хароҷоти кам амалӣ карда шавад.

Тамсилаҳои шабакавӣ барои банақшагирӣ ва идоракунии маҷмуъҳои корҳои мураккаб, лоиҳаҳо, ки барои ба даст овардани ҳадафи муайян дар мӯҳлатҳои додашуда равона гардидаанд, таъин шудаанд. Дар ин ҷо муносибатҳои анъанавӣ ениCPM (Critical Path Method – усули роҳи бухронӣ, қатъӣ ) ва PERT (Program Evaluation and Review Technique – усули таҳлил ва арзёбии барномаҳо мебошанд [38,с.83-88; 9,с.7-9; 69,с.243-320; 71,с.208-265].

Ҳамчун тамсилаи банақшагирии шабакавӣ дар идоракунии стратегии корхонаи хоҷагии меҳмонхонавӣ, тамсилаи иқтисодию математикие фаҳмида мешавад, ки тамоми маҷмуи ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегии бо татбиқи консепсияи стратегияи идоракунӣ бо пайдарпаии мантиқӣ ва технологӣ ва робитаҳои марбутро инъикосгар аст.

Усули роҳи бухронӣ (УРБ)-ро бори нахуст ширкати «Дюпон» барои такмили нақшаи сохтмони корхонаи нави кимиё ва таъмири корхонаҳои мавҷуда истифода карда буд. Қадами аввалин барои татбиқи усули роҳи бухронӣ, ин тавсифи лоиҳа дар шакли

феҳрасти корҳои иҷрошаванда бо нишондоди вобастагии мутақобилаи онҳо мебошад.

Барои ҳалли чунин масъалаҳо истифода кардани системаи математикии барномавии «WinQSB» – Windows Quantitative System for Business мувофиқи мақсад аст [71,с.125-127]. Дар айни замон аз модули системаи мазкур «PERT/CPM» истифода мекунанд.

Усули таҳлил ва арзёбии барномаҳо (PERT) барои татбиқи амали соли 1958 пешниҳод гардидааст. Бо таҳияи усул ва таъминоти барномавӣ барои он неруҳои ҳарбию баҳрии ИМА якҷо бо ширкати «Буз Эллен ва Гамилтон» ҳангоми ташкили системаи идоракунии мушакҳо «Поларис» машғул шуда буданд. Дар аввал PERT дар соҳаи аэрокайҳонӣ истифода мешуд, сипас вай ҷои худро дар тиҷорат, меъморӣ, шабакаҳои компютерӣ, сохтмон, арзёбии лоиҳаҳои давлатӣ, соҳаи ҳарбӣ ва ғ. дарёфт.

Усули таҳлил ва баҳодиҳии барномаҳои эътимоднокӣ аз усули хаттии бухронии қабули нархҳо фарқ мекунанд, зеро бори аввал мушаххасаҳо (параметрҳо)-и амалиёт барои ҳар як тавсифоти имконпазири он ҳисоб карда мешавад.

Меҳмонхонаҳои он барои назорати асъорӣ ҳангоми пайвастан ба лоиҳа истифода мешаванд. Усулҳои риторикаи PERT ба таҳлили чунин лоиҳаҳои корӣ равона карда шудаанд, ки чортои онҳо барои саҳеҳ муайян кардани давомоти ҳама ё якчанд усулҳои кор имкон намедиҳад. Пештар ҳама чиз бо роҳи худ ҳаракат мекард, муҳокимаи байналмилалӣ оид ба саҳеҳ кардани сатҳ ва ҷорӣ намудани зерсистемаҳои нав меравад. Дар чунин лоиҳаҳо бисёре аз ҷадвалҳои кор бо воситаҳои қиёсӣ истифода намешаванд. Ин аст, ки номуайянии муҳлати татбиқ, аз ҷумла тамоми лоиҳа вуҷуд дорад.

Аз ин рӯ, ҷадвалҳои шабакавии маҷмуи амалиёт сохтори ғайритасодуфӣ ё эҳтимолӣ тасодуфӣ дошта метавонанд. Усули анъанавии роҳи бухронӣ пайдарпаии корҳо ва вақти иҷрои онҳоро ифода мекунад. Усули таҳлил ва баҳодиҳии барномаҳо барои шабакаҳои эҳтимолӣ истифода мешавад. Таҳқиқоти зиёд [71,с.216-217] нишон доданд, ки вақти иҷрои кор бо тақсимоти эҳтимолиятҳо хуб тавсиф дода мешавад.

Ихтисори вақте, ки барои реинжиниринги меҳмонхона зарур аст, боиси истифодаи захираҳои иловагӣ мегардад: зиёд шудани миқдори кормандон, ташкили кор берун аз вақти корӣ ва ғ. Пас, ҳангоми ихтисор шудани муҳлати иҷроиш хароҷот зиёд мешудааст.

Истифода кардани усули PERT/COST барои гузаронидани таҳлили иқтисодии хароҷот барои иҷроиши кор дар шароити муътадил ва дар шароити ҳаддалимкон кам кардани давомнокии он имкон медиҳад. Ҳисоб кардани давомнокии муътадили кор ва давомнокии он ҳангоми ҳаддалимкон кам (ихтисор) кардани он, муайян кардани бузургии вақти ихтисор кардани иҷроиш, ҳамчун кори алоҳида ва тамоми лоиҳа, арзёбии хароҷот барои ихтисор кардани муҳлати иҷроиши лоиҳа зарур аст.

Бигузор $\tau_{(i,j)}$ – давомнокии муътадили иҷроиши кор $(i, j)$ бошад. Инчунин, давомнокии корро ҳангоми ҳаддалимкон ихтисор кардани он ворид мекунем. $\tau^{m}_{(i,j)}$. Он вақт бузургии ихтисори ҳаддалимкон имконпазири давомнокии кор $(i, j)$ аз ҳисоби захираҳои иловагӣ бо нишондиҳандаи зерин муайян карда мешавадрованиеҳи же:

$$M_{(i,j)} = \tau_{(i,j)} - \tau^{m}_{(i,j)} . \qquad (1.5)$$

Бигузор $C_{(i,j)}$ – хароҷоти ҳисобу китобӣ барои иҷроиши кор ҳангоми давомнокии муътадил, луг $C^{m}_{(i,j)}$, ҳангоми ҳаддалимкон ихтисор кардани давомнокии кор аз ҳисоби захираҳои иловагӣ бошад. Он вақт хароҷоти хос барои ихтисор кардани давомнокии ками $(i, j)$ бар воҳиди вақти зеринро ташкил медиҳад:

$$K_{(i,j)} = \frac{C^{m}_{(i,j)} - C_{(i,j)}}{M_{(i,j)}} . \qquad (1.6)$$

Маҷмуи корҳои лоиҳаро тавассути $P$, миқдори корро бо $k$, миқдори ҳодисаҳоро бо $n$, вақти бавуҷудоии ҳодисаи $i$-ро бо $x_i$, вақти ихтисори кор $(i, j)$-ро бо $y_{(i,j)}$, вақти

зарурӣ иҷроиши лоиҳаро бо $T_0$ ифода мекунанд.

Фарз мекунем, ки меҳмонхонае, ки аз аввал қисми зиёди вақти ихтисоршударо дорад, барои иҷроиши кори идоракунӣ хароҷоти иловагиро барои иқомат кардан дар меҳмонхона дар ҳолати бетағйир будани ҷадвал тақозо мекунад. Барои расидан ба иҷроиши чунин фарзия тамсилаи барномасозии хаттӣ истифода мешавад [9,с.9].

Функсияи ҳадафнокро муайян мекунем:

$$F = \sum_{i=1}^{n}\sum_{j=1}^{n} K_{(i,j)} \cdot y_{(i,j)} \to \min . \qquad (1.7)$$

Маҳдудкунии масъала ва шартҳои ғайриманфӣ будани номаълумҳои ибтидоӣ аз зерин иборатанд:

$$\begin{cases} x_j \ge x_i + \tau_{(i,j)} - y_{(i,j)} \\ y_{(i,j)} \le M_{(i,j)} \\ x_n \le T_0 \end{cases} \qquad (1.8)$$

$$x_i \ge 0, \quad y_{(i,j)} \ge 0, \quad (i,j) \in P . \qquad (1.9)$$

Масъалаи барномасозии хаттӣ (1.7)-(1.9) $n$ тағйирёбандаи ибтидоӣ $x_i$ ва $k$ тағйирёбандаи ибтидои $y_{(i,j)}$, яъне ҳамағӣ $n+k$ номаълум дорад. Махдудиятҳои масъалаи (1.8) $k+k+1$ нобаробариро ба вуҷуд меорад ва шартҳои ғайриманфӣ будан (1.9) $n+k$ нобаробарӣ доранд Бинобар ин, соҳаи ҳалҳои имконпазир (1.8) – (1.9) аз $3k+n+1$ нобаробарӣ иборат аст.

Яъне масъалаҳои ическая (1.7)-(1.9)-ро ҳал карда, нақшаи беҳтаринро муайян мекунем: $\left\{ x_j^{opt}, y_{(i,j)}^{opt} \right\}$. Қиматҳои вақти беҳтарини ихтисори тамоми корҳо $y_{(i,j)}^{opt}$-ро ба функсяи мақсаднок гузошта $F^{opt}$-ро ҳисоб мекунем. Ин маблағи ҳаддалимкон хурди хароҷот хоҳад буд, ки барои ихтисори вақти иҷроиши тамоми лоиҳа то сатҳи $T_0$ зарур аст.

Ҳамин тариқ, истифодаи усулҳо ва тамсилаҳои дар боло зикршуда, ки ба қабули қарорҳои идоракунӣ ва амалисозии онҳо дар муддати кӯтоҳ бо хароҷоти кам равона карда шудаанд, барои тағйир додани системаи мавҷудаи идоракунии стратегии корхонаи меҳмонхонадорӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба шартҳои муҳити бозаргонӣ имкон медиҳанд.

Таҳлили натиҷаҳои дастрасшуда нишон доданд, ки аксар маҷмааҳои гурӯҳи якум дар минтақаи ба таври кофӣ баланди идоракунии стратегӣ қарор доранд. Маҷмааҳои гурӯҳи дуюм дар минтақаи ба таври кофӣ баланд ва миёнаи идоракунии стратегӣ, корхонаҳои гурӯҳи сеюм дар минтақаҳои идоракунии миёна ва пасти идоракунии стратегӣ ҷойгиранд

Аз ин ҷост, ки раванди идоракунии стратегии маҷмааи хоҷагии меҳмонхонавӣ бояд хусусиятҳои зеринро ба инобат гирад.

Самаранокии кори дилхоҳ маҷмааи амалкунанда, ба таъмини иттилоотии он марбут аст. Дар шароити бозаргонӣ ибораи маъруфи «вақт пул аст» бо ибораи шабеҳи «иттилоот пул аст» пурра карда мешавад [18,с.60]. Масалан, автоматикунонии меҳмонхона дар асоси воситаҳои барномавии махсус барои амали зерин имкон медиҳад [147,с.213]:

- ҷамъ кардани иттилооти дақиқи пурра ва муҳим дар бораи ҳолати ҷорӣ (кунуни)-и меҳмонхона;
- зуд таваҷҷуҳ кардан ва таъсир ба тағйири вазъият дар меҳмонхона ва соҳа;
- баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба меҳмонон ва кори кормандон;
- пешгӯӣ намудани талабот ба хизматҳо, такмил додани сиёсати маркетингӣ, истифода кардани самтҳои ояндадор дар соҳаи хизматҳо;
- пурра автоматикунонидани раванди кор бо мизоҷ;
- нисбатан босамар истифода кардани фонди ҳуҷраҳо.

Низоми автоматикунонии маҷмуааи меҳмонхонаи се ситорадорро баррасӣ мекунем. Функсияҳои асосии низоми мазкур аз унсурҳои зерин иборат аст:

- ташкили захиракунии инфиродӣ ва гурӯҳӣ;
- таҳияи бойгонии меҳмонон, туроператорҳо;
- назорат кардани омори пуршавии меҳмонхона;
- ташаккули додаҳо дар бораи конференсия, анҷуманҳо ва ғайраҳои гузарондашуда;
- идоракунии биноҳои иҷорадодашуда;
- бурдани суратҳисобҳои мизоҷон;
- омода кардани ҳисобот оид ба фаъолияти меҳмонхона.

Маҷмуи иттилоотӣ, ки дар системаи меҳмонхонаи сеситорадор чарх мезанад, зеринро дар бар мегирад (расми 1):

1 – иттилоот лар бораи ба меҳмонхонаҳо минбаъд ташрифоварӣ (меҳмонхонаро тарк кардани мизоҷ), дар бораи мавҷудияти ҷойҳо дар меҳмонхона, дар бораи вазъи суратҳисобҳои мизоҷон;

2 – иттилоот дар бораи миқдор ва намуди пансионҳои супоришдодашуда, бо нишондоди арзиши онҳо;

3– иттилоот дар бораи кушодан, пӯшидани дастрасӣ ба телефон дар ҳуҷра, зангҳое аз ҷониби муштариён анҷом дода шудааст, арзиши онҳо ва ба суратҳисоби мизоҷон ворид кардани арзиши зангҳо;

4 – иттилоот дар бораи хизматрасониҳои киоскҳо, нархи онҳо барои қонеъ гардондани талаботи мизоҷ;

5 – иттилоот дар бораи ҳолати ҳуҷра пеш аз баъд аз ворид шудани мизоҷ;

6 – иттилооти оморӣ барои таҳлил аз рӯйи дараҷаҳои гуногун, иттилоот дар бораи тағйирёбии нархҳо, намуди хизматрасониҳо, тахфифҳо:

7 – иттилоот дар бораи ппуршавии фонди ҳуҷраҳо, бандкунӣ, захира кардани ҳуҷраҳо бо нишондоди теъдоди иқоматкунандагон, иттилоот дар бораи ворид кардани пешпардохтҳо.

**Расми. 1 Системаи амалкунандаи ҷараёни иттилоотӣ дар меҳмонхонаи сеситорадор**
**Fig. 1 Operating system of information flow in a three-star hotel**




Барои ташкили фаъолияти беҳтарину самараноки меҳмонхона зарур аст, ки таъмини иттилоотӣ ба сохтори ташкилию идоракунӣ мувофиқат намояд, ки он метавонад бо мурури рушди он ва вобаста ба тағйироти уҳдадориҳои кормандон тағйир ёбад. Барои меҳмонхонаи хоҷагии меҳмонхонавӣ мавсимият ва мавқеи меҳмонхона хусусияти муҳим маҳсуб мешавад.

Омилҳои дохилӣ ҳолати имкониятҳои захиравии меҳмонхона, муҷаҳҳаз будан бо техника ва маводу мол, сиёсати нархгузорӣ, кадрӣ ва сифати хизматҳои аз ҷониби меҳмонхона пешниҳодшаванда ва сатҳи хизматрасонӣ, сатҳи менеҷмент дар меҳмонхона, инчунин, дараҷаи хавф дар раванди амалисизоии хоҷагидории меҳмонхонавиро инъикос мекунад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, омилҳои беруна ва дохилии таъсирро, ки талаботро ба маҳсулоти меҳмонхонавӣ муайян мекунанд, мувофиқи низом ҷудо кардан ва дар шакли зерсистемаҳои робитаи мутақобиладошта пешниҳод кардан мувофиқи мақсад аст.

Омили асосии муваффақият ин тақсимоти субъектҳои бозори хизматрасонии меҳмонхона аз рӯйи соҳаҳо мебошад, ки дар зер оварда шудаанд:

**Расми 1. Омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи тақозо ба маҳсулоти меҳмонхонавӣ**
**Figure 1. The main factors forming the demand for hotel products**




Аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

- инфиродии тиҷоратӣ, гурӯҳии иқтисодӣ, инфиродӣ (мақсадҳои дигари сафар, ба истиснои тиҷоратӣ) ва гурӯҳӣ (бо мақсадҳои таълимӣ, табобатӣ ва мақсадҳои дигар). Самаранокии натиҷаҳои идоракунии стратегӣ аз рӯи ҳадафи стратегӣ, дар баландравии талабот ба хизматрасонии меҳмонхонавӣ инъикос меёбад;

- такмил додани таъминоти иттилоотии идоракунии стратегии корхонаи меҳмонхонавӣ дар асоси муносибати логистикӣ, ки манбаъҳои иттилоотии беруна ва дохилиро бо истифодаи технологияҳои нави ҳам барои меҳмонхонаҳои хурд ва ҳам барои меҳмонхонаҳои миёна ва бузург истифодашаванда ба як низоми муайян дохил мекард. Омили асосии муваффақият дар ин маврид ташкил намудани махзани иттилоотии корхонаи хоҷагии меҳмонхонавӣ бо назардошти ҷараёни моддӣ, иттилоотӣ ва молиявӣ баромад мекунад. Самаранокии натиҷаҳои идоракунии стратегии корхона дар ташаккули системаи таъминоти иттилоотӣ, ки ба такмили ҷараёни иттилоотӣ дар тамоми зерсохторҳои корхонаҳои хоҷагии меҳмонхонавӣ равона карда шудааст, ифода меёбад; – такмил додани сохтори ташкили идоракунии корхонаи меҳмонхонавӣ, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегии онро инъикос намуда, ба муҳити иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ мувофиқат мекард. Барои расидан ба ҳадафи мазкур дар асоси муносибати системавӣ ба танзим ва идоракунии корхонаи хоҷагии меҳмонхонавӣ омили асосии муваффақият – азнавсозии сохтори ташкилии идоракунии корхона муайян карда шудааст, ки барои ба корхона ишғол кардани мавқеи пешрав дар бозори хизматҳои меҳмонхонавӣ, паст кардани хароҷот барои ташкили идоракунӣ, инчунин, ба даст овардани афзалиятҳои рақобатӣ имкон медиҳад. Самаранокии татбиқи ҳадафи стратегии мазкур бо мувофиқати сохтори ташкилии идоракунӣ ба ҳадафҳои стратегии корхона ифода меёбад;

- ташкили силсилаҳои меҳмонхонавӣ ҳамчун шакли муосири ташкили фаъолияти корхонаи хоҷагии меҳмонхонавӣ, ки рақобатпазирии онҳоро таъмин мекунад. Омили калидии муваффақият барои расидан ба ҳадафи стратегии мазкур, ин азнавсозии сохтори корхона мебошад, ки ба ташкили шароитҳои ба баландшавии самаранокии истеҳсолот, баландшавии рақобатпазирии меҳмонхона ва сифати хизматҳои меҳмонхонавӣ, инчунин, ба беҳтар кардани ҷолибияти сармоягузорӣ мусоидаткунанда равона карда шудааст. Самаранокии амалисозии ҳадафи стратегии мазкур бо такмили банақшагирии шабакавии хароҷоти оянда барои реструктуризатсияи меҳмонхона муайян карда мешавад.

Беҳтар намудани идоракунии самараноки маҷмааи хоҷагии меҳмонхонавӣ бо роҳи татбиқи амалисозии ҳадафҳои стратегии гузошташуда, барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии идоракунии стратегии маҷмааҳои хоҷагии меҳмонхонавӣ имкон дода, ба рушди ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ бо шарикони ватаниву хориҷӣ, афзун шудани воридшавии сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки онҳо мусоидат менамояд.

Барои самаранокии системаи идоракунии ташкилоти меҳмонхонавӣ қарорҳои идоракунӣ муҳиманд. Раванди омода кардани онҳо ва қабули қарорҳо оид ба идоракунии сайёҳӣ қадамҳои соҳибкории зерини яксонро дар бар мегирад:

- таҳияи вариантҳои қарорҳо;
- интихоб бо меъёрҳои арзёбии танзими самаранокӣ ва дақиқии вақти қабули қарорҳо тағйир дода шудааст;
- компилятсияи тамсилаи математикӣ дар ҳолати зарурӣ мавҷуд аст;
- таҳлили муқоисавии қарорҳои тиҷоратӣ;
- қабули қарори идоракунӣ.

Агар як даври пайдарпай такроршаванда будани раванди идоракунии меҳмонхона ба инобат гирифта шавад, пас таҳлил, ташхис ва пешгӯии ҳолати мавҷуда ва ҳолат пас аз иҷрои қарори он қисми ҷудонашавандаи ин қадамҳо дар марҳилаҳои даври идоракунӣ мебошанд.

Аз нуқтаи назари методӣ, ин мантиқан дуруст аст, азбаски ҳар як кас ҳолати меҳмонхонаро таҳлил мекунад, баъди қабули иттилоот дар бораи қабули қарор фикр кардан зарур мебошад, сипас дар бораи таъмини он ва татбиқи он андеша бояд кард.

Ташхиси иқтисодӣ дар ин маврид асосан ба маҷмааҳои соҳибкории хурду миёна равона карда шуда, барои ошкор кардани муаммоҳои рушд, роҳҳои иловагию боэътимод ва барои беҳтар намудани ҳалли онҳо бо даромаднокии мунтазами тиҷорати асосӣ, фоидаоварӣ таъин шудааст.

Пешгӯӣ роҳи имконпазири рушди иқтисодии чунин тиҷоратро барои ба даст овардани устувории фаъолияти умумии он, ки бо қабули қарорҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки идоракунии захираҳо вобаста аст, нишон медиҳад. Ҳар вариант асоси сенарияи ояндаро ташкил медиҳад. Ҳар як унсури амал кардани ташхиси калидӣ ва пешгӯиҳои фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии дар соҳаи соҳибкорӣ истифодашаванда ин баррасии системаҳо бо системаҳои ҷамъиятӣ ва системаи робитаи баръакс бо муҳити зисти унсурҳои мукаммал ва дигар унсурҳо мебошад. Мувофиқи маҷмуи қадамҳои муҳим, коркарди маҷмуи фарққунандаи нишондиҳандаҳои ибтидоии зарурӣ барои амалҳои берунӣ зарур буда, сипас вай роҳи ҳалли маҷмуиро барои талаботи захираҳои иттилоотии таҳлилӣ пайдо мекунад ва ба онҳо воситаҳо ва имкониятҳои таъминоти барномавии худро барои ҳар як иттилооти дастрас пешниҳод менамояд.

Дар усули ҳадаф ва вазифаҳои ташхис, сатҳи иттилооти воридшаванда, принсипҳо, усулҳо, техникаи компютерӣ муттаҳид мешаванд. Вобаста ба чи гуна гузошта шудани ҳадаф ва муфассал гузошта шудани алгоритми дастраскунии иттилооти таҳлилӣ, раванди ташхис ва пешгӯӣ аз фаъолияти соҳибкории хурду миёна зудтар анҷом меёбад. Дар чунин соҳибкорӣ унсури нисбатан фаъоли системаи ташхисӣ омили инсонӣ мебошад. Ташкили тарҳрезии сохтори функсионалӣ, усулҳо ва раванди ташхиси молиявиро аксар вақт роҳбар анҷом медиҳад.

Ҳамин тариқ, амали таҳлилиро татбиқ намуда, маҳз инсон ба ташхиси системаи пешгӯӣ ва умуман идоракунӣ таъсир мерасонад. Сифати асосноккунии иқтисодии

анъанавӣ барои идоракунии фаъол бо қарорҳои гуногун бо чараёни то чи андоза ба таври оқилона истифода шудани қисмҳои принсипҳо ва усулҳои нигаҳдории ташхис муайян карда мешавад.

**Муқарриз: н.и.и, дотсенти ДБССТ – Алишоев Х.Ҳ.**


**АДАБИЁТ**

1. Аветисова А.А. Экономика ресторанного хозяйства [Текст]: Учебник / А.А. Аветисова. –М.: МДУЭТ, 2007. -317 с. - ISBN 978-966-385-049-8.
2. Анализ комплекса маркетинга на международном рынке туристических услуг [Текст]: Монография / А.Н. Азарян, Н.Л. Жукова, А.А. Ищенко, А.А. Ворошилова. –М.: МНУЭТ, 2005. -135 с. - ISBN 966-385-002-7.
3. Байлик С.И. Гостиничное хозяйство. Организация, управление, обслуживание [Текст]: Учеб. пособие / С.И. Байлик. -Второй изд., перераб. и доп. -М.: Дакор, 2006. -288 с. - ISBN 966-8379-09-8.
4. Браймер Роберт А. Основы управления в индустрии гостеприимства [Текст]: перевод с англ. Е.Б. Цыганов / А. Роберт Браймер. -М.: Аспект-пресс, 1995. -382 с.
5. Бунтова Н.В. Развитие системы кадрового обеспечения гостиничного хозяйства России: методолого-методические аспекты [Текст] / Н.В. Бунтова // Демография и социальная экономика. - 2007. -№1. -С.125-131.
6. Иванов В.В. Совершенствование управления финансами в гостиничном бизнесе: автореферат диссертации на соиск. уч. степ. к.э.н. / В.В. Иванов. -С-Пб, 2014. -25 с.
7. Раджабов Р.К. Бенчмаркинг как инструмент развития конкурентоспособности гостиничных предприятий / Р.К. Раджабов // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. №3(76)218. –С.28-39. **ISSN 2411-1945**
9. Скобкин С.С. Практика сервиса в индустрии гостеприимства и сайёҳӣ: Учеб. пособие / С.С. Скобкин. -М.: Магистр, 2007. -493 с. - ISBN 978-5-9776-0018-7.
10. Сорокина А.В. Организация обслуживания в гостиницах и туристических комплексах [Текст]: Учебное пособие / А.В. Сорокина. -М.: Альфа-М; ИНФРА-М, 2006. -304 с. - ISBN 5-98281-068-1 / ISBN 5-16-002498-0.
11. Шарипова Х.Р. Подходы к формированию системы эффективного менеджмента гостиничных услуг в экономике Республики Таджикистан / Х.Р. Шарипова // Бизнес в законе. Экономико-юридический журнал: -М.: Издательский дом Юр-ВАК, 2014. -№1. -С.203-205.


## САМТҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ МЕҲМОНХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо сохтори мураккаби ташкилӣ доранд, ки он бо сатҳи тақсимоти ҳадафҳо ва маҷмуъҳо, вазифаҳои идоракунии байни бахшҳо, кормандони алоҳида тавсиф дода мешавад. Ҳангоми таҳияи сохтори идоракунӣ унсурҳои зеринро фарқ мекунанд: тавассути шуъбаҳои сатҳи идоракунӣ (марҳилаҳо), робитаҳо дар меҳмонхона бошанд, уфуқӣ ва амудӣ мешаванд. Сатҳи идоракунии маҷмааи силсилаҳои меҳмонхонаҳо дараҷаи муайянро дар системаи идоракунии меҳмонхона ишғол мекунанд. Дараҷаҳои идоракунӣ вобаста ба тарзи алоқамандӣ амудӣ, муносиб ва тобеи якдигар мешаванд: менеҷерони сатҳи олии идоракунӣ қарорҳои корхонаҳоро мебароранд, ки аз ҷониби кормандон нишон дода шудаанд ва қарори мазкурро то сатҳи поён мерасонанд. Усули таҳлил ва баҳодиҳии барномаҳои эътимоднокӣ аз усули хатти буҳронии қабули нархҳо фарқ мекунанд, зеро бори аввал мушаххасаҳо (параметрҳо)-и амалиёт барои ҳар як тавсифоти имконпазири он ҳисоб карда мешавад. Беҳтар намудани идоракунии самараноки маҷмааи хоҷагии меҳмонхонавӣ бо роҳи татбиқи амалисозии ҳадафҳои стратегии гузоштташуда, барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии идоракунии стратегии маҷмааҳои хоҷагии меҳмонхонавӣ имкон дода, ба рушди ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ бо шарикони ватаниву хориҷӣ, афзун шудани воридшавии сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки онҳо мусоидат менамояд.



**Калидвоожаҳо**: омилҳои рушди меҳмонхона, стратегияи идоракунии меҳмонхонаҳои таҳқиқшаванда, миқдори ҷой дар меҳмонхона, сармоягузорӣ, тавозуни туристӣ, самаранокии иқтисодии меҳмонхона, махзани иттилоотии тиҷорати меҳмонхона, заминаҳои ҳуқуқӣ, арзёбии сифати хизматрасонӣ, намудҳои меҳмонхона, категорияҳои хизматрасонӣ.


## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ОРГАНИЗАЦИИ И УПРАВЛЕНИЯ ГОСТИНИЧНЫМ ХОЗЯЙСТВОМ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Гостиницы и рестораны имеют сложную организационную структуру, которая характеризуется уровнем распределения целей и агрегатов, функциями управления между отделами, отдельными сотрудниками. При проектировании структуры управления выделяются следующие элементы: через отделы уровня управления (этапы), так как связи в отеле бывают горизонтальными и вертикальными. Уровень управления гостиничным сетевым комплексом занимает определенный уровень в системе управления отелем. Управление вертикальны, удобны и взаимозависимы, в зависимости от того, как они связаны: руководители высшего уровня принимают корпоративные решения, которые указываются сотрудниками, и сводят это решение к самому низкому уровню. Метод анализа и оценки программ надежности отличается от метода принятия цены кризисной линии тем, что впервые параметры операции рассчитываются для каждой из ее возможных характеристик. Повышение эффективности управления гостиничным бизнес-комплексом за счет реализации стратегических целей повысит эффективность стратегического управления гостинично-бизнес-комплексами, будет способствовать развитию

регионального и международного сотрудничества с отечественными и зарубежными партнерами, инвестиции и увеличит их использование.

**Ключевые слова:** факторы развития отеля, исследуемая стратегия управления отелем, размер отеля, инвестиции, туристический баланс, экономическая эффективность отеля, база данных гостиничного бизнеса, правовая база, оценка качества услуг, типы отелей, категории услуг.

## THE MAIN DIRECTIONS OF ORGANIZATION AND MANAGEMENT OF HOTEL MANAGEMENT ACTIVITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Hotels and restaurants have a complex organizational structure, which is characterized by the level of distribution of goals and aggregates, management functions between departments, individual employees. When designing the management structure, the following elements are distinguished: through the departments of the management level (stages), and the connections in the hotel are horizontal and vertical. The level of management of a hotel chain complex occupies a certain level in the hotel management system. The levels of management are vertical, convenient and interdependent, depending on how they are related: top-level managers make enterprise decisions that are indicated by employees and bring that decision to a lower level. The method of analysis and evaluation of reliability programs differs from the crisis line method of price acceptance, as for the first time the parameters of the operation are calculated for each of its possible characteristics. Improving the effective management of the hotel complex through the implementation of strategic goals will increase the efficiency of strategic management of hotel complexes, promote the development of regional and international cooperation with domestic and foreign partners, increase their use and increase investment.

**Keywords:** hotel development factors, hotel management strategy under study, hotel size, investment, tourism balance, hotel economic efficiency, hotel business database, legal framework, service quality assessment, hotel types, service categories.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон**: (+992) 901-71-63-77.** E-mail**: yorma@bk.ru**
***Шарипов Ҳасан Абдусаломович*** **-** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **(+992) 987-48-44-97**

**Сведения об авторах:** ***Курбонов Ёрмахмад Султоналиевич*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, и.о. доцента, заведующий кафедрой туристского бизнеса, рекреации и гостеприимства. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада 48/5. Телефон: **(+992) 901-71-63-77.** E-mail**: yorma@bk.ru**
***Шарипов Хасан Абдусаломович*** **-** Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистент кафедры туристского бизнеса, рекреации и гостеприимства. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада 48/5. Телефон: **(+992) 987-48-44-97**

**Information about the authors:** ***Kurbonov Yormahmad Sultonalievich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor, Head of the Department of Tourism Business, Recreation and Hospitality. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue 48/5. Phone: **(+992) 901-71-63-77**. E-mail: **yorma@bk.ru**
***Sharipov Khasan Abdusalomovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Assistant of the Department of Tourism Business, Recreation and Hospitality. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue 48/5. Phone: **(+992) 987-48-44-97**

УДК 33.032.9

# ИДОРАКУНӢ ВА ҲИФЗИ АХБОР ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ

*Ҷурабоев Ғ., Абдуллаева Г.А.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,**
**Донишкадаи ғайридавлатии илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон**

Таҳсилоти фосилавӣ ин ба даст овардани хизматрасонии таълимӣ бидуни иштирок ба ягон муассисаи таҳсилоти миёна ва олӣ бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва системаҳои телекоммуникатсионӣ ба мисли почтаи электронӣ, телевизион ва интернет маҳсуб меёбад [1].

Низоми таҳсилоти фосилавӣ (НТФ), ин маҷмуи воситаҳои ташкилӣ, таълимӣ-методӣ, васоити барномавӣ ва дастгоҳӣ мебошад, ки гирифтани таълим берун аз муассисаи таълимӣ сурат мегирад. НТФ ҳамчун низоми таълимӣ дар асоси технологияҳои телекоммуникатсионӣ, компютерӣ бо назардошти истифодаи усулҳои муосири педагогӣ ва иттилоотӣ фаҳмида мешавад.

Инчунин, таҳсилоти фосилавиро барои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ва мутахассисони соҳаҳои гунгуни иқтисодиёт метавон истифода бурд. Ба сифати асосҳои таҳсилоти фосилавӣ истифодаи технологияҳои телекоммуникатсионӣ, компютерӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад [2,с.32], ки аз имкониятҳои зерин иборат аст:

- ба тезӣ интиқол додани иттилоот ба масофаҳои гуногун;
- интиқоли фаврии интерактивӣ ва аксуламали фаврӣ ;
- дастрасӣ ба сарчашмаҳои гуногуни иттилоот;
- ташкил намудани лоиҳаҳои муштараки телекоммуникатсионӣ;
- дархости иттилоот оид ба ҳар як масъалаҳои манфиатбахш тавассути конфронси электронӣ.

Ташаккул додани амсилаи таҳсилоти фосилавӣ ва фаъолияти асосиро муассисаҳои талимӣ дар уҳда доранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи амсилаи аввали низоми таҳсилоти фосилавӣ дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Аз соли 2018 дар ҳамаи донишгоҳ ва донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таҳсилоти фосилвӣ ба роҳ монда шудааст.

Барои назорат оид ба азхудкунии дониш дар НТФ ташаккули зерсистемаи тестҳои online мавҷуд аст, ки тамоми тестҳои таҳиякунандаи курсро дар бар мегирад ва ба тағйир додани онҳо мусоидат менамояд.

Дар НТФ донишҷӯ роҳҳои мувофиқтарини таҳсилро барои худ интихоб менамояд ва дар вақти муносиб барои худ бо назардошти суръати кори хеш кор мекунад. Инчунин, ӯ супоришҳои инфиродӣ ва тестҳоро иҷро мекунад, дар семинарҳо иштирок мекунад, аз омӯзгор метавонад маслиҳат гирад, дар лоиҳаҳои гурӯҳӣ фаъолият кунад ва бо ҳамсабақони худ муносибат намояд. Ҳамаи кори донишҷӯён дар низом сабт карда мешавад. Ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки онро таҳлил кунад.

НТФ ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ имкон медиҳад, ки сиёсати худро доир ба соҳаи омӯзиши Интернет татбиқ намояд:

- таҳия намудани барномаҳои таълимӣ барои ихтисос ва ихтисосмандӣ;
- рӯйхати талабот оид ба курсҳои таълимиро муайян кунад;
- барои ҳар як барнома нақшаи таълимӣ тартиб диҳад;
- корбарӣ кардан бо таҳиягарони курс;
- ташкил намудани мутобиқати раванди таълимӣ чараёни бо нақшаи таълиӣ.

Сиёсати бехатарӣ барои ҷорӣ намудани васоити таъмини бехатарӣ тавассути кам кардани миқдори ҷойҳои нозукро талаб менамояд. Барои он, ки сиёсати бехатарии самарабахш ва камарзиш барои ҳимояи иттилоот коркард гардад, бояд таҳлили хатар оид ба арзиш ба талаботи сиёсати бехатариро иҷро намояд.

Бояд қайд кард, ки ин ҷо арзиши иттилоот ё оқибати баҳсҳои молиявӣ оид ба бехатарӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар гузашта чунин арзиши баҳо ҳамчун қисми

таркибии таҳлили расмии таваккул доир ба кӯшиши ба амал татбиқ намудани арзиши даромади ҳарсола ҳангоми хароҷот ба бехатарӣ талаб карда мешавад [9].

Ба андозаи он ки вобастагии давлат ва ташкилоти тиҷоратӣ аз шабакаҳои глобалӣ бештар гардид, талафот аз ҳодисаи ногувор ба бехатарӣ, ки амалан баҳо додан ба маблағ ғайриимкон мебошад, назар ба хароҷоти ҳисобкардашуда баробар ва зиёд гардид. Вақти маъмурони иттилооти бехатарӣ мумкин аст ба таври самаранок оид ба таъмин намудани гарави ҷорӣ кардани "бехатарии хуби басанда", назар ба арзиши пасти ҳисоби ин ё он бехатарии комил сарф мегардад.

Таҳдид - ин воситаи расонидани зарар, модификатсия ё аз байн бурдани иттилоот мебошад. Таҳдид метавонад беғаразона сурат бигирад, ба монанди он ки хатои шахс, нуқсон пайдо кардани таҷҳизот ва барнома ё офати табииро ба миён оварад. Таҳдиди боғаразонаро метавон ба ду гурӯҳ мантиқӣ (гирифтани чизе бидуни маблағ) ва аз ақл берун (ирратсионалӣ, иттилоотро вайрон намудан) тасниф намуд. Навъи таҳдиди шабакавӣ инҳоянд [5,с.113]:

• дар кор вайрон шудани яке аз қисматҳои шабака – вайрон шудани он ҳангоми банақшагирӣ ё нуқси таҷҳизот ё барнома мумкин аст ба рад намудани хизматрасонӣ ё беэътибории бехатарӣ ба сабаби вазифагузориҳои нодурусти яке аз қисматҳои шабака оварда расонад. Аз кор бозмондани брандмауэр ё инкори нодуруст дар авторизатсия сервери аутентификатсия бекор шудани намунаҳо маҳсуб меёбад, ки ба бехатарӣ таҳдид менамояд;

• дидани худсаронаи иттилооти муҳим аз ҷониби вайронкорон ё истифодабарандагони ваколатдор метавонад бо истифодаи механизмҳои гуногун рух диҳад - почтаи электронӣ бо қабулкунандаи номувофиқ, чопи принтер, рӯйхати нодурусти идоракунии дастрасӣ, муштарак истифода намудани индификатор аз ҷониби якчанд нафар ва монанди инҳо;

• истифодаи иттилоот на аз рӯи таъинот – истифодаи иттилооти мақсаднок мумкин аст ба коста шудани хидматрасонӣ вобаста аз хароҷоти зиёдатӣ оварда расонад. Гунаҳкорони ин мумкин аст ҳамчун истифодабарандагони дохилӣ ва ҳам берунӣ бошанд;

• тасдиқ нагардидани барҳам додан, тағйирёбӣ ё ошкор намудани иттилоот – тахрифи махсуси арзишу аҳамияти иттилоот, ки мумкин аст барои бартараф намудани иттилооти пурра ва махфӣ оварда расонад;

• ворид гардидан – ҳамлаи тасдиқнагардидаи одамон ё система, ки мумкин аст ба рад гардидани хизматрасонӣ ё хароҷот барои барқарор гардидан баъд аз моҷаро оварда расонад;

• маскарад – кӯшиш дар зери истифодабарандагони тасдиқгардида барои дуздӣ ё иттилооти хизматрасониҳо, ё барои ташаббуси тразаксияи молиявӣ рӯпӯш мегардад, ки ба талафоти молиявӣ ё масъала оид ба НТФ оварда мерасонад.

Мавҷудияти таҳдид албатта маънои зарар расониданро надорад. Барои он ки хатар ба миён ояд, таҳдид бояд ҳамчун ҷойи нозук дар системаҳои васоити таъмини бехатарӣ истифода гардад ва система бояд аз олами беруна дида шавад. Аёнии системаҳо – ин меъёр чун ҳавасмандии бадфикрон оид ба системаи мазкур, ҳамчунин миқдори иттилооти дастрас барои истифодабарандагони умумӣ дар ин система маҳсуб меёбад.

Ҳамаи НТФ, ки ба интернет дастрасӣ доранд, дар баъзе зинаҳо барои олами беруна бо номи хеш дар НТФ ба назар мерасанд. Бо вуҷуди ин, баъзе аз НТФ назар ба дигарон басо назаррасанд ва дараҷаи назаррасии онҳо ба таври пайдарпай ё вобаста аз ин ё он ҳодисот тағйир меёбанд. Чунки бештари таҳдидҳои дар асоси интернет бамиёномада, табиатан имконпазиранд, дараҷаи намуди гуногуни НТФ бевосита эҳтимолияти онҳоро муайян мекунад, ки хадамоти хусуматгарона барои осеб расонидан тавассути ин ё он таҳдид кӯшиш менамоянд [6].

Ду намуди далели муайянкунандаи нозукии НТФ мавҷуд мебошад. Далели якум оқибатҳои моҷаро бо бехатарӣ [7]. Қариб ҳамаи НТФ бо талафоти молиявӣ – бартараф кардани оқибатҳои моҷаро бо бехатарӣ мумкин аст маблағгузории хосро, ҳатто хадамоти ғайританқидӣ зарар дида бошанд, талаб намояд.

Бо вуҷуди ин, васоити интиқоли хавфу хатарро кафолат додан мумкин аст, ки ҳатто талафоти молиявиро ба буҳрон оварда намерасонад. Яке аз қадамҳои муҳим оид ба муайян намудани оқибатҳои имконпазир идора намудани номгӯи арзиши иттилоот маҳсуб меёбад. Ҳарчанд ин ба назар одӣ менамояд, дастгирии рӯйхати муайяни система, шабака, компютерҳо ва базаи маълумот, ки дар НТФ истифода гардидааст ва масъалаи мураккаб ба ҳисоб меравад. НТФ бояд рӯйхати мавриди назарро бо натиҷаҳои кор оид ба таснифоти истифодаи маълумотҳо, ки дар рафти иттилоот дар режими онлайнӣ ҳифз мегардад, аз рӯи дараҷаи иҷрои НТФ-и масъалаҳои хеш таснифот мегардад.

Натиҷаи басо ҷиддӣ [8] ҳангоми риоя нагардидани корҳои дохилии НТФ ба миён меояд, ки дар натиҷаи аз имконият истифода набурдан ба зарар рӯ ба рӯ мегардад ва аз даст додани вақти корӣ ва кор оид ба барқарор кардани системаҳо ба минён меояд.

Се намуди асосии аутентификатсия – оморӣ, муқаррарӣ ва доимӣ мавҷуд аст. Аутентификатсияи оморӣ рамзҳо ва технологияҳои дигарро истифода мебарад, ки метавонад тавассути такрори ин маълумот обрӯи ҳамлагарро резонад.

Аксар вақт ин рамзҳо ҳамчун рамзи истифодаи такрор номида мешаванд. Аутентификатсияи муқаррарӣ криптографияро ё усулҳои дигарро барои ташкили рамзҳои яквақта истифода мекунад, ки ҳангоми гузаронидани фаъолияти сеансҳо мавриди истифода қарор медиҳанд. Ин усул метавонад тавассути ворид кардани паёмҳо ба пайвастшавӣ аз ҷониби ҳамлагар халалдор карда шавад. Аутентификатсияи доимӣ ҳуҷумкунандагонро аз ворид кардани паёмҳо пешгирӣ мекунад. Аутентификатсияи оморӣ танҳо аз ҳамлаҳо муҳофизат мегардад, ки дар давоми он хуҷумкунанда иттилооти байни аутентификат ва аутентификатсияро ҳангоми аутентификатсия ва сеанси минбаъдаро дида наметавонад, ворид карда наметавонад ё тағйир дода наметавонад. Дар ин ҳолат, ҳамлагар танҳо метавонад кӯшиш кунад, ки маълумотро барои тасдиқ кардани истифодабаранда тавассути оғози раванди аутентификатсия (ки истифодабарандаи қонунӣ чи карда метавонад) ва як қатор кӯшишҳо барои тахмин кардани ин маълумот амалӣ мегардад. Системаҳои анъанавӣ тавассути истифодаи рамз (парол) ин гуна намуди муҳофизатро таъмин мекунанд, аммо неруи аутентификатсия асосан аз душвории тахмин кардани рамзҳо ва то чи андоза хуб муҳофизат шудани онҳо вобаста мебошад. Аутентификатсияи устувор - ин гурӯҳи аутентификатсия маълумотҳои аутентификатсияи динамикиро мавриди истифода қарор медиҳад, ки бо ҳар як сеанси аутентификатсия иваз меёбад.

Бояд қайд кард, ки бо зикр нагардидани аксари системаҳои сабти фаъолияти тиҷоратии истифодабарандагон маҷмуи хеле маҳдуди иттилоотро ҷамъ мекунанд. Ба омӯзиши ҳуҷҷатҳо вақтро сарф кардан ва бо тағйирот ба конфигуратсияи аслӣ арзиши системаи аудитро ба таври назаррас баланд кардан маъно дорад.

Бехатариро ба даст овардан ғайримумкин аст, агар дар ҳамаи корхонаҳо инфрасохтори электрониро дастгирӣ нанамуд. Идоракунии конфигуратсия – ин маҷмуи технологӣ, ки вазъияти таъмини барномавӣ, таҷҳизот, истифодабарандагон ва шабакаҳо маҳсуб меёбанд. Одатан, конфигуратсияи низомҳои компютерӣ ва компонентҳои онҳо лаҳзаи ба ҳаракат ворид шуданро ба таври мукаммал муайян менамояд, аммо зина ба зина назорат бештар аз даст дода мешавад. Васоити идоракунии конфигуратсия барои ба расмият даровардан ва деталикунонии ҳамаи тағйиротҳо, ки дар система рӯй медиҳад, талаб карда мешавад. Ҳангоми идоракунии босифат, якум, бояд тартиби ҷиддии дохил кардани тағйирот бо назардошти ҳуҷҷатикунонии онҳо мулоҳиза ва муайян гардад. Дуюм, ҳамаи тағйиротҳо аз нуқтаи назари сиёсати умумии ҳимоя баҳогузорӣ гардад. Ҳарчанд бидуни истисно сиёсати мавриди назар тасҳеҳ карда мешавад, муҳим он аст, ки дар ҳар як печутоби марҳилаи зиндагӣ масъалаи мутобиқат барои ҳамагон ҳифз карда шудааст, ҳатто қадима, аммо боқимондагони дар шабакаи система – вагарна онҳо ба “звенои ғайрифаъол” табдил меёбанд. Ҳамаи ҷанбаи ҳифозати номбаргардида чунин аст ё дар акси ҳол ба барномаи технологӣ такя менамояд, бо вуҷуди ин масъалаҳои муҳиме, ки аз доираи мазкур сар задааст, махсусият дорад. Шабакаи иттиҳодиявӣ, ки дар онҳо НТФ амалӣ мегардад, олами воқеӣ: истифодабарандагон, таҷҳизотҳои ҷисмонӣ,

пахнкунандагони иттилоот ва монанди инҳоро дорост, ки ҳамчунин, метавонад сабаби ноомади кор ҳам шуданаш мумкин аст.

Хароҷот ба таълими корманд ва истифодабарандагон натиҷаи хуб медиҳад: омодагии хуби барнома мумкин аст ошкор намудани маълумоти ғайрирасмиро ба беғаразӣ табдил диҳад ва ҳатто ёрӣ ба истифодабарандагон саҳми махсус ба низоми бехатарии комилро гузорад. Ба этикаи таълими истеҳсолӣ истифодабаранда рӯй меорад, ҳамон вақте, ки ҳамкор рамзро ҷорӣ мекунад ва ба шахси “хатари иҷтимоӣ” бо нигоҳ аз ҷониби китф ба клавиатура диққат медиҳад. Гузаргоҳи танги махсус ба шиканандагони қулф – “заиф”, аммо роҳи осони ошкор кардани рамз мавҷуд мебошад. Ислоҳ кардани вазъият танҳо бо назардошти бошуурона муносибат ба назорати дастрасии истифодабаранда мумкин аст: давра ба давра рамзро иваз кардан, онҳоро боназокат ташаккул додан.

Такмили НТФ тавассути татбиқи дигар технологияҳои иттилоотӣ ба даст оварда мешавад. Яке аз онҳо низоми таълими виртуалӣ мебошад. Дар зери мафҳуми технологияи таълими виртуалӣ раванди таълимро, ки бо истифодаи информатикаи муосир ва технологияҳои компютерӣ алоқаманд аст, фаҳмида мешавад. Ин низом амсиласозии муҳити таълимро таъмин менамояд ва дар иншооти ҳисоббарорӣ ҷойгиранд, ки ҳамкории ҳамаи ҷузъҳои амсилаҳои таълимиро новобаста аз маҳал ва масофа таъмин мекунад. Таҳсилоти виртуалӣ системаи коркарди иттилоотӣ, технологияҳо ва таъмини бехатарии коркарди гурӯҳи иттилоотӣ, муштарӣ – технологияҳои интернет, замимаҳои интернет, системаҳои бо истифодаи мултимедиа, компютери графикӣ, видеоконфронсҳо, базаи дониш, системаҳои экспертиро истифода мебаранд, ки дар онҳо амсилаҳои компютерӣ, курсҳои омӯзишӣ ва дарсҳои амалӣ ҷойгир аст. Ба сифати пурра гардидани иттилоот маводҳое истифода мешаванд, ки ҳамчун системаи идоракунии дониш омода аст. Донишҷӯ ба муҳити таълимие, ки тавассути таъминоти барномавӣ фароҳам оварда шудааст ва раванди интихоб, такрор, асосноккуниро аз вазифаҳои гуногун, усулҳо ва интерфейсҳои компютерӣ, вазифаҳои таълимӣ идора мекунад ва дар семинарҳо иштирок мекунад.

Истифодаи интернет ва технологияҳои интернетӣ доираи барномаро аз як курси махсуси омӯзишӣ барои истифода дар маҷмааи таълимии донишгоҳ ва минбаъд дар барномаҳои таълимии корпоративии системаи таҳсилоти ҷаҳонӣ васеъ менамояд.

Вазифаи ташаккул додани тавсияҳо оид ба такмили НТФ-и донишгоҳ “дар асоси маҷмуи васеи муодилҳои имконпазири сохторҳо, ки аз ҷиҳати табиат ва самаранокӣ мухталиф мебошанд, ҳал мегардад, ки дар робита ба он ба ду зервазифа тақсим кардан мувофиқи мақсад мебошад” [3,с.165]:

а) вазифаи такмил, дар ҷараёни ҳалли он, ки аз маҷмуи ҳама муодилҳои имконпазири сохторҳои НТФ-и мактаби олӣ, маҷмуи муодилҳое интихоб карда шудаанд, ки барои амалӣ намудан қобили қабул мебошанд;

б) вазифаи такмил додани параметрҳои фаъолияти НТФ-и мактаби олӣ дар асоси маҷмуи муодилҳои сохтори афзалиятнок, ки дар натиҷаи ҳалли масъалаи аввал ба даст омадаанд.

Система, аз ҷумла НТФ-и мактаби олиро бо чунин параметрҳо ва хусусиятҳое, ки нишондиҳандаҳои самаранокии он ба талабот мувофиқ мебошанд, комил ҳисобидан мумкин аст.

Мафҳуми такмилдиҳӣ бо раванди хароҷоти оқилонаи маблағҳо барои фаъолияти иншооти баррасишаванда бо мақсади ба даст овардани самараи ҳадди имкон алоқамандии мустаҳкам дорад. Аз ин рӯ, зарурати ташкил намудани дастгоҳи математикӣ барои ҳалли ин масъала ба миён омадааст, ки имкон медиҳад, самаранокии версияи мушаххаси сохтори НТФ аз рӯи меъёрҳои зикршуда баҳогузорӣ гардад. Масъалаи мувофиқ кардани НТФ танҳо бо роҳи такроран арзёбӣ кардани муодилҳои мобайнии сохтори он ҳал карда мешавад ва инро бо истифода аз дастгоҳи махсуси математикӣ иҷро кардан мумкин аст.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Низомов С.Ф.**

## АДАБИЁТ


1. Бочков В.Е. Состояние, тенденции, проблемы и роль дистанционного обучения в трансграничном образовании. Учебное пособие / В.Е. Бочков, Г.А. Краснова, В.М. Филиппов. –М., 2008.
2. Бубнов В.А. Социальные аспекты информатизации общества / В.А. Бубнов // Вестник Московского городского педагогического университета. - 2006. -№6. -С.32-36.
3. Власенко А.А. Разработка адаптивной системы дистанционного образования в сфере информационных технологий / А.А. Власенко // Преподавание информационных технологий в Российской Федерации: материалы одиннадцатой открытой Всероссийской конф. –Воронеж, 2013. -С.165-167.
4. Гиря, И.А. Интеграция моделей знаний ученика в адаптивной среде дистанционного обучения / И.А. Гиря // Образовательные технологии и общество (EducationalTechnology&Society). - 2010. -№4. -С.240-245.
5. Деева, С.А. Возможности информатики при реализации дистанционного обучения в колледже / С.А. Деева // Информатика и образование. - 2007. -№12. -С.113-114.
6. Зайцева, Л.В. Технология разработки адаптивных электронных учебных курсов для компьютерных систем обучения / Л.В. Зайцева // Образовательные технологии и общество (EducationalTechnology&Society). -2008. -№11(1).
7. Казанская, О.В. Подготовка преподавателей в области технологий дистанционного обучения / О.В. Казанская, Н.Ш. Никитина // Подготовка кадров для системы открытого и дистанционного образования: междунар. науч.-практ. семинар: тезисы докладов; под ред. проф. Г.В. Майера. -Томск: Изд-во ТГУ, 2001. -146 с.
8. Каширина М.М. Моделирование процесса дистанционного обучения с помощью системы массового обслуживания / М.М. Каширина, А.А. Нудьга, Д.В. Начаров // Научно-практический журнал Психология, Социология, Педагогика. – 2011. -№7(20).
9. Основы режиссуры мультимедиа-программ. Учебное пособие / Н.И. Дворко, В.Ф. Познин, И.Р. Кузнецов, А.Е. Каурых. -СПб: СПбГУП, 2005. -313 с.
10. Саидова Ҳ.М. Вазъи пешниҳоди хизматрасонии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.М. Саидова, Р.М. Мирбобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2020. -№7. -С.130-135.


## ИДОРАКУНӢ ВА ҲИФЗИ АХБОР ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ


Дар мақола идоракунӣ ва ҳифзи ахбор дар низоми таълими фосилавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ имконият дод, ки донишҷӯён ва мутахассисони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ дар ин низом соҳиби малакаи касбӣ гарданд. Муайян шудааст, ки барои фаолияти босамари низоми таҳсилоти фосилавӣ дар шабакаи интернет таъмини бехатарии ахборот лозим аст. Таҳлили ташкили санҷиши фосилавии донишандӯзии донишҷӯён нишон дод, ки дар ин ҷода камбудиҳои мушаххас ҷой доранд. Дар асоси тадқиқ муайян шуд, ки имрӯз истифодаи аунтефикатсия барои воридшавӣ ба низоми таҳсилоти фосилавӣ, гузоштани маҳдудият ба мушоҳидаи ҷавобҳои донишҷӯён бо натиҷаи санҷишҳои компютерӣ яке аз роҳҳои ҳифзи ахбор дар низоми телекоммуникатсионӣ мебошад.



**Калидвожаҳо:** амсилабандӣ, таҳсилоти фосилавӣ, самаранокӣ, амнияти иттилоотӣ, зерсистема, консепсия.


## УПРАВЛЕНИЕ И ЗАЩЫТА ИНФОРМАЦИИ В СИСТЕМЕ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ


В статье рассматриваются управление и защита информации в системе дистанционного образования. Внедрение системы дистанционного образования позволило студентам и специалистам различных отраслей народного хозяйства приобрести профессиональные навыки в этой системе. Анализ организации дистанционного обучения студентов показал, что в этой области есть определенные недостатки. На основе проведенного исследования установлено, что на сегодняшний день использование аутентификации для доступа к дистанционному обучению, ограничения доступа к результатам компьютерного тестирования является одним из способов защиты информации в телекоммуникационной системе.



**Ключевые слова:** моделирование, дистанционное обучение, эффективность, информационная безопасность, подсистема, концепция.


## MANAGEMENT AND PROTECTION OF INFORMATION IN THE DISTANCE LEARNING SYSTEM


The article deals with the management and protection of information in the system of distance education. The introduction of a distance education system allowed students and specialists from various sectors of the national economy to acquire professional skills in this system. An analysis of the organization of distance learning for students showed that there are certain shortcomings in this area. Based on the study, it has been established that today the use of authentication for access to distance learning, restricting access to the results of computer testing is one of the ways to protect information in a telecommunications system.



**Keywords:** modeling, distance learning, efficiency, information security, subsystem, concept.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҷурабоев Ғафурҷон*** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбард 48/5

***Абдуллаева Гулноза Абдуҷабборовна*** – Донишкадаи ғайридавлатии илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон, мудири кафедраи технологияи информатсионӣ ва иқтисодиёт. **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 34

**Сведения об авторах:** ***Джурабоев Гафуржон*** – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, профессор кафедры государственного и местного управления. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5
***Абдуллаева Гулноза Абдужабборовна*** – Негосударственного Института точных наук и технологии Таджикистана, зав. кафедрой информационных технологий и экономики. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 34 квартал

**Information about the authors:** ***Juraboev Gafurjon*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Professor of the Department of State and Local Government. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5
***Abdullayeva Gulnoza Abdujabborovna*** - Non-State Institute of Exact Sciences and Technology of Tajikistan, head. Department of Information Technology and Economics. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Khujand, quarter 34

УДК: 341.9(575.3)

# КАФОЛАТИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ЗАНОН ДАР САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

*Раҳмон Озода Эмомалӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ситоиши зан – модар бамаврид иброз намудаанд: «Зан – модар ибтидои ҳастии башарият, мабдаи меҳру вафо ва рамзи муҳаббату садоқат мебошад. Модар мавҷудест, ки ба фарзанд ҳаёт мебахшад, ӯро бо шири сафеду ҷонбахшаш ва бо муҳаббате, ки танҳо хоси модарон аст, тарбия мекунад, ба камол мерасонад ва ба чорсӯи зиндагӣ дуои нек медиҳад. Бинобар ин, арҷ гузоштан ба бузургии модар, ба ҷо овардани иззату эҳтироми ӯ ва расидан ба қадри заҳматҳои шабонарӯзии вай вазифаи ҷониву имонии ҳар як фарзанди солимфикру соҳибхирад ва қарзи инсонии ҳар як фарди бонангу номус ба шумор меравад”[7]. Дар воқеъ, ин суханони ибратомӯзи Пешвои миллат нидои қалби миллионҳо занону модарони рӯи олам аст, ки ба кумаку дастгирӣ ва ёриву мадад ниёз доранд.

Новобаста аз оне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паҳлуҳои гуногуни илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ - ҳуқуқу озодиҳои инсон [14], фарҳанги ҳуқуқӣ [5], давлати ҳуқуқбунёд [4], фарҳанги ҳуқуқи инсон [12] ва дигар падидаҳои давлативу ҳуқуқӣ [13] пажӯҳишҳои илмии бунёдӣ анҷом дода шудаанд, аммо оид ба ҳуқуқу озодиҳои занон [11], махсусан кафолатҳои байналмилалии онҳо пажеҳишҳои илмӣ хеле кам ба назар мерасанд.

Дар дарозои таърих муносибати тамаддун ва фарҳангҳо нисбат ба ҳуқуқу озодиҳои занон яксон набуда, онҳо дар доираи дидгоҳ, арзишҳо ва манфиатҳои худ нисбат ба ин субъекти ҳуқуқи инсон муносибат менамуданд. Дар нахустин марҳилаи бунёди тамаддуни инсонӣ дар баъзе минтақаҳои олам зан аз зумраи субъекти дуюминдараҷа баҳогузорӣ карда шуда, нисбат ба ӯ қариб ҳеҷ гуна афзалияту имтиёз пешбинӣ карда намешуд. Аммо, дар марҳилаи бунёди давлату давлатдорӣ халқу миллатҳо ба хубӣ дарк намуданд, ки бидуни кафолат додани ҳуқуқ ва манфиатҳои занон имконияти барпо намудани ҷомеаи солим, ки тавонад садсолаҳо арзи ҳастӣ намояд, ғайриимкон аст. Бо ин мақсад, давра ба давра тавассути қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии фарогир (универсалӣ) аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ вазъи ҳуқуқии занон мавриди танзим қарор дода шуд.

Бояд зикр намуд, ки дар шакли имрӯза эътирофнамоии ҳуқуқи занон дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҷомеаи Аврупо ва Амрико мутааллиқ буда, онҳо роҳи минбаъдаро ҷиҳати дар сатҳи фарогир муқаррар намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои занон гузоштанд. Махсусан, дар асрҳои XIX ва XX гурӯҳе аз давлатҳои Аврупо ва гунае аз штатҳои Амрико санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро қабул ва мавриди истифода қарор доданд, ки ҳуқуқҳои қарнҳо маҳдудгардидаи занонро иҷозат дода, онҳоро ҳамчун субъекти махсуси ҳуқуқи инсон ба расмият шинохтанд. Масалан, соли 1839 дар штати Миссисипии Амрико Қонун «Дар бораи ҳуқуқи зани шавҳардор ба моликият», соли 1963 Қонун «Дар бораи музди баробар», соли 1968 Қонун «Дар бораи баробарии мардон ва занон дар сохтмони манзили истиқоматӣ», соли 1974 Қонун «Дар бораи баробарии занон дар таҳсил» ва соли 1975 Қонун «Дар бораи имкониятҳои баробар ҳангоми қарзгирӣ» қабул карда шуданд, ки онҳо заминаи воқеиро барои кафолат додани ҳуқуқ ва манфиатҳои занон дар ҷомеаи Амрико гузоштанд. Дар Шветсия соли 1874 Қонун «Дар бораи ҳуқуқи зани шавҳардор ба моликият» ва соли 1957 дар Ҷумҳурии Федералии Олмон Қонун «Дар бораи баробарҳуқуқӣ» қабул карда шуд, ки тавассути онҳо ба занон имконияти соҳиб шудан ба моликият кафолат дода шуда, баробарҳуқуқии мардон ва занон дар муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ муқаррар карда шуданд [10]. Вале, дар чунин сатҳ муқаррар кардан ва кафолат додани ҳуқуқу манфиатҳои занон натавонист, ки ба таври зарурӣ муносибати ҷомеаи Аврупо ва Амрикоро нисбат ба занон тағйир диҳад. Зеро, на дар ҳамаи давлатҳои минтақаҳои ишорашуда қонунҳои ҳамсон, ки муқарраркунандаи

вазъи ҳуқуқии занон бошанд, қабул карда шуд. Бо ин назардошт, зарурат ба миён омад, ки ҳолати ҳуқуқии занон дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор дода шавад [6].

Яке аз ниҳодҳои байналмилалӣ, ки дар шинохти ҳуқуқ ва манфиатҳои занон нақши калидиро иҷро намуда, ба вазъи ҳуқуқии онҳо дар миқёси сайёра таъсири арзишманд гузошт, ин Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд – СММ) мебошад. Зеро созмони мазкур бо қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки хусусияти фарогир доранд, тавонист ба бунёди ҷомеае даст ёбад, ки дар он баробарҳуқуқӣ ба тамоми субъектҳои ҳуқуқи инсон кафолат дода шуда, тафриқагузорӣ аз рӯйи аломатҳои ҷинсӣ, нажодӣ, динӣ, мазҳабӣ, вазъи молумулкӣ ва ғ. манъ карда шудааст. Аммо, то кадом ҳад меъёрҳои санадҳои фарогир (универсалӣ)-и СММ аз ҷониби давлатҳо ва ҷомеаи инсонӣ дар амал татбиқ карда мешаванд, тарафи дигари масъала буда, таҳқиқоти илмии алоҳидаро тақозо менамояд. Агар ба ҳуҷҷати бунёдии ин созмон, яъне Оинномаи он назар афканем, пас маълум мегардад, ки аз ҷониби ниҳоди ишорашуда ба баробарҳуқуқии мардон ва занон хусусияти оинномавӣ дода шудааст. Зеро, дар моддаи 8 пешбинӣ мегардад, ки «Созмони Милали Муттаҳид ягон маҳдудиятро нисбат ба ҳуқуқи мард ё зан барои иштирок дар ҳар сифат ва шароити баробар дар мақомоти асосӣ ва ёрирасони худ муқаррар намекунад» [6]. Яке аз ҳадафҳои аслии СММ низ, аз амалӣ намудани ҳамкории байналмилалӣ барои ҳалли масъалаҳои байналмилалии дорои хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ё инсонидошта ва пешрафту нигоҳдории эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон барои ҳама бидуни фарқияти нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ ё динӣ, мебошад [6].

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (минбаъд – ЭУҲИ), ки 10-уми декабри соли 1948 қабул карда шуд, аз зумраи нахустсанади фарогире маҳсуб мешавад, ки дар худ мазмун ва моҳияти ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд, ба мисли ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ҷой додааст. Дар моддаи 1-и он ҷой додани меъёри «тамоми одамон озод ва баробар бо шаъну шараф ва ҳуқуқҳои худ ба дунё меоянд» [15], шаҳодат аз он медиҳад, ки решапайвандии баробарҳуқуқӣ дар байни тамоми субъектҳои ҳуқуқи инсон, махсусан мардон ва занон дар замони муосир, оғози худро аз ин санади фарогири байналмилалӣ гирифта, дар баробари Оинномаи СММ масъулияти давлатҳои аъзоро дар самти кафолат додан ва ба роҳбарӣ гирифтани принсипи баробарҳуқуқии мардон ва занон дучанд намуд. Дар моддаи 2-и ЭУҲИ пешбинӣ мегардад, ки ҳар як инсон бидуни ҳеҷ гуна фарқияте, махсусан фарқияти ҷинсӣ бояд аз ҳуқуқ ва озодиҳои дар ин санад дарҷёфта бархӯрдор бошад [15]. Яъне, занон ҳақ доранд, ки аз тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои дар ЭУҲИ инъикосёфта ба таври фаррох истифода намуда, ҳастии худро дар рӯйи замин ҳамчун субъекти бошуур ва ба ҳимояи махсус эҳтиёҷманд таъмин намоянд.

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (минбаъд – ПБҲШС), ки 16-уми декабри соли 1966 қабул гардидааст, аз зумраи санадҳои байналмилалии фарогире маҳсуб мешавад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шахсию сиёсии занонро ҳамчун субъекти махсуси ҳуқуқи инсон кафолат додааст ва иҷроиши меъёрҳои он барои давлатҳои аъзо ҳатмӣ мебошад. Дар моддаи 3-и ин санади байналмилалӣ меъёри ҳаммонанд бо моддаи 2-и ЭУҲИ дарҷ ёфта, давлатҳои иштирокчии Паймонро уҳдадор менамояд, ки барои мардон ва занон ҳуқуқи баробари истифодаро аз ҳамаи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсие, ки дар он пешбинӣ гардидаанд, таъмин намоянд [9]. Дар қисми 5-и моддаи 6-и ПБҲШС бо дарназардошти ба инобат гирифтани вазъи ҳуқуқии занон, инчунин ба роҳбарӣ гирифтани принсипи инсондӯстӣ, татбиқи ҷазои қатл нисбат ба занони ҳомила аз ҷониби давлатҳои аъзо манъ карда шудааст [9]. Дар моддаи 23-и Паймон бошад, меъёрҳои бунёдие таҷассум ёфтаанд, ки ба таври возеҳ моҳияти принсипи баробарҳуқуқии зану шавҳарро ҳангоми бунёд намудани оила, дар давраи ҳамзистӣ ва ҳангоми бекор карда шудани никоҳ инъикос менамоянд. Аз ҷумла, дар қисми 2-и моддаи 23 пешбинӣ мегардад, ки мардон ва занone, ки ба синни никоҳӣ расидаанд, ҳуқуқи бастани никоҳ ва барпо намудани оиларо доранд. Дар қисми 4 бошад, давлатҳои иштирокчии Паймон вазифадор гардидаанд, ки барои таъмини баробари ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зану шавҳар дар бастани никоҳ, дар давраи дар никоҳи якдигар будан ва ҳангоми бекор кардани он тадбирҳои зарурӣ андешанд [9].

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии занон низ тавассути ПБҲШС мавриди танзими амиқ қарор гирифта, ба онҳо ҳуқуқи истифода аз тамоми ҳуқуқҳои сиёсӣ, ки қонунгузории давлат пешбинӣ намудааст, кафолат дода мешавад. Аммо дар ин самт аз ҷониби СММ санади меъёрии ҳуқуқии махсус – Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои сиёсии занон аз 20-уми декабри соли 1952 қабул карда шуда, коршиносони соҳа онро ҳамчун санади арзишманд ва таъсиргузор баҳогузорӣ кардаанд. Дар доираи конвенсияи ишорашуда ҳуқуқҳои муҳимми сиёсии занон, аз қабили ҳуқуқи иштирок дар идоракунии давлатӣ, ҳуқуқи интихоб шудан, ҳуқуқи интихоб кардан, ҳуқуқи дастрасии баробар ба хизмати давлатӣ, ҳуқуқи соҳибӣ кардан аз тамоми ҳуқуқҳои сиёсӣ, ки қонунгузории давлат муқаррар намудааст, пешбинӣ шуда, кафолати ҳуқуқии хешро пайдо кардаанд [2].

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (минбаъд – ПБҲИИФ) яке аз санадҳои бунёдӣ дар самти танзими ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занон маънидод карда мешавад, ки 16-уми декабри соли 1966 қабул шудааст. Моддаи 3-и Паймон давлатҳои иштирокчиро уҳдадор менамояд, ки барои мардон ва занон ҳуқуқи баробари истифодаро аз ҳамаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки дар он пешбинӣ гардидаанд, таъмин намоянд [8]. Маврид ба тазаккур аст, ки нахустин масъалае, ки дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти марбут ба ҳуқуқ ва манфиатҳои занон мавриди баррасӣ қарор гирифта буд, ин кафолати меъёрӣ-ҳуқуқии дастрасии занон ба музди меҳнати баробар ба ҳисоб меравад. Зеро, то 29-уми июни соли 1951 дар ҷомеаи аврупоӣ ва амрикоӣ ҳеҷ гуна санади меъёрии ҳуқуқии фарогир ва махсусе вуҷуд надошт, ки ба занон кафолати баробари музди меҳнатро таъмин намояд. Маҳз мавҷуд набудани чунин санади байналмилалӣ боис бар он гардида буд, ки занон зери истисмори меҳнати маҷбурӣ қарор гирифта, барои гирифтани музди меҳнати баробар бо мардон нисбат ба онҳо ду маротиба бештар кор менамуданд. Бо мақсади аз байн бурдани чунин навъи тафриқагузорӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ, таърихи 29-уми июни соли 1951 аз ҷониби Созмони Байналмилалии Меҳнат конвенсияи махсус - Конвенсия «Дар бораи мукофотонии одилонаи мардон ва занон барои меҳнати баробарарзиш» қабул карда шуд, ки он 23-юми майи соли 1953 қувваи амал пайдо карда, такони воқеиро дар самти шинохти ҳуқуқу манфиатҳои занон дар соҳаи меҳнат ба вуҷуд овард. Дар банди «b»-и қисми 1-уми моддаи 1-и Конвенсияи фавқуззикр дар зери истилоҳи «музди меҳнати баробарарзиш барои мардон ва занон», пардохт гардидани музди баробар ҳангоми иҷро гардидани кори якхела аз ҷониби мардон ва занон бидуни ҳеҷ гуна табъиз (фарқгузорӣ) дар назар дошта шудааст [3]. Бо дарназардошти мубрамияти танзими ҳуқуқии масъалаи мазкур пас аз сенздаҳ сол, яъне соли 1966 дар моддаи 7-и ПБҲИИФ ҳуқуқи занон ба музди меҳнати баробарарзиш бо мардон мавриди танзим қарор гирифт. Аз ҷумла, дар он пешбинӣ мегардад, ки «музди меҳнати одилона ва ҳаққи меҳнати баробар барои меҳнати баробарарзиш бидуни ягон навъ фарқгузорӣ, аз ҷумла, барои занон бояд шароити меҳнати на камтар аз мардон муҳайё карда шуда, бо музди меҳнати баробар барои кори баробар кафолат дода шавад» [8]. Дар моддаи 10-и Паймон ба яке аз масъалаҳои бисёр муҳим, ки аз моҳияти давлати иҷтимоӣ ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ маншаъ мегиранд, мавриди танзим қарор дода шудааст, ки марбут ба ҳолати ҳуқуқии занони ҳомила мебошад. Дар асоси банди 2-и қисми 1-и моддаи болозикр, давлатҳои аъзои Паймон масъулияти ҳифзи махсуси модаронро дар давоми давраи зарурӣ то таваллуд ва баъди он ба зимма гирифта, ба модароне, ки кор мекунанд, рухсатии пардохтшаванда ё рухсати бо кумакпулии кофӣ аз ҳисоби таъминоти иҷтимоиро бояд кафолат диҳанд. Ба ҳамин минвол, дар дигар моддаҳои ПБҲИИФ ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занон кафолат дода шуда, ин санади байналмилалӣ масъулияти эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳоро бар дӯши давлатҳои аъзои Паймон гузоштааст.

Маврид ба тазаккур аст, ки бо мақсади дуруст ба роҳ мондани амалишавии меъёрҳои ПБҲШС ва ПБҲИИФ дар назди СММ мақомоти махсусгардонидашуда ва ё шартномавӣ - Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон ва Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсис дода шудаанд, ки давлатҳои аъзо дар назди онҳо ҳисоботдиҳанда мебошанд. Яъне, дар баробари дигар масъалаҳои мубрам, давлатҳои аъзо оид ба татбиқи ҳуқуқу озодиҳои

занон, ки дар санадҳои байналмилалии фавқуззикр танзими ҳуқуқӣ ёфтаанд, ба мақомоти шартномавии СММ ҳисобот медиҳанд. Ин имконияти мусоидро дар самти амалисозии ҳуқуқу озодиҳои занон ба вуҷуд оварда, масъулияти давлатҳои аъзоро дучанд менамояд.

Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон аз зумраи санади бунёдӣ ва махсусе маҳсуб мешавад, ки дар сатҳи байналмилалӣ татбиқ намудани табъизро нисбат ба занон манъ намудааст. Конвенсияи ишорашуда 18-уми декабри соли 1979 бо қатъномаи 34/180 Ассамблеяи генералии СММ қабул шуда, дар асоси моддаи 27 (1) аз 3-юми сентябри соли 1981 эътибор пайдо кардааст. Дар оғозсухани Конвенсия нигаронӣ аз он карда шудааст, ки сарфи назар аз ҳуҷҷатҳои гуногуни қаблан қабулшуда, ҳамоно ба мисли пештара табъизи зиёд нисбат ба занон ҷой дорад. Инчунин, дар оғозсухани санади фавқуззикр пешбинӣ мегардад, ки табъизи занон принсипҳои баробарҳуқуқӣ ва эҳтироми шаъну эътибори инсонро халалдор месозад, ба иштироки баробари занон ва мардон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ монеа пеш меорад, ба болоравии некуаҳволии ҷомеа ва оила халал мерасонад ва аз ин бештар ба пурра зоҳир намудани имкониятҳои занон ба нафъи давлат ва инсоният мушкилоти зиёд ба миён меорад [1]. Дар моддаи 1-и Конвенсия мафҳуми «табъиз нисбат ба занон» ба маънои ҳама гуна фарқият, истиснокунӣ ё маҳдудкунӣ аз рӯи нишонаи ҷинс омадааст, ки ба кам кардан ё тамоман аз байн бурдани эътироф, истифодабарӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои занон, сарфи назар аз вазъи оилавии онҳо, баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, шаҳрвандӣ ва дигар соҳаҳо равона гардидааст [1]. Конвенсияи ишорашуда давлатҳои иштирокчиро муваззаф намудааст, ки табъиз нисбат ба занонро дар тамоми шаклҳояш маҳкум карда, бидуни таъхир бо истифодаи тамоми воситаҳои дахлдор сиёсати барҳам додани табъиз нисбат ба занонро ба роҳ монанд. Инчунин, онҳо уҳдадор гардидаанд, ки принсипи баробарҳуқуқии мардону занонро дар Конститутсия ё қонунгузории дахлдор ворид намуда, ҳифзи ҳуқуқии ҳуқуқи занонро дар асоси баробарӣ бо мардон таъмин намоянд ва бо кумаки судҳои салоҳиятдори миллӣ ва дигар муассисаҳои давлатӣ ҳифзи самараноки занонро аз ҳама гуна амалҳои табъизӣ ҳимоя кунанд. Бояд таъкид намуд, ки мутобиқи меъёрҳои Конвенсия давлатҳои иштирокчӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ тадбирҳои дахлдор, аз ҷумла тадбирҳои қонунгузориро барои таъмини рушди ҳамаҷониба ва пешрафти занон андешида, амалишавӣ ва истифодаи ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсонро ба онҳо дар асоси баробарӣ бо мардон таъмин менамоянд.

Дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии фавқуззикр боз даҳҳо санадҳои дигари фарогир ва минтақавӣ қабулу мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ба таври бевосита ва ё бавосита ҳуқуқу озодиҳои занонро танзим менамоянд. Ба онҳо метавон Конвенсияи СММ оид ба манъи табъизи нажодӣ аз соли 1965, Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак аз соли 1989, Конвенсияи СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо аз соли 1990, Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи шахсони маъюб аз соли 2006, Конвенсияи ИДМ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ аз соли 1995, Конвенсияи аврупоӣ оид ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ аз соли 1950 ва ғ.-ро дохил намуд.

Дар маҷмуъ метавон иброз намуд, ки бо танзими ҳуқуқӣ бахшидани ҳуқуқ ва озодиҳои занон тавассути санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ онҳо тавонистанд, ки ҳамчун субъекти баробарҳуқуқ дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид гарданд. Зеро, беқадрӣ ва беҳуқуқии занон дар фосилаи дарозои таърих боис бар он гардида буд, ки инсоният ва ҷомеаи инсонӣ дар ташаккул ва бунёди давлати демокративу ҳуқуқӣ, ки аслияти онро эътирофу риояи ҳуқуқи инсон ва арзишмандии он ташкил медиҳад, ба мушкилии ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида буданд. Бо роҳёбии принсипи баробарҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии муосир на танҳо занон, балки субъектони дигари ҳуқуқи инсон, ки ба эҳтирому ҳимояи махсус эҳтиёҷманданд, имконият пайдо намуданд, ки дар умури муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ ба таври фаъолона иштирок намоянд.

**Муқарриз: Назаров Аваз Қувватович - д.и.ҳ., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон аз 18 декабри соли 1979 // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе, 2018. – С. 111-113.
2. Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои сиёсии занон аз 20 декабри соли 1952 / Ҳуқуқи инсон: маҷмуаи санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ дар 8 ҷилд. Ҷилди 6. – Душанбе, 2010. – С. 38-40.
3. Конвенция о равном вознаграждении мужчин и женщин за труд равной ценности. [Электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/remuner.shtml (дата обращения: 15.12.2022)
4. Миралиев, И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Миралиев Исфандиёр Карахонович. – Душанбе, 2014. – 205 с.; Миралиев И.К. Правовое государство и права человека: монография. – Душанбе: Изд-во «Сино» Типография Таджикского национального университета, 2015. – 258 с.
5. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр–граф, 2016. – 316 с.; Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография / Э. С. Насурдинов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – М.: Норма, 2014. – 352 с.
6. Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид аз 26 июни соли 1945 // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе, 2018. – С. 3.
7. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj/node/27866 (санаи мурочиат: 15.12.2022)
8. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе, 2018. – С. 15-16
9. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе, 2018. – С. 31-33-42.
10. Права женщин. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/ (дата обращения: 15.12.2022)
11. Рахмонова О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917–2011 гг.): дис. … кан. юрид. наук: 12.00. 01 / О.Э. Рахмонова. – Душанбе, 2012. – 187 с.; Маҳмудов М., Худоёров Б. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2002. – 456 с.; Бухориева С.М. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере прав и свобод женщин: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Бухориева Сафаргул Мансуровна. – Душанбе, 2020. – 207 с.
12. Саъдизода Дж. Формирование культуры прав человека в условиях становления правового государства в Таджикистане: монография. – Душанбе: Типография ООО «Нушбод», 2022. – 230 с.; Саъдизода Дж. Культура прав человека как составная часть правовой культуры // Закон и право №10. – Москва: Издательства «ЮНИТИ-ДАНА», 2014. – С. 63-67.
13. Тахиров, Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дониш, 2009. – 369 с.; Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 620 с.; Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – 654 с.; Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос таҳсил мекунанд. – Душанбе, 2014. – 719 с.; Азизов, У.А. Фаъолияти қонунгузорӣ: паҳлӯҳои назариявӣ ва амалӣ: Васоити таълимӣ / У.А. Азизов. – Душанбе, 2014. – 207 с.
14. Холиксода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно-правовое развитие Таджикистана. – Душанбе: Мехрона-2017, 2019. – 488 с.; Сафаров Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.01. – Душанбе, 2015. – 366 с.; Диноршоев, А.М., Сафаров Б.А. Формирование идей прав человека в Таджикистане: история и современность: монография / Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. – Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО «Российская академия народного хозяйства и государственной службы». Волгоград: Изд-во Волгоградский филиал ФГБОУ ВПО РАНХиГС, 2014. – 296 с.; Диноршоев, А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2014. – 144 с.; Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ. Дисс. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. – Душанбе, 2019. – 479 с.; Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе, 2018. – 176 с.; Қурбонализода Н.Ш. Вазъи ҳуқуқи граждании шахсони воқеӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 216 с.; Саидов, И.И. Развитие личных и политических прав человека в Таджикистане: историко-правовой и общетеоретический анализ: дис. ... кан. юрид. наук: 12.00.01 / Саидов Исфандиёр Искандарович. – Душанбе, 2015. – 209 с.
15. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948 // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / мураттибон: З. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ ва А. Солиев. – Душанбе, 2018. – С. 6.

**КАФОЛАТИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ЗАНОН ДАР САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ - кафолати ҳуқуқу озодиҳои занон дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бахшида шудааст. Яке аз ниҳодҳои байналмилалӣ, ки дар шинохти ҳуқуқ ва манфиатҳои занон нақши калидиро иҷро намуда, ба вазъи ҳуқуқии онҳо дар миқёси сайёра таъсири арзишманд гузошт, ин Созмони Милали Муттаҳид мебошад. Зеро созмони мазкур бо қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки хусусияти фарогир доранд, тавонист ба бунёди ҷомеае даст ёбад, ки дар он баробарҳуқуқӣ ба тамоми субъектҳои ҳуқуқи инсон кафолат дода шуда, тафриқагузорӣ аз рӯйи аломатҳои ҷинсӣ, нажодӣ, динӣ, мазҳабӣ, вазъи молумулкӣ ва ғ. манъ карда шудааст. Агар ба ҳуҷҷати бунёдии ин созмон, яъне Оинномаи он назар афканем, пас маълум мегардад, ки аз ҷониби ниҳоди ишорашуда ба баробарҳуқуқии мардон ва занон хусусияти оинномавӣ дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, озодӣ, баробарӣ, баробарии ҷинсӣ, баробарҳуқуқӣ, зан, баробарҳуқуқии мардон ва занон, ҳуқуқи занон, вазъи ҳуқуқии занон, табъиз, кафолат, санадҳои байналмилалӣ, эъломия, паймон, конвенсия, давлатҳои аъзо, Созмони Милали Муттаҳид.

**ГАРАНТИЯ ПРАВ И СВОБОД ЖЕНЩИН В МЕЖДУНАРОДНЫХ ПРАВОВЫХ АКТАХ**

Данная статья посвящена одному из актуальных вопросов юриспруденции – гарантии прав и свобод женщин в международных правовых актах. Одной из международных организаций, сыгравших ключевую роль в признании прав и интересов женщин и оказавших ценное влияние на их правовой статус в глобальном масштабе, является Организация Объединенных Наций. Так как, принимая всеобъемлющие правовые акты, эта организация смогла построить общество, в котором гарантируется равноправие всех субъектов прав человека, а также запрет дискриминации по признаку пола, расы, религии, вероисповедания, имущественного положения и т.д. Исходя из этого, основополагающим документом этой организации признаётся её Устав, который придал уставное закрепление равноправию мужчин и женщин.

**Ключевые слова:** право, права человека, свобода, равенство, гендерное равенство, равноправие, женщина, равноправие мужчин и женщин, права женщин, правовой статус женщин, дискриминация, гарантия, международные документы, декларация, пакт, конвенция, государства-члены, Организация Объединенных Наций.

**THE GUARANTEE OF WOMEN'S RIGHTS AND FREEDOMS IN INTERNATIONAL LEGAL ACTS**

This article is devoted to one of the relevant issues of jurisprudence - guarantees of women's rights and freedoms in international legal instruments. One of the international organizations that played a key role in the recognition of women's rights and interests and had a valuable impact on their legal status on a global scale is the United Nations. Because, by adopting comprehensive legal instruments, this organization has been able to build a society in which the equality of all subjects of human rights, as well as the prohibition of discrimination on the basis of gender, race, religion, faith, property, etc. are guaranteed. On this basis, the fundamental document of this organization is recognized as its Charter, which gave statutory enshrinement to the equality of men and women.

**Keywords:** right, human rights, freedom, equality, gender equality, equality, women, equality of men and women, women's rights, legal status of women, discrimination, guarantee, international instruments, declaration, covenant, convention, member states, United Nations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳмон Озода Эмомалӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Рахмон Озода Эмомали*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры теории и истории государства и права, юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author**: ***Rahmon Ozoda Emomali*** - Tajik National University, doctoral student of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law. **Address**: 734025, the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК: 341.15.16

# ШАКЛҲОИ АМАЛИСОЗИИ ФУНКСИЯИ ҶАРИМАВИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

*Зокирзода З.Х., Алиев И.И.*
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияи махсусе мебошад, ки он функсияи ҷаримавӣ ном дорад. Махсус будани чунин функсия дар он ифода мегардад, ки мисли баъзе функсияҳои дигар на дар ҳама намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад. Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар чунин функсия бештар дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба назар мерасад. Дар ҷавобгарии гражданӣ бошад, танҳо дар асоси ноустуворона ҳамчун иҷрои уҳдадориҳо дар шакли ҷарима ва пеня функсияи ҷаримавӣ амалӣ карда мешавад. Маврид ба зикр аст, ки функсияи мазкур хусуситяи таърихӣ дошта, ҳанӯз дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мавҷуд буд. Ба андешаи У.А. Азиззода, ҷарима яке аз намудҳои серистифодаи ҷазо дар ҳуқуқи зардуштӣ ба ҳисоб мерафт, ки қариб барои тамоми ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо татбиқ карда мешуд [2,с.102, 117].

Зимни таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баъзе муҳаққиқон функсияи ҷаримавиро ба таснифоти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дохил кардаанд, вале гурӯҳи дигар дар таснифот пешбинӣ накардаанд. Масалан, А.А. Иванов [13,с.67], В.Д. Перевало [27,с.269] функсияи ҷаримавиро зикр кардаанд, вале А.З. Куканов [18,с.44-48], С.С. Алексеев [3,с.151], А.И. Петилин, П.А. Варул [7,с.50], А.А. Собчак [23,с.50], М.П. Трофимова [28,с.46] ҳангоми таснифоти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба функсияи ҷаримавӣ ишора накардаанд. И.А. Галаган қайд мекунад, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ифодаи ҷанбаҳои муайяни мақсадҳои он пешбинӣ шудаанд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба ислоҳӣ, идеологӣ, педагогӣ, ҷаримавӣ, сазодиҳӣ, аз нав тарбия намудани гунаҳкорон нисбат додан мумкин аст [9,с.133-134].

Функсияи ҷаримавӣ дар шакли маҷбурии татбиқи он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ хеле муҳим аст, гарчанде ки нисбат ба ҳуқуқи маъмурӣ то андозае камтар эҳсос мегардад. Он дар шакли ҳамон унсурҳои низоми ҷазои ҷиноятӣ барои кирдорҳои ғайриқонунӣ ҷазои сахттарин, аз ҷумла маҳрум кардан аз ҳуқуқу озодиҳои муҳимтарини инсон ва шаҳрванд ифода ёфтааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамчун навъи ҷазои ҷиноятӣ ҷарима падидаи нав набуда, ҳанӯз дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон амал мекард [2,с.100-104; 21,с.252; 29,с.361-362; 6,с.31]. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ доир ба мафҳум ва моҳияти ҷарима андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Чунин андеша дар таҳқиқоти дигар олимон ба назар мерасад. Масалан, ба андешаи Г.К. Буранов, С.О. Зарубежнова, масъалаҳои моҳияти ҷарима дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, яке аз масъалаҳои баҳснок ба ҳисоб меравад [5,с.134]. З.А. Тадевосян ҷаримаро ба ҷазоҳои дорои хусусияти молумулкӣ рабт дода, чунин мешуморад, ки моҳияташ аз он иборат аст, ки таъсири тарбиявӣ ва пешгирикунанда бо маҳрум кардан аз озодӣ алоқаманд нест. Дар баробари ин маҳкумшуда маҷбур мешавад, ки ба даромади давлат маблағи муайяне диҳад [26,с.72, 75].

Кодекси ҷиноятии ҶТ (соли 1998) дар боби 9 низоми нави ҷазоро муқаррар мекунад, ки он аз 12 намуди ҷазо иборат мебошад. Дар м. 47 Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки он “намудҳои ҷазо” ном дорад, аз рӯйи тартиби муайян тамоми чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки қонунгузор онҳоро намудҳои ҷазо меномад, номбар шудаанд. Зимнан, дар ин феҳраст намудҳои ҷазои ҳам асосӣ ва ҳам иловагӣ бидуни ҳар гуна тафриқу ҷудосозӣ баён шудаанд. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ намудҳои ҷазо тавассути қонун пешбинӣ шуда, ба таври анъанавӣ “низоми ҷазо” номида мешавад ва ба назари мо, чунин таъриф асоси воқеӣ дорад. Дар низоми ҷазоҳои муқаррарнамудаи Кодекси ҷиноятии ҶТ яке аз он ҷарима ба ҳисоб меравад [17].

Бояд тазаккур дод, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар баробари тарбия кардани ҳуқуқвайронкунанда, пешгирӣ намудани содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ дар оянда, ҳамзамон функсияи ҷаримавиро низ иҷро менамояд. Функсияи ҷаримавӣ, дар навбати худ, дар амалисозии дигар функсияҳо, аз ҷумла, тарбиявӣ, пешгирикунанда ва сазодиҳӣ таъсир

мерасонад. Зеро татбиқи ҷарима ба ҳуқуқвайронкунанда ва ё ҷинояткор метавонад ба шуури шахс таъсир расонида, шахс онро ҳамчун сазои амали зиддиҳуқуқии худ ҳисобад ва минбаъд ислоҳ шуда, аз содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ даст кашад.

Ҷарима барои содиркунандагони ҷиноятҳои иқтисодӣ яке аз ҷазоҳои мувофиқ ва ислоҳкунанда ба ҳисоб меравад. Ба андешаи С.Э. Баҳриддинзода, ҷарима бештар ба ашхосе, ки дар соҳаи иқтисодиёт ҷиноят содир кардаанд, ҳамчун шакли алтернативии ҷазо истифода мешавад. Агар ҷинояткор ҷиноят содир карда, ба зарардида зарари иқтисодӣ расонида бошад, пас нисбат ба ӯ ҷазои «иқтисодӣ» бояд татбиқ карда шавад [4,с.97-98]. А.А. Абдурашидов қайд менамояд, ки барои шахсе, ки ҷинояти дуздӣ содир кардааст, ҷарима аз кори ислоҳӣ дида ҷазои сахттар мебошад. Таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳад, ки судҳо на ҳама вақт қобилияти пурра татбиқ кардани ҷаримаро доранд, зеро бисёре аз ҷинояткорон кор намекунанд ва барои пардохти ҷарима даромад надоранд [1,с.101]. Дар ин хусус З.А. Камолов дуруст қайд намудааст, ки ҷарима ҳамчун чораи ҷазои ҷиноятӣ ба далели он ки ин ҷазо дар нисбати афроди дорои сатҳи баланди зиндагӣ таъсирбахш нест, хеле эҳтиёткор бояд буд. Ҳамзамон, татбиқи ҷарима ба қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзнашудаи аҳолӣ ғайривоқеист, зеро онҳо наметавонанд ҷаримаро пардохт кунанд [14,с.89].

Номгӯйи умумии ҷазо ба таври умумӣ ба истифода шудани ҷазоҳои иловагӣ тавассути судҳо мусоидат наменамояд. Барои мисол, тибқи муқаррароти умумии номгӯйи ҷазоҳо, маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон тавассути қонунгузор на ҷарима ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, балки ҳамчун яке аз намудҳои ҷазои нисбатан вазнин арзёбӣ мешавад. Вале бинобар он, ки ҷазои асосӣ бояд нисбат ба ҷазои иловагӣ вазнинтар бошад, дар сурати таъин шудан ҳамчун ҷазои асосӣ наметавонад якҷо бо ҷарима ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян таъин гардад. Ва охирон ҳам наметавонад ҳамроҳ бо ҷарима ба сифати навъи асосии ҷазо таъин шавад. Вале муқаррароти қонунгузорӣ дар робита ба ҷазоҳои мазкур монеи чунин таркиб намегардад. Бо такя ба санксияҳои мавҷуд дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, метавон гуфт, ки қонунгузор дар робита ба нигоҳ доштани таносуб миёни ҷазоҳое, ки дар санксияҳои алтернативӣ ба кор бурда шудаанд, ба қоидаву муқаррароти муайяне такя намекунад.

Дар як вақт М.Э. Синиская ва А.Л. Светинович баён кардаанд, ки «...ҷарима ҷазоест, ки ҳуқуқи моликияти маҳкумшударо маҳдуд мекунад, зеро дар ин ҳолат як қисми молу мулки ӯ бо пули нақд ба давлат ситонида мешавад» [22,с.110-129]. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, ҷаримаро тавассути масъалаҳои ҳуқуқи моликият баррасӣ кардан ғайримантиқӣ аст, зеро дар он на хусусияти ҷазо, балки тарафи ҳуқуқи граждании масъала таъкид мешавад [5,с.134]. А.С. Михлин хусусияти ҷаримаро таҳлил намуда, ба «аз маҳкумшудагон ба фоидаи давлат гирифтани маблағи муайян» диққати махсус додааст [20,с.41].

Аз ин нуктаи назар, ҷазо яке аз воситаҳои амалисозии шакли маҷбурии функсияи ҷаримавӣ мебошад. Ин ҷазоест, ки ҳудуди онро Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррар кардааст ва бо вазнинии ҷинояти содиршуда муайян карда мешавад. Ин ҷазои дорои хусусияти молумулкӣ буда, танҳо аз ҷониби суд таъин карда мешавад, ки дар гирифтани миқдори муайяни пул аз ҷинояткор ба даромади давлат ифода меёбад.

Татбиқи ҷарима танҳо боиси вайрон кардани вазъи моддии маҳкумшуда ва мавҷудияти доғи судӣ ҳамчун оқибати ҳуқуқии ҷазои ҷиноятии аз ҷониби суд барои ҷинояти содиршуда таъингардида мебошад [8,с.62]. Дар ин хусус андешаи дигаре низ вуҷуд дорад. Масалан, О.В. Старков ва С.В. Милюков чунин мешуморанд, ки ҷарима нисбат ба корҳои ислоҳӣ ҷазои сахттар аст, зеро барои он тамоми маблағи пулиро яквақта додан лозим аст, ки ин ба вазъи моддии маҳкумшуда ва аъзоёни оилаи ӯ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳангоми иҷрои корҳои ислоҳӣ ҳар моҳ аз музди меҳнат ба андозаи муайянкардаи суд нигоҳ дошта мешавад ва ин барои маҳкумшуда ва оилаи ӯ чандон гарон нест [24,с.155]. Чунин андешаро К. Сич низ дастгирӣ карда, қайд мекунад, ки ҷарима аз корҳои ислоҳӣ ва корҳои ҳатмӣ ҷазои сахттар мебошад [25,с.45].

Мусодираи молу мулк ба шароити асосии ҳаёти ҷинояткор таъсир мерасонад, ки мутобиқи м. 57 КҶ ҶТ дар шакли маҷбурӣ сурат мегирад. Мафҳуми мусодираи молу мулк дар б. 1 м. 57 КҶ ҶТ чунин муқаррар шудааст: "Мусодираи молу мулк ин дар асоси ҳукми айбдоркунанда маҷбуран ба таври ройгон гирифтан ва ба моликияти давлат гузаронидани молу мулки зерини маҳкумшуда мебошад" [17]. Дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ ҳамчун бархӯрди афзалиятнок бархӯрди дигар бартарӣ дошт, зеро дар КҶ ҶТ он намуди ҷазоҳое муаррифӣ шудаанд, ки метавонанд ҳам ба сифати ҷазои асосӣ ва ҳам ба сифати ҷазои иловагӣ мавриди истифода қарор бигиранд. Ба ин нукта қ. 2 м. 48 КҶ ҶТ, ки дар он ҷарима ҳам ба сифати ҷазоҳои асосӣ ва ҳам иловагӣ татбиқ мешаванд, ҳамчунин санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ишора мекунад [10,с.294]. Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, моҳияти ҷазои иловагиро, ки ҷарима ба он дохил шуда, ҳамзамон ифодакунандаи функсияи ҷаримавӣ мебошад, чунин қайд кардаанд: ин намуди ҷазоҳое мебошанд, ки ба ҷазои асосӣ барои пурзӯр намудани таъсири сазодиҳии он ва пурра намудани амалӣ гаштани мақсади ҷазо ҳамроҳ мегардад [30]. Бояд тазаккур дод, ки функсияи ҷаримавӣ хусусияти молумулкӣ дорад ва чунин хусусият на танҳо дар ҷазои ҷарима, балки дар мусодираи молу мулк низ ифода меёбад, ки оид ба он таҳқиқоти васеъро дар ҷумҳурӣ З.Х. Зокирзода анҷом додааст [11,с.12].

Дар муқоиса бо шакли маҷбурӣ, шакли ихтиёрии амалишавии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар Кодекси ҷиноятии ҶТ мустақиман пешбинӣ нашудааст. Дар баробари ин, мо чунин мешуморем, ки қонунгузор дар татбиқи он мавҷудияти унсурҳои ихтиёриро дар назар дорад. Ҳамин тариқ, дар б. 5-и м. 49-и Кодекси ҷиноятии ҶТ омадааст, ки дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима суд онро бо ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ мутобиқан ба андозаи ҷаримаи таъингардида, дар доираи ин намудҳои ҷазо, ки бо ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, иваз менамояд [17]. Ин ба чунин фикр асос мебахшад, ки Кодекс қарори ҷаримаро нисбат ба вайронкунанда ҳатмӣ мешуморад, вале пардохти он бояд бе маҷбуркунии иловагӣ, яъне ихтиёран сурат гирад.

Бар хилофи ҳуқуқи ҷиноятӣ, функсияи ҷаримавии ҷавобгарии маъмурӣ воситаи маъмултарини ҷазои маъмурӣ мебошад. Пеш аз ҳама, он дар ҷаримаи маъмурӣ ҳамчун санксия барои маҷбуран ситонидани маблағ аз даромади давлат ба андозаи муқаррарнамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ ифода меёбад. Дар баробари ин ба функсияи ҷаримавӣ дигар ҷаримаҳои молумулкӣ ва пулии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки қонуну тартиботи маъмуриро вайрон кардаанд, дохил мешаванд. Кодекси мазкур дар моддаи 36 намудҳои ҷазои маъмуриро муқаррар карда, ҷазои ҷаримаи маъмуриро дар ҷойи дуюм пешбинӣ кардааст [16]. Ҷаримаи маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ гардида, ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи ҷаримавиро амалӣ месозад.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар моддаи 39 ҷаримаи маъмуриро чунин шарҳ додааст: "Ҷаримаи маъмурӣ намуди ҷазои маъмурӣ буда, ба тарзи ситонидани пул ба фоидаи давлат сурат мегирад ва аз тарафи судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) нисбат ба шахси содиркардаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур таъин карда мешавад" [16]. Дар таҳқиқоти муосир оид ба проблемаи ҷаримаҳои маъмурӣ, низоми ҷаримаҳои маъмурӣ чунин муайян карда шудааст: «... қисми таркибии низоми чораҳои ҷазои маъмурӣ, ки маҷмуи ҷаримаҳои маъмурӣ мебошад, ки тамомияти он ягонагии муносибатҳои ҳифзшаванда ва як самти мақсаднок ва тафриқаи он аз рӯйи хусусият ва намуди ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, предмети кирдори ношоиста, мақоми тобеият» маҳсуб мешавад [19,с.115]. Ба таърифи мазкур, бо қайди ягонагии муносибатҳои ҳифзшаванда розӣ нашудан мумкин нест, зеро чунин ягонагӣ аз сабаби он ки меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ муносибатҳоро дар бисёр соҳаҳои дигар ҳифз мекунанд ва самти максадноки татбики он дар асл вуҷуд надорад. Ҷаримаи маъмурӣ, ки дар он ҷавобгарии маъмурӣ маҷбуран татбиқ карда мешавад, имкон медиҳад, ки шахс (вайронкунанда) аз як қисми ҳуқуқҳои молумулкиаш, ки бо ворид шудан ба ин муносибатҳо дорад, маҳрум карда шавад.

Дар ҳуқуқи граждании низ функсияи ҷаримавӣ то андозае амалӣ карда мешавад. Татбиқи функсияи ҷаримавӣ дар ҳуқуқи граждании бо таъмини иҷрои уҳдадориҳо алоқаманд аст. Воситаи асосии он ноустуворона аст, ки ду навъ - ҷарима ва пеня дорад. Ҷарима маблағи пулиест, ки тибқи қонун ё шартнома муайян карда шудааст, ки қарздор вазифадор аст ба кредитор ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ пардохт намояд. Мутобиқи моддаи 354-и КГ ҶТ, яке аз асосҳои иҷрои уҳдадориҳо ин ноустуворона мебошад. Дар моддаи 355 бошад, мафҳуми ноустуворона чунин шарҳ дода шудааст: "Ноустуворона (ҷарима, пеня) маблағе мебошад, ки тибқи қонун ё шартнома муайян гардидааст ва қарздор вазифадор аст ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ, аз ҷумла дар ҳолати гузаронидани муҳлати иҷро, онро ба кредитор пардозад. Тибқи талаби пардохти ноустуворона кредитор ба исботи зиёни ба ӯ расонидашуда вазифадор намебошад. Андозаи ноустуворона дар маблағи пули аниқ ё дар фоиз ба маблағи иҷрокарданашуда, ё ин ки ба таври номатлуб иҷрокардашуда муайян карда мешавад" [15].

Бинобар сабаби он ки ҷарима ба уҳдадориҳо дохил мешавад, ҳам шаклҳои маҷбурӣ ва ҳам ихтиёрии амалишавии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии граждании мавҷуданд. Аслан он ихтиёрист, зеро он бо созиши тарафайн ба шартнома дохил карда мешавад ва дар ҳолатҳои пешбинишуда, ба шарте ки кредитор онро ба таври қонунӣ талаб намояд, бояд ҳамин тавр ихтиёран иҷро карда шавад. Моҳияти маҷбурии он аз он сабаб ба миён меояд, ки чун қоида, яке аз тарафҳо пардохти ҷаримаро талаб карда, тарафи дигарро ба пардохт маҷбур мекунад. Дар сурати напардохтани ҷарима, тарафи шартнома метавонад дар бораи пардохт (ҳатто бидуни исботи зарари расонидааш) қарори судро талаб намояд, ки ин хусусияти маҷбурии ҷаримаро боз ҳам пурзӯр менамояд. Мутобиқи қонунгузорӣ, агар ноустуворонаи пардохтшаванда ошкоро ба оқибати вайрон кардани уҳдадорӣ баробар набошад, суд ҳақ дорад ноустуворонаро кам кунад [15].

Дар ҳолатҳои ба таъхир андохтани иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ва дигар уҳдадориҳо ҷарима ситонида мешавад, ки он ҳамчун қоидаи умумӣ ба ҳисоби фоиз аз маблағи (нархи) уҳдадории муҳлаташ гузаштаистода муқаррар карда мешавад ва барои ҳар як рӯзи таъхир ситонида мешавад. Агар муҳлати ситонидани ҷарима дар шартнома ба муҳлати муайян маҳдуд карда шуда бошад, пас ҷаримаи яквақта пешбинӣ карда мешавад. Он ба андозаи устувор ё фоизи маблағи уҳдадории вайроншуда муайян карда шуда, аз қарздор ба фоидаи кредитор ситонида мешавад. Пардохти ҷарима ҳамчун воситаи иҷрои функсияи ҷаримавии ҷавобгарии граждании кафолат медиҳад, ки тарафи ҷабрдидаи - шартнома, ба тарафи дигар - ҳуқуқвайронкунанда нобаробар шуда, мавқеи қаблии худро барқарор намуда, боз ба тарафи дигари шартнома баробар шавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияи махсусе мебошад, ки он функсияи ҷаримавӣ ном дорад. Махсус будани чунин функсия дар он ифода меёбад, ки мисли баъзе функсияҳои дигар на дар ҳама намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад. Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар чунин функсия бештар дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба назар мерасад. Дар ҷавобгарии граждании бошад, танҳо дар асоси ноустуворона ҳамчун як намуди таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар шакли ҷарима функсияи ҷаримавӣ амалӣ карда мешавад.

2. Функсияи ҷаримавӣ дар шакли маҷбурии татбиқи он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ хеле аҳаммият дорад, гарчанде, ки нисбат ба ҳуқуқи маъмурӣ то андозае камтар эҳсос мегардад. Он дар шакли ҳамон унсурҳои низоми ҷазои ҷиноятӣ барои кирдорҳои ғайриқонунӣ ҷазои сахттарин, аз ҷумла маҳрум кардан аз ҳуқуқу озодиҳои муҳимтарини инсон ва шаҳрванд ифода ёфтааст.

3. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар баробари тарбия кардани ҳуқуқвайронкунанда, пешгирӣ намудани содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ дар оянда, ҳамзамон функсияи ҷаримавиро низ иҷро менамояд. Функсияи ҷаримавӣ, дар навбати худ, дар амалисозии дигар функсияҳо, аз ҷумла, тарбиявӣ, пешгирикунанда ва сазодиҳӣ таъсир мерасонад. Зеро татбиқи ҷарима ба ҳуқуқвайронкунанда ва ё ҷинояткор метавонад ба шуури шахс таъсир расонида, шахс

онро ҳамчун сазои амали зиддиҳуқуқии худ ҳисобад ва минбаъд ислоҳ шуда, аз содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ даст кашад.

4. Ҷарима ситонидани маблағе мебошад, ки дар доираи пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятӣ таъин карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар, ҷазо яке аз воситаҳои амалисозии шакли маҷбурии функсияи ҷаримавӣ мебошад. Ин ҷазоест, ки ҳудуди онро Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррар кардааст ва бо вазнинии ҷинояти содиршуда муайян карда мешавад. Ин ҷазои дорои хусусияти молумулкӣ буда, танҳо аз ҷониби суд таъин карда мешавад, ки дар гирифтани миқдори муайяни пул аз ҷинояткор ба даромади давлат ифода меёбад.

**Муқарриз: Муминзода Н.И. – н.и.ҳ, дотсенти ДМТ**

**АДАДБИЁТ**


1. Абдурашидов, А.А. Наказание по уголовному законодательству Республики Таджикистан (эволюция и современное состояние): дис. ...канд. юрид. наук / А.А. Абдурашидов. – Душанбе, 2011. – 193 с.
2. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко – правовое исследование: дис. … д.-ра юрид. наук / У.А. Азизов. – Душанбе, 2015. – 414 с.
3. Алексеев, С.С. Механизм правового регулирования в социалистическом государстве / С.С. Алексеев. – М., 1966. – С.151.
4. Бахридинов, С.Э. Штраф как альтернатива наказанию в виде лишения свободы / С.Э. Бахридинов // Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 97-98.
5. Буранов, Г.К. Понятие штрафа и его место в системе уголовных наказаний / Г.К. Буранов, С.О. Зарубежнова // Современная наука: теоретический и практический взгляд: Сборник научных статей. Научный редактор Д.В. Фурсова. – Москва: Перо, 2018. – С. 134.
6. Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1-2 (от древнейших времен до начала XX века) / И.Б. Буриев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 31.
7. Варул, П.А. Методологические проблемы исследования гражданско-правовой ответственности / П.А. Варул. – Таллин, 1986. – С. 50.
8. Васильева, Т.В. Назначение и исполнение уголовного наказания в виде штрафа: дис. ...канд. юрид. наук. – Рязань, 2004. – С. 62.
9. Галаган, И.А. Административная ответственность в СССР / И.А. Галаган. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1976. – 198 с.
10. Зокирзода, З.Х. Асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷиикстон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№8. -С.294-301.
11. Зокирзода, З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08. – Душанбе, 2020. – 176 с.
12. Зокирзода, З.Х. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Монография / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с.
13. Иванов, А.А. Цели юридической ответственности, ее функции и принципы / А.А. Иванов // Государство и право. – 2008. – №6. – С. 67.
14. Камолов, З.А. Исправительные работы – альтернативный вид уголовного наказания / З.А. Камолов // Меры уголовной ответственности, не связанные с изоляцией от общества. – Душанбе, 2005. – С. 89.
15. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999, №802 [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 03.12. 2022).
16. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455 [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 03.12.2022).
17. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574 [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 03.12.2022).
18. Куканов, А.З. Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ / А.З. Куканов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2019. – № 3 (27). – С. 44-48
19. Максимов, И.В. Административное наказание: дис. ...канд. юрид. наук. – Саратов, 1995. – С. 115.
20. Михлин, А.С. Исполнение наказаний, не связанных с лишением свободы / А.С. Михлин // Российская юстиция. – 2001. – № 6. – С. 41-47.
21. Периханян, А.Г. Общество и право Ирана в Парфянский и Сасанидский периоды / А.Г. Периханян. – М.: Наука, 1983. – С. 252.
22. Синицкая, М.Е. Ограничение прав личной собственности как элемент уголовного наказания / М.Е. Синицкая, А.Л. Цветинович // Проблемы совершенствования законодательства об охране прав граждан в сфере борьбы с преступностью. – Ярославль: Изд-во Яросл. ун-та, 1984. – С. 110-129.
23. Собчак, А.А. О некоторых спорных вопросах теории правовой ответственности / А.А. Собчак // Правоведение. – 1968. – №1. – С. 50.
24. Старков, О.В., Милюков, С.В. Наказание: уголовно-правовой и криминопенологический анализ / О.В. Старков, С.В. Милюков. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – С.155.

25. Сыч, К.А. Уголовное наказание и его состав: теоретико-методологические аспекты исследования: автореф. дис. ... д.-ра. юрид. наук. – Рязань, 2001. – С. 45.
26. Тадевосян, З.А. Сущность штрафа как меры наказания / З.А. Тадевосян. – Ереван: Изд-во АН АрмССР, 1978. – С. 72-75.
27. Теория государства и права: учебник для вузов. Отв.ред. В.Д. Перевалов. – М., 2004. – С. 269.
28. Трофимова, М.П. Функции юридической ответственности / М.П. Трофимова. – Саратов, 2008. – С. 46.
29. Халиков, А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право) / А.Г. Халиков. – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005. – С. 361-362.
30. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум, такмилёфта / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода, З.Х. Зокирзода, М.Н. Зиёбоева. -Душанбе, 2020. -223 с.

## ШАКЛҲОИ АМАЛИСОЗИИ ФУНКСИЯИ ҶАРИМАВИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

Дар мақола масъалаи шаклҳои амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон зимни таҳлили масъалаи функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба хулосае омадаанд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияи махсусе мебошад, ки он функсияи ҷаримавӣ ном дорад. Махсус будани чунин функсия дар он ифода мегардад, ки мисли баъзе функсияҳои дигар на дар ҳама намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад. Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар чунин функсия бештар дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба назар мерасад. Дар ҷавобгарии гражданӣ бошад, танҳо дар асоси ноустуворона дар шакли ҷарима ва пеня функсияи ҷаримавӣ амалӣ карда мешавад. Таҳқиқот нишон дод, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар баробарӣ тарбия кардани ҳуқуқвайронкунанда, пешгирӣ намудани содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ, ҳамзамон функсияи ҷаримавиро низ иҷро менамояд. Функсияи ҷаримавӣ, дар навбати худ, дар амалисозии дигар функсияҳо, аз ҷумла, тарбиявӣ, пешгирӣ (огоҳсозӣ) ва сазодиҳӣ таъсир мерасонад. Зеро татбиқи ҷарима ба ҳуқуқвайронкунанда ва ё ҷинояткор метавонад ба шуури шахс таъсир расонида, шахс онро ҳамчун сазои амали зиддиҳуқуқии худ ҳисобад ва минбаъд ислоҳ шуда, аз содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ даст кашад.

**Калидвожаҳо:** функсия, ҷаримавӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷиноят, шакли амалисозӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ.

## ФОРМЫ РЕАЛИЗАЦИИ ШТРАФНОЙ ФУНКЦИИ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

В статье рассматривается вопрос формы реализации штрафной функции юридической ответственности. Анализируя вопрос штрафной функции юридической ответственности, авторы пришли к выводу, что юридическая ответственность имеет особую функцию, которая называется штрафной функцией. Специфика такой функции выражается в том, что она, как и некоторые другие функции, присутствует не во всех видах юридической ответственности. В действующем законодательстве страны такая функция выступает в основном в виде уголовной и административной ответственности. При гражданско-правовой ответственности штрафная функция реализуется только на неустойчивой основе в виде штрафа и пеня.Исследование показало, что юридическая ответственность одновременно воспитывает правонарушителя, препятствует совершению правонарушения и в то же время выполняет штрафную функцию. Штрафная функция, в свою очередь, влияет на выполнение других функций, в том числе воспитательной, профилактивной (предупреждающей) и карательной. Потому что применением штрафа к нарушителю или преступнику может воздействовать на сознание человека, и человек рассматривает его как наказание за свое противоправное деяние, а в дальнейшем исправляется и воздерживается от совершения нарушения.

**Ключевые слова:** функция, штрафная, правонарушение, преступление, форма реализации, юридическая ответственность, национальное законодательство.

## FORMS OF REALIZATION OF THE PENALTY FUNCTION OF LEGAL RESPONSIBILITY

The article deals with the issue of the form of implementation of the penalty function of legal liability. Analyzing the issue of the penalty function of legal liability, the authors came to the conclusion that legal liability has a special function, which is called the penalty function. The specificity of this function is expressed in the fact that it, like some other functions, is not present in all types of legal liability. In the current legislation of the country, this function appears mainly in the form of criminal and administrative liability. With civil liability, the penalty function is implemented only on an unstable basis in the form of fines and penalties. The study showed that legal responsibility simultaneously educates the offender, prevents the commission of an offense and at the same time performs a penal function. The penal function, in turn, affects the performance of other functions, including educational, preventive (warning) and punitive. Because the application of a fine to a violator or a criminal can affect the consciousness of a person, and a person considers it as a punishment for his illegal act, and in the future he corrects himself and refrains from committing a violation.

**Keywords:** function, penalty, offense, crime, form of implementation, legal liability, national legislation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Зокирзода Зафар Хайрулло*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ, докторант. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, кӯчаи Э.Муҳиддин, 63. Телефон: **(+992) 918-53-59-14.** E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

***Алиев Исмоил Исмонович*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, кӯчаи Э.Муҳиддин, 63. Телефон: **(+992) 985-51-55-59.** E-mail: **aliev-ismoil@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Зокирзода Зафар Хайрулло*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент кафедры права и государственного управления, докторант. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддина, 63. Телефон: **(+992) 918-53-59-14.** E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

***Алиев Исмоил Исмонович*** – Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, ассистент кафедры права и государственного управления. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддина-63. Телефон: **(+992) 985-51-55-59.** E-mail: **aliev-ismoil@mail.ru**

**Information about authors:** ***Zokirzoda Zafar Khairullo*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, candidate of legal sciences, associate professor of the department of law and public administration, doctoral student. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddin-63. Phone: **(+992) 918-53-59-14**. E-mail: **zafar.khayrullozoda@mail.ru**

***Aliev Ismoil Ismonovich*** - Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region, assistant of the Department of Law and Public Administration. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Garm, st. E. Mukhiddi-63. Phone: **(+992) 985-51-55-59.** E-mail: **aliev-ismoil@mail.ru**

**УДК: 124.413**

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МИЛЛИКУНОНӢ ҲАМЧУН АСОСИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ ХУСУСӢ

***Соҳибзода М.М., Шамсиддин Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Яке аз асосҳои ба моликияти давлатӣ табдил додани моликияти хусусӣ, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ) муқаррар намудааст, милликунонӣ мебошад. Мутобиқи м. 259 КГ ҶТ, милликунонӣ ҳамчун «ба моликияти давлатӣ табдил додани молу мулки ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ тааллуқдошта» муайян карда мешавад, ки вобаста ба он қонуни махсус қабул гардидааст. Мутаассифона, то ҳол қонуне, ки раванди милликунониро ба тартиб дарорад, қабул карда нашудааст.

Милликунонӣ як ҷузъи муҳимми бунёдии қонунгузории гражданӣ дар давраи рушди иқтисоди бозорӣ мебошад, ки барои ҳифзи манфиатҳои стратегии давлат вобаста ба таъмини амният ва мудофиаи мамлакат пешбинӣ шудааст [17,с.16]. Аз ин рӯ, зарурати бетаъхири аз нуқтаи назари ҳуқуқ дуруст дарк намудани категорияи «милликунонӣ», инчунин танзими дақиқи ҳуқуқии он ба миён меояд.

Милликунонӣ (англ. nationalization) – бегона кардан ё ба моликияти давлат додани моликияти хусусии шахс мебошад. Мафҳуми «милликунонӣ» ҳам дар илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳам дар қонунгузорӣ яке аз камтарин мафҳумҳост. Дар амалия ва таҷрибаи ҳаётӣ ин истилоҳро бо раванди маҷбуран ба моликияти синфи коргар, ки ҳокимиятро ба даст овардаанд, додани замин, фабрикаву корхонаҳо, бонкҳо ва дигар моликияти хусусӣ медонанд. Чунин таърифи милликунонӣ дар аввалин луғати ҳуқуқии давраи шуравӣ дода шудааст [29,с.361].

Аз ҳамин сабаб бошад, ки Л.В. Шенникова ба он муътақид аст, ки илми муосири ҳуқуқи гражданӣ наметавонад ба омӯзиши мафҳуми милликунонӣ таваҷҷуҳ зоҳир кунад. Аз чӣ сабаб бошад, ки он барои сивилистон ҳамчун як падида аз madди назар дур мондааст [27,с.179]. В.А. Белов дуруст қайд кардааст, ки муносибат ба сохтор аз тарафи илм оид ба милликунонӣ «беэътиборона» аст, ки ин боиси аз ҳаёти гражданӣ дар амал нест шудани он гардид [6,с.14].

Бояд гуфт, ки дар адабиёти ҳуқуқии граждании пеш аз инқилоб тадқиқотҳои дорои характери фундаменталӣ ба милликунонӣ дар ҳуқуқи гражданӣ бахшида шуда буданд. Онҳо аҳамияти ин падидаро барои соҳаҳо асоснок карданд. Табиати ҳуқуқии он омӯхта шуда, мафҳуми ҳуқуқии граждании он пешниҳод карда шуда буд.

Мавриди зикр аст, ки милликунониро сивилистони пешазинқилобӣ падидаи «ҳаётан муҳим» меномиданд, ки он барои пешакӣ муайян кардани тамоми шароит ва усулҳои татбиқи ҳар як ҳодисаи алоҳида чун «фаъолияти доимӣ» пешбинӣ шудааст. Муҳиммияти падидаи милликунониро олимон бо маънои идеяи манфиатҳои ҷамъиятӣ алоқаманд кардаанд [8,с.4].

Милликунонӣ воситаи самарабахши мутобиқ кардани системаи ҳокимиятдории ҳуқуқ бо шароити нав ба вуҷуд омадаи ҳаёти халқ мебошад. Меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ дар бораи милликунонӣ, аз як тараф, «худсарии соҳибмулкро маҳдуд мекунанд», аз тарафи дигар дахлнопазирии манфиатҳои ӯро ҳимоя мекунанд. Ин робитаи дугона аҳамияти хусусӣ-ҳуқуқии милликунонӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ мебошад.

Милликунониро сивилистика ҳамчун як навъ «ҳуқуқи ғайриодӣ» ҳисоб на мекард. Баръакс, маҳз дар ҳамин падида, қайд карданд олимон, кафолатҳои зидди худсарии давлатӣ ба вуҷуд оварда шуда, манфиати шахсони алоҳида ҳарҷониба таъмин карда мешавад. Гузашта аз ин, милликунонӣ далели рушди идеяи қонуният дар давлат ҳисобида мешуд [8,с.7].

Сивилистони пешазинқилобӣ таклиф мекарданд, ки милликунонӣ ҳамчун ҳуқуқи ҳокимияти давлатӣ барои зӯран бегона кардани молу мулки ғайриманқул ва дигар ҳуқуқҳои моликияти бо онҳо зич алоқаманд, инчунин муқаррар намудани сервитутҳо

муайян карда шавад, зеро ин барои ба амал баровардани корхонаҳои фоиданоки умумӣ бо пардохти маблағ ва подошпулии пурраи ҳуқуқҳои бегонашуда зарур аст.

Ҳамин тариқ, милликунонӣ номгӯйи унсурҳои зарурӣ, мафҳум, ҳадафҳо, субъектҳои қабули қарорҳо ва хусусияти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар хусуси доираи ин падида бошад, он бо манфиати умум, эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ, манфиати давлатӣ ё ҷамъиятӣ алоқаманд буд. «Тамоми мақсадҳои милликунониро пешакӣ муайян кардан мумкин нест», – мегуфтанд сивилистҳо. Аз ин рӯ, онҳоро як истилоҳ муттаҳид мекунад: манфиати умум. Манфиати умум дар амал бояд баҳои иқтисодӣ дошта бошад.

Дар хусуси субъектҳо бошад, милликунониро сивилистони пешазинқилобӣ вазифаи асосии ҳокимияти маъмурӣ медонистанд. Аммо баъзе масъалаҳое, ки бо милликунонӣ марбутанд, ба андешаи онҳо бояд салоҳияти мақомоти қонунгузор бошанд, ё ақаллан бо ёрии он ҳал карда шаванд. Иштироки макомоти конунгузорро илм бо шароитҳое алоқаманд мекард, ки ба манфиатҳои махсусан муҳимми марбут ба «муваффақияти ҷамъиятӣ ва инкишофи тамаддун» дахл мекард [8,с.18].

Дар хусуси характери ҳуқуқии милликунонӣ бошад, ақидаҳои олимони пешазинқилобӣ гуногун буданд. Баъзе муаллифон хусусияти гражданӣ-ҳуқуқӣ, дигарон хусусияти оммавӣ-ҳуқуқӣ, гурӯҳи дигар бошад, табиати омехтаи онро ҳимоя кардаанд. Бо ин ҳама ихтилофҳо маълум буд, ки бидуни танзими гражданӣ-ҳуқуқӣ милликунонӣ ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ дар умқи ҳуқуқи хусусӣ вуҷуд дошта наметавонад.

Дар бораи он ки оё милликунониро мумкин аст як муомилоти ҳуқуқии хусусӣ, аз қабили хариду фурӯши маҷбурӣ, шартномаи қалбакии хариду фурӯш ва ё ҳолати уҳдадориҳо ҳисобид, баҳсҳо мавҷуд буданд.

Вале бо тамоми ихтилофҳо ба илм маълум буд, ки милликунонӣ дар ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ва дар як навбат асоси ба даст овардани онро ташкил медод. Ба назар чунин мерасад, ки ҳуқуқи граждании пеш аз инқилоб барои инкишофи консепсияи ҳозираи милликунонӣ дар ҳуқуқи гражданӣ заминаи хуб ба вуҷуд овардааст.

Андешаҳои дар боло овардашуда, аз як тараф, заминаҳои таърихии падидаи милликунониро инъикос намоянд, аз тарафи дигар, диди олимони сивилистро то давраи Инқилоби Октябр муайян менамоянд. Зеро баъди ғалабаи Инқилоб дар соли 1917 муносибатҳо оид ба милликунонӣ каме тағйир меёбанд.

А.А. Крисанов чунин иброз медорад, ки милликунонӣ дар ҳуқуқи гражданӣ падидаи нав набуда, он кайҳо боз маълум аст. Ба назар чунин мерасад, ки милликунонӣ роҳи асосии барпо намудани типи нави ҳокимияти хоҷагидорӣ аз болои моликият буд, ки дар мамлакат дар натиҷаи Инқилоби Октябр барпо карда шуда буд [13,с.84].

Дар робита ба андешаи боло Н.Б. Баҳриева зикр менамоянд, ки яке аз воситаҳои муштақи ба даст овардани ҳуқуқи моликият, ки дар натиҷаи ғалабаи Инқилоби Октябр дар давлати мо ба вуҷуд омад – милликунонӣ, яъне ба моликияти давлатӣ дохил намудани моликияти шаҳрвандон мебошад [25,с.251].

Милликунонии сотсиалистӣ ҳамчун тадбири инқилобӣ муайян карда шуда буд, ки он аз зӯран аз дасти синфҳои истисморкунанда баровардани воситаҳои истеҳсолот ва ба моликияти давлати пролетарӣ табдил додани онҳо иборат аст; он ҳамчун роҳи аз ҷиҳати иқтисодӣ пахш кардани ин синфҳо ва дар айни замон роҳи ба вуҷуд овардани заминаи моддии сохти нав – диктатураи пролетариат буд [23,с.295].

Дар ин давра дар бораи накш ва аҳамияти милликунонӣ чунин ақида низ васеъ паҳн шуда буд: «Милликунонии замин бо сарватҳои зеризаминӣ, ҷангал ва обҳои он, милликунонии заводу фабрикаҳо, шахтаҳо, воситаҳои нақлиёти доимӣ ва банкҳо моликияти сотсиалистиро ба олотҳо ва воситаҳои истеҳсолот маъқул донистанд, ки онро Давлати Шуравӣ ба амал баровард ва бо ҳамин системаи капиталистии иқтисодиётро барҳам дода, ба асосҳои системаи сотсиалистии хоҷагидорӣ замина гузоштанд» [23,с.362].

В.А. Белов мақсадҳои милликунонии сотсиалистиро тавсиф карда, ба чунин хулоса меояд, ки «милликунонии сотсиалистӣ – воситаи аз шароити номусоиди иқтисодӣ баровардани хоҷагии халқ, на ин ки ягон роҳи аз ҳисоби молу мулки шаҳрвандон бой гардондани давлати сотсиалистӣ аст» [6,с.17].

Милликунониe, ки дар дунёи капиталистӣ ба амал бароварда мешавад, аз милликунонии давлатҳои сотсиалистӣ ва аз милликунонии мустамликаҳои пештара моҳиятан фарқ мекунад. Агар милликунонӣ дар давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ба бевосита беҳтар намудани вазъияти иқтисодии соҳаҳои алоҳида нигаронида шуда бошад, дар мамлакатҳои сотсиалистӣ милликунонӣ қисми муҳимми азнавсозии идеологии ҷамъият ва ба вуҷуд овардани моликияти давлатӣ – асоси иқтисодии тараққиёти ҷамъият ва дар мамлакатҳои собиқ мустамликавӣ ин падида яке аз воситаҳои соҳибихтиёрии давлатӣ буд [5,с.214].

Милликунонӣ ҳамчун воситаи сиёсати иқтисодӣ дар давраҳои буҳронии рушди иқтисодӣ самаранок аст. Ба ҳамин тариқ, мисолҳои асосии милликунонӣ ба солҳои 1920-1930 рост омада, таҷрибаи бойтарин дар солҳои баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон андӯхта шуд.

Дар мамлакатҳои гуногун усулҳои мушаххаси милликунонӣ хеле гуногун буданд.Дар Британияи Кабир дар замони ҳукумати лейбористӣ (солҳои 1945-1951) соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот объекти милликунонӣ гардиданд, ки дар асоси қонунҳои махсус (Санад дар бораи милликунонии саноати ангишт аз соли 1946, Санад дар бораи Бонки Англия аз соли 1946, Санад дар бораи саноати оҳану пӯлод ва ғайра) ба моликияти давлатӣ табдил гардиданд. Ин қонунҳо ташкил кардани мақомоти давлатии идораи моликияти милликунонидашударо пешбинӣ карда, номгӯйи навъҳои моликияти милликунонидашударо дар бар мегирифтанд ва қоидаҳои хеле мураккаби ҷубронпулиро муқаррар менамуданд.

Дар айни замон ҷубронпулӣ ба андозаи зайл муқаррар гардида буд: соҳибони пештараи соҳаи ангишт ба маблағи 164 млн фунт стерлинг, электроэнергетика – 540 млн, саноати газ – 265 млн. ва ғайра ҷубронпулӣ гирифтанд. Аммо, сарфи назар аз хароҷоти калон баъзе корхонаҳои милликунонидашудаи саноат самаранок кор намекарданд. Ҳамин тавр, хусусигардонии металлургияи сиёҳ гарчанде дар ин кишвар соли 1953 ба амал бароварда шуда буд, вале дар соли 1967 ин соҳаи саноат дубора мавриди милликунонӣ қарор дода шуд.

Таҷрибаи баъдазҷангии милликунонӣ ба Фаронса рост меояд, ки бо гирифтани молу мулки моликоне, ки бо низоми фашистӣ ҳамкорӣ кардаанд, диққатангез аст. Ғайр аз ин, ширкатҳои суғурта ва бонкҳо объекти милликунонӣ гардиданд.

Мувофиқи Қонуни асосии Ҷумҳурии Федеративии Олмон ба бегона кардани моликият танҳо барои «манфиати умум» иҷозат дода мешавад. Илова бар ин, бегонанамоӣ танҳо тибқи қонун ё дар асоси қонуне, ки хусусият ва андозаи ҷубронро танзим мекунад, сурат мегирад. Инчунин, дар Қонуни асосии Ҷумҳурии Федеративии Олмон муқаррар карда шудааст, ки ҷуброн бо назардошти одилонаи манфиатҳои ҷамъият ва шахсони зарардида муайян карда мешавад ва дар сурати ба миён омадани баҳс дар бораи андозаи ҷуброн молик метавонад ба судҳои юрисдиксияи умумӣ муроҷиат намояд [7,с.103-104].

Бояд гуфт, ки дар марҳилаи шуравӣ дар инкишофи ҳуқуқи гражданӣ дар соҳаи милликунонӣ тадқиқоти назаррасе мавҷуд набуд. Зиёда аз ин, худи истилоҳи «милликунонӣ» дар «Асосҳои қонунгузории гражданӣ» (солҳои 1961-1991) истифода нашудааст. Дар адабиёти таълимӣ милликунонӣ танҳо тарзи асосии пайдоиши ҳуқуқи моликияти давлатӣ зикр шудааст.

Я.Ф. Миколенко қайд мекунад, ки агар дар бораи адабиёти илмӣ сухан ронем, пас худи мафҳуми милликунонӣ дар ибтидои солҳои 60 пайдо гардидааст. Инчунин зикр менамояд, ки «асосҳои назариявии милликунонии сотсиалистӣ ба таври нокифоя кор карда баромада шуда буд». Худи мафҳуми милликунониро олим бо ду унсур вобаста кардааст. Якум, бо муқаррар намудани моликияти давлатӣ ба категорияи муайяни объектҳо. Дуюм, бо роҳ надодан ба моликияти хусусӣ ба чунин объектҳо [19,с.129].

Дар ин ҷо аз рӯйи мафҳуми додаи Я.Ф. Миколенко милликунонӣ ба барпо намудани монополияи давлатӣ дар объектҳои дахлдор баробар буд. Бинобар ин, объектҳои милликунонӣ умуман аз доираи муносибатҳои моликияти хусусӣ хориҷ карда шуданд. Вобаста ба милликунонӣ аз ҷониби олимон пешниҳод карда шуд, ки таҳти ин мафҳум «чунин ҳодисаи дорои характери умумӣ, ки қисми таркибии системаи хоҷагӣ мебошад,

доимӣ ва барои ҳамаи субъектҳои муносибатҳои моликият дар ҷамъияти муайян муқаррар карда шавад».

Дар шароити муосири, вобаста ба милликунонӣ аз ҷониби олимон таърифҳои гуногуни он пешкаш гардида, ҳамзамон аломатҳо ва мақсадҳои милликунонӣ то андозае равшан баён гардидаанд. Доир ба милликунонӣ танҳо дар солҳои 70 асри гузашта таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шуд [1]. Он асосан ба масъалаҳои ҳуқуқии милликунонии моликияти хориҷӣ тааллуқ дошта, ҳуқуқи сохибихтиёрии давлатро барои милликунонии моликияти хориҷӣ исбот намуда, уҳдадории байналмилалии ҳуқуқии давлатро дар мавриди эҳтиром ва бидуни ягон санҷиш қабул кардани санади милликунонӣ асоснок намуд.

Дар адабиёти таълимӣ милликунонӣ, гарчанде ки он ҳамчун роҳи асосии пайдоиши ҳуқуқи моликияти давлатӣ ҳисобида мешуд, аммо ба он ҳамагӣ як-ду саҳифа бахшида шудааст [9,с.217-218]; дар адабиёти илмӣ нисбат ба падидаи милликунонӣ муносибати «беэътиборона» зоҳир гардидааст [12,с.33-39]. Дар луғати охирини ҳуқуқии давраи шуравӣ истилоҳи «милликунонӣ» тамоман дарҷ нагардидааст [30,с.188].

Мафҳуми милликунонӣ танҳо дар энсиклопедияҳои сершумори ҳуқуқӣ, ки дар солҳои баъд аз бозсозӣ нашр шудаанд, дубора пайдо гардид [16,с.171].

Баъдан, дар шароити нисбатан нав, Ю.А. Дорофеева оид ба милликунонӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода, дар ин ҷо ба мафҳуми ин падида ишора мекунад. Он милликуниниро ҳамчун раванд, маҷмуи санадҳои воқеию ҳуқуқӣ, ки ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс аз ҷониби давлат дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ асос ёфта, то андозае, ки барои ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ахлоқӣ, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигарон, таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат зарур аст, муайян менамояд.

Ю.А. Дорофеева чунин мавқеи худро ба миён мегузорад, ки милликунонӣ технологияи ба моликияти давлатӣ табдил додани моликияти хусусӣ ба манфиати тамоми ҷамъият ва роҳи мустаҳкам намудани идораи давлатӣ мебошад [10,с.6].

Ҳамин тариқ, ба андешаи И.В. Мингазова, «милликунонӣ ба маънои васеъ санади давлатӣ мебошад, ки бо қувваи он моликияти хусусӣ ба моликияти давлатӣ табдил меёбад» [20,с.19]. Ба андешаи В.К. Андреев бошад, милликуноние, ки дар миқёси ҷамъият сурат мегирад, ҳамеша хусусияти зӯроварӣ дорад [3,с.2].

Ба андешаи мо, чунин таърифҳоро ҳамчун мафҳуми гражданӣ-ҳуқуқӣ ҳисоб кардан мумкин нест, зеро онҳо бештар характери иҷтимоию иқтисодӣ доранд ва дар айни замон бо қолаби ошкори сиёсӣ (синфӣ) фарқ мекунанд.

Ба андешаи Н.В. Макарчук, «ҳуқуқи давлат ба миллӣ кунонидани моликияти хусусӣ аз принсипи аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ оид ба соҳибихтиёрии давлат бармеояд», бинобар ин танҳо ҳуқуқи дохилии давлат масъалаҳои ба даст овардан, гузариш ва аз даст додани ҳуқуқи моликияти хусусиро дар мавриди қабули қонуни махсус танзим мекунад.

Мувофиқи таърифи додаи Н.В. Макарчук, «милликунонӣ асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба маҷмуи молу мулк мебошад, ки тибқи санади мақоми ваколатдори давлатӣ дар доираи салоҳияти он бо мақсади таъмини фаъолияти бахши дахлдори иқтисоди давлат дар ҳолатҳои истисноӣ муқаррар карда шудааст, инчунин дар асоси қонуни махсус бо ҷуброни пешакӣ ва баробар ба моликони собиқ ба амал бароварда мешавад [17,с.17].

В.А. Белов милликуниниро ҳамчун санади ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ, ки аз маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти хусусӣ ба маҷмуи молу мулк ва (ё) ҳуқуқи иштироки хусусӣ дар корҳо ва сармояи ташкилот ва ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба ин молу мулк фаҳмида, чун қоида он аз ҷониби давлат бо мақсади таъмини ҳолати фаъолияти бахши дахлдори системаи иқтисодӣ дар шароити номусоид (инқилоб, ҷанг, бухрон ва ғ.) муайян мекунад [6,с.19].

Дар ин ҷо, ба андешаи мо, ҳам дар таърифи пешниҳод намудаи И.В. Мингазова ва ҳам В.А. Белова санади ҳокимияти давлатӣ ҳамчун асос барои амалӣ гардонидани милликунонӣ бояд фаҳмида шавад, на худи моҳияти он.

Аз таҳлили ин таъриф диққатро инчунин ба вусъати объекти милликунонӣ, ки ба моликияти давлатӣ мегузаранд, равона кардан мумкин аст. Сухан дар бораи ҳуқуқҳои иштироки шахсӣ дар корҳо ва сармояи ташкилотҳо меравад. Дар баробари ин В.А. Белов дар бораи ба вуҷуд омадани институти ба ҳам алоқаманд сухан ронда, онро бо истилоҳи «милликунонии корхонаҳо» нишон медиҳад. Муаллифи зикршуда чунин мешуморад, ки ба вомбаргҳои давлатӣ иваз кардани саҳмияҳои ҷамъиятҳои хоҷагидор ё ба вомбаргҳои давлатӣ додани ҳиссаи назоратӣ, ки дар натиҷаи он гузаштани ҳуқуқи моликият ба маҷмуи молу мулк ба амал намеояд, ба ҳодисаи милликунонӣ нисбат додани онҳо мумкин нест [6,с.19].

М.В. Шербина мафҳуми милликуниниро ба таври зайл тавзеҳ медиҳад: «Ин амали санади дохилидавлатиест, ки бо қувваи маҷбурии давлат таъмин карда мешавад ва мақсади он гузариши маҷмӯи молу мулк ва (ё) ҳуқуқи молумулкӣ аз моликияти хусусӣ, аз ҷумла моликияти хусусии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ ба моликияти давлатӣ, аз ҷумла ба манфиати ҷамъият бо ҳалли масъалаи пардохти ҷуброни одилона ба моликони собиқ бо шартҳои пешбининамудаи ҳамин санад ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад [28,с.10].

Дар ин мафҳум ҳамчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ҳамчун субъектҳое, ки моликияташон миллӣ кунонида мешавад, ишора гардидааст, вале ҳадафҳои милликунонӣ мушаххас нашуда, бо зикри мавҷудияти манфиатҳои ҷамъиятӣ маҳдуд карда шудааст.

Ю.А. Дорофеева мақсадҳои милликунониро ба назар гирифта, қайд мекунад, ки маҳз манфиати ҷамъиятӣ – зарурати ҷамъият аст, ки милликунониро ҳамчун чораи истисноии қатъ гардонидани моликияти хусусӣ ва ба моликияти давлатӣ табдил додани онро талаб мекунад. Дар баробари ин, ин уҳдадории давлатро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони аз ҳуқуқи моликият маҳрумшуда тақозо мекунад [10,с.3]. Худи милликунониро муайян намуда, мақсадҳои онро муфассал ишора менамояд, ки аз ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ахлоқ, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигарон, таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат иборат мебошад.

Ю. Плахотнюк чунин мешуморад, ки «милликунониро метавон ҳамчун раванди ба моликияти давлат гузариши (баргардонидани) объектҳои моликияти ғайридавлатӣ (аз ҷумла моликияти қаблан хусусигардонидашуда) бо мақсади истифодаи минбаъдаи онҳо бо назардошти татбиқи манфиатҳои миллӣ муайян кард. Гузариш (баргардонӣ) метавонад маҷбурӣ ё бо роҳи созиш (шартнома) байни молик ва давлат сурат гирад. Шаклҳои милликунонӣ истифодаи чунин механизмҳоро, аз қабили харидан, муфлисшавӣ, ихтиёран интиқол додан, бо қарори суд ворид шудан ба моликият ва ба даст овардани саҳмияҳои назоратиро дар бар мегирад» [21,с.22].

Ба назар чунин мерасад, ки мақсади милликунониро ҳамчун қонеъ гардондани манфиатҳои ҷамъиятӣ (давлатӣ) муайян кардан мумкин аст. Дар баробари ин бояд дар санади қонунгузорие, ки нисбат ба молу мулки дахлдор қабул карда мешавад, ба таври мушаххас мақсади милликунонии моликияти алоҳида муқаррар карда шавад.

Аз ин рӯ, азбаски милликунонӣ яке аз шаклҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст, пас мақсадҳои он ба андешаи мо, мувофиқи қ. 3, м. 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ равона гардида бошад.

Ҳамин тариқ, милликунониро метавон ҳамчун тартиби муқаррарнамудаи қонун барои ба моликияти давлатӣ табдил додани молу мулки таҳти моликияти хусусии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар асоси санади мақоми ваколатдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян кард, ки мақсади он аз таъмин ва ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ахлоқ, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигарон, мудофиаи мамлакат ва амнияти давлат бо шарти ҳалли масъалаи ҷуброни пешакӣ ва баробар ба моликони собиқ иборат мебошад.

Гарчанде ки дар КГ ҶТ моддаи алоҳида вобаста ба мафҳум ва моҳияти милликунонӣ муқаррар гардида бошад ҳам, аммо дар он мақсадҳои милликунонӣ нишон дода нашудаанд (м. 268 КГ ҶТ).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, №1299 [14] мафҳуми милликуниро чунин муқаррар намудааст: «милликунонӣ – ба моликияти давлат даровардани молу мулк бо пардохти арзиши онҳо ва ҷуброни зараре, ки вобаста ба милликунонӣ ба соҳибмулк расидааст». Дар баробари ин, дар Қонуни мазкур мафҳуми «экспроприатсия» истифода гардидааст, ки ҳолати «азхудкунии маҷбурии музднoки молу мулк аз ҷониби давлат ба манфиати ҷомеа»-ро ифода менамояд.

Мутаассифона, дар Қонуни мазкур муқаррарот вобаста ба экспроприатсия ва реквизитсияи молу мулки сармоягузор ва кафолатҳои давлатии он дарҷ гардида, вобаста ба милликунонӣ бошад, меъёре пешбинӣ нагардидааст.

Барои дар қонунгузорӣ ба таври пурра инъикос намудани мафҳуми милликунонӣ, дар таҳрири зайл ифода гардидани м. 268 КГ ҶТ мувофиқи мақсад шуморида мешавад:

«1. Милликунонӣ тартиби бо қонун муқарраргардидаи табдил додани молу мулки ба моликияти хусусии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тааллуқдошта ба моликияти давлатӣ мебошад.

2. Милликунонӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ анҷом дода мешавад.

3. Татбиқи милликунонӣ танҳо пас аз пардохти товони пешакӣ ва баробар ба моликони собиқи молу мулк имконпазир аст. Оид ба нарх, ки мутобиқи он ба молик арзиши молу мулки милликунонидашуда пардохта мешавад, ба суд муроҷиат кардан мумкин аст.

4. Милликунонӣ бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи қонуни махсус амалӣ гардонида мешавад».

Дар асоси мафҳуми доктриналии милликунонӣ дар бораи чунин аломатҳои хосси он сухан рондан мумкин аст:

1) милликунонӣ танҳо дар мавридҳо ва тартиби дар қонун пешбинигардида ба амал бароварда мешавад;

2) асос барои милликунонӣ қабули санад аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ мебошад;

3) мақсадҳои милликунонӣ манфиатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки қонеъ гардонидани онҳо ба ғайр аз роҳи милликунонӣ ғайриимкон аст ва номгӯйи молу мулки милликунонидашаванда бояд дар қонун ба таври дақиқ муайян карда шавад;

4) натиҷаи ҳуқуқии милликунонӣ ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият ба давлат мебошад;

5) милликунонӣ бояд бо ҳалли масъалаи ҷуброни пешакӣ ва баробар ба моликони собиқ амалӣ карда шавад;

6) объекти милликунонӣ молу мулке мебошад, ки барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти давлатӣ зарур аст.

Аломатҳои махсуси милликуниро мавриди баррасӣ қарор додан муҳим аст.

Тавре ки зикр гардид, милликунонӣ танҳо дар мавридҳо ва тартиби муқарраркардаи қонун ба амал бароварда мешавад. Дар айни замон чунин қонун то ҳол қабул нашудааст ва ҳолатҳои милликунонӣ, инчунин тартиби он дар КГ ҶТ муқаррар нагардидааст. Бинобар ин, ба моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос метавон эътибор дод, ки тибқи он «маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад».

Милликуниро яке аз асосҳои маҷбурии қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти хусусӣ, ки дар асоси қонуни махсус анҷом дода мешавад, баррасӣ намуда, метавон қайд намуд, ки асосҳои татбиқи милликунонӣ наметавонад аз доираи ҳадафҳои маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандон берун равад [2,с.82].

И.Л. Ивачев вобаста ба маҳдудкунии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд мутобиқи муқаррароти конститутсионӣ қайд менамояд, ки «ҳуқуқи моликият ҳуқуқи мутлақ набуда, метавонад бо қонуни махсус маҳдуд карда шавад». Аз ин рӯ, ин маҳдудиятҳо, ки ба принсипҳои умумии ҳуқуқ асос ёфтаанд, бояд ба талаботи адолат ҷавобгӯ бошанд ва барои ҳифзи арзишҳои аз ҷиҳати конститутсионӣ аҳамиятнок, аз ҷумла ҳуқуқҳои хусусию ҷамъиятӣ ва манфиатҳои қонунии дигарон мувофиқ, мутаносиб ва зарур бошанд [11,с.34].

Н.В. Макарчук чунин мешуморад, ки мақсаду асосҳои милликунонӣ бояд бо принсипе, ки дар қонунгузории хориҷӣ муқаррар карда шудаанд, алоқаманд бошанд, ки мувофиқи он бар зарари озодӣ ва шаъну шарафи инсон ё бар зарари хоҷагии халқ инкишоф додани ташаббуси иқтисоди миллӣ роҳ дода намешавад. Бинобар ин, асоси милликунонӣ эҳтиёҷоти давлат ба корхонаҳое шуда метавонад, ки фаъолияти инҳисориро ба амал мебароранд, ё дар тараққиёти манбаъҳои хоҷагии халқ нақши калон мебозанд ва ё хизматрасониро ба тамоми ҷамъият вазифаи асосии худ медонанд. Инчунин, милликунониро метавон бо мақсади таъмини фаъолияти боэътимоди бахши алоҳидаи иқтисодиёт дар шароити истисноӣ, ки давлат ба таври дигар иваз кардани моли истеҳсолкардаи ин корхонаро таъмин карда наметавонад, анҷом дод [17,с.20].

М.В. Шербина чунин мешуморад, ки зарурати ҷамъиятӣ бояд ҳамчун мақсади асосии милликунонӣ пазируфта шавад, ки ин истисно кардани мақсади поймолкунии моликони собиқро пешакӣ муайян мекунад. Дар баробари ин, милликунонии молу мулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияташон ба давлат зарар дорад, набояд ҳамчун табъиз эътироф карда шавад [28,с.13].

Мо ба андешаи охирин розӣ шуда наметавонем, зеро дар ин сурат милликунонӣ ҳамчун чораи ҷазо барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ ҳисоб карда шуда, он моҳиятан ҳамчун асоси маҷбуран гирифтани молу мулки шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ хизмат мекунад.

Воқеан, ҳақ ба ҷониби М.В. Балин аст, ки чунин қайд менамояд: «Милликунонӣ наметавонад барои ҷазо додани амалҳои муайян (масалан, вайрон кардани қонунҳои андоз), аз ҷумла амалҳои дорои хусусияти сиёсӣ ё ноил шудан ба ҳадафҳое, ки бо истифода аз воситаҳои дигар, ба монанди муфлисшавӣ ҳал карда мешаванд, хизмат кунад» [4,с.155].

Ю.А. Дорофеева мақсади милликунониро қонеъ гардондани эҳтиёҷоти дорои аҳамияти умумидавлатӣ муайян намуда, дар шаклҳои гуногун ба амал баровардани онро имконпазир мешуморад: маҳдуд кардани ваколатҳои соҳибмулк ва шахсоне, ки молики молу мулк намебошанд; ба таври маҷбурӣ ба давлат додани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо аз рӯйи ӯҳдадориҳои шахси воқеӣ; маҷбуран ҷорӣ намудани идоракунии давлатӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва ғайра. Дар баробари ин, қайд менамояд, ки тартиб додани шаклҳои мукаммали милликунонӣ аз имкон берун аст [10,с.6].

Ба андешаи мо, милликунонӣ аз рӯйи табиати худ танҳо як шакли маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ буда, муттаҳид намудани шаклҳои гуногуни милликунонӣ метавонад боиси дахолати худсаронаи давлат ва ҳокимияти маҳаллӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ гардад.

Ҳамин тариқ, милликунонӣ бояд ҳамчун воситаи истисноии сиёсати иқтисодӣ истифода шавад. Масалан, нисбат ба объектҳои моликияти хусусӣ, ки барои мудофиаи кишвар ва амнияти давлат, инчунин объектҳое, ки аҳамияти стратегӣ доранд ва барои ҷомеа комилан бахри ноил шудан ба мақсадҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳим, ки қонеъ гардонидани онҳо бе қатъи ҳуқуқи моликияти хусусӣ имконнопазир аст.

Кушодани мафҳуми «милликунонӣ» ҳам бо назардошти муносибати он бо хусусигардонӣ (приватизатсия), маҳрумгардонӣ (деприватизатсия) ва милликунонӣ имконпазир аст. Ф.И. Шахматов қайд менамояд, ки «хусусигардонӣ ҳамчун шакли ташкилию ҳуқуқии ҳамкории сохторҳои соҳибкорӣ ва ҳукуматӣ дар айни замон барои ҳамаи кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ ва кишварҳои давраи гузариш хос аст» [26,с.223].

Хусусигардонӣ ва милликунонӣ мафҳумҳое ҳастанд, ки якдигарро истисно намекунанд, вале дар айни замон бо ҳам алоқаи қатъӣ надоранд. Таҳлили таърихии

равандҳои хусусигардонӣ ва милликунонӣ дар иқтисодиёти пешрафтаи бозаргонӣ ҷойдошта нишон медиҳад, ки чӣ тавр давраҳои хусусигардонӣ пас аз давраҳои милликунонӣ гузаштанд; дар баробари ин муносибатҳои моликияти хусусӣ мунтазам такмил дода мешуданд.

В.Ф. Попондопуло комилан дуруст қайд кардааст, ки хусусигардонӣ ва милликунонӣ усулҳои танзими давлатии иқтисодиёт ҳам мебошанд. Чунонки амалияи мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, нигоҳ доштани мувозинати хусусигардонӣ ва милликунонии моликият яке аз роҳҳои танзими самарабахши давлатии иқтисодиёт мебошад [22,с.321].

Маҳрумкунонӣ (деприватизатсия) ва милликунонӣ ҳарчанд ба ҳам наздиканд, вале мафҳумҳои гуногун ҳастанд. Мақсади асосии маҳрумкуниро ба давлат ва ҷамъият баргардондани ҳамаи он чизе, ки дар рафти хусусигардонӣ ғайриқонунӣ ба даст оварда шудааст, ташкил медиҳад. Мақсади асосии милликунонӣ бошад, аз қонеъ гардонидани манфиатҳои ҷамъиятӣ (давлатӣ), аз ҷумла барои ташаккули заминаи молумулкии давлат дар ҳаҷми зарурӣ, барои иҷрои вазифаҳои асосии он иборат мебошад.

Тартиби гирифтани молу мулк ҳангоми милликунонӣ маҷмуи амалҳои пайваста иҷрошавандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки тибқи қонун барои милликунонӣ ваколатдор шудаанд: 1) қабули санад дар бораи милликунонӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ; 2) рӯйхати молу мулке, ки ҳангоми милликунонӣ гирифта мешаванд; 3) арзёбии амволе, ки миллӣ кунонида мешаванд; 4) барои нигаҳ доштани молу мулки баҳогузоришуда бо пардохти ҷуброни баробар ба молик; 5) аз молик гирифтани молу мулки милликунонидашуда ва ба моликияти давлатӣ додани он.

Асос барои милликунонӣ қабули санад аз ҷониби мақомоти ваколатдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Қарор дар бораи милликунонӣ новобаста аз оне, ки он қонун бошад ва (ё) санади мақомоти олии иҷроия, одатан дар як вақт бо тағйирот ба буҷети давлатӣ қабул карда мешавад [7,с.105].

Милликунонӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки он қонунӣ бошад, яъне ба меъёри мушаххаси қонуне, ки дар лаҳзаи қабул гардидани санади милликунонӣ амал мекард, мувофиқат кунад. Санади милликуноние, ки ба қонун мувофиқ нест, ба ҷуз зӯроварӣ, худсарӣ ва зараре, ки дар натиҷаи амалиёти ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ расонида шудааст, чизи дигаре нест ва нисбат ба он ба суд шикоят кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр шартҳои милликунонӣ инҳоянд:– танҳо нисбат ба объектҳои ҳуқуқи моликияти шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ нигаронида шудааст;– ин объектҳо танҳо ба моликияти давлат дароварда мешаванд;– милликунонӣ танҳо дар асоси қонунҳои мутобиқи Конститутсия қабулгардида оид ба милликунонии ин молу мулк сурат мегирад;– арзиши молу мулк ва ҷуброни дигар зиёне, ки вобаста ба миллӣ кунондан ба молик ворид гардидааст, пардохта мешавад [18,с.633; 15,с.348].

А.А. Крисанов бошад, дар таҳқиқоти худ оид ба милликунонӣ қайд менамояд, ки қонунгузории мавҷудаи гражданӣ милликунониро чунин муайян мекунад:1) санади ҳокимиятӣ-давлатӣ;2) санади қонунӣ;3) санади маҷбурӣ; 4) санади ҷуброншаванда (музднок) [13,с.88].

Аммо ин нишонаҳо ҳанӯз кофӣ нестанд, зеро объект, натиҷа ва мақсадҳои милликунонӣ низ барои муайян намудани моҳияти ҳуқуқии милликунонӣ аҳамияти зиёд доранд. Объекти милликунонӣ ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ ва чун қоида, на танҳо моликият, балки маҷмуи молу мулк мебошад. Натиҷаи ҳуқуқии милликунонӣ пайдоиши ҳуқуқи моликияти давлатӣ мегардад. Ва ниҳоят, «милликунонӣ амалест, ки аз ҷониби давлат бо мақсади таъмини фаъолияти боэътимоди бахши дахлдори системаи иқтисодӣ дар ҳолатҳои номусоид анҷом дода мешавад» [6,с.19-22]. Танҳо маҷмуи ҳамаи аломатҳои номбаршудаи ҳуқуқи гражданӣ падидаи милликунониро дар шароити ҳозира муайян мекунад.

Мавриди зикр аст, ки милликунонӣ бо падидаи реквизитсия шабоҳат доранд, зеро ҳарду тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ бо пардохти арзиши молу мулк анҷом дода мешавад. Аммо тафовутҳои ҷиддӣ низ миёни ин ду падида ба назар мерасад, ки ба

осонӣ онҳо аз ҳам фарқ карда мешаванд. Масалан, реквизитсия дар ҳолатҳои махсус, ҳангоми офатҳои табиӣ ва садама, инчунин муромурии ҳайвонот ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ анҷом дода мешавад.

Аз тарафи дигар, милликунонӣ бо падидаи гирифтани қитъи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ хеле наздикӣ доранд, ки миёни онҳо низ аломатҳои фарқкунанда ҷой дорад. Мутобиқи қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаҳои замин ҳангоми мавҷуд будани эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо шарти пардохти арзиши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба заминистифодабаранда дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гирифта мешавад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои муайяншуда милликунонӣ дар ҳуқуқи гражданӣ бояд ҳамчун асоси маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти хусусӣ ва ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликияти оммавӣ ба маҷмӯи молу мулк дар асоси санади ҳокимиятӣ-давлатӣ, ки тибқи қонунгузорӣ дар бораи милликунонӣ бо мақсади қонеъ гардонидани манфиатҳои ҷамъиятӣ ва бо шарти пардохти музди баробар ва одилона қабул шудааст, баррасӣ карда шавад.

**Муқарриз: *Шарифзода Ф.Ш.* – н.и.ҳ., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Али Халиль Ибрагим. Правовые вопросы национализации иностранной собственности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1972. – 20 с.
2. Алтенгова О.Л. Квалифицирующие признаки национализации / О.Л. Алтенгова // Общество и право. – 2011. – №5(37). – С. 79-83.
3. Андреев В.К. О праве частной собственности в России (критический очерк) / В.К. Андреев. – М.: Волтерс Клувер, 2007. – 184 с.
4. Балин М.В. Гражданско-правовые основания принудительного прекращения права собственности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Балин Максим Владимирович. – Краснодар, 2011. – 215 с.
5. Балин М.В. Национализация как институт принудительного изъятия имущества / М.В. Балин // Актуальные проблемы права и правоприменительной деятельности на Северном Кавказе: Матер. регион, науч.-практ. конф. (Краснодар, 18-19 сентября 2008 г.). Под общ. ред. В.А. Сосова. Краснодар, 2009. – С. 214-222.
6. Белов В.А. Национализация в российском гражданском праве: история и современность / В.А. Белов // Законодательство. – 1999. – №2, 3. – С. 12-22.
7. Буттаева Э.С. Прекращение права собственности помимо воли собственника: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Бутаева Элона Сергеевна. – Краснодар, 2008. – 169 с.
8. Венецианов М.В. Экспроприация с точки зрения гражданского права / М.В. Венецианов. – Казань: Тип. Императ. ун-та, 1891. – 114 с.
9. Вильнянский С.И. Лекции по советскому гражданскому праву / С.И. Вильянский. – Харьков, 1958. – 339 с.
10. Дорофеева Ю.А. Национализация: вопросы международного частного права: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Дорофеева Юлия Александровна. – Саратов, 2000. – 208 с.
11. Ивачев И.Л. Ограничение права собственности в решениях Конституционного Суда Российской Федерации / И.Л. Иваче // Юрист. – 2006. – № 5. – С. 33-36.
12. Корнеев С.М. Право государственной социалистической собственности в СССР / С.М. Корнеев. – М., 1964. – 205 с.
13. Крысанов А.А. Принудительное прекращение права собственности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Крысанов Андрей Андреевич. – Рязань, 2002. – 176 с.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, №1299 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.08.2022).
15. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми I (китоби дарсӣ) / Қ.Ш. Қурбонов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 488 с.
16. Луғати русӣ-тоҷикӣ: зиёдтар аз 72000 калима Зери таҳрири аъзо-корреспонденти АФ СССР М.С. Осимӣ. – Москва: «РУССКИЙ ЯЗЫК», 1985. – 1280 с.
17. Макарчук Н.В. Формы принудительного отчуждения имущества для государственных нужд и их место в системе оснований принудительного прекращения права собственности / Н.В. Макарчук // Право и жизнь. – 2007. – № 115 (10). [Электронный ресурс] // «Право и жизнь». URL: (дата обращения: 15.08.2022).
18. Маҳмудов М.А. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) / М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойназаров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1000 с.
19. Миколенко Я.Ф. Национализация как основа возникновения правового режима государственной социалистической собственности / Я.Ф. Миколенко // Правоведение. – 1961. – №2. – С. 128-132.
20. Мингазова И.В. Право собственности в международном праве / И.В. Мингазова. – М.: Волтерс Клувер, 2007. – 295 с.

21. Плахотнюк Ю. Национализация или реприватизация? / Ю. Плахотнюк // Управление финансами. – 2008. – № 3. – С. 20-26.
22. Попондопуло В.Ф. Коммерческое право / В.Ф. Попондопуло. – М., 2003. – 799 с.
23. Советское гражданское право: Ученик. В 2 ч. Ч. 1. Под ред. В.А. Рясенцева. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрид. лит., 1986. – 576 с.
24. Тихомиров М.Ю. Юридическая энциклопедия. Изд. 3-е., доп. и перераб / М.Ю. Тихомиров. – М., 1995. – 365 с.
25. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми I. – Душанбе: ЭР-граф, 2007. – 432 с.
26. Шамхатов Ф.И. Государство и экономика: (власть и бизнес) / Ф.И. Шахматов. – М., 1999. – 422 с.
27. Щенникова Л.В. Гражданско-правовая наука о национализации / Л.В. Щенникова // Вестник Пермского университета. – Юридические науки. – 2012. – №4(18). – С. 179-186.
28. Щербина М.В. Международно-правовые вопросы национализации и защиты частной собственности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.10 / Щербина Мария Владимировна. – СПб., 2000. – 19 с.
29. Юридический словарь. Под ред. С.Н. Братуся, Н.Д. Казанцева, С.Ф. Кечекьяна и др. – М., 1953. – 782 с.
30. Юридический энциклопедический словарь / гл. ред. А.Я. Сухарев. – М., 1984. – 415 с.

## МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МИЛЛИКУНОНӢ ҲАМЧУН АСОСИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ ХУСУСӢ

Дар мақолаи мазкур падидаи милликунонӣ – яке аз асосҳои мустақили қатъ гардидани ҳуқуқ ба моликияти хусусии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст. Гарчанде ки падидаи милликунонӣ дар ҳуқуқи гражданӣ чизи нав нест, аммо то ба ҳол хусусиятҳои ин асоси қатъкунандаи ҳуқуқи моликият ба таври махсус мавриди омӯзиш қарор дода нашудаанд. Муаллифон кӯшиш ба харҷ дода, бо дарназардошти таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, инчунин таҳлили қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ атрофи падидаи мазкур андешаҳои худро иброз намудаанд. Милликунонӣ асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба маҷмуи молу мулк мебошад, ки тибқи санади мақоми ваколатдори давлатӣ дар доираи салоҳияти он бо мақсади таъмини фаъолияти бахши дахлдори иқтисоди давлат дар ҳолатҳои истисноӣ муқаррар карда шудааст, инчунин дар асоси қонуни махсус бо ҷуброни пешакӣ ва баробар ба моликони собиқ ба амал бароварда мешавад. Аз рӯйи баъзе хусусиятҳои баамалбарории милликунонӣ он бо дигар асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият шабоҳат пайдо мекунад, ки дар мақолаи мазкур тафовути миёни онҳо ошкор карда шуда, вобаста ба падидаи мазкур хулосаҳои назариявию амалӣ бароварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** моликият, ҳуқуқи моликият, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ба вуҷуд омадан, қатъ гардидан, милликунонӣ, қонуни махсус, ҷуброни зиён, арзиши молу мулк, моликияти хусусӣ, моликияти давлатӣ, мақомоти ваколатдор, системаи иқтисодӣ.

## ПОНЯТИЯ И СПЕЦИФИКА НАЦИОНАЛИЗАЦИИ КАК ОСНОВАНИЯ ПРЕКРАЩЕНИЯ ПРАВ ЧАСТНОЙ СОБСТВЕННОСТИ

В данной статье рассмотрено и проанализировано явление национализации - одно из самостоятельных оснований прекращения права частной собственности физических и юридических лиц. Хотя явление национализации в гражданском праве не является новым, особенности этой фундаментальной основы права собственности специально не изучались. Авторы постарались, принимая во внимание анализ литературы отечественных правоведов, а также анализ отечественного и зарубежного законодательства, в определенной мере высказать свое мнение об этом явлении. Национализация является основанием для прекращения права собственности на совокупность имущества, созданного актом уполномоченного государственного органа в пределах его компетенции в целях обеспечения деятельности соответствующей отрасли государственной экономики в исключительных случаях, а также на основании специального закона с предварительным и равным возмещением бывшим владельцам. В связи с некоторыми особенностями осуществления национализация схожа с другими основаниями прекращения права собственности, в данной статье раскрываются различия между ними, а также делаются теоретические и практические выводы относительно этого явления.

**Ключевые слова:** собственность, право собственности, физические и юридические лица, создание, прекращение, национализация, особый закон, возмещение убытков, стоимость имущества, частная собственность, государственная собственность, уполномоченные органы, экономическая система.

## CONCEPTS AND SPECIFICITY NATIONALIZATION AS A BASIS FOR THE TERMINATION OF PRIVATE PROPERTY RIGHTS

This article considers and analyzes the phenomenon of nationalization - one of the independent grounds for the termination of the right of private property of individuals and legal entities. Although the phenomenon of nationalization in civil law is not new, the features of this fundamental basis of property rights have not been specifically studied. The authors tried, taking into account the analysis of the literature of domestic and legal scholars, as well as the analysis of domestic and foreign legislation, to some extent express their opinion about this phenomenon. Nationalization is the basis for the termination of the right of ownership to a set of property created by an act of an authorized state body within its competence in order to ensure the activity of the relevant branch of the state economy in exceptional cases, as well as on the basis of a special law with prior and equal compensation to former owners. Due to some features of the implementation, nationalization is similar to other grounds for the termination of property rights, this article reveals the differences between them, and draws theoretical and practical conclusions regarding this phenomenon.

**Keywords:** property, property rights, individuals and legal entities, creation, termination, nationalization, special law, compensation for losses, property value, private property, state property, authorized bodies, economic system.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13. Телефон: **(+992) 904-41-50-50** E-mail: **sohibov_m.1990@mail.ru**
***Шамсиддин Шоҳин***– унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 904-91-28-45** E-mail: **shokhinsh@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Сохибзода Мухаммаджон Махмадали*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент, первый заместитель директора Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. **Адрес**: 734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица академика А. Адхамова 13. Телефон: **(+992) 904-41-50-50** E-mail: **sohibov_m.1990@mail.ru**
**Шамсиддин Шохин** – соискатель кафедры права и сравнительного правоведения Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон: **(+992) 904-91-28-45** E-mail: **shokhin_ sh@mail.ru**

**Information about authors:** ***Sohibzoda Muhammadjon Mahmadali*** – Tajik national university, Candidate of Law, docent, First Deputy Director of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Academician A. Adhamov 13 street. Phone: **(+992) 904-41-50-50** E-mail: **sohibov_m.1990@mail.ru**
***Shamsiddin Shokhin*** – applicant of Law and Comparative Law Department, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir 33, street. Phone: **(+992) 904-91-28-45** E-mail: **shokhin_ sh@mail.ru**

**УДК: 347.2/.3(575.3)**

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ШИКОРИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БО ҚОНУНГУЗОРИИ МАМЛАКАТҲОИ ДИГАРИ АЪЗОИ ИДМ

*Хомушов И.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Солҳои охир дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибати идеологӣ ба тадбирҳое, ки ба мубориза барои ҳифзи олами ҳайвонот нигаронида шудаанд, ба таври васеъ эътироф карда шуд. Чунин бархӯрд дар айни замон бо назардошти ҷаҳонишавӣ ва дигар равандҳо муҳимтарин нишондиҳандаи ҷомеаи мутамаддин аст.

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон [18], мақсади чунин таҳқиқот, пеш аз ҳама, муайян кардани қонуниятҳои инкишофи низомҳои ҳуқуқӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ мебошад. Аҳамияти омӯзиши падидаҳои ҳуқуқӣ дар асоси муқоиса истифода бурдани таҷрибаи пешқадами низомҳои ҳуқуқии дигар маҳсуб меёбад.

Ба андешаи М. Артамонова, “низоми меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар кишварҳои хориҷи наздик (ИДМ) ташаккул ёфтаанд, дорои унсурҳои хеле шабеҳ буда, дар доираи институтҳои мушаххас бо сохти низоми қонуни ҷиноятии Русия якхела аст” [2,с.179].

Таҳлили таҷрибаи ҳуқуқии пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, то ки низоми ҳуқуқии мамлакат дар заминаи анъанаҳои муқарраршудаи қонунгузории мамлакатҳои пешрафта такмил дода шавад. Ба ақидаи М. Апсел, «таҳлили қонунгузории хориҷӣ ба ҳар як ҳуқуқшинос имконият медиҳад, то ки қонунгузории мамлакати худро беҳтар дарк намояд, зеро хусусиятҳои хосси қонунгузории миллӣ танҳо дар муқоиса бо дигар низомҳои ҳуқуқӣ ошкор карда мешаванд» [3,с.38].

Шикори ғайриқонунии объектҳои олами ҳайвонот ба яке аз самтҳои ҷиноятҳои муташаккили байналмилалӣ табдил ёфта, барои мубориза бо он кишварҳое, чун Озарбойҷон, Украина, Қазоқистон, Беларус талошҳои муштараки муайянро анҷом додаанд. Ин боиси интихоби муқаррароти дахлдори қонунгузории ҷиноятии ин кишварҳо дар як гурӯҳ гардид.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ дар боби 26 (Ҷиноятҳои экологӣ), моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия [24] пешбинӣ гардидааст. Қисми якуми моддаи мазкур ҷавобгариро барои шикори ғайриқонунӣ пешбинӣ менамояд, агар ин кирдор содир шуда бошад: а) расонидани зарари калон; б) бо истифода аз воситаи наклиёти механикӣ ё ҳавопаймо, моддаҳои тарканда, газ ё дигар усулҳои несткунии оммавии парандагон ва ҳайвонот; в) нисбат ба парандагон ва ҳайвоноте, ки шикори онҳо комилан манъ аст; г) дар ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшаванда ё дар минтақаи офати экологӣ ё дар минтақаи фавқулодаи экологӣ. Дар қисми дуюми моддаи 258 КҶ Федератсияи Россия ҷавобгариро барои содир намудани шикори ғайриқонунӣ, ки аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ ё аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад, ё ки зарари махсусан калон расонда бошад, пешбинӣ менамояд.

Дар фарқият аз Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия дар КҶ ҶТ содир намудани шикори ғайриқонунӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳ, парваришгоҳ ё дар минтақаи офати экологӣ ё минтақаи вазъияти фавқулода дар қисми дуюми моддаи 232 пешбинӣ гардидаанд.

Дар эзоҳи моддаи 258 КҶ Федератсияи Россия андозаи зарари калон нишон дода шудааст. Тибқи он зарари калон дар моддаи мазкур зараре эътироф карда мешавад, ки тибқи меъёрҳо ва методологияи тасдиқнамудаи Ҳукумати Федератсияи Русия ҳисоб карда шуда, зиёда аз чиҳил ҳазор рубл, махсусан калон - яксаду бист ҳазор рубл мебошад. Дар таносуб аз дигар кодексҳои мамлакатҳои аъзои ИДМ Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия тартиби муайян намудани зарарро барои шикори ғайриқонунӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумат муайян намудааст. Бо ин мақсад, қарори Ҳукумати Федератсияи Россия тасдиқи Методикаи ҳисоб кардани зарари калон ва махсусан калон

барои мақсадҳои моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия аз 10 июни соли 2019, №750 [15] қабул гардидааст.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус [22] дорои боби 26 -«Ҷиноятҳо бар зидди амнияти экологӣ ва муҳити зист» (фасли IX) мебошад. Ҳамчун хусусиятҳое, ки ба Кодекси мазкур хосанд ва ба Кодекси ҷиноятии ҶТ хос нестанд, инҳоро метавон ном бурд:

а) эзоҳи боби 26 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус мафҳуми ҷиноятҳои зидди бехатарии экологӣ ва муҳити зистро дар бар мегирад, ки кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки қасдан ё аз беэҳтиётӣ содиршударо эътироф мекунад, ки ба замин зарар расондаанд ё расонда метавонанд; обҳо, сарватҳои зеризаминӣ, ҷангал, олами набототу ҳайвонот, атмосфера ва дигар объектҳои табиӣ, сарфи назар аз шакли моликият, ки чунин қонунҳо дар бораи ҳифзи муҳити зист татбиқ мешаванд. Инчунин, дар банди 2 эзоҳ андозаи зарари калон ва махсусан калон оварда шудааст;

б) дар моддаҳои Кодекс шаклҳои гуноҳ бевосита нишон дода шудаанд. Масалан, моддаи 263 барои қасдан несту нобуд ё вайрон кардани ёдгориҳои табиӣ ё дигар объектҳо ва маҷмааҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ҷавобгарӣ пешбинӣ мекунад;

в) ҷавобгарии аъзои комиссияҳои қабули давлатӣ, ки объектеро, ки талаботи бехатарии экологӣ риоя нашудаанд, қабул кардаанд, ба таркиби махсус ҷудо карда шуда бошад, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё бемории одамон ё расондани зарари махсусан калон гардида бошад (моддаи 266 КҶ);

г) дар моддаи 270 Кодекси ҷиноятӣ ҷазо барои нест кардан ё вайрон кардани ботлоқзорҳо дар натиҷаи беэҳтиётона муносибат кардан ба оташ ё дигар манбаъҳои хавфи зиёд, ки зарари махсусан калон расонидааст;

ғ) дар баъзе ҳуқуқвайронкуниҳо барои дар давоми як сол такроран содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шудаанд (масалан, моддаи 271 КҶ «Вайрон кардани қоидаҳои хифзи сарватҳои зеризаминӣ»);

д) масъулият барои кирдорҳои беэҳтиётӣ, ки боиси аз байн рафтани объекти об гардидааст, дар моддаи 273-и Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст;

5) дар моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус «Шикори ғайриқонуни моҳӣ ё дигар ҳайвоноти обӣ» ва моддаи 282-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус «Шикори ғайриқонунӣ» ҳамчун аломати бандубасткунанда, сайд (шикор)-и ҳайвонот, бешубҳа барои шахси гунаҳгор, ки ба китоби Сурхи Ҷумҳурии Беларус дохил карда шудааст, ҷудо карда шудааст.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус дорои боби 26 «Ҷиноятҳо бар зидди амнияти экологӣ ва муҳити зист» аст. Боби мазкур бо таърифи мафҳуми ин навъи ҷиноят оғоз мешавад.

Моддаи 281-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ҷамъоварӣ кардани моҳӣ ё ҳайвоноти обӣ пешбинӣ мекунад. Дар қисми 1 моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ гирифтани моҳӣ ё ҳайвоноти обӣ бе иҷозати дахлдор ё дар вақти манъшуда ё дар ҷойҳои иҷозатдодашуда ё бо олот, усул ва усулҳои иҷозатдодашуда дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ барои чунин вайронкунӣ пешбинӣ шудааст. Ин кирдорҳо бо корҳои ҷамъиятӣ ё ҷарима ё ҳабс ба мӯҳлати то се моҳ ҷазо дода мешаванд.

Қисми 2 моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус барои ғайриқонунӣ сайд кардани моҳӣ ё ҳайвоноти обӣ, ки зарари калон расонидааст ё сайди моҳӣ ё ҳайвоноти обии ба ҷинояткор маълум аст, ки ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Беларус дохил карда шудааст, ҷавобгариро муқаррар мекунад. Барои ин кирдорҳо бо ҷарима ё ҳабс ба мӯҳлати то шаш моҳ ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Дар қисми 3 моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус ҷавобгарӣ барои сайди ғайриқонунӣ ё ҳайвоноти обӣ, ки аз ҷониби шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои хизматиаш содир шудааст ё ба миқдори махсусан калон зарар расонидааст, муқаррар карда шудааст. Ҷазо тибқи ин қоида ҷарима ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ё ҳабс ба муҳлати аз се то шаш моҳ ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол, маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то чор сол бо

маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ё бидуни маҳрум кардан аз ин ҳуқуқ мебошад.

Дар эзоҳи ҳамин модда маблағи зарари калон ва махсусан калон муқаррар карда шудааст. Миқдори зиёди зарар дар моддаи 281 ва 282 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус маблағи зарарро ба андозаи чил ва бештар аз он маблағи асосии дар рӯзи содир шудани ҷиноят муқарраршуда, махсусан калон – сад ва бештар аз ин маблағи асосӣ эътироф мекунад.

Моддаи 282-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус ҷавобгарии ҷиноятиро барои шикори ғайриқонунӣ муқаррар кардааст. Дар қисми 1 ҳамин модда ҷавобгарӣ барои шикор бе иҷозати дахлдор ё дар ҷойҳои манъшуда ё дар вақтҳои манъшуда ё бо олот ва усулҳои манъшуда (шикори ғайриқонунӣ), ки дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ барои ҳамин ҳуқуқвайронкунӣ содир шудааст, пешбинӣ шудааст. Ин кирдорҳо бо ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё ҳабс ба муҳлати то шаш моҳ ҷазо дода мешаванд. Қисми 2 моддаи мазкур барои шикори ғайриқонунӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳ, боғи миллӣ, мамнуъгоҳи ҳайвоноти ваҳшӣ, дар минтақаи офати экологӣ ё дар минтақаи ҳолати фавқулодаи экологӣ ё шикори ҳайвонот ё парандаҳои ба Китоби Сурх дохилшуда ҷавобгарӣ муқаррар мекунад, ки дидаю дониста барои содиркунанда ё шикори ғайриқонунӣ, ки боиси расонидани зарар ба миқдори калон шудааст, бо ҷарима ё ҳабс ба муҳлати то шаш моҳ ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад. Дар қисми 3 моддаи 282 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус ҷавобгарӣ барои шикори ғайриқонунӣ, ки шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои хизматиаш содир кардааст, пешбинӣ шудааст. Ин кирдор бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян бо ҷарима ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се то чор сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ҷазо дода мешавад. Дар қисми 4 моддаи 282 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус ҷавобгарӣ барои шикори ғайриқонунӣ, ки бо истифода аз нақлиёти механикии заминӣ, обӣ ё ҳавоӣ содир шудааст ё ба миқдори махсусан калон зарар расонидааст, пешбинӣ шудааст. Муҷозоти ин амалҳо аз озодӣ то шаш сол пешбинӣ шудааст.

Кодекси ҷиноятии Украина [25] боби 8-уми "Ҷиноятҳо муқобили муҳити зист"-ро дар бар мегирад, ки аз 19 модда иборат аст. «Шикори ғайриқонунӣ» ва «Шикори ғайриқонунии моҳӣ, ё дигар ҳайвоноти обӣ» дар моддаҳои 248 ва 249 Кодекси ҷиноятии Украина пешбинӣ шудаанд.

Дар қисми 1 моддаи 248 Кодекси ҷиноии Украина ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои шикор, агар зарари калон расонда бошад, инчунин барои шикори ғайриқонунӣ дар мамнуъгоҳҳо ё дигар ҳудудҳо ва объектҳои фонди мамнуъгоҳ ё шикори ҳайвонот, парандаҳо ё дигар намудҳои олами ҳайвонот, ки ба Китоби Сурхи Украина дохил шудаанд, пешбинӣ шудааст. Барои ин кирдорҳо бо ҷарима ба андозаи то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол бо мусодираи асбобу воситаҳои шикор ва тамоми ашёи бадастовардашуда ҷазо дода мешавад.

Дар қисми 2 моддаи 248 Кодекси ҷиноятии Украина таркиби бандубасткунанда барои ҳамин кирдор пешбинӣ шудааст, агар ин кирдор аз ҷониби шахси мансабдор бо истифода аз мақоми хизматӣ ё бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон ё бо усули қатли оми ҳайвонот, парандагон ё дигар намудҳои олами ҳайвонот ё бо истифода аз воситаҳои нақлиёт ё шахсе, ки қаблан барои ҷинояти мувофиқи ҳамин модда маҳкумшуда содир шуда бошад. Барои ин кирдорҳо бо ҷарима ба андозаи аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат бо мусодираи асбобу таҷҳизоти шикор ва тамоми чизҳои бадастовардашуда ҷазо дода мешавад.

Қисми 1 моддаи 249-и Кодекси ҷиноии Украина барои сайди ғайриқонунии моҳӣ ё дигар ҳайвонот агар зарари калон расонида бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад. Барои ин кирдор бо ҷарима ба андозаи то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё

маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол бо мусодираи асбобу воситаҳои моҳидорӣ ва тамоми ашёи истихроҷшуда ҷазо дода мешавад. Дар қисми 2 моддаи 249 Кодекси ҷиноии Украина барои ҳамин кирдорҳо, агар онҳо бо усули нобудсозии оммавии моҳӣ, ҳайвонот ё дигар намудҳои олами ҳайвонот ё шахсе, ки қаблан барои содир намудани ҷинояти мазкур маҳкум шуда бошад, ҷавобгарӣ пешбинӣ мекунад. Барои риоя накардани меъёри мазкур ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи аз сад то дусад нишондиҳанда аз даромади ҳадди ақали андоз аз шаҳрвандон ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат бо мусодираи асбобу анҷом, воситаҳои моҳидорӣ ва ҳама ашёҳои сайдшуда пешбинӣ карда шудааст.

Таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии ҳифзи олами ҳайвонот дар Ҷумҳурии Украина ва Тоҷикистон нишон медиҳад, ки меъёрҳои баррасишаванда хусусиятҳои якхела доранд. Бо вуҷуди ин, фарқиятҳо низ мавҷуданд. Ҳамин тавр, бар хилофи моддаи 230 ва 232 Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон дар моддаи 248 ва 249-и Кодекси ҷиноии Украина масъулияти шахсонеро, ки қаблан барои ҷинояти мавриди назар маҳкум шудаанд, муқаррар мекунад. Моддаи 249-и Кодекси ҷиноии Украина масъулияти моҳигирии ғайриқонунӣ, ҳайвонот ва дигар фаъолиятҳои обиро муттаҳид мекунад. Дар санксияҳои меъёрҳои баррасишаванда тафовути калон мавҷуд аст. Таркибҳои бандубасткунандаи моддаҳои 248 ва 249-и Кодекси ҷиноятии Украина ҳамчун ҷиноятҳои дараҷаи миёна маҳсуб меёбанд.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон [23] ҷиноятҳои экологӣ дар боби алоҳидаи 11, ки 18 моддаро муттаҳид мекунад, ҷудо карда шудаанд.

Моддаи 287-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон барои ғайриқонунӣ сайд кардани ҳайвонот ва растаниҳои обӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ мекунад. Дар қисми 1 ҳамин модда ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ сайди захираҳои биологии обӣ пешбинӣ шудааст, ки бо истифодаи моддаҳои тарканда ва химиявӣ, ҷараёни барқӣ ё дигар усулҳои несткунии оммавии сарватҳои моҳӣ ва дигар ҳайвонот ва растанихои обӣ зарари калон мерасонад.

Дар қисми 2 ҳамин модда ҷавобгарӣ барои ҳамин кирдор, ки: а) такроран; б) нисбат ба навъҳои моҳии осетр; в) дар минтақаҳои тухмпошӣ ё дар роҳҳои муҳоҷират ба онҳо; г) аз ҷониби шахсе, ки аз мақоми хизматиаш истифода мебарад; ғ) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; д) бо истифода аз дастгоҳи шинокунандаи худгард; е) дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва ҳудудҳое, ки вазъияти фавқулодаи экологӣ доранд. Дар санксияи ин модда ҷазои ҳадди аксар аз озодӣ то ду сол пешбинӣ шудааст.

Навъи махсусан бандубасткунанда барои кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда, ки бо расонидани зарари калон ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудааст, ҷавобгарӣ дорад. Ҷазо барои содир намудани ин кирдорҳо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо мусодираи молу мулки маҳкумшуда, инчунин молу мулке, ки объекти кирдори ҷиноятӣ, олот ё воситаи содир намудани ҷиноят, ашёи аз муомилот гирифташуда мебошад.

Моддаи 288-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон барои шикори ғайриқонунӣ ҷавобгарӣ муқаррар кардааст. Дар ин модда ҷавобгарӣ барои расондани зарари калон ва махсусан калон низ фарқ карда шудааст. Мувофиқи эзоҳи моддаи 288-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон зарари калон дар моддаҳои боби 11 «Ҷиноятҳои экологӣ» маблағи зараре эътироф мешавад, ки аз нишондиҳандаҳо барои ҳисобҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон сад маротиба ва зиёда аз он ҳангоми содир кардани ҷиноят аст.

Зарари калон зараре эътироф шудааст, ки аз нишондиҳандаҳои моҳонае, ки қонунгузории маротиба дар вақти содир кардани ҷиноят муқаррар кардааст, сесад ва бештар аз он аст.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон полиси экологӣ амал мекунад. Дар фаъолияти он ба ҳифзи гуногунии биологии кишвар, ошкор ва барҳам додани ҳодисаҳои сайди ғайриқонунии ҳайвоноту растаниҳои обӣ ва шикори ғайриқонунӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад.

Ба андешаи мо, баъзе муқарраротои қонунгузории Қазоқистон сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошанд, аз ҷумла: а) мавҷудияти полиси экологӣ; б) мансубияти намудҳои

таркибҳои бандубасткунандаи ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 287 ва 288 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон ба ҷиноятҳои дараҷаи миёна (ҷазои ҳадди аксар аз панҷ сол аз озодӣ зиёд нест); в) муттаҳидшавӣ дар моддаи 287 ва 288 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи ҷавобгарии фарққунанда барои расонидани зарари калон ва махсусан калон; г) мазмуни банди «б» қисми 2 моддаи 287-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон, ки аломати «Ҷамъоварии ғайриқонунии навъҳои осетр»-ро муайян мекунад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон [21] боби алоҳидаи 28 – «Ҷиноятҳои экологӣ» пешбинӣ шудааст, ки 15 моддаро фаро мегирад.

Моддаи 256-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон барои сайди ғайриқонунии моҳӣ ва дигар ҳайвоноти обӣ, агар ин кирдор зарари калон расонида бошад, ҷавобгариро пешбинӣ мекунад. Муҷозоти ин таркиб ҷарима ба андозаи аз сад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ҷамъиятӣ то яксаду шаст соат ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то як сол пешбинӣ шудааст.

Таркиби бандубасткунандаи моддаи мазкур ҷавобгариро барои худи ҳамон кирдорҳо муқаррар менамояд, ки агар онхо бо расондани зарари калон, бо истифода аз воситаи нақлиёти шинокунандаи худгард ё моддаҳои тарканда ва моддаҳои кимиёвӣ ё воситаҳои несткунии оммавии моҳӣ ва дигар ҳайвоноти обӣ дар ҳудуди мамнуъгоҳ, дар минтақаи вазъияти фавқулода ё хавфноки экологӣ содир шуда бошанд. Барои содир намудани кирдори зикршуда ҷарима ба андозаи аз сад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то як сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад. Дар қисми 3 ҳамин модда ҷавобгарӣ барои кирдорҳои пешбининамудаи қисми 1 ва 2 аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил содир шудааст. Муҷозот барои ин кирдорҳо ҷарима ба андозаи аз як то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол мебошад.

Моддаи 258-и Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Озарбойҷон ҷавобгарӣ барои шикори ғайриқонуниро пешбинӣ кардааст. Шикор бидуни иҷозати дахлдор ё дар маҳалҳои мамнуъ ё дар вақти манъшуда ё бо асбобу усулҳои манъшуда, агар ин кирдор зарари калон расонида бошад, бо ҷарима ба андозаи аз сад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ҷамъиятӣ ба муҳлати то яксаду шаст соат ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то як сол ҷазо дода мешавад.

Дар қисми 2 ҳамин модда ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳамин кирдор бо расондани зарари калон муқаррар шудааст; бо истифода аз моддаҳои тарканда ё дигар усулҳои несту нобуд кардани парандагон ва ҳайвонот; нисбат ба парандагон ва ҳайвоноте, ки шикори онҳо комилан манъ аст; дар ҳудуди мамнуъгоҳ ё дар минтақаи офати экологӣ ё дар минтақаи фавқулодаи экологӣ, ки бо ҷарима ба андозаи аз сад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то як сол ҷазо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол дода мешавад.

Қисми 3 барои содир намудани кирдори мавриди назар аз ҷониби шахси мансабдор бо истифода аз мақоми хизматиаш, инчунин аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил ҷавобгарӣ муқаррар намудааст.

Дар эзоҳи ин моддаҳо шарҳ дода мешавад, ки зарари калон ба андозаи аз чорсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва зарари калон – ба андозаи зиёда аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо эътироф карда мешавад.

Пас аз таҳлили муқоисавии моддаи 256, 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон ва м. 230 ва 232-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавон хулоса кард, ки ин моддаҳо бисёр хусусиятҳои умумӣ доранд. Бо вуҷуди ин, фарқиятҳо низ мавҷуданд. Ҳамин тавр, моддаҳои 256 ва 258-и Кодекси ҷиноии Озарбойҷон ҷазои сахттарро нисбат ба моддаи моддаҳои 230 ва 232 КҶ ҶТ пешбинӣ мекунад. Моддаҳои 256 ва 258-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон ҳаҷми зарарро муқаррар мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки дар қонунгузорӣ муттаҳидсозӣ ва мушаххас кардани мафҳумҳои «зарари калон» ва «зарари махсусан калон» дар Кодекси ҷиноии Озарбойҷон

ба муборизаи муассиртар алайҳи ҷиноятҳо дар соҳаи ҳифзи олами ҳайвонот мусоидат намуда, инчунин фарқияти равшан аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хизмат мекунад.

Чунин таҷрибаи мусбати Ҷумҳурии Озарбойҷон метавонад барои такмили муқаррароти қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарӣ барои шикор (сайд)-и ғайриқонунии захираҳои биологии обӣ ва шикори ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, истифода шавад.

Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиши қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар аксарияти мамлакатҳо ба муҳофизати табиат ва олами ҳайвонот диққати даркорӣ дода мешавад. Иҷрои функсияи экологӣ ба зиммаи мақомоти махсусгардонидашуда гузошта шудааст, ки дар байни онҳо нақши роҳбарикунанда ба зиммаи полис гузошта шудааст.

Илова бар ин, омӯзиши қонунгузории хориҷӣ дар роҳандозии робитаҳои касбӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ, бо мақсади ба ҳамдигар омӯхтани таҷрибаи андӯхта дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва олами ҳайвоноти ваҳшӣ нақши муҳим дорад, ки дар мубориза бо ин навъи ҷиноят низ мусоидат мекунад.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ метавонад барои такмил додани қонунгузории миллӣ истифода шавад.

Ҳамин тавр, баъзе муқаррароти қонунгузории хориҷӣ шоёни таваҷҷуҳи махсус мебошанд:

1) мавҷудияти Кодекси экологӣ (Фаронса, Шветсия);

2) мавҷудияти полиси экологӣ (Ҷумҳурии Қазоқистон);

3) консолидатсияи қонунгузории мафҳуми ҷиноятҳои экологӣ (Кодекси ҷиноятии Беларус);

4) муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои шикори ғайриқонунӣ барои шахсоне, ки ғайриқонунӣ аз Сарҳади давлатӣ убур мекунанд (КҶ Булғория);

5) бандубаст намудани намудҳои махсусан тахассусии ҷиноятҳое, ки ба олами ҳайвонот дахл доранд, ба ҷиноятҳои дараҷаи миёна (Кодекси ҷиноятии Казоқистон, Кодекси ҷиноятии Украина);

6) ҳамчун навъҳои иловагии ҷазо муқаррар намудани уҳдадории гунаҳкор оид ба андешидани тадбирҳое, ки ба барқарор намудани мувозинати вайроншудаи экологт нигаронида шудаанд, инчунин таъин намудани ҳама гуна чораи муҳофизатӣ барои ҳифзи муҳити зист ва олами ҳайвонот (Испания);

7) мавҷудияти ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ (Фаронса, ИМА, Чин);

9) мавҷудияти меъёрҳои ҳавасмандгардонии шахсоне, ки ба ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунанд (Фаронса), инчунин ҳавасмандгардонии шахсоне, ки дар бораи ҳодисаҳои шикори ғайриқонунӣ хабар медиҳанд (ИМА).

**Муқарриз: Гаффорзода И. Ғ. – д.и.ҳ., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Антонов А.Д. Теоретические основы криминализации и декриминализации; Дисс. канд. юрид. наук / А.Д. Антонов. -М., 2001. -182 с.
2. Артамонова М.А. Проблемы «сравнительного правоведения» о некоторых вопросах уголовной ответственности за экологические преступления по законодательству зарубежных стран / М.А. Артамонова // Вестник Самарской гуманитарной академии. Серия «Право». – 2013. - № 2(14). – С. 173-182.
3. Апсель М. Методологические проблемы сравнительного права / М. Апсель // Очерки сравнительного права. – М., 1981. – С. 86.
4. Бринчук М.М. Экологическое право (право окружающей среды): учебник для высших юридических учебных заведений / М.М. Бринчук. - М., 2000. – 688 с.
5. Ерофеев Ю.Н. Ответственность за незаконную охоту по уголовному законодательству России: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ерофеев Юрий Николаевич. -Москва, 1994.
6. Правовая охрана природы / Балезин В.П., Бекяшев К.А., Боголепов Р.Д., Гусев Р.К., и др. Под ред.: Петров В.В. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1980. - 312 с.
7. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №12, қ.1, мод.989, мод.990; с.2009, №5, мод.321, №9-10, мод.543; с.2010, №1, мод.2, мод.5, №3, мод.153, №7, мод.547, №12, қ.1, мод.812; с.2017, №1-2, мод.5, мод.6, №5, қ.1, мод.275, №7-9, мод.568, мод.585; с.2018, №1, мод.9, №5, мод.268, мод.269; с.2019, №1, мод.8, №6, мод.312, мод.313, №7, мод.464.

8. Криминология: учебник для вузов / Боголюбова Т.А. [и др.]; под общ ред. А.И. Долговой. - 4-е изд., перераб. и доп. – М.: ИНФРА-М: Норма, 2010. 1008 с.
9. Курс российского уголовного права. Общая часть / Под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. -М., 2001. -229 с.
10. Курс уголовного права. Особенная часть. Т.4. Под ред. д.ю.н., профессора В.С. Комиссарова и д.ю.н., профессора Г.Н. Борзенкова - М., 2002. – 662 с.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи олами ҳайвонот" // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.02.2021).
12. Лопашенко Н.А. Экологические преступления: уголовно-правовой анализ: Монография / Н.А. Лопашенко. – М.: Изд-во ООО «Юрлитинформ», 2009. -362 с.
13. Марцев А.И. Некоторые вопросы методологии уголовно-правовых исследований // Актуальные проблемы теории уголовного права и правоприменительной практики / А.И. Марцев. - Красноярск, 1997.
14. Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть: Курс лекций / А.В. Наумов. - М., 2000. – 448 с.
15. Методика исчисления крупного и особо крупного ущерба для целей статьи 258 Уголовного кодекса Российской Федерации. [Электронный ресурс]. URL: https://base.garant.ru/72266816/#block_2000 (дата обращения: 12.12.2022).
16. Основания уголовно-правового запрета (криминализация и декриминализация). Отв. ред.: В.Н. Кудрявцев, А.М. Яковлев. -М.: Наука, 1982. -304 с.
17. Российское уголовное право. Общая часть: Учебник для вузов. Под редакцией В.С. Комиссарова. – СПб.: Питер, 2005. 560 с.
18. Сафарзода Б.А. Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (васоити таълимӣ) / Сафарзода Б.А., Раҳмон Д.С., И.Қ.Миралиев ва диг. Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. -Душанбе: Эр-граф, 2019. -144 с.
19. Сулейманов А.Л. Уголовно-правовой и криминологический анализ незаконной порубки деревьев и кустарников (по материалам Республики Дагестан): дисс. ... канд. юрид. наук / А.Л. Сулейманов. - Махачкала, 2002. – 176 с.
20. Сырых В.М. Социология права: учебник / Сырых В.М. - М.: Юстицинформ, 2012. 472 с.
21. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики [Электронный ресурс]. URL: http://www.icnl. org/research/library/files/Azerbaijan/criminal_code_rus.pdf. (дата обращения: 11.10.2022).
22. Уголовный кодекс Республики Беларусь 1999 г. [Электронный ресурс]. URL: belkodeksy.com/uk_rb/371.1.htm (дата обращения: 12.12.2022).
23. Уголовный кодекс Республики Казахстан [Электронный ресурс]. URL: http://continentonline.com. (дата обращения: 18.12.2022).
24. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996 N 63-ФЗ [[Электронный ресурс]. URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/?ysclid=lcfzgaemkx256756133 (дата обращения: 12.12.2022).
25. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 г[Электронный ресурс]. URL: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30418109&ysclid=lcg008bu8y585027031 (дата обращения: 25.09.2022).


## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ШИКОРИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БО ҚОНУНГУЗОРИИ МАМЛАКАТҲОИ ДИГАРИ АЪЗОИ ИДМ


Дар мақолаи мазкур муаллиф қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба шикори ғайриқонунӣ бо қонунгузории мамлакатҳои дигари аъзои ИДМ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ карда, дар асоси қиёс ҷиҳати такмили қонунгузории соҳа пешниҳодҳо манзур кардааст. Муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили таҷрибаи ҳуқуқии пешрафтаи давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки низоми ҳуқуқии мамлакат дар заминаи анъанаҳои муқарраршудаи қонунгузории мамлакатҳои пешрафта такмил дода шавад. Дар мақола муаллиф масъалаи шикори ғайриқонуниро дар Кодексҳои ҷиноятии Россия, Беларусия, Озарбойҷон, Украина ва Қазоқистон баррасӣ намуда, камбудиву афзалиятҳои онҳоро нишон медиҳад ва дар асоси қиёси онҳо пешниҳодҳои хубу муфид барои қонунгузорӣ манзур кардааст. Муаллиф қайд менамояд, ки таҷрибаи мусбати давлатҳои ИДМ метавонад барои такмили муқаррароти қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарӣ барои шикор (сайд)-и ғайриқонунии захираҳои биологии обӣ ва шикори ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, истифода шавад. Дар асоси омӯзиши қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки дар аксарияти мамлакатҳо ба муҳофизати табиат ва олами ҳайвонот диққати даркорӣ дода мешавад. Иҷрои функсияи экологӣ ба зиммаи мақомоти махсусгардонидашуда гузошта шудааст, ки дар байни онҳо нақши роҳбарикунанда ба зиммаи полис гузошта шудааст. Пешниҳодҳои дар мақола манзур шуда метавонанд дар такмили низоми қонунгузорӣ ва мубориза бо шикори ғайриқонунӣ саҳми арзанда гузоранд.



**Калидвожаҳо:** ҷиноят, шикори ғайриқонунӣ, табиат, Кодекс, пешгирӣ, оқибат, таҷриба, экология, мамнуъгоҳ, ҷавобгарӣ, захираҳои биологӣ, ИДМ.


## СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О НЕЗАКОННОЙ ОХОТЕ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ ДРУГИХ СТРАН СНГ


В данной статье автор провел сравнительно-правовой анализ уголовного законодательства Республики Таджикистан о незаконной охоте с законодательством других стран-участниц СНГ и на основе сопоставления внес предложения по совершенствованию законодательства в данной сфере. Автор видит важность в изучении

правовых явлений на основе сравнения с использованием передового опыта правовых систем других стран. Автор предполагает, что анализ правового опыта передовых зарубежных стран позволяет совершенствовать правовую систему страны на основе сложившихся традиций законодательства развитых стран. В статье автор рассматривает отражение вопроса о незаконной охоте в Уголовных кодексах России, Беларуси, Азербайджана, Украины и Казахстана, показывает их недостатки и преимущества и на основе их сравнения вносит практические и полезные предложения в законодательство. Автор отмечает, что положительный опыт стран СНГ может быть использован для совершенствования норм уголовного законодательства, которыми предусмотрена ответственность за незаконную охоту (вылов) водных биоресурсов и незаконную охоту в Республике Таджикистан. На основе изучения зарубежного уголовного законодательства автор приходит к выводу, что в большинстве стран уделяется необходимое внимание охране природы и животного мира. Реализация природоохранной функции возлагается на специализированные органы, среди которых ведущая роль отводится полиции. Предложения, сделанные по результатам статьи, могут внести существенный вклад в совершенствование законодательной системы и борьбу с незаконной охотой.

**Ключевые слова:** преступление, незаконная охота, природа, Кодекс, профилактика, последствия, опыт, экология, заповедник, ответственность, биологические ресурсы, СНГ.

**COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON ILLEGAL HUNTING WITH THE LEGISLATION OF OTHER CIS COUNTRIES**

In this article, the author conducted a comparative legal analysis of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan on illegal hunting with the legislation of other CIS member countries and, based on the comparison, made proposals for improving legislation in this area. The author sees the importance in the study of legal phenomena based on comparison with the best practices of the legal systems of other countries. The author assumes that the analysis of the legal experience of advanced foreign countries makes it possible to improve the legal system of the country on the basis of the established traditions of the legislation of developed countries. In the article, the author considers the reflection of the issue of illegal hunting in the Criminal Codes of Russia, Belarus, Azerbaijan, Ukraine and Kazakhstan, shows their disadvantages and advantages, and, based on their comparison, makes practical and useful proposals to the legislation. The author notes that the positive experience of the CIS countries can be used to improve the norms of criminal legislation, which provide for liability for illegal hunting (catch) of aquatic biological resources and illegal hunting in the Republic of Tajikistan. Based on the study of foreign criminal legislation, the author comes to the conclusion that in most countries the necessary attention is paid to the protection of nature and wildlife. The implementation of the environmental function is entrusted to specialized bodies, among which the leading role is given to the police. The proposals made as a result of the article can make a significant contribution to the improvement of the legislative system and the fight against illegal hunting.

**Keywords:** crime, illegal hunting, nature, Code, prevention, consequences, experience, ecology, reserve, responsibility, biological resources, CIS.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хомушов Илҳом Исломович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93-466-22-99.** E-mail: **ilhom_khomushov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хомушов Илхом Исломович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**::93-466-22-99**. E-mail: **ilhom_khomushov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khomushov Ilkhom Islomovich*** - Tajik National University, aspirant of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **93-466-22-99**. E-mail: **ilhom_khomushov@mail.ru**

УДК: 347.21.3(575.3)

# ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ШАҲРВАНДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Латипов С.У.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд**

Таҳқиқоти анҷомдодашудаи илмӣ [4] аз он дарак медиҳанд, ки институти шаҳрвандӣ аз ҷиҳати назариявӣ – методологӣ тасаввуроти сирф ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ба хотири ҳамин ҳам дар илми ҳуқуқшиносӣ маротибаи аввал он ҳамчун консепсияи ҳуқуқӣ коркард гардида, илмҳои дигар (дар мисоли сиёсатшиносӣ) онро дар баррасии масоили давлатдорӣ ҳамчун меъёри асосии ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд истифода намудаанд.

Дар асоси Созишнома «Дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» аз 8-уми декабри соли 1991 [10], Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои Иттифоқӣ ба сифати давлати соҳибистиқлол эътироф гардида, бори нахуст бевосита дар қисми 2-юми Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар оянда – Эъломия хонда шавад) аз 9-уми сентябри соли 1991 [10] эълон кард, ки гражданинҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз мансубияти миллӣ халқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, ки он ифодакунандаи истиқлолият ва манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Халқ ҳокимияти давлатиро ҳам бевосита ва ҳам ба воситаи мақомоти намояндаҳо дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

Яъне, тибқи муқаррароти мазкури Эъломия, халқ (шаҳрвандон) сарчашмаи асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ дониста шуданд. Ҳарчанд ки дар Эъломия пешбинӣ шуда буд, ки «гражданинҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз мансубияти миллӣ халқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд», вале қонунгузории амаликунанда нисбати иштироки онҳо дар ҳаёти давлатдорӣ маҳдудиятҳои муайянро ҷорӣ кард. Ба хотири ҳамин ҳам дар низоми қонунгузории давраи аввали соҳибистиқлолии кишварамон, ки чунин хислат то кунун ба мушоҳида мерасад, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Тоҷикистон сукунат доранд, тафовут дорад ва ин таҷриба ба ҳама давлатҳои ҷаҳон хос аст.

Зикр намудан бамаврид аст, ки танзими ҳуқуқии институти шаҳрвандӣ оғоз аз давраи ҳамроҳ будани Тоҷикистон ба собиқ ИҶШС ва идомаи он давраи соҳибистиқлолӣ ба даст овардани кишварамон якхела набуд. Ба хотири ҳамин ҳам дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дар ин давраҳо қабул гардида вазъи ҳуқуқии шаҳрвандиро гуногун муқаррар намуда буданд. Фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 27 августи соли 1981 «Дар бораи тартиби қабул ба гражданияти РСС Тоҷикистон» [1], Қонуни ҶШС Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1981 «Дар хусуси тасдиқ намудани Указі Президиуми Советии Олии РСС Тоҷикистон «Дар бораи тартиби қабул ба гражданияти РСС Тоҷикистон» [2] ва Фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 27 августи соли 1981 «Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаи тартиби дар Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон дида баромадани масъалаҳои вобаста ба қабул ба гражданияти РСС Тоҷикистон» [9], мисоли чунин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки қонунгузории Тоҷикистон дар бораи танзими масъалаҳои шаҳрвандӣ дар давраи Ҳокимияти Шуравӣ иборат аз санадҳои зерқонунӣ буданд. Бештари масъалаҳои шаҳрвандии шуравӣ тавассути қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти умумииттифоқӣ ҳаллу фасл мегаштанд ва аксар ба салоҳияти мақомоти олии доимоамалкунандаи ҳокимияти давлатӣ -Раёсати Шурои Олии ИҶШС дахл доштанд. Дар ҳаллу фасли ин масъала салоҳияти ҷумҳуриҳо хеле маҳдуд буд [5].

Мавҷудияти чунин нуқтаи назар дар адабиёти ҳуқуқӣ бесабаб нест. Зеро дар боби 5 Конститутсияи Тоҷикистон вазъи ҳуқуқии институти шаҳрвандӣ ба таври маҳдуд танзим шудааст ва ё ки меъёри дахлдори танзимкунанда вобаста ба он мушоҳида намешавад. Масалан, дар Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 1929 ва Конститутсияи (Қонуни Асосии)

Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 1931 меъёри дахлдори вобаста ба танзими ҳуқуқии институти шаҳрвандӣ ба мушоҳида намерасад [8].

Аммо дар Конститутсияи (Қонуни Асосии) Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 1 марти соли 1937 бошад, ҷиҳати танзими ҳуқуқии институти шаҳрвандӣ меъёрӣ конститутсионӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар моддаи 17 Конститутсияи (Қонуни Асосии) Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 1 марти соли 1937 муқаррар шуда буд, ки ҳар як гражданини РСС Тоҷикистон гражданини СССР мебошад. Гражданинҳои ҳамаи республикаҳои дигари иттифоқӣ дар хоки РСС Тоҷикистон бо гражданинҳои РСС Тоҷикистон баробарҳуқуқанд [8].

Дар Конститутсияи (Қонуни Асосии) Республикаи Советии сотсиалистии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1978 танзими ҳуқуқии институти шаҳрвандӣ васеъ гардида буд. Зеро боби алоҳида ба танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии он бахшида шуда буд.

Боби 5 дар Конститутсияи мазкур «Гражданияти РСС Тоҷикистон» ном гирифта буд. Ғайр аз ин, дар таркиби боби мазкур масъалаи «баробарҳуқуқии гражданинҳо» танзим шуда буд. Бо ҳамин мазмун дар моддаи 31 Конститутсияи мазкур муқаррар шуда буд, ки мувофиқи гражданияти ягонаи иттифоқӣ, ки дар СССР муқаррар карда шудааст, ҳар як гражданини РСС Тоҷикистон гражданини СССР мебошад. Асосҳо ва тартиби соҳиб шудан ба гражданияти советӣ ва маҳрум гардидан аз он бо Қонун оид ба гражданияти СССР муайян карда мешавад. Гражданинҳои дигар республикаҳои иттифоқӣ дар ҳудуди РСС Тоҷикистон бо гражданинҳои РСС Тоҷикистон як хел ҳуқуқ доранд. Гражданинҳои РСС Тоҷикистон дар хориҷа аз тарафи Давлати Советӣ муҳофизат ва ҳимоя карда мешаванд [8].

Қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994-ум, ки ба марҳилаи соҳиби давлати комилан мустақил гардидани халқи Тоҷикистон рост омада буд (ин ҷо 9 сентябри соли 1991 дар назар дошта шудааст), масъалаи шаҳрвандӣ аз рӯйи усули демократӣ ва ғояҳои ҳуқуқбунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии худро соҳиб гардид. Масалан, дар моддаи 6 Конститутсияи ҶТ муайян гардид, ки халқи Тоҷикистонро сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил менамоянд. Дар моддаи 15 бошад, масъалаи эътирофи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид. Дар робита ба ин бошад, сиёсати пешгирифтаи ҳуқуқии давлат дар ин марҳила ба пайдоиши падидаи қонуни конститутсионӣ сабаб шуд, ки зарурияти қабули онро субъектони дорои ташаббуси ҳуқуқи қонунгузорӣ ба институти шаҳрвандӣ низ алоқаманд донистанд. Аз ин рӯ нишондоди меъёри зерхати сеюми моддаи 15 Конститутсияи ҶТ пешбинӣ намуд, ки тартиби соҳиб шудан ва қатъ гардидани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд.

Дар моддаи 16 Конститутсия бошад, масъалаи ҳифзи конститутсионӣ-ҳуқуқии шаҳрвандӣ муқаррар карда шуд. Дар баробари ин, ба Президент салоҳияти тартиби баррасии масъалаи шаҳрвандӣ бо қабули Конститутсияи соли 1994 дода шуд.

Бояд хотирнишон намоем, ки ба қабул гардидани Конститутсияи ҶТ аз соли 1994, ба танзими ҳуқуқии шаҳрвандӣ диққати махсус равона гардида буд. Ба ҳамин хотир дар меъёри моддаҳои ҷудогонаи Конститутсия пешбинӣ шуд, ки бояд ҳамаи субъектони роҳбарикунандае, ки вазъи ҳуқуқии онҳо дар Конститутсия мустаҳкам шудааст, бояд шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб бошанд.

Ҳамин тавр, Конститутсияи соли 1994 на танҳо барои танзими ҳуқуқии шаҳрвандӣ меъёрҳои махсусро муқаррар намуд, балки ба ташаккули падидаи қонунгузории конститутсионӣ сабаб шуд, ки он ба шаҳрвандӣ низ дахл дорад.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба сифати сарчашмаи ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаи шаҳрвандӣ баромад менамояд.

Бори нахуст Қонуни конститутсионии мазкур аз 4 ноябри соли 1995, бо назардошти инкишофи муносибатҳо дар ин самт аз 8 августи соли 2015, № 1208 [6] Қонуни конститутсионии мазкур қабул дар таҳрири нав шуд. Минбаъд муносибатҳо оид ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Қонуни конститутсионии мазкур ба танзим

дароварда, асосҳо, принсипҳо, шартҳо ва тартиби соҳиб шудан ва қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар мекунад.

Ғайр аз ин навигарие, ки дар қонуни конститутсионии мазкур ба мушоҳида мерасид, ин аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба таври мутлақ муайян намудани мафҳумҳои шаҳрвандии ҶТ, шаҳрванди хориҷа, шахси бешаҳрванд, дušаҳрвандӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Қонуни конститутсионии мазкур 44 таркиби муносибатҳои ҳуқуқиро фаро гирифта, ба принсипҳои ҳуқуқии замони муосир ба таври пурра ҷавобгӯ буд.

Дар самти танзими ҳуқуқии падидаи шаҳрвандӣ санадҳои зерқонунӣ низ мавҷуданд, ки Низомнома дар бораи тартиби баррасии масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар оянда – Низомнома хонда шавад), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «12» апрели соли 2017, №868 тасдиқ шудааст, ба он мисол он шуда метавонад.

Ҳарчанд ки дар самти танзими ҳуқуқии институти шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии дигар, аз қабили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷкистон», санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон пазируфташуда ва дигар санадҳои ҳуқуқии зерқонунӣ мавҷуд бошанд ҳам, вале аҳамияти ҳуқуқии Низомномаи мазкур дар он ифода мегардад, ки он фарогири маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиест, ки механизми баамалбарории тартиби баррасии масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки чунин хислати дар Низомномаи мазкур ҷорибуда дар санадҳои ҳуқуқии болоӣ ба мушоҳида намерасанд.

Дар Низомнома аслан масъалаҳои зерин танзим шудаанд:

1) Қоидаҳои умумии барасмиятдарорӣ, пешниҳод ва қабули дархостҳо оид ба масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2) Барасмиятдарории дархостҳо оид ба қабул намудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3) Барасмиятдарории дархостҳо оид ба қабул намудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби содакардашуда.

4). Барасмиятдарории дархостҳо оид ба барқарор намудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5) Тартиби баррасии дархостҳо оид ба масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6) Тартиби қабул, иҷро ва бекор кардани қарорҳо оид ба масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

7) Тартиби муайян намудани мансубияти шахс ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Низомномаи мазкур тартиби барасмиятдарорӣ, пешниҳод, қабул ва баррасии дархостҳо оид ба масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳодҳо дар хусуси аз даст додани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабул, иҷро ва бекор кардани қарорҳо оид ба масъалаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муайян намудани мансубияти шахс ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар ва танзим менамояд. Доир ба такмили санади номбурда мо чунин пешниҳодҳо дорем:

1. Дар қисми 3-юми Низомнома чунин мукаррар шудааст: “Тибқи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон тартиби дигари соҳиб шудан ва қатъ гардидани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда метавонад.

Ҳол он ки дар қисми 2-юми Низомнома чунин таъкид шудааст: “масъалаҳо вобаста ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд - Қонуни конститутсионӣ), санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Низомномаи мазкур баррасӣ мегарданд”.

Ба андешаи мо, бояд қисми 3-юм аз Низомнома хориҷ карда шавад. Чунки дар қисми 2-юми таъкид шудааст, ки «масъалаҳои вобаста ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон

тибқи ... санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ... баррасӣ мегарданд». Дар асоси моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7] шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дониста шудаанд. Ба хотири ҳамин ҳам аз сабаби дар қисми 2-юм мавҷуд будани чунин муқаррарот, бояд аз қисми 3-юми он бо мазмуни томи мавҷудааш хориҷ карда шавад. Зеро бо плюрализми ҳуқуқӣ оварда расониданаш мумкин аст.

2. Дар ҷумлаи дуюми қисми 6-и Низомнома чунин омадааст: «Агар дар давлати иқомати доимии шахсе, ки изҳори хоҳиши бо дархост муроҷиат карданро намудааст, намояндагии дипломатӣ мавҷуд набошад, чунин дархостҳо дар наздиктарин намояндагии дипломатӣ барои баррасӣ қабул карда мешаванд». Нофаҳмӣ ин ҷо дар он ба мушоҳида мерасад, ки «дар наздиктарин намояндагии дипломатӣ» таъкид шуда, дуруст тавзеҳ дода нашудааст, ки «наздиктарин намояндагии дипломатӣ» дар дохили худи воҳиди марзию маъмурии ин ё он давлатро мефаҳмонад ва/ё берун аз онро (?).

3. Қисми 7-и Низомнома забони расмиёти дархостро мушаххас кардааст, ки дар асоси он: дархост бо забони давлатӣ, дар шакле ки ба асосҳои мушаххаси соҳиб шудан ё қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад, тартиб дода мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ дархостро бо забони англисӣ ва русӣ бо таъмини тарҷумаи он ба забони давлатӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

Ба андешаи мо, қобили дастгирӣ мебуд агар дар қисми 7-и Низомнома баъзе ҳолатҳои истисноие, ки расмиёти дархостро бо забони англисӣ ва русӣ талаб менамоянд, мушаххас нишон дода шаванд.

4. Дар ҷумлаи дуюми қисми 15 Низомнома чунин омадааст: «Ҳангоми пешниҳоди дархост аз ҷониби шахсе, ки бинобар норасоии ҷисмонӣ, руҳӣ, беморӣ, бесаводӣ ё бо сабабҳои дигар наметавонад шахсан дар дархост имзо гузорад, бо супориши ӯ дар ҳузураш ва дар ҳузури шахси мансабдоре, ки дархостро қабул мекунад, қайди «Имзогузорӣ ғайриимкон аст» гузошта мешавад».

Ба андешаи мо, мазмуни ҷумлаи мазкур баҳсангез мебошад. Зеро таъкид шуда истодааст, ки «аз ҷониби шахсе, ки бинобар норасоии ... руҳӣ ... дар дархост имзо гузорад, бо супориши он ... қайди **имзогузорӣ ғайриимкон аст**». Нафароне, ки гирифтори бемории руҳӣ мебошанд, аслан, кирдори худро тамоман дарк карда наметавонанд. Вақте ки чунин ҳолат маълум мебошад, чӣ тавр он шахсан супориш дода метавонад?

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, бояд қисми 15 дар Низомнома чунин таҳрир гардад: Ҳангоми пешниҳоди дархост аз ҷониби шахсе, ки бинобар норасоии ҷисмонӣ, руҳӣ, беморӣ, бесаводӣ ё бо сабабҳои дигар наметавонад шахсан дар дархост имзо гузорад, бо розигии намояндаи қонуниаш ва ё васоят парасторе, ки сарбони он аст, дар ҳузураш ва дар ҳузури шахси мансабдоре, ки дархостро қабул мекунад, қайди «Имзогузорӣ ғайриимкон аст» гузошта мешавад.

5. Дар банди “в” қисми 22 Низомнома чунин омадааст: «розигии хаттӣ ва тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи падар ё модар - дар ҳолатҳое, ки Қонуни конститутсионӣ пешбинӣ намудааст». Нуқтаи баҳсбарангез ин ҷо он аст, ки дар Қонуни конститутсионӣ чунин нишондоди меъёрӣ – ҳуқуқӣ ба мушоҳида намерасад.

Дар баробари ҳолатҳои дар боло зикрёфта пешниҳод менамоем, ки дар Низомномаи мазкур ба масъалаи шаҳрвандии нафароне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо паногоҳи сиёсӣ додан мехоҳад, муқаррарот ва механизми ҳуқуқии онро муайян намояд.

Дар асоси таҳлилҳои боло метавон чунин хулоса баровард:

1. Шаҳрвандӣ робитаи мутаносиби давлат бо шаҳрванд мебошад, ки онро қонунгузорӣ муқаррар менамояд. Аз ин рӯ, онҳо барандаи баробари ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулиятанд.

2. Вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандони хориҷӣ ва бешаҳрвандон фарқият дорад, ки ин ба пешгирӣ намудани ҳар гуна зуҳуроти номатлуб мусоидат мекунад. Ба хотири ин давлат дар муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии

шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, манфиати шаҳрвандони худро воло донистааст.

Ҳамин тавр, таклифҳои пешниҳодшуда ҳеҷ гоҳ мавқеи нодуруст доштани сиёсати ҳуқуқии пешгирифтаи ҳокимияти қонунгузорро дар робита ба муносибати шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намефаҳмонад, балки онҳо аз ҷиҳати илмӣ таҳлил шуда, ақидаи шахсии муаллифро мефаҳмонанд, ки ба рушди минбаъдаи институти шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд.

### АДАБИЁТ


1. Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. -1981. -№ 16. Моддаи 145
2. Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. -1981. -№ 24. Моддаи 223
3. Протоколи Маҷлиси Президиуми Советии Олии РСС Тоҷикистон. 1981. № 17. Банди 5
4. Ежова М.Ю. Гражданство и формирование гражданской идентичности в Постсоветской России и Таджикистане (сравнительный политико-правовой анализ): Диссертация на соискание ученой степени доктора политических наук. Специальность 23.00.02 / М. Ю. Ежова. – Политические институты, процессы и технологии. -Москва, 2019. -С. 29.
5. Имомов А. Нақши Конститутсия дар бунёди давлатдории миллии тоҷикон / А. Имомов. – Душанбе, 2011. -С-279.
6. Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8.08.2015, № 1208.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 606.
8. Маҷмуаи Конститутсияҳои Тоҷикистон. Муҳаррири масъул Гадоев Б. С. – Душанбе, 2016. -С. 32-93
9. Протоколи Маҷлиси Президиуми Советии Олии РСС Тоҷикистон. -1981. -№ 17. Банди 5.
10. Соглашение о создании Содружества Независимых Государств (г. Минск, 8 декабря 1991 года) [Электронный ресурс]. https://cis.minsk.by/page/176 (дата обращения: 8.01.2022)
11. Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қарори Шурои Олии ҶТ аз 9.09.1991 № 391 / Ведомостҳои Совети Олии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон. -1990. - № 15. -Мод.236.


### ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ШАҲРВАНДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи илмии мазкур муаллиф роҷеъ ба ташаккули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикстон дар бораи шаҳрвандӣ, маълумот додааст. Дар мақола сараввал масъалаҳои назариявие, ки имрӯз дар илми ҳуқуқшиносӣ ба институти шаҳрвандӣ марбутанд омӯхта шуда, оиди баъзе масоили илмӣ сухан ронда шудааст.Доктиринаҳои ҳуқуқӣ аз он дарак медиҳанд, ки шаҳрвандӣ ҳамчун институт маротибаи аввал дар илми ҳуқуқшиносӣ ба вуҷуд омада, бо маънои имрӯзаи соҳиб будаи худ робитаи устувори давлат ва шахсро мефаҳмонад. Вале таълимотҳои мактабҳои ҳуқуқии дигар онро қабул накарда, мавқеи дигарро пешбинӣ мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳарчанд ки дар танзими ҳуқуқии институти шаҳрвандӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мавҷуд бошанд ҳам, вале низомномае, ки мазмуни таҳқиқоти мақолаи илмии мазкурро дар бар мегирад, ба таври васеъ масъалаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти ҳуқуқиро пешбинӣ намудааст. Аз ин рӯ муаллиф баъзе таклифҳои худро оиди такмили механизмҳои ҳуқуқии он пешниҳод намудааст. Таклифҳои пешниҳодшуда ҳеҷ гоҳ мавқеи нодуруст доштани сиёсати ҳуқуқии пешгирифтаи ҳокимияти қонунгузорро дар робита ба муносибати шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намефаҳмонад, балки онҳо аз ҷиҳати илмӣ таҳлил шуда, ақидаи шахсии муаллифро мефаҳмонанд, ки ба рушди минбаъдаи институти шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд.



**Калидвожаҳо:** Шаҳрвандӣ, инсон, Конститутсия, низомнома, Қонуни конститутсионӣ, робитаи давлат ва шахс, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулӣ.


### РАЗВИТИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ГРАЖДАНСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В статье сначала рассматриваются теоретические вопросы, связанные с гражданским институтом в сфере права на сегодняшний день, а также обсуждаются некоторые научные вопросы. Правовые доктрины показывают, что гражданин как институт впервые появился в юридической науке и в его нынешнем понимании объясняет тесную связь между государством и личностью. Однако учения других юридических школ не принимают его и предусматривают иную позицию. По этой причине сегодня правоведы пришли к выводу о необходимости разграничения категорий Человек и Гражданин.В Республике Таджикистан, хотя и существуют положения в области правового регулирования гражданских институтов, Положение, в которое включается содержание исследования данной научной статьи, содержит широкий спектр правовых положений о гражданстве Республики Таджикистан. Поэтому автор вносит некоторые предложения по совершенствованию его правовых механизмов в работе. Предлагаемые предложения никогда не объяснят неверную позицию правовой политики законодательной власти в отношении гражданства в Республике Таджикистан, но будут подвергнуты научному анализу и разъяснению личного мнения автора, направленного на дальнейшее развитие института гражданства. в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова.** Гражданство, человек, Конституция, Нормативные документы, Конституционный закон, отношения между государством и личностью, дипломатические и консульские представительства.

## DEVELOPMENT OF THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON CITIZENSHIP OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article first deals with theoretical issues related to the civil institution in the field of law today, and also discusses some scientific issues. Legal doctrines show that the citizen as an institution first appeared in legal science and, in its current understanding, explains the close relationship between the state and the individual. However, the teachings of other law schools do not accept it and provide a different position. For this reason, today jurists have come to the conclusion that it is necessary to distinguish between the categories Man and Citizen. In the Republic of Tajikistan, although there are provisions in the field of legal regulation of civil institutions, the Regulation, which contains the content of the study of this scientific article, contains a wide range of legal provisions on citizenship of the Republic of Tajikistan. Therefore, the author makes some suggestions for improving its legal mechanisms in the work. The proposed proposals will never explain the wrong position of the legal policy of the legislature in relation to citizenship in the Republic of Tajikistan, but will be subjected to scientific analysis and clarification of the author's personal opinion, aimed at further developing the institution of citizenship. in the Republic of Tajikistan.

**Keywords.** Citizenship; Human; Constitution; Regulations; constitutional law; relations between the state and the individual; diplomatic and consular missions

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Латипов Суннатулло Убайдуллоевич –*** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд; маҳаллаи 17. бинои 1.

**Сведения об авторе:** ***Латипов Суннатулло Убайдуллоевич*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, 17 Микрорайон, дом1.

**Information about the author:** ***Latipov Sunnatullo Ubaydulloevich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, applicant for the Department of Economic Theory. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 17 Microdistrict, building 1.

УДК: 930.1(575.3)

# НИГОҲЕ БА ВАЗЪИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ИНСОН ДАР ТАЪРИХИ ҚАДИМАИ ТОҶИКОН

*Қурбонов Ҷ.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз он ҷо, ки таърихи қадимаи халқи тоҷик ғановати фарҳангӣ ва тамаддуни бесобиқа дорад, низоми ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва динии онҳо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи пажуҳишгарони ҷаҳонӣ будааст. Аз ҷумла, таърихи ҳуқуқ дар Эрони бостонро олимоне, назири А.Г. Периханян [9], А.К. Рзаев [11], Ф.Т. Тоҳиров [14], Ю. Яқубов [17], А.Ғ. Холиқзода [15; 16] мавриди таҳқиқоти гуногун қарор додаанд. «Натиҷаи фаъолияти ин ҳуқуқшиносон буд, ки дар ниҳояти кор ҳуқуқи зардуштия ҳамчун низоми мустақили ҳуқуқӣ на танҳо дар фазои ҳуқуқии бостон, инчунин дар байни оилаҳои ҳуқуқии ҷаҳон муаррифӣ шудааст» [3,с.31]. Албатта, қобили тазаккур аст, ки ин дастовард, пеш аз ҳама, ба фаъолияти А.Ғ. Холиқзода марбут аст, зеро маҳз рисолаи доктории профессор дар мавзуи «Низоми ҳуқуқии зардуштӣ», ки соли 2004 дар Академияи илмҳои Маскав бомуваффақият дифоъ шудааст, ҳуқуқшиносии тоҷикро ба чунин натиҷа оварда расонидааст.

Албатта, бояд зикр кунем, ки дар ин рисолаи А.Ғ. Холиқзода меъёрҳои ҳуқуқи давлатӣ, шаҳрвандӣ, об, экологӣ ва ҷиноятии Авасто мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд ва ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ба ҷуз аз ҳуқуқи оилавӣ сарфи назар шудаанд. Бо ин ҳама, яке аз натиҷагирҳои рисолаи мазкур ин аст, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ «муассисаҳои ақди никоҳ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар, фарзандхонӣ, тарбияи кӯдак, имтиёзҳои зани ҳомиладор, ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва кӯдакони таваллуднашуда, маҳдуд кардани ҳуқуқ ва ваколатҳои зану шавҳар бо мақсади ҳифзи оила ва ғайра ба дараҷаи хеле баланд ба тартиб андохта шудаанд» [16,с.384].

Ин натиҷагирӣ, ки аз назари мо, бештар маҳз ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии инсон марбут ҳастанд, метавонад нуқтаи оғози пажуҳиши алоҳида дар мавриди ҷойгоҳи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ пазируфта шавад.

Зикри ин нуктаро, ки дар давлатҳои пеш аз исломии эрониён вазъи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии мардум беҳтар аз давраҳои баъдиисломӣ будааст, метавон аз назарҳо ва дидгоҳҳои мутафаккирон ва донишмандони асрҳои миёна, ки бо ҳисси ифтихор, эҳтиром ва бузургдошт аз сабку салиқаи давлатдории подшоҳони пешин ёд кардаанд, пай бурд. Масалан, Муҳаммад Ғаззолӣ, яке аз донишмандони бонуфузи исломӣ, ки муътақид ба иҷрои бечунучарои тамоми аҳкоми Қуръону суннат буд, менависад: «Баҳроми Гӯр рӯзгори хеш ба ду ним кардӣ: як ними рӯз кори мардум гузоридӣ ва як ними рӯз биосудӣ ва андар ҳама подшоҳии ӯ касе рӯзи тамом кор накардӣ» [2,с.26]. Яъне аз як тараф, Ғаззолӣ аз ҷониби ҳукуматҳо таъмин намудани ҳуқуқи инсонҳо ба истироҳатро зарурӣ донад, аз тарафи дигар вуҷуди чунин ҳуқуқ ва чунин низоми иҷтимоиро дар давраи пеш аз ислом таъйид кардааст. Ҳамин тавр, нақлу ҳикоёти бешуморе, ки аз ҷониби адибон, муаррихон ва донишмандони асрҳои миёна дар мавриди таъмин, риоят, ҳимоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар давраҳои ҳукумати эрониёни пешазисломӣ шудаанд, бо вуҷуди аз нигоҳи таърихӣ муътамад набудан ва камтар ҷанбаи воқеӣ доштанашон як нуктаро сароҳатан равшан месозад: ҳукуматҳои давраи пешазисломӣ меъёрҳои рафтории собит ва амалкунандаи ҳуқуқӣ доштаанд.

Маълум аст, ки дар суннати динии эрониён дар давраи пеш аз ислом, қонунҳои динӣ ҳамчун қоидаҳои назоратӣ ва иҷборӣ барои маҷмуи вазифаҳои динӣ дар ду соҳа – дин ва ҳуқуқ буд. Албатта, ин хусусият пайдоиши онро ба фиқҳи исломӣ наздик мекунад. Омӯзиши матнҳои то замони мо расида нишон медиҳанд, ки масъалаи фаризаҳои динӣ дар дини зардуштӣ дар шакли як илми ҷудогона аз улуми динӣ пешрафт карда, ҳатто бар асоси ихтилоф дар фаҳмиши яштҳо ва ё ба ақидаи дар доираи он ба тафсири исломӣ самтҳои махсуси динии фиқҳӣ ташаккул ёфтаанд [16,с.21].

Маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки маҷмуаҳои ҳуқуқие, ки аз замони Сосониён боқӣ мондаанд, хусусияти динӣ дошта, дар амал назари қозӣ ё фатвои махсусро бар асоси

дидгоҳҳои динии онҳо инъикос мекунанд. Барҷастатарин матни ҳуқуқӣ, яъне «Модигони ҳазор додистон»* (яъне маҷмуаи ҳазор ҳукм), ки аз ҷониби Фаррухмарди Баҳромон навишта шудааст, мавзуъҳои мухталифи ҳуқуқи шаҳрвандӣ, аз қабили издивоҷ, мерос, васият, молу мулк, вақф (яъне, хайрия ё васиятномаи молу мулк барои кори хайрия), иҷора, гарав, ҳимоятгарӣ ва шарикӣ, инчунин баъзе масъалаҳои ҷиноиро фаро гирифтааст. Ин матн, ки баъзан ба унвони кодекси шаҳрвандӣ (ё иҷтимоии) Эрони Сосонӣ низ ёд мешавад, ба назар мерасад, қонунгузории расмӣ набуда, балки яке аз матнҳои қонуни динӣ будааст [7,с.111].

Аз ҷумлаи муҳтавои сарчашмаҳои ҳуқуқи авастоӣ, ки метавонанд ин ё он андоза ба ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ марбут бошанд, андешаҳо дар бораи интихоби касб (ҳуқуқ ба интихоби соҳаи фаъолият), меҳнат (ҳуқуқ ба меҳнат), ҳимояи занон, занони ҳомила, кӯдакон (ҳуқуқ ба нигоҳубини кӯдак), манзили истиқоматӣ (ҳуқуқ ба манзил), ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ (ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ) муҳити солими зист (ҳуқуқ ба муҳити солими атроф) ҳастанд. Масалан, дар қисматҳои 41-43, бахши ҳафтум, фаргарди 7-уми «Вандидод» омадааст: «Пизишк бояд мубадро дар баробари офарину омурзишхоҳии вай, хонахудоро ба арзиши варзови (барзагов – шарҳи Қ.Ҷ.) камбаҳое, деҳхудоро ба арзиши варзови миёнабаҳое, шаҳрбонро ба арзиши варзови пурбаҳое ва шаҳриёрро ба арзиши гардунае чаҳораспа (навъе аз ароба, ки барои кашидани борҳои вазнин истифода мешавад – Қ.Ҷ.) дармон кунад» [3,с.432].

Чунон ки мебинем, дар ин порча музди меҳнати пизишк барои пешниҳоди хидмати ӯ пешбинӣ шудааст. Аммо баръакси низоми имрӯзии ҳуқуқ ба музди меҳнати сазовор, низоми ҳуқуқии зардуштӣ меҳнати пизишкро на бар асоси андоза ва ҳаҷми хидматрасониҳои ӯ, балки бар асоси ба кӣ пешниҳод кардани ин хидматрасониҳо андоза мекунад ва бар ҳамин асос ҳукм менамояд, ки агар бемори пизишк мубад бошад, пизишк набояд музди молии меҳнаташро талаб кунад, балки офарину омурзишхоҳии мубад барои пизишк (дуо) ҳамчун музди меҳнат муқаррар шудааст, аммо агар бемори шифоёфта хонахудо (саробони оила) бошад, музди меҳнати табиб ба андозаи барзагови (варзоваи) камбаҳо муқаррар мешавад. Монанди ҳамин, агар бемор деҳхудо (раиси деҳа) бошад, музди меҳнати пизишк «варзоваи миёнабаҳо», агар бемор шаҳрбон (раиси шаҳр) бошад, музди меҳнати пизишк «варзови пурбаҳо» таъин карда шудааст, аммо агар бемор подшоҳ бошад, бар ивази хидмати табиб бояд арзиши аробаи бузурге, ки чаҳор асп тавони кашонидани онро доранд, пардохта шавад. Ҳамин тавр, ин низоми ҳисоби музди меҳнат дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ фақат ба кори пизишк дахл надошта, қимати баъзе аз дигар хидматрасониҳои иҷтимоӣ ҳам ба ҳамин роҳ муайян карда шудаанд.

Ҳамчунон ки дар боло ишора рафт, дар ин низоми ҳуқуқӣ ба ҳифзу ҳимояи иҷтимоии занони ҳомила ва кӯдакон аҳаммияти бориз дода шудааст. Масалан, дар фаргарди 15-уми «Вандидод» омадааст, ки «агар мард бо духтаре дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хона бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на – ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, бояд то ҳангоме, ки кӯдак зода шавад, аз он зан нигаҳдорӣ кунад» [3,с.434].

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки дар тафовут аз низоми ҳуқуқии динҳои сершумор, дини зардуштӣ новобаста аз муносибати ҳуқуқӣ ва иҷтимоии зану мард, яъне ташкили оила кардан ё накардани онҳо, дар сурати ҳомиладорӣ мардро муваззаф мекунад, ки то таваллуди кӯдак занро нигоҳубин кунад. Гузашта аз ин, дар ҳамин фаргарди «Вандидод» омадааст, ки «агар мард бо духтаре дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хона бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на – ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум меваи зиндагиро, ки дар заҳдони хеш дорад, нобуд кунад» [3,с.434].

Ҳамин тавр, ин фармудаи динӣ агар, аз як тараф, ҳуқуқи кӯдаки таваллуднашударо ба ҳаёт ҳифз кунад, аз тарафи дигар, ҳуқуқи модарро ба нигоҳубини кӯдак эътироф

* Дар мавриди навишти калимаи «Мотикон», ки дар луғатномаҳои забони форсӣ решаи онро калимаи «модда» ё «мотик» донистаанд, се навъи навишт – «мотикон», «модигон» ва «модиён» маъруф аст. Ниг.: https://abadis.ir/fatofa/ماتکان/

намуда, ӯро аз исқоти ҷанин манъ кардааст. Дида мешавад, ки дини зардуштӣ бо ин фармуда кӯшидааст, ки занҳои таваллуди ғайриқонунӣ доштаро аз як тараф, аз ҳуҷуми ҷомеа ва мардум ҳимоя намояд, аз тарафи дигар, нигоҳубини зани ҳомиларо вазифаи падари кӯдак муқаррар карда, бо ин роҳ ҳифзи иҷтимоии занони ҳомиларо кафолат додааст.

Дигар аз муқарраротӣ ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар «Вандидод» зикр шудааст, ҳуқуқ ба ташкили оила ва ҳуқуқ ба моликият аст. Дар банди 47-уми фасли чаҳоруми Вандидод омадааст, ки «ҳаройина марди зандор бар марди безан ва марди фарзанддор бар бефарзанд ва марди молдор бар бенаво бартар аст» [3,с.70]. Дар ин ҷо, дини зардуштӣ инсонро ба ташкили оила ва тарбияи фарзанд, ҳамчунин ба доштани молу дороӣ ташвиқ намудааст.

Муҳаққиқ И.Ҳ. Бобоҷонзода аз ҳуқуқи занон дар даврони зардуштия ба меросбарӣ аз шавҳарони худ сухан ронда, менависад, ки «вобаста ба он ки зан дар кадом намуди никоҳ қарор дорад, метавонист аз ҳуқуқи мерос бурдан аз шавҳари худ маҳрум бошад. Аз панҷ навъи никоҳе, ки дар замони зардуштӣ мавҷуд буд (подшоҳзан, иканзан, чокарзан, сатурзан ва худсарзан) танҳо заноне, ки дар никоҳи подшоҳзан ва иканзан қарор доштанд, ҳуқуқ ба мероси шавҳарро доро буданд» [1,с.204].

Дар мавриди ҳуқуқ ба муҳити солими атроф метавон ин андешаи А.Ғ. Холиқзодаро тазаккур дод, ки мегӯяд: «Мушкилоти ҳифзи муҳити зист ва нигоҳубини оламИ ҳайвонот дар ҳуқуқи зардуштӣ чунон возеҳ таҳия шудааст, ки метавон гуфт, ҳуқуқи зардуштӣ як оилаи ҳуқуқӣ бар дине асос ёфтааст, ки ҳифзи муҳити зистро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа медонад» [16,с.11].

Ҳуқуқ ба таҳсил аз навъи дигари ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ аст, ки таваҷҷуҳи низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба он чашмгир аст. Масалан, мо дар Авасто мехонем: «Агар туро фарзанди хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифирист, зеро ки дабистон фурӯғи дониш, чашми равшан ва биност». Чунин баёни матлаб дар омӯзаҳои зардуштӣ фаровон буда, то чӣ андоза рушду инкишоф ёфтани ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқии онро сароҳатан равшан месозанд.

Дар фасли чоруми Вандидод дар банди 44 омадааст, ки «ҳар гоҳ ду тан – хоҳ ҳамдин, хоҳ бародар, хоҳ дӯст бо якдигар паймоне бибанданд, то яке... донишеро аз вай биомӯзад... ва он кас, ки хостори дониши динӣ аст, бояд Мантраи варҷовандро (Яке аз дуоҳои асосии зардуштӣ – Қ.Ч.) бад-ӯ биомӯзонад» [3,с.436].

Ҳамин тавр, сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ баёнгари онанд, ки ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар баробари дигар ҳуқуқҳо дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ ба таври низомнок, вале на ҳамчун қонуни ҳуқуқӣ, балки фармудаҳои динӣ дарҷ ёфтаанд. Аммо ин ки дар тӯли таърихи бостонии тоҷикон дар зиндагии воқеӣ мардум аз кадом ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ бархӯрдор буданд, метавон аз сарчашмаҳои таърихӣ иттилоъ пайдо кард.

Таърихи ҳуқуқэҷодкунии мардуми тоҷик, ҳамчунон ки як гурӯҳи муҳаққиқони ватанӣ тазаккур медиҳанд, "дар қаринаи арзишҳои иҷтимоиву умумиинсонӣ шакл мегирад" [10,с.24]. Низоми синфӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ яке аз вижагиҳои эътирофшудаи давлатҳои қадимаи тоҷикон аст [5,с.214-215]. Ва ин вижагӣ дар табақаҳои мухталифи ин ҷомеа ончунон реша гирифтааст, ки ба гуфтаи Ҳеродот, вақте ду эронӣ дар хиёбоне вохӯрданд, метавон аз рӯи салому алейкашон ба равобити синфии онҳо баҳо дод. Албатта, интизор шудан мумкин нест, ки тартибу низом ба ташаккули қонунгузорӣ таъсир нарасонад ва он бидуни ба назар гирифтани тафовути синфӣ ба вуҷуд ояд. Аммо аз ҷониби дигар, наметавон сатҳи нуфузи низоми синфӣ дар Эрони қадимро нодида гирифт. Принсипҳои адолат дар замони Дориюши аввал, ки тибқи он қонун тавонмандро аз поймол кардани ҳуқуқи нотавон нигоҳ медорад, худ аз худ гувоҳӣ медиҳад, ки дар қонунгузории Ҳахоманишиҳо баррасии шикояти табақаҳои поёнии ҷомеа низ аз ҷониби қонунгузор пешбинӣ шуда буд. Барои тавзеҳи ин ҳукм бояд ёдовар шуд, ки тибқи шаҳодати муаррихони юнонӣ, баъзе аз пешаҳо, аз ҷумлаи касбҳои муътабар, кишоварзӣ ва ҳарбӣ аз таваҷҷуҳи хоси шоҳони Эрон бархӯрдор будааст [6].

Дар давлати Ҳахоманишиҳо барои рушди иқтисод ва фарҳанг асосан шароити осоишта фароҳам оварда мешуд, худсарии ваҳшиёна вуҷуд надошт, ҳокимони Ҳахоманишиҳо одатан кӯшиш мекарданд, ки дар ҳудуди тамоми мустамлика меъёрҳои муайяни қонунгузориро муқаррар кунанд, шароити маҳаллиро ба назар мегирифтанд, қонунҳоро эҳтиром мекарданд. Расму оинҳои мардумони гуногун мавриди эҳтироми давлат қарор доштанд, идораи онҳо асосан ба дӯши маъмурияти маҳаллӣ ва аз ин рӯ, руҳоният вогузор карда мешуд. Аммо ин ҳама бо шартҳои мушаххас риоя мешуданд: итоат ба мақомоти Ҳахоманишӣ ва пардохти андоз, ки ҳарчанд вазнин буд, вале ба таври дақиқ ва қонунан муқарраршуда ситонида мешуд [9,с.83-94]. Чунон ки муҳаққиқ Ҷ. Саъдизода тазаккур медиҳад, "маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ Куруши Кабир ҳуқуқи тамоми халқиятҳоро ба озодии виҷдон, мусофират, интихоби ҷойи зист ва монанди инҳо эълом мекунад" [12,с.24].

Бори аввал дар чунин қаламрави васеъ ҷорӣ шудани асосҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва давлатӣ, ки аз доираи қонунҳои қабилаӣ ё ҳуқуқи урфу одати қабилаҳои ориёӣ хеле берун рафтааст, низ ба мустаҳкам шудани давлат мусоидат кард. Маълум аст, ки андозу боҷҳои муқарраркардаи подшоҳони Ҳахоманишиҳо, ки махсусан дар охири давраи Ҳахоманишиҳо зиёд мешуд, барои мардуми меҳнаткаши кишварҳои мустамлика бори вазнин буд, дар баробари ин истисмори мардуми меҳнаткаш аз ҷониби ашрофони маҳаллӣ низ пурзӯр мегардид. Аммо, тартиботи ҳуқуқӣ, андозҳои қатъии муқарраршуда, муомилоти ягонаи пулӣ, инкишофи нақлиёт ва алоқа – ҳамаи ин ба афзоиши тавонои қувваҳои истеҳсолкунанда, рушди маданият, савдо, табодули арзишҳои моддӣ ва маънавии байни халқҳои мухталифе, ки дар ҳайати ин империя буданд, мусоидат мекард [4,с.5-38].

Хусусияти фарққунандаи сиёсати Дориюш сиёсати фаъолона эълоншудаи қонуният буд, ки ба тобеоне, ки «қонун»-и дар давлат муқарраркардаи Дориюшро риоя мекунанд, ваъдаи ҳимоя медиҳад ва баръакс, ба онҳое, ки ин «қонун»-ро риоя намекунанд, ҷазо пешбинӣ мекунад. Дар як қатор катибаҳои Дориюши 1 омадааст, ки ӯ на ба ашроф ва на ба авом зараре нарасонидааст, «қонун»-и ӯ ин аст, ки ашроф бар авом зулм намекунад, авом аз дасти ашроф азоб намекашад ва ашроф аз авоми одӣ. Ҳарчанд то андозае чунин изҳорот танҳо баёния буданд, аммо дар маҷмуъ, дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ сиёсати Дориюши I воқеан барои нигоҳ доштани мувозинати иҷтимоӣ равона шуда буд [13,с.12-35].

Афлотун дар китоби «Қонун» ба нақли қавли як донишманди афинагӣ ба нақши Дориюш дар бунёди қонунгузории Эрон ишора кардааст, ки "ин қонун баробарии иҷтимоиро ба унвони принсипи бунёдӣ пазируфтааст" [6].

Ин сиёсати иҷтимоии Дориюш, пеш аз ҳама, ба ҷомеаи форсӣ марбут буда, ба ҳифзи манофеъ ва аҳаммияти мардуми озоди форс, ки такягоҳи асосии ҳарбӣ ва иҷтимоии Ҳахоманишиҳоро ташкил медод, равона шуда буд. Дар катибаҳои Дориюши I ба ворисонаш дастуре ҳаст, ки агар нахоҳанд аз душманон битарсанд, бояд «ин мардуми форс»-ро ҳифз кунанд.

Дар тамоми давлатҳои пешазисломии эронӣ мақоми иҷтимоии руҳониёни дин, деҳқонон, хидматчиёни ҳарбӣ ва дертар ҳунарварону тоҷирон баланд буд, махсусан, руҳониён, ходимони давлатӣ ва ҳарбиву низомӣ ҳамеша аз дастгириҳои иҷтимоии давлат бархӯрдор буданд, таъминоти иҷтимоии онҳо бар уҳдаи давлат гузошта шуда буд.

Метавон хулоса кард, ки ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аз ҷойгоҳ ва мавқеи хоссае бархӯрдор буда, ҷанбаҳои алоҳидаи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаҳои он давра, ба монанди таъминоти иҷтимоии оила ва занону кӯдакон, фаъолияти меҳнатӣ, музди меҳнат, таҳсил ва ғайраро танзим мекардааст.

Гузашта аз ин, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аввалин заминаҳои ҳуқуқии таъминоти иҷтимоии баъзе аз қишрҳои аз назари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ осебпазири ҷомеа, ба монанди занони ҳомила, заноне, ки таваллуд кардаанд, кӯдаконе, ки берун аз никоҳи падару модар таваллуд шудаанд, ба таври мушаххас фароҳам оварда шудааст. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки дини зардуштӣ бар асоси қонунмандиҳои мушаххаси ҳаёт, таҷрибаи бевоситаи

зиндагии мардум фармудаҳои меъёриву ахлоқии худро ташаккул дода, пеш аз ҳама, барои фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ нигаронида шудааст.

**Муқарриз: Азиззода У.А. – д.и.ҳ., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Бобоҷонзода, И.Ҳ. Ҳуқуқи моликии занон дар замони зардуштия / И.Ҳ. Бобоҷонзода // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2018. - № 6 — С. 204.
2. Ғазолӣ, Имом Муҳаммад. Насиҳат-ул-мулук / Таҳия ва тавзеҳи Нарзуллоҳи Назар. -Душанбе, 1993. -144 с.
3. Ганҷинаи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Китоби 1. Ҳуқуқ дар аҳди бостон [Матн] / Муҳаррири масъул ва мураттиб: А. Холиқзода. -Душанбе: Эр-граф, 2016. – 488 с.
4. Гафуров, Б.Г. К 2500-летию Иранского государства / Б.Г. Гафуров // История Иранского государства и культуры. (К 2500-летию Иранского государства, отв.ред: Б.Г. Гафуров). - М.: ГРВЛ, 1971. - 352 с.– С. 5-38.
5. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
6. Закон и правосудие в Древнем Иране [Электронный ресурс]. URL: https://makarem.ir/main.aspx?reader=1&lid=0&mid=73480&catid=6566&pid=72574 (дата обращения: 21.12.2022).
7. Коко, Афшори Алӣ. Модигони ҳазор додистон ё Китоби ҳазор рой (1-20) //«Қонуни вукало» //Ганҷвожагони адабӣ ва ҳуқуқӣ / Теҳрон: Чисто, меҳрмоҳи 1386. - № 196-197. – С. 90-112.
8. Периханян, А.Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды / Отв. ред: И.М. Дьяконов. – М.: Наука, 1983. – 386 с.
9. Пьянков И.В. Образование державы Ахеменидов по данным античных источников / И.В. Пьянков // История Иранского государства и культуры. (К 2500-летию Иранского государства). - М.: ГРВЛ, 1971. - 352 с.
10. Рахмон Д.С. Права человека. От культурного различия к диалогу цивилизаций: монография / Д.С. Рахмон, Дж. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода [Текст]. – Душанбе: Тайарон, 2018. - 176 с.
11. Рзаев, А.К. Этюды из истории политико-правовых учений. – Баку: Азернешр, 1986. – 176 с. – С. 20-42.
12. Саъдизода Дж. Формирование культуры прав человека в условиях становления правового государства в Таджикистане: монография / Дж. Саъдизода [Текст]. – Душанбе: Нушбод, 2022. – 230 с.
13. Струве, В.В. Геродот и политические течения в Персии эпохи Дария I // Вестник древней истории. – М., 1948. – № 3. – С. 12-35.
14. Тахиров, Ф.Т., Халиков, А.Г. Декларация Великого Кира, как исторический источник о правах и свободах человека / Ф.Т. Тахиров, А.Г. Халиков // Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации: сб. ст. - Душанбе, 2002. - С. 113-126.
15. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма / А.Г. Холиков. – Душанбе, 2005. - 482 с.
16. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: дисс... д-ра юрид. наук: 12.00.01: / А.Г. Халиков. -Душанбе, 2004. – 421 с.
17. Якубов Ю. Брачные обычаи таджиков в Согде / Ю. Якубов. - Душанбе: Сурушан, 2002. – 44 с.


## НИГОҲЕ БА ВАЗЪИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ИНСОН ДАР ТАЪРИХИ ҚАДИМАИ ТОҶИКОН


Дар мақола ҷойгоҳи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф андешаҳои ахлоқиву меъёрӣ дар бораи интихоби касб (ҳуқуқ ба интихоби соҳаи фаъолият), меҳнат (ҳуқуқ ба меҳнат), ҳимояи занон, занони ҳомила, кӯдакон (ҳуқуқи ҳифзи оила, таъминоти иҷтимоӣ), манзили истиқоматӣ (ҳуқуқ ба манзил), ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ (ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ) муҳити солими зист (ҳуқуқ ба муҳити солими атроф)-ро, ки дар сарчашмаҳои динии авастоӣ сабт шудаанд, ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ таҳлил кардааст. Натиҷаи ин пажуҳиш нишон медиҳад, ки дар сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштӣ ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар баробари дигар ҳуқуқҳо ба таври низомнок, вале на ҳамчун қонуни ҳуқуқӣ, балки фармудаҳои динӣ дарҷ ёфтаанд. Ҳамчунин муаллиф ба вазъи таърихии ҳуқуқҳои мазкур дар давлатҳои Ҳахоманишиёну Сосониён ишора намуда, қайд менамояд, ки дар тамоми давлатҳои пешазисломии эронӣ, мақоми иҷтимоии руҳониёни дин, деҳқонон, хидматчиёни ҳарбӣ ва дертар ҳунарварону тоҷирон баланд буд, махсусан, руҳониён, ходимони давлатӣ ва ҳарбиву низомӣ ҳамеша аз дастгириҳои иҷтимоии давлат бархӯрдор буданд, таъминоти иҷтимоии онҳо бар уҳдаи давлат гузошта шуда буд. Муаллиф чунин хулоса мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ аз ҷойгоҳ ва мавқеи хоссае бархӯрдор буда, ҷанбаҳои алоҳидаи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаҳои он давра, ба монанди таъминоти иҷтимоии оила ва занону кӯдакон, фаъолияти меҳнатӣ, музди меҳнат, таҳсил ва ғайраро танзим мекардааст.



**Калидвожаҳо:** ҳуқуқ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, низоми ҳуқуқии зардуштӣ, Авасто, Вандидод, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба муҳити солими атроф, ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ, ҳуқуқи занон, муносибатҳои иҷтимоӣ.

## ВЗГЛЯД НА ПОЛОЖЕНИЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА В ДРЕВНЕЙ ИСТОРИИ ТАДЖИКОВ

В статье рассматривается система социально-экономических прав в источниках зороастрийского права. Такие морально-нормативные мыслы о выборе профессии (право на выборе сферы деятельности), труде (право на труд), защите женщин, беременных женщин, детей (право на защиту семьи, социальное обеспечение), жилище (право на жилище), здравоохранении и медицинском обслуживании (право на охрану здоровья и медицинскую помощь), здоровой окружающей среде (право на здоровую окружающую среду), которые зафиксированы в религиозных источниках зороастризма, анализируются как правовые нормы социально-экономических прав и свобод. Результат данного исследования показывает, что в зороастрийских правовых источниках социально-экономические права человека наряду с другими правами систематически включаются, но не как юридические нормы, а как религиозные заповеди.Также автор обращается к историческому положению этих прав в ахеменидском и сасанидском государствах и отмечает, что во всех доисламских иранских государствах социальная обеспеченность духовенства, земледельцев, военнослужащих, а позднее художников и купцов была высокой. В частности, духовенство, государственные служащие и военнослужащие всегда пользовались социальной поддержкой государства, их социальная поддержка возлагалась на государство.Автор приходит к выводу, что социально-экономические права и свободы занимают особое место и положение в зороастрийской правовой системе, регулирующей отдельные аспекты социально-экономической жизни обществ того периода, такие как социальная поддержка семьи, женщин и детей, трудовая деятельность, заработная плата, образование и т.д.

**Ключевые слова:** закон, социально-экономические права и свободы, зороастрийская правовая система, Авеста, Вандидод, право на социальное обеспечение, право на благоприятную окружающую среду, право на медицинское обслуживание, права женщин, общественные отношения.

## A LOOK AT THE SITUATION OF SOCIO-ECONOMIC RIGHTS AND HUMAN FREEDOM IN THE ANCIENT HISTORY OF TAJIKS

The article deals with the system of socio-economic rights in the sources of Zoroastrian law. Such moral and normative thoughts about the choice of a profession (the right to choose a field of activity), labor (the right to work), the protection of women, pregnant women, children (the right to protect the family, social security), housing (the right to housing), health care and medical care (the right to health care and medical care), a healthy environment (the right to a healthy environment), which are recorded in the religious sources of Zoroastrianism, are analyzed as legal norms of socio-economic rights and freedoms. The result of this study shows that socio-economic human rights, along with other rights, are systematically included in Zoroastrian legal sources, but not as legal norms, but as a religious commandment.The author also refers to the historical position of these rights in the Achaemenid and Sasanian states and notes that in all pre-Islamic Iranian states, the social security of the clergy, farmers, military personnel, and later artists and merchants was high. In particular, the clergy, civil servants and military personnel have always enjoyed the social support of the state, their social support was entrusted to the state.The author comes to the conclusion that socio-economic rights and freedoms occupy a special place and position in the Zoroastrian legal system that regulates certain aspects of the socio-economic life of societies of that period, such as social support for the family, women and children, labor activity, wages, education etc.

**Keywords**: law, socio-economic rights and freedoms, Zoroastrian legal system, Avesta, Vandidod, right to social security, right to a favorable environment, right to medical care, women's rights, public relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонов Ҷаъмахон Сайвалиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 931879999**; E-mail: **davlatmandkurbonov80@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Курбонов Джаъмахон Сайвалиевич*** – Таджикский национальный ассистент кафедры международного права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 931879999**; E-mail: **davlatmandkurbonov80@gmail.com**

**Information about the author:** ***Kurbonov Ja'hamakhon Saylievich*** – Tajik National Assistant of the Department of International Law of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city Dushanbe, Rudaki avenue, 17. Phone: **+992 931879999**; E-mail: **davlatmandkurbonov80@gmail.com**

УДК: 341(575.3)

# СИСТЕМАҲОИ БА ҲАМ АЛОҚАМАНДИ ҲУҚУҚҲОИ ДОХИЛИДАВЛАТӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Хасанова Ш.М.*
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Чи тавре ки маълум аст, ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ чун низомҳои мустақили ҳуқуқӣ эътироф гаштаанд ва дар робитаю ҳамкориҳои доимӣ қарор доранд. Ҳуқуқи байналмилалӣ бештари вақт барои инкишофи ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ мусоидат намуда, дар инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ саҳми худро мегузорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок менамояд ва ба шартномаҳои байналмилалӣ ҳамроҳ мешавад. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсия бартарияти санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқиро нисбат ба қонунҳои дохилидавлатӣ эътироф намудааст.

Мушкилоти муносибати байни ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ таваҷҷуҳи афзояндаи олимони байналмилалӣ, инчунин мутахассисони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва назарияи умумии давлат ва ҳуқуқро ба худ ҷалб мекунанд [5,с.126].

Ҳуқуқи дохилӣ, яъне ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ду низоми мустақили ҳуқуқ мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки ин низомҳои ҳуқуқ аз рӯйи хусусиятҳои худ ҳам аломатҳои умумӣ ва ҳам хусусиятҳои хос доранд.

Ҳуқуқи дохилидавлатӣ муносибатҳоро дар дохили кишвар, дар қаламрави он ба танзим медарорад. Ҳуқуқи байналмилалӣ маҷмуи принсипҳо ва меъёрҳое мебошад, ки муносибатҳои байни давлатҳо ва субъектҳои дигарро танзим мекунанд [9,с.44-45]. Г.И. Тункин ҳуқуқи байналмилалиро ҳамчун зернизоми меъёрӣ, ҷузъи «низоми байналмилалӣ» тавсиф кардааст. Зери мафҳуми унсурҳои низоми байналмилалӣ давлатҳо, созмонҳо (байналмилалӣ, байнидавлатӣ), ассотсиатсияҳои гуногуни давлатҳо, миллатҳо ва халқҳои барои истиқлолият мубориза баранда ва баъзе воҳидҳои ба давлат монанд фаҳмида мешаванд [10,с.93].

Ин низом инчунин муносибатҳои байни субъектҳои онро дар бар мегирад. Тамоми унсурҳое, ки низоми байналмилалиро ташкил медиҳанд, бо ҳамдигар дар робитаи мутақобила қарор доранд.

Асоси меъёрии низоми байналмилалиро меъёрҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла меъёрҳои ахлоқ ва урфу одатҳо ташкил медиҳанд. Ҳуқуқи байналмилалӣ як зернизоми танзимро ташкил медиҳад. Дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ байни давлатҳо ва субъектҳои дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ, яъне муносибатҳои бо қонун танзимшаванда, рушд ва фаъолият мекунанд. Аслан, муносибатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ хусусияти сиёсии субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро инъикос мекунанд.

Низоми байналмилалӣ низоми мушаххаси иҷтимоӣ мебошад, ки дар он қонунҳои таърихии рушди тамаддуни башарӣ ифодаи худро ёфтаанд.

Низоми муосири байналмилалӣ, асоси меъёрии он - ҳуқуқи байналмилалӣ, ахлоқи байналмилалӣ - дар натиҷаи мубориза ва ҳамкории давлатҳо ва халқҳо ташаккул ёфтааст [7,с.31].

Бо назардошти мушкилоти муосири назариявии ҳуқуқи байналмилалӣ, С.В.Черниченко қайд кардааст, ки ҳуқуқи байналмилалӣ, аз як тараф, дар маҷмуъ қисми ҳуқуқ мебошад [11,с.58]. Ин маънои онро дорад, ки қонунгузории давлати мушаххас ва ҳуқуқи байналмилалӣ дорои чунин хусусиятҳо ва унсурҳое мебошанд, ки дар воқеият таҷассум ёфтаанд, яъне. онҳо объективӣ ҳастанд, аз ҷониби мо шинохта шудаанд ва дар чунин категория, ба монанди "қонун", ифода меёбанд.

Бояд қайд кард, ки барои фаҳмиши ҳуқуқии ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар назарияи ҳуқуқӣ мафҳумҳо ва равишҳои гуногун ба миён гузошта шудаанд. Ҳангоми дарки моҳият ва мундариҷаи ҳуқуқи байналмилалӣ, мо, пеш аз ҳама, ба муносибати позитивӣ такя

мекунем, ҳуқуқи байналмилалиро ҳамчун маҷмуи меъёрҳо тавсиф медиҳем, ки ба андешаи мо, истифодаи равишҳои дигарро истисно намекунад.

Ҳуқуқи байналмилалии муосир дорои хусусияти демократӣ, эътирофи арзишҳои умумиинсонӣ мебошад; меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқати иродаи бисёр давлатҳоро ифода мекунанд. Принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муносибатҳои байнидавлатиро танзим мекунанд, муносибатҳо дар моҳияти худ сиёсӣ мебошанд, онҳо васила ба даст овардани натиҷаҳои сиёсӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат, ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун воситаи татбиқи манфиатҳои давлат, тамоми ҷомеаи давлатҳо амал мекунад.

Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ инчунин мавзуи муносибатҳои арзишӣ мебошанд, ки онҳо бо меъёрҳои ахлоқи байналмилалӣ ба ҳам алоқаманданд.

Ҳуқуқи байналмилалии муосир ғояҳои халқҳо, давлатҳо, ҷомеаи ҷаҳонро дар бораи идеали одилонаи пешрафта ва гуманистӣ, ки ба манфиати сокинони сайёраи мо ҷавобгӯ аст, ифода мекунад.

Ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ном дорад. Он бо ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ алоқаманд аст, ки муносибатҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар муносибатҳоро бо унсури хориҷӣ танзим мекунад. Дар ибораҳои "ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ" ва "ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ" калимаи "байналмилалӣ" маънои дигар дорад. Ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ муносибатҳои байни давлатҳоро ба танзим медарорад, қонуни байнидавлатӣ мебошад [3,с.9].

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ низ дар таркиби худ калимаи "байналмилалӣ" дорад, зеро он муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, шаҳрвандиро, ки дорои унсури хориҷӣ мебошанд, аз доираи як давлат берун мебароянд, ба танзим медарорад [8,с.5].

Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки давлат муқаррар кардааст, мазмуни асосии ҳуқуқи хусусии байналмилалиро ташкил медиҳад. Сохтори ҳуқуқи байналмилалии хусусии ҳар як давлати алоҳида, инчунин меъёрҳои ягонаи моддиеро дар бар мегирад, ки дар шартномаҳои байналмилалии бастаи ин давлат мавҷуданд.

Ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ соҳаҳои гуногуни ҳуқуқии бо ҳам алоқаманд мебошанд. Онҳо хусусиятҳои умумие доранд, ки дар раванди иртиботи байналмилалӣ ба вуҷуд меоянд. Умумият дар ягонагии як қатор принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ, аз қабили эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо, иҷрои софдилонаи уҳдадориҳои байналмилалӣ, эътирофи монополияи тиҷорати хориҷӣ ва ғайра зоҳир мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқии дохилӣ, С.Б.Крилов бар ин ақида аст, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муносибатҳоеро танзим мекунад, ки дар якҷоягӣ бо муносибатҳои байнидавлатӣ ба як соҳа - ҳуқуқи байналмилалӣ ба маънои васеи калима мансубанд [4,с.82-93].

Субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ давлатҳои соҳибихтиёр, халқҳо, миллатҳое, ки барои озодии худ мубориза мебаранд (давлатҳо дар марҳилаи ташаккул), созмонҳои байнидавлатӣ, воҳидҳои ба давлат монанд мебошанд.

Дар нимаи дуюми асри XX дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, дар мафҳуми субъект тағйирот ба амал омад: субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ шахсро ҳамчун субъект эътироф карданд, чунки ниҳодҳое пайдо шуданд, ки ҳуқуқҳои инсонро дар сатҳи байналмилалӣ ҳимоя ва кафолат медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки субъекти ҳуқуқ унсури ҳатмии муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, вале азбаски дар қиёс бо ҳуқуқи дохилидавлатӣ ҳуқуқи байналмилалӣ низоми мустақили ҳуқуқӣ мебошад, бинобар ин хусусиятҳои хосси худро дорад.

Назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ чунин унсурҳои асосии субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиро муайян менамояд:

- субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ тарафест, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ баромад мекунад ва рафторашро меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим мекунад;
- доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ;
- қобилияти иштирок намудан дар эҷод ва амалигардонии меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ;

- нисбат ба субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ паҳн гаштани ҷавобгарии байналмилалӣ.

Дар таърихи давлатдории Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 рӯзи ба даст овардани соҳибихтиёрии миллӣ мебошад, зеро дар ин рӯз изҳороти Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он омадааст: «Дар муносибатҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ баромад намуда, дар фаъолияташ барои ноил шудан ба сулҳи пойдор, барҳам додани аслиҳаи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, роҳ надодан ба истифодаи қувва ҳалли баҳсҳо ва ихтилофҳои байни давлатҳои соҳибихтиёр саъй намуда, ҳамкориро байни онҳо дар ҳалли масъалаҳои ҳаматарафа, ки дар назди башарият истодаанд, вусъат медиҳад». Ҳамчунин, дар Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси дохил намудани тағйиру иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон» оварда шудааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ бо давлатҳои хориҷӣ алоқаҳои байналмилалӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар робитаҳоро барқарор менамояд, бо онҳо мубодилаи намояндагони салоҳиятдорро анҷом медиҳад ва шартномаҳои байналмилалӣ мебандад». Бояд гуфт, ки аҳамияти ин санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар он мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ бо оламиён муаррифӣ намудааст.

Принсипи эҳтироми ҳуқуқи инсонро дар байни принсипҳои нави ҳуқуқи байналмилалӣ асоснок карда, Г.И. Тункин навиштааст, ки ҳуқуқи байналмилалӣ ба соҳае ворид гардид, ки ҳамеша дар доираи салоҳияти дохилии давлат ҳисобида мешуд ва дар он, муҳим, хусусиятҳои хосси системаҳои гуногуни иҷтимоӣ хеле қавӣ зоҳир мешаванд [10,с.60].

Вай пайдоиши як шохаи нави ҳуқуқи байналмилалиро қайд кард, ки уҳдадориҳои давлатҳоро оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои асосии ҳама одамон, новобаста аз нажод, забон, дин, ҷинсро муайян кард. Дар нашрияҳо оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ мулоҳизаҳои дигар дар бораи шахс ҳамчун субъекти ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар ҷомеаи байналмилалӣ ифода ёфтаанд. С.В.Черниченко муътақид аст, ки «дар ҳеҷ сурат фардро бо чунин як созмони мардум ҳамчун давлат баробар кардан мумкин нест ва ҳатто камтар бо чунин шакли ҳамкориҳои байни давлатҳо, ба монанди созмонҳои байниҳукуматӣ. Аз ин рӯ, вай ба таври объективӣ барои иштирокчии муносибатҳои байнидавлатӣ будан ва итоат ба таъсири мустақими ҳуқуқи байналмилалӣ қодир нест. Вай ягон унсури ҳуқуқи байналмилалии субъективиро надорад ва дошта наметавонад» [12,с.218]. Метавон бо муаллиф розӣ шуд, ки фардро бо давлат ё иттиҳоди давлатҳо баробар кардан мумкин нест. Вай ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ аз рӯйи санадҳои қабулкардаи иттиҳодияи байналмилалии давлатҳо, масалан, ба монанди паймонҳои байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқи инсон, конвенсияҳои байналмилалӣ баромад мекунад. Принсипи эҳтироми ҳуқуқи инсон яке аз муҳимтарин принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ гардид. Меъёрҳои аз ҷониби ҳама эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон дар бисёр конститутсияҳои давлатҳо ҳамчун меъёрҳои амали мустақим эътироф карда мешаванд.

Раванди ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз қонунгузории дохилӣ фарқ мекунад. Дар низоми байналмилалӣ ягон ниҳоде нест, ки дар болои давлатҳо истода бошад, муассисаҳое, ки қоидаҳои рафтори давлатҳоро муқаррар кунанд. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ усули ҳамоҳангсозии иродаи давлатҳо, усули созиш бартарӣ дорад. Аз ин рӯ, шартномаи байналмилалӣ дар байни манбаъҳои қонун мавқеи пешсафро дорад. Мувофиқи моддаи 38.1 Оинномаи Суди Байналмилалии СММ, сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз конвенсияҳои байналмилалӣ, одатҳои байналмилалӣ, принсипҳои умумии ҳуқуқ, ки аз ҷониби миллатҳои мутамаддин эътирофнамуда, инчунин қарорҳо судҳои байналмилалӣ ва таълимоти мутахассисони баландихтисоси ҳуқуқи байналмилалии оммавии миллатҳои гуногун ҳамчун воситаи ёрирасон барои муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат мебошанд.

Ғояҳои асосии хосси низоми ҳуқуқиро принсипҳо ё принсипҳои умумии қонун меноманд. Ин ғояҳои низоми ҳуқуқи байналмилалӣ дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ифода меёбанд. Принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ муҳимтарин танзимгарони

муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд; онҳо ба мундариҷаи тамоми низом, ниҳодҳои ҳуқуқии он ва шохаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, тафсир ва истифодаи меъёрҳо таъсир мерасонанд. Тартиби байналмилалии ҳуқуқӣ ба принсипҳои асосӣ, меъёрҳои универсалии ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст. Принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ заминаи идеологӣ ва меъёрии муносибатҳои байни давлатҳоро ташкил медиҳанд. Хуруҷ аз принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, вайрон кардани онҳо амалҳои ғайриқонунии субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, ки боиси татбиқи санксияҳои байналмилалӣ мегарданд.

Таърифи принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври гуногун дар адабиёти ҳуқуқӣ ифода ёфтааст. Ба андешаи ҳуқуқшиноси шинохта Г.И.Тункин «давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии он ифодакунандаи мафҳуми принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ аст» [9,с.102]. Дар ҳақиқат, мафҳуми принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ баҳсталаб мебошад, зеро дар бисёр маврид бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳаммаъно мешаванд. Аммо дар асл байни онҳо фарқият дида мешавад. Аввалан, мафҳуми меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ васеъ мебошад, зеро он дар худ принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро дарҷ менамояд. Баъдан, принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ба самтҳои муайяни фаъолияти давлат нигаронида шудаанд. Масалан, принсипи дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар давлат ифодаи хешро дар он меёбад, ки давлат уҳдадор аст, ки аз ҳама гуна дахолатҳо ба корҳои дохилии дигар давлат худдорӣ намояд. Аммо ҳама гуна фаъолияти давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад. Аз ин нигоҳ принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ асосҳое мебошанд, ки таҷассуми бевоситаи хешро дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ёфтаанд ва аз тарафи субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун асосҳои роҳбарикунанда дар фаъолияти хеш эътироф карда шудаанд. Алоқамандии принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ дар он зоҳир мешавад, ки вайроншавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ сабаби риоя нашудани принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мегардад ё баръакс. Мисол, иҷро накардани нуқтаҳои шартномаи байналмилалӣ аз тарафи иштирокчиёни он сабаби ба роҳбарӣ нагирифтани принсипи бовиҷдонона иҷро кардани уҳдадориҳои байналмилалӣ мегардад. Аз ҷониби дигар, принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии давлат ҳисоб намешаванд.

Принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ дар моддаи 11 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Тибқи он, асоси сиёсати берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳанд, ё ба ибораи дигар гӯем, Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои хориҷии хешро ба воситаи принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ муайян менамояд. Эхтироми ҳуқуқу озодиҳои инсонро Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаддас шуморида, риоя ва ҳифзи онро дар қаламрави хеш таъмин мекунад. Баробарҳуқуқӣ ва худмуайянкунии тамоми халқу мамлакатҳоро эътироф менамояд [6,с.65].

Сиёсати хориҷии давлатҳо ба эътироф ва татбиқи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст. Игнатенко Г.В меъёрҳои аз тарафи умум эътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ, яъне чунин меъёрҳоеро, ки хамаи давлатҳо ва ё қариб ҳамаи давлатҳо, сарфи назар аз низоми иҷтимоиашон расман эътироф мекунанд, ҷудо менамояд. Дар он принсипҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун муҳимтарин меъёрҳои умумӣ, аз ҷониби умум эътирофшуда, амри ҳуқуқи байналмилалӣ муайян карда шудаанд [1,с.78]. Аз ин нигоҳ принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ асосҳое мебошанд, ки таҷассуми бевоситаи хешро дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ёфтаанд ва аз тарафи субьектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун асосҳои роҳбарикунанда дар фаьолияти хеш эътироф карда шудаанд.

Низомҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ муносибатҳои дохилиро танзим мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи дохилӣ муносибатҳои байналмилалиро танзим карда наметавонанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки ин меъёрҳои дохилидавлатӣ наметавонанд ба ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир расонанд. Шаклҳои муайяни таъсири меъёрҳои ҳуқуқи

дохилидавлатӣ ба муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷуданд. Ҳуқуқи дохилӣ, қонунгузорӣ, ташкил ва фаъолияти давлат, сиёсати онро дар дохили кишвар ва арсаи байналмилалӣ муайян мекунанд. Ин махсусан дар давлати ҳуқуқбунёд, ки иродаи соҳибихтиёрии халқро ифода мекунад, намоён аст.

Ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи давлат ифодаи худро меёбад. Албатта, сиёсати берунӣ ва дипломатияи давлат набояд ба принсипу меъёрҳои аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мухолиф бошад. Давлат тавассути сиёсат ва дипломатия ғояҳо, ақидаҳо, меъёрҳои ҳуқуқиро, ки дар шуури сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқии мардум, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфтаанд, ифода ва тасдиқ намуда, ба ҳаёти байналмилалӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир мерасонад. Яке аз чунин шаклҳои таъсири ҳуқуқи дохилӣ ба муносибатҳои байналмилалӣ, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати сохибихтиёр муносибатҳои хешро дар асоси сиёсати сулҳҷӯёна дар амал татбиқ менамояд ва соҳибихтиёрию истиқлолияти дигар давлатҳоро эътироф менамояд. Инчунин, ҳангоми ба амал баровардани муносибатҳои хориҷӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ такя намуда, вобаста ба манфиатҳои халқи Тоҷикистон ҳамкориҳои муфидро ба роҳ мемонад.

**Муқарриз: Раҷабов С.А. – д.и.х., профессори ИФСваҲ АМИТ**

**АДАБИЁТ**


1. Игнатенко Г.В. Международное право / Г.В. Игнатенко. - М., 1995. – С.78.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. - Душанбе: Ирфон, 2016.-64 с.
3. Колосов Ю.М. Международное право / Ю.М.Колосов, В.И. Кузнецов. - М., 1994. - С.608.
4. Крылов С.Б. Международное частное право / С.Б. Крылов. - М.,1959. - С.227.
5. Муромцев Г.И. Право и политика современной России. - М., 1996. - С.126.
6. Ҳуқуқи байналхалқӣ / Г.И. Муромцев. Зери таҳрири Ш.М.Менглиев. - Душанбе, 1999. – С.511.
7. Мюллерсон Р.А. Соотношение международного и национального права / Р.А. Мюллерсон. - М., 1982. - С. 128.
8. Садиков О.Н. Международное частное право / О.Н. Садиков. - М., 1984. - С. 118.
9. Тункин Г.И. Международное право / Г.И. Тункин. - М., 1982. - С. 264.
10. Тункин Г.И. Теория международного права / Г.И. Тункин. - М., 1970. - С. 384.
11. Черниченко С.В. Международное право: современные теоретические проблемы / С.В. Черниченко. - М., 1993. - С. 296
12. Черниченко С.В. Теория международного права / С.В. Черниченко - М.: НИМП, 1999. – С. 525.


**СИСТЕМАҲОИ БА ҲАМ АЛОҚАМАНДИ ҲУҚУҚҲОИ ДОХИЛИДАВЛАТӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Мақолаи мазкур ба омӯзиши низомҳои ба ҳам алоқаманди ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар мақола инчунин принсипҳои ҳамкорӣ ва пайвастагии ҳуқуқҳои байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти ҳуқуқи баналмилалӣ нисбат ба қонунгузории дохилидавлатӣ ба пуррагӣ дарҷ ёфтааст. Аз ин рӯ, дар мақола махсусан алоқамандии ду низом, ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ чун низомҳои мустақили ҳуқуқӣ эътироф гаштаанд ва дар робитаю ҳамкориҳои доимӣ қарор доранд. Ҳуқуқи байналмилалӣ бештари вақт барои инкишофи ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ мусоидат намуда, дар инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ саҳми худро мегузорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок менамояд ва ба шартномаҳои байналмилалӣ ҳамроҳ мешавад. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсия бартарияти санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқиро нисбат ба қонунҳои дохилидавлатӣ эътироф намудааст. Мушкилоти муносибати байни ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ таваҷҷуҳи афзояндаи олимони байналмилалӣ, инчунин мутахассисони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва назарияи умумии давлат ва ҳуқуқро ба худ ҷалб мекунанд Ҳуқуқи дохилӣ, яъне ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ду низоми мустақили ҳуқуқ мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки ин низомҳои ҳуқуқ аз рӯйи хусусиятҳои худ ҳам аломатҳои умумӣ ва ҳам хусусиятҳо доранд.



**Калидвожаҳо*:*** низомҳо, ҳуқуқҳои байналмилалӣ, ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, принсипҳо, субъектҳо.

**СООТВЕТСТВУЮЩИЕ НОРМЫ МЕЖГОСУДАРСТВЕННОГО И МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

Данная статья посвящена изучению взаимосвязанных систем внутренних и международных прав в Республике Таджикистан. В статье также рассматриваются принципы сотрудничества и согласованности международных и внутригосударственных прав в Республике Таджикистан. В Конституции Республики Таджикистан в полной мере закреплен приоритет международного права над внутригосударственным законодательством. Поэтому в статье рассматривается соотношение двух систем, внутригосударственного и международного права в Таджикистане.Внутригосударственные и международные права признаются самостоятельными правовыми системами и находятся в постоянной связи и взаимодействии. Международное право способствует развитию внутригосударственных прав и развитию норм внутреннего права. Как субъект международного права Республика Таджикистан активно участвует в международных отношениях и присоединяется к международным договорам. Также Республика Таджикистан признала в Конституции верховенство международных правовых актов над внутренними законами. Проблема соотношения внутригосударственного и международного права привлекает все большее внимание ученых-международников, а также специалистов в области конституционного права и общей теории государства и права. Внутреннее право, то есть национальное право, и международное право представляют собой две самостоятельные правовые системы. Это означает, что данные правовые системы имеют как общие черты, так и специфические характеристики.

**Ключевые слова:** системы, международные права, внутригосударственные права, Конституция Республики Таджикистан, международные документы, международные договоры, принципы, субъекты.

**RELEVANT NORMS OF INTERSTATE AND INTERNATIONAL LAW IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article is devoted to the study of interrelated systems of domestic and international law in the Republic of Tajikistan. The article also discusses the principles of cooperation and consistency of international and domestic law in the Republic of Tajikistan. The Constitution of the Republic of Tajikistan fully enshrined the priority of international law over domestic legislation. Therefore, the article discusses the relationship between the two systems, domestic and international law in Tajikistan. Domestic and international laws are recognized as independent legal systems and are in constant communication and interaction. International law often contributes to the development of domestic law and contributes to the development of domestic law. As a subject of international law, the Republic of Tajikistan actively participates in international relations and accedes to international treaties. The Republic of Tajikistan also recognized in the Constitution the supremacy of international legal acts over domestic laws. The problem of the correlation of domestic and international law is attracting more and more attention of international scholars, as well as specialists in the field of constitutional law and the general theory of state and law. Domestic law, that is, national law, and international law are two independent legal systems. This means that these legal systems have both common features and specific characteristics.

**Keywords:** systems, international law, domestic law, the Constitution of the Republic of Tajikistan, international documents, international treaties, principles, subjects.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳасанова Шаҳноза Музафаровна*** **–** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосир. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. E-mail: **selesta-1519219090@mail.ru**. Телефон: **(+992) 556-83-68-68**

**Сведения об авторе:** ***Хасанова Шахноза Музафаровна*** **-** Институт философии, политологии и права имени А. Баховадинова Национальной Академии наук Таджикистана, докторант Ph.D отдела теоретических проблем государства и современного права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. E-mail: **selesta-1519219090@mail.ru.** Телефон: **(+992) 556-83-68-68**

**Information about the author:** ***Hasanova Shahnoza Muzafarovna*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovadinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Ph.D student of the Department of Theoretical Problems of the State and Modern Law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33. E-mail: **selesta-1519219090@mail.ru.** Phone: **(+992) 556-83-68-68**

УДК: 321+35(575.3)

# РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ИНТИХОБОТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Олимзода Д.А., Баракотов Б. С.***

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови АМИТ**

Бо ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёди демократиро интихоб намуда, арзишҳои асосии ин давлатро ҳам дар Конститутсияи кишвар ва ҳам дар қонунгузории соҳавии он инъикос намуд. Махсусан дар ин замина ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон - ҳамчун яке аз принсипҳои муайянкунандаи волоияти қонун ҷой дорад [10,с.26].

Муҳимтарин ҳадафи сиёсати давлатии Тоҷикистон устувор нигаҳ доштани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, ки ҷавҳари онро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст ва дар моддаи 6-ум муқаррар намудааст, ки дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст. Инчунин, моддаи 27-ум пешбинӣ менамояд, ки шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд [15,с.23].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон роҳи инкишофи демократиро пеш гирифтааст ва барои такмили унсурҳои демократӣ чораҳои зарурӣ меандешад. Ин гуфтаҳо ба он асос мегардад, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ чунин қайд кардаанд: «Мо таҷрибаи ҷаҳонии давлатдорӣ, омилҳои сиёсию иқтисодӣ ва миллию фарҳангии мамлакатро дар марҳилаи гузаштаву имрӯза омӯхта, роҳи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократиро интихоб кардем» [9,с.368].

Ҳар инсон ҳақ дорад дар идораи кишвари худ бевосита ва ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шудаанд, ширкат кунад. Ҳар инсон ба дастрасии баробар ба хадамоти ҷамъиятӣ дар кишвари худ ҳақ дорад. Иродаи мардум бояд поя ва асоси қудрати ҳукумат бошад; ин ирода бояд дар интихоботҳои даврӣ ва воқеӣ аз тариқи овоздиҳии умумӣ ва баробар, овоздиҳии махфӣ ва ё тартиботи дигари баробар изҳор гардад [8].

Дар асоси гуфтаҳои боло низоми интихоботро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чаҳор зина ҷудо намудан мумкин аст:

1. низоми интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. низоми интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Ҷоҷикистон;
3. низоми интихоботии вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ;
4. низоми интихоботии вакилони ҷамоат.

Интихоботи Президент яке аз чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ дар ҳаёти давлат ба шумор меравад. Конститутсияи ҶТ ҳатмӣ будани интихоботи Президенти ҶТ-ро пешбинӣ карда, муқаррароти умумии алоҳидаии баргузории интихоботи сарвари давлатро мустаҳкам мекунад (м. 65) ва имкон медиҳад, ки қонунгузорӣ паҳлуҳои муҳимми интихоботи Президенти ҶТ дар низоми интихоботиро муайян намояд [18,с.28]. Интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи **ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** на дертар аз ду моҳи хатми ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад.

Ташкили интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи комиссияҳои интихоботӣ гузошта мешавад. Комиссияҳои интихоботӣ ба таври дастаҷамъӣ кор мекунанд. Тайёрӣ ва гузаронидани интихобот аз тарафи комиссияҳои интихоботӣ рӯирост ва ошкор амалӣ карда мешавад [2].

Ташаккул ва рушди қонунгузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду давра ҷудо намудан мумкин аст:

- ✓ давраи аввал аз соли 1990 то соли 1992;
- ✓ давраи дуюм со соли 1994 то инҷониб.

Давраи аввал баъд аз Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 ва Қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 «Дар хусуси дохил кардани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон», Изҳороти Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991».

Ҳамин тавр, 29 ноябри соли 1990 Қонуни ҶТ «Дар хусуси таъсиси вазифаи Президенти ҶШС Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ» қабул шуд.Санади дигаре, ки ба таърихи таъсис додани мансаби Президент дахл дорад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 сентябри соли 1991 ба шумор меравад.

Давраи дуюм бошад, бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21 июли соли 1994 №1042 ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо тағйиротҳои соли 1999, 2003, 2016 ва бо тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” мебошад [17,с.144-151].

Бояд гуфт, ки муҳаққиқ Имомов А.И., ҳуқуқи интихоботро дар Тоҷикистон ба се маъниву мафҳум ҷудо намудааст:

**Якум,** чун ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба мансаби Президент, ба вакилии Маҷлиси Олӣ ва Маҷлиси маҳаллӣ.

**Дуюм,** чун шакли ягонаи ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва интихоби Президент.

**Сеюм,** чун падидаи демократӣ ва нишондиҳандаи тартиби идораи демократии давлат, чун маҳак ё мизони ошкор кардани татбиқи низоми тартиби демократӣ [14,с.670].

Фаъолияти қонунгузории парламент ҳамчун вазифаи асосии он дар Конститутсия алоҳида муайян карда шудааст, зеро дар он ба ғайр аз парламент, дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ иштирок мекунанд.

Идеяи самарабахшии ташаббуси халқ дар фаъолияти қонунгузорӣ асоснок карда шудааст. Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пасошуравӣ, ки ин ниҳод вуҷуд дорад (Ҷумҳурии Беларус, Гурҷистон ва Қирғизистон) таъкид мешавад, ки ба теъдоди муайяни интихобкунандагон ҳуқуқи додани ҳуқуқи интихобкунандагон ташаббуси қонунгузорӣ аз принсипи демократии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми ба амал баровардани ин ҳокимият бармеояд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки анъанаҳои демократӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳокимияти давлатӣ дар заминаи он ташаккул ёфта, раванди таъсиси институтҳои демократӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ оғоз ёфтааст, ҷорӣ намудани ин институт мувофиқ ва муассир аст [11,с.44].

Қайд карда мешавад, ки ислоҳоти низоми интихоботӣ аз давраи бозсозӣ ва демократикунонии ҷамъияти шуравӣ сар шуда буд, барои ба амал баровардани бозсозӣ ва демократикунонии ҷамъияти шуравӣ, чи дар сатҳи ИҶШС ва чи дар сатҳи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ба Конститутсия ва қонунгузории интихобот тағйироти дахлдор дохил карда шуданд.

Ин тағйирот дар Қонуни ИҶШС «Дар бораи интихоботи вакилони халқии ИҶШС» 24 ноябри соли 1989 Шурои Олии ҶШС ворид карда шуд. Онҳо, асосан, ба баланд бардоштани нақши мақомотҳои намояндагӣ, таъмин намудани доираи васеи ташкилотҳо ва гурӯҳҳои интихобкунандагон ба пешбарӣ кардани номзадҳо ба вакилӣ.

Дар робита ба таъсиси парлумони дупалатагӣ дар соли 1999 дар қонунгузории интихобот тағйироти ҷиддие ба амал омад. Ба Конститутсия тағйироти дахлдор ворид карда, Қонуни нав дар бораи интихоботи парлумонӣ қабул карда шуд. Вакилони палатаи поёнии парлумон бо овоздиҳии умумихалқӣ дар асоси аксарияти овозҳо ва низоми мутаносиб интихоб карда мешаванд [11,с.44].

Бояд қайд намуд, ки интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ ва низоми омехтаи интихобот сурат мегирад, дар он ҳеҷ гуна ҳадди нисоб (квота) муқаррар карда намешавад [3].

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон то рӯзи интихобот ба 18 расидааст, қатъи назар аз мансубияташон ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ҳуқуқи интихоб кардан доранд. Ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон шаҳрвандоне таъин ва интихоб мешаванд, ки ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Қонун ҷавобгӯ буда, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз 5 соли охир истиқомат дошта бошанд.

Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ фаъолияти худро бо роҳи гузаронидани сессияҳо, таъсиси комиссияҳои доимӣ ва дигар мақомот, инчунин аз ҷониби вакилон, ки ваколатҳои худро бевосита ба амал мебароранд, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба амал мебароранд. Иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, № 28 (дар таҳрир) ба роҳ монда мешвад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, № 1012 шакли асосии фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, салоҳияти Маҷлиси вакилони халқ тавассути он амалӣ мегардад (моддаи 1). Шакли фаъолияти сессия мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ аз принсипи коллегиалӣ дар кори Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ бармеояд. Тавассути сессияҳои Маҷлиси дахлдори вакилони халқӣ хоҳиши аҳолии ин воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ, бо риояи принсипҳои демократӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои таъхирнопазир дар асоси демократия ва ошкорбаёнӣ, бо назардошти плюрализми сиёсӣ ҳал карда шаванд [12, с.68-75].

Интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия умумӣ аст. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рӯзи интихобот синнашон ба 18 расидааст, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро доранд. Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот иштирок кардан надоранд.

Тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» [1], интихоботи вакилони Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар Маҷлисҳои вакилони халқ дар як вакт гузаронида шуда, на дертар аз 75 рӯз пеш аз ба охир расидани муҳлати ваколат таъин карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, аз ҳар ҳавзаи интихобот як вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти дахлдор интихоб мешавад [13].

Мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва корхонаҳо, роҳбарони онҳо, инчунин мақомоти худидоракунии ҷамъиятии аҳолӣ вазифадоранд ба номзад ба вакили дар ташкили вохӯрӣ бо интихобкунандагон ёрӣ расонанд, дар гирифтани ҳуҷҷатҳо ва маводҳои зарурии маълумотнома. Номзад ба вакилӣ метавонад барномаи фаъолияти ояндаи худро ба миён гузорад. Барномаи номзад ба вакилӣ набояд ба қонунгузории ҷумҳурӣ мухолиф бошад. Номзад ба вакилӣ дар сурати интихоб шуданаш дар назди интихобкунандагон барои иҷрои барномаҳои интихоботиаш ҷавобгар мебошад [13].

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт вакили беш аз ду мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ буда наметавонад[4]. Интихоботи вакилон ба Ҷамоат умумӣ аст. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзи интихобот синнашон ба 18 расидааст, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва молу мулк ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро ба доранд.

Интихобкунандагон дар асоси баробар дар интихобот иштирок мекунанд ва ҳар кадоми онҳо як овоз доранд. Вакилони ҷамоат аз тарафи шаҳрвандон бевосита интихоб карда мешаванд. Овоздиҳӣ дар интихоботи вакилони ҷамоат озод ва пинҳонӣ сурат мегирад. Тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи ҷамоат аз тарафи комиссияи интихоботи ҷамоат ва комиссияҳои ҳавзавии интихоботи вакилони Ҷамоат ошкоро сурат мегирад.

Комиссияи интихоботи Ҷамоат ва комиссияҳои ҳавзавии интихоботи вакилони Ҷамоат ба шаҳрвандон аз фаъолияти худ хабар медиҳанд ва ҷамъбасти интихоботро эълон мекунанд [7].

Бояд қайд намуд, ки ташаккули қонунгузорӣ дар бораи интихоботи вакилони Ҷамоатро мо метавон ба се давра ҷудо кунем [16]:

Давраи аввал бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 23 02 1991 «Дар бораи худидораи маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллии ҶШС Тоҷикистон» [5], худидоракунии маҳаллӣ ба сифати яке аз шаклҳои ҳокимияти халқ муқаррар гардид, ки мутобиқи он ҳуқуқи шаҳрвандон ва иштироки воқеии онҳо дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди маҳал, масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ба амал бароварда мешуд.

Давраи дуюм бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳа", соли 1994 [6]. Вобаста ба ин, шаҳрвандон ҳуқуқ доштанд, ки худидоракунии маҳаллиро дар Тоҷикистон бевосита ё ба воситаи мақомоти аз ҷониби онҳо интихобшаванда амалӣ гардонанд.

Давраи севум бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5 августи соли 2009 рабт дорад [7]. Дар ин раванд, омили муҳим махсусияти воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ба шумор мерафт, ки дар заминаи худидоракунии маҳаллӣ амалӣ гардида буд.

Дар асосҳои гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки низоми интихобот ин як раванди демократикунонӣ маҳсуб шуда, барои рушди минбаъдаи ҷомеа замина мегузорад. Дар ҳамин асос низоми интихоботиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мо бо чаҳор зина ҷудо намудем, ки зинаи болои он интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зинаи миёна интихоботи Маҷлиси Олӣ, зинаи поёнӣ, яъне маҳаллӣ, интихоботии вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва дар зинаи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бошад, интихоботии вакилони ҷамоат мебошад.

**Муқарриз: Ахмедов Э.Ю. – н.и.ҳ., дотсенти АИДНПҶТ**

**АДАБИЁТ**


1. Конституционный закон Республики Таджикистан «О выборах депутатов в местные маджлисы народных депутатов», принятый 10 декабря 1999 г., №859: офиц. текст. - Душанбе: Шарки озод, 2004.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (АШОҶТ с.1994, № 13 мод. 195; АМОҶТ с.1999, № 9 мод. 238; с.2005, №12 мод.626).
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (АМОҶТ с. 1999, №12, м. 296; с. 2004, №7, м. 451; с.2007, №5, м.361; с.2008, №10, м.797; с.2012, №8, м.811; 2014, №3, м.140; №7,қ.1,мод.382).
4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" (ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 298; с. 2007, №5, мод. 353; с. 2012, №8, мод. 813; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 383; №11, мод. 640; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 269) (Қонуни конститутсионии ҶТ аз 12.05.2007 №257, аз 01.08.2012 №898, аз 26.07.2014 №1087, аз 27.11.2014 №1133, аз 30.05.2017 №1412, аз 19.07.2019 №1640).
5. Қонуни Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи худидораи маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллии ҶШС Тоҷикистон» (23-02-1991) -№ 266 // Маҷмуаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 1992. -№3.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳа" //Ведомостҳои Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -1994. -№23-24. -Мод.450.
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (АМОҶТ с. 2009, №7-8, мод.503; с.2012, №4, м.277; №8, м. 833;с.2015,№11,мод. 964).
8. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. 10 12 1948. - СММ. Тоҷикистон. - 1999, моддаи 21.
9. Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. -Ҷилди 2. –С.368.
10. Рахмонова, О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917–2011 гг.). [Текст: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12 00 01 – теория и история права и государства; история политических и правовых учений / Озода Эмомалиевна Рахмонова. – Душанбе, 2012. – 26 с.
11. Ализода Зариф. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: конституционно-правовое исследование. [Матн]: автореф. дисс.. на соискание ученой степени доктора юридических наук. Специальность:12.00.02 – конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право. Ализода З. –д., - 2014.-44с.
12. Абдуллоева Д.Ф. Сессионная форма деятельности местных представительных органов государственной власти (Маджлисов народных депутатов) областей в Таджикистане // Вопросы российского и международного права. - 2016. -Том 6. -№ 12А. -С. 68-75.

13. Абдуллоева Д.Ф. Конституционно-правовой статус народного депутата областного маджлиса народных депутатов.
14. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.И. Имомов. – Душанбе, 2017. – 670с.
15. Олимзода Д.А. Худидораи маҳаллӣ ҳамчун шакли ҳокимияти халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи ҳуқуқи конститутсионӣ]: автореф. дисс. … номзади илмҳои ҳуқуқ: 12 00 02 – ҳуқуқи конститутсионӣ, мурофиаи суди конститутсионӣ, ҳуқуқи мунисипалӣ. – Д., 2021. – 23с.
16. Олимзода Д.А. Ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ва изҳори иродаи онҳо дар низоми худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмии сиёсӣ “Идоракунии давлатӣ”. 2020. -№4/1 (49). - Душанбе, 2021.
17. Олимзода М. А. Ташаккули қонунгузорӣ дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Нақши Конститутсия дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ (маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ). – Душанбе, 2021. – дар АИДНПҶТ. -С. 144-151.
18. Сулаймонов Манучехр Субхоналиевич. Конституционно-правовой статус Президента Республики Таджикистан: автореф. дисс. … диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук: 12 00 02 – 12.00.02 – Конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право (юридические науки) / Сулаймонов М. С. – д., 2018. – 28с.

## РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ИНТИХОБОТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои рушди қонунгузории интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидаанд. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Масъалаҳои рушди қонунгузории интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқони ҷомеашиносро ба худ ҷалб намудааст. Муҳимтарин ҳадафи сиёсати давлатии Тоҷикистон устувор нигаҳ доштани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, ки ҷавҳари онро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро кафолат додааст ва дар моддаи 6-ум муқаррар намудааст, ки дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст.

**Калидвожаҳо:** интихобот, қонунгузорӣ, низом, ҳуқуқӣ, конститутсионӣ, ташаккул, сатҳ, вакилон, мақомот, ҷомеа, шаҳрвандон, масъала, маҳаллӣ, ҷамоат.

## ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ ИЗБИРАТЕЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируются вопросы развития избирательного законодательства в Республике Таджикистан. Его всестороннее изучение и анализ стали реальной необходимостью. В связи с тем, что вопросы развития избирательного законодательства в Республике Таджикистан привлекли внимание большинства социологов. Важнейшей целью государственной политики Таджикистана является сохранение основ конституционного строя, построение демократического, правового, светского и единого государства, сутью которого является защита прав и свобод человека и гражданина. Конституция Республики Таджикистан признает права и свободы человека и гражданина высшими ценностями, гарантирует их соблюдение и защиту, а в статье 6 говорится, что в Таджикистане народ является выражением суверенитета и единственным источником государственной власти, и он осуществляет ее непосредственно или через своих представителей. Высшим непосредственным выражением власти народа являются всенародный референдум и выборы.

**Ключевые слова:** выборы, законодательство, система, закон, конституционный, формирование, уровень, депутаты, власть, общество, граждане, вопрос, местный, община.

## LEGISLATIVE DEVELOPMENT OF ELECTION LEGISLATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes the issues of the development of election legislation in the Republic of Tajikistan. Its comprehensive study and analysis has become a real necessity. Due to the fact that the issues of the development of the election legislation in the Republic of Tajikistan have attracted the attention of most sociologists. The most important goal of the state policy of Tajikistan is to maintain the fundamentals of the constitutional system, to establish a democratic, law-based, secular and unified state, the essence of which is the protection of human and citizen rights and freedoms. The Constitution of the Republic of Tajikistan recognizes human and citizen rights and freedoms as the highest values, guarantees their observance and protection, and in Article 6 states that in Tajikistan, the people are the expression of sovereignty and the sole source of state power, and they exercise it directly or through their representatives. makes The highest direct expression of the power of the people is a national referendum and elections.

**Keywords:** election, legislation, system, law, constitutional, formation, level, deputies, authority, society, citizens, issue, local, community.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Олимзода Давлатмурод Абдулхайр*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. E-mail:**davlat.olimov.1993@bk.ru** Телефон: **(992) 939377772**

***Баракотов Бобохоҷа Сайфуллоевич* -** Институти фалсафа сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳовиддинов Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй.**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,33 Телефон: **938276262** E-mail: **Barakatov.96@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Олимзода Давлатмурод Абдулхайр* -** Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент кафедры права и сравнительного правоведения. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Насира, 33. E-mail:**davlat.olimov.1993@bk.ru** Телефон: **(992) 939377772**
***Баракотов Бобоходжа Сайфуллоевич* –** Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, соискатель.**Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,33 Телефон: **938276262** E-mail: **Barakatov.96@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Olimzoda Davlatmurod Abdulkhair*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Law and Comparative Law. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nasir street, 33. E-mail: **davlat.olimov.1993@bk.ru** Phone: **(992) 939377772**
***Barakotov Bobohodzha Saifulloevich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. Phone: **938276262.** E-mail: **Barakatov.96@mail.ru**

УДК 327:331.556.4 (575.3:470)

# ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ МНОГОСТОРОННЕГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В РАМКАХ ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЕННЫХ НАЦИЙ И ЕЁ СПЕЦИАЛИЗИРОВАННЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

*Шарапов О.М.*
**Российско-Таджикский (славянский) университет**

Кроме того, Германия регулярно поддерживает реализацию инициатив Таджикистана по управлению водными ресурсами в Центральной Азии. Для этого Республика Таджикистан стремится активизировать сотрудничество с Федеративной Республикой Германии для реализации собственной национальной стратегии развития Таджикистана к 2030 году, и в настоящее время поднимается вопрос о расширении двусторонних отношений.

В июле 2019 года, перед очередным этапом немецко-таджикских межправительственных консультаций, состоялась встреча, посла Республики Таджикистан в Германии Сохибназара Гайратшо с представителями Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии - директора департамента Азии Г. Хаммершмид [8].

Правительство Республики Таджикистан видит позитивные тенденции в налоговой реформе, улучшении инвестиционного климата, торговле Интернет-ресурсами и индустриализации страны. По-видимому, ожидается, что правительство Таджикистана будет только расширять контакты и создавать новые области взаимодействия при сохранении текущей тенденции.

Стоит начать с того, что вопрос о поддержке немецкоязычного населения, проживающего в Таджикистане, с первых дней установления дипломатических связей был для ФРГ определяющим.

Таджикистан стремится быть включенным в Европейское пространство высшего образования (ЕПВО). С 2007 г. предпринимались попытки присоединиться к Болонской декларации.

Внедрение трехсторонней системы (BA, MA, PhD) и системы ECTS. Должны быть инициированы далеко идущие реформы в области обеспечения качества и создания национальной рамки квалификаций.

Любопытно, что Гёте-институт часто называют «мягкой силой» германской дипломатии, которая распространяет немецкую культуру и язык и обеспечивает международное и двустороннее сотрудничество с другими странами в области культуры, обеспечивает культурный и образовательный обмен с Германией, способствует мобильности и развитию гражданского общества в странах-партнёрах. Институт предоставляет разнообразные возможности по повышению квалификации, университетским обменам, изучению немецкого языка, летние школы, а также проводит международные экзамены по немецкому языку и различные конкурсы.

По данным министерства образования Таджикистана, в стране 73 школы, где немецкий язык преподается как иностранный. Особо следует отметить пять школ PASCH, поддерживаемых Германией, в Душанбе и Худжанде. Три школы поддерживаются немецкими учителями: гимназия им. Гёте и гимназия Сафина в Худжанде и школа 89 в Душанбе.

В этих школах интенсивно преподается немецкий язык, и языковые навыки учеников очень хорошие.

Центр изучения языков в Душанбе, языковая школа Аркон в Худжанде и школы, поддерживаемые Германией, повысили качество уроков немецкого языка, интерес к DaF и возможности изучения немецкого языка. Однако в целом число изучающих немецкий язык сокращается. Английский и русский обогнали немецкий как иностранный язык.

Система образования Таджикистана, в силу своей истории как советской республики, и по сей день носит советский или российский характер. Всеобщая грамотность и построение современной системы образования - продукт советской эпохи.

После обретения независимости в 1991 году насчитывалось 13 высших учебных заведений, в которых обучалось 70 000 студентов. Количество студентов почти не увеличилось в 1990-х годах из-за гражданской войны.

После 2000 года система высшего образования начала расширяться и к 2012/13 году выросла до 35 учреждений и в них обучается около 150 100 студентов. Хотя языком обучения был русский до обретения независимости и даже после нее, таджикский постепенно становится доминирующим языком обучения по мере национализации Таджикистана.

Ситуация с DaF и изучением немецкого языка в большинстве университетов вызывает беспокойство. Учебные материалы, методы обучения и учебные программы сильно устарели.

Учебные программы характеризуются концентрацией на лингвистических предметных областях за счет литературных и культурных исследований.

Данная платформа нацелена на развитие международного сотрудничества в сфере культуры, поддержку представителей искусства в данном регионе, размещение объявлений о предстоящих культурных мероприятиях, фестивалях и инициативах, реализацию совместных международных и региональных проектов в культурном секторе. Более того, Сеть CACAN предполагает создание единой обширной базы всех данных о действующих культурных и художественных организациях в Центральной Азии со ссылками на данные отделы, а также всех актуальных конкурсах, стипендиях в сфере культуры. Кроме этого, Академия занимается подготовкой кадров, обеспечивает мобильность между странами региона и Германией через стажировки в издании Deutsche Welle и организацию тренингов для обмена опытом между культурами [3].

Так, Академия сотрудничает с определенными компаниями теле- и радиовещания в Центральной Азии, а также развивает совместные онлайн-издания в Таджикистане.

Весной 2016 года Всемирный банк совместно с Министерством образования Таджикистана начал реализацию Проекта высшего образования Таджикистана (2015-2021 гг.).

Проект финансируется на сумму 15 миллионов долларов США и направлен на разработку механизмов контроля качества и повышение востребованности высшего образования на рынке труда. Проект финансирует различные механизмы внешнего контроля качества, реструктуризацию установленных государством академических стандартов по дисциплинам, важным для развивающейся экономики Таджикистана, и пересмотр структуры финансирования высшего образования для содействия достижению ключевых целей.

На институциональном уровне должна быть разработана учебная программа, организованны курсы повышения квалификации для учителей, услуги по трудоустройству для студентов и модернизация лабораторного оборудования. Кроме того, часть финансирования также будет использована для поддержки молодых женщин в получении университетского образования.

Стоит затронуть и экологические проблемы, характерные для каждой республики по отдельности и представляющие для неё большую опасность. Так, в Таджикистане, где расположена почти вся уникальная горная система Памир, сложная и неоднородная по своим геологическим условиям, а также суровая и холодная по погодным, тем не менее, богатая

биологическим разнообразием – тянь-шаньский бурый медведь, волки, барсы, горные бараны и козлы, яки, различные типы птиц, изобилие рыбы.

На её территории уже около века существует постоянно действующая биологическая станция, изучающая растительный мир, почвы, организмы и климатологию Памира.

Если точнее, все биологические научные институты Памира – вышеупомянутая станция в Чечекты, Памирский ботанический сад и опорный пункт были объединены в единый Памирский биологический институт имени академика Х.Ю. Юсуфбекова – его отца-основателя. В его деятельности принимают участие посредством консультаций и информационной помощи и зарубежные эксперты, в том числе коллеги из Германии.

Проблемы Памира связаны в первую очередь с бесконтрольной вырубкой лесных ресурсов, которыми обладает горная местность, а именно: полукустарников и ценной хвойной системы, а также истощение водных ресурсов. В частности, в скором времени после распада Советского Союза и прекращения централизованного распределения топливных ресурсов жители Памира начали использовать самые доступные горючие материалы, растущие в непосредственной близости.

Так, для совместного разрешения данного вопроса, таджикские государственные институты Республики Таджикистан, в лице Государственного комитета по земельным ресурсам и управлению лесхозом в Горном Бадахшане, тесно сотрудничают с Германской службой развития (DED), Германским обществом по техническому сотрудничеству (GTZ), Центром международной миграции и развития (CIM). Кроме этого, лесное хозяйство и формирование развитой правовой базы в экологической сфере – это область для сотрудничества ФРГ [1]. С государственным комитетом охраны окружающей среды и лесного хозяйства РТ. Более того, необходимо объединений усилий с целью сохранения биологических ресурсов.

В регионе Памира реализацией совместных проектов занимаются «Франкфуртское зоологическое общество», Федеральный центр международной миграции и развития (CIM) и неправительственная организация «Команда по охране природы».

Для сохранения животных Германия сотрудничает с Республикой Таджикистан, предлагая свои наработки по систематизации охотничьего хозяйства. Они способствуют созданию прозрачной системы мониторинга поголовья животных, правовому регулированию деятельности охранных зон и охотничьих хозяйств. Также в Таджикистане Германской службой развития (DED) и Германским обществом по техническому сотрудничеству (GTZ) реализовываются совместные проекты «Устойчивое управление природными ресурсами» и «Устойчивое восстановление и развитие лесов» в Горном Бадахшане [2].

В реализации инициатив поддержку оказывает и Федеральное министерство окружающей среды, природоохраны и безопасности ядерных реакторов ФРГ (BMU). Кроме желания Германии помочь в области управления лесными и водными ресурсами Республики, а также сохранении диких животных, ФРГ развивает сотрудничество в области энергоэффективности, так как более рациональное использование природных ресурсов по всему миру также можно считать одним из приоритетов немецкой политики.

В рамках этого Германия делится знаниями для улучшения существующей системы теплоизоляции домов, а также опытом развития возобновляемых источников энергии – солнечные нагреватели домов и воды, к примеру.

Таким образом, в сфере экологии политика Германии сосредоточена не только на федеральном уровне и совместной работе государственных органов и межправительственных групп, но также осуществляется и через сотрудничество с представителями центральноазиатского общества, посредством инициатив неправительственных организаций и привлекая к участию местных жителей.

Соответственно, Германское общество по техническому сотрудничеству, Франкфуртское зоологическое сообщество, Федеральные министерства окружающей среды, природоохраны и экономического развития, Центр международной миграции и развития, а также другие неправительственные организации и представители бизнеса – главные участники и проводники политики Германии в Центральной Азии в данной области.

Таким образом, немецкая политика осуществляет конкретные проекты в нескольких направлениях – транспортные связи, энергетическое сотрудничество и помощь в развитии ВИЭ, цифровые сети, содействие устойчивому финансированию и инвестированию, развитие образования и молодёжи, программы мобильности и обмена, развитие инноваций, либерализация экономики, верховенство закона и внимание к проблеме прав человека, управление ресурсами. Ключ к успеху – внимание не только к глобальныем партнёрским связям, а прочная система двусторонних отношений в различных сферах.

**Рецензент: Махмадшоев Р. – д.и.н., профессор ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Botschaft der Republik Tadschikistan in der Bundesrepublik Deutschland. [Электронный ресурс] Режим доступа: https://www.auswaertiges-amt.de/de/aussenpolitik/laender/kirgisistan-node/bilaterale-beziehungen/206744 (Дата обращения 12.12.2022).
2. DAAD-Landerstatistiken // German Academic Exchange Service. – [Электронный ресурс] Режим доступа: https://www.daad.de/der-daad/zahlen-und-fakten/de/29263-daad-laenderstatistiken (Дата обращения 19.04.2020).
3. Академия Deutsche Welle // DW. – [Электронный ресурс] Режим доступа: https://amp.dw.com/ru/академия-немецкой-волны/a-1742159 (Дата обращения 14.12.2022).
4. Голос народа [Электронный ресурс] Режим доступа: https://sadoimardum.tj/minta-a-o/to-ikiston-va-olmon-29-soli-isti-rori-robita-oi-diplomat/ (Дата обращения 12.12.2022).
5. Министерство Иностранных дел ФРГ. Deutschland und Tadschikistan: [Электронный ресурс] Режим доступа: https://www.auswaertiges-amt.de/de/aussenpolitik/laender/tadschikistan-node/bilaterale-beziehungen/206762 (Дата обращения 12.12.2022).
6. Официальный сайт Представительства Германской экономики в Центральной Азии – Delegation der Deutschen Wirtschaft für Zentralasien. – [Электронный ресурс]. – URL: http://zentralasien.ahk.de/ru (дата обращения: 14.12.2022).
7. Памятка по улучшению жизни людей в высокогорных районах Центральной Азии по поручению Федеративного министерства окружающей среды, охраны природы и ядерной безопасности ФРГ [Электронный ресурс] Режим доступа: - www.giz.de/de/downloads/giz2019-04-RU-EbA.pdf (Дата обращения 13.12.2022).
8. Рассмотрение возможностей расширения сотрудничества Таджикистана и Германии. – Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. – 23.07.2019. – [Электронный ресурс] Режим доступа: www.mfa.tj/ru/main/view/4313/ (Дата обращения 13.12.2022).
9. Региональная программа «Устойчивое использование природных ресурсов в Центральной Азии». –Изд.: Германское общество по техническому сотрудничеству – Deutsche Gesellschaft für Technische Zusammenarbeit (GTZ) GmbH. – Эшборн. – 2010. -с.2. [Электронный ресурс]. URL: http://naturalresources-centralasia.org/assets/files/gtz_Brochure_rus.pdf (дата обращения: 14.12.2022)
10. Стратегия по Центральной Азии. Федеральное министерство иностранных дел. - Берлин. - 2010. – с.8. - [Электронный ресурс] Режим доступа: https://www.auswaertigesamt.de/blob/1496766/0d6dfe436f770728278d88b2ae387c91/zentralasien-rus-data.pdf (Дата обращения 14.12.2022).


## МУНОСИТБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН ДАР МАРҲИЛАИ НАВ


Дар мақолаи илмии мазкур таҳқиму густариши равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Олмон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.Тоҷикистон дар ибтидои асри 21 саъй дошт, ки рушди иқтисодии худро тавассути амиқ ва муносибгардонии равобити худ ба кишварҳои пешрафта ба таври беҳтарин дастгирӣ намояд. Татбиқи ин кӯшишҳо аз нишондиҳандаҳои ҳам соҳаҳои дохилӣ ва ҳам берунии иқтисоди давлат, аз қабили рақобатпазирии истеҳсолкунандагони миллӣ, фазои сармоягузорӣ, вазъи умумии сиёсию иқтисодӣ ва ғайра вобаста буд. Мақоми кишвар дар системаи иқтисодии муосири ҷаҳонӣ бештар аз қобилияти фароҳам овардани шароити зарурӣ барои афзоиши доимии иқтидори савдои дохилию хориҷии миллӣ тавассути ба роҳ мондани муносибатҳои дуҷониба вобаста аст. Олмон дар ҳоли ҳозир яке аз шарикони асосии Тоҷикистон мебошад. Дар Тоҷикистон ислоҳоти сершумор, пеш аз ҳама, ислоҳоти иқтисодӣ, ки ба пешбурд ва тақвияти равиши сармоягузорӣ нигаронида шудаанд, мегузарад.Олмон бо ҷолибияти иқтисодии худ тавонист дар Тоҷикистон як қатор механизмҳои муколамаро ба вуҷуд оварад, ки заминаи рушди минбаъдаи муносибатҳо гардид. Муносибатҳои байни Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 барқарор гардида, ҳамкориҳои гуногунҷанба бо мулоқоту сафарҳои сатҳи баланд аз ҷониби намояндагони ҳарду кишвар оғоз ёфт.



**Калидвожаҳо:** муносибатхои иқтисодӣ, манфиатхои сиёсӣ, маданият, илм.


## РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКО-ГЕРМАНСКИХ ОТНОШЕНИЙ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ


В данной научной статье анализируются укрепление и развитие отношений между Республикой Таджикистан и Германией. В начале XXI века Таджикистан стремился обеспечить свое экономическое развитие, углубляя и оптимизируя свои взаимоотношения таким образом, чтобы как можно лучше реализовать поддержку

промышленного производства, энергетического сектора и привлечения иностранных инвестиций, налаживая сотрудничество со многими государствами, в том числе и с Германией. Воплощение этих попыток зависело от показателей как внутренней, так и внешней сфер экономики государства: конкурентоспособность национальных производителей, инвестиционный климат, общая политическая и экономическая ситуация и тому подобное. Место страны в современной мирохозяйственной системе во многом зависит от ее способности и возможности создавать необходимые условия для постоянного наращивания национального внутреннего и внешнеторгового потенциала путем установления двусторонних отношений. Взаимоотношения между Таджикистаном и Федеративной Республикой Германие обусловлены тем, что ФРГ на данный момент является одним из главных партнеров Таджикистана. В Таджикистане проводятся многочисленные реформы, в первую очередь экономические реформы, нацеленные на продвижение и активизацию инвестиционного подхода. Германия своей экономической привлекательностью сумела сформировать в Таджикистане целый ряд диалоговых механизмов, что и стало основой дальнейшего развития взаимоотношений. Отношения между Федеративной Республикой Германия и Республикой Таджикистан были установлены в 1992 году, а многоплановое сотрудничество началось со встреч на высшем уровне и визитов представителей обеих стран.

**Ключевое слова:** экономические отношения, политические интересы культура, наука.

## DEVELOPMENT OF TAJIK-GERMAN RELATIONS AT THE PRESENT STAGE

This scientific article analyzes the strengthening and development of relations between the Republic of Tajikistan and Germany.At the beginning of the 21st century, Tajikistan sought to ensure its economic development by deepening and optimizing its relations in such a way as to best support industrial production, the energy sector and attract foreign investment, establishing cooperation with many states, including Germany. The implementation of these attempts depended on indicators of both the internal and external spheres of the state economy, such as the competitiveness of national producers, the investment climate, the general political and economic situation, and the like. The place of a country in the modern world economic system largely depends on its ability and ability to create the necessary conditions for the constant growth of national domestic and foreign trade potential through the establishment of bilateral relations.Relations between Tajikistan and the Federal Republic of Germany are due to the fact that Germany is currently one of the main partners of Tajikistan. Tajikistan is undergoing numerous reforms, primarily economic reforms, aimed at promoting and invigorating the investment approach.Germany, with its economic attractiveness, managed to form a number of dialogue mechanisms in Tajikistan, which became the basis for the further development of relations.Relations between the Federal Republic of Germany and the Republic of Tajikistan were established in 1992, and multifaceted cooperation began with high-level meetings and visits by representatives of both countries.

**Keywords:** economic relations, political interests culture, science.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Дустов Ҷамшед Абдусамадович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **900-15-15-05.** E-mail: **Dustov2020@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Дустов Джамшед Абдусамадович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **900-15-15-05.** E-mail: **Dustov2020@bk.ru**

**Information about the author:** ***Dustov Jamshed Abdusamadovich*** Tajik National University, Ph.D. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **900-15-15-05.** E-mail: **Dustov2020@bk.ru**

**УДК: 327.1(575.30**

# ТАҲАВВУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ШАРҚ НИСБАТ БА СИЁСАТИ ҒАРБ

*Нуриддинов Р.Ш.*
**Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия**

Пас аз оғози амалиёти махсуси низомии Федератсияи Россия барои ҳифз ва истиқрори сулҳ дар ҷумҳуриҳои Донбасс – Ҷумҳурии Халқии Донетск ва Ҷумҳурии Халқии Луганск, ҷаҳон ба як падидаи нав дар тамоми низоми муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати ҷаҳонӣ, геосиёсат, геоиқтисод, геофарҳанг, геотамаддун ва ғайра дучор шуд. Мо шоҳиди падидаи бесобиқа дар муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ҳастем, ки дар он як гурӯҳ мамлакатҳо, ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ», ки бо сарварии Штатҳои Муттаҳидаи Америка, комилан тамоми усулҳо ва арзишҳои умумиҷаҳониро нодида гирифта, шартҳои худро якҷониба ба дигарон таҳмил мекунад. Дар ин бора намояндагони соҳаҳои гуногуни илмӣ, журналистӣ ва коршиносӣ дар саросари ҷаҳон ба навиштан ва иброзу пешниҳоди дидгоҳу андешаҳои хеш шуруъ кардаанд. Ба андешаи мо, бархӯрд миёни Федератсияи Россия ва гурӯҳи кишварҳо ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ», ки таҳти сарварии Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар Украина сурат гирифтааст, идомаи бархӯрди куҳнаи геополитикии байни тамаддуни хушкӣ ва тамаддуни баҳрӣ мебошад. Дар зиддияти нав бо Федератсияи Россия ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» ба дастгирии Шарқ сахт умед баст, вале ин минтақа бо рафтори худ бо овози баланд эълон кард, ки дигар ба иродаи Вашингтон кӯркӯрона итоат намекунад ва воситаи амалӣ гардонидани манфиатҳои Ғарб нест.

Дар мақолаи худ мо мехостем ин мушкилотро тавассути таҳлили рафтори кишварҳои Шарқи Наздик дар робита бо зиддияти байни Федератсияи Россия ва ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» бо роҳбарии Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар Украина баррасӣ намоем. Таҳлили маводҳо нишон медиҳанд, ки Шарқ бо рад кардани дастгирии ба ном «Ғарби дастаҷамъӣ» бори дигар исбот кард, ки Шарқ «падидаи нозук» аст ва замоне, ки Ғарб ба муҳити ғайри Ғарб бе пурсиш дохил мешуд ва қоидаҳои худро ҷорӣ менамуд, бебозгашт гузаштааст. Сарфи назар аз тамоми талошҳои Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Шарқ аз сиёсати таҳримии он кишвар, ки зидди Федератсияи Россия бинобар татбиқи амалиёти махсуси низомӣ барои кумак ба ҷумҳуриҳои Донбасс нигаронида шудаанд, дастгирӣ накард.

Зикр бояд кард, ки буҳрони Украина як падидаи гуногунҷанба буда, дар чорчӯбаи як мақола фаро гирифтани тамоми паҳлуҳои ин масъала аз воқеият дур мебошад. Бинобар ин, мо аз таҳлилу баррасии амалиёти низомии Федератсия Россия, рафт, муваффақияту камбудиҳо, натиҷаҳои он ва ғайра худдорӣ намуда, кӯшиш менамоем баъзе ҷиҳатҳое, ки саркашӣ, норизоиятӣ ва ба назари мо, як навъ «исёни Шарқ»-ро ба муқобили сиёсати ба ном «Ғарби дастаҷамъӣ» бо роҳбарии Штатҳои Муттаҳидаи Америка пас аз оғози амалиёти махсуси низомии Федератсияи Россия аз 24 феврали соли 2022 барои кумак ба ҷумҳуриҳои Донбасс нишон медиҳад,таҳлил намоем.

Таҳти мафҳуми Шарқ мо он бахше аз ҷаҳонро дар назар дорем, ки ба таҳримҳои Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Иттиҳоди Аврупо ва чанде аз «шарикон»-и шарқии онҳо, ба мисли Япония, Кореяи Ҷанубӣ, Тайван ва Филиппин, ки ба феҳристи кишварҳои ғайридӯст аз тарафи Федератсияи Россия шомил нашудаанд. Вақте ки дар бораи Шарқ сухан меронем, мо тамоми ҷаҳони ғайри Ғарбро фаро мегирем, ки он сарфи назар аз фишори сахттарини Вашингтон мустақилияти хешро нигоҳ дошт. Ин шаҳодати он аст, ки давраи тобеияти куллии ҷаҳон ба яккаҳукмронии Штатҳои Муттаҳидаи Америка тадриҷан гузашта истодааст. Федератсияи Россия яккаҳукмронии Штатҳои Муттаҳидаи Америкаро зери шубҳа қарор дод, ки он аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ҳиндустон, қариб ҳамаи аъзоёни БРИКС, СҲШ, ИДМ, СААД ва бисёре аз дигар ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавии Шарқ ё мавриди дастгирӣ қарор гирифт ё маҳкум нашуд. Ба маънои дигар, ин ҳолат ба он оварда расонид, ки на танҳо ба ном «Ғарби дастаҷамъӣ» симои ҳақиқии худро ошкор кард, балки ҷаҳони Шарқ низ ниқобро аз рӯйи худ бардошт ва тамоми ҳақиқати худро нишон дод. «Дастаҷамъии Шарқ» ҳам «якдилона»

ва баъзе аз онҳо бори аввал аз тобеияти «ғуломӣ»-и «хоҷагон»-и берунии худ – Штатҳои Муттаҳидаи Америка баромаданд. Ин як навъ зарбаи сахт ва ислоҳнашаванда ба нуфуз ва таъсири ҷаҳонии Вашингтон буд, ки дилпурона умед дошт, ки пас аз эълони таҳримҳои худ бар зидди Федератсияи Россия, аксари кишварҳои ҷаҳон ва пеш аз ҳама кишварҳои Шарқ ба дастурҳои ӯ кӯркӯрона амал мекунанд. Ҳатто мамлакатҳои «итоаткор»-и халиҷи Форс – Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб ва дигар «иттифоқчиён»-и дирӯза сиёсати Штатҳои Муттаҳидаи Америкаро на танҳо дастгирӣ накарданд, балки Федератсияи Россияро барои татбиқи амалиёти низомӣ дар Донбасс ошкоро ва расман маҳкум насохтанд. Сабабҳои чунин гардиши куллӣ дар рафтори сиёсати берунии мамлакатҳои Шарқ дар чист? Аз дидгоҳи мо онҳо бисёранд ва мутахассисони сершумори мактабҳои гуногуни илмӣ ва таҳлилӣ ба онҳо таваҷҷуҳ доранд. Мо мехоҳем баҳси худро дар атрофи чунин як масъалаи мубрам, вале кам омӯхташуда, аз қабили таъсири хотираи таърихӣ ба мавқеъҳои кишварҳои Шарқ дар робита ба бӯҳрони Украина равона созем.

Хотираи таърихӣ хотираи халқ, миллат аст. Арҷгузорӣ ба таърих ва хотираи он як унсури фарҳанги халқ, миллат, ҳуқуқи он мебошад. Халқ ба воситаи хотираи таърихии худ зиндагӣ мекунад ва инкишоф меёбад. Бе хотираи таърихӣ миллат ва давлат ба шикастҳои бузург гирифтор мешаванд. Аз ин рӯ, ҳар миллате, ки худро эҳтиром мекунад, бояд кӯшиш кунад, ки хотираи таърихии худро ҳифз кунад. Хотираи таърихӣ ёди модар, падар, Ватан аст. Хотираи таърихӣ набояд ба адовати таърихӣ табдил ёбад. Хотираи таърихӣ бояд тавассути баҳсҳои таърихӣ, гуфтугӯ ҳифз карда шавад. Барои нигоҳ доштани хотираи таърихӣ бо онҳое, ки андешаи дигар доранд, баҳси илмӣ ва гуфтугӯ кардан лозим аст. Гуфтугӯ бояд танҳо бо забони далелҳои илман асоснок сурат гирад. Имрӯз бар зидди хотираи таърихӣ имкони бузурги технологияҳои иттилоотӣ истифода мешаванд. Лаҳзаи муҳимми хотираи таърихӣ интишори маводи махфӣ мебошад. Чиро метавон ошкор кард ва чиро ҳоло не. Дар ин масъала таносуби ахлоқ ва усули ҳадафмандии сиёсиро риоя кардан лозим аст. Муҳим аст, ки мардум ба таърих, фарҳанг, арзишҳо, анъанаҳо, тамаддунҳо ва муҳимтар аз ҳама баояндаи худ бовар намоянд.

Аз тарафи дигар, дар раванди ҳифз намудани хотираи таърихӣ аз ифротгароӣ канорагирӣ бояд кард. Хусусан, дар масъалаҳои нозуки миллӣ-этникӣ ва динӣ бояд огоҳии сиёсӣ ва илмиро аз даст надод. Чунки ин метавонад дар байни ақаллиятҳои миллӣ-этникӣ ва динӣ эҳсосоти ҷудоихоҳиро барангезад.

Бояд гуфт, ки таърих хотираи мардум аст ва аз байн рафтани хотираи таърихӣ бошад боиси пошхӯрии давлатҳо, миллатҳо, фарҳангҳо, тамаддунҳо гардидааст. Аз аслу насаб ва решаҳои худ дур шудан нишонаи заиф гаштан ва аз байн рафтани хотираи таърихист. Таърихи миллат харида ва ё фурӯхта намешавад. Ин корро танҳо хоинон карда метавонанд. Мушкилоти ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» бо роҳбарии сохибихтиёри худ – Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар баробари дигар мушкилоти хеш дар он аст, ки онҳо Шарқро ҳеҷ гоҳ нафаҳмиданд, аниқтараш нахостанд ва барои фаҳмидан кӯшиш ҳам накарданд. Таърихан Ғарб ҳеҷ гоҳ Шарқро дӯст намедошт, аммо сахт мехост, ки дар он ҷо ҳузур дошта бошад, онро идора кунад, сарватманд шавад. Не, дурусттар мебуд агар бигӯем, ки Ғарб мехост, ки Шарқро ғорат кунад, дар роҳи рушди он ҳар гуна монеаҳо эҷод намояд ва баъд дар тамоми китобу дастурҳои худ халқҳои Шарқро ба гӯё «танбал будан», «қобилияти инкишоф надоштан» гунаҳкор эълон намоянд. «Олимон»-и Ғарб «назарияҳо»-и гуногун, аз қабили таъсири омилҳои «ҷуғрофӣ, динӣ ва ғайраро дар ақибмондагии мамлакатҳои Шарқ бофта баровcovarданд, то ки дар шуури иҷтимоии ҷаҳонӣ ақидаи «ягона дуруст»-и онҳо дар бораи сабабҳои «воқеӣ»-и ақиб мондани Шарқ дар рақобат бо Ғарб пайдо шавад.

Ҳамин тавр, Ғарб, ки имконоти азими таъсиррасонӣ ба афкори ҷаҳонӣ дошт, оламиёнро дидаву дониста водор сохт, ки ба ин афсонаҳои бофташудаи он бовар намоянд. Аммо маълум шуд, ки ин «ҳақиқат»-и Ғарб мисли ҳама чизи дигар дар ҷаҳон абадӣ нест.

Ба андешаи мо, Шарқро барои бадкина будан маломат кардан лозим нест. Он чи ки Ғарб нисбат ба Шарқ дар тайи ҳазорсолаҳо кардааст, ҳамчун хотираи таърихӣ набояд фаромӯш шавад. Аз хотираи таърихии насл ба насли Шарқ ҳеҷ гоҳ мустамликадории Ғарб фаромӯш намешавад. Ғарб дар муддати таърихи хеле тулонӣ таърих ва хотираи таърихии

Шарқро duздидааст. Аҷоиб ва боиси таассуф он аст, ки имрӯз бисёре аз муҳаққиқони кишварҳои Шарқ барои омӯзиши таъриху фарҳанги хеш ба Лондон ва дигар пойтахтҳои кишварҳои Ғарб мераванд, дурусттараш ба китобхонаву осорхонаҳои он давлатҳои ғарбӣ пул мепардозанд, то сарчашмаҳои таърихи гузаштаи худро омӯзанд. Хушбахтона, имрӯз дар аксари кишварҳои Шарқ чунин масъалагузорӣ менамоянд, ки агар мо муҳаққиқи воқеии таъриху тамаддуни худ бошем, пас чаро набояд дар ин бора бигӯем, ки чӣ тавр сарчашмаҳо ва сарватҳои миллии ин халқу миллатҳо дар марказҳои бонуфузи Ғарб ҷамъ омадаанд?

Чунонки директори Институти бостоншиносии Академияи фанҳои Россия Н. Макаров қайд мекунад, «аз Миср бисёриҳо чизҳои қиматбаҳо бурдаанд. Масалан, дар осорхонаи шаҳри Лувр чизе аз Франсия амалан нест. Айнан ҳамин ҳолат дар осорхонаи Британия аст. Гап дар сари он аст, ки солҳои зиёд, хусусан дар замони мустамликадорӣ, қудратҳои ҷаҳонӣ ба содироти бозёфтҳои археологӣ дар кишварҳои Шарқ машғул буданд...» [9].

«Англия дар асри XIX аз Миср он қадар чизҳои нодирро бурдааст, ки миёни онҳо зиёда аз 66 ҳазор ашёҳои намоишии мисрӣ мебошанд, ки дар осорхонаҳои Британия қарор доранд. Даромади тамошобинони ин осорхонаҳо, ки ҳар сол ба дидани ин хазинаҳо ва сарчашмаҳо аз кишварҳои Шарқ меоянд, миллионҳо фунт стерлингро ташкил медиҳад.

Ироқро махсус қайд кардан лозим аст. Дар соли 2003 сарбозони британӣ ҳамроҳ бо неруҳои америкоӣ ва соир кишварҳои дигари Ғарб ба ин давлат ҳамла карданд. Натиҷаи ин ҳамла бо сарнагун кардани Саддом Ҳусейн маҳдуд намешавад. Дар қароргоҳи Интерпол дар шаҳри Лиони Франсия конференсияе баргузор шуд, ки дар он коршиносон ҳисоб карданд, ки ин амалиёти низомии Ғарб барои фарҳанги ҷаҳонӣ чӣ таъсири манфӣ расонидааст. Аз осорхонаҳо ва китобхонаҳои Ироқ 200 ҳазор ашёҳои намоишӣ, аз ҷумла 80 ҳазор лавҳаҳои нодири гилии шумерӣ, ки синнашон қариб панҷ ҳазор сол мебошад, нопадид шудааст. Осорхонаи машҳури шаҳри Мосули Ироқ аз рӯйи замин маҳв карда шуд, ки дар он сарватмандтарин ашёҳои намоишии замони Ассуриё аз Нинво ва Нимруди ҳамсоя нигоҳ дошта мешуд. Ироқ ҳақ дорад аз Британия ҷуброни талафотро талаб кунад. Ва дар айни замон масъалаи моликияти Ироқ будани ганҷҳои Байнаннаҳрайни қадимро, ки дар осорхонаҳои Британия маҳфузанд, ба миён гузорад. Ҳанӯз дар охири асри XIX муаррихи америкоӣ Б. Адамс ҳисоб карда буд, ки танҳо дар миёнаҳои асри XVIII ва танҳо аз Бангол англисҳо ба маблағи як миллиард фунт стерлинг чизҳои қиматбаҳо баровардаанд. Ва дар соли 1857 бритониёиҳо Деҳлиро се рӯз «тоза» карданд – маҳсулотҳои зиёди нодири заргарӣ, тилло, марворид ва ғайраро тасарруф намуданд. Ҳоло дар осорхонаҳои Британия муҷассамаҳои ҳиндӣ, лавҳаҳои релефӣ, ҳайкалҳои маъбадӣ нигоҳ дошта мешаванд. Синну соли онҳо аз ҳазор сол ҳам бештар аст.

Хитой низ дар ин маврид бо Британия ҳисобҳои худро дорад. Дар соли 1860 қӯшунҳои Англия ва Франсия дар яке аз ҷангҳо барои ба ниммустамлика табдил додани империяи Хитой ганҷинаҳои Қасри машҳури тобистонии императорҳоро дар Пекин ғорат карда, онро оташ заданд. Ба рафтори ваҳшиёнаи ғарбиён классики адабиёти рус И.А. Гончаров дар асари худ «Фрегат Паллада» ҷавоб дода чунин навишта буд, ки англисҳо «аз ҳисоби онҳо (хитоиҳо – муҳаррир) сарватманд мешаванд, онҳоро заҳролуд менамоянд ва ҳатто ба қурбониёни худ нафрат доранд!» [4,с.72].

Масъалаи сарватҳои Шарқи қадим имрӯз ба масъалаи сиёсӣ табдил ёфтааст. Ҳатто тасаввур кардан душвор аст, ки Миср, Ироқ, Ҳиндустон ва Хитой аз Англия чӣ қадар ҷуброни зарар талаб карда метавонанд. Имрӯз ҷидду ҷаҳди дастаҷамъии ин мамлакатҳо дар мубориза барои ба даст овардани хотираи таърихӣ ва арзишҳои миллии худ, ки ба дасти англисҳо ва дигар ғарбиён афтодаанд, зарур аст. Ҳатто барои Америка ва Британия муқовимат кардан ба чунин гурӯҳи давлатҳое, ки дар байни онҳо азимҷуссаҳои дорои як миллиард аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва ғайра ҳастанд, ниҳоят душвор хоҳад буд. Ба андешаи мо ғарбиён дар солҳои наздик метавонанд бо дурнамои ногувор дучор шаванд: ашёҳои қиматбаҳои аз он кишварҳо ғоратнамударо, ки хотираи таърихии онҳост, баргардонанд ва зарари маънавии ба онҳо расонидашударо пардохт кунанд.

Мисоли дигар ганҷинаи Омударё (ганҷҳои Оқсӯ) – маҷмуаи 170 осори тилло ва нуқраи замони Ҳахоманишиён аст, ки соли 1877 дар шаҳраки бостонии Тахти Сангин дар соҳили дарёи Ому (Оқсӯи қадим) дар ҳудуди аморати Бухоро (Тоҷикистони ҳозира) ёфт шудааст. Имрӯз хотираи таърихии миллати тоҷик дар осорхонаҳои Британия ба намоиш гузошта шудааст (як қатор ашёи намоишӣ аз ин маҷмуа дар осорхонаҳои Виктория ва Алберт мавҷуданд). Дар маҷмуъ, 1 300 танга, зарфҳо, ҳайкалчаҳо, дастпонаҳо, нишонаҳо, лавҳаҳо, ганҷҳои боҳашамат ва ғайра ба Англия бурда шудаанд.

Ҳамин тариқ, Ғарб бар асари татбиқи сиёсати мустамликадорӣ ва юришҳои салибӣ сарвати асосӣ – маданият, тамаддун ва илму фарҳанги рушдёфтаи халқҳои Шарқро ғорат ва несту нобуд кард. Имрӯз дар марказҳои илмии Ғарб бисёр китобҳои эҷодкардаи мутафаккирони Шарқ маҳфузанд. Насли имрӯзаи Шарқ ба Ғарб ҳамчун мустамликадорони навбаромад менигарад, ки зери пардаҳои мудаввари муосир – демократия, ҳуқуқи башар, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, нобудсозии силоҳи қатли ом кӯшиш мекунанд, ки минбаъд низ ин кишварҳоро зери назорати худ нигоҳ доранд.

Истеҳсол ва тиҷорати нашъа омили навбатии хотираи таърихӣ ва нобоварии давлатҳои Шарқ нисбат ба Ғарб мебошад. Хитой ду «ҷанги афюнӣ»-и зидди Англия ва Франсияро фаромӯш накардааст. Дар бораи тиҷорати моводи мухаддири низомиёни Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» дар Афғонистон на танҳо аз ҷониби Афғонистон, балки аз ҷониби намояндагони дигар ҷомеаҳои коршиносӣ ҳам бисёр навишта шудааст. Самти ғарбии интиқоли моводи мухаддир аз Афғонистон дар тули бист соли ҳузури низомиёни «Ғарби дастаҷамъӣ» дар ин кишвар маҳз аз ҷониби фармондеҳони Штатҳои Муттаҳидаи Америка назорат мешуд. Ҳеҷ кас, на кормандони гумруки Афғонистон ва ҳатто муттаҳидони Вашингтон наметавонистанд, ки ба ҳавопаймоҳои Неруҳои ҳавоии Штатҳои Муттаҳидаи Америка, воқеъ дар фурудгоҳи низомии Бағром, ки дар канори шаҳри Кобул, пойтахти Афғонистон, ҷойгир буданд ва бо бори «номаълум» ба самти Косово – Европаи Ҷанубӣ парвоз мекарданд, наздик шаванд.

Бо дарназардошти андешаи зикргардида саволе ба миён меояд, ки агар Штатҳои Муттаҳидаи Америка, ки иддао дорад, ки беш аз бист сол барои амалиёти Афғонистон аз ду то се триллион доллар маблағ сарф кардаанд, пас аз тиҷорати моводи мухаддир дар ин кишвар ва содироти сангҳои қиматбаҳо аз Афғонистон чӣ қадар даромад гирифтаанд? Ё бояд дар бораи ин савол андеша кунем, ки чаро маҳз дар даврае, ки Штатҳои Муттаҳидаи Америка Афғонистонро ишғол карда буд, масъалаи Косово ин қадар мубрамият пайдо кард, тезутунд шуд ва он маҳз аз рӯйи қолаби америкоӣ танзим шуд? Шояд ба низомиёни Штатҳои Муттаҳидаи Америка барои интиқоли моводи мухаддир аз Афғонистон ба Европа нуқтаи транзитӣ лозим буд? Тасодуфӣ нест, ки дар натиҷаи «танзим»-и масъалаи Косово гурӯҳҳои ҷинояткоронаи ин «давлатӣ»-и аз ҷониби ғарбиён таъсис ва эътирофгардида мафияи Ситсилияро «маҷақ» карда, назорати олами ҷиноиро дар тамоми Европа то Англия ба дасти худ гирифтанд. Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии Штатҳои Муттаҳидаи Америка моводи мухаддири афғониро ба гурӯҳҳои ҷиноии Косово месупурданд, ё аниқтараш мефурӯхтанд ва онҳо, дар навбати худ онро дар саросари Европа то Англия паҳн мекарданд.

Дар хотираи таърихии халқҳои Шарқ ба таври абадӣ далелҳои навтарини аз байн бурдани давлатдории онҳо аз ҷониби «Ғарби дастаҷамъӣ» – Афғонистон, Ироқ, Сурия, Либиё, Яман таҳти шиорҳои ҳимояи демократия, мубориза бо терроризми байналмилалӣ ё аз байн бурдани силоҳи қатли ом, ки боиси муҳоҷирати иҷбории миллионҳо занону кӯдакон, пиронсолон ва беморон гардидааст, боқӣ хоҳад монд. Мардумони Шарқ бо фарёди ҷонсӯз имрӯз мегӯянд, ки дар хотираи таърихии онҳо дар даврони таърихи навтаринашон таҷовуз аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Федератсияи Россия вуҷуд надорад. Халқҳои Шарқ ин давлатҳоро гунаҳкори ҳуҷум ба мамлакатҳои худ, вайрон кардани хонаҳояшон намешуморанд.

Сӯиистифода намудани мавзуи таҳдиди Россия дар шакли «таҳдиди коммунистии шуравӣ», ки аз ҷониби ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» дар солҳои ҷанги сард барои нигоҳ доштани Иттифоқи Советӣ моҳирона истифода мешуд, дар воқеияти нави геополитикӣ

дар сиёсати Ғарб дар Шарқ натиҷа надод. Имрӯз дар Шарқ бештар одамон мефаҳманд, ки ҳамаи ташкилотҳои террористии ҳозиразамон бо пули хадамоти махсуси Штатҳои Муттаҳидаи Америка бо мақсади мубориза бо Иттифоқи Советӣ ташкил карда шудаанд.

Хотираи таърихии форсизабонон дар ин замина фарқ дорад. Пас аз рӯйдодҳои Украина аксари кишварҳои Шарқ ошкоро нияти таҳкими муносибатҳо бо Федератсияи Россияро эълон карданд ва худро ҳамчун як маркази интиқолдиҳанда барои хариду фурӯши молҳои Россия пешниҳод намуданд. Федератсияи Россия ҳамчунин аз идомаи ҳамкорӣ бо кишварҳои Шарқ дар арсаи энергияи ҳастаӣ изҳори омодагӣ намуд.

Хулоса, гуфтан мумкин аст, ки сояи мустамликадории ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» ҳанӯз дар болои Шарқ овезон аст. Ба ном «Ғарби дастаҷамъӣ» аз ниятҳои минбаъд забт кардани Шарқ даст намекашад, барои ба расмият даровардани ниятҳои истеъмории нави худ дар Шарқ стратегияҳо, иттиҳодияҳо ва иттифоқҳои нав ба нав таъсис медиҳад. Шарқ дар дасти ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» дар гузашта ҳамеша як навъ воситаи мубориза ба муқобили Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой буд. Аммо бори дигар такрор мекунем, ки замона ба таври куллӣ дигар мешавад ва Шарқ аз ҷиҳати тобеияташ дар назди Ғарб, дигар Шарқи дирӯза нест. Шарқ аз назари тамаддунӣ низ худро нисбат ба Ғарб қадимтар, сарватмандтар медонад. Имрӯз дар Шарқ дар бораи он ақида меронанд, ки омӯзиши тақрибан тамоми падидаҳо, илмҳо, равандҳо ва ҳодисаҳо, аз ҷумла таърих, таърихи давлат ва ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ, фалсафа, фарҳангшиносӣ ва ғайра, тибқи аксари китобҳои дарсӣ, иштибоҳан аз давраи Юнони қадим ва Рими қадим оғоз мешавад. Сабаби асосии ин омил, ба андешаи мо, инҳисори муаллифони Ғарб ба «ҳақиқати таърихӣ» мебошад. Нақши таърихи Юнони қадим ва Рими қадимро поймол накарда, аз рӯйи инсоф бояд иқрор гашт, ки дар тули асрҳои зиёд дар Шарқ таърих, сиёсат, ҳуқуқ, санъат, иқтисод ва бисёр дигар омилҳои давлатдорӣ ба амал омада буданд.

Имрӯз донишмандони Шарқ дар ин самт саволҳои зиёдеро ба миён мегузоранд. Хотираи таърихии онҳо шаҳодат медиҳад, ки омӯзиши таърихи воқеии башарият бояд аз ҷиҳати хронологӣ аз таърихи Мисри қадим, Бобулистони қадим, Форси қадим, Ҳиндустони қадим ва Хитойи қадим оғоз ёбад. Чунки таърихи ғуломдории Юнони қадим ва Рими қадим бояд пас аз оғози ташаккули низоми феодалӣ дар Хитойи қадим омӯхта шавад. Ба ибораи дигар, ба хотири таъмини адолати таърихӣ бояд эътироф кард, ки халқҳои Шарқ дар инкишофи худ аз Ғарб хеле пеш рафта буданд.

Пас аз оғози буҳрони Украина, дар Шарқ инчунин ба чунин падидаи ғайриодӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, ба монанди тақсимоти халқҳо аз ҷониби ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» ба одамони навъи якум, дуюм ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Яъне, дар Шарқ дар бораи он мегӯянд, ки чаро ба муқобили Штатҳои Муттаҳидаи Америка барои вазъияти ба ҳам монанд – ҷанги Федератсияи Россия дар Украина – таҷовуз ба муқобили Афғонистон, Ироқ, Сурия, Либиё, Яман, Судон ва бисёр дигар давлатҳои Шарқ таҳримҳо ҷорӣ карда нашуд? Ва чунин ҷавоб доданд, ки дар Ғарб шаҳрвандони кишварҳои Шарқро одамони навъи дуюм меҳисобанд. Гӯё сокинони Шарқро таҳқир кардан ва куштан аз ҷониби ғарбиён мумкин аст. Ба назари мо, аз ин ҷост, ки муборизони озодидӯст дар Афғонистон, Ҳиндустон, Эрон, Хитой, Покистон, Сурия ва бисёр дигар давлатҳои Шарқ бар хилофи Иттиҳоди Европа дар назди «ҳокими ҷаҳон» – Вашингтон ба зону нахӯрданд. Имрӯз Арабистони Саудӣ, Қатар, Қувайт низ намехоҳанд дар назди Штатҳои Муттаҳидаи Америка таслим шаванд. Ин миллатҳо инчунин дар хотир доранд, ки «Баҳори араб» лоиҳаи Ғарб аст, на Федератсияи Россия ва на Ҷумҳурии Халқии Хитой.

Хотираи таърихии Шарқ нағз дар ёд дорад, ки ба ном «Ғарби дастаҷамъӣ» дар фаъолияти берунии худ сиёсати дуҳӯраро амалӣ менамояд. Ин дар сиёсати Ғарб нисбат ба гурезагон аз давлатҳои Шарқ равшан инъикос ёфтааст. Барои мисол, норозигии арабҳо пас аз рӯйдодҳои Украина, вақте ки ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» ҳамчун як қисми сиёсати дуҳӯра барои гурезаҳои украиниро хеле гарм истиқбол намуданд. Аммо, мутаассифона, Ғарб ҳамон хел гурезаҳоро аз кишварҳои Шарқ – Афғонистон, Ироқ, Либиё ва Сурияро сард қабул карданд.

Ба сиёсати дуҳӯраи ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» ишора намуда, баъзе давлатҳои минтақа Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолиро хотирнишон месозанд, ки Ҷумҳурии

Туркия минтақаи бузурги Кипрро ишғол намуда, давлати алоҳида ташкил намудааст, ғайриқонунӣ қӯшунҳои худро ба Сурия ворид намуда, ҳудуди калони он давлатро тасарруф кардааст, дар ҳудуди Сурия ва Ироқ чун дар ҳудуди худ рафтор карда, ба муқобили курдҳо зарбаҳои ҳавоӣ мезанад. Аз ин рӯ, давлатҳои Шарқ дуруст иддао мекунанд, ки барои Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ иҷозат будааст, ки бо дасти аъзои минтақавии худ – Туркия ба дигар давлатҳои минтақа мисли хонаи худ ворид шавад ва дар доираи манфиатҳои миллӣ ва гурӯҳии худ ҳуқуқи ин халқҳо ва ҳуқуқи байналмилалиро поймол кунанд. Ва ҳамзамон, ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» бар зидди Туркия таҳрим ҷорӣ намекунад, аслиҳаеро, ки ба Украина медиҳад, ба созмонҳои шӯришии курдҳо намедиҳад ва аз гурезаҳои курд истиқболи гарм намекунад.

Шарқ бо дарназардошти омилҳои зикргардида дарк мекунад, ки тамоми низоми муносибатҳои байналмилалӣ, ки ба асоси усули америкосентризм ташаккул ёфта буд, таназзул ёфтааст ва онро аз ҳисоби дигар бозингарони ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҳиндустон ва дигар иштирокчиёни минтақавии ин муносибатҳо нав кардан лозим аст. Ва то он замоне, ки механизмҳои байналмилалие, ки қодир ба ҳалли низоъҳо бошанд ё марказҳои нави қабули қарорҳо – давлатҳои тавоно ё иттиҳодияҳои давлатӣ, ки дигаронро ба итоат кардани «қоидаҳои умумии рафтор» «маҷбур мекунанд» пайдо нашаванд, вазъи ноустуворӣ дар ин минтақа боқӣ мемонад.

Бар хилофи изҳорот ва иттиҳомоти зидди Россия дар бораи даст задани он кишвар ба кушторҳои оммавӣ дар дигар минтақаҳои ҷаҳон аз ҷониби ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ», хотираи таърихии халқҳои Шарқ шаҳодат медиҳад, ки Иттифоқи Советӣ ва Россияи муосир дар Шарқ ба чунин ҷиноятҳо даст назадаанд. Барои тасдиқи ин далелҳо бо афғонҳо, суриёиҳо, ироқиҳо ва дигар шаҳрвандони одии Шарқ суҳбат кардан лозим аст. Барои мисол, ба муаллиф пас аз хуруҷи неруҳои низомии Иттифоқи Советӣ дар соли 1989 афғонҳо, ки бо бедодгарии муҷоҳидин ва ғарбиҳо рӯ ба рӯ шуданд, гуфтанд, ки «агар мо чеҳраи воқеии ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ»-ро медонистем, ҳеҷ гоҳ ба сӯйи як низомии шуравӣ (аскари советӣ – *муаллиф*) тир намеандохтем. Бояд гуфт, ки неруҳои низомии Иттифоқи Советӣ дар Афғонистон ва Федератсияи Россия дар Сурия бо дархости ҳукуматҳои қонунии ин давлатҳо ҳузур доштанд ва доранд. Ва, баръакс, ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» дар Ветнам, Афғонистон, Ироқ, Сурия, Либиё ва дигар мамлакатҳои минтақа ба куштори оммавии халқҳои маскуни он, ғайриқонунӣ, бо роҳи поймол намудани ҳуқуқи байналмилалӣ, бар хилофи иродаи аксарияти аҳолии ин давлатҳо машғул буданд ва ҳастанд.

Фарқи байни ранги хун, марг, дарду ранҷу азоби як ветнамиву афғонӣ, ироқӣ, суриёӣ, либиёӣ, руси Донбасс аз ранги хун, марг, дарду ранҷу азоби дигарон, ки дар бораи онҳо дар «Ғарби дастаҷамъӣ» имрӯзҳо фарёд мезананд, чист? Интернет пур аз наворҳои воқеӣ дар бораи қатли омми сарбозони ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» дар кишварҳои Шарқ аст. Масалан, навори қатли тифли навзоди афғон аз ҷониби сарбозони америкоӣ бо садои «ин террористи оянда аст». Ё садои як духтараки суриёӣ – «аз болои шумо ман ба Худо шикоят мекунам» барои қатли хонаводааш аз ҷониби низомиёни ғарбӣ. Қудрати хотираи таърихӣ ҳамин аст.

Мутаассифона, хотираи таърихӣ дар байни режими фашистон, тарафдорони Бандера ва дигар ҳаракатҳои ифротӣ дар шакли эҳёи фашизми навбаромад, миллатгароӣ ва ифротгароӣ низ дубора нигоҳ дошта ва зинда шуда истодааст. Чунонки равандҳои ахири аврупоӣ ва хусусан буҳрони Украина нишон доданд, дар Европа ва бахусус Германия Лаҳистон ва як қатор кишварҳои дигари ин минтақа андешаҳои миллатгароӣ ва фашизм аз нав зинда мешаванд, наберҳаои фашистони собиқ ба сари ҳокимият омадаанд.

Ба андешаи аксари коршиносон, Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба он низ умед баста буданд, ки бо истифода аз таъсири такягоҳи молии пурқудрати худ – доллар ба кишварҳои Шарқ фишор оварда, онҳоро маҷбур месозанд, ки аз сиёсати Вашингтон пуштибонӣ намоянд. Аммо Штатҳои Муттаҳидаи Америка як омили муҳимро ба эътибор нагирифтанд, ки мавқеи доллар, евро ва асъори дигар аз самтгирии тиҷоратии давлат вобаста аст. Бинобар ин, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва дигар кишварҳои Шарқ, ки ба заиф шудани доллар ҳамчун инҳисори молиявӣ манфиатдор

мебошанд, саргарми азнавсозии ҷиддии сиёсати тиҷоратии худ ва кам кардани саҳми доллар дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ мебошанд. Зиёда аз ин, онҳо самти рушди давлатии худро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Чунки бисёр кишварҳои Шарқ дарк менамоянд, ки муассисаҳои молиявию иқтисодии байналмилалӣ манфиатҳои ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ»-ро бо роҳбарии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва сармояҳои онҳо ҳимоя мекунанд.

Илова бар гуфтаҳои боло, дар мактабҳои илмии Шарқ бо чунин фикр розӣ нестанд, ки Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Европа ва маҳз дар соли 1939 дар Лаҳистон сар шуда бошад. Онҳо бар ин назаранд, ки Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ хеле барвақт дар Шарқи Дур оғоз шудааст, аммо, мутаассифона, Ҷанги ҷаҳонӣ номида нашудааст, чунки қудратҳои ҷаҳонӣ – Иттифоқи Советӣ, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Британия, Франсия – ҳанӯз ба ҷанг он ҷо ҳамроҳ нашуда буданд. Гап дар сари он аст, ки онҳо ба амалиёти ҳарбии Япония дар Шарқи Дур манфиатдор набуданд, бинобар ин онҳо Японияро дар Манчурия Ҷанги ҷаҳонӣ эълон накарданд, гарчанде ки майдони фарогири он ҷанг назар ба Европа хеле васеътар буд. Ё ин ки имрӯз Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба муқобили Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Россия ҳар гуна иттиҳодҳо ва иттифоқҳо ба вуҷуд меоваранд, сиёсатмадорон ва сиёсатшиносони Шарқ дар назди худ савол мегузоранд, ки оё Штатҳои Муттаҳидаи Америка дигар абарқудрати ҷаҳонӣ нест ва танҳо наметавонад Хитой ё Россияро боздорад? Онҳо иброз медоранд, ки Штатҳои Муттаҳидаи Америка бо чунин рафтораш заифии худро эътироф мекунад.

Агар ин тавр набошад, пас ба амалиётҳои Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар солҳои охир дар саросари ҷаҳон бо роҳи ҷалби ҳарҷӣ бештари иттифоқчиёни хеш чӣ тавр арзёбӣ намудан мумкин аст? Аз нуқтаи назари психологияи Шарқ, ин рафтори солим ва мардона нест. Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар Афғонистон, Эрон, Ироқ, Сурия, Либиё, ба збораи дигар, на дар ҳама ҷо чун давлати бузург рафтор намекарданд, дар ҳама ҷо дар пушти ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» «пинҳон» мешуданд. Аз ин ҷост, ки Федератсияи Россия дар назари халқҳои Шарқ ҳамчун давлати бузурги ҳарбию сиёсии ҳақиқӣ ба назар мерасад, чунки танҳо ҳукмронӣ ва низоми байналмилалии ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ»-ро зери шубҳа қарор додааст.

Аксари сиёсатмадорони Шарқ Москавро боз барои он маҳкум намекунад, ки мутаассифона, Украина аз ҷониби Ғарб ба як асбоби нобудсозии Федератсияи Россия табдил дода шудааст. Онҳо дар ин ҷо манфиатҳои худро дунбол мекунанд, вақте мебинанд, ки ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» омода аст то охирин шаҳрванди Украина биҷанганд. Аз ин рӯ, кишварҳои Шарқ бар ин назаранд, ки ҷанги Украина ҷанги онҳо нест, ҷанги Ғарб аст.

Коршиносони Шарқ инчунин дар бораи як мушкилоти дигар фикр мекунанд – шикасти қолаби америкоии либерализм ва таъсири он ба ҷомеаҳои анъанавӣ ва консервативии шарқӣ. Таҷриба исбот намуд, ки либерализми Ғарб ҳамчун назария ва амалияи идоракунӣ барои давлатҳои Шарқ бегона аст. Аз ин рӯ, дар доираҳои илмии Шарқ мафҳуми нав – либерализми зиддидавлатӣ, яъне либерализми таҳмилии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба муомилот ворид карда шуд. Давлатҳои Шарқ мушоҳида карданд, ки либералҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ – ба даст гирифтани ҳокимияти давлатӣ дар Европаи Шарқӣ ва фазои пасошуравӣ чунин соҳаҳои ҳаётан муҳим – воситаҳои ахбори омма, маориф, фарҳанг, тиб яъне сароғоз он соҳаҳоеро ишғол мекунанд, ки ба воситаи онҳо тафаккури «дуруст»-и худро ба ҷомеа таҳмил намоянд.

Буҳрони Украина қолабҳои муқаррарии таҳлили муносибатҳои байналмилалиро ба куллӣ тағйир дод. Вазъияти нави бавуҷудомадаи байналмилалӣ нодуруст будани бисёр нуктаҳои назариявии коршиносони Ғарбро дар бораи яклухтии ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» нишон дод. Ғарб интизор надошт, ки ба ҷойи он, ки Федератсияи Россияро маҳдуд намояд, худаш аз аксари кишварҳои ҷаҳон дур афтод, чунки онҳо ё аз Федератсияи Россия пуштибонӣ намуданд, ё онро маҳкум накарданд ва ё мавқеи бетарафиро ишғол намуданд, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои Москва буд.

Бале, Ғарб мавқеи «дастаҷамъӣ»-ро ишғол кард, вале худ дар ақаллият қарор гирифт. Гап дар сари он аст, ки агар мо зери мафҳуми Ғарб Штатҳои Муттаҳидаи Америка,

Канада, Европа ва доираи танги кишварҳои Осиё ва Океания – Австралия, Зеландияи Нав, Япония, Кореяи Ҷанубӣ, ҷазираи Тайван ва Филиппинро дар назар дошта бошем, пас ин ақаллияти равшан аст, на аксарият.Ба як нуқтаи нозуки дигар – консерватизми (ба маънои мусбати он), анъанавии Шарқ – низ диққат додан лозим аст. Халқҳои Шарқ ба расму ойин, урфу одат имон доранд. Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ҳиндустон, ҳамаи мамлакатҳои мусулмонӣ дар ҳамин асос рушд менамоянд. Либералҳо бо арзишҳои ғайримуқаррарии Ғарб – издивоҷи ҳамҷинсон, рад кардани мафҳумҳои модар ва падар, дар назари мардуми Шарқ, ҳамчун бехудо ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, ин деворҳои арзишӣ Ғарбро аз Шарқ ҷудо мекунанд. Ғарб эътироф мекунад, ки наметавонад аз арзишҳои барои Шарқ бегона даст кашад. Ба андешаи аксари коршиносони мактабҳои таҳлилии Шарқ, бехудоӣ боиси барҳам хӯрдани ҳукмронии ҷаҳонии Ғарб мегардад.

Ҳамин тавр, аксарияти Шарқ бетарафиро дар ихтилофи байни Москва ва ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» ишғол намуда, дар доираи манфиатҳои миллии худ амал карда, аз ин вазъият хулосаҳои зарурӣ мебароранд. Изҳороти сершумори сиёсатмадорон ва дипломатҳои Шарқ исбот менамоянд, ки «Дастаҷамъии Шарқ» бо чунин рафтор ва ақидаи худ нишон доданист, ки замоне, ки ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» ҳама чизро ҳал мекард, ба охир расидааст.

### АДАБИЁТ


1. Алексеева Т.А. Современная политическая мысль (XX–XXI вв.). Политическая теория и международные отношения. Учебное пособие / Т.А. Алексеева. -М.: Аспект Пресс, 2018. -624 с.
2. Аму-Дарьинский клад. Персидские вещи из Британского музея. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://zen.yandex.ru/media/historyrus/ amu-darinskii-klad-persidskie-vesci-iz-britanskogo-muzeia-5f0327d4be435e711a 2f5ea3 (дата обращения: 02.09.2022).
3. Балмасов С. Британская лавка украденных древностей / С. Балмасов [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://proza.ru/2011/07/29/1228 (дата обращения: 02.09.2022).
4. Гончаров И.А. Фрегат «Паллада»: Путевой дневник кругосветного путешествия / И.А. Гончаров. -М.: Издательство: «Эксмо», 2012. – 512 с.
5. История международных отношений. В 3 томах. Том 1. Учебник. Под редакцией А. Торкунова. -М.: Аспект Пресс, 2017. – 400 с.
6. Лаптева Е.В. К вопросу об истории антироссийских санкций // Историко-экономические исследования. 2017. - №4. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/k-voprosu-ob-istorii-antiros siyskih-sanktsiy (дата обращения: 06.09.2022).
7. Международные отношения и мировая политика. Учебник. Под редакцией П.А. Цыганкова. -М.: Юрайт, 2016.
8. Никитина Ю.А. Введение в международные отношения и мировую политику. Учебное пособие / Ю.А. Никитина. -М.: Аспект Пресс, 2017. –160 с.
9. Нуриддинов Р.Ш. Историческая память Востока и антироссийские санкции Соединенных Штатов Америки против Российской Федерации [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://centrasia.org/newsA.php?st=1662543360 (дата обращения: 02.12.2022)
10. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ [Матн] / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР–граф, 2017. –576 с.
11. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе, 2020. – 258 с.
12. Нуриддинов Р.Ш. Геополитика: Учебное пособие / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР-граф, 2016. -352 с.
13. Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналмилалӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 340 с.
14. Нуриддинов Р.Ш. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: Эр–граф, 2016. – 352 с.
15. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ. Китоби дарсӣ. Нашри дуюми такмилёфта / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: Эр–граф, 2018. – 490 с.
16. Нуриддинов Р.Ш. Хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 388 с.
17. Трухачев В. Британская «лавка древностей» начинает «платить по счетам»? / В. Трухачев [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www. pravda.ru/world/1021099-britmuseum/ (дата обращения: 02.09.2022).


### ТАҲАВВУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ШАРҚ НИСБАТ БА СИЁСАТИ ҒАРБ


Бархӯрд миёни Федератсияи Россия ва гурӯҳи кишварҳо ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ», ки таҳти сарварии Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар Украина сурат гирифтааст, идомаи бархӯрди куҳнаи геополитикии байни тамаддуни хушкӣ ва тамаддуни баҳрӣ мебошад. Дар зиддияти нав бо Федератсияи

Россия ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» ба дастгирии Шарқ сахт умед баст, вале ин минтақа бо рафтори худ бо овози баланд эълон кард, ки дигар ба иродаи Вашингтон кӯркӯрона итоат намекунад ва воситаи амалӣ гардонидани манфиатҳои Ғарб нест. Дар мақолаи худ мо мехостем ин мушкилотро тавассути таҳлили рафтори кишварҳои Шарқи Наздик дар робита бо зиддияти байни Федератсияи Россия ва ба истилоҳ «Ғарби дастаҷамъӣ» бо роҳбарии Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар Украина баррасӣ намоем. Ҳамзамон зикр бояд кард, ки буҳрони Украина як падидаи гуногунҷанба буда, дар чорчӯбаи як мақола фаро гирифтани тамоми паҳлуҳои ин масъала аз воқеият дур мебошад. Бинобар ин, мо аз таҳлилу баррасии амалиёти низомии Федератсия Россия, рафт, муваффақияту камбудиҳо, натиҷаҳои он ва ғайра худдорӣ намуда, кӯшиш намудем баъзе ҷиҳатҳое, ки саркашӣ, норизоиятӣ ва ба назари мо як навъ «исёни Шарқ»-ро ба муқобили сиёсати ба ном «Ғарби дастаҷамъӣ» бо роҳбарии Штатҳои Муттаҳидаи Америка пас аз оғози амалиёти махсуси низомии Федератсияи Россия аз 24 феврали соли 2022 барои кумак ба ҷумҳуриҳои Донбасс нишон медиҳад,таҳлил намоем.

**Калидвожаҳо:** Шарқ, Ғарб, муносибатҳои Шарқ, сиёсати Ғарб, «Ғарби дастаҷамъӣ», хотираи таърихӣ, буҳрони Украина, Россия, Штатҳои Муттаҳидаи Америка.

## ЭВОЛЮЦИЯ ОТНОШЕНИЙ ВОСТОКА К ПОЛИТИКЕ ЗАПАДА

Противостояние Российской Федерации и так называемого «коллективного Запада» во главе с Соединенными Штатами Америки на Украине это продолжение старого геополитического противостояния Суши и Море. В новом противостоянии так называемый «коллективный Запад» сильно рассчитывал и надеялся на поддержку Востока, но регион своим поведением громко заявлял, что больше в слепую не подчиняется воли Вашингтона, не будет инструментом реализации хищнических интересов Запада. Мы в своей статье хотели взглянуть на данную проблему через анализ поведения Ближнего Востока в связи с противостоянием Российской Федерации и так называемого «коллективного Запада» во главе с Соединенными Штатами Америки на Украине. Одновременно необходимо отметить, что мы не ставим перед собой задачу анализа самой операции, ее ходом, достижений и упущений, ее итогам и т.д. дело в том, что украинский кризис, многоаспектное явление и в рамках одной статьи охватывать все стороны данного вопроса не реально. Мы попытаемся, ставить перед собой задачу анализа некоторых аспектов неподчинения, несогласия, и на наш взгляд своеобразного «бунта Востока» против политики так называемого «коллективного Запада» во главе Соединенных Штатов Америки после начала специальной военной операции Российской Федерации по оказанию помощи республикам Донбасса 24 февраля 2022 года.

**Ключевые слова:** Восток, Запад, отношения Востока, политика Запада, «коллективный Запад», историческая память, украинский кризис, Россия, Соединенные Штаты Америки.

## THE EVOLUTION OF THE RELATIONS OF THE EAST TO THE POLITICS OF THE WEST

The confrontation between the Russian Federation and the so-called «collective West» led by the United States of America in Ukraine is a continuation of the old geopolitical confrontation between Land and Sea. In the new confrontation, the so-called “collective West” strongly counted and hoped for the support of the East, but the region loudly declared by its behavior that it no longer blindly obeys the will of Washington, will not be an instrument for realizing the predatory interests of the West. In our article, we wanted to look at this problem through an analysis of the behavior of the Middle East in connection with the confrontation between the Russian Federation and the so-called «collective West» led by the United States of America in Ukraine. At the same time, it should be noted that we do not set ourselves the task of analyzing the operation itself, its course, achievements and omissions, its results, etc. The fact is that the Ukrainian crisis is a multifaceted phenomenon and it is not realistic to cover all aspects of this issue within the framework of one article. We will try and set ourselves the task of analyzing some aspects of disobedience, disagreement, and, in our opinion, a kind of «rebellion of the East» against the policy of the so-called «collective West» at the head of the United States of America after the start of a special military operation of the Russian Federation to assist the republics of Donbass on February 24 2022.

**Keywords:** East, West, relations of the East, politics of the West, «collective West», historical memory, Ukrainian crisis, Russia, United States of America.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуриддинов Раймалихон Шабозович*** – Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор. **Суроға:** 630102, Россия, шаҳри Новосибирск, кӯчаи Нижегородская, 6. E–mail: **rshn1995@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Нуриддинов Раймалихон Шабозович*** **–** Российская академия народного хозяйства и государственной службы при Президенте Российской Федерации, доктор политических наук, профессор. **Адрес:** 630102, Россия, город Новосибирск, ул. Нижегородская, 6. E–mail: **rshn1995@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nuriddinov Raimalikhon Shabozovich*** **–** Russian Presidential Academy of National Economy and Public Administration, doctor of polirical science, professor. **Address:** 630102, Russia, Novosibirsk, Nizhegorodskaya street 6. E–mail: **rshn1995@mail.ru**

УДК: 3496

# МАСЪАЛАИ САМАРАНОК ИСТИФОДА БУРДАНИ ЗАХИРАҲОИ ОБИ КИШВАР ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

***Комилбек Амид Ёрбек, Хуррамзода Муминшо Хуррам***
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев,**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар ҷаласаҳои сатҳи байналмилалӣ проблемаи оби тоза аз оғози садаи XXI мавқеи махсус пайдо намуд. Зеро нарасидани оби тоза, истифодабарии самараноки захираҳои обӣ ва дигар мушкилоти вобаста ба об дар байни аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти глобалӣ табдил ёфтааст. Таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бештар дар кишварҳои суструшдёбанда ва рӯ ба инкишоф нарасидани оби тоза эҳсос мешавад. Барои ҳалли ин мушкилот кишварҳои мазкур аз тамоми имкониятҳо истифода мебурдагӣ шуданд, аммо маълум гардид, ки бе ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳалли проблема ғайриимкон аст. Вобаста ба муҳиммияти масъалаи мазкур Тоҷикистон аввалин шуда ташаббус эълон карда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли ин мушкилоти глобалӣ ҷалб намуд.

20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмааи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун Соли байналмилалии «Оби тоза» эълон шуда, 29 август-1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар маросими кушодашавии форуми мазкур иштирок ва суханронӣ намуда, аз ҷумла қайд карданд: «Вақте ки бо сабаби нарасидани оби тозаи нӯшокӣ аз панҷ як ҳиссаи аҳолии сайёра азият кашида, ҳар сол тақрибан панҷ миллион одам аз истеъмоли оби ифлос ва бемориҳои вобаста ба он ҷони худро аз даст медиҳанд, мо - мардуми Осиёи Марказӣ, ки ин проблема алалхусус бароямон мураккаб аст, наметавонем мавқеи бетарафиро ихтиёр кунем» [1,с.29-45].

Маълум аст, ки аз оғози солҳои 2000-ум сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об ба роҳ монда шудааст. Сиёсати давлатии соҳаи об, ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақа ва ҷаҳон нигаронда шудааст. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мазкур аз минбарҳои бонуфузи созмонҳои байналмилалӣ, махсусан СММ, пешниҳодҳои мушаххас ва созанда ироа менамояд. Аллакай мамлакати мо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун ташаббускори ин соҳаи ҳаётан муҳим (яъне оби тоза ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ) пазируфта шудааст.

Аҳли ҷомеаи Тоҷикистон аз он ифтихор доранд, ки дар натиҷаи талошҳои зиёд аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давоми сиву як соли истиқлоли давлатӣ масъалаҳои вобаста ба об дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд мақоми хосса пайдо намудаанд. Масъалаи мазкур, ҳамчун проблемаи ҷаҳонӣ арзёбӣ шуда, мавриди баррасии дақиқ қарор дода шудааст ва аксари ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли масоили об пешниҳодгардида аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ бо овоздиҳии умумӣ ба пуррагӣ дастгирӣ ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр дар бисёр самтҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ қадамҳои аввалини худро гузошта истодааст. Аз ҷумла, дар ташкил ва пешбурди робитаҳои дипломатию муносибатҳои байналмилалӣ, зарурати таҳия ва пешбурди стратегияи муайяни сиёсати хориҷӣ ба миён омад, ки барои кушодани роҳ ба сӯйиояндаи дурахшон ва нақш гузоштан дар ҳалли проблемаҳои муҳимми ҷаҳонӣ Тоҷикистон саҳмгузор бошад. Дар ин самт, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми назаррас гузоштаанд ва талошҳо дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ ниҳоят бузург арзёбӣ гардида, натиҷабахш маҳсуб меёбанд.

Татбиқи ташаббусҳо, ба мисли “Соли байналмилалии оби тоза” (соли 2003), Даҳсолаи байналмилалии амал “Об — барои ҳаёт” (солҳои 2005-2015) ва “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об” (соли 2013), Даҳсолаи байналмилалии амал “Об – барои рушди устувор” (солҳои 2018-2028) саъю талошҳои муштараку ҳамаҷонибаро дар

кишвар ва берун аз он тақвият бахшид. Аз ин лиҳоз, масъалаи об, истифодаи оқилонаи захираҳои оби тоза, нигоҳдории пиряхҳо, дастрасии аҳолии кураи замин ба об ва амсоли инҳо, мушкилоти глобалии ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Об захираи аз ҳама бештар истифодашаванда дар хоҷагию ҳаёти инсоният ва табиат дар маҷмуъ ба шумор меравад. Истифодабарии об, дар таносуб бо дигар захираҳои табиӣ ба маротиб бештар аст. Инсоният бошад, ин захираи нодирро дар самтҳои истеҳсоли маводи хӯрока (озуқаворӣ), истеҳсоли энергия (барқ ва ғ.), тавлиди маҳсулоти саноатӣ, истеъмол ва таъмини эҳтиёҷотҳои санитарию гигиенӣ ва амсоли инҳо ба таври васеъ истифода мебарад.

Кишвари мо дар Осиёи Марказӣ ҳамагӣ ёздаҳ дарсади ҳудудро ишғол карда бошад ҳам, дар он беш аз 65 фисад захираҳои обии минтақа ташаккул меёбад [1,с.29-45]. Ҳамаи дарёҳои Тоҷикистон ба ду системаи дарёии бузург ворид мешаванд: Сирдарё ва Амударё.

Ҳавзаи дарёи Сир. Ҷараёни барқароршавандаи оби дарё каме бештар аз 37 км$^3$-ро ташкил медиҳад. Маҷрои асосии оби дарё дар ҳудуди Қирғизистон – қариб 78% ташаккул ёфта, аз ҳудудҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҷорӣ шуда, ба Қазоқистон ба Арали Шимолӣ мерезад. Дар ҳудуди Ӯзбекистон қариб 15% маҷрои оби Сирдарё ташкил мешавад, дар Қазоқистон қариб 6% ва Тоҷикистон 1%. Воридшавии Сирдарё, ки аз ҳудуди Тоҷикистон ҷорӣ мешавад, ҷараёни сатҳи болоии он 0,4 км$^3$/сол, тақрибан 1% ҳамаи маҷрои оби онро ташкил медиҳад.

Ҳавзаи Амударё. Маҷрои барқароршавандаи оби дарё каме бештар аз 78,5 км$^3$-ро ташкил медиҳад. Шохобҳои калонтарини ин дарё Вахш, Панҷ, Кофарниҳон мебошанд, ки ҳадди онҳо дар ҳаҷми умумии захираҳои обии ин ҳавза 82,5%-ро фаро мегирад. Дар шимолу ғарби мамлакат дигар шохоби Аму, дарёи Зарафшон аст, ки маҷрои миёнаи он 5,14 км$^3$ мебошад. Дар дохили Тоҷикистон ҳамагӣ тақрибан 3%-и маҷрои он истифода мешавад, боқимонда ба қаламрави Ӯзбекистон ҷорӣ шуда, барои обёрӣ ва дигар эҳтиёҷоти хоҷагии халқ пурра ба қисмҳо ҷудо карда шудааст. Аллакай чандин даҳсолаҳо шудааст, ки Зарафшон ба Амударё ҷорӣ шуда наметавонад [9].

Нақшаи истифодаи дастҷамъона ва ҳифзи захираҳои оби Амударё мувофиқи санадҳои дар замони шуравӣ баимзорасида, меъёру андозаи истифодаи захираҳои он муайян карда шудаанд. Ин меъёр ҳар сол вобаста ба дараҷаи мавҷудияти об аз тарафи роҳбарони ташкилоти хоҷагиҳои об дар чорчӯбаи комиссияи байнидавлатии танзими хоҷагиҳои об муоина ва тасдиқ карда мешавад.

Аз соли 1982 то айни замон тақсими об дар байни ҷамоҳири Осиёи Марказӣ дар давраи обёрикунонӣ (июн-сентябр) чунин амалӣ карда мешуд: Қирғизистон – 22,2 фисад; Тоҷикистон – 51 фисад: Ӯзбекистон – 49 фисад. Тибқи маълумотҳои чандсола (1982-2008) аз рӯйи обтақсимкунии болозикр гирифтани об аз ҷониби ҷумҳуриҳо чунин буд: Ҷумҳурии Қирғизистон 141,33 миллион м$^3$, Ҷумҳурии Точикистон 153,96 миллион метри мукааб ва дар Ӯзбекистон 135,73 миллион метри мукааб [4].

Дар тамоми солҳои мавҷудияти Комиссия, яъне тули 20 сол, Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон бор ҳам аз меъёри худ зиёдтар об нагирифтааст. Баръакс, ҷумҳурӣ дар тули ин солҳо нисбат ба меъёр ба ҳисоби миёна 16 фоиз ё худ 1,4 мукааб км камтар об гирифтааст. Дар ҷараёни панҷ соли охир бошад, ҳар сол аз меъёр камтар об гирифтан дар ҳавзаи Амударё қариб 20%-ро ташкил менамуд, ки ин тақрибан 1,8 мукааб км-ро ташкил менамуд (маълумот аз БВО "Амударё" гирифта шудааст, ки он дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавқеъ дорад).

Мутаассифона, дар бораи ба куҷо рафтани ин об маълумоти муътамад мавҷуд нест. Аниқ аст, ки он ба баҳри Арал нарехтааст, зеро хатти соҳили қисмати ҷанубии баҳр сол аз сол поён мефароояд, ҳол он ки як вақтҳо маҳз ба ҳамин қисмат оби Амударё мерехт. Арал ҳатто меъёри оби худро, ки аз тарафи Комиссия дар ҳаҷми 5-7 мукааб км ҳамчун истеъмолкунандаи алоҳидаи об ба он муайян карда шудааст, барои хушк нашудан ҳамонро ҳам намегирад. Ин ҷо зикр кардан ба маврид аст, ки оби Амударё аз тарафи минтақаҳои поёноб пурра барои обёрӣ истифода шуда, фақат оби Сирдарё ба баҳри Арал меравад. Аз самти шимоли баҳри Арал то ишораи 42 м пур шудани оби он ба шарофати кӯшишҳо ва амали мушаххаси Ҳукумати Қазоқистон ба иҷро расидааст. Дар иртибот бо як хатари дигар ҳам ҳаст, ки агар оби Амударё кифоят накунад, пас ҳамсояҳо оби

Сирдарёро низ мегиранд, ки дар он сурат барқарор кардани Арали хурд ҳам ғайриимкон мегардад.

А. Темурҷонов, коршинос аз Қазоқистон чунин мегӯяд: - «ба баҳри Арал на обҳои Амударё, ки пурра дар поёноб барои обёрӣ гирифта мешаванд, балки обҳои Сирдарё мерезанд. Далели равшани он ба шарофати талошҳо ва амалҳои амиқи Ҳукумати Қазоқистон пур гардидани қисми шимолии баҳри Арал то сатҳи 42 м. мебошад. Обанбори НБО-и Роғун барои ҷамъ намудани захираҳои об ва истифодаи оқилонаву самарабахши онҳо пешбинӣ шудааст» [9].

Агар меъёри истифоданашудаи оби Тоҷикистонро барои пур кардани обанбори Неругоҳи Роғун ба кор барем, пас дар ҳолати аввал (1,4 мукааб км) барои ин 9,5 сол ва дар ҳолати дуюм (1,8 мукааб км) – 7,4 сол лозим мешавад. Дар баробари ин қайд намудан зарур аст, ки мувофиқи мушоҳидаҳои бисёрсола дар ин давра камаш ду сол айёми серобӣ ба назар мерасад ва агар ин изофаи маҷрои дарёро дар ҳаҷми 10 фоиз аз маҷрои умумии Вахш истифода шавад, он муҳлати дар боло зикршуда мувофиқан ба 2,8 ва 2,2 сол камтар вақт сарф мегардад.

Мушоҳидаҳои бисёрсола нишон медиҳад, ки обнокии миёнаи бисёрсолаи дарёи Вахш, 20,4 км. куб аст. Агар сохтмони НБО-и Роғун 10 сол давом кунад, пас барои пур шудани обанбори он 13,3 км. куб об лозим мешавад, ки ин тақрибан 7%-и дарёи Вахшро ташкил медиҳад. Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки гирифтани об аз дарёи Вахш ба ҳаҷми ҳавзаи Амударё таъсири ночиз дорад [3]. Дарозии умумии дарёи Вахш 524 км, масоҳати обнокии он 39,100 км$^2$ ва хароҷоти солонаи оби он 604 м$^3$, ҷараёни 19,1 м$^3$ ташкил медиҳад [6,с.64].

Албатта, агар Тоҷикистон дар солҳои камобӣ ҳам аз маҷро об бигирад, чунин имкон фароҳам мерасад. Аммо солҳои камобию серобиро ба ҳам радду бадал намуда, ҳисоб кардан мумкин аст, ки Тоҷикистон аз ҳаққи меъёри ҳарсола истифода намебурдааш ба мамолики ҳамсояҳо зарар нарасонида, обанбори Неругоҳи Роғунро дар зарфи 7-9 сол пур карда метавонад.

Чунин тақсимбандии маҷрои Вахш бо мақсади пур кардани обанбор на бештар аз 1 мукааб км-ро ташкил менамояд, ки он аз меъёри истифода намешудаи Тоҷикистон дар ҳавзаи Амударё қариб ду баробар камтар мешавад. Агар барои пур кардани обанбори Роғун фарзан 1,5-2 мукааб км об гирем, пас ин 3,3-4,4 фоизи маҷрои ҳарсола ё худ 4,2-5,5 фоизи давраи нашъунамои растаниҳо барои маҷрои Амударё дар дарғоти Карки баробар меояд, ки дар он ҷо оби Ӯзбакистону Туркманистон тақсим мешавад. Барои мисол, ба таври сунъӣ кам кардани маҷрои Амударё ба 10 фоиз, ки бештар рух медиҳад, 6-7 мукааб км-ро ташкил менамояд. Ин аз он ҳаҷми дарназардошта барои пур кардани обанбор 3-4 баробар зиёдтар мешавад. Ба ин маънӣ ҳатто ба ҳамин тақсимбандӣ пур кардани обанбори Роғун барои кишварҳои поёноб комилан ноаён мегузарад.

Хизмати обанбор ва хусусан ба танзими бисёрсола овардани маҷро, ки обанбори Неругоҳи Роғун чунин вазифа ҳам дорад, захираҳои обро ҳифз менамояд, то ки он сарфакорона ва самарабахш истифода гардад. Хосатан дар солҳои камобӣ аҳамияти обанбор ба маротиб афзун мешавад.

Мавриди зикр аст, ки ҳоло ҳеҷ кас бар он шакку шубҳае надорад, ки оби ошомиданӣ дар асри 21 захираи стратегӣ ҳисобида шуда, пас аз истифодаи он ҳаққашро супоридан зарур аст. Ҳамин тавр, бо қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 29 апрели соли 1949 таҳти рақами 1720 "Дар бораи ҷорӣ намудани маблағсупории обе, ки бо шабакаҳои обрасонии давлатии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон" супоридани арзиши обе, ки колхозҳо аз шабакаҳои давлатӣ мегирифтанд, ба ҳукми қонун дохил шуда буд. Ҳоло дар ҳамаи давлатҳои минтақа Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) ташкил шуда истодаанд, ки онҳо пули оби аз шабакаҳои обрасонии давлатӣ истифодашударо ҷамъ менамоянд. Дар бисёр давлатҳо харҷу сарфи нигоҳдории об, хидмати тақсим намудани обрасонӣ ва ҳаққи тозакории минбаъдаро истифодабарандагони об месупоранд.

Дар минтақа зиёда аз 92 фоизи об аз тарафи бахши кишоварзӣ барои обёрии зироат истифода мешавад. Коэффитсиенти амали муфиди истифодаи об дар ин ҷо 20-40 фоизро

ташкил медиҳад. Истифодаи нисбӣ дар минтақа аз аҳамияти миёнаи ҷаҳон чандин карат зиёд аст, чи тавре ки аён аст, ин ҳисоб 700 м$^3$ одам/сол мебошад. Вале ин дар Ӯзбекистон-2596 м3 одам/сол, Туркманистон-4044 м$^3$ одам/сол, Қазоқистон-1943 м$^3$ одам/сол. Тоҷикистон-1843 м$^3$ одам/сол ва дар Қирғизистон-1371 м$^3$ одам/сол аст. Дар ин ҷо барои бартараф намудани норасоии об, инкишофи навъҳои дигари истифодаи он захираи зиёде маҳфуз аст. Ҳамин нишондиҳандаҳо ба сабабҳои фоҷиаи Арал ишора менамоянд.

Бо дарназардошти он ки қариб 60 фоизи захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал дар қаламрави Тоҷикистон ташаккул меёбанд, чунин вазъ боиси нигаронии ҷиддист ва андешидани тадбирҳои фавриро доир ба мутобиқсозӣ ва эҷоди устуворӣ нисбат ба тағйироти иқлим тақозо дорад [7].

Гузаштан ба усули пулакии истифода бурдани об ба паст фаромадани меъёри нисбии истифодаи об мусоидат менамояд. Ӯзбекистон ва Туркманистон шакли бепули обрасониро нигоҳ дошта, то 85 фоизи захираҳои оби Амударёро ба кор мебаранд ва дигар истифодабарандагони обро ҳам ба исрофкорӣ талқин менамоянд. Дар фарҷоми ин даҳҳо кӯлҳои сунъӣ пайдо гардида, дар майдонҳои васеъ ва фарох обҳои зеризаминӣ баланд шудаанд ва ин ҳолат ба шӯрзании дубораи заминҳои обёришаванда сабаб гаштааст. Ин мисоли ғамангези истифодаи ғайриоқилонаи об мебошад ва дар чунин вазъият кишварҳои болообро дар хусуси вайрон намудани экологияи манотиқи поёноб айбдор кардан беадолатии маҳз асту бас.

Ҳар сол майдони пиряххои кӯҳистони Тиён-Шон ва Помир, ки дар Осиёи Марказӣ манбаъҳои асосии оби пок мебошанд, ҳамвора кам мешавад.

Иқдоми башардӯстонаи Пешвои муаззами миллат аст, ки дар Созмони Милали Муттаҳид бо бaромадҳои пурмуҳтавои худ бори дигар исбот намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар гардонидани мушкилоти об дар сайёра ҷаҳду талош меварзад [5].

Хушбахтона, бори чорум аст, ки ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои беҳтар гардидани сиёсати обӣ дар минтақа аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ меёбанд, ки ин иқдоми неки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз бо мақсади беҳтар гардидани солимии ҷомеа, пешгирӣ намудани хатарҳои табиӣ ва дигар масоили дахлдори минтақаю сайёра нигаронида шудааст [8,с.23-30].

Ба андешаи мо, дарояндаи наздик дар асоси ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия масъалаи гидроэнергетика дар минтақа ҳаллу фасл мешавад ва истифодаи самараноку оқилонаи он боиси камшавии истихроҷ ва истеъмоли дигар захираҳои энергетикӣ, аз қабили: нафт, ангиштсанг, ҷангал мегардад ва фазои экологиро аз маводҳои заҳролуд, ки ба андозаи хеле калон ба фазои атмосферии олам паҳн шуда истодааст, кам мекунад.

Ҳамчунин, барои самараноктар ҳаллу фасл кардани масъала дар ин самт ба инобат гирифтани омилҳои зерин муҳим аст:

а) маблағгузории соҳаи об ва хоҷагидорӣ;

б) сармоягузорӣ ва бунёд намудани зербинои нав, воридсозии технологияи муосир;

в) энергияи сабз ва истифодаи захираи обӣ ҳамчун сарчашмаи барқароркунандаи энергия;

г) ҷалби ҳамаи ҷонибҳои ҳавасманд;

ғ) ҳаллу фасл намудани ҳамкориҳои кишварҳои ҳамсарҳад дар масоили истифодаи захираҳои об ва энергияи аз неругоҳҳои оби барқӣ истеҳсолшуда.

**Муқарриз: Қаландаров К.К. – н.и.с., дотсенти ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. Мухаббатов Х.М. Водные ресурсы Таджикистана и проблемы водопользования в Центральной Азии. Проблемы постсоветского пространства / Х.М. Мухаббатов. - 2016;(3):29-45.
2. Министерство энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. www.mewr.gov.tj
3. Неъматуллоев С. Изтироби сарвазири Ӯзбекистон асоси воқеӣ надорад / С.Неъматуллоев, З.Кобулиев //Ҷумҳурият. 6 феврали 2010.

4. Обзор экологических проблем в Центрально-Азиатском регионе / Молодежный Эко-Центр Таджикистана [Электронный ресурс]. www.tabiat.narod.ru (2) Отчет "Разработать научно-технические основы повышения эффективности комплексного ирригационного энергетического регулирования водных ресурсов рек и водохозяйственных систем Сырдарьи и Амударьи (в условиях дефицита воды и роста возврата коллекторно-дренажного стока повышенной минерализации), а также математические модели, алгоритмы и программы оптимального управления водными ресурсами, каскадами действующих речных и внутрисистемных водохранилищ сезонного и многолетнего регулирования бассейнов рек Центрально-Азиатского региона"
5. Программа развития водного сектора Таджикистана на 2010-2025 годы, ММ и ВР РТ, -Душанбе: 2009. [Электронный ресурс]. http://www.cawater-info.net.
6. Роль Ассоциаций водопользователей в совершенствовании водно-энергетической взаимосвязи. Технический отчет. -Душанбе, 2016. – С. 64.
7. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об. [Манбаи электронӣ]. www.energyprojects.tj
8. Ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи меҳварӣ дар ҳалли масоили. [Манбаи электронӣ]. об.http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=46679/
9. Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва Роғун / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе, 2013. – 379 с.
10. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Душанде: Ирфон, 2002. -С.303. -Ҷилди 4.

## МАСЪАЛАИ САМАРАНОК ИСТИФОДА БУРДАНИ ЗАХИРАҲОИ ОБИ КИШВАР ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

Мақола ба баррасии масъалаҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои об, аҳамияти он дар сохтмони силсиланеругоҳҳои барқи обӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он шароити табиию ҷуғрофӣ ва тақсимоти захираҳои об аз рӯйи ноҳияҳои иқтисодӣ, қайд гардидааст. Чунин ба назар мерасад, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ проблемаҳои истифодаи об дар Осиёи Марказӣ ба низоми байнидавлатии иқтисодӣ ва проблемаҳои сиёсӣ табдил ёфтааст. Афзоиши демографӣ, фаъолгардии равандҳои биёбоншавии минтақаҳо, гарм шудани иқлим аҳамият ва мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро махсусан зиёд мекунад. Проблемаи одилона тақсим кардани захираҳои об, самаранок истифодабарии он ҳамчун дигар сарватҳои арзишманди табиию иқтисодӣ ва ашёи хоми иқтисоди кишвар дар айни замон мубрам ва муҳим маҳсуб меёбад. Ҳамчунин доир ба захираҳои об дар минтақа ва Тоҷикистон, нақшаи истифодаи дастҷамъона ва ҳифзи захираҳои обӣ мувофиқи санадҳои дар замони шуравӣ баимзорасида меъёру андозаи истифодаи захираҳои он муайян карда шудаанд, маълумотҳои оморӣ ва қиёсӣ оварда шудаанд. Ин меъёр ҳар сол вобаста ба дараҷаи мавҷудияти об аз тарафи роҳбарони ташкилоти хоҷагиҳои об дар чорчӯбаи комиссияи байнидавлатии танзими хоҷагиҳои об муоина ва тасдиқ карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** захираи обӣ, самаранок, истифодабарӣ, неругоҳи барқӣ, дарё, обанбор, сохтмон, ҳифзи захираҳо, ҳавзаи об.

## ПРОБЛЕМА ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ СТРАНЫ И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ В ЗАЩИТЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ

Статья посвящена рассмотрению вопросов формирования и использования водных ресурсов, их значения при строительстве гидроэлектростанций Таджикистана. В ней отмечены природно-географические условия и распределение водных ресурсов по экономическим районам. Создается впечатление, что после распада Советского Союза проблемы водопользования в Центральной Азии превратились в межгосударственные экономические и политические проблемы. Демографический рост, активизация процессов опустынивания регионов, потепление климата повышают актуальность и сложность темы исследования. Проблема справедливого распределения водных ресурсов, их эффективного использования, как и других ценных природно-хозяйственных ресурсов и сырья в экономике страны, в настоящее время считается острой и важной. Также представлены статистические и сравнительные данные в отношении водных ресурсов регионов и Таджикистана, планы совместного использования и охраны водных ресурсов в соответствии с документами, подписанными в советское время, определяются нормы и размеры использования водных ресурсов. Данный норматив ежегодно пересматривается и утверждается руководителями водохозяйственной организации в рамках Межгосударственной комиссии по регулированию водного хозяйства в зависимости от уровня водообеспеченности.

**Ключевые слова:** водные ресурсы, эффективное использование, электростанция, река, водохранилище, строительство, ресурсоохрана, водохранилище.

## THE PROBLEM OF EFFECTIVE USE OF THE COUNTRY'S WATER RESOURCES AND ITS SIGNIFICANCE IN PROTECTING NATIONAL INTERESTS

The article is devoted to the issues of formation and use of water resources, their importance in the construction of hydroelectric power plants in Tajikistan. It marks the natural and geographical conditions and the distribution of water resources by economic regions. It seems that after the collapse of the Soviet Union, the problems of water use in Central Asia turned into interstate economic and political problems. Demographic growth, activation of desertification processes in the regions, climate warming increase the relevance and complexity of the research topic. The problem of equitable distribution of water resources, their efficient use as other valuable natural and economic resources and raw materials of the country's economy is currently considered acute and important. Also, regarding the water resources in the region and Tajikistan, the plan for the joint use and protection of water resources in accordance with the documents signed during the

Soviet era, the rate and size of the use of its resources are determined, statistical and comparative data are presented. This standard is annually reviewed and approved by the leaders of the water management organization in the framework of the Interstate Commission for the Regulation of Water Management, depending on the level of water availability.

**Keywords:** water resource, efficient, use, power plant, river, reservoir, construction, resource protection, water basin.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Комилбек Амид Ёрбек* -** Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент, ректор. **Суроға**: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Шириншоҳ Шоҳтемур, 28
***Хуррамзода Муминшо Хуррам* -** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33

**Сведения об авторах:** ***Комилбек Амид Ёрбек* –** Хорогский государственный университет имени Моёншо Назаршоева, кандидат политических наук, доцент, ректор. **Адрес:**736000, Республика Таджикистан, город Хорог, улица Шириншо Шотемура, 28
***Хуррамзода Муминшо Хуррам*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Насира, 33

**Information about the authors: *Komilbek Amid Yorbek* -** Khorog State University named after Moyonsho Nazarshoev, candidate of political sciences, associate professor, rector. **Address:** 736000,Republic of Tajikistan, Khorog city, Shirinsho Shotemur street, 28
***Khurramzoda Muminsho Khurram* -** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, applicant. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nasir street, 33

УДК: 340.15

# ТАЪЛИМОТИ ЭЛИТА ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ДАВРАҲОИ ГУНОГУНИ ТАЪРИХИ АФКОРИ СИЁСӢ

*Исаев У.У.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Ташаккул ва инкишофи таълимот дар бораи элита.** Масъалаҳои методологию назариявии элитаро (то пайдоиши элитология) дар пажуҳиши донишмандони замони куҳан мушоҳида намудан мумкин аст. Маҷмуи донишҳое, ки оиди идоракунандагон ва баргузидагон ба вуҷуд омада буд, боиси бунёди самти нави илм бо номи элитология гардид. Элитология ҳамчун илми мустақил таърихи чандон куҳан надорад. Аммо таърихи он вобаста ба таърихи ин ва ё он халқу миллатҳо ва давлатҳо саршор аз анъанаҳост. Тамоми назарияи иҷтимоиро ҳамчун назарияи илми элитарӣ бояд донист.

Агар ба даврони гузашта назар намоем, элита дар шакл ва навъҳои гуногун вобаста ба анъанаҳои давлатдорӣ вуҷуд доштааст. Фаҳму донишҳои гуногун дар нисбати мафҳуму ибораҳои ивазкунандаи элита тавонист, мафҳуми ягонаро пеш гузорад.

Аввалин маълумотҳо дар ин бора, аз мавҷудияти ҳокимият ва нигоҳ доштани он ҳамчун рефлекс мавқеашро пайдо намудааст. Вобаста ба ин аввалин давлатҳо дар заминаи афкори элитарии идоракунӣ шакл мегирифтанд. Аз қабили: ягонагӣ, озодагӣ, ҷасорат ва бозумандӣ яке аз махсусиятҳои воридгарди ба ҳокимият, давлат ва низоми идоракунии ҷомеа эътироф гардида буд. Масъалаҳои марбут ба ҳокимият, давлат ва низоми идоракунии ҷомеа дар сатҳи лозима ташаккул наёфта буданд. Сабаб дар он буд, ки субъектони идоракунанда бо чунин хусусиятҳо муаррифӣ гаштаанд:

- ҳамчун синф, табақа дар ҷомеа шинохта нашуда буданд, аз ин хотир тақсимбандии умумиятҳои иҷтимоӣ ба чашм намерасид;
- аз санъати идораи ҷомае дур буданд;
- аз рӯйи анъанаву одатҳо ва асотирҳо (ҷойгузини ҳуқуқу қонун буд) масъалаҳои гуногуни ҷомеаро бартараф мекарданд;
- доҳии қабила тамоми корҳои идоракуниро ба уҳда дошт. Одатан доҳиро тамоми мардум интихоб менамуданд. Танҳо сифатҳои шахсӣ (адолат, ҷасорат, қобилият, кордонӣ) ба кас имконият медоданд, ки ӯро дигарон эътироф намуда, сарвари хеш хонанд. Доҳӣ дар назди омма ҳисобот медод;
- ҳокимияти олӣ – маҷлиси халқиро аксарияти мардум дастгирӣ мекард ва қарорҳои қабулнамудаи он хосияти ҳатмӣ дошт.

Дар ин бобат К. Ясперс, иттифоқан миёни солҳои 800 ва 300-и пеш аз мелодро «давраи меҳварӣ»-и таърихи тамоми ҷаҳон муаррифӣ менамояд. Дар ин давра афкори элитарии олимонро дар системаи идоракунии Хитой, Ҳиндустон, Шарқи Наздик, Юнон ва Рими қадим барои нигоҳдорӣ аз асотирҳо истифода менамуданд. Дар натиҷа, он механизми қобили амалкарди худро вайрон кард, яъне, асли руҳ «маданияти томеҳварӣ» таркиби худро дигар намуд [3,с.282-283].

**Афкори иҷтимоию сиёсии элитарӣ дар Хитойи қадим.** Нигоҳ доштани ҳокимият, махсусан ҳокимияти император ва тартиби нигоҳдоштани аввалин давлатҳо ва ҳокимияти шоҳон дар асарҳо инъикос ёфтаанд. Ин гуна асарҳо дар заминаи афкори элитарии мутафаккирони барҷастаи Хитойи қадим, аз қабили Гуан Чжун, Лао-Сзи, Конфутсий ва идомадиҳандагони таълимоти онҳо эҷод шудаанд.

Интихобшуда ё худ баргузида дар кори идораи давлат ва ҳокимият дар Хитойи қадим дар маркази диққат қарор дошт. Ин буд, ки сардори сулолаи ҳукмрон бо унвони ван, дар таърихи қадим ва асримиёнагии Хитой зикр ёфта буд. Ван баъдан ба маънои шоҳ ё ҳоким дар кишварҳои Осиёи Шарқӣ (ғайр аз Ҷопон) маъмул гардид. Ван дар навиштаҷоти аҳди Шан – Ин (асрҳои XVI-XII то мелод) маънои ҳукмрони кишвар, фармондеҳи ҳарбӣ ва ҳамчунин мартабаи сарруҳониро дошт. Унвони ван дар Хитой аз давраи ҳукмронии сулолаи Чжоу (асрҳои XI-III то мелод) маъмул буда, ба намояндагони хонадони ҳукмрон тааллуқ дошт. Аз давраи ҳукмронии аввалин императори Хитой ё Чин

– Син Шихуанди (259–210) унвони ван ба сарони давлатҳои мустақилу ниммустақили тобеи империя дода мешуд, ки ба унвони княз ва герсогҳои Аврупои Ғарбӣ баробар буд [2]. Дар аҳди давлатдории сулолаи Хан (202 то м., 220 м.) унвони ван ба валиаҳди давлат ва ворисй тоҷу тахт то давраи ба подшоҳӣ расидан, ҳамчунин ба шоҳзодаҳои бонуфуз ва хешовандони наздики шоҳ тақдим мегардид. Додани унвони ван ваколати император ё шоҳ буд, вале ба таври истисноӣ дар замони ҷангҳои дохилӣ аз ҷониби ашрофи маҳаллӣ ба шахсони одӣ дар ивази хидматашон тақдим карда мешуд. Аз давраи ҳукмронии сулолаи Тан (618–907) баробари ҳокимон ашрофи ҷудогонаи олимартаба низ бо унвони ван мушарраф гардида, соҳиби ҳуқуқҳои хоссаи молумулкӣ, аз ҷумла намояндагони хонадони шоҳӣ соҳиби 1000 му (1 му баробари 0,06 г) заминҳои қитъавӣ мешуданд. Ба шахсони дорои унвони ван салоҳияти нисбатан маҳдудтари идоракунӣ ва мулкдорӣ дода мешуд. Унвони ван зери таъсири фарҳанги асримиёнагии Хитой дар байни сарони давлат ва ҳокимони нимҷазираи Корея низ маъмул шуд [4, с. 24-29].

Оиди баргузидагон ва ҳокимон яке аз бузургтарин рисолаҳои чинӣ ин «Гуан-Сзи» («Гуани Хирадманд») мебошад, ки ба қалами Гуан Чжун (ваф. 645 то солшумории мо), тааллуқ дорад. Дар асрҳои IV-III то мелод омода шудааст, ки 130 ҳазор иероглифро дар бар мегирад. Ин асари таърихӣ аз 8 бахши мавзуъ дар 24 баста (тсзюан) ва 86 боб (пян) иборат мебошад. То замони имрӯз пурра ҳифз нагардид, 10 боби он нобуд шудааст. Дар шакли аввалааш дар асри III то мелод дар академияи Тсизися (шоҳии Тси) ва ба таври комил соли 26 то мелод аз ҷониби Лю Сан таҳия гардида, дар асри XIII нашр шудааст.

«Гуан-Сзи» ба номи сарвазири шоҳигарии Тси – Гуан Чжун, ки бо фаъолияти ислоҳотиаш дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва сиёсат машҳур гардида, ба назарияву амалияи легизм (мактаби ҳуқуқии ҳукмравоёни хитойӣ) асос гузошта буд, номгузорӣ шудааст. Ҳамзамон, «Гуан-Сзи» ба ҳайси рисолаи даосӣ низ дониста шудааст. Гуан Чжун, аз як тараф, ҷонибдори ҳокимияти мутлақи шоҳӣ, идора кардани иқтисодиёт, назорати нархи намак ва оҳан дар ҷомеа буд ва аз ҷониби дигар, нахустин шуда дар Хитойи қадим консепсияи идораи ҷомеаро дар асоси қонун (фа) пешниҳод намуд - «Қонун падар ва модари халқ аст» [3]. Он ҳамчун нахустин асари донишномаӣ дар қатори осори дигари қадимии Чин – «Хуайнан-тсизи» ва «Люй-ши чун эту» қарор дошта, фарогири маҷмуи донишҳои илмӣ, фалсафӣ, таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ, идорию маъмурӣ ва соҳаҳои дигарро фаро гирифта, ба ташаккули мактабҳои гуногуни илмӣ мусоидат намудааст.

Муҳтавои асари «Гуан-Сзи»-ро як қатор масъалаҳои ҳокимияту маъмурият, иқтисодиёт, маҷмуи назарияи мактаби конфутсийгароӣ, даосӣ ва легистиро, бо ворид намудани ҷанбаҳои алоҳидаи ақидаҳои ахлоқии Мо-Тсизя (моизм), назарияи маърифат ва мантиқи ибтидоии Мин-Тсизя (мактаби номҳо) ва мактаби Сун Тсизян – Ин Вэн, назарияи мудирияти Тсизунхен-Тсизя ва назарияи табиати Иня-Тсизя ташкил медиҳанд. Муносибати легистӣ ба қонун ҳамчун танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ ва неруҳои ҳукмравоён дар «Гуан-Сзи» ба усули объективияти конфутсийгароӣ ва асосҳои ахлоқии ҷомеа асос ёфтааст: «Қонун олоти дасти роҳбари давлат, балки неруест алайҳи он, ки бояд мардумро ғанӣ гардонад, на хазинаро». «Қонун муҳаббат ба мардум аст» [9]. Дар бобҳои 36, 38 ва 49 –и асари «Гуан-Сзи» дар бораи дао, таълимот ва қудрате, ки ақлу амали идоракунандагонро меофарад, сухан меравад.

Миёни донишмандон андешае мавҷуд аст, ки ҳокими хирадманд – тан ва мансабдорон – дастони ӯ, ҳоким овоз – ва мансабдоронаш – садои овозаш, ҳоким – реша ва мансабдорон баргони дарахтанд.

Умуман, афкори донишмандони давру замонҳои гуногун ба масъалаи ҳокимияту ҳокимиятдорӣ ба хираду хирадмандӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Яъне, маъмурият ба тақсими дурусти вазифаҳои мансабдорон, тобеияти аниқӣ онҳо, таъин ба мансаб дар асоси риояи се талабот – қобилият, дастовардҳо ва калонсолӣ. Он ҳам барои интихоби дурусти мансабдорон бар асоси имтиҳон ва назорат сурат мегирад.

Лао-Сзи (тав. тибқи сарчашмаҳо соли 604 то солшумории мо), асосгузори таълимоти даосизм мебошад. Афкори хешро оиди зулму ситам ва беадолатиҳои замон дар асараш «Дао-дэ-сзин» гирд овардааст. Ӯ ҷонибдори баробарии одамон буда, муқобили

қонунҳоест, ки баҳри ғорат намудани заҳматкашон аст. Ҳокимияти шоҳро, ки ба вайрон намудани қонунҳои табиат ва ҷамъият равона гардидааст, онро ҷинояткор дониста, бар ин андеша аст, ки барои вайрон намудани амалаш ӯро ҷазо бояд дод.

Конфутсий (551-479 то эраи мо) андешаҳояшро дар асари «Лун-юй» («Суҳбатҳо ва андешаҳо») гирд овардааст. Пас аз марги ӯ шогирдонаш ин асарро мураттаб намудаанд. Дербоз ҷойгоҳи худро дар ҷомеаи хитойи ҳифз намуд ва ҳаёти мардуми Хитойро наҷот бахшид.

Афкори Конфутсий дар заминаи ҷаҳонбинии анъанавӣ шакл гирифта, таълимоти патриархалию патерналистии давлатро инкишоф дод. Ҳокимияти императорро ҳамчун ҳокимияти падар баён намуд. Таркиботи иҷтимоию сиёсии ҷомеаро бошад ба принсипи нобаробарии одамон вобаста менамояд: «одамони нодон», «одамони одӣ», «паст», «хурд» бояд ба «ҳимматбаландон», «олӣ», «беҳтарин», «калонсолон» итоат намоянд.

Конфутсий дар доираи афкораш консепсияи аристократии идориро тарафдорӣ намуда, иштироки оммаро дар кори идораи давлат дастгирӣ наменамояд. Ӯ ҷонибдори методи ғайризӯригарӣ дар кори идораи давлат буд. Ҳокимонро даъват менамуд, ки муносибат бо одамони дигар, бо тобеонро дар заминаи некукорӣ ташкил диҳанд. Одамон бояд ба ҳокимон бечунучаро итоат намоянд ва сулҳи шаҳрвандиро қадр намоянд. Ахлоқи сиёсии ӯ барои муваффақ шудан ба сулҳи байни табақаҳои болоӣ ва поёнӣ ва муътадилии инкишофи ҷомеа нигаронида шудааст.

Мазмуни асосии таълимоти иҷтимоию сиёсии пешниҳодкардаи Конфутсийро некуаҳволии халқ ташкил медиҳад. Давлат мақсади асосӣ набуда, воситаест, ки некуаҳволии оммаро таъмин менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки бояд шаҳрвандон ба давлат эътимод ва боварӣ дошта бошанд. Дар ҳоле ки давлат дар фикри шаҳрвандон нест, он вуҷуд дошта наметавонад. Ин давлат аст, ки низоми идорӣ ва ҳокимиятдориро таъмин менамояд.

**Афкори элитарии Эронзамини бостон.** Ташаккул ва инкишофи афкори элитарӣ дар Эронзамини бостон аз афкори мардумони эрониасл (аз ҷумла тоҷикон) аз як қатор таълимоти иҷтимоию динӣ маншаъ мегирад. Бештар маздоия, зардуштия ва монавия ҷойгоҳи махсус доштаанд.

Маздоия [6,с.48-49] дини қавмҳои Эронзамин буд. Шоҳони замон (ҳохоманишӣ, мақдунӣ, селевкӣ ва ашконӣ) дар баробари парастишоти худоёни дигари маҳаллӣ ба он иҷозат дода буданд. Он ба ҷоннокшавии анъанаҳои элинистӣ оварда расонид ва минбаъд дар дини зардуштӣ нақши худро гузошт.

Нахустин андешаҳои ниёгони тоҷикон дар боби сиёсат, кишвардорӣ ва сарварӣ дар китоби муқаддаси «Авасто» ба назар мерасад. Дар илми муосир Зардушт шахси таърихӣ ҳисоб шуда, муаллифи қисми аввали Авесто - Готҳо дониста мешавад. Шахсияти таърихӣ ва воқеӣ будани Зардуштро қисме аз сарчашмаҳои илмиву тадқиқотии шарқӣ ва ғарбӣ тасдиқ намудаанд.

Ин таълимот бо ғояҳои иҷтимоии худ миёни мардум шуҳрат пайдо кард. Зардушт ҳаёти кӯчманчигиро маҳкум намуда, ҳаёти муқимии осоиштаро дар шакли чорводорӣ ва заминдорӣ тарғибу ташвиқ менамуд. Муносибати ахлоқӣ ба оламу одам яке аз унсурҳои асосии он буд.

Асоси таълимоти авестоиро дуализм ташкил медиҳад. Олами мавҷудаavro ҳамчун саҳнаи муборизаи ду қувваи ба ҳам зид – некӣ ва бадӣ тасвир менамояд. Яъне, Аҳура Маздо (Ҳурмуз) чун Худованди некӣ ва Аҳриман чун сарчашмаи бадиҳо ҳамвора дар набарди оштинопазир буда, пайваста дар ҷаҳони ботинӣ ва зоҳирии инсон мубориза мебарад.

Дар масъалаи кишвардориву сарварӣ шоҳонро талқин ба ахлоқу маънавиёти баланд мекунад. Зери шиори «Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» пайравону шоҳонро ба покӣ, ростии руҳу ҷисм ҳидоят намуда, парҳез аз пиндору гуфтору кирдори бадро талаб менамояд.

Муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идориро дар Авесто пайдо кардан мумкин аст. Онро дар бобу бахши алоҳида не, балки дар тамоми мазмуни китоб бояд ҷустуҷӯ намуд. Мазмуни китоби муқаддаси Авесто ба тамоми масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва

сиёсии одамон ба сурати ҷаҳонбинии элитарӣ баромад менамояд, ки ҷанбаи сиёсӣ ва дунявии он хеле назаррас аст.

Дарки ҷомеа, сиёсат, ҳокимият, кишвардорӣ ва сарварӣ дар доираи дини зардуштӣ чунин тасниф ёфтааст:

- андешаҳо дар мавриди сохтор, моҳияти ҳокимият ва хусусиятҳои фардии сарвари ҷомеа;
- андешаҳо дар мавриди шароити ҷомеа ва талабот нисбат ба он;
- андешаҳо дар бораи хусусиятҳои ҳаёти фардиву ҷамъиятӣ.

Ташаккули ҳукумати адолатпарвар ва шаҳриёри одил яке аз ормонҳо ва талаботи бунёдии таълимоти зардуштия мебошад. Зардушт дар симои Аҳура Маздо нахустин шоҳи бузургу муқтадиреро орзу мекунад ва тавассути он ҷомеаи ормонии худро бунёд карданӣ мешавад. Аз назари Зардушт ҳокимият аз ҷиҳати сохторӣ яккашоҳӣ ва меросӣ мебошад. Аз ин рӯ, тарҳи сохтори ҳокимияти идеалии сиёсии зардуштияро низоми шоҳаншоҳии меросӣ ҳисобидан мумкин аст. Умуман, низоми давлатии шоҳаншоҳӣ аввалин тарҳи давлатдорӣ дар таърихи тоҷикон аст.

Масъалаи манбаи қудрат ва ҳокимияти сиёсӣ дар зардуштия ба таври теократӣ ҳал шудааст. Дар зардуштия низ ҳокимияти сиёсӣ манбаи илоҳӣ дошта, ҳокимият ба шоҳ аз сӯйи Худо дода шудааст. Аксари сарчашмаҳои боқимондаи таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки шоҳони эронӣ ҳам, дар замони Ҳахоманишиҳо ва ҳам дар замони Сосониён ҳукумати худро атои Аҳурамаздо эълон карда, худро иҷрокунандаи иродаи илоҳӣ медонистанд.

Масъалаҳои давлатдорӣ дар зардуштия мақоми хосса доранд. Подшоҳ шахси барумандтарин ва пуриқтидортарини ҷомеа маҳсуб ёфта, сарвари мутлақи кишвар аст. Ӯ вазифаҳои қабули қонун ва иҷрои онҳоро ихтиёр намуда, идораи мамлакатро сарварӣ менамуд. Яке аз хусусиятҳои мақом ва нақши подшоҳ аз нигоҳи зардуштия он аст, ки подшоҳ ба монанди Худо парастиш карда намешуд. Ҳоло он ки қариб дар ҳамаи динҳои дигари Шарқи қадим подшоҳро хосияти илоҳӣ насиб гашта буд.

Тибқи маълумоти донишмандон, дар низоми идораи кишварҳои зардуштӣ мансабҳои зерин ҷой доштаанд: «вазрак фаромодар» - сарвари вазирон, сарвари ҷангиён; «шоххомор дабир» - сарвари бахши молия; «ганҷ хомор дабир» - хазинадор; «дод дабир» - додгустари волӣ ва ҳомии адолат; «кодомохор дабир» - сарвари бахши даромади кишвар; «охур хомор дабир» - танзимгари саисхонаҳо; «оташ хомор» - роҳбари бахши маъбадҳои оташ; «эрон дабирбад» - роҳбари корҳои хориҷӣ ва дабират; «аргбад» - роҳбари қалъа; «бигон солор» - танзимгари пиёдагардон; «андарзбадоаспваргарон» - пешвоёни саворагон [10].

Дар низоми идоракунии давлатии кишварҳои зардуштӣ аз мансабҳои «шоҳаншоҳ», «сатрап», «бедахш» ва «марзбон» (ҳокими вилоят) низ маълумотҳо мавҷуданд.

Дар зардуштия аввалин будани ҳокимияти динӣ эътироф гардидааст. Аммо андешаи дигаре низ вомехӯрад ва гӯё ҳокимияти дунявӣ пеш аз мазҳаб вуҷуд дошта, расму оини хоссаеро соҳиб будааст. Зардуштия сабабҳои пайдоиши давлату ҳокимиятро низ равшан менамояд. Дар ин маврид нақши зарурати иҷтимоӣ назаррас аст. Подшоҳи бузурги ҳахоманишӣ Дорюш дар бораи моҳият ва сарчашмаи ҳокимияти сиёсии худ дар катибаи Нақши Рустам чунин зикр намудааст: «Чун Аҳурамаздо дид кори замин ошуфта аст, онро ба ман супурд ва ман онро ба тартиби саҳеҳ даровардам. Ин аст ба фазли Аҳурамаздо илова ба Паро кишварҳое, ки дар тасарруфи ман ҳастанд, ман бар онҳо ҳукумат мекунам, ба ман боҷ медиҳанд, он чи гуфтаи ман аст, иҷро мекунанд ва дар он ҷо қонун маҳфуз аст». Дар катибаҳои Бесутун ин маънӣ боз ҳам рӯшантар омадааст: «Аҳурамздо шоҳиро ба ман ато кард. Аҳурамаздо ба ман ёрӣ кард, то ин мамлакатро ба даст овардам. Ба фазли Аҳурамаздо ман салтанатро доро гаштам...»

Моҳияти бо дин омехта гаштани ҳокимияти сиёсӣ аз нақшу ҷойгоҳи баланди руҳониёни зардуштӣ дар ҷомеа ва сиёсати Эрони бостон маълум мегардад. «Руҳониёни зардуштӣ соҳиби заминҳои васеи ибодатгоҳҳо буда, нақши қозиҳоро иҷро мекарданд ва умуман, ҳамчун яке аз кишрҳои муҳимми синфи ҳоким (элита) дорои нуфузи фавқулода калони иқтисодӣ ва сиёсӣ дар кишвар буданд».

Андешаҳо дар мавриди хусусиятҳо ва масъулиятҳои сарвари ҷомеа бахши дигари таълимоти сиёсии зардуштияро ташкил медиҳад. Яке аз муҳимтарин хосиятҳои подшоҳ бояд покии насаб ва нажодии ӯ бошад. Сабаби таъкиди Зардушт ба меросӣ будани шоҳон низ зарурати ҳифз гардидан ва омезиш наёфтани насаби поки онҳо мебошад. Покии нажодӣ дар таълимоти Зардушт ҷанбаи муқаддас пайдо намуда, тибқи ривоёти зардуштӣ, наздики ҳазор нафар аз фариштагон масъулияти ҳифзи нутфаи поки Зардуштро, ки дар дарёчаи Конисфа рехтааст, бар уҳда доштаанд. Илова бар покизагии насаб зардуштия доштани як силсила сифатҳои неки инсониро низ барои подшоҳон фарзу зарур медонад, ки адолатпешагиву хирад ва имону қудратмандӣ аз ҷумлаи онҳост. Авесто подшоҳи одилро чунин васф менамояд: «Офарин бар подшоҳе, ки додгар барои неруи бартарин ва пирӯзманде болотарин ва подшоҳе баландтарин аст ...». Ин маънӣ дар бахши Яштҳо чунин ифода ёфтааст: «Шаҳриёрони хуб бо аъмол ва таълимоти нек бояд салтанат кунанд, на ин ки шаҳриёрони бад бар мо фармонраво гарданд».

Дар таълимоти зардуштия симои подшоҳи идеалӣ ва дорои сифатҳои ҳамида дар мисоли шоҳи одилу адолатгустаре чун Ҷамшед таҷассум ёфтааст. Ҷамшед бо хислатҳои неку хирадманди хеш ҷомеаи ободу ормонӣ ё «аҳди тиллоӣ»-ро ба вуҷуд овардааст. Аз номи неки ӯ аҳди ҳукуматаш ба аҳди пирӯзии мардумон бар девон, бемаргии ҷонварону инсонҳо, табоҳ нашудани обҳову гиёҳон, муътадилии гармиву сардии иқлим ва умуман, бемаргиву ҷовидонӣ табдил шуда буд.

Масъулият ва хусусиятҳои асосии подшоҳи сазовор дар таълимоти зардуштия муайян шудаанд. Муҳимтарини онҳо, чуноне ки дар энсиклопедияи афкори динии зардуштиён - китоби «Динкард» омадааст, риояи талаботи дин, доштани ақли солим, ахлоқи неку, неруи бахшандагӣ, муҳаббат ба раият, фароҳам овардани осоиштагӣ барои раият, ташвиқи доимии лоиқон ва кордонон, танбеҳи нолоиқон, муносибати хуб бо роҳбарони кишвар, додани амрҳои одилона, доштани сахо, дафъи бухл, огоҳӣ аз илмҳои дунявӣ, назорати доимӣ аз болои коргузорони мамлакат, итоати комил аз Худованд ва ғайраҳо мебошанд.

Зардуштия дар бораи шоҳигарии нокомил низ андешаҳои аниқ баён намудааст. Подшоҳони бадрафтору золимро лаънат ва нафрат хонда, ба сари қудрат овардани онҳоро чун гуноҳ тавсиф менамояд.

Дар бораи сиёсату ҳокимият бошад, аз боби сохтори ҷомеа ривоят менамоянд. Таркиби сохтори ҷомеаро ба чор табақа - руҳониён, ҷанговарон, пешаварон, кишоварзон тақсим менамояд. Аммо табақаи ҳокими ҷомеа - дарбориён ва қисми поёнии ҷомеа - бардагон ба ин тақсимбандӣ дохил нестанд. Яъне, зардуштия ба синфи миёнаи ҷомеа таваҷҷуҳи хосса дошта, онро ҳамчун мавзуи алоҳидаи омӯзиш шинохтааст. Вобаста ба аҳамияти масъалаи ташаккули «синфи миёна», дар илмҳои сиёсии муосир, ин навъи нигоҳи Авесто ба сохтори ҷомеа ҷолиб ва лоиқи ташвиқ аст. Албатта, аксари сарчашмаҳои илмӣ ин навъи нигоҳи авесторо тақсимоти нопурра ва дорои оқибатҳои ногувори сиёсиву иҷтимоӣ донистаанд. Муҳим он аст, ки дар Авесто чунин масъалагузорӣ ҷой дорад.

Тамоми ҳаракату ҷараёнҳои иҷтимоию сиёсӣ ва динию фалсафӣ, ки дар сарзамини Эрони бостон пайдо шудаанд, адолатро ҳадафи аслии худ қарор додаанд. Зардуштия яке аз онҳост, ки асоси ҷомеаи ормонии онро мавҷудияти шоҳи одил, сиёсати одилона ва мардуми огоҳ ташкил медиҳад. Зардуштия таҷрибаи калони амалии сиёсиву иҷтимоӣ дошт. Он дар давраи кишвардории Ҳахоманишиҳо, Ашкониён ва Сосониён ҳамчун мазҳаб амал менамуд. Аммо фақат дар давраи Сосониён зардуштия ҳамчун дини давлатӣ расмият ёфтааст. Умуман, аҳкоми авестоӣ дар сиёсату давлатдории Сосониён ба таври васеъ истифода мегардид. Дар даврони салтанати сулолаи Сосониён назария ва таълимоти бунёдии он бо амалияи сиёсиву идорӣ омезиш ёфта, дар бисёр самтҳо такмил меёфт. Дар ин давра руҳонияти зардуштӣ дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ нуфуз ва ҷойгоҳи муҳим касб намуда, то замони аз байн рафтани давлатдории Сосониён мавқеи худро ҳифз намуданд.

Шоҳаншоҳ дар замони Сосониён ҳуқуқу имкониятҳои фавқулода дошт. Амру фармони шоҳаншоҳ тағйирнопазир буда, ҳеҷ кас ҳуқуқи ҳатто шубҳа намудан ба онро

надошт. Муносибати шоҳ бо раият дар сатҳи олӣ қарор мегирифт. Одамон метавонистанд дар хусуси масъалаҳои гуногун ба шоҳ арз намоянд. Адолатхоҳии подшоҳ ба раият умед мебахшид. Аммо шоҳ наметавонист тамоми одамонро қабул намояд ва ба арзи онҳо гӯш диҳад. Бино бар ин, подшоҳ намояндагони боэътимоди хешро дар маҳалҳо ба шунидани арзу дархостҳои раият ҳидоят мекард ва аз онҳо талаби қатъӣ низ ба миён меовард. Подшоҳ ба сифати бақои давлат, ободию осудагӣ, адолатхоҳӣ, раиятпарварӣ, риояи назму тартиб, тарсу ҳароси нобакорону душманон дониста мешуд.

Дар зардуштия ба корҳои ғайридавлатӣ шуғл варзидани подшоҳ эътибор надорад. Махсусан, ба тиҷорат, зироаткорӣ ва ҳар гуна хариду фурӯши мол сару кор доштани подшоҳ нораво ҳисобида мешавад. Подшоҳ ғуломонро низ ба хизмати дарбор ҷалб намекард. Зеро онҳо маслиҳати дуруст ва судманд дода наметавонистанд. Тамоми фаъолияти шоҳ бояд бахри таҳкими давлатдорӣ нигаронида шуда бошад.

Дар идораи мамлакат ба шоҳаншоҳ руҳонии бузург, ки баъдтар ӯро муъбад меномиданд, ёрӣ менамуд. Ӯ вазифаи мазҳабиро иҷро менамуд. Руҳонии бузург вазифаи қозилулқузоти давлатро ба уҳда дошта, масъалаҳои адолату додхоҳиро назорат мекард. Ба гунаҳкорон ва ҷинояткорон ҷазоҳои мухталиф медоданд. Яке аз хусусиятҳои дигари таълимоти зардуштияро ваҳдати дину ҳокимияти сиёсӣ ташкил медиҳад. Аҳурамаздо, ки шаҳриёри кабири осмону замин аст, ҳафт вазир дошт. Онҳо ҳам дар олами маънавии Аҳурамаздо ва ҳам дар Замин соҳиби вазифаи олиянд. Масалан, Баҳман дар дунёи Аҳурамаздо Мазҳари гуфтор, кирдор ва андешаи нек буда, дар олами моддӣ фариштаи муваккал ва посбони ҷонварони нафъовар ва чорпоён ба ҳисоб меравад. Урдибиҳишт бошад, ростию тақво ва назми комили ҷиҳати маънавӣ мебошад. Ӯ посдори оташ дар замин аст. Шаҳривар дар олами қудрату тавоноии Худованд буда, дар олами моддӣ посбони фулузот аст. Нерую шукӯҳи шоҳону сиёсатмадоронро адо менамояд. Спиндормаз бошад, дар олами маънавӣ маҳзари ишқу муҳаббат, дар олами хокӣ фариштаи муваккал ва посбони Замин аст.

Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои сиёсиву иҷтимоии зардуштия, инро бояд таъкид кард, ки таълимоти мазкур дар байни ҳаёти шахсию ҷамъиятӣ пайванди ногусастаниро таҳким бахшида, дар роҳи ободонии ҷаҳон ва эҷоди ҷомеаи адолатпеша, зери сарварии шоҳону ҳокимони нексиришт андешаҳои пешқадамро иброз намудааст. Таълимоти ахлоқиву сиёсии зардуштия дар пайдоиш ва ташаккули мактабҳои дигари сиёсиву иҷтимоии Эрони таърихӣ, аз ҷумла дар ҷаҳонбинии равияҳои монавия ва маздакия нақши муҳиме доштааст.

Дар ташаккулу инкишофи афкори элитарӣ ҷараёни ғоявию сиёсии **монавия** мақоми хоссаро соҳиб аст. Он ҳамчун таълимоти динию фалсафӣ дар Шарқи Наздик пайдо шуда, дар асрҳои III- XI аз Африкаи Шимолӣ то ба Хитой паҳн гардидааст. Асосгузори он *Монӣ Зиндиқ ибни Ҳуммад* (соли 225, Мадоин, Эрон - 276, Гундишопур) мебошад.

Монавия оламро ба ду ҷавҳар – нур ва зулмат тақсим менамояд ва онро дар се давра – гузашта, ҳозира ва оянда тавсиф менамояд. Мувофиқи ин таълимот, нур дар боло – осмонҳост, зулмот дар поён – замин мебошад. Худованди нур худро бо оташ муҷаҳҳаз карда, ба муқобили зулм ба мубориза меравад, вале ба дасти девҳои зулмат асир мешавад ва аз ҳамин ҷо муборизаи оштинопазир ба вуҷуд меояд.

Тибқи таълимоти монавия ҷомеа ба панҷ табақа ҷудо мешавад: 1) 12 ҳавориён (фиристодагон); 2) 72 исписхонҳо (мансабдорони олии руҳонӣ); 3) 36 махиштохонҳо (шайххо); 4) вазизхонҳо (баргузидагон); 5) ниёшхонҳо (шогирдон, пайравон). Ин панҷ табақаи ҷомеа, дар навбати худ, ба се гурӯҳ тақсим мешавад: баргузидагон, пайравон ва онҳое, ки наҷот намеёбанд.

Дар маҷмуъ, пайравони монавия ба ду қисмати калон тақсим шудаанд, яке баргузидагон дигаре ҷамоа (мустамеон). Баргузидагон аз 72 тан муминони муқаддаси монавия (исписхонҳо) иборат буданд, ки фарзи даҳгонаи монавияро баҷо меоварданд. Мустамеон (ҷамоа) пайравони одӣ буданд. Онҳо бояд аз даҳ як ҳиссаи дороии худро садақа мекарданд ва ҳафтае як рӯз рӯза медоштанд ва бояд беш аз як рӯз захираи хӯрок надошта бошанд.

Сарвати дунё, ҳама гуна кӯшиш ба боигарӣ мамнуъ эълон мешавад. Табиист, ки ҳамаи ин қоидаҳо боиси ташаккули руҳияи гӯшанишинӣ, канораҷӯйӣ аз ҳаёти дунявӣ, нобоварӣ ба ҳаёти саодатманд, сабаби руҳафтодагӣ мегардад.

Дар тафаккури мардумони форсизабонон ҳаракати **маздакия** низ ҷойгоҳи хоссаро соҳиб аст. Маздакия ҳамчун ҷараёни иҷтимоию сиёсӣ бо тарғиби ғояҳои баробарӣ, адолатнокӣ ва хайрхоҳиву саховатпешагӣ шинохта шудааст. Маздаки Бомдод сарварии ҳаракатро ба уҳда дошт, он дар замони салтанати Қубодӣ 1 ба амал омадааст. Писари Қубод Хусрави 1 Анӯшервон бо ҳилаву найранг ӯро ба қатл расонид.

Дар аввал Маздак ҳаракати деҳқононро сарварӣ намуда, ба зулму ситами аристократияи замони Сосониён муқобилият намудааст. Маздак ба ҳаракати заҳматкашон, ба исён роҳбарӣ намуд, ки мақсади таъмин ва риояи бечунучарои адолатнокӣ ва баробариро дошт. Дар баробари ҳаракати деҳқонон ҷараёни динию фалсафие пайдо гардид, ки аз зардуштия ва монавия ғизо гирифтааст.

Баробарӣ, озодӣ ва адолатнокӣ асоси ин ҳаракатро ташкил дода, Худованд одамонро баробар офаридааст. Тақсими нобаробари давлату сарват ҳамчун беадолатии маҳз дониста мешавад. Барои таъмини баробар бояд моликият умумӣ гардонида шавад. Тақсими одилона ва якхелаи сарватҳои моддӣ ҳамчун баробарӣ дониста мешавад.

Мисли Зардушту Монӣ, Маздак низ аҳли ҷомеа ва ҳокимонро ба амалҳои хайру шар тарғиб менамуд. Зулму золимии синфи ҳоким (элита)-ро дида, маздакия ҳамчун ҳаракати иҷтимоӣ дар миёни мардум зуҳур намуда, бар зидди аъёну ашроф равона гардид. Мардуми заҳматкаш ба муқобили феодалон, бойҳо ва молу мулки безаҳмат бадастовардаи онҳо баромада, даст ба шӯриш заданд. Ғалабаи онҳо дер давом накард, фаъолону иштирокчиёни ҳаракат ба шиканҷа гирифтор шуданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда гуфтан мункин аст, ки шӯришҳои мардумӣ бар зидди синфи ҳоким (махсусан, ҳокимияти Сосониён) дар таърих бо номи «қиёми Маздак» машҳур гардид. Мубоözизаи ошкорои он натавонист зулму ситами синфи ҳоким (элита)-ро хомӯш намояд. Балки сабаби фанои ин ҳаракати инқилобӣ гардид.

Дар бораи мавҷудияти ҳокимон ва бенавоён дар ҷомеа андеша менамояд. Ҳокимиятдориро манбаи сарват ва василаи нуфузи сарватмандон медонад. Ӯ нобаробарӣ, молу сарватро маҳкум менамояд. Дар ин бобат чунин меандешад, ки «соҳиби ҳокимият ва сарват будани як гурӯҳи одамон ва дар ҳолати қашшоқиву гуруснагӣ умр ба сар бурдани одамони дигар қобили қабул нест». Ӯ даъват ба он мекунад, ки сарватмандон «моли хешро тибқи адолат бо ҳамдинонашон бояд тақсим намоянд». Ё худ, агар «ҳамдин майл ба меҳнат надошта, ё аз ҳад зиёд судхӯр бошад, пас ӯ бояд мавриди ҷазо қарор гирад ва ислоҳ гардад».

Моҳияти таълимоти иҷтимову сиёсии маздакияро чунин дарёфтан мумкин аст:

- одамон баробар офарида шудаанд, тақсими молу сарват дар ҷомеа низ бояд дар ҳамин асос сурат гирад;
- барои таъмини баробарии истифодаи сарватҳои моддӣ моликият бояд умумӣ бошад;
- шаҳват низ яке аз неъматҳоест, ки ҳамагон ҳаққи баробар истифода аз онро доранд ва аз ин рӯ, истифода аз занон барои ҳама дастрас бошад;
- барои барқарории адолати иҷтимоӣ, ки асосан ба маънои баробарии «ишқ ва сарват» фаҳмида мешавад, истифодаи зӯроварӣ ҷоиз дониста мешавад;
- синфи ҳокимро лозим аст, ки баробарии иҷтимоиро таъмин намояд, то ки ҳокимияту идоракунӣ дар рӯйи замин дер давом ёбад. Ҳамаи одамон дар назди Худо баробаранд, пас дар ҷомеа низ бо ҳам баробар бошанд.

Дар сарзамини таърихии Эрони бостон як қатор таълимоту ҳаракатҳои дигаре мавҷуд буданд, ки хосияти элитарӣ доштанд. Саромадони (роҳбарону намояндагони ҳаракатҳо) онҳо матну навиштаҷотҳоеро ба ҳокимону сарварон барои идориву сарварӣ пешниҳод менамуданд. Онҳо онро ҳамчун роҳнамову дастури сиёсӣ истифода мекарданд. Баъзе аз он сарчашмаҳо (дастурҳои назариву амалии сиёсии замони Сосониён) ин «Тоҷнома», «Гоҳномак», «Оинномак», «Чотрангномак» буданд. Мубад Тансир яке аз он шахсиятҳое буд, ки дар соли 570 дар рисолаи сиёсии худ санъати идоракунии синфи

ҳокимро чунин қайд кардааст: «Таҷрибаи сиёсиву динии идора кардани давлат, ба муқобили саркашҳо чӣ тавр мубориза бурдан, меросӣ будани тоҷу тахт, муносибати подшоҳон бо хонадонҳои авлодӣ ва олирутба ва ғайра».

Воқеан, ниёгони тоҷикон дар замони куҳан мероси муштарак бо гузаштагони мардуми эрониасл дошта, дар ташаккули таълимоту мактабҳои элитарии миллӣ мусоидат намудааст. Афкори элитарии мардуми форсизабон дар сатҳи назариявӣ маҳдуд нашуда, балки дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар амалияи давлатдорӣ (зардуштия, монавия ва маздакия) мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дуруст аст, ки дар аввал бештар хосияти фалсафӣ, ахлоқӣ ва диниро ба худ касб карда, афкори элитарии пешқадамро мерос гузошт, ки моҳияташ тарғиби ғояҳои озодиву баробарии одамон, ҳокимияти шоҳи одил, ҷойгоҳи баланди меҳнати созанда, зарурати ободонии сарзамин, даъват ба радди зулму ситам, эҷоди адолати иҷтимоӣ, рад намудани истисмори занон ва ғайра мушоҳида мегардад.

**Ташаккул ва инкишофи афкори элитарӣ дар Юнон ва Рими қадим.** Афкори элитарӣ дар Юнон ва Рими қадим аз рушди ҷомеаи ғуломдорӣ оғоз мегардад. Дар ин давра яке аз масъалаҳои асосии бунёди давлат ва низоми идораи он, дар доираи манфиатҳои аристократҳо ва демократҳо (бештар рақобатро миёни ин ду умумияти бузурги иҷтимоӣ-элита) баромад менамуд. Воқеияти онро дар фаъолияти полисҳо мушоҳида бояд кард.

Типологияи ташкилоти полисӣ ҳамчун навъи олии ҳастии давлати юнонӣ аз худ дарак дод. Таркиби полис ба худ сохтор ва шакли хоссаро касб намуд. Бештар чунин шаклҳои идоракунии полис: тирания, олигархия, тимократия, демократия аз худ дарак дод. Оиди хусусиятҳои умумии системаи полисӣ бошад, чунин гуфт:

- органҳои ҳукуматӣ (маҷлиси халқӣ, магистраҳо, суди халқӣ, иттифоқҳои мардони калон ва хурд);
- ба ҳам мувофиқ омадани коллективонӣ, полис бо муттаҳидшавии заминдорони хусусӣ;
- шахрвандияти полис (системаи ҳуқуқи гражданӣ);
- алоқа дар байни шаҳрвандон ва ғайра, ба ҳам мувофиқ будани ташкилотҳои сиёсию ҳарбӣ;
- андозҳои хурди аҳолӣ ва ҳудуд.

Демокрит қайд менамояд, ки давлат замоне такиягоҳи одамони озоди (аъзоёни полис) Юнон шуда метавонад, ки агар шартҳои зерин риоя шаванд: қатъиян риоя намудани тамоми қонунҳо ва қоидаҳои рафтор, ки мақоми аъзои полисро муайян менамояд; баробарӣ ва ягонагии афкори тамоми шаҳрвандон; ба истиснои ҷанги шаҳрвандӣ. Барои он ки чунин шароит ба вуҷуд ояд, бояд аз амалҳои канора ҳазар кард. Ӯ қайд менамояд, ки тақсими ҷомеа ба ғулому ғуломдор ҳодисаи табиист. Аз ин лиҳоз тақсими меҳнат бар уҳдаи ғуломдор меафтад. Аз андешаҳояш бармеояд, ки ӯ ҷонибдори ҷомеаи ғуломдорӣ буда, душмани монархия мебошад.

Дар рушду инкишофи падидаҳои ҷомеа Суқрот бо афкори элитари хеш саҳм гирифтааст. Ӯ чунин меандешад, ки дар кори идоракунии давлатӣ омма (халқ) иштирок нанамояд, балки нафароне ширкат варзанд, ки онҳо на аз аксарияти нодон, дағал ва одамони одӣ, балки ақаллияти бофаҳм (элита) бошанд. Онҳо равандҳои идораи корҳои давлатиро дарк менамоянд. Яъне, ақаллияти бофаҳм – элитаи Суқрот аст.

Суқрот пуштибони давлатест, ки онро донишмандон идора мекунанд. Ӯ камбудиҳои демократияро ошкор менамояд, аз қабили бесалоҳиятии мансабдорон, ки тариқи қуръакашӣ, яъне тасодуфан интихоб мешаванд, ҳамчунин аз сатҳи пасти хиради сиёсии маҷлиси халқӣ ёдоварӣ менамояд. Қайд менамояд, ки одамон бояд тамоми талаботҳои ҳокимиятро иҷро намоянд ва ба он итоат намоянд. Дар ҷомеаи сиёсӣ зиста, одамон уҳдадор мегарданд, ки тамоми қонунҳои онро новобаста аз хуб ва бад буданашон риоя намоянд, ин аст адолати давлат.

Ӯ паҳлуҳои идоракунии падаршоҳиро ҳамчун созиши байни давлат ва шаҳрвандон таҳлил мекунад. Ба андешаи ӯ, ватан ва қонунҳо аз падар ва модар боло буда, арзиши баландтар доранд, маҳз ватан ва қонунҳо барои шаҳрвандон нақши волидайн, тарбиятгар ва ҳукмронро иҷро мекунанд.

Афлотун, дар барбари мутафаккири бузург буданаш, ҳамчун ходими фаъоли сиёсӣ-давлатӣ шинохта шудааст. Ин аст, ки Афлотун худ яке аз беҳтаринҳои (элита) замон буд, тибқи маълумотҳои зиёд маълум аст, ки ӯро барои таҳия ва нашри қонунҳо даъват менамуданд. Махсусан, ӯро ҳамчун амаликунандаи афкори хеш дар мисоли кӯшишҳои таъсиррасонӣ ба сиёсати ҳокимони золим нишон медиҳанд.

Сиёсат аслан санъати шоҳигарист, тибқи андешаи Афлотун, ки ба дониши аслии шоҳигарӣ ва истеъдоди идораи одамон такя мекунад. Қайд мекунад, ки «санъати шоҳигарӣ одоби ҷавонмардон ва оқилонро бо ҳам мепайвандад, ҳаёти онҳоро тавассути якдилӣ ва рафоқат муттаҳид мегардонад ва ба ин васила беҳтарин матои васлкунандаро падид меорад. Ин матоъ ҳамаи дигар одамонро, озодон ва ғуломонро дар давлат муттаҳид месозад, онҳоро зери назорат қарор медиҳад ва давлатро ҳамеша баҳри таъмини хушбахтӣ ихтиёрдорӣ мекунад».

Афлотун дар асараш «Ҷумҳурӣ» («Республика») ҷомеаро бо тамоми мураккабиаш ба се қисмат тақсим намудааст: ҳокимону файласуфон -ба корҳои идораи ҷомеа машғуланд; ҷанговарон ва ҳунармандон.

Афлотун кӯшиш намудааст, ки дар шакли холис тафовути байни ҳокимияти шахс ва монархро ба ҳокимияти шоҳӣ ва тирания дар рисолаи «Политик» («Сиёсатмадор») нишон диҳад. Он замоне буд, ки Афлотун дар амалияи корҳои сиёсию давлатӣ иштирок дошт. Ӯ «санъати шоҳӣ»-ро аз ҳамаи шаклҳои дигари идораи давлатӣ фарқ мекунонад. Ҳокимеро шоҳ меҳисобид, ки донишҳои ҳақиқиро аз бар намуда, дар сиёсати хеш ба такмили сохти ҷамъиятӣ мекӯшад. Аммо шоҳи идеалиро дар замони худ пайдо намекунад ва аз ин хотир, кафолати сохти давлатиро дар амали қонунҳо, қарорҳо мебинад. Аз ин нуқтаи назар шоҳи идеалӣ он аст, ки ба қонунҳо итоат менамояд. Аз рӯйи муносибат ба қонунҳо, яъне риоя намудан ва ё риоя накардан, ҳокимонро ба ду қисм тақсим намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки ҳокиме, ки қонунро риоя намекунад, золим аст.

Ғояи ҳокими итоатгари қонун дар давраи Афлотун хеле васеъ паҳн гашта буд. Дар замони буҳрони полисҳо Ксенофонт чунин хосиятҳоро асос дониста, Курушро (Кир) ҳокими идеалӣ медонад. Идеализатсияи шахсияти Куруш дар «Қонунҳо»-и худи Афлотун вомехӯрад [5,с.98].

Дар ташаккули афкори қабл аз элитология андешаҳои Арасту (384–322 пеш аз мелод) ҷойгоҳи намоёнро касб намудааст. Арасту мутафаккирест, ки инсонро ҳамчун мавҷудоти сиёсӣ тавсиф намудааст. Сиёсатмадор бояд ба ҳисоб гирад, ки инсон гирифтори даҳшат гардидааст ва табиати он вайрон шудааст. Аз ин рӯ, сиёсатмадор мақсади тарбияи шаҳрвандони ахлоқан комилро надорад. Мақсади асосии сиёсатмадорро он ҷиҳат ташкил медиҳад, ки ба шаҳрвандон тартиби ба ҳокимият ва қонунҳо итоат карда тавонистанро омӯзонад ва чунин муносибатро дар қалби онҳо ҷой диҳад.

Арасту дар рисолаи «Сиёсат» аз чанд мафҳум («давлатмард», «шоҳ», «хонахудо», «ҷаноб»-ро ҳаммаъно намедонад) ишорат мекунад. Ин асосан дар пайвастагии методи илмии тадқиқотии муқоисавӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ҳол он ки донишмандони замон, мафҳумҳои зикршударо дар як маъно баён менамуданд. Ба Арасту муяссар шуд, ки бо як маҳорати том мафҳумҳоро шарҳу тавзеҳ дода, фарқияти онҳоро баён намояд [1,с.24-25].

Дар ин рисола масъалаҳои муҳимми давлату давлатдорӣ, роҳбарии сиёсӣ ва муносибати байни синфҳо, ки асоси онро талошҳо барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани қудрати сиёсӣ ташкил медиҳад хеле хуб тавсиф намудааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки Арасту тамоми неруҳои идоракунандаву ҳокимро мавриди омӯзиши махсус қарор додааст. Ӯ ба неруҳои ҳоким таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро «тавассути хосияти ақлониаш моил ба дурандешӣ, роҳбарӣ намудан» шарҳ медиҳад. Ҳамзамон, ӯ қайд мекунад, ки шаклҳои зиёд ва гуногуни роҳбарӣ ва тобеият вуҷуд доранд. Аммо чи қадаре ки сатҳи тобеон баланд бошад, роҳбарӣ бар онон низ дар сатҳи камолот хоҳад буд [1,с.36].

Аз назари Арасту, шарти зарури ҳукмронӣ карда тавонистанро танҳо накукории шаҳрванд ташкил дода наметавонад, балки накукор будани ҳамаи одамон ва ҷомеа зарур аст. Ин аст, ки дар сиёсат, давлат ва давлатдорӣ Арасту ба афроди нек, хирадманд ва

мардумсолор умед мебандад. Дар доираи чунин муносибат таълимоти мукаммалтарини идоракуниро (элита) офаридааст, ки то ба имрӯз арзишашро гум накардааст.

Дар Рими қадим шӯришҳои зиёд ба муқобили низоми давлатдорӣ ба вуқуъ омаданд, ки ин боиси тағйири муносибатҳо дар фаъолияти минбаъдаи полис гардид. Вазъияти баамаломада таваҷҷуҳи донишмандону сиёсатмадорони Римро бештар ба худ ҷалб намуд. Марк Туллий Ситсерон (106-43 то эраи мо) яке аз он ходимони давлатӣ, мутафаккири барҷаста ва нотиқи беҳамтоест, ки дар он замон бо ғояҳои ватанпарварӣ ва адли сиёсатмадориаш маъруфият пайдо кардааст. Ӯ дар фаъолияти амалии худ ҳамчун квестор, сенатор, эдил, претор ва консул кор карда, барои бунёди ҷумҳурии сенаторӣ талошҳои зиёд намуда, зидди ҳокимияти як шахс (диктатураи ҳарбӣ) баромад намудааст.

Ситсерон дар бораи низоми давлатдорӣ ва шакли татбиқи он андешаҳои худро баён намудааст. Ӯ шакли зоҳиргардии сохтори давлатро аз характер ва иродаи ҳоким вобаста дониста, онро ба се қисмат тақсим менамояд: ҳокимияти шоҳӣ, ҳокимияти аристократҳо (оптиматҳо) ва ҳокимияти халқ (демократия). Дар нисбати шаклҳои дигари ҳокимият мутафаккир ҳокимияти шоҳиро афзалтар донистааст ва демократияро чандон намеписандад. Зеро ба андешаи ӯ, мавҷудияти баробарӣ худ беадолатӣ аст. Сабаб он аст, ки баробарӣ боиси аз байн бурдани зинаҳои мақомоти ҷамъиятӣ мегардад.

Дар низоми донишҳои сиёсӣ масъалаи тадқиқи баҳамалоқамандии ҳокимият ва элитаи сиёсӣ ҳанӯз дар аҳди қадим донишмандоне буданд, ки дар бораи зарурат ва аҳамияти он мушаххасан ибрози андеша намудаанд. Бештар ба ин масъала дар асарҳои Конфутсий, Афлотун, Арасту, Ситсерон ва дигарон вохӯранд мумкин аст.

**Афкори элитарии асримиёнагӣ дар мамлакатҳои Ғарб.** Тамоми мутафаккирони асрҳои миёна, чи дар мамлакатҳои Ғарб ва чи дар Шарқ, афкори худро оиди ҳокимият ва идоракунии давлатӣ дар доираи таълимоти динӣ пешниҳод намудаанд. Ин буд, ки ҳокимияти динӣ аз ҳокимияти дунявӣ дида пурзӯртар буд.

Яке аз чеҳраҳои барҷастаи калисои насронӣ Августин Аврелий (354 – 430) мебошад. Ӯ чунин меандешид, ки тамоми носозиҳо ва масъалаҳои дигари ҳаёти инсон аз «гуноҳи» Одаму Ҳаво оғоз гардид. Гӯё гуноҳи онҳо гуноҳи сохтори давлатиро ба вуҷуд овард ва ин боиси пайдоиши ҳукмронии одам аз болои одам гардидааст. Чунин ҳукмронӣ то бозгашти Исо ва барқарор гаштани «шоҳигарии илоҳӣ» идома меёбад. Имрӯз давлатро лозим аст, ки ба калисо хизмат намояд. Яъне, давлат вазифадор аст, ки одамонро ба парастиш маҷбур намояд.

Андешаҳои ӯ саршор теологӣ буда, қайд мекунад, ки инсонҳоро лозим аст, ки сараввал барои дарки падидаҳо эътиқод дошта бошанд ва ба дин боварӣ дошта бошанд.

Яке аз фаъолони ин давра Фомаи Аквинӣ (1224–1274) буд. Ӯ дар бораи ҳокимият ва сарварии он афкори худро баён намудааст. Аз афкораш чунин бармеояд, ки барои тобеъ намудани ҳокимони дунявӣ ба калисо корҳои зиёдро анҷом додааст. … Ҳуқуқи калисо дахлнопазир аст, ҳатто ҳоким қонунҳои калисоро бекор карда наметавонад. Сарварии ҳокимияти олӣ дар осмон – Исо ва дар замин Папаи Рим мебошад.

Ӯ ғояи иерархияи умумӣ (қатъӣ)-ро пеш мегузорад, ки он ба ҷомеаи инсонӣ мутааллиқ аст. Аз хотире, ки инсонро як Худо ҳаст намудааст ва онро худаш роҳбарӣ менамояд ва тани одамро танҳо ақл идора менамояд, пас давлатро бояд як шахс идора намояд. Худо, ақл ва монарх бо ҳам тавассути зинаи иерархӣ бо ҳам алоқаманданд. Табиист, ки байни онҳо нобаробарӣ вуҷуд дорад. Ин аз комил будани олам дарак медиҳад.

Афкори элитарии асримиёнагӣ мақоми руҳониёнро (элитаи динӣ) хеле баланд нишон додааст. Аксари ҳаракату ҷараёнҳо ба худ хусусияти диниро касб намуда буданд. Аҳён-аҳён дар ин миён андешаҳое пайдо мешуданд, ки муносибатҳои байниҳамдигарии давлати дунявӣ ва калисоро хосияти радикалӣ мебахшид. Чунин ҳолатро дар афкори Марсилий Падуанский вохӯрдан мумкин аст. Ӯ чунин меандешад, ки қонунҳоро бояд мардум эҷод намоянд. Танҳо мардум ҳуқуқи интихоби ҳокимро дошта бошад. «Монархияи интихобӣ»-ро беҳтарин шакли давлатдорӣ медонист.

**Муқарриз: Абдулҳақов М.М. - н.и.с., дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Аристотель. Политика / Аристотель. Пер. с древнегреческого С. А. Жебелева, М. Л. Гаспарова. -М: АСТ: Астрель, 2012. – 393 с.
2. Волков С. В. Чиновничество и аристократия в ранней истории Кореи / С.В. Волков. -М.: Наука, 1987. -287 с.
3. «Гуань-цзы» яньцзю (Исследование «Гуань-цзы»). Сб. 1. - Цзинань, 1987.
4. Древний мир, история человечества: китайские цивилизации. – М., 2001. – С. 24-29.
5. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷ.1. / Г.Н. Зокиров. –Душанбе: Андалеб-Р, 2015. - 540 с.
6. Зокиров Г.Н. Таърихи таълимоти сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2010. – С. 48-49.
7. Исаев У.У. Махсусиятҳои назария элита дар элитология / У.У. Исаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.– Душанбе, 2019. -№3. -Қисми II. -С.282-289.
8. Исаев У.У. Неправительственные организации и политические изменения в Республике Таджикистан / У.У. Исаев. – Душанбе, 2017. - 164 с.
9. Ло Гэнь-цзэ. Гуань-цзы тань юань (Выявление истоков «Гуань-цзы»). - Шанхай, 1931.
10. Сотиволдиев Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. -Душанбе: ЭР-граф, 2011. -460 с.
11. Философский словарь. Под ред. И.Т. Фролова. 6-е изд., пере раб. и доп. – М.: Политиздат, 1991. – 560 с.
12. Янь Вэньмин (гл. ред.) История китайской цивилизации: в 4 т. Т. 1: с древнейших времён до 221 г. до н.э. / В. Янь. - М.: ООО Международная издательская компания «Шанс», 2020. - 671 с.


## ТАЪЛИМОТИ ЭЛИТА ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ДАВРАҲОИ ГУНОГУНИ ТАЪРИХИ АФКОРИ СИЁСӢ


Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва инкишофи таълимот дар бораи элита матраҳ шудааст. Муаллиф дар макола афкори иҷтимоию сиёсии элитарӣ дар Хитой, Эронзамини бостон, Юнон ва Рими қадимро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ташаккул ва инкишофи афкори элитарӣ дар Эронзамини бостон аз афкори мардумони эрониасл (аз ҷумла тоҷикон) аз як қатор таълимоти иҷтимоию динӣ маншаъ мегирад. Бештар зардуштия, монавия ва маздоия ҷойгоҳи махсус доштаанд.Афкори элитарӣ дар Юнон ва Рими қадим аз рушди ҷомеаи ғуломдорӣ оғоз мегардад. Дар ин давра яке аз масъалаҳои асосӣ бунёди давлат ва низоми идораи он дар доираи манфиатҳои аристократҳо ва демократҳо маҳсуб меёфт. Ҳамзамон, дар мақола афкори элитарии асримиёнагӣ бо махсусиятҳояш мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Тамоми мутафаккирони Асрҳои миёна, чи дар мамлакатҳои Ғарб ва чи дар Шарқ, афкори худро оиди ҳокимият ва идоракунии давлатӣ дар доираи таълимоти динӣ пешниҳод намудаанд. Ин буд, ки ҳокимияти динӣ аз ҳокимияти дунявӣ дида пурзӯртар буд.



**Калидвожаҳо:** элита, элитаи сиёсӣ, элитарӣ, элитология, ҳокимият, давлат, идоракунанда, идорашаванда, синф, табақа, шоҳ.


## ТЕОРИЯ ЭЛИТЫ И ЕЕ МЕСТО В РАЗНЫЕ ПЕРИОДЫ ИСТОРИИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ


В статье рассматриваются проблемы становления и развития теории об элите. Автором в статье рассматриваются элитарные общественно-политические мысли Китая, Древнего Ирана, Греции и Древнего Рима. Формирование и развитие элитарной мысли в Древнем Иране берет свое начало от воззрений иранского народа (в том числе и таджиков) до развития общественно-религиозных учений. Особое место здесь занимают зороастризм, монавизм и маздакизм.Элитарная мысль в Древней Греции и Риме начинается с развития рабовладельческого общества. В этот период одним из главных вопросов элитарной мысли были проблемы государственного строительства и системы его управления в интересах аристократов и демократов. В то же время в статье рассматриваются элитарные мысли средневековья. Все мыслители Средневековья, как на Западе, так и на Востоке, излагали свои взгляды на государство и государственное управление в рамках религиозных учений. Вот почему религиозная власть была сильнее светской. Необходимо обращать внимание на идеи некоторых представителей западных стран о налучшем управлении и теории избранных.



**Ключевые слова:** элита, политическая элита, элитарность, элитология, власть, государство, управляющий, управляемый, класс, каста, король.


## THE THEORY OF THE ELITE AND ITS PLACE IN DIFFERENT PERIODS OF THE HISTORY OF POLITICAL THOUGHT


The article deals with the problems of formation and development of the theory of the elite. The authors of the article consider the elite socio-political thoughts of China, Wood-burning Iran, Greece and Wood-burning Rome. The formation and development of elite thought in ancient Iran originates from the views of the Iranian people (including Tajiks) from a number of socio-religious teachings. Basically, a special place is occupied by Zoroastrianism, monalism and Mazdakism.Elite thought in ancient Greece and Rome begins with the development of a slave-owning society. During this period, one of the main issues of elite thought was the problems of state-building and its management system, which turned out to be within the interests of aristocrats and democrats. At the same time, the article examines the elite thoughts of the Middle Ages and its features. All the thinkers of the Middle Ages, both in the West and in the East, expressed their views on the state and public administration within the framework of religious teachings. That is why religious power was stronger than secular power. It is necessary to pay attention to the ideal of some representatives of Western countries about better governance and the theory of the elect.



**Keywords:** elite, political elite, elitism, elitology, power, state, manager, managed, class, caste, king.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Исаев Умедҷон Убайдуллоевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиноси факултети фалсафа. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **935192209**. E-mail: **umed_isaev@mail.ru**

**Сведения об авторе**: ***Исаев Умеджон Убайдуллоевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент кафедры политологии философского факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. . Телефон: **935192209**. E-mail: **umed_isaev@mail.ru**

**Information about the author:** ***Isaev Umejon Ubaidulloevich*** - Tajik National University, candidate of Political Science, docentof the of Political Science of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. Phone: **935192209**. E-mail: **umed_isaev@mail.ru**

## ИҚТИСОД - ЭКОНОМИКА


*Комилов А.К., Низомов С.Ф., Шамсов И.С.* Особенности трудовой миграции на современном этапе развития…………………………………………………………………….. *5*

*Абдурахмонова М.З.* Цифровизация бухгалтерского учёта и отчётности сферы социального страхования в Таджикистане………………………………………………………………. *12*

*Кодирзода Фарход Анвар.* Инвестиционная политика в системе обеспечения экономической безопасности……………………………………………………………………………….. *20*

*Аминов И., Неъматов И.У.* Продовольственная безопасность и развитие рынка продовольственных товаров в Республике Таджикистан……………………………………... *27*

*Давлатзода К.К., Джабборова З.М.* Тенденции развития регионального рынка мясной продукции: ценовой аспект…………………………………………………………………… *36*

*Каримова М.Т., Сафарова Х.Ш.* Современное состояние и перспективы развития свободных экономических зон Таджикистана…………………………………………………. *44*

*Ғаниев Т.Б., Абдулов Д.Н.* Равишҳои назариявӣ ва истифдаи захираҳои табиӣ дар шароити муосир........................................................................................................ *50*

*Давлатов А.А. Қодирзода Ф.А.* Гурӯҳбандии шаклҳои содирот дар шароити ҷаҳонишавӣ ва марҳилаҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон................................. *56*

*Иноятова М.З., Маҷидзода Д.М.* Асосҳои назарявӣ ва методологии шуғли аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ......................................................................................... *67*

*Одинаев М.А., Ҳайдарзода М.И., Давлатов Н.А.* Таҳлили омории соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020....................................................... *74*

*Розиев Д.А., Розиев Д.А.* Буҷетикунонӣ дар корхонаҳои саноати бофандагӣ................. *83*

*Алиев О.М.* Комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: моҳият, ҳолати муосир ва тамоюл................................................................................................................... *91*

*Файзуллоев К.Ч., Асоева Ф.У.* Баъзе хусусиятҳои хизматрасониҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................................................................. *101*

*Каримиён М.Б.* Тартиби баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар шароити муосир.................................................................................................................... *108*

*Раҳимов З.С., Паимони Ҷ., Раҳимов Х.А, Ризоев С.Н.* Рушди бозори хизматрасонӣ оид ба таъмини неруи барқ дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................... *116*

*Мирзозода А.Д.* Таҳлили нишондиҳандаҳои ҳавасмандгардонии меҳнати коргарон (дар мисоли вилояти Хатлон)........................................................................................... *122*

*Раҷабова З.С., Шарипова А.Б.* Сиёсати сармоягузорӣ ва нақши давлат дар ташаккули он........................................................................................................................... *132*

*Муминзода Неъматуллоҳ Маҳмадамин.* Таҷрибаи хориҷии андозбандии шахсони воқеӣ ҳамчун омили дастгрии иҷтимоиёт.................................................................... *138*

*Сафаров А.А.* Таҷрибаи хориҷии консепсияҳои давлатии рушди устувори минтақа....... *144*

*Рахматова Н.М.* Нақши калидии бонки марказӣ дар танзими муомилоти пулӣ ва *155*

алоқамандии он дар равандҳои таваррумӣ..................................................................

*Маҳмадуллоев А.С.* Такмили механизми идоракунии шарикии стратегии ҷамъиятҳои саҳомӣ.................................................................................................................. **162**

*Маҳмудов Б.Н.* Манобеи барқароршавандаи энергия: таърихи пайдоиш ва тамоюли инкишоф.............................................................................................................. **169**

*Шамсов Ф.С.* Пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ ҳамчун як омили таъмини амнияти беруниқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................... **176**

*Раҳмонов З.А.* Баҳодиҳии таъсири хавфҳо ба натиҷаҳои ниҳоии бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................... **185**

*Қурбонов Ё.С., Шарипов Ҳ.А.* Самтҳои асосии ташкил ва идоракунии фаъолияти меҳмонхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................................. **193**

*Ҷурабоев Ғ., Абдуллаева Г.А.* Идоракунӣ ва ҳифзи ахбор дар низоми таҳсилоти фосилавӣ......................................................................................................................... **201**

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Раҳмон Озода Эмомалӣ.* Кафолати ҳуқуқу озодиҳои занон дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ........................................................................................................... **207**

*Зокирзода З.Х., Алиев И.И.* Шаклҳои амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ..................................................................................................................... **213**

*Соҳибзода М.М., Шамсиддин Ш.* Мафҳум ва хусусиятҳои милликунонӣ ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти хусусӣ.............................................................. **220**

*Хомушов И.И.* Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шикори ғайриқонунӣ бо қонунгузории мамлакатҳои дигари аъзои ИДМ........................................................................................................................ **231**

*Латипов С.У.* Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................... **239**

*Қурбонов Ҷ.С.* Нигоҳе ба вазъи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар таърихи қадимаи тоҷикон............................................................................................ **245**

*Хасанова Ш.М.* Системаҳои ба ҳам алоқаманди ҳуқуқҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................ **251**

*Олимзода Д.А., Баракотов Б.С.* Рушди қонунгузории интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................................................................................. **257**

## СИЁСАТШИНОСӢ– ПОЛИТОЛОГИЯ

*Шарапов О.М.* Приоритетные направления многостороннего сотрудничества Республики Таджикистан и Российской Федерации в рамках Организации Объединенных Наций и её специализированных учреждений…………………………………………………………… **263**

*Сухроб Рустами, Махмудова К.И.* Сравнительный анализ политики Ирана и России в Центральной Азии……………………………………………………………………………. **271**

*Дустов Дж.А.* Развитие таджико - германских отношений на современном этапе…………… **283**

*Нуриддинов Р.Ш.* Таҳаввули муносибатҳои Шарқ нисбат ба сиёсати Ғарб.................. **290**

***Комилбек Амид Ёрбек, Хуррамзода Муминшо Хуррам*** Масъалаи самаранок истифода бурдани захираҳои оби кишвар ва аҳамияти он дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ............ ***299***

***Исаев У.У.*** Таълимоти элита ва ҷойгоҳи он дар давраҳои гуногуни таърихи афкори сиёсӣ.......................................................................................................................... ***3051***

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2023. №3**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 40,12 усл. п.л. 40,12.
Подписано в печать 11-03-2023